| коргарон | 27228 | 23525 | 24771 | 25539 | 27776 |
| Суръати афзоиши ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ (ба ҳисоби % нисбат ба соли гузашта) | 131,5 | 105,9 | 111,2 | 116,1 | 129,9 |

***Сарчашма:*** *Омори солонаи вилояти Суғд /Раёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,– Хуҷанд, соли, 2022 – С. 260.*

Давоми 11 моҳи соли 2022 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Суғд ба 21 млрд. 759,9 миллион сомонӣ расонида шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта бо нархҳои муқоисавӣ 3595,5 миллион сомонӣ зиёд буда, суръати афзоиш бо назардошти индекси нархҳо 118,6% ташкил медиҳад. Дар ин давра таваҷҷуҳи асосӣ ба истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда равона гардид. Аз ҷумла, дар моҳҳои январ-ноябри соли 2022 ба миқдори 1 млн. 225,9 ҳазор тонна семент ва 1 млн. 703,4 ҳазор тонна ангишт истеҳсол карда шуд.

Ба ҳамаи ин рушду пешравӣ омилҳои зиёде ҳастанд, ки таъсири худро мерасонанд. Мо он омилҳои асосӣ, ки таъсири онҳо ба рушду тараққиёти соҳаи саноати вилояти Суғд назаррас мебошанд, дида мебароем. Ба ин омилҳо дохил мешавад: сиёсию иқтисодӣ, институтсионалӣ, прогресси илмӣ – техникӣ, ҷуғрофӣ, демографӣ.

**Омили сиёсию иқтисодӣ**

Ҳар як давлати ҷаҳон сиёсати иқтисодии пешгирифтаи худро ба амал баровардa, метавонад соҳаҳои алоҳидаи саноатро, ки аз нуқтаи назари сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аҳамияти калон доранд, дастгирӣ намояд ва ба суръати рушду пешрафти онҳо таъсир расонад. Барои ноилшудан ба мақсадҳои дар нақша доштаи ин соҳаҳои алоҳида маблағҳои заруриро ҷудо намояд. Сиёсати фискалии худро истифода бурда ба намудҳои алоҳидаи андоз имтиёз диҳад ва ё умуман аз пардохти он озод намояд.

Боз қайд кардан лозим аст, ки ҳаст фаҳмиши нуқтаҳои рушди иқтисодӣ ва ба ин нуқтаҳои рушд, ба фикри олимони ватанӣ Урунов А.А., Авезова М.М., Насимова М.А., дохил мешаванд:

1. Ташкилотҳои бомуваффақият фаъолият менамуда, ки аз ҷиҳати молиявӣ худро таъмин карда метавонанд.

2. Ташкилотҳое, ки иқтидори рушди иқтисодӣ доранд ва метавонанд онро дар шароити дастгирии молиявии давлат ва сарпараст амалӣ созанд.

Дар мақолаи илмии олимони зикршуда боз қайд шудааст, ки дар сохтори соҳавии саноати коркард, бо мақсади тадқиқот соҳаҳои зерин таваҷҷӯҳи бештар доранд: саноати хӯрокворӣ, истеҳсоли нассоҷӣ ва металлургӣ. Маҳз дар ҳамин соҳаҳои саноат нуқтаҳои рушди иқтисодиёти вилоят муайян карда шуда, барои онҳо таҳлили муносибатҳои истеҳсолии корхонаҳои соҳа гузаронида шуд ва дар натиҷа 11 нуқтаҳои рушди вилояти Суғд пайдо карда шуд [7]:

- ташкилотҳои саноати сабук 4 нуқтаи рушд: ҶДММ «Ҷавонӣ», ҶДММ «Сатн», ҶДММ «Ресандаи Тоҷикистон» ва ҶДММ «Суғд Стандарт Коттон»;
- ташкилотҳои саноати хӯрокворӣ 6 нуқтаи рушд: ҶДММ «Ҳабиб», ҶДММ «Шоҳшир», ҶДММ «Кабири Хуҷанд», ҶДММ «Темуриён», ҶДММ «Файзи Расул» ва ҶДММ «Дилписанд»;
- ташкилотҳои соҳаи сохтмон 1 нуқтаи рушд: ҶДММ «Сохтмончӣ».

Давлат аввал метавонад сиёсати иқтисодии худро истифода бурда, назари неки хешро ба ташкилотҳое, ки иқтидори рушди иқтисодӣ доранд, аммо мушкилоти молиявӣ мекашанд, равона созад ва дуюм ба нуқтаҳои рушди иқтисодии вилояти Суғд, аҳамияти хос зоҳир намояд.

**Омили институтсионалӣ**

Тараққиёту рушди соҳаи саноат ва умуман иқтисодиёти минтақа таҳти таъсири ҳамкории мутақобилаи байни институтҳо ва ташкилотҳо ба амал меояд. Институтҳо низоми қоидаҳо, шароит ва меъёрҳоеро муайян мекунанд, ки давлат барои иштироккунандагони бозор тайёр менамояд. Ба ҳайси ташкилотҳо ё бозингарони майдони иқтисодии минтақа воҳидҳои институтсионалии гуногуннамуд, аз ҷумла бахши идоракунии давлатӣ, ки мақомоти идоракунии се сатҳ – марказӣ, минтақавӣ ва маҳаллиро муттаҳид месозад, баромад мекунанд. Илм ва таҷрибаи хориҷӣ исбот кардааст, ки институтҳои пойгоҳии давлат (сиёсӣ, низоми ҳуқуқӣ, анъанаҳо ва ғайра) ба динамикаи рушди иқтисодиёт таъсир мерасонанд, сатҳи самаранокии ҳамкории мутақобилаи институтҳо ва ташкилотҳо мегарданд, рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳоро метезонанд ё суст мекунанд [8]. Институте, ки масъалаҳои рушди минтақаҳо ба дӯши он вогузор шудааст, Вазорати рушди иқтисодӣ ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар сохтори ин муассиса Идораи сиёсати инвеститсионӣ ва рушди минтақаҳо вуҷуд дошта, дар ҳар минтақа амал мекунад.

Ҳамин тариқ, дар адабиётҳои омӯхташуда, таҳлили меъёри иқтисодии рушди вилояти Суғд дар қаринаи омилҳои институтсионалӣ, гузаронидашуда имкон медиҳад қайд намоем, ки муҳити мавҷудаи институтсионалӣ ба рушди соҳаи саноат ва умуман иқтисодиёти вилояти Суғд таъсири мусбӣ мерасонад, вале бо назардошти талаботи замони муосир эҳтиёҷ ба такмил дорад.

Айни замон бе прогресси илмӣ – техникӣ рушди соҳаи саноат, иқтисодиёт ва умуман давлатро тасаввур кардан ғайриимкон аст. Рушди ҳамаи соҳаҳо бо прогресси илмӣ – техникӣ алоқаи зич ва ҷудонашаванда доранд. Пешрафти илму техника як шароите фароҳам меоварад, ки қуввае пайдо шуда, барои пешрафту инкишофи ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт таконе мебахшад.

Агар ин масъаларо аниқтар карда фаҳмонем чунин аст, ки прогресси илмӣ – техникӣ ба офаридани намудҳои нави олоти меҳнат дар ҷараёнҳои технологӣ оварда мерасонад. Механикикунонӣ ва автоматикунонии хоҷагии халқ ба пайдоиш ва тараққиёти соҳаҳои алоҳидаи мустақил, ба мисли микробиология, комбикорм, мошинсозии энергетикӣ мусоидат мекунад. Прогресси илмӣ – техникӣ ба истеҳсоли

намудҳои нави ашёи хом, масолеҳ, сӯзишворӣ ва энергия металлпластмасса, пахта-синтетика ва ғайраҳо мусоидат мекунад. Робитаҳои хоҷагидории байни соҳаҳоро ба вуҷуд оварда, накш ва аҳамияти соҳаро дар истеҳсолоти саноатии умумӣ тағйир медиҳад.

**Омилҳои ҷуғрофӣ**

Вилояти Суғд ҳамчун як минтақаи бузурги водии Фарғона сеяки аҳолии водии Фарғонаро дар бар мегирад ва Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, аз қабили Қирғизистон ва Узбекистон ҳамсарҳад мекунад. Водии Фарғонаро кӯҳҳои Тян-Шан ва Ҳисору Олой иҳота карда, аз байни он оби дарёи Сир мегузарад, ки аз омехташавии Норин ва Кашқадарё ба вуҷуд меояд. Водӣ макони беҳтарини кишоварзӣ ва чорводорӣ буда, онро “Давон” меномиданд.

Вилояти Суғд бо таърихи ғании худ бо саноати абрешим ва қолинбофӣ машҳур буда, ҳамчун қисми ҷудонашавандаи водии Фарғона ва яке аз қисмҳои асосии ташаккул ва рушди босуръати соҳибкорӣ дар ин макон ба шумор меравад. Инчунин, мавҷудияти канданиҳои фоиданок дар минтақа ин гарави тараққиёти мӯътадили соҳаи саноат мебошад. Чӣ қадаре, дар минтақа ин ё он боигариҳои табиӣ, минералҳо, канданиҳои фоиданок зиёд бошад, ҳамон қадар вобастагии соҳаи саноати минтақа аз ашёи хоми воридотӣ кам мешавад.

Ҳамаи ин хусусиятҳои минтақа ба он имкон медиҳад, ки дар шароити пайдоиши низоми устувори соҳибкорӣ як минтақаи пешрафтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад [9].

Сарвати асосии ҳар як низоми иҷтимоӣ нерӯи инсонӣ буда, қудрати кишвар ва давлатро муайян мекунад, зеро дар шароити муосир омили асосии рушд ин омили инсонист. Ин изҳорот дар илм ва амалияи иҷтимоӣ як чизи маъмулӣ шудааст, аммо на ҳама ва на ҳамеша омодаанд ин ҳақиқати ошкорро ба назар гиранд [11].

Ин омил ба соҳаи саноати минтақа таъсири ҳаматарафа дорад. Аз дараҷаи некӯаҳволии моддии мардум, қобилияти харидории молҳои зарурaташ аввалиндаҷа вобаста мебошад, ки ин асоси рушди соҳаи маҳсулотистеҳсолкунанда ба ҳисоб меравад. Мавҷудияти аҳолии синфи миёна дар мамлакат ба рушди соҳаҳои истеҳсолкунандаи молҳои истифодаашон дарозмуддат масалан, яхдон, таҷҳизоти сабткунандаи видео, асбобҳои радио, мошинҳои сабукрав ва боркаш, мусоидат мекунад.

Омили мазкур асоси рушди устувори соҳаи саноат ва ҷузъи муҳими сарвати миллии кишвар мебошад, лекин айни замон ин омил мушкилие дорад, ки муҳоҷират аст ва ин зуҳурот бевосита ба вазъи демографии вилояти Суғд таъсири манфӣ мерасонад. Мувофиқи маълумоти мақолаи илмии Акрамова З.Б. ва Турсунова Ш.Т. афзоиши муҳоҷират то соли 2019 тамоюли мусбат дошта, танҳо дар соли 2020 коҳиш ёфтааст ва асоси коҳишёбии он чунин аст, ки бар асари пандемияи коронавирус барои муҳоҷирати аҳолӣ, бинобар баста шудани сарҳад, маҳдудиятҳо ҷорӣ карда шуданд. Бояд гуфт, ки муҳоҷират яке аз омилҳоест, ки ба ташаккул ва рушди нерӯи инсонӣ таъсири манфӣ мерасонад ва мақомоти дахлдори вилоят бояд барои паст кардани сатҳи муҳоҷират чораҳои мушаххас андешанд [10].

Ҳамин тавр гуфтан мумкин аст, ки вилояти Суғд аз ҷиҳати миқдори зиёди захираҳои меҳнатӣ, рушди шабакаҳои саноатӣ, сатҳи ҳосилнокии зироатҳо, алоқаи нақлиётии рушдёфта, инчунин робитаи вобаста бо дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ аҳамияти бузурги иқтисодӣ дорад.

Танзим пеш аз ҳама, тавассути ҷанбаҳои институтсионалӣ, маъмурию демографӣ, иқтисодӣ – молиявӣ ва иттилоотию инфрасохторӣ ба роҳ монда шавад.

Ҷанбаҳои институтсионалӣ ба таҳия, қабул ва татбиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи саноат ва арзёбию ҳифз ва ҳавасмандгардонии субъектони соҳибкорӣ, инчунин такмили фаъолияти мақомоти давлатӣ дар соҳаи саноат, ки таркиби бозори молиро таҳлил менамояд ва захираҳои иқтисодиро бо мақсади истифодаи самаранок идора мекунад. Илова бар ин, пешбурди омори дақиқи соҳаи саноат бояд тавассути мақомоту ташкилотҳои давлатӣ амалӣ карда шаванд.

Ҳавасманд кардани бозтавлиди аҳолӣ, чораҳо барои пешгирии кӯчбандии берунии мутахассисон, баланд бардоштани сатҳи ҳифзи иҷтимоӣ, ҳавасманд кардани худмашғулии аҳолӣ ва мутобиқ кардани низоми касбомӯзӣ ба талаботи бозори меҳнат аз зумраи ҷузъҳои калидии танзими маъмурию демографӣ мебошад. Ин самти танзим имкон медиҳад, ки норасоии иқтидори меҳнатӣ пешгирӣ шуда, аҳолии солиму аз нигоҳи ҷисмонӣ қавӣ омодаи меҳнат бошанд.

**Адабиёт**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23.12.2022 //www.president.tj (санаи муроҷиат 27.12.2022)
2. Акрамова З.Б., Турсунова Ш.Т. Анализ факторов формирования и развития человеческого потенциала экономики Согдийской области Таджикистана // Вестник ПИТТУ имени академика М.С. Осими. 2022. № 2 (23). С. 111-121., URL: https://www.elibrary.ru/download/elibrary_50180772_57656991.pdf (Санаи муроҷиат 12.03.2023)
3. Ашуров И.С., Ғуломносирова Ф.М., Асоев М.М. Таҳлили вазъи инфрасохтори соҳаи саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. 2021. № 4 (76). С. 111-123., URL: https://elibrary.ru/download/elibrary_48039205_46534707.pdf (Санаи муроҷиат 16.04.2023)
4. Гловели Г.Д. / Промышленность // Полупроводники — Пустыня. — М. : Большая российская энциклопедия, 2015. — С. 586—592. — (Большая российская энциклопедия: [в 35 т.] / гл. ред. Ю. С. Осипов ; 2004—2017, т. 27). — ISBN 978-5-85270-364-4.
5. Назаров А.А. Региональные особенности формирования и развития предпринимательства // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. 2012. № 1 (49). С. 56-67., URL: https://www.elibrary.ru/download/elibrary_17736649_24989144.pdf (Санаи муроҷиат 11.04.2023)
6. Омори солонаи вилояти Суғд /Раёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,– Хуҷанд, солҳои, 2022 – С. 260.
7. Ризоқулов Т.Р., Қурбонова Ш.Х. Омилҳои институтсиалӣ дар шароити муосир: давлат ва нақши он дар иқтисодиёти вилояти Суғд // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. 2021. № 1 (86). С. 66-74., URL: https://www.elibrary.ru/download/elibrary_45841850_82464120.pdf (Санаи муроҷиат 2.04.2023)
8. Сомонаи расмии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд – реҷаи дастрасӣ URL: www.sugd.tj
9. Урунов А.А., Авезова М.М., Насимова М.А. Методологические и практические аспекты выявления полюсов развития и точек роста в региональной экономике // Вестник университета. 2020. № 5. С. 161-168., URL: https://elibrary.ru/download/elibrary_43116577_73096902.pdf (Санаи муроҷиат 12.04.2023)

10. Хайитбаева Н.А. Региональная экономика Согдийской области и её место в экономике страны // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. 2010. № 3 (43). С. 55-63., URL: https://elibrary.ru/download/elibrary_16700101_20825326.pdf (Санаи мурочиат 13.04.2023)

11. Шабнам А., Шарипова М., Нурова Б. Роль промышленности в развитии экономики // Вестник Технологического университета Таджикистана. 2019. № 4 (39). С. 64-77., URL: https://elibrary.ru/download/elibrary_43813978_34475839.pdf (Санаи мурочиат 20.04.2023)

12. Фасеҳзода И.С. Рушди истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти минтақа / И.С. Фасеҳзода, А.С.Назарзода // Маҷаллаи илмию сиёсии «Идоракунии давлатӣ»-и Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе-2021с., №3 (52). С.58-64.

13. Фасеҳзода И.С. Таъмини бехатарии озуқаворӣ ва дастгирии давлатӣ дар рушди бозори шир ва маҳсулоти ширӣ / И.С. Фасеҳзода, А.Р. Доутова // Маҷаллаи илмию сиёсии «Идоракунии давлатӣ»-и Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №4/1 (58), Душанбе-2022с., С.44-52.

## ФАКТОРЫ РЕГИОНАЛЬНОГО ПРОМЫШЛЕННОГО РАЗВИТИЯ (НА ПРИМЕРЕ СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН)

**АСРОРЗОДА УБАЙДУЛЛО САТТОР**,
доктор экономических наук, профессор, ректор Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана.
734055 Республика Таджикистан, город Душанбе, п. Борбад, 48/5.
Тел.: (+992) 907-50-15-66. E-mail: ubaydullo08051986@mail.ru
**ГОИБНАЗАРОВ АЛИДЖОН ШУХРАТОВИЧ**,
докторант (PhD) Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова.
735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбеков, 1.
Тел.: (+992) 926-01-82-28. E-mail: baddal.alijon@gmail.com

*В статье рассматривается современное экономическое и промышленное состояние Согдийской области Республики Таджикистан. При отображении текущего экономического и промышленного положения региона анализировались следующие основные показатели: валовой региональный продукт (ВРП), доля ВРП в общем объёме валового внутреннего продукта ВВП на душу населения, доходы местного бюджета, объём прямых инвестиций, средний объём розничной торговли, динамика внешнеторгового оборота, количество предприятий, объём промышленной продукции, среднегодовая численность промышленно – производственных работников, темпы роста общего объёма промышленной продукции. Представлены факторы, влияющие на развитие региональной промышленности и показана их роль в развитии данной отрасли. Авторами рассматриваются такие основные воздействующие факторы: политико – экономические, институциональные, научно – технические, географические, демографические. Влияние каждого фактора отдельно отмечено и анализировано. Особенно важно выделить основные факторы, оказывающие большое влияние на развитие промышленного сектора региона, что приведет к развитию этого сектора, а это в свою очередь приведет в дальнейшем к региональному экономическому развитию.*

***Ключевые слова:*** *Факторы промышленного развития, политические и экономические факторы, институциональные факторы, научно – технические факторы, географические факторы, демографические факторы, экономика региона, Согдийская область, Республика Таджикистан.*

# FACTORS OF REGIONAL INDUSTRIAL DEVELOPMENT (ON THE EXAMPLE OF THE SUGHD REGION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN)

**ASRORZODA UBAYDULLO SATTOR**,
Doctor of Economic Sciences, professor, Rector of the International university of tourism and entrepreneurship of Tajikistan.
734055, Republic of Tajikistan Dushanbe city, avenue Borbad, 48/5.
Phone: (+992) 907-50-15-66. E-mail: ubaydullo08051986@mail.ru
**GHOIBNAZAROV ALIJON SHUHRATOVICH**,
doctoral student (PhD) of the Khujand State University named after Academician B.Gafurov.
735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, 1 Mavlonbekova.
Phone: (+992) 926-01-82-28. E-mail: baddal.alijon@gmail.com

*This article discusses the current economic and industrial state of the Sughd region of the Republic of Tajikistan. When displaying the current economic and industrial situation in the region, the following main indicators were analyzed: gross regional product, share of GRP in the total gross domestic product of GDP per capita, local budget revenues, direct investment, average retail trade, dynamics of foreign trade turnover, number of enterprises, the volume of industrial output, the average annual number of industrial workers, the growth rate of the total volume of industrial output. The factors influencing the development of the regional industry are presented and their role in the development of this industry is shown. The authors consider such main influencing factors: political – economic, institutional, scientific – technical, geographical, demographic. The influence of each factors is separately noted and analyzed. It is especially important to highlight the main factors that have a great influence on the development of the industrial sector of the region, which will lead to the development of this sector, and this in turn will lead to further regional economic development.*

***Keywords:*** *Factors of industrial development, political and economic factors, institutional factors, scientific and technical factors, geographical factors, regional economy, Sughd region, Republic of Tajikistan.*

УДК:338

# ВОПРОСЫ РАЗВИТИЯ ПРАКТИКИ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**КОДИРОВА ГУЛМО ТОЛИБОВНА,**
кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой менеджмента
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саид Носир, 33.
E-mail: kodirova.gulmo@mail.ru

*В данной статье исследуются важные вопросы развития бухгалтерского учета в Республике Таджикистан. Автор отмечаеть, что бухгалтерский учет — это область, которая постоянно адаптируется к требованиям рынка стандартами, законодателями и движущими силами, стоящими за ними. Несмотря на то, что за последние годы изменилась экономика, бухгалтерский учет и его под отрасли также изменились и адаптировались. Основными причинами этого являются корпоративная реструктуризация и интернационализация торговли – проще говоря, глобализация. Таким образом, можно сказать, что на сегодняшний день системы бухгалтерского учета и финансовой отчетности в хозяйствующих субъектах Республики Таджикистан не в полной мере отвечают информационным требованиям менеджмента и руководства, собственников, инвесторов и других лиц, заинтересованных в финансовом состоянии и финансовых результатах деятельности субъектов хозяйствования. Опираясь на информацию финансовой отчетности, предприятия не могут с высокой эффективностью использовать все имеющиеся у них ресурсы для своего экономического развития, учитывать многочисленные изменения в своей бизнес-среде для развития своей деятельности, своевременно адаптироваться к современным экономическим условиям и принимать обоснованные решения по управлению своей деятельностью.*

***Ключевые слова:*** *бухгалтерский учет, МСФО, производство, народное хозяйство, баланс, развитие, национальная экономика.*

Бухгалтерский учет является компонентом внешнего корпоративного учета, который выражается в годовой финансовой отчетности. Она представляется в форме индивидуальной финансовой отчетности и консолидированной финансовой отчетности. Согласно годовому финансовому отчетности должна «давать как можно более правдивую картину об активах, финансовой ситуации и доходах» и гибкость этой области. Бухгалтерский учет является одной из областей делового администрирования, которая со временем претерпела значительные изменения и будет продолжать меняться. Это движущийся элемент, который всегда должен адаптироваться к требованиям рынка.

Бухгалтерский учет имеет две задачи: во-первых, обеспечить наличие информации, полезной для принятия решений, с целью принятия более эффективных решений – «полезность решения». К ним относятся, например, решения о покупке или продаже акций компании или о предоставлении кредитов. Во-вторых, для определения юридических и договорных прав на оплату – «управление». В этом особенно заинтересованы налоговые органы, а также другие люди, например, те, кто имеет право на дивиденды, или менеджеры. Подобно изменениям в бухгалтерском учете, все эти получатели также должны адаптироваться к изменениям, чтобы иметь возможность удовлетворить свои информационные потребности. Различные группы интересов, естественно, пытаются влиять на развитие бухгалтерского учета в соответствии со своими потребностями.

Бухгалтерский учет — это область, которая постоянно адаптируется к требованиям рынка стандартами, законодателями и движущими силами, стоящими за ними [4]. Несмотря на то, что за последние годы изменилась экономика, бухгалтерский учет и его под отрасли также изменились и адаптировались. Основными причинами этого являются корпоративная реструктуризация и интернационализация торговли – проще говоря, глобализация.

Чтобы лучше понять перемены, нам нужно бросить быстрый взгляд на прошлое. Начало бухгалтерского учета было уже во времена вавилонян. Первый период учета продлился до XII века, второй, так называемый переходный период, — до XV века. С тех пор мы находимся в третьем периоде. Изменения в бухгалтерском учете представлены в данной работе в хронологическом порядке. Во-первых, будет обсуждаться развитие бухгалтерского учета в том виде, в котором мы его знаем сегодня, начиная с двойной бухгалтерии. Затем описывается создание национальных стандартов и то, как МСФО оказались сегодня на переднем плане.

Практическая организация системы бухгалтерского учета в хозяйствующих субъектах – это процесс создания условий для ведения бухгалтерского учета в целях получения достоверной и своевременной информации о хозяйственной деятельности предприятия для внутренних и внешних пользователей, контроля за рациональным использованием имущества предприятия и своевременной оплаты обязательств перед бюджетом и других платежей компании [2, с. 126]. При этом важно правильно организовать систему бухгалтерского учета, чтобы не допустить появления ошибок, отрицательно влияющих на финансовые результаты предприятия.

Статья 10 Закона Республики Таджикистан «О бухгалтерском учете и финансовой отчетности» [5] обязывает субъектам публичного интереса вести бухгалтерский учет и представить финансовую отчетность в соответствии с международными стандартами финансовой отчетности (МСФО). Иные хозяйствующие субъекты могут добровольно вести бухгалтерский учет и составлять финансовую отчетность в соответствии с национальными стандартами (правилами бухгалтерского учета) или МСФО.

Постановление Правительства Республики Таджикистан от 3 апреля 2012 года №154 «О дополнительных мерах по регулированию бухгалтерского учета и финансовой отчетности» обязывает субъектов публичного интереса и другие организации, подготавливающие финансовую отчетность по международным стандартам, представлять свою годовую финансовую отчетность вместе с аудиторским заключением хранителю финансовой отчетности (структурное подразделение Министерства финансов Республики Таджикистан - ГУП «Центр обслуживания депозитарии финансовой отчетности»).

В процессе исследования мы изучили состояние бухгалтерского учета и подготовки финансовой отчетности в нескольких предприятиях публичного интереса, которые ведут деятельность в различных сферах, в том числе: ОАО «Телерадиоком», ГУП «Душанбеводоканал», ЗАО «Таджикский Металлургический Комбинат» и др.

В результате исследования стало ясно, что многим отечественным предприятиям пока сложно адаптироваться к использованию МСФО и понять, как работать в их условиях, поэтому процесс применения международных стандартов в системе бухгалтерского учета экономических субъектов идет медленно. В то же время опыт некоторых предприятий, которые уже успешно внедрили международные стандарты в свою деятельность, таких как ЗАО «Таджикский Металлургический Комбинат», показал положительный результат.

На наш взгляд, основной проблемой медленного внедрения международных стандартов в отечественных хозяйствующих субъектах является, прежде всего, проблема обеспечения высококвалифицированными кадрами. Для успешного внедрения МСФО специалисты должны обладать высоким уровнем знаний в области финансовой отчетности. При этом они должны обладать навыками одновременного использования теоретических и практических знаний.

Несмотря на строгие законодательные требования по назначению на должность главного бухгалтера субъектов публичного интереса специалистов, имеющих сертификат профессионального бухгалтера (ст. 11 Закона Республики Таджикистан «О бухгалтерском учете и финансовой отчетности»), до сих пор в некоторых крупных государственных предприятиях и в большинстве коммерческих предприятий главные бухгалтеры и бухгалтеры не обладают достаточными знаниями МСФО. Процесс подготовки и переподготовки бухгалтеров на соответствующих курсах повышения квалификации не налажен.

Как показывает исследование процессов обновления МСФО, разработчики международных стандартов ежегодно пересматривают их содержание и вносят в них изменения в зависимости от изменения международных условий и развития мировой практики финансовой отчетности. Обновленные и пересмотренные стандарты в первые годы их разработки и принятия доступны только на английском языке. Поэтому бухгалтерам следует хорошо знать английский язык, чтобы ознакомиться с содержанием пересмотренных стандартов. Для решения этой проблемы Правительственной комиссии по внедрению МСФО и Методическому совету по учету и аудиту следует всегда реагировать на новости в содержании МСФО и предоставлять их качественный перевод бухгалтерам субъектов публичного интереса и работникам бухгалтерских служб всех предприятий, использующих в своей деятельности международные стандарты.

Ознакомление с финансовой отчетностью субъектов публичного интереса, деятельность бухгалтерских служб которых мы исследовали, показало, что не все бухгалтеры предприятий, помимо недостаточного знания МСФО, еще и плохо владеют английским языком. Большинство этих предприятий готовят свою финансовую отчетность на русском языке (следует отметить, что ПБУ 5/2001 «Бухгалтерская отчетность предприятий» разрешает подготовку финансовой отчетности на таджикском и русском языках) [2]. На предприятиях, где финансовая отчетность составляется на таджикском языке, встречается много орфографических ошибок и неправильного использования понятий в содержании финансовой отчетности.

Теперь рассмотрим вопрос о порядке представления статей отчетности в отчет о финансовом положении (бухгалтерский баланс). МСФО не определяют порядок и последовательность представления статей в финансовой отчетности [1, с. 127]. Однако Инструкция о порядке заполнения форм финансовой отчетности, составляемой в соответствии с национальными и международными стандартами финансовой отчетности, рекомендует хозяйствующим субъектам в отчет о финансовом положении представлять активы по убыванию ликвидности: сначала более ликвидные (денежные средства, краткосрочные инвестиции, торговая дебиторская задолженность, прочая дебиторская задолженность, товарно-материальные ценности и т.д.), затем – менее ликвидные (основные средства, нематериальные активы, биологические активы и т.д.). Для представления обязательств в отчете о финансовом положении указанная выше инструкция рекомендуют сначала представлять краткосрочные обязательства (торговая кредиторская задолженность, краткосрочные долговые обязательства, начисленные

краткосрочные обязательства), а затем долгосрочные обязательства. Согласно инструкции, статьи капитала отражаются в отчете о финансовом положении после обязательств.

Следует отметить еще один момент, что в отчете о финансовом положении предприятия наряду с балансовой (остаточной) стоимостью основных средств и нематериальных активов должны быть данные об их первоначальной стоимости (себестоимости), с которой они были приняты в учет. Поэтому в отчете следует выделить отдельную строку для указания суммы амортизации основных средств. Данная процедура соответствует правилам МСФО и рекомендована Инструкцией о порядке заполнения форм финансовой отчетности, составляемой в соответствии с национальными и международными стандартами финансовой отчетности [7]. Однако в финансовую отчетность исследованных нами компаний такой строки не представляется.

В связи с этим, независимые аудиторы международной аудиторской организации MOORE (MOORE STEPHENS KSC ASSURANCE SRL), проведшие аудит финансовой отчетности ГУП «Душанбеводоканал» за 2021 год, подготовленной в соответствии с МСФО, в своем аудиторском отчете от 4 августа 2022 года отметили отказ в выражении аудиторского заключения. Поскольку, как заявили аудиторы, из-за существенности вопросов, описанных в разделе «Основание для отказа от выражения мнения» аудиторского отчета, мы не смогли получить достаточные надлежащие аудиторские доказательства для формирования аудиторского заключения по данной финансовой отчетности. Независимые аудиторы как основание не выражения мнения отметили неблагоприятную ситуацию в бухгалтерском учете и отражения в финансовой отчетности информации об основных средствах (переоценка), дебиторской задолженности (наличие, полнота и стоимость), нераспределенной прибыли (отсутствие доказательств подтверждения остатка резерв на переоценку и корректировку суммы этого резерва после проверки финансовой отчетности за предыдущий год) и доходов предприятия (непредставление информации о поступлении выручки от клиентов, оплачивающих за воду без счетчика, ненадлежащая эксплуатация биллинговой системы, отсутствие связи биллинговой системы с программой 1С:Бухгалтерия, некорректная работа системы внутреннего контроля).

Следует отметить, что мы рассмотрели лишь порядок составления и содержание отчета о финансовом положении, которая проще для составления, чем другие формы финансовой отчетности. Если анализировать содержание других форм финансовой отчетности (отчет о прибыли или убытке и прочем совокупном доходе, отчет об изменении капитала, отчет о движении денежных средств, пояснения), то при составлении финансовой отчетности встречается множество ошибок и случаев нарушения правил подготовки отчетности по МСФО. На наш взгляд, причинами их появления являются, прежде всего, низкий уровень профессиональных знаний бухгалтеров предприятий.

Большинство бухгалтеров коммерческих предприятий не понимают важность перехода систем бухгалтерского учета на МСФО. Даже на некоторых предприятиях системный бухгалтерский учет не ведется. У бухгалтеров недостаточно знаний и опыта для работы по МСФО. Руководители предприятий не уделяют внимания подготовке и переподготовке сотрудников бухгалтерской службы, созданию условий и проведению мероприятий, способствующих внедрению МСФО. Владельцы и менеджеры предприятий рассматривают бухгалтерский учет как инструмент для правильного

учета и уплаты налогов. Большинство из них не осознало еще важность финансового, управленческого и налогового учета в рамках единой системы бухгалтерского учета.

В результате нарушения правил составления финансовой отчетности, установленных МСФО, финансовое состояние экономического субъекта оценивается пользователями неверно, финансовые результаты деятельности предприятия, рассчитанные на основе информации, формируемой в системе бухгалтерского учета, оказываются неудовлетворительными, по сравнению с показателями финансовых результатов зарубежных предприятий несопоставимы, поэтому не пригодны для принятия управленческих решений в условиях международной экономической интеграции.

Анализируя современное состояние бухгалтерского учета и подготовки финансовой отчетности в коммерческих предприятиях Республики Таджикистан, можно сделать вывод, что основными проблемами в процессе внедрения МСФО являются, прежде всего, низкий уровень профессиональной подготовки бухгалтеров и аудиторов, недостаток теоретических знаний и практических навыков подготовки финансовой отчетности на основе МСФО, низкий уровень контроля качества и аудита финансовой отчетности, неучастие профессиональных организаций (ассоциаций) и других заинтересованных представителей общества, в том числе пользователей финансовой отчетности, в регулировании бухгалтерского учета и финансовой отчетности, а также в развитии профессии бухгалтера и аудитора.

Таким образом, можно сказать, что на сегодняшний день системы бухгалтерского учета и финансовой отчетности в хозяйствующих субъектах Республики Таджикистан не в полной мере отвечают информационным требованиям менеджмента и руководства, собственников, инвесторов и других лиц, заинтересованных в финансовом состоянии и финансовых результатах деятельности субъектов хозяйствования. Опираясь на информацию финансовой отчетности, предприятия не могут с высокой эффективностью использовать все имеющиеся у них ресурсы для своего экономического развития, учитывать многочисленные изменения в своей бизнес-среде для развития своей деятельности, своевременно адаптироваться к современным экономическим условиям и принимать обоснованные решения по управлению своей деятельностью. Чтобы правильно реализовать и улучшить формирование информации, представленной в финансовой отчетности, повысить уровень информации и ее полезность для разных групп пользователей, необходимо пересмотреть теорию, методологию и практику ведения бухгалтерского учета и подготовки финансовой отчетности.

**Литература**

1. Бобоев М.У. Опыт применения МСФО в Республике Таджикистан [Текст]. / М.У. Бобоев /Перспективы развития бухгалтерского учета, анализа, аудита и налогообложения в условиях интернационализации экономики. / Сборник статей VI Международной научно-практической конференции (Екатеринбург, 24 апреля 2015 года). – Екатеринбург: Издательство Уральский государственный экономический университет, 2015. – С. 126-133

2. Бобоев М.У., Ғайбуллоева Д.А. Баҳисобгирии молиявӣ ҳамчун манбаи иттилоотии низоми менеҷменти молиявӣ [Матн]. /М.У. Бобоев, Д.А. Ғайбуллоева. // Паёми Донишгоҳи Технологии Тоҷикистон. – 2021. - № 1 (44). – С. 125-135

3. Богатая И.Н., Евстафьева Е.М. Исследование современных тенденций развития бухгалтерского учета и отчетности в Российской Федерации [Текст]. / И.Н. Богатая, Е.М. Евстафьева. // Бухгалтерский учет в издательстве и полиграфии. – 2013. - № 5

(167). – С. 2-16
4. Говдя В.В., Дегальцева Ж.В. Современные концепции развития бухгалтерского учета: проблемы и перспективы [Текст]. /В.В. Говдя, Ж.В. Дегальцева // Политематический сетевой электронный журнал Кубанского государственного аграрного университета. – 2014. - № 99. – С. 991-1002 / Режим доступа: URL: https://elibrary.ru/download/elibrary_21695055_33068215.pdf
5. Закон Республики Таджикистан «О бухгалтерском учете и финансовой отчетности» [Электронный источник] / Режим доступа: URL: http://ncz.tj/content/ закон-республики-таджикистан-о-бухгалтерском-учете-и-финансовой-отчетности
6. Зырянова Т.В., Скребкова Ж.Р. Методологические и методические подходы к гармонизации бухгалтерского учета в условиях автоматизации и перехода на МСФО [Текст]. /Т.В. Зырянова, Ж.Р. Скребкова //Международный бухгалтерский учет. – 2008. - № 7 (115). – С. 26-39
7. Инструкция о порядке заполнения форм финансовой отчетности, составляемой в соответствии с Национальными и Международными стандартами финансовой отчетности [Электронный ресурс] / Режим доступа: URL: http://minfin.tj
8. Каримов Б.Ҳ. Таъсири ҷаҳонишавӣ ба рушди низоми миллии баҳисобгирии муҳосибӣ [Матн]. /Б.Ҳ. Каримов //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. - № 4. – С. 169-179
9. Мониторинговые отчеты крупных государственных предприятий [Электронный ресурс] / Режим доступа: URL: http://moliya.tj/ru/buhgalterskij-uchet-i-otchetnost/
10. Положение по бухгалтерскому учету «Бухгалтерская отчетность предприятий» ПБУ 5/2001. Приказ Министерства финансов Республики Таджикистан от 16.07.2001 года, № 104 [Электронный ресурс] / Режим доступа: URL: http://minfin.tj

## МАСЪАЛАҲОИ РУШДИ ТАҶРИБАИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ҚОДИРОВА ГУЛМО ТОЛИБОВНА,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи менеҷменти
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
E-mail: kodirova.gulmo@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур масъалаҳои муҳими рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд менамояд, ки баҳисобгирии муҳосибӣ як соҳаест, ки пайваста ба талаботи бозор аз ҷониби стандартҳо, қонунгузорон ва қувваҳои пешбарандаи онҳо мутобиқ мешавад. Дар ҳоле, ки иқтисод дар солҳои охир тағйир ёфтааст, баҳисобгирӣ ва соҳаҳои он низ тағир ва мутобиқ шудаанд. Сабабҳои асосии ин таҷдиди сохторӣ ва байналмилаликунонии тиҷорат - содда карда гӯем, ҷаҳонишавӣ мебошанд. Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки имрӯз системаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар субъектҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи иттилоотии роҳбарият ва идоракунӣ, соҳибон, сармоягузорон ва шахсони дигаре, ки ба вазъи молиявӣ ва фаъолияти молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ манфиатдор мебошанд, пурра ҷавобгӯ нест. Дар асоси маълумоти ҳисоботи молиявӣ, корхонаҳо наметавонанд тамоми захираҳои худро барои рушди иқтисодии худ самаранок истифода баранд, тағйироти сершумори муҳити тиҷоратии худро барои рушди фаъолияти худ ба назар гиранд, сари вақт ба шароити муосири иқтисодӣ мутобиқ шаванд ва оид ба идоракунии онҳо қарорҳои асоснок қабул кунанд.*

***Калидвожаҳо:*** *баҳисобгирии муҳосибӣ, СБҲМ, истеҳсолот, хоҷагии халқ, баланс, рушд, иқтисодиёти миллӣ.*

# ISSUES OF DEVELOPMENT OF ACCOUNTING PRACTICE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**QODIROVA GULMO TOLIBOVNA,**
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Management of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir street,
E-mail: kodirova.gulmo@mail.ru

*This article examines important issues in the development of accounting in the Republic of Tajikistan. The author notes that accounting is a field that is constantly adapting to market demands by standards, legislators and the driving forces behind them. While the economy has changed in recent years, accounting and its industries have also changed and adapted. The main reasons for this are corporate restructuring and the internationalization of trade - simply put globalization. Thus, we can say that today the accounting and financial reporting systems in business entities of the Republic of Tajikistan do not fully meet the information requirements of management and management, owners, investors and other persons interested in the financial condition and financial performance of business entities. Based on financial reporting information, enterprises cannot efficiently use all the resources they have for their economic development, take into account numerous changes in their business environment to develop their activities, adapt in a timely manner to modern economic conditions and make informed decisions on managing their activities.*

***Key words:*** *accounting, IFRS, production, national economy, balance sheet, development and national economy.*

УДК: 35+336: 574(575.3)

# НАҚШИ СОҲИБКОРИИ ЭКОЛОГӢ ДАР ҲАЛЛИ МУШКИЛОТИ ОБ ДАР ШАРОИТИ ТАШАККУЛИ "ИҚТИСОДИ САБЗ"

**ДОСИЕВ МАҲМАДШОҲ НАЗАРОВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи идоракунии молияи давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. С.Носир, 33.
Тел.: (+992) 918-11-96-48. E-mail: dostiev68@mail.ru.

*Дар мақола мафҳум ва моҳияти соҳибкории экологӣ ва таъсири он дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда шудааст. Таъкид шудааст, ки барои рушди минбаъдаи соҳибкории экологӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳияи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба танзими давлатии иқтисодиёт мувофиқи мақсад мебошад. Чунин ҳисобида мешавад, ки соҳибкорӣ дар бахши экология самтҳои афзалиятноки гуногунро дар бар гирифта, тибқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи муҳити зист ва талаботи меъёрҳои экологӣ фаъолият менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *соҳибкории экологӣ, танзими давлатӣ, дастгирии давлатӣ, муҳити зист, вазъи экологӣ, рушди иқтисодӣ, мушкилоти экологӣ, бехатарии экологӣ.*

Дар шароити ташаккул ва рушди иқтисоди "сабз" фаъолияти соҳибкорӣ яке аз сарчашмаҳои рушди устувори иқтисоди миллӣ маҳсуб гардида, қувваи пешбарандаи рушди иқтисодию иҷтимоӣ ба шумор меравад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ, инчунин рушди соҳибкории хурд ва миёна ҳамчун яке аз самтҳои асосии фаъолият дар ҳаёти иқтисодии давлат диққати аввалиндараҷа зоҳир менамояд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии кишвар 23-юми декабри соли 2022 -юм таъкид намуданд:

"...бояд таваҷҷуҳи асосӣ ба рушди босуботи соҳаҳои иқтисоди миллӣ, пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба он, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои кории нав, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти содирот, ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидан ба раванди рақамикунонии бахшҳои иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ равона карда шавад." [1].

Мусаллам аст, ки барои расидан ба рушди босуботи соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба он соҳибкории экологӣ низ нақши калидӣ дошта, дар беҳтар намудани вазъи экологии кишвар, ҳифз ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ, амалӣ намудани ҳадафҳои иқтисоди "сабз" ва таъмин намудани сатҳи шуғл саҳми босазо гузошта метавонад [3].

Мусаллам аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои аввали ба даст омадани истиқлолият ҷанги шаҳрвандӣ ба вуҷуд омад, ки дар натиҷа ба вазъи экологии кишвар таъсири манфии худро расонид.

Ҳамин тариқ, бо мақсади беҳтар гардонидани вазъи экологии кишвар аз тарафи Ҳукумати ҷумҳурӣ як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи муҳити зист, дар бораи ҳифзи олами ҳайвонот, дар бораи ҳавои атмосфера, Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин, Барномаи давлатии экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 1998 - 2000 дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 июли соли 1997 ва ғайраҳо ба тасвиб расиданд, ки оиди беҳтар гардонидани вазъи санитарию экологӣ ва ҳифзи муҳити зист, ҳифзи

сарватҳои табиӣ, алалхусус ҳифз ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ аҳамияти басо муҳим доранд.

Илова бар ин, бояд тазаккур дод, ки тайи солҳои охир бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба тариқи ҳашарҳои дастаҷамъона дар мамлакатамон ниҳолҳои зиёди сояафкан ва мевадиҳанда шинонида мешавад, ки ин амали нек ба беҳтар гардидани вазъи экологӣ таъсири мусбат мерасонад.

Аммо бинобар бе нигоҳубин мондан аксари ниҳолҳо хушк ва боиси зарари субъектони хоҷагидор гардида, дар ташаккул ва рушди иқтисоди "сабз" монеа эҷод мекунад.

Дар Стратегияи рушди иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардидааст, раванди иқтисоди сабз идомаи мантиқии рушди устувор буда, дар фарқият бо он ҳамбастагии унсурҳои рушди иқтисодиро бо устувории экологӣ инъикос менамояд. Ташаббуси иқтисоди сабз ба истифодаи механизмҳои бозоргонӣ барои ба даст овардани рушди устувор, нигоҳдории сармояи табиӣ дар сатҳи милливу байналмилалӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ аз ҳисоби ташкил кардани ҷойҳои кории сабз ҷудо мешавад. Соли 2008 аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид «Ташаббуси иқтисоди сабз» эълон карда шуд, ки он дар расонидани кӯмак ба ҳукуматҳои кишварҳои гуногун барои дигар кардани самти сиёсати иқтисодии онҳо ҷиҳати истифодаи афзалиятноки технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза, манбаъҳои таҷдидшавандаи энергия, хизматрасонӣ дар соҳаи таъминоти об ва нақлиёти аз ҷиҳати экологӣ тоза, зарурати идоракунии партовҳо, бунёди биноҳои сабз, кишоварзии босубот ва ғайра равона шудааст [7].

Ба ақидаи мо барои ҳалли ин масъалаҳои ташвишовар соҳибкории экологӣ метавонад, парвариш ва нигоҳубини ниҳолҳои шинондашударо зери назорати қатъӣ гирад, усулҳои нави назорат ва нигоҳубини ниҳолҳоро ба роҳ монда, дар беҳтар гардидани вазъи экологию иқтисодии кишвар саҳм гузорад. Он қодир аст, ки Тоҷикистонро аз буҳрони экологӣ раҳоӣ бахшида, оид ба масъалаҳои ҳифз ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, махсусан захираҳои обӣ, инчунин ба рушди устувори иқтисодиёти кишвар мусоидат намояд.

Дар баробари ин, тибқи ақидаи олимони иқтисодиёт аз рӯи сенарияи индустриалию инноватсионӣ манбаъҳои рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ин истифодаи самараноки сармояи инсонӣ, имкониятҳои инфрасохтори нави транзитӣ ва долонҳои иқтисодӣ, инкишофи рушди ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда, густариши содироти хизматрасониҳо ва маҳсулоти дорои арзиши баланди иловашуда, инкишофи зироатҳои органикӣ, манбаъҳои барқароршаванда ва аз ҷиҳати экологӣ тозаи нерӯ ҳамчун асоси "иқтисоди сабз", вусъатдиҳии механизми ҳамгироёнаи идоракунии захираҳои об, аз ҷумла рушди ҳамаҷонибаи сайёҳӣ муайян карда шудаанд [8].

Бинобар ин, моро зарур аст, ки бо мақсади беҳтар намудани вазъи экологии кишвар, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, ва дар амал татбиқ намудани принсипҳои иқтисоди "сабз" ташаккул ва рушди босуботи соҳибкории экологиро дар ҷумҳурӣ ба роҳ монем.

Мусаллам аст, ки захираҳои обӣ унсури муҳимтарини сармояи табиӣ мебошанд, ки миқдори зарурӣ ва ҳолати он, воқеан ҳалли мушкилоти мубрами соҳаҳои экология, ғизо ва энергетикаро, ки дар назди инсоният қарор доранд, муайян мекунад.

Таҳлили ҳолат ва самаранокии истифодаи захираҳои обӣ дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки дар шароити мавҷудияти боигарии захираҳои обии ҷумҳурӣ ва истифодаи

интенсивии онҳо, беасос талафи зиёд шудани оби ширин, афзудани миқдори ифлосшавӣ мушоҳида мешавад, ки сарфи назар аз тадбирҳои андешидашуда ва кам шудани сарфи об, мушкилоти истифодаи оқилонаи об сол то сол афзуда истодааст. Ҳар сол афзояндаи сарбории техногенӣ ба муҳити зист боиси таназзули экосистемаҳои обӣ мегардад, ки боиси бад шудани сифати оби тоза гардида, ба фаъолияти хоҷагӣ ва саломатии аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонад [2].

Бо дарназардошти ин, таҷрибаи пешқадами давлатҳои абарқудрати хориҷӣ нишон медиҳад, ки ҳанӯз аз солҳои 70-уми асри гузашта оид ба экология, истифодаи захираҳои табиӣ ва соҳибкории экологӣ санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул гардида, дастгирӣ ва танзими давлатии соҳибкорӣ дар ҳифзи экология ба роҳ монда шудааст.

Масалан, дар аввали солҳои 70-уми асри гузашта дар Ҷопон санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи муҳити зист ва ташкили соҳибкории экологӣ қабул гардида буд.

Инчунин, дар Ҷопон қабл аз дигар мамлакатҳо, соли 1973 қонун дар бораи экспертизаи моддаҳои нави химиявӣ ва соли 1988 қонун дар бораи экспертизаи умумии экологӣ мавриди амал қарор гирифта буданд. Метавон гуфт, ки дар замони ҳозира дар самти соҳибкории экологӣ Ҷопон дар ҷои аввал меистад [5].

Аз ин лиҳоз, ба мо зарур аст, ки бо назардошти таҷрибаи пешқадами мамлакатҳои абарқудрат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди соҳибкории экологиро ҳамаҷониба ба роҳ монда, дар хубтару беҳтар гардидани вазъи экологии мамлакати худ, инчунин истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, махсусан захираҳои обӣ саҳмгузор бошем. Мутахассисон бар он ақидаанд, ки ҷамъоварӣ, ба намудҳо ҷудо кардан, коркард ва истифодаи партовҳои корхонаҳои саноатӣ ва маишӣ тиҷорати басо фоидаовар ба шумор меравад.

Яъне, соҳибкороне, ки ба фаъолияти соҳибкории экологӣ машғуланд, метавонанд партовҳои корхонаҳои саноатӣ, маишӣ ва аҳолиро баъди коркард ба маҳсулоти тайёр табдил дода, ба фурӯш баронанд.

Маҳз соҳибкории экологӣ метавонад, роҳҳои самаранок истифодабарии партовҳоро ҷустуҷӯ намуда, мушкилоти мавҷударо ба нафъи давлату ҷомеа ҳал намояд.

Яъне, дар сурати рушду нумӯи фаъолияти соҳибкории экологӣ дар кишвар партовҳои зиёде, ки сабаби пайдоиши бемориҳои сироятӣ мегарданд, бо технологияи нав ва усулҳои муосири техникӣ коркард ва истифода бурда мешаванд.

Ҷараёни коркард ва истифодаи партовҳои корхонаҳои саноатӣ ва маишӣ аз як тараф вазъи экологии мамлакатро хуб гардонад, аз тарафи дигар дар рушди устувори иқтисодиёти кишвар нақши босазо мегузорад.

Зикр бояд кард, ки ҳоло бо вуҷуди ҳамаи заҳмату талошҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар намудани вазъи экологии кишвар омилҳое низ вуҷуд доранд, ки сабаби паст гардидани рушди бонизоми экологию иқтисодӣ мегарданд.

Аз ин лиҳоз, бамаврид аст, ки баҳри бартараф намудани омилҳои мавҷуда барои фаъолияти соҳибкории экологӣ шароитҳои мусоид фароҳам оварда шавад. Барои ин зарур аст, ки дар баробари ташаккули базаи мукаммали қонунгузории ин соҳа ба соҳибкороне, ки технологияҳои нав ворид сохта, ба коркарди партовҳо машғул мешаванд, имтиёзҳо диҳем.

Инчунин, зарур аст, ки дар доираи татбиқи сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дастгирии соҳибкории хурду миёна ба соҳибкории экологӣ аҳамияти махсус дода, ба рушду нумӯи он мусоидат намудан лозим аст.

Аз ин рӯ, ба мо ҳам зарур аст, ки бо истифода аз шароити мавҷуда ва фазои сулҳу ваҳдат тамоми имкониятҳоро истифода бурда, баҳри таҳким ва рушду нумӯи

соҳибкории экологӣ заминаҳои мусоид фароҳам созем, то ин ки табиати биҳиштосои Ватани маҳбубамонро, махсусан, оби ошомиданиро аз ҳар гуна моддаҳои зараровари заҳролуд нигоҳ дошта, баҳри баланд бардоштани вазъи экологию иқтисодии он камари ҳиммат бандем.

Соҳибкорӣ дар бахши экология самтҳои афзалиятноки гуногунро дар бар гирифта, тибқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи муҳити зист ва талаботи меъёрҳои экологӣ фаъолият менамояд [4].

Ҳамин тавр, бояд қайд кард, ки аз нуқтаи назари таҳқиқот, идоракунии фаъолияти соҳибкории экологӣ фаъолияти мақсаднок ва устувор оид ба ташкили муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва экологии тарафайн ба шумор рафта, ба натиҷаҳои назаррас ва ҳадафҳои пешбинишуда оварда мерасонад.

Маврид ба ёдоварист, ки дар байни омилҳои беруна барои идоракунии самараноки фаъолияти соҳибкории экологӣ дар маҳалҳо ва минтақаҳои кишвар мавҷудияти қонунҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, инчунин, такмили қонунгузорӣ дар бахши соҳибкорӣ ва муҳити зист ба ҳисоб меравaнд [8].

Бо назардошти устуворӣ ва рушди идоракунии фаъолияти соҳибкории экологӣ дар минтақаҳои мамлакат риояи талабот ва қоидаҳои экологӣ, инчунин меъёрҳои сифат ва талаботи мувофиқ ба маҳсулоти истеҳсолшуда ва хидматҳои экологӣ ҳатмӣ буда, дар ҷараёни муносибатҳои иқтисодию истеҳсолӣ нақши муҳимеро ифода менамояд.

Илова бар ин, устувории маблағгузорӣ, ҳолат ва иқтидори бозори экологӣ, имтиёзҳои молиявӣ ва андоз, мавҷудияти талабот ва пешниҳод, ба молҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза, даромаднокии маҳсулот ва хадамоти экологӣ ба рушди бемайлони фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши муҳити зист таъсири мусбӣ расонида метавонад.

Ба гурӯҳи масъалаҳои амалӣ масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта низ дохил мебошанд, ки онҳо дар ҷараёни амалиётҳои зеҳнӣ: таҳлил ва синтез, муқоисакунӣ, абстраксиякунонӣ, умумикунонӣ ва конкретизатсиякунонӣ иҷро карда мешаванд. Педагоги рус В.В. Давидов қайд намудааст, ки «фаъолияти фикрии хонандагон танҳо вақте ташаккул меёбад, ки донишҳои ба онҳо пешниҳодшуда, аввал, ба системаи масъалаҳои амалӣ дохил бошанд, дуюм, онҳо мундариҷаи мавҷудаи ҳамон ҳаҷмеро, ки вобаста ба онҳо масъалаҳо ба вуҷуд меоянд, инъикос намоянд.

Мундариҷаи мавҷудаи объектро, ки он дар донишҳои гирифташуда инъикос гардидаанд, наметавон бидуни абстрактсия, умумикунонӣ, конкретизатсия ва амалҳои дигари мантиқӣ, ки тавассути онҳо фаъолияти зеҳнӣ рушд меёбад, аз худ намуда, истифода бурд» [2, саҳ. 50 - 51].

Ба ғайр аз ин, ҳалли масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта аз хонандагон мустақилона истифода бурдани маҳорату малакаҳои зеҳнӣ, ба монанди таҳлили вазъи воқеъӣ, муқоиса кардани масъала бо масъалаҳои пештар ҳалшуда, барқарор кардани алоқамандии далелҳо ва мафҳумҳои фанҳои дигар, иҷро намудани алоқаи мантиқӣ, тартиб додани моделҳои математикӣ ва мураттабсозии онҳо, кӯтоҳ ва фаҳмо ба тасвият даровардани фикри худ, хулосабарорӣ ва мураттабсозии натиҷаҳои ҳалли масъаларо талаб мекунад.

Бешубҳа, чунин масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта дар ташаккули далеловарии таълими математика нақши муайянеро мебозанд. Чунки агар дар зеҳни хонандагони мактаб боварии комил оиди шавқовар будани масъала, зарурияти он дар ҳаёти имрӯзаю фардо, татбиқи амалии илми имрӯзомухташавандаи онҳо набошад, он гоҳ раванди таълим на чандон муваффақовар мегардад. Ҳангоми ҳалли масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта хонандагонро метавон бо хусусиятҳои иқтисодиёт шинос намуд, алоқамандии математика ва иқтисодиётро нишон дод. Бо вуҷуди ин, ҳатто агар дар оянда хонанда дониши гирифтаашро дар фаъолияти касбии худ истифода набарад ҳам, ин амал ба ӯ имконият медиҳад, ки оламе атрофи худро боз ҳам дурусттару амиқтар дарк намояд.

Ҳангоми таҳия ва интихоби масъалаҳои амалӣ омузгорони математика бояд системаи талаботи дидактикиро риоя намоянд, ки асоси он дар таҳқиқоти илмии А.Аҳлимирзаев ифода ёфтааст [1, с. 26 - 28]. Ин системаи талаботро мо дар масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта татбиқ намуда метавонем:

1) масъалаҳои амалӣ бояд тибқи барномаи курси математикаи мактабӣ тартиб дода шаванд;

2) мазмун ва мундариҷаи масъалаҳои амалӣ бояд дар худ сатҳи илми муосир, техника ва истеҳсолотро инъикос намоянд;

3) масъалаҳои хусусияти амалидоштаро, дар асоси маводҳои мушаххас, барои хонандагон тартиб дода шаванд ва вобаста ба имконияти мавҷуда дар амалия татбиқ намудани донишҳои математикиро нишон диҳанд;

4) шарти масъалаҳо набояд шумораи зиёди мафҳумҳои ношиносро дар бар гирад ва он бояд кӯтоҳ ва барои хонандагон дастрас бошад;

5) масъалаи амалӣ, ки дар асоси маводи мушаххас тартиб дода шудааст, набояд аз маводҳои китобҳои дарсӣ ва дастурҳои мактабӣ мушкилтар бошанд;

6) ҳалли масъалаҳои амалӣ набояд системаҳои саволҳои барномавии математикаро халалдор намоянд ва дарсро бо ҳисобу китобҳои нолозиму мураккаб банд намоянд;

7) маълумотҳои ададии масъала бояд ба амалияи мавҷуда мувофиқ бошанд;

8) масъалаҳои мушаххас бояд дар худ робитаи фанҳои мактабиро инъикос кунанд;

9) масъалаҳои хусусияти амалидошта дар ҳамҷоягӣ бо масъалаҳое, ки дар таълими математика бо таври васеъ истифода мешаванд, бояд яклухту ягона бошанд;

10) масъалаҳои хусусияти амалидошта танҳо ҳангоме дода мешаванд, ки агар хонанда мушкилоти ҳадди ақали маъруфи стандартии ин масъалаҳоро ҳал кунад.

Ҳамин тариқ, ҳангоми интихоб ва тартиб додани масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта, барои мукаммал намудани маводҳои математикии курси алгебраи синфҳои VII - IX, бояд ба талаботҳои масъалаҳои амалии дар боло зикршуда такя намоянд.

Хусусияти масъалаҳои амалӣ дар он аст, ки ҳангоми ҳалли онҳо лозим меояд, ки бояд аз вазъияти воқеӣ ба тавсифи математикии он гузарем ё, чӣ тавре ки мегӯянд, модели математикии масъаларо тартиб додан лозим аст.

Ҳадафҳои асосие, ки дар самти амалии математика гузошта шудааст, аз тарбияи тасаввуротҳои дуруст оиди хусусияти алоқаи байни математика ва олами воқеӣ иборат аст, ки ин ба хонандагон имконият медиҳад, ки ҳадди ақали донишу малака ва навгониҳое, ки ба хонандагон дода мешаванд, дар ҳалли масъалаҳои амалӣ самарабахш истифода намоянд.

Бешубҳа, қобилияти хонандагонро дар истифодаи аппарати математикӣ, ки ҳангоми таълими курси алгебраи мактабӣ ба даст оварда шудаанд, ба таври кофӣ ташаккул додан зарур аст. Ҳалли масъалаҳо оиди ҳалли муодилаҳо, нобаробарҳо ва системаҳои онҳо, сохтани графикҳои функсияҳои элементарӣ бе истифодаи ҳосилаи онҳо, ҳалли масъалаҳо оиди прогрессияҳои арифметикӣ ва геометрӣ ва ғайра, ин ҳама донишҳои назариявие мебошанд, ки онҳо аз омӯзиши ин мавзӯъҳо ба даст овардаанд ва ин донишҳо метавонанд дар ҳалли масъалаҳои математикии мазмуни иқтисодидошта инъикоси худро ёбанд. Масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта бояд, ҳамчун воситаи муҳими методӣ, барои ташаккули маълумотҳо дар бораи хусусияти робитаи байниҳамдигарии математика ва иқтисодиёт истифода бурда шаванд.

Набояд бо ибораҳои умумӣ дар бораи он, ки донишҳои назариявии аз алгебра гирифташуда имконияти ҳал намудани шумораи зиёди масъалаҳои гуногуни амалиро доранд, маҳдуд шуд. Бо мисолҳои мушаххас самараи методҳо ва алгоритмҳои математикии омӯхташударо дар ҳалли масъалаҳои соҳаи илмҳои гуногун ва фаъолияти амалии инсон нишон додан зарур аст.

Ҳангоми ҳалли чунин масъалаҳо дар хонандагон чунин хислатҳои ҳамаҷонибаи шахсият, аз қабили саъю кушиши гирифтани маърифату донишҳо ва ҳамаҷониба такмил додани маҳорату малакаҳои мавҷуда, қобилияти фаъолияти мустақилона ва эҷодӣ, эҳтиёҷот дар назорат ва худназораткунӣ, маҳорати кор кардан бо китобҳои дарсӣ ва маводҳои маълумотӣ, маҳорати истифодаи технологияҳои муосири компютерӣ ва ғайра ташаккул меёбанд.

Ҳар гуна масъалаҳои амалӣ, ҳатто соддатарини онҳо, метавонанд ба масъалаҳои фундаменталии математикӣ оварда расонанд. Ҳалли чунин масъалаҳо боиси бартариҳои назаррас дар истифодаи мунтазами онҳо дар дарсҳои математика мегардад.

Вобаста ба ин, дар адабиёти методӣ ва тадқиқоти илмӣ роҷеъ ба ин мушкилот талаботу шартҳое, ки барои ҳалли масъалаҳои амалӣ пешниҳод шудаанд, барои масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта низ дуруст мебошанд [1; 4; 14; 15; 18; 20; 21]:

- ҳалли ҳама гуна масъалаҳои амалиро бояд аз таҳлили шарти он оғоз намуд, ки дар натиҷа бояд алоқамандии математикии миёни бузургиҳо ва қиматҳои ададии масъала, ки онҳо мазмун ва муҳтавои масъаларо ифода мекунанд, барқарор карда шавад;
- пеш аз оғози ҳалли масъала бояд модели математикии масъалаи амалӣ сохта шавад;
- ҳалли масъала бояд ба намуди умумӣ, бо мафҳумҳо ва аломатҳои ҳамон соҳаи илме, ки барои сохтани модели абстрактии масъала қулай мебошад, гузаронида шавад;
- ҷавоби ниҳоии масъала бояд ба забони амалӣ, ба ҳамон забоне, ки масъала тартиб дода шудааст, татбиқ шавад, яъне натиҷаи масъала бояд шарҳ дода шавад.

Ба курси алгебраи мактаби асосӣ дохил намудани масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта, пеш аз ҳама бо пурра намудани мазмуну мундариҷаи маводи назариявӣ асос гузошта, ба мақсадҳои зерин ноил гаштан мумкин аст:

а) ғанӣ гардонидани ин курс бо масъалаҳои наве, ки ҳам дар ҷанбаҳои таҳсилоти умумӣ ва ҳам дар ҷанбаҳои амалӣ муҳим мебошанд;

б) пурзур намудани таваҷҷӯҳ барои ташаккули маҳорату малакаи хусусияти амалидошта.

Самти дуюми тақвияти амалии курси алгебраи мактабӣ ин аз нав дида баромадани як қатор мисолу масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта бо мақсади дар он ворид намудани мисолу масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта мебошад ва он имкон медиҳад, ки:

а) таносуби мисолу масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта дар низоми умумии таълими математика, таваҷҷӯҳ ба истифодаи донишҳои андӯхташуда ва ташкили фаъолиятҳои гуногуни хонандагон дар синф афзоиш гардад;

б) таваҷҷӯҳи хонандагон дар математикакунонии ин ҳолат бо роҳи ҳалли махсуси масъалаҳои интихобшуда пурзӯр гардад;

в) нақшаи вазифаҳо бо ҷалби масъалаҳои мазмуни амалидошта, масъалаҳо аз фаъолияти воқеии хонандагон аз фанҳои ба ҳам наздик ғанӣ гардонида шавад;

г) маҳдудияти оқилонаи мушкилот ва душвориҳои мисолу масъалаҳо, ки ҳангоми иҷрои онҳо малакаҳои мувофиқ ташаккул меёбанд.

Аён аст, ки омӯзиши мафҳумҳои математикӣ, сарфи назар аз тафсири назариявии онҳо, бояд дар асоси амалӣ бунёд гарданд. Албатта, илм омӯзиши абстрактии мафҳумҳоро талаб менамояд, чунки аз ибтидо ташаккули мафҳумҳои математикӣ ба амалия такя мекунад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки агар донишҳо бидуни истифодаи амалия ба даст оварда шаванд, он гоҳ онҳо донишҳои расмӣ набуда, онҳо мақсад ва вазифаҳои азхудкунии назариявӣ ва амалии усулҳо ва технологияҳои муосирро иҷро намекунанд.

Одамон дар ҳаёти худ як қатор масъалаҳои мухталифро ҳал мекунанд. Бо вуҷуди ин, онҳо ба фаъолияти амалии гуногун машғул шуда, мудом ба зарурияти дар назди худ мустақилона гузоштани масъала, шарҳу тафсир додани мундариҷаи он ва бо усулҳои маълум ҳал кардани масъала дучор мегарданд. Бахусус, ҳалли ин масъалае, ки он дар амалия ба вуҷуд меояд, асоси зиндагии ҳар як мутахассисро ташкил медиҳад.

Инчунин зарурати истифодаи масъалаҳои математикии мазмуни иқтисодидошта дар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ҳангоми омӯзиши математика тарзе муайян карда мешавад, ки дар ҷаҳони муосир иқтисодиёт дар ҳаёти ҳаррӯза нақши калонеро дорад. Аммо дар иқтисодиёти муосир, математика яке аз воситаи асосие мебошад, ки тавассути он хулосаҳои зарурӣ бароварда шуда, қарорҳои дахлдор қабул карда мешавад.

Дар раванди ҳалли чунин масъалаҳо, ба хонандагон истифодабарии амалии мафҳумҳои абстрактии математикиро, ки дар ҳаёти ҳамарӯзаи мо вомехӯранд, ҳамчун маводи айёнӣ фаҳмониданн лозим аст. Ҳамаи ин амалҳо нақши ин гуна масъалаҳоро дар амалисозии мақсади асосии таълими математика - омӯзишии истифодаи математикаро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти инсон баланд мебардорад. Тавре, ки равоншиноси маъруфи амрикоӣ Торндайк навиштааст: “Ҳал намудани масъалаҳо дар мактаб ба хотири ҳалли мушкилот дар ҳаёт арзи вуҷуд дорад”.

Педагоги рус А. С. Симонов қайд мекунад, ки “ҷомеаи муосири Русия дар ҷаҳони иқтисодигардонидашуда зиндагонӣ мекунад, аммо математикаи мактабӣ ва инчунин дигар фанҳо ба ин хусусиятҳо мутаасир (бепарво) мебошанд” [13, с. 121].

Имрӯз, ҳангоме, ки масъалаи саводнокии иқтисодӣ ва фарҳанги иқтисодии ҷомеа ба миён гузошта шудааст, хатмкунандагони мактабҳои муосир бояд на дар ҳамаи фанҳои омӯзишӣ оиди аҳамиятнокии ҳамаҷонибаи иқтисодиёт тасаввурот ва фаҳмишҳои дурусту саҳеҳ дошта бошанд.

Дар робита ба ин, як қатор корҳои илмӣ оиди дар курси математикаи мактабӣ дохил намудани масъалаҳои мухталифи амалии мазмуни иқтисодидошта таълиф карда шудаанд. Дар тадқиқоти педагогҳо Н. Б. Мелникова, Э. С. Беляева, С. Гараев, В. Ф. Любичева, Е. Ю. Никонова, Л. Д. Рябоконева, А. Г. Еленкин, С. Г. Григорьев, А.С. Симонов, Н. А. Бурмистрова, Э. А. Локтионова, А. А. Коротченкова, Д. В. Никаноренкова, Н. А. Хоркина, О. А. Клименкова ва дигарон; дар асарҳои илмию методии И. И. Баврин, Т. В. Малкова, А. А. Митскевич, В. М. Монахов, А. С. Симонов, Н. А. Терешин, И. М. Шапиро ва муаллифони дигар масъалаҳои истифодабарии аппарати математикӣ барои ҳалли масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта дар мактабҳои миёна ва макотиби олӣ баррасӣ карда шудаанд.

Дар ин асарҳо дар назар дошта шудааст, ки ба курси математикаи мактаби миёна ворид намудани масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта ба баланд шудани сатҳи рушди математика таъсир расонида, ба таълими иқтисодӣ ва мустаҳкамкунии самти амалии курси математика мусоидат мекунад.

Ташаккули унсурҳои фарҳанги иқтисодии хонандагон (саводнокии иқтисодӣ ва хусусиятҳои иҷтимоиву психологии шахсият), қатъи назар ба курси математикаи мактабӣ ворид намудани қисматҳои иловагӣ ва ғайрианъанавӣ, барои ишғоли мавқеи иқтисодии бахшҳои умумитаълимӣ, мусоидат мекунад:

1) ҳангоми намоиши (нишон додани) татбиқи маводи математикии омӯхташаванда дар иқтисодиёт, ки тавассути як қатор масъалаҳои иқтисодӣ пешниҳод карда мешаванд;

2) дар самти курси мазкур ба ташаккули хусусиятҳои психологии аз ҷиҳати иқтисодӣ муҳим дар шахсият, асосан тавассути системаи мисолу масъалаҳои алтернативӣ.

Нақши вазифаҳоро дар раванди таълими математика таҳлил намуда, бояд қайд намуд, ки ҳар як масъалаи ихтиёрӣ барои амалӣ намудани якчанд ҳадафҳои мушаххаси таълими математика нигаронида шудааст. Дар адабиёти психологӣ-педагогӣ [5; 10; 12; 16; 17] қайд карда мешавад, ки масъалаҳои математикаи мактабӣ воситаи самарабахши

азхуд намудани мафҳумҳо ва усулҳои курси мактабӣ дар математика буда, онҳо барои фароҳам овардани заминаҳои рушди тафаккури мантиқӣ, азхудкунии малакаҳои тафаккури дедуктивӣ, ташаккули амиқӣ ва мувофиқат дар баёнияи даҳонӣ дар бораи андешаҳои онҳо мебошад.

Академикон Л. В. Канторович ва С. Л. Соболев [3, с. 11] қайд мекунанд, ки хатмкунандаи мактаб бояд тафаккури қатъии мантиқӣ ва қобилияти тафаккури ассотсиативӣ дошта бошад ва алоқаи байни зуҳуроте, ки дар моделҳои математикӣ ошкор карда мешаванд, донад ва онҳоро барқарор намояд. Ҳалли мушкилоти татбиқшаванда бо мундариҷаи иқтисодӣ ба рушди сифатҳои тафаккур, инчунин мустақилият ва танқиди тафаккур, амиқӣ ва суръати фикр мусоидат мекунад.

Азбаски ҳал кардани масъалаҳои дилхоҳи математикии мазмуни иқтисодидошта бо истифодаи аппарати математикӣ тадқиқи вазъи воқеиро дар назар дорад, бинобар ин масъалаҳои математикии мазмуни иқтисодидошта дар ташаккули маҳорату малакаи тадқиқотӣ таъсири калонеро мерасонанд.

Оиди ғанӣ гардонидани фанҳои таълимии мактабӣ бо масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта математика нақши муҳимро мебозад. Ин маънои онро дорад, ки як қисми муайяни мушкилоти иқтисодӣ тавассути аппарати математикӣ, ки дар курси математикаи мактабӣ пешниҳод гардидааст, ба таҳлил фаро гирифта мешаванд. Ҳамкории мутақобилаи математика ва иқтисодиёт манфиати дутарафаро ба бор меорад: математика соҳиби имкониятҳои васеи татбиқҳои гуногун гардида, иқтисодиёт бошад - воситаи тавоное барои гирифтани донишҳои нав мегардад.

Дар барномаи таълимии курси математикаи мактабӣ ворид намудани донишҳои иқтисодӣ ба омӯзиши амиқтари ҳам математика ва ҳам татбиқи иқтисодӣ мусоидат мекунанд. Чунин масъалаҳо дониши хонандагонро фаъол сохта, ҳавасмандиро ба таълим меафзоянд ва дар хонандагон таваҷҷӯҳи равшани донишро бедор мекунанд.

Дар курси математикаи мактабӣ алгоритмҳои зиёде мавҷуданд, ки бе ягон шарҳу тавзеҳ дода шудаанд. Пуррагардонидани ин алгоритмҳо бо шарҳу тавзеҳоти иқтисодӣ имкон медиҳад, ки дониши иқтисодии хонандагон густариш ёбад. Барои мустаҳкам кардани самти иқтисодӣ дар баъзе мавзӯъҳои курси алгебраи мактабӣ бояд масъалаҳое дохил карда шаванд, ки барои моделсозии вазъиятҳои амалӣ истифодаи айёнии донишҳои математикӣ фароҳам оварда шаванд ва ё баръакс - роҳи баромадан аз формула ба амалияро нишон диҳад, қудрати абстрактии математикаро тавассути мисолу масъалаҳои зуҳуроти гуногуни иқтисодӣ, ки ҳамон модели математикиро тавсиф мекунад, нишон диҳанд.

Як ҳолати хеле муҳимро бояд бори дигар қайд намуд: омӯзиши унсурҳои иқтисодиёт метавонанд бо ду роҳ сурат гиранд: якум, дар доираи барномаи стандартӣ дар математика бидуни ҷалби маводи нави математикӣ баъзе бахшҳои математикаи элементарӣ. Амалисозии истифодаи масъалаҳои математикии мазмуни иқтисодидошта метавонад ҳам дар дарсҳои синфӣ ва ҳам дар машғулиятҳои берунасинфӣ иҷро карда шавад, аммо ба ҳар ҳол қисми асосии маводи омӯхташаванда бояд дар дарсҳо омӯзонида шавад.

Дар айни замон, универсалӣ будани қонунҳои эҳтимолӣ-оморӣ равшан шуда истодааст. Бисёре аз илмҳо, аз ҷумла иқтисодиёт, дар асоси эҳтимолияти оморӣ рушд мекунад. Аммо, дар курси муосири алгебраи мактабии кишвари мо омӯзиши масоили омори математикӣ ва назарияи эҳтимолият амалан вуҷуд надорад. Танҳо дар Россия як маҷмӯаи таълимӣ, ки таҳти таҳрири Г.В. Дорофеев [7; 8; 9] таълиф дода шудааст, ба рӯйхати адабиёти таълимии федералӣ дохил карда шуда, дар он саволҳои омори математикӣ ва назарияи эҳтимолият дохил карда шудааст.. Ҳоло дар мамлакати мо оид

ба воридкунии маводи эҳтимолӣ-оморӣ дар таълими математикаи мактабӣ қарорҳои дахлдор қабул карда мешаванд.

Дар асарҳои В. В. Фирсов, Г. В. Дорофеев, Л. Д. Рябоконева, Э. А. Локтионова, Н. А. Бурмистрова чунин қайд шудааст, ки масъалаҳои омори математикӣ ва элементҳои назарияи эҳтимолиятро ба доираи донишҳои хонандагон дохил кардан зарур аст, зеро дониши ибтидоии омори математикӣ на танҳо дар фаъолияти касбии онҳо, инчунин дар ҳаёти ҳамарӯзаашон низ муфид аст.

Ворид намудани фаслҳои омори математикӣ ба курси алгебра барои дар хонандагон ташаккул додани чунин малакаҳои муҳими ҷомеаи муосир, аз қабили фаҳмиш ва шарҳи натиҷаҳои таҳқиқоти оморӣ, ки дар иқтисодиёт бо таври васеъ ифодаи худро ёфтаанд, равона карда шудааст.

Хусусияти муҳимтарини масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта – ин тавсифи миқдории ҷанбаҳои раванди иқтисодиёт, ҳодиса ё падидаи иқтисодӣ бо забони матнӣ мебошад. Вазъиятҳои иқтисодие, ки дар шартҳои чунин масъалаҳо ифода карда шудаанд, ҷузъҳои таркибии онҳо мебошанд. Дар ин ҳолат, муайян намудани робитаи мутақобила ва муносибатҳои миқдории байни ҷузъҳои масъала ва усулҳои ҳалли он ба рушди азхудкунии математикии хонандагон мусоидат намуда, дар асоси таҳлили иқтисодӣ, муайян намудани алоқамандии мутақобилаи омилҳои иқтисодӣ дар тарбияи иқтисодии хонандагон кӯмак мерасонад. Бинобар ин, ба ғайр аз иҷрои вазифаҳои муқаррарии худ дар дарсҳои математика (аз ҷумла дар дарсҳои алгебра), ин масъалаҳо воситаи самарабахши маълумоти иқтисодӣ ва таълими хонандагон мебошанд.

Ҳангоми истифодаи супоришҳои сужавӣ, воситаҳои асосии омодагии иқтисодии хонандагон, ташаккули ақидаҳо ва эътимоди муносиб ба масъалаҳо ин мазмуну мундариҷаи онҳо, ҳалли ҳосилшуда ё шарҳ додани масъала аз ҷониби омӯзгор ва маълумоти мухтасари мавзӯи масъала мебошанд. Дар ин ҳолат ҳар яки онҳо самараи муайянеро медиҳанд, бахусус маълумоти интихобшудаи қулай ва аз ҷониби омӯзгор додани шарҳи онҳо ва шарҳ додани масъала дар раванди дарс вақти зиёдро мегиранд ва на ҳама омӯзгорон метавонанд мухтасар, моҳирона ва саривақт ин гуна маълумоти пурмазмуни масъаларо пешниҳод намоянд. Имконияти мақсаднок барои ба маълумоти хонандагон расонидани маълумоти иқтисодӣ оиди масъалаи мазкур бевосита тавассути мазмун ва мундариҷаи масъала, фаъолият дар ҳалли он ва гузориши саволҳо ба масъала пешниҳод карда мешавад.

Дар ҷараёни ҳалли масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта қобилияти муайян намудани робитаҳои сабаб ва натиҷагирӣ миёни омилҳои мухталифи иқтисодӣ ва тафсироти математикии онҳо пайдо мегардад. Гузашта аз ин, тавре ки Н. А. Терешин қайд менамояд, “таҳлили иқтисодии ҳолатҳои ҳаётии баррасишаванда аз рӯи натиҷаҳои ҳалли масъалаҳо, аз як тараф, ба ташаккули тафаккури математикӣ барои маводи мушаххас ва аз ҷониби дигар, дар натиҷаи шарҳи сифатӣ ва миқдорӣ дар консепсияҳои иқтисодӣ барои мустаҳкамкунӣ ва амиқсозии донишҳои иқтисодӣ мусоидат мекунад” [15, с 35].

**Адабиёт**


1. Ахлимерзаев А. Прикладная направленность изучения математического анализа в старших классах средней школы: Дисс... канд. пед. наук. - М.; 1991.-193 с.
2. Давыдов В.В. Проблемы развивающего обучения. - М.: Педагогика, 1986.-239 с.
3. Канторович Л.В., Соболев С.Л. Математика в современной школе. // Математика в школе. - 1979. - № 4. - с. 6-11.

4. Колмакова Н.Р. Прикладные задачи как средство пропедевтики основных понятий математического анализа в школе: Дисс. канд. пед. наук. - Красноярск; 1991. —169 с.
5. Крутецкий В.А. Психология математических способностей школьников. - М.: Просвещение, 1968. - 432 с.
6. Липсиц И.В. Экономика: Учебник для общеобразоват. учреждений. — М.: «Вита-Пресс», 1997. - 304 с.
7. Математика. Арифметика. Алгебра. Анализ данных. 7 класс: Учеб, для общеобразоват. учеб, заведений / Г.В. Дорофеев, С.Б. Суворова, Е.А. Бунимович и др.; Под ред. Г.В. Дорофеева. - М.: Дрофа, 1997. - 288 с.
8. Математика. Алгебра. Функции. Анализ данных. 8 класс: Учеб, для общеобразоват. учеб, заведений / Г.В. Дорофеев, С.Б. Суворова, Е.А. Бунимович и др.; Под ред. Г.В. Дорофеева. - М.: Дрофа, 2003. - 304 с.
9. Математика. Алгебра. Функции. Анализ данных. 9 класс: Учеб, для общеобразоват. учеб, заведений / Г.В. Дорофеев, С.Б. Суворова, Е.А. Бунимович и др.; Под ред. Г.В. Дорофеева. - М.: Дрофа, 2001. - 352 с.
10. Немов Р.С. Психология. Учеб, для студентов высших пед. учеб, заведений. В 3 кн. Кн. 2. Психология образования. - М.: Просвещение, Владос, 1994,- 496 с.
11. Романов А.А., Лукасевич И.Я., Титоренко Г.А. Компьютеризация финансово-экономического анализа коммерческой деятельности предприятий, корпорация, фирм: Учебное пособие. - М.: Интерпракс, 1994. - 280 с.
12. Рубинштейн С.Л. Основная задача и метод психологического исследования мышления // Хрестоматия по общей психологии. Психология мышления. Под ред. Ю.Б. Гиппенрейтер, В.В. Петухова. - М.: Изд-во Моек, ун-та, 1981. – С.181-189.
13. Симонов А.С. Математические модели экономики в школьном курсе математики: Дисс... доктора пед. наук. - Тула, 2000. - 328 с.
14. Сухорукова Е.В. Прикладные задачи как средство формирования математического мышления учащихся: Автореф. дисс... канд. пед. наук. - М.; 1997. - 17 с.
15. Терешин Н.А. Прикладная направленность школьного курса математики. — М.: Просвещение, 1990. - 96 с.
16. Фирсов В.В. О прикладной ориентации курса математики. // Углубленное изучение алгебры и анализа. Пособие для учителя. / Сост. С.И. Шварцбурд, О.А. Боковнев. — М.: Просвещение, 1977, с. 215-239.
17. Фридман Л.М. Наглядность и моделирование в обучении. - М.: Знание, 1984.-80 18. Фридман Л.М. Психолого-педагогические основы обучения математике в школе. - М.: Просвещение, 1983. — 160 с.
18. Хаймина Л.Э. Методика реализации прикладной направленности курса алгебры основной школы: Дисс. канд. пед. наук. - Архангельск; 1998. - 160 с.
19. Шапиро И.М. Использование задач с практическим содержанием в преподавании математики: Кн. для учителя. - М.: Просвещение, 1990. - 96 с.
20. Якиманская И.С. Индивидуально-психологические различия в оперировании пространственными отношениями у школьников // Вопросы психологии, 1976. - №3. - с.69-82.

# ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ВОЗМОЖНОСТИ АКТИВИЗАЦИИ ПРАКТИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ШКОЛЬНОГО КУРСА МАТЕМАТИКИ ЧЕРЕЗ РЕШЕНИЕ МАТЕМАТИЧЕСКИХ ЗАДАЧ ЭКОНОМИЧЕСКОГО СОДЕРЖАНИЯ

**МИРЗОРАХИМОВ МУРОДАЛИ ХАСАНБОЕВИЧ,**
заведующий кафедрой естествознания и математиких наук
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саид Носира, 33.
Тел.: (+992) 985-61-30-61. E-mail: murodali6161@ mail.ru
**НАЗАРОВА ЗАРРИНА СУЛАЙМОНОВНА,**
старший преподаватель кафедры высшей математики Таджикского государственного финансово-экономического университета.
734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14.
Тел.: (+992) 555-55-66-81. E-mail: mtmu4972@mail.ru

*В данной статье проанализированы нерешенные вопросы педагогических возможностей активизации практической направленности курса математики путем решения математических задач экономического содержания и ряд вопросов, связанных с этим вопросом. Автор рассказывает о главных идеях практического применения математического образования, общих требованиях к решению проблемы параллельной применимости курса математики, математических задачах практического характера, системе дидактических требований, задачах математического образования для получения определенного объема конкретных научных знаний, требований и условий решения задач экономического содержания, отмечает, что включение экономических знаний в учебную программу школьного курса математики способствует более глубокому изучению как математики, так и экономических приложений. Такие вопросы активизируют знания учащихся, повышают мотивацию к учебе, пробуждают у учащихся явный интерес к знаниям.*

***Ключевые слова***: *математика, экономика, практическая направленность, практическое направление, образование, практический вопрос, вопросы экономического содержания, цель, интеллектуальные операции, система дидактических требований, элементы экономии, научные идеи.*

# PEDAGOGICAL POSSIBILITIES OF PRACTICAL ACTIVITY OF THE SCHOOL COURSE OF MATHEMATICS THROUGH SOLVING MATHEMATICAL PROBLEMS OF ECONOMIC CONTENT

**MIRZORAHIMOV MURODALI HASANBOYEVICH,**
Head of the Department of Natural Science and Mathematics of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 985-61-30-61. E-mail: murodali6161@mail.ru
**NAZAROVA ZARRINA SULAYMONOVNA,**
Senior Lecturer, Department of Higher Mathematics,
Tajik State Financial and Economic University.
734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 64/14, Nakhimov str.
Phone: (+992) 555-55-66-81. E-mail: mtmu4972@mail.ru

*This article analyzes the unresolved issues of pedagogical opportunities to enhance the practical orientation of the mathematics course by solving mathematical problems of economic content and a number of issues related to this issue. The author talks about the main ideas of the practical application of mathematical education, general requirements for solving the problem of*

*parallel applicability of a mathematics course, mathematical problems of a practical nature, a system of didactic requirements, tasks of mathematical education to obtain a certain amount of specific scientific knowledge, requirements and conditions for solving problems of economic content, it is necessary, notes that the inclusion of economic knowledge in the curriculum of the school mathematics course contributes to a deeper study of both mathematics and economic applications. Such questions activate students' knowledge, increase motivation to study, awaken students' clear interest in knowledge.*

***Keywords:*** *mathematics, economics, practical orientation, practical direction, education, practical issue, issues of economic content, goal, intellectual operations, system of didactic requirements, elements of economy, scientific ideas.*

УДК: 338.1

# РАВИШҲОИ НАЗАРИЯВӢ ОИД БА ТАҲҚИҚИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ МИНТАҚА

**БОБОМУРОДОВ ПАРВИЗ УКТАМОВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷменти
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 904-12-62-63. E-mail: pbobomurodov@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур равишҳои назариявӣ оид ба таҳқиқи рушди инноватсионии минтақа мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ба андешаи муаллиф имрӯз инноватсияро ҳамчун омили пешбарандаи рушди системаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ташаббускорӣ дар раванди навоварронаи соҳибкор ва омили асосии эҳёи иқтисодиёт тавассути дигаргунсозии он, инчунин марҳилаи рушд дар давраи миёнамӯҳлат ва дарозмуддат арзёбӣ намудан мумкин аст. Инчунин муаллиф қайд менамояд, ки дар шароити муосир инноватсияҳо беш аз пеш воситаи асосии рушди на танҳо субъектҳои алоҳидаи хоҷагидор, балки минтақаҳо ва кишварҳо гардидаанд. Дар давраи рушди босуръати иқтисодӣ, ки дар натиҷаи пешрафти техникӣ ва иттилоотӣ ба вуҷуд омадааст, ҷорӣ кардан, паҳн намудан ва истифодаи қарорҳои инноватсионӣ бояд на танҳо ҳамчун зарурати кафолати ҳифз ё баланд бардоштани рақобатпазирии худ, балки ҳамчун зуҳуроти замонавии ташкилотҳое, ки чунин лоиҳаҳоро амалӣ мекунанд, пешбарӣ карда шавад. Дар ин вазъият, беш аз пеш субъектҳо, минтақаҳо ва кишварҳо саъю кӯшиши худро ба фаъолиятҳои марбут ба эҷод, паҳнкунӣ, рушд ва тиҷоратикунонии инноватсияҳо равона карда, онҳоро ҳамчун имкониятҳои рушди динамикӣ ва муваффақият дар бозорҳои маҳаллӣ, миллӣ, байналмилалӣ ва ҷаҳонӣ арзёбӣ менамоянд.*

***Калидвожаҳо:*** *инноватсия, давлат, иқтисоди инноватсионӣ, назария, соҳибкорӣ, иқтисодиёт, иқтисодиёти миллӣ, рушди инноватсионӣ, минтақа, рушди минтақа, дигаргунсозии иқтисодиёт, рақобат, маҳсулоти инноватсионӣ, фаъолияти инноватсионӣ.*

Дар давоми зиёда аз 70 соли охир накши дониш ва инноватсия дар рушди иқтисодӣ-ичтимоӣ беандоза афзуда истодааст. Баъзе аз муҳаккиқон оғози асри XXI –ро “даврони иттилоот ва инноватсия” меноманд. Дониш ва инноватсия на танҳо нигоҳи одамонро ба ҷаҳони муосир дигар кардааст, инчунин яке аз омилҳои асосии рушди иқтисодӣ-иҷтимоии ҷамъият ба ҳисоб меравад. Таҳқиқотҳои назариявӣ нишон медиҳанд, ки пешрафти иқтисодӣ-иҷтимоии ҷамъият махсусан тавассути раванди инноватсионӣ ва тавлиди донишҳои нав ба вуҷуд меояд. Дар ин раванд, бо ихтироъ ва ҷорӣ намудани технологияҳои нав дар бахши хоҷагидорӣ дигаргуниҳои амиқи сохторӣ ба амал омада, соҳаҳои нав ташкил ва ҷойҳои нави корӣ ба вуҷуд меоянд.

Тамоюлҳои имрӯзаи рушд нишон медиҳад, ки таъмини дарозмудати иқтисодии он танҳо тавассути омилҳои интенсивии рушд имконпазиранд. Ба назари мо дар оянда такрористеҳсолии васеъро танҳо бо роҳи ҷорӣ намудани дастовардҳои илмӣ ба истеҳсолот, яъне бо роҳи фаъол гардонидани фаъолияти навоваронаю эҷодии субъектони хоҷагидор таъмин кардан мумкин аст. Аз ин рӯ, рақобати шадид ва рушди босуръати прогресси илмӣ-техникӣ роҳи инноватсионии рушди субъектҳои хоҷагидориро дар ҳамаи сатҳҳо (корхонаҳо, ташкилотҳо), аз ҷумла дар минтақа муайян намудааст.

Рушди инноватсионӣ равандҳои дигаргунсозии низоми иқтисодиро дар ҳамаи сатҳҳо, аз ҷумла аз сатҳи хоҷагидории хонаводаҳо ва субъектҳои алоҳидаи хоҷагидор то низоми иқтисодиёти миллӣ ва системаи глобалии ҷаҳонӣ дар шароити муосир фаро мегирад. Дар ташаккул ва рушди ин масъала муҳаққиқони хориҷӣ, Й. Шумпетер, Н. Кондратев, Г. Менш, С. Кузнетс, Б. Твисс, М. Портер, К. Фримен, Ф. Хайек, Н.И.

Лапин, Л. Лейдесдорф ва дигарон саҳми арзанда гузоштаанд. Илова бар ин, корҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ Комилов С.Ҷ., Файзуллоев М.Қ. Абдуғафаров А., Алибоева М., Каримова М., Қурбонов А.К., Султонов З.С., Умаров М.М., Раҷабов Р.К., Низомова Т.Д., Мирсаидов А.Б., Раҳмонов Ҷ.Р. ва дигарон ба масъалаҳои рушди инноватсионии минтақа вобаста ба хусусиятҳои соҳаи иқтисодиёт ва саноат бахшида шудааст.

Мафҳуми «инноватсия» аввалин маротиба дар корҳои илмии иқтисодчии австриягӣ ва америкоӣ Й. Шумпетер мавриди истифода қарор гирифтааст. Й. Шумпетер яке аз аввалин олимонест, ки истилоҳи «инноватсия» -ро дар оғози асри XX ба илми иқтисод ворид намудааст. Ба ақидаи ӯ, «инноватсия - ин як навъи фаъолияти илмию ташкилии тағйирёбандаи омилҳои истеҳсолӣ мебошад, ки тавассути фаъолияти соҳибкорӣ ташаккул меёбад»[10, с.24].

Дар таҳқиқоти худ «Назарияи рушди иқтисодиёт» Й. Шумпетер қайд менамояд, ки «дар натиҷаи таҳлили «комбинатсияи инноватсионӣ» дар рушди низоми иқтисодӣ тағйиротҳо ба вуҷуд меоянд. Динамикаи иқтисодӣ ба татбиқи навовариҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти хоҷагидорӣ асос ёфта, натиҷаи инноватсия ин таъсир ба равандҳои иқтисодӣ ва ё новобаста ба маҳсулот мебошад»[10, с.36]. Дар ин маврид мо ба ақидаи Й. Шумпетер мувофиқ ҳастем. Дар ҳақиқат имрӯз инноватсияро ҳамчун омили пешбарандаи рушди системаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ташаббускорӣ дар раванди навоваронаи соҳибкор ва омили асосии эҳёи иқтисодиёт тавассути дигаргунсозии он, инчунин марҳилаи рушд дар давраи миёнамӯҳлат ва дарозмуддат арзёбӣ намудан мумкин аст.

Бояд қайд намуд, ки дар шароити муосир инноватсияҳо беш аз пеш воситаи асосии рушди на танҳо субъектҳои алоҳидаи хоҷагидор, балки минтақаҳо ва ҳатто кишварҳо гардидаанд. Дар давраи рушди босуръати иқтисодӣ, ки дар натиҷаи пешрафти техникӣ ва иттилоотӣ ба вуҷуд омадааст, ҷорӣ кардан, паҳн намудан ва истифодаи қарорҳои инноватсионӣ бояд на танҳо ҳамчун зарурати кафолати ҳифз ё баланд бардоштани рақобатпазирии худ, балки ҳамчун зуҳуроти замонавии ташкилотҳое, ки чунин лоиҳаҳоро амалӣ мекунанд, пешбарӣ карда шавад. Дар ин вазъият, беш аз пеш субъектҳо, минтақаҳо ва кишварҳо саъю кӯшиши худро ба фаъолиятҳои марбут ба эҷод, паҳнкунӣ, рушд ва тиҷоратикунонии инноватсияҳо равона карда, онҳоро ҳамчун имкониятҳои рушди динамикӣ ва муваффақият дар бозорҳои маҳаллӣ, миллӣ, байналмилалӣ ё ҷаҳонӣ арзёбӣ менамоянд.

Бо дарназардошти ақидаҳои олимони ватанӣ оид ба масъалаи инноватсия, ки дар солҳои охир, хусусан дар даврони истиқлолият аз тарафи бисёре аз олимон ин истилоҳ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор мегирад, профессор Файзуллоев М.Қ. қайд менамояд, ки «яке аз шароитҳои асосии фаъолияти самараноки системаи инноватсионии миллӣ ин ҳамкорӣ ва ҳамбастагии давлат ва муҳити ташкилдиҳандаи навовариҳо, ки шабакаи ягонаро ташкил медиҳанд, дар ин васила азхудкунии озоди дониш, ақида, таҷриба, иттилоот ва инноватсия, ҳамчунин дар системаи инноватсионии миллӣ ва ҳам берун аз он таъмин карда мешавад»[9, с.19].

Мутаассифона солҳои охир ба масъалаи рушди инноватсионӣ ва муваффақиятҳои иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа (рушди иқтисодӣ, афзоиши рақобатпазирӣ, афзоиши фаъолияти соҳибкорӣ ва некӯаҳволии аҳолӣ ва ғайра) таваҷҷӯҳи кам зоҳир мегардад. Бояд қайд намуд, ки “минтақа” ҳудуди мушаххасест, ки аз дигар ҳудудҳо бо баъзе хусусиятҳои хос (иқтисодӣ, этникӣ, иҷтимоӣ ва ғайра) фарқ мекунад. Аз ин рӯ, ба ақидаи мо дар шароити муосир “минтақа” ин ҳудуди муайяне мебошад, ки робитаи мутақобилаи унсурҳои таркибии худ, яъне робитаи маҷмӯи субъектҳо ва объектҳои раванди инноватсиониро бо мақсади амалӣ намудани рушди

иқтисодӣ дар асоси дастовардҳои инноватсионӣ ва пешрафти илмӣ-техникӣ ифода мекунад.

Имрӯз минтақаҳо форматсияҳои кушодаи иқтисодиро пешниҳод менамоянд, ки аз бисёр зерсистемаҳои иқтисодӣ иборатанд. Ба шарофати ин сифатҳо онҳо имкони рушди инноватсионӣ, тавассути тавсеаи равобит бо дигар минтақаҳоро пайдо мекунанд. Рушди инноватсионии минтақа на танҳо равандҳои инноватсионӣ, балки таҳияи системаи омилҳо ва шароитҳое мебошад, ки барои татбиқи он заруранд.

Ҳамин тавр, рушди инноватсионии минтақа ҳамгироии соҳаи илмӣ-техникӣ дар равандҳои иҷтимоию иқтисодии рушди минтақаро дар назар дорад, ки маънои ташаккули низоми институтҳоро доро мебошад ва ба тавлиди инноватсия ва эҷоди бозорҳои нави маҳсулот ва хидматрасонии технологӣ қодир мебошад, ки дар натиҷа низоми инноватсионии минтақавӣ ташаккул ва рушд меёбад.

Аслан, тамоюлҳои асосии ҷаҳонии ташаккули ҷомеаи муосир дар гузариш аз иқтисодиёти захиравӣ-саноатӣ ба иқтисодиёти нав (захираҳои зеҳнӣ, технологияҳои доништалаб ва иттилоотӣ) асос ёфтааст. Дар иқтисодиёти кишварҳои пешрафта, ки асосан ба рушди инноватсионӣ нигаронида шудаанд, чунин системаи муносибатҳои байни истеҳсолот, ҷомеа ва илм ташаккул меёбад, ки дар он навоварӣ асоси рушди ин категорияҳо буда, онҳо дар навбати худ омили ҳавасмандкунанда мебошанд.

Ба назари мо, таърифи пешниҳодкардаи муҳаққиқ Д.И. Кокурин моҳияти рушди инноватсиониро пурратар инъикос намудааст. Ба ақидаи муҳаққиқ, рушди инноватсионӣ «ин самти махсуси инноватсионии мақсадҳо, роҳҳои ноил шудан ба онҳо, «танзим»-и махсуси инноватсионии механизми таъсиррасонии давлат ба равандҳои иқтисодӣ ва худидоракунии бозор мебошад, ки самти робитаҳо дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт асосан бо назардошти истифодаи маҷмӯии инноватсияҳо дар раванди истеҳсолоти мол ва хизматҳо ба амал бароварда мешавад, инчунин шаклу усулҳои танзим бо назардошти самаранокии таъсир аз нав тақсим карда мешаванд»[6, с.62].

Ҳамин тариқ, барои ошкор сохтани моҳияти «рушди инноватсионӣ» як қатор принсипҳои ташкили онро, ки шароитҳои заруриро барои татбиқи он инъикос менамоянд, муайян кардан лозим аст.

Ба ақидаи М. Кастеллс, рушди инноватсионии минтақа ба принсипҳои зерин асос меёбад [4, с.48]:

1. Рушди инноватсионии минтақа дар муҳити инноватсионӣ сурат мегирад;

2. Раванди рушди инноватсионии минтақа бо системаи инноватсионӣ ташкил карда мешавад;

3. Рушди инноватсионии минтақа ба қобилияти тафаккур ва дарки инноватсионии ҳам шахс ва ҳам тамоми ҷомеа асос меёбад;

4. Самаранокии рушди инноватсионии минтақа бевосита аз фарҳанги инноватсионии минтақавӣ вобаста аст, яъне системаи таҳияшудаи ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ.

5. Сиёсати давлатии инноватсионӣ ба рушди инноватсионии минтақа таъсири идоракунанда мерасонад;

6. Қобилияти минтақа ба рушди инноватсионӣ аз рӯи сатҳи иқтидори инноватсионии минтақа тавсиф карда мешавад.

Бояд гуфт, ки ҳадафи асосии рушди инноватсионии минтақаҳо баланд бардоштани сатҳи фаъолияти инноватсионии иқтисодиёти минтақа тавассути ташкили истеҳсолот бо технологияҳои навтарин дар асоси истифодаи меҳнати зеҳнӣ ва эҷоди арзиши баланди иловагии маҳсулот мебошад.

Дар шароити имрӯза рушди инноватсионии минтақа яке аз самтҳои барномаи рушди маҷмӯии минтақаҳо мебошад, ки он инчунин тараққиёти ҳамаи соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ, ғайриистеҳсолӣ ва иҷтимоиро дарбар мегирад.

Ба ақидаи Т.Н. Похилко, рушди инноватсионии минтақа ҳамчун фаъолияти субъектҳои рушди инноватсионӣ ба назар мерасад, ки истифодаи самараноки иқтидори захиравии минтақа, таҳким ва тавсеаи робитаҳои иқтисодии он, баланд бардоштани шиддатнокии равандҳои сармоягузорӣ, рушди инфрасохтори инноватсиониро дар бар мегирад, ки оқибат ва мақсади асосӣ баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии минтақа мебошад [7, с.152].

Г.И. Идзиев дар асари худ «Рушди инноватсионӣ»-ро аз ду мавқеъ таҳқиқ менамояд. Ин аз як тараф фаъолона ҷорӣ кардан ва ба бозор пешбарӣ намудани маҳсулотҳои инноватсионӣ бошад, аз тарафи дигар васеъ намудани такрористеҳсолии сармояи корхона дар асоси истифодаи технологияҳои инноватсионӣ, гузаштан ба заминаи нави технологӣ мебошад [3, с.24].

Бо назардошти ин мавқеъҳои муаллифони гуногун метавон дар таърифҳои онҳо як риштаи умумиро мушоҳида кард. Яъне рушди инноватсионии минтақа истифодаи самаранок ва такмили иқтидори инноватсиониро дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили нуқтаи назари олимони соҳа ба хулосае омадан мумкин аст, ки рушди инноватсионии минтақаро метавон ҳамчун як раванди мураккаби рушди устувори соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, экологӣ, иҷтимоӣ, фазоиву маънавии он муаррифӣ кард, ки боиси дигаргуниҳои сифатӣ ва баланд шудани сатҳи зиндагӣ дар минтақа мегардад.

Ба ақидаи мо, рушди инноватсионии минтақа ҳамчун раванди системавии рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақа, ки ба дониш ва навоварӣ асос ёфта, амалӣ намудани афзалиятҳои рақобатии минтақа тавассути истифодаи оқилонаи иқтидори инноватсионӣ ва таъмини баланд бардоштани дараҷа ва сифати зиндагонии аҳолиро дарбар мегирад. Ба андешаи мо, ин таъриф ба мо имкон медиҳад, ки рушди инноватсиониро як раванди системавӣ баррасӣ кунем, зеро он мураккаб ва динамикӣ буда, татбиқи як қатор ғояҳоро дар назар дорад, ки на танҳо раванди технологӣ ё истеҳсолот, балки тамоми системаро дар бар мегирад.

Бояд қайд кард, ки дар айни замон инноватсия зинаи асосии таъсиррасонанда дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти ҳаётии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Бештари олимон қайд мекунанд, ки рушди инноватсияҳо ба қувваи асосии ҳаракатдиҳандаи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мубаддал гаштааст. Дар ин маврид бояд қайд кард, ки рушди иқтисодӣ, хусусан, ба системаҳои гуногуни иқтисодиёт хос аст. Аммо на ҳамаи системаҳо барои рушди иқтисодӣ аҳамияти назаррас доранд. Ҳамчунин системаҳое вуҷуд доранд, ки худ аз худ рушдёбандаанд ва барои муҳити беруна тағйироти назаррасро ба вуҷуд меоранд. Ба ин гуна системаҳо системаҳои инноватсионӣ алоқамандӣ дорад.

Дар таҳқиқоти сиёсати технологӣ дар Ҷопон мафҳуми “системаи инноватсионӣ”-ро бори нахуст соли 1987 К. Фриман истифода бурда буд. Муаллиф аввалин шуда ба илм унсурҳои асосии системаи инноватсионии Ҷопонро ҷорӣ кард, ки дар навбати худ дар солҳои баъдиҷангӣ рушди иқтисодиро таъмин намуд. Хусусиятҳои махсуси системаи инноватсионии Ҷопонро К. Фриман чунин пешниҳод карда буд:

1. дастгирии давлатии молиявӣ ба ҳамаи соҳаҳо ва соҳаҳое, ки ба фаъолияти инноватсионӣ машғуланд;

2. тақсимоти оқилонаи ҳамаи сармоягузориҳои хориҷӣ ба ин соҳа;

3. ҳавасмандгардонии тамоми соҳибкорони ватанӣ оид ба ворид намудани техника ва технологияҳои нав;

4. ҳифзи истеҳсолкунандагони ватанӣ аз воридоти беруна тавассути муқаррар намудани боҷҳои баланд ва монеаҳои ғайритарифӣ;

5. низоми махсус ва ҳисобдорӣ барои хӯрдашавии таҷҳизотҳое, ки ворид гардидаанд.

Таҳқиқоти дигаре, ки ба масъалаи инноватсия ва системаи инноватсионӣ бахшида шудааст, ин китоби «Системаи миллии инноватсионӣ» мебошад, ки соли 1992 зери таҳрири Б. Лундвалл ба табъ расидааст. Б. Лундвалл мафҳуми системаи инноватсиониро чунин муайян кардааст:

- мафҳуми системаи инноватсионии давлат фаҳмиши муосиртарини категорияи раванди инноватсиониро дар бар мегирад;

- мафҳуми системаи инноватсионӣ хусусиятҳо ва мазмуни асосии фаъолияти иқтисодиро, ки дар даҳсолаи охир ба амал омада буд ва идома хоҳад дод, пайдо мекунад;

- ҳамаи таҳқиқотҳо ва асарҳои илмие, ки ба системаи инноватсионӣ бахшида шудаанд, барои эҷоди сиёсати технологӣ, саноатӣ ва иқтисодӣ шароити мусоид фароҳам меоранд.

Дар асоси таҳқиқи назари гуногуни олимон хулоса баровардан зарур аст, ки имрӯз дар назарияи иқтисодӣ зери мафҳуми системаи инноватсионӣ системаҳои муттаҳидшуда фаҳмида мешаванд, ки дар ҷомеа дар якҷоягӣ фаъолият мекунанд [1, с.369]. Ҳамчунин системаи инноватсионӣ барои эҷод, нигоҳдорӣ ва паҳн намудани дониш, иттилоот ва технологияе, ки фаъолияташон ба ҳамкории доимӣ байни давлат, илм ва технология асос меёбад ва истеҳсолот ба такмили доимӣ ва такмили заминаи техникиву технологии рушди иҷтимоӣ мусоидат мекунад, фаҳмида мешавад. Мувофиқи маълумотҳои дар боло зикргардида, метавон қайд намуд, ки фаъолияти инноватсионӣ қисми таркибии системаи инноватсионӣ ба шумор меравад.

Фаъолияти инноватсионӣ дорои самтҳои бисёрҷониба ва бисёрнақша буда, аз навовариҳои технологӣ, ташкилӣ ва ҷамъиятӣ дар раванди татбиқи он, ки модели нави ташаккулёбӣ, азнавсозӣ ва истифодаи самарабахши захираҳои табиӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар кишвар нигаронида шудааст, иборат аст.

Аз диди назари соҳибкорӣ, фаъолияти инноватсионӣ – ин раванди эҷодии маҳсулоти нав аз ташаккули идеяи худ ба азхудкунии истеҳсолот, пешниҳод, татбиқ ва гирифтани самараи тиҷоратӣ мебошад. Барои муносибати бисёрҷониба фаъолияти инноватсионӣ - ҳамчун фаъолияти эҷодии натиҷавӣ, ки бо коркарди мақсадҳои нав ва комёбии мақсадҳои муайян бо таъсири воситаҳои нав алоқаманд аст. Мутобиқи назарияи фалсафӣ, фаъолияти инноватсионӣ ин равандест, ки илм, техника, иқтисодиёт, соҳибкорӣ ва идоракуниро ба ҳам мепайвандад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ фаъолияти инноватсионӣ ҷанбаҳои бисёрҷониба дошта, ягонагии навовариҳои технологӣ, ташкилӣ ва иҷтимоиро ба худ таҷассум менамояд, ки дар раванди он модели нави ташаккул, ислоҳот ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд, ки мақсад аз он баланд бардоштани дараҷаи зиндагонии аҳолии мамлакат мебошад.

Хулоса, дар натиҷаи таҳқиқи мавзӯи мазкур омилҳоеро муайян намудем, ки ба сатҳи рушди инноватсионии минтақа таъсир мерасонанд - истеҳсолӣ, ҳуқуқӣ, илмию технологӣ ва таълимӣ, иқтисодию молиявӣ, иттилоотӣ. Ҳамаи онҳо ба фароҳам овардани фазои мусоиди молиявию иқтисодӣ барои рушди инноватсионӣ мусоидат намуда, дар навбати худ ҷолибияти сармоягузории ҳудудҳоро афзоиш медиҳанд. Омилҳои системавӣ ба фаъолияти инноватсионии корхонаҳо, баланд бардоштани

рақобатпазирии маҳсулот ва хидматҳои истеҳсолшуда таъсири назаррас мерасонанд. Барои таҳияи назария ва методологияи рушди инноватсионии минтақаҳо, ба андешаи мо, бояд омилҳои мавҷуда, ки ба пешравии инноватсионӣ мусоидат мекунанд, бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ ва соҳавӣ ба назар гирифта шаванд. Аҳамияти амалии тадқиқоти мазкур ба мо имкон медиҳанд, ки стратегияи самараноки рушди фаъолияти инноватсионӣ бунёд гардад ва дар натиҷа ба рушди босифати иқтисодӣ дар маҷмӯъ дар минтақа ноил гардем.

**Адабиёт**


1. Бобомуродов П.У. Ҷанбаҳои назариявии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисоди инноватсионӣ. Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2022. № 2 (41). - С. 368-375.
2. Гармашова Е.П., Дребот А.М. Факторы инновационного развития региона // Вопросы инновационной экономики. – 2020. – Том 10. - № 3. - С. 1523-1534;
3. Идзиев Г.И. Инновационное развитие промышленности региона и его роль в формировании конкурентоспособных производств // Региональная экономика: теория и практика. – Москва, 2012. - № 48 (231). - С.24-30;
4. Кастельс М. Информационная эпоха: экономика, общества и культура/пер. с англ. под. ред. О.И. Шкаратана. - М., 2000. – 608 с.
5. Кокурин Д. И. Инновационная деятельность / Д. И. Кокурин. - М.: - Экзамен, - 2009. - 214с.
6. Кокурин Д. И. Инновационная деятельность / Д. И. Кокурин. - М.: Экзамен, 2009. - 576 с.
7. Похилько Т.Н. Инновационное развитие региона: - Ставрополь: СевКавГТУ, - 2010. – 152 с.
8. Сатторов Э.И., Олимов С.И. Методологические вопросы измерения благосостояния и исследования проблем их неравенства. Государственное управление. 2021. № 2 (51). С. 68-76.
9. Файзуллоев М.К. Формирование и развитие национальной инновационной системы Республики Таджикистан (методологические подходы и механизм управления). // Автореферат дис. на соис. уч. степ. докт. эко. наук. – М., 2012. – 40 с.
10. Шумпетер Й.А. Теория экономического развития / Й.А. Шумпетер. - Москва: Директ-Медиа, - 2007. – 400 с.


## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ПОДХОДЫ К ИССЛЕДОВАНИЮ ИННОВАЦИОННОГО РАЗВИТИЯ РЕГИОНА


**БОБОМУРОДОВ ПАРВИЗ УКТАМОВИЧ,**

кандидат экономических наук, доцент кафедры менеджмента
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан,
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Саид Носира, 33.
Тел.: (+992) 904-12-62-63. E-mail: pbobomurodov@mail.ru



*В данной статье изучены теоретические подходы к исследованию инновационного развития региона. По мнению автора, сегодня инновации можно рассматривать как ведущий фактор развития социально-экономических систем, инициативу в инновационном процессе предпринимателя и главный фактор оживления экономики путем ее модернизации, а также этап развития в среднесрочной и долгосрочной перспективе. Также автор отмечает, что в современных условиях инновации стали основным средством развития не только отдельных хозяйствующих субъектов, но и регионов и стран. В эпоху бурного экономического развития, вызванного техническим и информационным прогрессом, внедрение, распространение и*

*использование инновационных решений следует рассматривать не только как необходимость, гарантирующую защиту или повышение своей конкурентоспособности, но и как современное проявление деятельности организаций, которые реализуют такие проекты, чтобы продвигаться. В этой ситуации субъекты, регионы и страны как никогда концентрируют свои усилия на деятельности, связанной с созданием, распространением, развитием и коммерциализацией инноваций, оценивая их как возможности для динамичного развития и успеха на местных, национальных, международных и глобальных рынках.*

***Ключевые слова:*** *инновации, государство, инновационная экономика, теория, предпринимательство, экономика, национальная экономика, инновационное развитие, регион, региональное развитие, модернизации экономики, конкуренция, инновационная продукция, инновационная деятельность.*

## THEORETICAL APPROACHES TO THE STUDY OF INNOVATIVE DEVELOPMENT OF THE REGION

**BOBOMURODOV PARVIZ UKTAMOVICH,**
Candidate of Economic Sciences,
Associate Professor of the Management Department of
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Said Nosir str. 33.
Phone: (+992) 987-27-67-00. E-mail: pbobomurodov@mail.ru

*In this article, theoretical approaches to the study of the innovative development of the region are studied. According to the author, today innovation can be considered as a leading factor in the development of socio-economic systems, an initiative in the innovation process of an entrepreneur and the main factor in revitalizing the economy through its modernization, as well as a stage of development. in the medium and long term. The author also notes that in modern conditions, innovation has become the main means of development not only for individual economic entities, but also for regions and countries. In an era of rapid economic development caused by technical and informational progress, the introduction, dissemination and use of innovative solutions should be considered not only as a necessity that guarantees the protection or increase of their competitiveness, but also as a modern manifestation of the activities of organizations that implement such projects in order to advance. In this situation, subjects, regions and countries are more than ever focusing their efforts on activities related to the creation, dissemination, development and commercialization of innovations, evaluating them as opportunities for dynamic development and success in local, national, international and global markets. .*

***Keywords:*** *innovations, state, innovative economy, theory, entrepreneurship, economy, national economy, innovative development, region, regional development, economic modernization, competition, innovative products, innovative activity.*

УДК 342.743

# ОТВЕТСТВЕННОСТЬ ФИНАНСОВО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ РАБОТНИКОВ ПО ОСНОВНЫМ ВОПРОСАМ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЕЙ В СИСТЕМЕ НАЛОГОВЫХ ПЛАТЕЖЕЙ

**КУЗИН НИКОЛАЙ НИКОЛАЕВИЧ**,
кандидат технических наук, доцент кафедры гражданского права Российского государственного педагогического университета им. А.И. Герцена (г. Санкт-Петербург, набережная реки Мойки, д.48); доцент кафедры финансово-хозяйственной деятельности Санкт-Петербургского университета МВД России (г. Санкт-Петербург, ул. Пилютова д.1).
E-mail: nn.kuzin@mail.ru
**РАШИДОВА АСЕЛЬ ИБРАГИМОВНА**,
доцент кафедры гражданского права Российского государственного педагогического университета им. А.И. Герцена (г. Санкт-Петербург, набережная реки Мойки, д.48); доцент кафедры правоведения Российской академии народного хозяйства и государственной службы при Президенте Российской Федерации (г. Санкт-Петербург, Средний проспект В.О., д. 57/43).
E-mail: aselisa@mail.ru
**ШКВАРОК ВЛАДИМИР МИХАЙЛОВИЧ,**
кандидат экономических наук, доцент, начальник кафедры экономической безопасности Санкт-Петербургского университета МВД России (г. Санкт-Петербург, ул. Пилютова д.1); доцент кафедры экономики и финансов автономной некоммерческой организации высшего образования «Университет при межпарламентской ассамблее ЕврАзЭС», (г. Санкт-Петербург, ул. Смолячкова, д.14/1).
E-mail: shkvarok@mail.ru

*В статье изложены аспекты характерные для регламента деятельности финансово-экономических работников по взаимодействию с исполнительными органами власти в ходе осуществления и обеспечения качества функционирования налогового механизма в системе налоговых платежей и внутрихозяйственного взаимодействия между коммерческими организациями всех организационно-правовых форм и органами государственного налогового контроля.*

Ҳамин тариқ гуфтан ба маврид мебошад, ки масъалаи баланд бардоштани шуғл дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ яке аз масъалаҳои асосӣ ба шумор рафта, вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул ҳамчун ҳадафи стратегии ҳукумати кишвар интихоб гардида, нақшаи гузариши иқтисодиёти кишварро аз шакли аграрӣ - индустриалӣ ба индустриалӣ - аграрӣ амалӣ тақозо менамояд.

Қобили тазаккур мебошад, ки Ҳукумати кишвар бо дастур ва роҳнамоиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин самт марҳила ба марҳила рушд намуда истодааст, ки дар ин давра захираҳои меҳнатӣ аз 2,5 млн нафар дар соли 1991 то 5,6 млн нафар дар соли 2020 расида, сатҳи он 2 маротиба афзудааст. Аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол бошад аз 1,9 млн нафар то 2,5 млн нафар ё 25,1 фоиз, аҳолии дар иқтисодиёт машғул аз 1,9 млн нафар то 2,4 млн нафар ё 22,6 фоиз афзудааст. Сатҳи бекории расмӣ ба ҳисоби миёна дар сатҳи 2,1 фоиз нигоҳ дошта шуд (диаграммаи №1.).

***Диаграммаи №1.*** *Нишондиҳандаҳои бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар солҳои 1991-2021(ҳазор нафар)*




***Сарчашма:*** *мутобиқ бо маълумоти нашрияҳои Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021.*

Лозим ба ёдоварист, ки таъсиси ҷойҳои нави корӣ ҳамчун омили асосии бо кор таъмин кардани аҳолӣ ба ҳисоб рафта, дар 30 соли соҳибистиқлолӣ зиёда аз 2,6 млн. ҷойҳои кории доимӣ, мавсимӣ ва муваққатӣ таъсис дода шудааст.

Инчунин дар соли  соли 2022 беш 190 ҳазор ҷойи кории нав таъсис дода шуд, ки ба беҳтар гардидани вазъи шуғли аҳолӣ дар кишвар мусоидат намуд. (диаграммаи №2.).

***Диаграммаи №2.*** *Таъсиси ҷойҳои корӣ дар солҳои 1991-2020*




***Сарчашма:*** *мутобиқ бо маълумоти нашрияҳои Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022*

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумхурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 шумораи аҳолии қобили меҳнат дар соли 2030 6,8 млн. нафарро ташкил хоҳад дод. Шумораи умумии аҳолии ба шуғл машғулбуда, бояд то 70 фоизи дар соли 2030 зиёд гардад. Ҳиссаи аҳолии дар соҳаи хизматрасонӣ машғулбуда, аз 27,6 фоиз то 60 фоиз, дар саноат аз 3,3 фоиз то 15-20 фоиз афзоиш бояд ёбад.

Шуғли расмӣ аз 40 фоиз то 70 фоиз аз шумораи умумии аҳолии машғулбуда дар Ҷумхурии Тоҷикистон афзоиш меёбад.

Татбиқи ҳадафҳои гузошташуда имкон дод, ки танхо дар солҳои 2015-2018 зиёда аз 150 ҳазор ҷойҳои кории нав таъсис дода шуда, шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ 25 фоиз кам гардад.

Дар ин ин ҷода гуфтан ба маврид мебошад,ки тайи солҳои охир шумораи аҳолии бо кор машғул ба ҳисоби миёна ҳамасола ба 16000 нафар зиёд мегардад. Ҷойҳои кории нав тавассути сармоягузориҳои давлатӣ ва хориҷӣ таъсис дода мешаванд.

Аз ин лиҳоз давлат тасмим гирифтааст, ки ба воситаи СМР-2030, ки дар се марҳила ҷомаи амал мепушад, тавонистааст, ки дар марҳилаи якум яъне дар давраи солҳои 2016-2020 ҳиссаи шуғл дар соҳаи кишоварзӣ аз 64,9 фоиз то 61,1 фоиз коҳиш ёфта, дар саноат бошад, ҳиссаи шуғли аҳолӣ аз 6,7 фоиз то 3,9 фоиз ва хизматрасониҳо аз 28,4 фоиз то 30 фоиз афзоиш ёфтааст.

***Ҷадвали 1.*** *Сохтории соҳавии шуғл дар Ҷумҳурии Тоҷикистон*

| соҳаҳо | 2015 | 2020 |
|---|---|---|
| Ҳамагӣ дар иқтисод, аз ҷумла: | 100,0 | 100,0 |
| Дар бахши воқеӣ | 71,6 | 70,0 |
| - дар саноат | 3,8 | 5,0 |
| - дар кишоварзӣ | 64,9 | 60,9 |
| - дар сохтмон | 2,8 | 4,1 |
| дар соҳаи хидматрасониҳо | 28,4 | 30,0 |
| - дар соҳаи нақлиёт ва алоқа | 2,4 | 2,4 |

| | | |
|---|---|---|
| - дар бахши маориф | 8,8 | 9,9 |
| - дар бахши тандурустӣ | 4,1 | 4,7 |

***Сарчашма:*** *мутобиқ бо маълумоти нашрияҳои Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021.*

Ҳамин тариқ дар давоми солҳои 2015 – 2020 шумораи кормандон дар бахши хизматрасониҳо 76,4 ҳазор нафар (11,3 фоиз) зиёд гардид. Ҳамзамон бо ин, шумораи кормандони бахши воқеӣ дар ин давра ба 50,1 ҳазор нафар афзун гардид. Дар солҳои 2015-2020 тамоюли устувори суст шудани афзоиши шумораи аҳолии дар иқтисодиёт машғулбуда ба мушоҳида мерасад. Дар ин давра, ин нишондиҳанда аз 2379,7 ҳазор нафар дар соли 2015 то 2506,2 ҳазор нафар дар соли 2020 зиёд шудааст.

Мушаххасоти қайдгардида зарурати бозбинӣ ва дақиқсозии параметрҳои ҳадафҳои СМР–2030 ва индикаторҳоро барои мониторинги онҳо бо назардошти шароити имрӯзаи ҷаҳон, инчунин пешрафти кишвар дар самти расидан ба ҲРУ ва натиҷаҳои татбиқи БМР 2016 – 2020 ба миён овардааст.

Ҳадафҳо, афзалиятҳо ва вазифаҳои рушди кишвар барои панҷ соли минбаъда дар асоси дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз паёмҳояшон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ва суханрониашон дар маҷлисҳои ҳукуматӣ, ҳангоми мулоқот бо кормандон ва намояндагони соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ, инчунин сафарҳои кориашон ба шаҳру ноҳияҳои кишвар бармеоянд, муайян карда шудаанд.

Марҳилаи дуюми амалишавии СМР-2030, ки БМР 2021-2025 бо назардошти ӯҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба рӯзномаи асри XXI ва ҲРУ, инчунин низомнома ва тавсияҳои Ҳисоботи миллӣ оид ба чораёни татбиқи ҳуҷҷатҳои стратегии кишвар дар ҳошияи милликунонии ҲРУ ва Таҳлили молиявӣ барои дастгирии иҷрои ҲРУ таҳия карда шудааст, ки он аллакай тағйирёбӣ дар сохтори соҳавии шуғл тағйирёбии мусбиро баръало мушоҳида менамояд.

***Ҷадвали 2***

| соҳаҳо | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|
| ҳазор нафар | | | |
| Ҳамагӣ дар иқтисодиёт машғул | 100,0 | 100,0 | 100,0 |
| аз он ҷумла: | | | |
| Дар бахши воқеӣ | 70,3 | 70,0 | 69,6 |
| Кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ | 61,2 | 60,9 | 60,6 |
| Саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва коркарди конҳо | 0,5 | 0,5 | 0,5 |
| Саноати коркард | 3,4 | 3,4 | 3,5 |
| Дастрасӣ таъмини қуваи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво | 0,6 | 0,6 | 0,6 |
| Таъминоти обтозакунӣ, тақсимот гирифтани ашёи дуюмдараҷа | 0,5 | 0,5 | 0,5 |
| Сохтмон | 4,1 | 4,1 | 3,9 |
| Бахши хизматрасонӣ | 29,7 | 30,0 | 30,4 |
| Савдои яклухт ва чакана, таъмири автомобилҳо, мототсиклҳо, молҳои маишӣ ва маводҳои истифодаи шахсӣ | 6,2 | 6,3 | 6,3 |
| Меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо | 0,7 | 0,7 | 0,7 |
| Нақлиёт ва хоҷагии анбор | 2,5 | 2,4 | 2,3 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Маълумот ва коммуникатсияҳо | 0,5 | 0,5 | 0,5 |
| Миёнаравиҳои молиявӣ ва фаъолиятӣ | 0,9 | 1,0 | 0,8 |
| Амалиётҳо бо амволи ғайриманқул | 0,4 | 0,3 | 0,3 |
| Фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ | 0,6 | 0,7 | 0,9 |
| Идоракунӣ ва фаъолияти ёрирасон | 0,2 | 0,3 | 0,2 |
| Идоракуниидавлатӣвамудофиа | 1,8 | 1,8 | 2,0 |
| Маориф | 9,8 | 9,9 | 10,1 |
| Тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ | 4,7 | 4,7 | 4,8 |
| Санъат, вақтхушӣва истироҳат | 0,5 | 0,6 | 0,6 |
| Дигар фаъолияти хизматрасонӣ | 0,9 | 1,0 | 1,0 |
| Фаъолияти ташкилотҳои экстерриториалӣ | 0,0 | 0,0 | 0,0 |

***Сарчашма:*** *мутобиқ бо маълумоти нашрияҳои Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. саҳ 89*

Ба ҳисоби миёна дар як сол шумораи аҳолии шуғлдошта танҳо 15 ҳазор нафар зиёд шудааст. Чунин ҳолат ҳатто бо назардошти ихтисор шудани як қатор ҷойҳои корӣ ва таҷрибаи мавҷудаи баҳисобгирии шуғлнокӣ (омори расмӣ мафҳумҳои васеи шуғлнокиро истифода мебарад, аз он ҷумла, шуғли нопурра, шуғли мавсимӣ, худиштиғолӣ ва машғулин дар хоҷагии хонаводаҳо) ҳассос будани масъалаи таъсиси ҷойҳои кории устувор ва арзандаро нишон медиҳад.

Аз ин лиҳоз гуфтан ба маврид мебошад, ки баҳри боз ҳам баланд бардоштани рақобатпазирии қувваи корӣ, ба шуғл фаро гирифтани аҳолӣ ва инчунин тахассусмандӣ нақши калидиро мебозад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун кишваре, ки даъвои наздик шудан ба кишварҳои дорои сатҳи миёнаи даромад бо модели саноатию аграрии иқтисодро дорад, сатҳи маҳсулнокии меҳнат бояд дар тӯли даҳ сол ҳадди ақал ду маротиба афзоиш ёбад.

Сарфи назар аз он ки сиёсати феълӣ оид ба бозсозии сохтории иқтисод ҳамчунин бо афзоиши нишондиҳандаҳои самарабахшии макроиқтисодӣ барои солҳои 2015–2020 ҳамроҳӣ карда мешавад, ҳосилнокии меҳнат 17 фоиз афзоиш ёфтааст. Ин нишондиҳанда ҳанӯз дар сатҳи паст қарор дорад. Ба таври мисол, дар охири соли 2020, истеҳсоли ММД ба як шахси дорои шуғл дар Тоҷикистон ба 16,2 ҳазор доллари ИМА аз рӯи паритети қобилияти харидорӣ (ПҚХ) ҳисоб карда шуд, ки ин нишондиҳанда дар соли 2021 ба 19,5 ҳазор доллар расидааст, сатҳи кишварҳои дорои сатҳи миёнаи даромад қариб 1,5 маротиба камтар аст.

Албатта, талошҳо барои таъмини афзоиши маҳсулнокии меҳнат муҳим мебошанд, ки бо ҷорӣ кардани навовариҳо ва афзоиши истеҳсолоти пурмеҳнат ҳамроҳӣ карда мешаванд.

Ҳамин тариқ баланд шудани суръатҳои афзоиши музди меҳнат аз суръатҳои афзоиши маҳсулнокии меҳнат мушкилоти вобаста ба роҳандозии нокофии омилҳои интенсивии рушди иқтисодиро нишон медиҳад.

Бо мақсади таъмини бозори дохилӣ бо мутахассисони соҳаҳои гуногун, аз ҷумла техникӣ таваҷҷуҳи Ҳукумати кишвар ба омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ зиёд гардида, дар ин хусус бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2021, №165 ва №170 мутаносибан "Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи маориф ва илм барои давраи то соли 2030" ва "Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2021-2025" қабул гардиданд. Бо мақсади тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ созишномаҳои байнидавлатӣ бо Россия, Беларус, Қазоқистон, Туркия, Ҳиндустон, Озарбойҷон, Қатар ва ғайраҳо ба тасвиб

расонида шуда, амалӣ гардида истодаанд. Ҳамаи ин санадҳо ва тадбирандешиҳо дар баланд бардоштани тахасусманди ва зиёд намудани табақаи аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол таъсири мусбат гузошта, дарояндаи наздик давлатро ҳамчун давлатӣ содиркунадаи қувввои кори бо талаботҳои бозори меҳнат заминаи мусоид фароҳам меорад.

Гуфтан ба маврид мебошад, ки ташаккул ва вусъат додани кластерҳои ҳудудӣ ҳамчун усули воқеан самараноки ҳавасмандсозии рушди минтақаҳо ба ҳисоб меравад, вале ин имконият то ба ҳол мавриди баҳрабардорӣ қарор дода нашудааст. Иқтидори зиёд барои ташаккул ва рушди кластерҳо дар шаш соҳаи иқтисодиёти кишвар – нассоҷӣ, хӯрокворӣ, саноати масолеҳи сохтмонӣ, энергетика ва сайёҳӣ, ки барои онҳо ашёи хоми ватанӣ ҳамчун замина барои рушди муносибатҳои кооператсионӣ ва истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир мавҷуд мебошад. Саноатикунонии босуръат заминаи асосии амали гаштаи таъмини амнияти минтақавӣ, истифодаи иқтидорҳои минтақавӣ ва ноилшавӣ ба рушди босуръати иқтисодии кишвар, таввасути рушд ёфтани иқтидори муассисаҳои таҳсилоти олӣ, сохторҳои илмӣ – тадқиқотӣ, робитаҳои байниминтақавӣ васеъ гардида, дар минтақаҳои кишвар шуғли пурмаҳсул беҳтар карда шуд. Инчунин сатҳи рақобатпазирӣ ва самаранокии ҳамкориҳо дар доираи ташкил ва тавсеаи кластерҳои нассоҷӣ, саноати хӯрокворӣ, саноати масолеҳи сохтмонӣ баланд бардошта шуда, дар натиҷа ба амнияти минтақавӣ оварда мерасонад.

Ҳамин тариқ дар охир хулоса намудан ба маврид мебошад, ки таҳияи Консепсияи рақамии шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳои миёнамуҳлати рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз механизмҳои асосии таъмини шуғли пурмаҳсул ба ҳисоб рафта, вобастагии иқтисодиётро марҳила ба марҳила коҳиш хоҳад дод. Аз гуфтаҳои боло чунин хулоса намудан ба маврид мебошад, ки мутобиқи арзёбиҳо, дар давраи солҳои 2020-2025 шумораи аҳолии қобили меҳнат ба ҳисоби миёна тақрибан 2 фоиз дар як сол (125,7 ҳазор нафар) афзоиш хоҳад ёфт. Аз ин рӯ афзоиши миёнасолонаи шуғли дохилӣ бояд на камтар аз 1 фоиз бошад. Дар натиҷа, шумораи одамоне, ки дар хоҷагии халқ кор мекунанд, то соли 2026 метавонад ҳадди ақал ба 2,6 млн нафар расад.

Аз ин лиҳоз баҳри устувории минбаъда ва таъмини шуғли пурмаҳсул мо ба хулосае омадем, ки якчанд пешниҳодҳои хусусияти навгонидоштаро иброз намоем:

- пешбурди ислоҳоти куллӣ дар низоми роҳнамоии касбии кишвар, бо назардошти талаботҳои бозори меҳнат;
- такмили низоми нақшабандии салоҳияти касбӣ ва сатҳи тахассусии ба пешравии мансабӣ асосёфта ва пайваста гузаронидани мониторинги сифати корӣ тавассути технологияи муосир;
- бо таври шадид кам кардани ҳиссаи шуғли ғайрирасмӣ дар иқтисодиёти миллӣ;
- баланд бардоштани сатҳи дастрасии худмашғулбудагон ва дарёфти истеъдодҳо ва ба қарзҳои имтиёзнок таъмин намудан ҷиҳати пешкаш намудани маҳсули меҳнат;
- таҳияи механизми ҷалби гуруҳҳои осебпазир барои фаъолияти тиҷоратӣ ва бо ин васила пеш гирифтани сатҳи ҷинояткорӣ дар ҷомеа;
- расман муайян кардани самтҳои афзалияноки муҳоҷирати меҳнатӣ ва омода намудани кадрҳо дар ин замина.

**Адабиёт**

1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

«Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», аз 23.12.2022.// http://www.president.tj
2. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030;
3. Мотрошилова Нелли Васильевна Г. Кантор и Э. Гуссерль: взаимодействие идей // horizon. Феноменологические исследования. 2013. №1. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/g-kantor-i-e-gusserl-vzaimodeystvie-idey (дата обр Мотрошилова Нелли Васильевна Г. Кантор и Э. Гуссерль: взаимодействие идей // HORIZON. Феноменологические исследования. 2013. №1. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/g-kantor-i-e-gusserl-vzaimodeystvie-idey (дата обращения: 16.05.2023). ащения: 16.05.2023).
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2003, №8, мод.467; соли 2005, №12, мод. 650; соли 2007, №7, мод. 687; соли 2008, №12, қисми 2, мод.1006; с.2011, №6, мод. 437. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.05.2018 с., № 1526, аз 25.06.2021 с., №1789// http://www.president.tj/node/19088Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025
5. Шарҳи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020\ Ҳисоботҳои рамии вазорати Рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳури Тоҷикистон
6. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025\\\ Ҳисоботҳои рамии вазорати Рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳури Тоҷикистон
7. Назарияи иқтисодӣ: васоити таълимӣ. Душанбе: «Ирфон», 2014, 256 саҳ
8. Ашуров К.Р., Хоҷахонов А.А., Муртазоев Н.А., Акрамов А.А. Назарияи иқтисодӣ (Китоби дарсӣ)–Душанбе: «Ирфон», 2016. – 450с.
9. Қодиров Ш.Ш, Раҳимов О.Н, Хоркашов И.С, Фозилхонов Д.О. Назарияи иқтисод. Қисми дуюм. Душанбе, 2008.
10. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022

## ПРОДУКТИВНАЯ ЗАНЯТОСТЬ НАСЕЛЕНИЯ КАК ОСНОВНОЙ ФАКТОР СТАБИЛИЗАЦИИ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ РЕГИОНА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

**АСОЕВ МУФАРРАХ МАЗОРИДДИНОВИЧ,**
кандидат экономических наук, доцент,
заведующий кафедрой государственного управления и национальной экономки
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 905-50-70-69. E-mail: mufarrakh@mail.ru
**САИДОВА ХУМАЙРО УБАЙДУЛЛОЕВНА,**
кандидат экономических наук, дотсент кафедры управления человеческими ресурсами
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992)-938-84-60-05.

*Статья посвящена исследованию продуктивной занятости населения как основной фактор стабилизации экономической безопасности в современных условиях. Одной из стратегических целей НСР-2030, является необходимость обеспечения и расширения производительной занятости в стране с ростом формальной занятости и производительности труда, достойной заработной платы а также безопасных условий труда, что обеспечивает основу безопасности. Авторы отмечают, что продуктивная занятость является одной из комплексных стратегических целей страны, и в этот период*

*для ее обеспечения издан ряд нормативно-правовых документов и соответствующих программ, играющих ключевую роль в стабилизации безопасности экономики.*

***Ключевые слова:*** *продуктивная занятость, безработица, промышленность, сельское хозяйство, строительство, услуги, рынок товаров, трудовые отношения и рынок труда.*

## PRODUCTIVE EMPLOYMENT OF THE POPULATION IS THE MAIN FACTOR OF STABILIZING ECONOMIC SECURITY OF THE REGION MODERN CONDITIONS

**ASOEV MUFARAH MAZORIDDINOVICH,**
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor,
Head of the Department of Public Administration and National Economy of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir st 33.
Phone: (+992) 905-50-70-69. E-mail: mufarrakh@mail.ru
**SAIDOVA HUMAYRO UBAYDULLOEVNA,**
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the
Department of Human Resources Management of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan,
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir st 33.
Phone: (+992) 938-84-60-05.

*The article is devoted to the study of productive employment of the population as a main factor in stabilizing economic security in modern conditions. One of the strategic goals of the NDS-2030 is the need to ensure and expand productive employment in the country with the growth of formal employment and labor productivity, decent wages and safe working conditions, which provides the basis for security. The authors note that productive employment is one of the country's comprehensive strategic goals, and during this period, a number of legal documents and related programs were issued to ensure it, which play a key role in stabilizing the security of the economy.*

***Keywords:*** *productive employment, unemployment, industry, agriculture, construction, services, goods market, labor relations and labor market.*

УДК: 334

# БАДАХШАНСКИЙ ДОМ КАК ПЕРВОНАЧАЛЬНАЯ ФОРМА ПОЯВЛЕНИЯ КООПЕРАТИВНЫХ ОТНОШЕНИЙ В ЭКОНОМИКЕ ГОРНО-БАДАХШАНСКОЙ АВТОНОМНОЙ ОБЛАСТИ ТАДЖИКИСТАНА

**ШОИДАРВОЗОВА МАРЗИЯ САИДВАЛИШОЕВНА,**
кандидат экономических наук, Институт гуманитарных наук им. Б.Искандарова Национальной академии наук Таджикистана.
736002, Республика Таджикистан, ГБАО, г. Хорог, ул. Холдорова 1.
E-mail: mshoidarvozova@mail.ru
**КЕНДЖАЕВА МАТЛЮБА МАХМАДАЛИЕВНА,**
старший преподаватель Хорогского государственного университета им. М. Назаршоева.
736000, Республика Таджикистан, город Хорог, улица Ш.Шахтемур, 109.
E-mail: kenjaevamatluba@mail.ru
**ГАРИБМАМАДОВ МАСРУР МАНСУРОВИЧ,**
докторант (PhD) Хорогского государственного университета им. М. Назаршоева.
736000, Республика Таджикистан, город Хорог, улица Ш.Шахтемур, 109.
E-mail: m_garibmamadov@mail.ru

*В статье рассматривается исторические корни возникновения кооперативов в экономике ГБАО Республики Таджикистана. Примером для исторического выявления существования кооперативов взят бадахшанский дом. На основе организации строительства бадахшанского дома показаны добровольное объединение и сотрудничество населения Бадахшана. Доказано, что формы организации сотрудничество при строительство бадахшанских домов аналогично созданию кооперативов.*

***Ключевые слова:*** *кооперативы, совместная работа, бадахшанский дом, кооперативное сотрудничество.*

Таджикистан считается одной из самых богатых стран мира с точки зрения культурного наследия, истории и туристических направлений. Каждое село, район и город этой страны имеют свою историю, имя и бесценные культурные ценности. Одним из таких мест является Горно-Бадахшанская автономная область (ГБАО), с центром город Хорог, расположенный в 525 км восточнее города Душанбе с населением 31 100 человек. ГБАО находится на последнем месте в республике по численности населения (230,1 тыс. человек) и первым по площади 64,2 тыс. км$^2$ и включает 44,5% территории Таджикистана, 97% из которых составляют горы.

Следует отметить, что культурным паспортом ГБАО является бадахшанский дом, происхождение, которого приравнивают к эпохе зороастризма, выстроенного на основе обычаев и традиций местного населения.

На основе этой статьи на примере бадахшанского дома мы бы хотели показать корни возникновения кооперативных отношений. Но прежде чем показать результат исследования остановимся на понятие слово «кооператив».

Кооперативы - это ассоциации людей, объединённых на добровольной основе для совместного удовлетворения потребностей. Или же кооперативы это добровольное объединение людей с целью взаимной помощи друг другу.

Кооперативы являются особым типом производственных предпринимательских отношений. Организация и развитие кооперативов в нынешних условиях является одним из факторов роста экономики, способствующих формированию интеграционных предпринимательских объединений. При создании кооперативов формируются долгосрочные взаимовыгодные отношения, участниками которых становятся бизнес-

сообщества, индивидуальные предприниматели, фермеры, личные подсобные хозяйства и т.д.

Кооперативы как объект научного исследования представляют большой интерес по нескольким причинам:

- по мнению некоторых ученых [1, 310-339; 3; 5, 149-163; 6, 94-114;] кооперативы по своей деятельности отличаются от других форм хозяйственной деятельности, тем что они являются добровольными;

- классики теории кооперации указывали на некапиталистический характер кооперативов [10, 63-302; 11; 17; 18;];

- другие авторы утверждают, что кооперативы занимают значимое место в ряде отраслей национальной экономики [13, 19-28; 7, 55-69;], и имеют огромный вклад в экономику различных стран;

- Янбых Р.Г. и Сарайкин В.А. сходятся во мнении, что кооперативы имеют разные модели организации деятельности формы существования деятельности, которых с развитием экономической жизни и появлением технологий становится только шире [20, 13-22; 3; 4, 15-28;]

В связи с вышеизложенным нам представляется, что кооперативы в нынешних условиях являются катализаторами развития отраслей экономики на основе добровольного сотрудничества. Поскольку зародыши кооперативной деятельности были заложены давно, нам бы хотелось выявить исторические корни кооперативов и особенности их функционирования в экономике ГБАО на примере бадахшанских домов (памирских домов).

Поскольку было опубликовано много статей и очерков [19, 116; 14, 15-17; 12; 9, 420-486; 16, 234-239; 8;] о его культурном наследии и отсутствии в мире модели, подобной этому дому, мы хотели бы представить экономическое значение строительства этого дома. Кроме того, целью данной статьи заключается в том, что показать и доказать исторические корни существования кооперативных отношений в ГБАО. И самим наглядным примером является строительство бадахшанского дома (памирского дома).

Как известно, бадахшанский дом строился в основном в 4 районах ГБАО- Рушанском, Шугнанском, Ишкашимском, Рошткалинском районах и в городе Хороге. Небольшое их количество было также построено в некоторых районах Ванча и Дарваза.

Самым ценным активом при строительстве этого дома считалось дерево, которое полностью использовалось в кровле и внутренней отделке дома.

Стадии строительства этого дома можно разделить на три этапа:

1. Посадка белого дерева.
2. Выделение земли под строительство дома.
3. Строительство дома.

Каждое домохозяйство, проживающее в вышеуказанных регионах, посадили тополь на принадлежащем им территориям, чтобы использовать его древесину для строительства домов. Этот опыт был очень интересным и превратился в очень высокую ценность домостроительной культуры этих людей и решил большую проблему для каждого домохозяйства. И это передавалось из поколения в поколение. Покупка древесины для строительства дома было дорогое удовольствие. Родственники на беспланой основе передали дерево для строительства дома. В данном контексте мы видим специфические особенности кооперативной деятельности, поскольку проявляется форма сотрудничество между родственниками.

Строительство этого дома было запланировано в неровных местах, потому что равнинная земля была пахотной и использовалась для сельского хозяйства как средство к существованию. Обозначенное труднодоступное место требовало выравнивания. Для этого все родственники и знакомые приглашались на кирьяр [15]. «Кирьяр» (своеобразный хашар, характерный для жителей Бадахшана, который считается одной из экономических и культурных ценностей и использовался в развитии хозяйства людей, в способе строительства домов и прочих общественных работ. Кирьяр является наиболее важной ценностью при строительстве дома, и почти 80% строительных работ производилось через него. Суть кирьяра заключалось в том, что собирались родственники и знакомые и помогали безвозмездно построить дом. Кирьяр созывали в основном по субботам и воскресеньям, и обычно на большую работу за один день собиралось более 15 человек. Первоначальная стоимость дома была очень дешевой, а вся тяжелая работа была сделана в короткие сроки. Кирьяр обычно организовывался для выполнения какой-либо необходимой работы, собирая друзей, родственников и соседей на добровольной основе без какой-либо платы или вознаграждения.

Затраты хозяева заключалось только в готовке еды для строителей, затраты на некоторые строительные материалы и символичная оплата усто (мастера). Для строительства дома выбирается только один человек как мастер (усто), и он берет на себя ответственность за строительство от начала до конца. По сути, этот мастер завершает плотницкую и другую ремесленную работу по строительству дома, а в конце еще и молится за хозяина дома, чтобы этот дом все время приносил им счастье и мирную жизнь. В конце строительства хозяева оплатили труд мастера наличными деньгами, одеждой и то не в большом объеме или же крупным рогатым скотом. Мастер привлекается с первого дня строительства дома, который спроектировал дом, а также разрабатывал план дальнейших действий. Во время кирьяра он всегда участвовал и руководил собравшимися людьми.

На наш взгляд, все вышесказанное наглядно показывает кооперативную форму сотрудничество. Если перевести всю строительную работу памирского дома на денежное выражение, то в среднем на одного бадахшанского дома можно потратить от 1000 до 1500 долларов (подсчитана для советского периода), это включая строительные материалы и оплата строительных рабочих, а некоторых случаях и затраты на обед (готовку). И благодаря совместному сотрудничеству возводили такие дома без огромных денежных средств.

По статистическим данным, до 2000 года в исследуемых районах проживало 19073 домохозяйств, и каждое домохозяйство строило и использовало отдельный дом. Исходя из вышеприведенных цифр подсчитаем общую стоимость всех бадахшанских домов, построенных до 1990 годов, что составляет от 19073000 до 28609500 долларов.

В настоящее время обычный дом состоит из 4 комнат, его средняя площадь равна 176 м², а средняя стоимость этого дома по действующим рыночным ценам составляет от 35000 до 75 000 долларов.

Следует отметить, что настоящее время строительство бадахшанских домов является непосильным трудом и поэтому большинство молодых людей мигрируют в другие страны, чтобы иметь собственный дом.

Из всего вышеизложенного становиться видно, что зародыш кооператива было уже заложено в те времена. Эффективность этого сотрудничество мы ощущаем до сих пор, поскольку построенные тогда дома являются очень устойчивыми и безопасными. Благодаря совместному сотрудничеству люди приобрели крышу над головой, а

некоторые оставили будущим поколениям нашу культуру, обычаи и традиции. Кроме того, совместное сотрудничество улучшило материальное положение людей, поскольку экономило средство на некоторые затраты. Преимущество данного сотрудничество также гарантировало человеку, который участвовал в кирьярах, что при строительстве собственного дома он не будет нуждаться в строительных рабочих. Если перевести это на язык экономики его инвестиции в этом случае дают ему дивиденды.

Эффективность кооперативной формы хозяйствования при строительстве бадахшанских домов обеспечивается открытостью членства, добровольностью объединения, демократичностью в процессе принятия решений. Кооперативы оказывают своим членам различные услуги по их заданиям и по правилам, ими же установленным.

Хотя слово кооператив не использовалось в таких случаях, но, однако в действительности они полноценно функционировали. В результате исследования этого вопроса мы убедились, что процесс неформального сотрудничества до сих пор сохранился. Следует, однако, отметить, что изменение народом своих национальных традиций в процессе естественного развития его национальной культуры, вызванное изменениями в общественном строе, экономике, широким развитием образования, а также заимствование прогрессивных, передовых форм рыночной экономики, активно влияют на функционирование кооперативных форм хозяйствования, но с учетом уже получение определенной выгоды, в большинстве случаях прибыли.

Характеристика кооперативов при строительстве бадахшанских домов наглядно иллюстрирует его социальный характер. Социальные выгоды членов кооператива состоят в удовлетворении, получаемом от участия в ассоциации (союзе), в руководстве организацией и в совместной деятельности. Но кооперация позволяет физическим и юридическим лицам объединяться для совместной деятельности. Членство в кооперативе продолжается до тех пор, пока оно удовлетворяет социально-экономические потребности своих членов. Если кооператив не будет удовлетворять эти потребности, то в долгосрочном периоде он не сможет удовлетворить и духовные запросы.

Таким образом, с древнейших времен и до 2000-х годов люди использовали эти ценности при строительстве домов и без проблем получали дома, вне зависимости от профессии.

Сегодня рыночная экономика неуклонно развивается, и большая часть этих ценностей, которые использовались при строительстве бадахшанского дома, исчезают. Как уже было сказано, сегодня большая часть молодежи была вынуждена мигрировать для того, чтобы построить дом, так как во многих случаях упомянутые выше ценности исчезли и (кирьяр) используется редко, посадка тополей также становиться редкостью.

Не только в строительстве дома, но и в других ситуациях могут быть эффективными такие действия, которые осуществляются в интересах взаимной помощи.

Его содержание, функции, механизм деятельности по мере перехода от начальных, примитивных форм к более совершенным, адекватным качественно новому состоянию экономических отношений и уровню развития материального производства, постоянно меняются. Если на заре создания кооперативов в них объединялись, чтобы каждому и всем вместе выжить, то рыночной экономике их деятельность носить все более предпринимательский характер. Некая общая «выгода» или цель

«удовлетворения определенных потребностей» трансформируется в постоянную экономическую выгоду и реально осязаемую цель-получение наибольшей прибыли.

В настоящее время в строительной отрасли в ГБАО широкое распространение получили неформальные кооперации. Основной причиной неформальных отношений является уход от налогов.

**Литература**


1. Bonus, H. The Cooperative Association as a Business Enterprise: A Study in the Economics of Transactions. Journal of Institutional and Theoretical Economics, 142(2). 1986. P. 310-339.
2. Davis, CA: Center for Cooperatives, University of California, URL: https://www.library.ucdavis.edu/archives-and-special-collections. 1995.
3. Emelianoff, I. V. Economic Theory of Cooperation. Economic Structure of Cooperative Organizations. Publisher: Center for Cooperatives, University of California, Davis. 1995.
4. Harris, A., Stefanson, B., and Fulton, M. E. New Generation Cooperatives and Cooperative Theory. //Journal of Cooperatives, 11. 1996. P.15-28.
5. Levi. Y. From the “Double Nature” of Cooperation to the Social Economy: Fifty Years of Associationalism. International Review of Sociology, 16(1). 2006. P. 149-163.
6. Robotka, F. A Theory of Cooperation. American Journal of Agricultural Economics, 29(1). 1947. P. 94-114.
7. Valentinov, V. Why are cooperatives important in agriculture? An organizational economics perspective. Journal of Institutional Economics, 3(1). 2007 P. 55-69.
8. Аламшоев К. Хонаи суннатии помирӣ. Феҳристи миллии ғайримоддӣ. Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Вазорати Фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, “Истеъдод”. 2020. 171 с.
9. Андреев М.С. Таджики долины хуф. Под редакцией Э. Кочумкуловой-Вып. I-II.Переизд.Б.:ОсОО «Джейм Кей Джи», 2020. С.420-486.
10. Билимович А. Д. Введение в экономическую науку. //Два подхода к научной картине экономического мира. Экономический строй освобожденной России: труды. СПб.: Росток. 2007. С.63-302.
11. Бородаевский С. В. Сельскохозяйственные кооперации в Германии: С приложением статьи «Война, сельское хозяйство и будущие торговые договоры (к вопросу об экономической самостоятельности России)». М.: ЛЕНАНД. 2016. 168 с.
12. Горненский И. Тайны Памира.«Вече», Москва, 2002. 384 с.
13. Золотарева Е. А. Тенденции развития крупнейших кооперативов мира. //Вестник Сибирского университета потребительской кооперации, № 1. 2013. С.19-28.
14. Мамадназаров М. Х. Таджикское народное жилище. Ташкент: АСУ, 1990. Вып. 11. С. 15-17.
15. Моногарова Л.Ф. Преобразования в быту и культуре припамирских народностей. М., 1972. 174 с.
16. Тиллоев С. С. Особенности символики памирского традиционного дома. //Бюллетень науки и практики. №1 (январь) 2017 г. http://www.bulletennauki.com г. Душанбе. С.234-239.
17. Туган-Барановский М. И. Социальные основы кооперации. Москва: Издательство Юрайт, 2019. - 418 с.
18. Чаянов А. В. Краткий курс кооперации. Репринтное воспроизведение издания 1925 года. М.: Книжная палата. 1989. 78 с.
19. Шохуморов А. Памир - страна Ариев /А. Памир. - Душанбе, 1997. -243 с.
20. Янбых Р. Г. и Сарайкин В. А. Классификация кооперативов и развитие сельскохозяйственной кооперации. //АПК: экономика, управление, №7. 2018. С. 13-22.

# ХОНАИ БАДАХШОНӢ ҲАМЧУН ШАКЛИ ИБТИДОИИ ПАЙДОИШИ МУНОСИБАТҲОИ КООПЕРАТИВӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН

**ШОИДАРВОЗОВА МАРЗИЯ САИДВАЛИШОЕВНА,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Баҳодур Искандарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.
736002, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ВМКБ, ш. Хоруғ, кӯч. Холдорова 1.
E-mail: mshoidarvozova@mail.ru
**КЕНҶАЕВА МАТЛЮБА МАҲМАДАЛИЕВНА,**
муаллими калони Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев.
736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хоруғ, кӯчаи Ш.Шоҳтемур 109.
E-mail: Kenjaevamatluba@mail.ru
**ҒАРИБМАМАДОВ МАСРУР МАНСУРОВИЧ,**
докторант (PhD)-и Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев.
736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хоруғ, кӯчаи Ш.Шоҳтемур 109.
E-mail: m_garibmamadov@mail.ru

*Дар мақола решаҳои таърихии пайдоиши кооперативҳо дар иқтисодиёти ВМКБ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешавад. Намунаи таърихии мавҷудияти кооперативҳо хонаи бадахшонӣ мебошад. Дар асоси ташкили сохтмони хонаи бадахшонӣ иттиҳодияи ихтиёрӣ ва ҳамкории аҳолии Бадахшон нишон дода шудааст. Исбот шудааст, ки шаклҳои ташкили ҳамкорӣ дар сохтмони хонаҳои бадахшонӣ ба ташкили кооперативҳо монанд аст.*
***Калидвожаҳо:*** *кооперативҳо, ҳамкорӣ, хонаи бадахшонӣ, ҳамкории кооперативӣ.*

# BADAKHSHAN HOUSE AS THE ORIGINAL FORM OF THE APPEARANCE OF COOPERATIVE RELATIONS IN THE ECONOMY OF THE GORNO-BADAKHSHAN AUTONOMOUS REGION OF TAJIKISTAN

**SHOIDARVOZOVA MARZIYA SAIDVALISHOEVNA,**
Candidate of Economic Sciences, Institute for the Humanities. B. Iskandarova National Academy of Sciences of Tajikistan.
736002, Republic of Tajikistan, GBAR, Khorog, 1, Holdorova str.
E-mail: mshoidarvozova@mail.ru
**KENDZHAYEVA MATLUBA MAKHMADALIEVNA,**
Senior teacher of Khorog State University named after M. Nazarshoev.
736000, Republic of Tajikistan, Khorog, 109, Sh.Shokhtemur str.
E-mail: Kenjaevamatluba@mail.ru
**GARIBMAMADOV MASRUR MANSUROVICH,**
doctoral student (PhD) of the Khorog State University named after M. Nazarshoev.
736000, Republic of Tajikistan, Khorog, 109, Sh.Shokhtemur str.
E-mail: m_garibmamadov@mail.ru

*The article is about the historical roots of the emergence of cooperatives in the economy of GBAO of the Republic of Tajikistan. The Badakhshani house is taken as an example for the historical identification of the existence of cooperatives. Based on the organization of the construction of the Badakhshani house, the voluntary association and cooperation of the population of Badakhshan is shown. It is proved that the forms of organization of cooperation in the construction of Badakhshani houses are like the creation of cooperatives.*
***Keywords:*** *cooperatives, joint work, badakhshan house, cooperative cooperation.*

УДК:330.32

# САРМОЯГУЗОРИИ ДАВЛАТӢ ВА ТАКМИЛИ ОН ДАР ШАРОИТИ РУШДИ СТРАТЕГИИ КИШВАР

**СОЛЕҲЗОДА АШУРБОЙ АБДУЛВОҲИД,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992) 901-60-70-70. E-mail: ashurboy@mail.ru
**АМОНОВА ДИЛОРОМ АБДУВАҲИДОВНА**,
муаллими калони кафедраи идоракунии молияи давлатии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки 17.
Тел.: (+992) 985-39-99-99. E-mail: damonova@mail.ru

*Дар мақола масъалаҳои сармоягузории давлатӣ ва такмили он дар шароити рушди стратегии кишвар дида шудааст. Қайд мегардад, ки сармоягузории давлатӣ, пеш аз ҳама, дар таҳкими иқтидори иқтисодии ҳар як кишвар нақши ҳалкунандаро мебозад. Ин бошад, дар навбати худ ба фаъолияти корхонаҳо таъсири мусбат расонида, боиси афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва рушди устувори фаъолияти мамлакат мегардад. Муаллиф қайд менамояд, ки тараққиёти ҷамъият ва субъектҳои хоҷагии алоҳида ба васеъшавии сарватҳои моддӣ асос ёфта, афзоиши боигарии миллӣ ва мувофиқан даромади аҳолиро таъмин мекунад. Яке аз воситаҳои асосии таъмин ин афзоиш фаъолияти сармоягузорӣ, аз ҷумла равандҳои сармоягузорӣ ё сармоягузорӣ, инчунин маҷмӯи чорабиниҳои амалӣ оид ба татбиқи сармоягузорӣ мебошад. Маҳз фаъолияти сармоягузорӣ дар ҷараёни татбиқи дигаргуниҳои густурдаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки ба фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди устувори иқтисодӣ нигаронида шудааст, мавқеи асосиро ишғол менамояд. Аз нуқтаи назари моҳияти ислоҳоти иқтисодиёт масъалаи баланд бардоштани фаъолияти сармоягузорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ яке аз масъалаҳои асосӣ ба шумор меравад. Аз ин бармеояд, ки вазифаи асосии сиёсати сармоягузории давлат ташаккул додани фазои мусоид барои ҷалб ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои сармоягузорӣ дар рушди иқтисодиёт мебошад. Вобаста ба ин бояд зикр кард, ки сиёсати сармоягузории давлатӣ бояд ба фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва рафъи маҳдудиятҳои қонунгузорӣ ва институтсионалии афзоиши сармоягузорӣ ба истеҳсолот, таҳкими тамоюли иҷтимоии онҳо, озод кардани ташаббуси бахши хусусии иқтисод, муқовимат ба таҳдидҳои ноороммшавии вазъи иқтисодӣ нигаронида шавад. Дар баробари ин низоми муосири иқтисодии давлатҳои рӯ ба тараққӣ ба фаъолияти фаъоли сармоягузорӣ асос ёфтааст.*

***Калидвожаҳо:*** *сармоягузорӣ давлати, ММД, рушди устувори иқтисодӣ, фаъолияти сармоягузорӣ, хавфҳои сармоягузорӣ, муҳити сармоягузорӣ.*

Сармоягузории давлатӣ, пеш аз ҳама, дар таҳкими иқтидори иқтисодии ҳар як кишвар нақши ҳалкунандаро мебозад. Ин бошад, дар навбати худ ба фаъолияти корхонаҳо таъсири мусбат расонида, боиси афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва рушди устувори фаъолияти мамлакат мегардад. Дар баробари ин тараққиёти ҷамъият ва субъектҳои хоҷагии алоҳида ба васеъшавии сарватҳои моддӣ асос ёфта, афзоиши боигарии миллӣ ва мувофиқан даромади аҳолиро таъмин мекунад. Яке аз воситаҳои асосии таъмин ин афзоиши фаъолияти сармоягузорӣ, аз ҷумла равандҳои сармоягузорӣ, инчунин маҷмӯи чорабиниҳои амалӣ оид ба татбиқи сармоягузорӣ мебошад. Маҳз фаъолияти сармоягузорӣ дар ҷараёни татбиқи дигаргуниҳои густурдаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки ба фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди устувори иқтисодӣ нигаронида шудааст, мавқеи асосиро ишғол менамояд. Аз нуқтаи назари моҳияти ислоҳоти иқтисодиёт масъалаи баланд бардоштани фаъолияти

сармоягузорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ яке аз масъалаҳои асосӣ ба шумор меравад. Аз ин бармеояд, ки вазифаи асосии сиёсати сармоягузории давлат ташаккул додани фазои мусоид барои ҷалб ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои сармоягузорӣ дар рушди иқтисодиёт мебошад.

Дар ҳамин ҳол, бояд қайд кард, ки дар ду даҳсолаи охир, то соли 2019, суръати рушди иқтисодӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоби миёна 7,6 фоиз дар як сол буд. Танҳо пандемияи коронавирус (COVID-19) суръати рушдро дар соли 2020 то 4,5 фоиз коҳиш дод. Аз соли 2007 инҷониб, афзоиш асосан аз ҳисоби сармоягузории давлатӣ таъмин гардида, сармоягузории хусусӣ нақши ночиз бозид. Аммо, вобастагии сахт аз сармоягузории давлатӣ боиси афзоиши қарзи давлатӣ гардид. Бинобар ин барои ноилшавӣ ба афзалиятҳо зарур аст, ки сармоягузориҳои хусусӣ ҳавасманд гардонида шуда, тақсимоти самаранок ва оқилонаи молияи давлатӣ тавассути пешрафти минбаъдаи ислоҳоти сохторӣ ба роҳ монда шавад. Ҳамчунин, чи тавре ки профессор Комилов С.Ҷ қайд месозад: «... Рушди динамикии иқтисоди миллӣ ва таъмини рушди иқтисодии он татбиқи сиёсати самараноки сармоягузориро тақозо менамояд. Таҳияи сиёсати сармоягузорӣ тавассути вазъи макроиқтисодии иқтисоди миллӣ, ҳаҷми захираҳои сармоягузорӣ, иқтидори сармоягузорӣ муайян карда мешавад» [1. С. 10].

Зарур аст, ки бо роҳи рушди сармояи инсонӣ ҷойҳои кории бештар таъсис дода, сатҳи камбизоатӣ паст карда шавад ва ҳосилнокии меҳнат баланд бардошта шавад. Таваҷҷӯҳ ба ҳамкориҳои минтақавӣ ва тиҷорат барои рафъи маҳдудиятҳои ҷуғрофиёи Тоҷикистон муҳим аст. Нобаробарии гендериро дар бозори меҳнат бартараф кардан лозим аст. Вокуниш ба тағйири иқлим бо назардошти осебпазирии Тоҷикистон дар баробари офатҳои табиӣ як масъалаи муҳими дигар аст. Ҳамаи ин сармоягузории давлатиро талаб менамояд.

Фазои мусоиди сармоягузорӣ ва тавсеаи фаъолияти сармоягузорӣ пеш аз ҳама аз таъсири оқилонаи давлат ба равандҳои сармоягузорӣ вобастагӣ дорад, ки дар маҷмӯъ ба рушди устувори иҷтимоию-иқтисодии мамлакат замина гузошта, барои қонеъсозии манофеи кулли ҷомеа шароити зарурӣ фароҳам меорад. Дар робита бо ин, бояд таъкид намуд, ки сармоягузориҳои давлатӣ аслан баҳри татбиқи ҳадафҳои олии сиёсати давлатӣ сафарбар гардида, аз ин рӯ, самаранокии иқтисодии онҳо нисбат ба дигар намуди сармоягузориҳо пасттар мебошад, чунки онҳо хусусияти тиҷоратӣ надоранд. Дар ин росто, таҳияи механизми оқилона ва самараноки сармоягузориҳои давлатӣ пеш меояд. Аз ин рӯ, самаранокии маблағгузориҳои давлатӣ зарур аст, зеро онҳо пеш аз ҳама ба рушди устувори иқтисодӣ ва тараққӣ ёфтани бахшҳои иҷтимоии ҷомеа сафарбар гардидаанд. Дар шароити ислоҳоти иқтисодӣ масоили ҷалби сармоягузориҳо ва густариши истеҳсолоти ватанӣ ҳадафи калидӣ, ҳам барои мамлакат ва ҳам барои минтақаҳои он ба ҳисоб меравад.

Таҳлили вазъи ташаккулёбии сарчашмаҳои сармоягузориҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки сармоягузориҳо дар кишвар аслан аз ҳисоби маблағи давлатӣ, аҳолӣ ва ташкилотҳои дигар ташаккул меёбанд, ки оиди онҳо дар ҷадвали 1 маълумоти муфассал оварда шудааст.

***Ҷадвали 1.*** *Динамикаи нишондиҳандаҳои сармоягузориҳо аз рӯи сарчашмаҳои ташаккулёбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2012-2021*

млн. сомонӣ

| | Солҳо | | | | | | | | | | 2021/ 2012, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | |
| Сармоягузориҳо, | 4540 | 5797 | 7493 | 9750 | 11180 | 11372 | 1336 | 12518 | 11775 | 15125 | 333,1 |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ҳамагӣ | | | | | | | 1 | | | | |
| аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои: | | | | | | | | | | | |
| -давлатӣ | 2018 | 2426 | 3104 | 3446 | 4399 | 5014 | 6469 | 6261 | 5714 | 6174 | 305,9 |
| -аҳолӣ | 422 | 465 | 538 | 572 | 483 | 457 | 436 | 468 | 612 | 607 | 143,8 |
| -ташкилотҳои дигар | 2099 | 2906 | 3851 | 5731 | 6296 | 5900 | 6456 | 5788 | 5429 | 8344 | 397,5 |

***Сарчашма:*** *аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои зерин тартиб ва ҳисоб карда шудааст: Маҷмӯаи оморӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе: АОНПҶТ, 2022. – 702.; - С.483*

Чи тавре ки аз маълумотҳои ҷадвали 1 бармеояд, ҳаҷми сармоягузориҳо дар давраи таҳлилшаванда, яъне солҳои 2012-2021 ба 333,1 % ё 10585 млн. сомонӣ афзоиш ёфтааст. Ҳиссаи бештарро дар ташаккулёбии сармоягузориҳо маблағҳои ташкилотҳои дигар ташкил додаанд, ки вазни қиёсии онҳо дар соли 2021 – 55,2 % ташкил медиҳад. Сарчашмаи назарраси дигаре, ки ҳиссаи он дар ташаккулёбии сармоягузориҳо бештар мебошад, ин маблағҳои давлатӣ ба ҳисоб меравад, ки дар соли 2021 – 40,9 % ташкил додааст. Бояд тазаккур дод, ки вазъи минтақавӣ дар бозори сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати номувозинатӣ қарор дорад. Аз ин рӯ, зарурати таҳлили мукаммали ҷалби сармоягузориҳо ба мамлакат ва минтақаҳои он шиддатнок мегардад. Зарур аст қайд намоем, ки заминаи рушди фаъолияти сармоягузории ҳам минтақа ва ҳам мамлакатро дар умум, сармоягузориҳои воқеӣ ташкил медиҳанд, ки аслан тавассути маблағгузориҳо сурат мегирад. Маблағгузориҳо нақши муҳимро ҳам дар рушди мамлакат ва минтақаҳои он, ва ҳам дар рушди фаъолияти сармоягузории иқтисодиёти мамлакат дар умум мебозанд. Аз рӯи таҳлили маблағгузориҳо ба соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат маълум аст, ки ҳиссаи асосии маблағгузориҳо ба соҳаи рушди саноати минтақаҳои мамлакат рост омада, вале ин воситаҳо асосан дар ш. Душанбе ва НТҶ равона гардидаанд, ки минтақаҳои аз ҷиҳати саноатӣ тараққикарда ба ҳисоб мераванд. Таҳлили маълумотҳои ҷадвали 2 аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳаҷми маблағгузориҳо аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ дар соли 2021 нисбат ба соли 2012 333,1 % зиёд мебошад. Ба ш. Душанбе дар соли 2021 нисбат ба дигар минтақаҳои мамлакат аз ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ бештар маблағгузориҳо равона шудааст, ки 4736 млн. сомонӣ ё 31,3 % аз ҳаҷми умумии маблағгузориҳо ташкил додааст. Зеро яке аз иншооти муҳими аср (НБО) Роғун маҳз дар ҳамин минтақа сохта ва ба истифода дода шуда истодааст.

***Ҷадвали 2.*** *Динамикаи нишондиҳандаҳои сармоягузориҳо аз рӯи минтақаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2012-2021*

| | Солҳо | | | | | | | | | | 2021/ 2012, бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | |
| Сармоягузориҳо, ҳамагӣ | 4540 | 5797 | 7493 | 9750 | 11180 | 11372 | 13361 | 12518 | 11775 | 15125 | 333,1 |
| аз ҷумла ба: | | | | | | | | | | | |
| -ВМКБ | 102 | 163 | 242 | 255 | 353 | 440 | 519 | 257 | 368 | 508,8 | 498,8 |
| -Вилояти Суғд | 1048 | 1230 | 1381 | 1659 | 1925 | 2008 | 1515 | 1736 | 1321 | 1794 | 171,2 |
| -Вилояти Хатлон | 1021 | 1242 | 1391 | 1504 | 2376 | 2185 | 2803 | 2623 | 2405 | 3840 | 376,1 |
| -ш. Душанбе | 1071 | 2005 | 2747 | 3363 | 3024 | 2839 | 2829 | 3235 | 3276 | 4736 | 442,2 |
| -НТҶ | 1298 | 1156 | 1732 | 2969 | 3502 | 3905 | 5695 | 4666 | 4405 | 4246 | 327,1 |

***Сарчашма:*** *аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои зерин тартиб ва ҳисоб карда шудааст: Маҷмӯаи оморӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе: АОНПҶТ, 2021. – 702с. - С.483*

Дар НТҶ ҳаҷми умумии сармоягузориҳо дар соли 2021 – 4246 млн. сомонӣ ё 28,1 % аз ҳаҷми умумии сарчашмаҳои сармоягузориҳоро ташкил додааст. Дар вилояти Суғд ҳаҷми умумии тамоми сарчашмаҳои сармоягузорӣ дар соли 2021 - 1794 млн. сомони ё 11,9 %-ро ташкил намудааст. Дар вилояти Хатлон маблағи умумӣ аз ҳамаи сарчашмаҳои сармоягузориҳо дар соли 2021 - 3840 млн. сомонӣ ё ба 25,4% баробар мебошад. Дар ВМКБ ин ҳаҷми умумӣ дар соли 2021 - 508,8 млн. сомонӣ ё ба 3,3 % баробар мебошад. Барои таҳлили мукаммали вазъи сармоягузориҳо дар мамлакат дар ҷадвали 3 динамикаи нишондиҳандаҳои сармоягузориҳо аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар солҳои 2012-2021 оварда шудааст.

***Ҷадвали 3.*** *Динамикаи нишондиҳандаҳои сармоягузориҳо аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2012-2021*

млн. сомонӣ

| | Солҳо | | | | | | | | | | 2021/ 2012, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | |
| Сармоягузориҳо, ҳамагӣ | 4540 | 5797 | 7493 | 9750 | 11180 | 11372 | 13361 | 12518 | 11775 | 15125 | 333,1 |
| аз ҷумла ба соҳаҳои: | | | | | | | | | | | |
| Саноат | 1645 | 1751 | 2227 | 4482 | 5673 | 5992 | 7974 | 6121 | 5683 | 5649 | 343,4 |
| Кишоварзӣ | 48 | 5 | 15 | 73 | 74 | 99 | 23 | 33 | 13 | 15,3 | 31,9 |
| Нақлиёт ва алоқа | 640 | 829 | 1176 | 1019 | 1507 | 1203 | 1152 | 1049 | 1085 | 1612 | 251,9 |
| Сохтмон | 61 | 339 | 947 | 106 | 714 | 957 | 1907 | 2031 | 1804 | 1465 | 2401,6 |
| Савдо ва хӯроки умумӣ | 34 | 229 | 309 | 267 | 195 | 137 | 110 | 347 | 157 | 351 | 1032,3 |
| Сохтмони манзил | 682 | 1295 | 1266 | 2473 | 1435 | 1107 | 488 | 1754 | 2379 | 4262 | 624,9 |
| Хоҷагии коммуналӣ | 99 | 274 | 243 | 131 | 507 | 45 | 16 | 175 | 105 | 1131 | 1142,4 |
| Маориф | 267 | 340 | 285 | 326 | 678 | 720 | 501 | 660 | 386 | 469 | 175,6 |
| Тандурустӣ | 112 | 274 | 503 | 449 | 134 | 220 | 323 | 347 | 163 | 170 | 151,8 |

***Сарчашма:*** *аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳои зерин тартиб ва ҳисоб карда шудааст: Маҷмӯаи оморӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе: АОНПҶТ, 2022. – 702с.; - С.487*

Таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали 3 аз он шаҳодат медиҳанд, ки сармоягузориҳо дар мамлакат аслан ба соҳаҳои истеҳсолӣ, яъне саноат, нақлиёту алоқа, сохтмон ва сохтмони манзил равона карда шудаанд. Ҳамин тавр, вазни қиёсии сармоягузориҳо ба соҳаҳои саноат аз 36,2 % дар соли 2012 ба 37,3 % баробар гардидааст. Ҳиссаи умумии сармоягузориҳо ба сохтмони манзил дар соли 2021 ба 28,2 % баробар гардидааст. Ҳамзамон бояд қайд кард, ки маҷмуи (портфели) лоиҳаҳои сармоягузории давлатии амалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба ҳолати 1-уми январи соли 2020) чунинанд. Бо назардошти ба анҷом расидани татбиқи якчанд лоиҳаҳо ва оғоз гардидани лоиҳаҳои нав аз 65 адад (22 лоиҳаи грантӣ, 10 лоиҳаи қарзӣ ва 33 лоиҳа дар ҳаммаблағгузории қарз ва грант) иборат мебошад, ки маблағи умумии он 32,1, млрд. сомонӣ (3,32 млрд. доллари ИМА)-ро ташкил медиҳад. Дар таркиби маҷмӯи лоиҳаҳои амалкунанда маблағҳои қарзӣ 16,9 млрд. сомонӣ (1,75 млрд. доллар) ё 52,6 фоиз, маблағҳои грантӣ 13,6 млрд. сомонӣ (1,41 млрд. доллар) ё 42,4 фоиз, саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 1,4 млрд. сомонӣ (144,6 млн. доллар) ё 4,4 фоиз ва дигар сарчашмаҳо, аз ҷумла саҳми корхонаҳои давлатии ҷумҳурӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҷамоаҳо (бенефитсиарҳо) ва ғайра 190,7 млн. сомонӣ (19,7 млн. доллар) ё 0,6 фоизро ташкил медиҳад. (Диаграммаи 1).

***Диаграммаи 1.** Сохтори портфелии лоиҳаҳои сармоягузории давлатии амалкунанда аз рӯи намуди маблағгузорӣ (млн.дол. ИМА.)*




***Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маводҳои Кумитаи сармоягузорӣ ва амволи назди Ҳукумати ҶТ.*

Манбаи маблағгузории маҷмӯи (портфели) лоиҳаҳои сармоягузории давлатии амалкунанда, асосан, аз сарчашмаҳои зерин иборат мебошад: Бонки Осиёгии Рушд 889,6 млн. доллар ё 26,8 фоизи маблағи умумии портфел, Бонки ҷаҳонӣ 575,6 млн. доллар ё 17,4 фоиз, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд 490,4 млн. доллар ё 14,8 фоиз, Ҷумҳурии Халқии Хитой 479,4 млн. доллар ё 14,4 фоиз, Бонки Исломии Рушд 143,9 млн. доллар ё 4,3 фоиз, Бонки Аврупоии Сармоягузорӣ 89,7 млн. доллар ё 2,7 фоиз, Бонки Осиёгии сармоягузориҳои инфрасохторӣ 87,5 млн. доллар ё 2,6 фоиз, Фонди Саудии Рушд 85,0 млн. доллар ё 2,6 фоиз, Бонки Олмонии Рушд 55,3 млн. доллар ё 1,7 фоиз, Фонди байналмилалии рушди соҳаи кишоварзӣ 53,1 млн. доллар ё 1,6 фоиз, Фонди Кувейтии рушди иқтисодии Араб 42,5 млн. доллар ё 1,3 фоиз, дигар созмонҳои байналмилалии молиявӣ/давлатҳои донор 163,9 млн. доллар ё 4,9 фоиз, саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 144,6 млн. доллар ё 4,4 фоиз ва дигар сарчашмаҳо (саҳми корхонаҳои давлатии ватанӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҷамоаҳо ва ғ.) 19,7 млн. доллар ё 0,6 фоиз. (ниг. ба диаграммаи 2).

***Диаграммаи 2.** Сарчашмаҳои маблағгузории маҷмӯи (портфелии) лоиҳаҳои сармоягузории давлатии амалкунанда ба ҳолати 01.01.2020.*

*( млн долл. ИМА)*



***Сарчашма:*** *таҳқиқи муаллиф дар асоси маводҳои Кумитаи сармоягузорӣ ва амволи назди Ҳукумати ҶТ.*

Бояд зикр кард, ки сиёсати сармоягузории давлатӣ бояд ба фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва рафъи маҳдудиятҳои қонунгузорӣ ва институтсионалии афзоиши сармоягузорӣ ба истеҳсолот, таҳкими тамоюли иҷтимоии онҳо, озод кардани ташаббуси бахши хусусии иқтисод, муқовимат ба таҳдидҳои ноорошмавии вазъи иқтисодӣ нигаронида шавад. Дар баробари ин низоми муосири иқтисодии давлатҳои рӯ ба тараққӣ ба фаъолияти фаъоли сармоягузорӣ асос ёфтааст. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои солонаи худ аҳамияти хосаи рушди сармоягузориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд мекунанд. Сарвари давлат дар Паёми навбатии худ қайд мекунанд, ки «Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ, ҷалби сармояи мустақим барои таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии мо маҳсуб мешавад.

Беҳсозии фазои сармоягузорӣ ягона воситаи муфид ва самарабахше мебошад, ки дар сурати коҳиш ёфтани вазъи иқтисодии кишварҳо, ба рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат ва тавсеаи ҳамаҷонибаи онҳо такони ҷиддӣ мерасонад. Аз ин рӯ, фароҳам овардани шароити мусоиди сармоягузорӣ аз ҷониби мақомотҳои ваколатдори давлатӣ, ки ҳамчун субъекҳои баррасикунандаи манфиатҳои сармоягузории мамлакат саъю талош меварзанд, то ба сармоягузорон “маҳсулоти” худро, ки “фазои сармоягузорӣ” ба ҳисоб меравад, пешниҳод намоянд. “Бо назардошти ин, ҳукумат ислоҳоти институтсионалиро оид ба беҳсозии фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ тавассути таҳкимбахшии заминаи қонунгузорӣ, рушди низоми иҷрои қарордодҳо ва идоракунии корпоративӣ, таъмини ҳуқуқҳои молу мулкӣ, бартараф намудани монеаҳои маъмурии зиёдатӣ, аз ҷумла баланд бардоштани иқтидори сармоягузорӣ ва коҳишдиҳии хавфҳои сармоягузорӣ, идома медиҳад.

Ҳамин тариқ, сармоягузории давлатӣ барои рушди устувори иқтисодӣ нақши ҳалкунанда дошта, барои такмили он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд боз ҳам чораҳои зарурӣ ва мушаххас андешида шавад.

## Адабиёт

1. Комилов С.Дж., Гафаров Ф.М. Теоретические подходы к определению сущности инвестиций и инвестиционного потенциала региона// Вестник ТНУ. Серия экономических наук (Научный журнал). - Душанбе, 2014, 2/1 (127). С.10-17.
2. Ҳамроев М. И. Нақши сармоягузориҳои хориҷӣ дар таъмини рушди иқтисодиёти миллӣ// Endless light in science, декабрь, 2022, С. 114-120.
3. Дадоматов Д. Н., Ҷӯраева М.С. Муҳити инноватсионӣ дар низоми рушди соҳибкории саноатӣ// Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук, №. 3 (84), 2020, С. 31-40.
4. Ғайратбек Ҳайдаров. Проблемы и решения при формировании государственной инвестиционной программы//Общество и инновации, №. 4, 2021, С. 12-18.
5. Солеҳзода А.А., Наимов М.Ю. Усулҳо ва арзёбии фазои бозори сармоягузорӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2020. № 10-1. С. 14-20.
6. Солехзода А.А., Рахмонов С.А. Анализ инвестиций и развитие промышленного производства в таджикистане//Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2015. № 2/9 (190). С. 14-17.

7. Ҳисоботи сармоягузориҳои хориҷӣ. Сомонаи расмии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: http:// www.gki.tj
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018с. Манбаи электронӣ: http ://www.prezident .tj
9. Шукурова М.В. Фаъолияти инвеститсионӣ ва инкишофи заминаи моддӣ - техникии муассисаҳои соҳаи таҳсилоти олӣ// Endless light in science, Октябрь, 2022, С. 38-43.
10. Садриддинов Н.Т., Шодиев И.М //Монография // Сармоягузориҳои хориҷӣ, зарурат ва дурнамои он дар ҶТ. - Душанбе, 2016. - С. 181.
11. Садовничий А. Роль образования и науки при переходе к устойчивому развитию //Aima mater. - 2002. - № 10. - С. 9-14.
12. Мирсаидов А.Б. Тохирзода М. Роль инновационного инвестирования в индустриальное развитие регионов страны Экономика Таджикистан, № 3., 2019 с.51-56.
13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сармоягузорӣ (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2007, №5, мод. 365).
14. Бердиев Р.Б. Роль современных институтов в повышении инвестиционного значения доходов населения //Известия АН РТ. Серия: Экономика. - 2010. - № 1. – С. 40-47.
15. Узакова Г.М. Формирование источников инвестиций в переходной экономике Республики Таджикистан: автореф.дисс… канд. экон. наук. – Худжанд, 2011. – 27 с.

# ГОСУДАРСТВЕННЫЕ ИНВЕСТИЦИИ И ИХ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ В УСЛОВИЯХ СТРАТЕГИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ СТРАНЫ

**СОЛЕХЗОДА АШУРБОЙ АБДУЛВОХИД,**
кандидат экономических наук, доцент Таджикского национального университета.
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.
Тел.: (+992) 901-60-70-70. E-mail: ashurboy@mail.ru
**АМОНОВА ДИЛОРОМ АБДУВАХИДОВНА**,
старший преподаватель кафедры управления государственными финансами
Таджикского национального университета.
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.
Тел.: (+992) 985-39-99-99. E-mail: damonova-20@mail.ru

*В статье рассматриваются вопросы государственных инвестиций и их совершенствования в контексте стратегического развития страны. Отмечено, что государственные инвестиции, прежде всего, играют решающую роль в укреплении экономического потенциала каждой страны. Это, в свою очередь, положительно влияет на деятельность предприятий и приводит к увеличению валового внутреннего продукта и устойчивому развитию страны. Автор отмечает, что развитие общества и отдельных хозяйствующих субъектов базируется на расширении материальных благ, что обеспечивает рост национального богатства и, соответственно, доходов населения. Одним из основных средств обеспечения этого роста является инвестиционная деятельность, включающая в себя инвестиции или инвестиционные процессы, а также комплекс практических мероприятий по реализации инвестиций. Это инвестиционная деятельность в процессе осуществления масштабных политических, экономических и социальных преобразований, направленных на создание благоприятных условий для устойчивого экономического развития. С точки зрения сущности экономических реформ вопрос повышения инвестиционной активности и улучшения инвестиционного климата является одним из главных. Из этого следует, что основной задачей государственной инвестиционной политики является создание благоприятной среды для привлечения и повышения эффективности использования*

*инвестиционных ресурсов в развитии экономики. В связи с этим следует отметить, что государственная инвестиционная политика должна быть направлена на создание благоприятного инвестиционного климата и устранение законодательных и институциональных ограничений роста инвестиций в производство, усиление их социальной направленности, высвобождение инициативы частного сектора экономики, противодействия угрозам нестабильности экономической ситуации. В то же время современная экономическая система развивающихся стран основана на активной инвестиционной деятельности.*

***Ключевые слова:*** *государственные инвестиции, ВВП, устойчивое экономическое развитие, инвестиционная деятельность, риски инвесторов, инвестиционная среда.*

## PUBLIC INVESTMENTS AND THEIR IMPROVEMENT IN CONDITIONS OF THE STRATEGIC DEVELOPMENT OF THE COUNTRY

**SOLEHZODA ASHURBOY ABDULVAHID,**
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor,
Tajik National University.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 17, Rudaki Ave.
Phone: (+992) 907-77-70-13. E-mail:ashurboy@mail.ru
**AMONOVA DILOROM ABDUVAKHIDOVNA,**
Senior Lecturer, Department of Public Finance Management,
Tajik National University.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 17, Rudaki Ave.
Phone: (+992) 985-39-99-99. E.mail:damonova@mail.ru

*The article deals with the issues of public investment and their improvement in the context of the country's strategic development. It was noted that public investment, first of all, plays a decisive role in strengthening the economic potential of each country. This, in turn, has a positive effect on the activities of enterprises and leads to an increase in gross domestic product and sustainable development of the country. The author notes that the development of society and individual economic entities is based on the expansion of material wealth, which ensures the growth of national wealth and, accordingly, the income of the population. One of the main means of ensuring this growth is investment activity, which includes investments or investment processes, as well as a set of practical measures for the implementation of investments. This is an investment activity in the process of implementing large-scale political, economic and social transformations aimed at creating favorable conditions for sustainable economic development. From the point of view of the essence of economic reforms, the issue of increasing investment activity and improving the investment climate is one of the main ones. It follows from this that the main task of the state investment policy is to create a favorable environment for attracting and increasing the efficiency of the use of investment resources in the development of the economy. In this regard, it should be noted that the state investment policy should be aimed at creating a favorable investment climate and eliminating legislative and institutional restrictions on the growth of investment in production, strengthening their social orientation, releasing the initiative of the private sector of the economy, counteracting threats to the instability of the economic situation. At the same time, the modern economic system of developing countries is based on active investment activity.*

***Keywords:*** *public investment, GDP, sustainable economic development, investment activity, investor risks, investment environment.*

УДК: 338.48(575,3)

# ХУСУСИЯТҲОИ ИННОВАТСИЯ ДАР ТУРИЗМ

**РАҲИМОВ САЙДАЛӢ ХОЛОВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалӣ сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.
734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5.
Тел.: (+992) 935-04-17-40. E-mail: saidali-tfi@mail.ru
**КАРИМОВ НУРУЛЛО САФАРБЕГОВИЧ,**
ассистенти кафедраи идоракунии молияи давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. С. Носир, 33.
Тел.: (+992) 900-90-24-05. E.mail: ysinjonkarimov03@mail.ru.

*Инноватсия ва фаъолияти инноватсионӣ чун анъана ҳамчун самти пешрафти илму техникӣ ва чун раванде мебошад, ки бо татбиқи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва амалия алоқаманд аст. Аммо маъно ва мазмуни мафҳуми «инноватсия» васеътар аст, доираи инноватсия ҳамаҷониба буда, он на танҳо истифодаи амалии коркардҳо ва ихтироъҳои илмию техникиро дар бар мегирад, балки тағйироти маҳсулот, равандҳо, маркетингро низ дар бар мегирад. Инноватсия ҳамчун омили возеҳи тағйирот амал мекунад, ки дар натиҷаи фаъолият дар маҳсулоти нав ё мукаммалгардонии раванди технологӣ, хизматрасониҳои нав ва равишҳои нави қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти иҷтимоӣ таҷассум ёфтааст*

*Дар мақолаи илмӣ хусусиятҳои навовариҳо дар соҳаи туризм мавриди баррасӣ қарор гирифта, таснифоти онҳо оварда шудааст. Инчунин моҳияти маҳсулоти туристӣ, манбаъ, техника ва технология, ташкил ва маркетинг дар туризм тавсиф шудааст ва самтҳои дурнамои рушди туризми ватанӣ баррасӣ карда шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *навовариҳои истеъмолӣ, захиравӣ, техникӣ ва технологӣ, ташкилӣ, маркетинг дар соҳаи туризм, маҳсулоти туристӣ, захираҳои туристӣ.*

*Навоварӣ – ин як* навигарии тараққикардае мебошад, ки аз тарафи системаи ташкилӣ қабул ва истифода карда мешавад. Инноватсия – ин объекте мебошад, ки дар натиҷаи таҳқиқоти илмии гузаронидашуда ё кашфиёти иҷрошудае, ки аз дигар кашфиёт фарқ мекунад ба истеҳсолот ворид карда шудааст. Инноватсияҳо, навовариҳо – ин раванди маҷмӯавии ташаккул, паҳн ва истифодаи навовариҳо барои қонеъ кардани ниёзҳои мушаххас мебошанд. [9, с.182].

Дар шароити муосири рақобати шадиди бозори хадамоти туристӣ , муваффақияти дарозмуддати ширкати туристӣ бо қобилияти пайваста навоварӣ ворид кардан дар фаъолияти худ вобастагии зич дорад. Чун анъана, навовариҳо ва фаъолияти инноватсионӣ пеш аз ҳама бо корхонаҳои соҳаҳои дорои технологияҳои олӣ (технологияҳои компютерӣ ва телекоммуникатсионӣ, химия, саноати фарматсевтӣ ва ғайра) алоқаманданд, аммо мазмуни мафҳуми «инноватсия» васеътар аст. Фаъолияти инноватсионӣ на танҳо истифодаи амалии коркардҳо ва ихтирооти илмӣ-техникиро дарбар мегирад, балки тағйирот дар маҳсулот, ҷараёнҳо, маркетинг, ташкил ва идоракунии истеҳсолотро низ дарбар мегирад. Фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи сайёҳӣ дар эҷоди маҳсулоти нав ё такмил додани маҳсулоти мавҷудаи сайёҳӣ, такмили нақлиёт, меҳмонхона ва дигар хизматрасониҳо, рушди бозорҳои нав, ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадами иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, шаклҳои муосири фаъолияти ташкилию идоракунӣ, равишҳо барои қонеъ кардани ниёзҳои сайёҳон ифода меёбад.

Тибқи стандартҳои байналмилалӣ, ки тавсияҳо дар соли 1992 дар Осло қабул шудаанд (ба истилоҳ "Роҳбарии Осло"), ду намуди инноватсияро фарқ мекунанд:

маҳсулотӣ ва ҷараёнӣ. Инноватсияи маҳсулоти мутаносибан ҷорӣ намудани маҳсулоти нав ё такмилёфтаро дар бар мегирад. Инноватсияи ҷараёнӣ ин рушди шаклҳо ва усулҳои нави ташкили истеҳсолот ҳангоми баровардани маҳсулоти нав мебошад. Инноватсияҳоро инчунин бо миқёси худ (илмӣ-техникӣ, ташкилӣ ва иқтисодӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва давлатӣ-ҳуқуқӣ), миқёси тақсимот (ҷаҳонӣ, миллӣ, минтақавӣ, соҳавӣ ва маҳаллӣ) ва аз ҷиҳати табиӣ (эволютсионӣ ва радикалӣ) фарқ мекунанд [6, с.86].

Дар асоси муқаррароти Созишномаи умумии савдои хизматрасонӣ (ГАТС), се самти рушди инноватсия дар туризмро ҷудо мекунанд:

1. **Инноватсияҳои ташкилӣ** - ҷорӣ намудани навовариҳои марбут ба рушди соҳибкорӣ ва бизнеси сайёҳӣ дар низом ва сохтори идоракунӣ, аз ҷумла азнавташкилдиҳӣ, муттаҳидсозӣ, азхудкунии субъектҳои рақобатпазир дар асоси технологияҳои навтарин ва технологияҳои пешрафта, такмили сиёсати кадрӣ (навсозӣ ва иваз кардани ҳайати кадрҳо, баланд бардоштани тахассус, бозомӯзӣ ва ҳавасмандгардонии кормандон); такмили фаъолияти иқтисодӣ ва молиявӣ (ҷорӣ намудани шаклҳои муосири баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ, ки ба таъмини устувории мавқеъ ва рушди корхона мусоидат мекунанд).

2. **Инноватсияҳои маркетингӣ**, ки имкон медиҳанд, ниёзҳои истеъмолкунандагони мақсаднок ё муштариёни дар муддати муайян ҷалбнашударо фаро гиранд.

3. **Инноватсияҳои маҳсулот** - навовариҳои даврӣ, ки ба тағйир додани хосиятҳои истеъмолии маҳсулоти туристӣ, мавқеъгирии он ва афзалиятҳои рақобатӣ равона карда шудаанд.

Аксари муҳаққиқони равандҳои инноватсионӣ дар соҳаи туризм қайд мекунанд, ки туризм истеъмолкунандаи фаъоли навовариҳои техникии дар дигар соҳаҳо истеҳсолшаванда, масалан, таҷҳизоти махсуси туристӣ дар асоси маводҳои муосир, низоми назоратӣ дар меҳмонхонаҳо, дастурҳои электронӣ, навигаторҳои моҳворaӣ, системаҳои идоракунии компютерӣ ва баҳисобгирӣ, таблиғи электронӣ ва тиҷорат мебошанд. Дар баробари ин, масъалаи дар корхонаҳои индустрияи туризм мустақилона ҷорӣ намудани навоварӣ кушода боқӣ мемонад [5, с.62-69].

Дарвоқеъ, мушкилот бо мавҷудияти навовариҳои хизматӣ дар соҳаи туризм тангтар мешавад, ки ин комилан қонунӣ нест, зеро индустрияи сайёҳӣ як маҷмааи гуногунсоҳаи истеҳсолӣ мебошад. Ба соҳаи туризм ба ғайр аз корхонаҳои маъмулии хизматрасонӣ (ҷойгиронӣ, хӯроки умумӣ барои сайёҳон, ширкатҳои нақлиётӣ, ширкатҳои сайёҳӣ ва ғайра) инчунин корхонаҳои истеҳсолӣ (барои истеҳсоли таҷҳизот ва маводҳои туристӣ, молҳои варзишӣ, либосҳо барои истироҳат ва саёҳат, тӯҳфаҳо ва ғ.) дохил мешаванд, ки имкониятҳои васеътари ҷорӣ намудани навовариҳоро доранд.

Инноватсияи мустақим дар соҳаи хизматрасонӣ (навовариҳои хизматӣ) ҳамчун мафҳуми нави хизматрасонӣ муайян карда шуда, роҳҳои нави иртибот бо муштариён, низомҳои нави тақсимот ва ҳалли технологӣ, ки аксар вақт пешниҳоди хизматҳоро дар бозор тағйир медиҳанд, қобилиятҳои нави сохтории ташкилӣ, технологӣ ва инсонии ширкати туристиро талаб мекунад [8, с.122].

Гурӯҳбандии навовариҳо ва корхонаҳои инноватсионӣ дар заминаҳои гуногун бояд на танҳо сохтори объекти таҳқиқшаванда, мавқеъҳои инноватсиониро мушаххас кунад, балки робитаҳои байни намудҳои гуногуни навовариҳо ва ташкилотҳои инноватсиониро муайян намояд. Дар адабиёти муосир оид ба ин масъала, метавон шумораи зиёди равишҳои гуногунро ба таснифи навовариҳо ва корхонаҳои инноватсионӣ пайдо кард, ки дар байни онҳо типологияҳои Г.Менш, Х.Фриман,

А.И.Пригожин, Б.Санто ва дигарон мавриди таваҷҷӯҳанд. Новобаста ба гуногунадешӣ, нуқтаи ибтидоии умумӣ барои таҳияи ҳамаи таснифоти дар айни замон истифодашаванда таснифи Й.Шумпетер мебошад. Вобаста аз хусусияти таснифоти истифодашуда, муҳаққиқони амрикоӣ як қатор намудҳо ва зернамудҳои навовариҳоро фарқ мекунанд.

Дар асоси таснифоти навоварӣ, ки Йозеф Алоиз Шумпетер пешниҳод кардааст, мо метавонем таснифи зерини навовариҳоро дар соҳаи туризм аз рӯи объекти истифодабарӣ (ҷадвали 1) пешниҳод намоем.

***Ҷадвали 1.*** *Таснифоти навовариҳо дар соҳаи туризм аз рӯи объекти татбиқшаванда*[1]

| **Намудҳои навоварӣ мутобиқи таснифоти И. Шумпетер** | **Намудҳои навоварӣ дар туризм** | **Намунаҳо** |
|---|---|---|
| 1. Муаррифии маҳсулоти нав ва маҳсулоти дорои хосиятҳои нав | Инноватсияи маҳсулот - ба бозори туристӣ ворид намудан ва такмил додани маҳсулоти мавҷудаи туристӣ (саёҳат, хизмат) | Таҳияи сайри нав, роҳи нави экскурсионӣ, самти нави сайёҳӣ (масалан, саёҳат ба кӯҳҳо) пешниҳоди хизматҳои нав (масалан, хизматҳои солимгардонӣ дар меҳмонхонаҳо) |
| 2. Истифодаи ашёи нав | Инноватсияи захиравӣ - истифодаи намуди нави манбаъҳои туристӣ барои ташкили туризм ва таҳияи сайру саёҳати нав | Азхудкунии объектҳои намоишии ғайримуқаррарӣ (масалан, сайёҳии индустриалӣ ва Дигги-туризм (сталкинг), туризми милитарӣ); Сохтмони иншоотҳо ва инфрасохторҳои нав (масалан, барои намудҳои варзиши экстремалӣ); Ба бозор пешниҳод кардани чорабиниҳои нав (ба монанди фестивал) |
| 3. Истифодаи технологияи нав, равандҳои технологӣ | Истифодаи технологияи нав, равандҳои технологӣ | Системаҳои бронкунии электронӣ дар меҳмонхонаҳо; Системаҳои электронии фурӯши чиптаҳои ҳавопаймо; Системаҳои интегратсионии идоракунии инфрасохтори меҳмонхонаҳо; Таблиғи Интернет; Тиҷорати электронӣ (дар |

[1] *Манбаъ:* Шумпетер Й.А. Теория экономического развития. Капитализм, социализм, демократия. М.: Эксмо, 2007- 861с.

| | | |
|---|---|---|
| | | Интернет), масалан, ташкили агентиҳои сайёҳии виртуалӣ |
| 4. Тағйирот дар ташкили истеҳсолот ва таъминоти моддию техникии он | Инноватсияи ташкилӣ - ҷорӣ намудани сохторҳои самараноки идоракунӣ ва тартиби ташкили фаъолияти ширкат, профилҳои нави ҷойи кор ва талаботҳои касбӣ | Рушди занҷирии маҷмӯии меҳмонхонаҳо;<br>Истифодаи системаҳои идоракунии меҳмонхонаҳо тавассути шартнома;<br>истифодаи базаи иттилоотии компютерии муштариён, системаҳои CRM |
| 5. Пайдоиши бозорҳои нави фурӯш | Инноватсияҳои маркетингӣ - инъикоси бахшҳои нави бозор, хизматрасонӣ ба гурӯҳҳои нави муштариён (бо хусусиятҳои ҷуғрофӣ, иҷтимоӣ-демографӣ, рафторӣ фарқ мекунанд) | Баромадан ба бозорҳои нави ҷуғрофӣ;<br>таҳияи саёҳатҳо ва хизматрасониҳои махсус барои гурӯҳҳои муайяни истеъмолкунандагон (масалан, маъюбон) ва ғайра. |

Ин намудҳои навоварӣ бо ҳам алоқамандии зич дошта, ҳамдигарро пурра мекунанд. Масалан, таҳияи саёҳатҳои нав аксар вақт ба рушди захираҳои нави сайёҳӣ асос ёфтааст, дар ҳоле ки маҳсулоти нави туристӣ метавонад, гурӯҳҳои нави истеъмолкунандагонро ҳадаф қарор диҳад.

Мо дар бораи навовариҳои маҳсулот ва захираҳо дар туризм алоҳида истода мегузарем. Муваффақияти фаъолияти тиҷоратӣ дар бозори туристӣ, пеш аз ҳама, бо ҷаззобияти маҳсулоти туристии пешниҳодшаванда муайян карда мешавад. Таҳияи саёҳати нав ва такмил додани маҳсулоти мавҷудаи туристӣ самти асосии инноватсия барои операторони туристӣ мебошад.

Маҳсулоти туристӣ – маҷмӯи хизматрасониҳои туристӣ, ки бо назардошти вазъи бозори туристӣ баҳри қонеъ гардонидани талаботи турист дар асоси шартнома дастрас мебошанд [1]. Асоси ҳама гуна маҳсулоти туристӣ эҳтиёҷот барои қонеъ гардонидани ягон намуди талабот мебошад. Воқеан, истеъмолкунанда маҳсулотро барои қонеъ кардани талаботи муайян мехарад. Аз ин рӯ, асоси маҳсулот равона кардани он ба ҳалли мушкилот, яъне қонеъ кардани талаботи мушаххаси истеъмолкунандагон мебошад. Пас, барои як ширкати сайёҳӣ муайян кардани ин талабот, ки нисбат ба хусусиятҳои хоси маҳсулоти туристӣ (сатҳи сифат, роҳат, нуфуз, иқтисодиёт) нақши дуюмдараҷа доранд, аҳамияти калон дорад. Масалан, тағйирёбии тарзи ҳаёти одамон дар солҳои охир боиси рушди интенсивии чунин намудҳои туризм, ба монанди экстремалӣ ва экологӣ гардид. Одамоне, ки дар муҳити шаҳр, дар фазои асабии доимӣ зиндагӣ мекунанд, ба саёҳат бо ҳадафҳои истироҳат, эҳсосоти нав, имкони рафъи мондагӣ, барҳам додани энергияи манфӣ, гузаронидани вақт дар муҳити табиии солим ва мисли инҳо эҳтиёҷ доранд.

Таҳияи саёҳатҳо, ки ба талаботи нави истеъмолкунандагон асос ёфтаанд, асоси навовариҳои бунёдии маҳсулот дар туризм мебошад. Такмил додани хосиятҳои алоҳида ва хусусиятҳои маҳсулоти сайёҳии пешниҳодшуда асоси навовариҳои маҳсулоти туристӣ мебошад (масалан, ҷойгир кардани сайёҳон дар утоқҳои

бароҳаттар, аз ҷумла бо бастаи хизматҳои иловагӣ). Азбаски экскурсия ин сафар дар масири мушаххас мебошад, таҳияи самтҳои нави сайёҳӣ (ба кишварҳо, минтақаҳои нав) низ навоварии маҳсулоти туристӣ аст. Ба инноватсияҳои маҳсулот таҳияи хизматҳои наве, ки ба меҳмонон дар меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо ва дигар корхонаҳои хизматрасонии сайёҳӣ пешниҳод мешаванд, дохил мешаванд.

Асоси моддии маҳсулоти туристиро манбаъҳои муайяни туристӣ ташкил медиҳанд, ки инҳо он ашёи табиат, таърих, фарҳанг, рӯйдодҳои ҳозира, падидаҳое мебошанд, ки метавонанд ҳангоми пешниҳод ва фурӯши маҳсулоти туристӣ истифода шаванд, инчунин инфрасохтори сайёҳӣ, ки ба ҷараёни саёҳат мусоидат намуда, барои истеъмоли маҳсулоти туристӣ шароит фароҳам меорад (ширкатҳои ҷойгиронӣ, хӯрокворӣ, нақлиёт, хадамоти экскурсионӣ ва фаъолияти фароғатӣ). Захираҳои туристӣ қисми потенсиали сайёҳӣ ва фароғатии қаламрави муайян мебошанд, ки ба маҳсулоти туристӣ дохил карда мешаванд ва бояд барои мақсадҳои туристӣ фурӯхта шаванд.

Илова бар захираҳое, ки аллакай дар фаъолияти туристӣ истифода мешаванд, инчунин захираҳои эҳтимолӣ мавҷуданд, ки метавонанд дар шароити муайян истифода шаванд (барқарорсозӣ, таҷдид, рушди нақлиёт, инфрасохтори сайёҳӣ ва ғ.), ки барои афзоиши пешниҳод, таҳияи маҳсулоти нави туристӣ замина ташкил мекунанд. Гузашта аз ин, ба ҷуз аз системаҳои мавҷудаи ҷуғрофӣ-иқлимӣ, объектҳои табиӣ, ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ, гурӯҳҳои этникии аҳолӣ бо фарҳанги анъанавии худ, метавонад дастовардҳои худро ба намоиш гузоранд, ки комилан диққатҷалбкунанда бошад ва ин заминаи рушди сайёҳатҳои нав мегардад.

Сохтмони иншоотҳои нави инфрасохторӣ, ки диққати гурӯҳҳои муайяни сайёҳонро ба худ ҷалб мекунанд, масалан, иншооти варзишӣ: парашют, парвоз, завракронӣ, лижаронии кӯҳӣ заминаи таҳияи маҳсулоти нави сайёҳӣ буда метавонад.

Хусусияти навоварӣ дар туризм дар он аст, ки рушди баъзе намудҳои инноватсия саъйи муштараки корхонаҳои минтақаро ва дастгирии муайяни мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва худидоракунии маҳаллиро талаб мекунад. Аз ҷумла, ташкили як чорабинии нави васеъмиқёс, воридшавии сайёҳонро ба макони баргузорӣ таъмин менамояд, кори ҳамоҳангшудаи ҳамаи иштирокчиёни манфиатдор - ҳам корхонаҳои сайёҳӣ ва ҳам мақомоти давлатиро тақозо мекунад.

Ҳамин тавр, ҷорӣ намудани навовариҳои маҳсулотӣ, захиравӣ, техникӣ, технологӣ, ташкилӣ ва маркетинг дар таҷрибаи корхонаҳои ватанӣ дар соҳаи сайёҳӣ на танҳо ҷалби иловагии сайёҳон, беҳтар намудани нишондиҳандаҳои иқтисодии корхонаҳои сайёҳӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо дар дохили кишвар ва берун аз онро фароҳам меорад, балки бозорҳои сайёҳӣ, инчунин баланд бардоштани сифати хизматрасонии меҳмонон, пурратар қонеъ намудани эҳтиёҷоти онҳоро бо назардошти талаботи хоси гурӯҳҳои алоҳидаи истеъмолкунандагон таъмин менамоянд.

## Адабиёт

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи туризм (АМОҶТ с. 1999, № 9, мод. 228; с. 2005, №12, мод. 641; с.2009, №5, мод. 337; с.2012, №12, қ.1, мод.1016, с.2013, №12, мод.902 )

2. Изотова М.А. Инновации в социокультурном сервисе и туризме: учеб. пособие / М.А. Изотова, Ю.А. Матюхина. – М.: Советский спорт, 2010. – 136 с.

3. Клейменов А.М. Инновационные процессы в развитии туризма / А.М. Клейменов, Б.И. Сергеев // Культура народов Причерноморья. – 2004. – №52, т.2. – С.62-66.

4. Малахова Н.Н. Инновации в туризме и сервисе / Н.Н. Малахова, Д.С. Ушаков. – М.: ИКЦ «МарТ»; Ростов н/Д: Издательский центр «МарТ», 2008. – 224 с.

5. Молчанова В.А. Инновации в туризме: определение, особенности, классификация / В.А. Молчанова // Матер. науч.-практ. конф. «Проблемы устойчивого развития рекреационных регионов». – Сочи: РИО СНИЦ РАН, 2008. – С.62-69.

6. Новиков В.С. Инновации в туризме: учеб. пособие для студ. высш. учеб. заведений / В.С. Новиков. – М.: Издательский центр «Академия», 2007. – 208 с.

7. Шумпетер Й.А. Теория экономического развития. Капитализм, социализм, демократия. М.: Эксмо, 2007- 861с.

8. Van Ark B., Broersma L. and den Hertog, P. (2003) Services Innovation, Performance and Policy: A Review, Synthesis Report in the Framework of the Structural Information Provision on Innovation in Services, DIALOGIC and Innovation studies / Van Ark B., Broersma L. and den Hertog, P.// Utrecht University. - 2003. - 273 c.

9. Мазмуни инноватсия ва фаъолияти инноватсионӣ сармоягузорӣ дар системаи идоракунӣ. Хоҷаев Доробхуҷа Шохуҷаевич, // “Идоракунии давлатӣ”, Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2022 4/1(58). - С. 182-192

## ОСОБЕННОСТИ ИННОВАЦИЙ В ТУРИЗМЕ

**РАХИМОВ САИДАЛИ ХОЛОВИЧ**,
кандидат экономических наук, доцент кафедры бухгалтерского учета и аудита
Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана.
734055, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Борбад, 48/5.
Тел.: (+992) 935-04-17-40. E-mail: saidali-tfi@mail.ru
**КАРИМОВ НУРУЛЛО САФАРБЕГОВИЧ,**
ассистент кафедры управления государственными финансами
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, ул. С. Носира, 33.
Тел.: (+992) 900-90-24-05. E-mail: ysinjonkarimov03@mail.ru.

*Инновации и инновационная деятельность традиционно являются направлением научно-технического прогресса и процессом, связанным с применением результатов научных исследований и практики. Однако смысл и содержание понятия «инновации» шире, сфера применения инноваций всеобъемлющая, она включает в себя не только практическое использование научно-технических разработок и изобретений, но и изменения в продукции, процессах, маркетинге. Инновация выступает явным фактором изменений, являющихся результатом деятельности, воплощенной в новых или улучшенных продуктах, технологических процессах, новых услугах и новых подходах к удовлетворению социальных потребностей.*

*В статье рассмотрены особенности инноваций в туризме, приведена их классификация, раскрыто содержание продуктовых, ресурсных, технико-технологических, организационных и маркетинговых инноваций в туризме. Рассмотрены перспективные направления развития отечественного туризма.*

***Ключевые слова:*** *продуктовые, ресурсные, технико-технологические, организационные, маркетинговые инновации в туризме, туристический продукт, туристические ресурсы.*

## FEATURES OF INNOVATION IN TOURISM

**RAKHIMOV SAIDALI KHOLOVICH**,
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the
Department of Accounting, Analysis and Audit of Accounting and Audit of the International
University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan.
734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Borbad avenue, 48/5,

Phone: (+992) 935-04-17-40. E-mail: saidali-tfi@mail.ru
**KARIMOV NURULLO SAFARBEGOVICH,**
assistant of the department of public finance management of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, S.Nasir str. 33.
Phone: (+992) 900-90-24-05. E-mail: ysinjonkarimov03@mail.ru.

*Innovation and innovative activity is traditionally a direction of scientific and technical progress and a process related to the application of the results of scientific research and practice. However, the meaning and content of the concept of "innovation" is broader, the scope of innovation is comprehensive, it includes not only the practical use of scientific and technical developments and inventions, but also changes in products, processes, and marketing. Innovation acts as a clear factor of change, which is the result of activity embodied in new or improved products, technological processes, new services and new approaches to meeting social needs.*

*The article discusses the features of innovations in tourism, provides their classification, discloses the content of product, resource, technical and technological, organizational and marketing innovations in tourism. The perspective directions of development of domestic tourism are considered.*

***Keywords:*** *grocery, resource, technical and technological, organizational, marketing innovations in tourism, tourism product, tourism resources.*

УДК:330.1

# МЕХАНИЗМҲОИ ИДОРАКУНИИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ВАЗЪИ ИҶТИМОИИ АҲОЛӢ

**НУРАЛИЕВА МИҶГОНА ДАВЛАТАЛИЕВНА,**
ассистенти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Сангак Сафаров, 16
Тел.: (+992) 985-26-52-28. E-mail: muboraksho-88@mail.ru

Дар мақола масъалаҳои идоракунии муҳоҷирати меҳнатӣ ва таъсири *он ба рушди иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст. Қайд карда шудааст, ки мушкилоти асосии идоракунии муосири равандҳои муҳоҷират ҷустуҷӯи усулҳо ва равишҳои муассире мебошад, ки он имкон медиҳад то боздеҳи муносиб аз раванд ва коҳиши зарари бо ҳамин раванд расонидашуда ба даст оянд.*

*Роҳҳои беҳтарнамоии сатҳи зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пуррагӣ нипшон дода шуда дар шакли ҷадвал моделҳои асосии консептуалии сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ оварда шудааст.*

*Хулоса карда шудааст, ки яке аз хусусиятҳои хоси рушди муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ дар шароити муосир рушди интенсивии муҳоҷирати меҳнатии байнидавлатӣ ва равандҳои танзими он мебошад. Инчунин қайд карда шудааст, ки равиши асосӣ ба таҳлили равандҳои муҳоҷират назарияи неоклассикӣ ба ҳисоб меравад, ки бо муносиб будани усулҳои методологӣ шарҳ дода мешавад. Аксарияти тадқиқотҳо ба омилҳои байналмилалии муҳоҷират ба монанди талабот ва таклифот ба қувваи кори дар кишварҳои қабулкунанда ва интиқолдиҳандаи муҳоҷират ва фарқият дар даромади ин кишварҳо нигаронида шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *муҳоҷирати меҳнатӣ, шуғл, вазъи иҷтимоӣ, механизмҳои идоракунии муҳоҷирати меҳнатӣ, сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ, захираҳои инсонӣ, муҳоҷирати байналхалқии меҳнат, аҳолӣ, вазъи иҷтимоии аҳолӣ, даромаднокӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ.*

Дар марҳилаи кунунии рушди иқтисоди ҷаҳонӣ мушкилоти равандҳои муҳоҷират ва афзоиши кишварҳои содиркунанда ва воридкунанда ба миён омада, равандҳои муҳоҷират ва боз ҳам фаъолтар мегарданд. Ин ҳангоми омӯзиши омилҳои ба шахсият таъсиррасон ва дар омӯзиши оқибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии муҳоҷират зарурати гузаронидани тадқиқотҳои муфассалро ба миён меорад. Ташкили сиёсати танзими муҳоҷирати байналхалқии меҳнат бояд ба маҷмӯи мутақобилаи принсипҳои байналмилалӣ ва миллӣ, меъёрҳо ва қоидаҳои ба рушди муносибатҳои муҳоҷират таъсиррасон асос ёфта бошад. Дар ин замина, таъсири он бо истифодаи воситаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, молиявӣ, ҳуқуқӣ ва маъмурӣ амалӣ карда мешавад.

Дар ин ҷода объекти таъсиррасон тадбирҳои аз ҷониби давлат нисбат ба гурӯҳҳои муайяни муҳоҷирони меҳнатии хориҷшуда ё ба кишвар воридшуда мебошад, ки бо мақсади таъмини тақсими босамари равандҳои муҳоҷират дар давраи дарозмуддат ҷорӣ гардидаанд. Субъекти асосии ин намуди танзими давлатӣ мебошад, ки татбиқи сиёсати муҳоҷиратро бояд амалӣ намояд.

Қайд кардан зарур аст, ки танзими равандҳои муҳоҷират тавассути сиёсати муҳоҷирати давлат сурат мегирад. С.Е.Сардак чунин шарҳ медиҳад, ки сиёсати муҳоҷират дар якҷоягӣ бо дигар институтҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ба рушди захираҳои инсонӣ, ки идора намудани он дар ҳар як кишвар хусусияти худро дорад, таъсир мерасонад. Идоракунии захираҳои инсонӣ бояд тарзе ба роҳ монда шавад, ки барои тамоми ҷомеа таъсири судманд дошта бошад [12, с.11-14].

Таҳлили ҳолатҳо ва ба захираҳои инсонӣ бо он далел пеш меояд, ки тафсири маъноҳои онҳо дар шаклҳои мухталиф тағир ёфтааст ва то ҳоло мафҳуми захираҳои инсонӣ ба таври консептуалӣ муайян карда нашудааст ва он як қатор мушкилотҳоро дар соҳаи ҳавасмандкунӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва ғайра ба вуҷуд меоранд. Дар шароити муосир захираҳои инсониро тавре идора кардан лозим аст, ки барои тамоми ҷомеа самараи хуб ба даст оварад ва барои рушду инкишофёбии иқтисодиёт заминаи мусоид гузорад.

Қисмати муҳими рушди равандҳои муҳоҷиратро фаъолияти ширкатҳои фаромиллӣ (трансмиллӣ) ва бисёрмилалӣ (мултимиллӣ) ташкил медиҳанд, ки коргаронро аз кишварҳои нисбатан сусттараққикарда ҷалб менамоянд. Дар навбати худ муҳоҷирати аҳолӣ, ки якчанд давраи таърихиро аз сар гузаронидааст, омили асосии рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ гардидааст. Аз ин рӯ, алоқаи мутақобиларо байни равандҳо, ки дар сатҳи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва миллӣ ба амал меоянд, равандҳои муҳоҷират ба онҳо таъсир расонида, ҷараёни ин алоқамандиро дигаргун менамояд [2, с.180-184].

Айни замон муҳоҷират яке аз падидаҳои баҳснок дар низоми идоракунии давлатӣ мебошад. Аз як тараф, намояндагони сохторҳои давлатӣ ва ташкилотҳои сиёсӣ мавҷудияти ҷанбаҳои мусбии равандҳои муҳоҷиратро қайд мекунанд, ки ба суръат бахшидани рушди иқтисодӣ мусоидат мекунанд. Ҷалби муҳоҷирони маълумотнокиашон баланд ба кишвар инкишоф ва рақобатпазирии кишварро баланд мебардорад. Тиҷорати - муҳоҷирати корӣ ба ташкили соҳаҳои нав, ташкили ҷойҳои нави корӣ мусоидат мекунад. Ҳамзамон барои муҳоҷироне, ки дорои тахассуси паст мебошанд, имконият фароҳам оварда мешавад, то ки бо маоши пасттар ва омӯзиши раванди кор фаъолият намоянд.

Дар ин раванд, хусусияти хос он аст, ки муҳоҷирон – намояндагони дигар муҳити фарҳангӣ мебошанд, метавонанд ба ҷомеа носозгориҳои иҷтимоӣ ворид намуда, инчунин ба афзоиши ҷинояткорӣ, паҳншавии маводи мухаддир ва терроризм мусоидат кунанд.

Мушкилоти асосии идоракунии муосири равандҳои муҳоҷират ҷустуҷӯи усулҳо ва равишҳои муассире мебошад, ки он имкон медиҳад то боздеҳи муносиб аз раванд ва коҳиши зарари бо ҳамин раванд расонидашуда ба даст оянд. Сохторҳои намояндагии кишварҳои пешрафта беш аз пеш зарурати муносибати ҳамаҷониба ва мутавозинро дар идоракунии муҳоҷират эътироф мекунанд. Дар муддати тӯлонии вақт омӯзиши равандҳои муҳоҷират ва таъсири онҳо ба сохтор ва сиёсати давлатҳои муосир дар паси парда монда буд. Аммо, тамоюлҳои муосири фазои геополитикии ҷаҳонӣ муҳоҷирати аҳолиро ба мавқеи яке аз ҷузъҳои муҳими низоми торафт мураккаби муносибатҳои дохилидавлатӣ ва байнидавлатӣ бардошт. Дар шароити рақобати шадиди ҷаҳонӣ, фаромиллӣ шудани фазои сиёсӣ ва иқтисодӣ, он ба табиат ва моҳияти равандҳои сиёсӣ, ба низоми сиёсии ҳар як давлати муосир таъсир мерасонад. Ҷараёни муҳоҷират ба сохтори ҷамъиятию сиёсии давлат ва ҳувияти миллии шаҳрвандони он, низоми муносибатҳои дохилӣ ва фарҳанги сиёсӣ, нерӯи инсонии давлат, ки нақш ва мавқеи кишварро дар арсаи сиёсати хориҷӣ муайян мекунад, таъсир мерасонанд. Яке аз масъалаҳои калидӣ, ки дар доираи мушкилот омӯхта мешавад, назорат аз рӯи ҷараёнҳои муҳоҷират мебошад.

Солҳои охир татбиқи тадбирҳои мушаххаси сиёсати муҳоҷират ба як мушкилии ҷиддии сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва молиявӣ табдил ёфтааст. Боварӣ ба он, ки сиёсати муҳоҷират ба монанди монеа дар роҳи бозори меҳнат амал мекунад, торафт мушкилтар мешавад. Л. Рибаковский, равандҳои ба сиёсати муҳоҷират алоқамандро таҳлил намуда,

боадолатона қайд месозад, ки «...ба ғайр аз онҳо (тадбирҳо), он (сиёсати муҳоҷират), масалан, андешаҳо, ғояҳо, ҳадафҳои аз ҷониби субъект пешниҳодшударо, ки барои он ин ё он сиёсат татбиқ мешаванд, дар бар мегирад». Дар ин ҳолат, “сиёсати муҳоҷират низоми ғояҳо ва воситаҳои ба таври консептуалӣ муттаҳидгардидае мебошад, ки дар сатҳи идоракунӣ қабул гардида, тавассути онҳо, пеш аз ҳама давлат ва инчунин муассисаҳои ҷамъиятии он, принсипҳои муайянеро, ки ба шароити мушаххаси таърихии кишвар мувофиқанд риоя намуда, ноил шудан ба мақсадҳои мувофиқ ва марҳалаи дигари рушди ҷомеаро пешбинӣ менамоянд” [5, с.213].

Дар таърифҳои мавҷудаи сиёсати муҳоҷират, нуктаҳои зеринро ҷудо кардан муҳим аст:

– сиёсати муҳоҷират ... натиҷаи низоми сиёсӣ мебошад;

– сиёсати муҳоҷират афзалияти на танҳо давлат, балки муассисаҳои ҷамъиятӣ низ мебошад;

– ниҳодҳои гуногуни ҷамъиятӣ;

– ҳизбҳо, калисоҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ метавонанд оид ба ҳадафҳо ва воситаҳои сиёсати муҳоҷират нуқтаи назари гуногунро дошта бошанд;

– сиёсати муҳоҷират;

– ин чораёни мутобиқ кардани манфиатҳои давлат дар соҳаи танзими муҳоҷират дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ бо манфиатҳои муҳоҷирон, ҷомеаи маҳаллӣ, элитаи сиёсӣ ва иқтисодӣ, ҳизбҳо, муассисаҳои давлатӣ мебошад;

– ... сиёсати муҳоҷират – ин ҷараёни ҳамкориҳо миёни давлатҳо мебошад, ки дар он интиқоли юрисдиксия сурат мегирад, зеро муҳоҷирон, узви як ҷомеа буданро қатъ намуда, аъзои дигари он мегарданд.

Ҳамин тариқ, ба маънои васеъ, сиёсати муҳоҷират:

– яке аз самтҳои сиёсати давлатӣ буда, бо хусусияти низоми давлатӣ, ҳадафҳое, ки аз ҷониби давлат пешбинишудаанд муайян карда мешаванд, фарқ дорад;

– доктрина ё консепсияи давлатии танзими равандҳои муҳоҷиратро ифода мекунад;

– бо сиёсати амалишавандаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ, миллӣ ва фарҳангӣ пайвастагии ногусастанӣ дорад;

– он ба воқеӣ ва эълоншуда мешавад, ки инчунин сиёсати эълоншуда ҳадафи худ ҳифзи манфиатҳои муҳоҷирон, гурезаҳоро эътироф намуда, дар асл манфиатҳои давлати қабулкунанда, элитаи ҳукмронро баён мекунад.

Адабиёти муосири сиёсиву иҷтимоӣ чунин нуқтаи назарро пешниҳод мекунад: вижагии сиёсати муҳоҷират дар он аст, ки он ҳам мушкилотҳои марбут ба соҳаи сиёсати иқтисодӣ ва ҳам ба чунин падидаҳои мураккаб ва мушкилмуайяншаванда, ба мисли фарҳанги ҷомеа, анъанаҳо ва ҳуввияти онро ба миён меорад.

Сиёсати муҳоҷират дар маънои маҳдуд ба тағйир ва танзими миқдор, таркиб, самти ҳаракат ва кӯчонидани муҳоҷирон нигаронида шудааст.

***Ҷадвали 1.***

***Моделҳои асосии консептуалии сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ***

| № | Номгӯи моделҳо | Афзалиятҳо |
|---|---|---|
| 1 | Модели низомнок | Сиёсати муҳоҷират ҳамчун як қисми низоми байналмилалии сиёсӣ баррасӣ карда мешавад. Дар ин ҳолат назорат аз болои муҳоҷират ҳамчун талаботи сохторӣ шарҳ дода мешавад, ки аз номувофиқатӣ миёни қувваҳои бозори ҷаҳонӣ ва хусусиятҳои пӯшидаи давлатӣ бо сарҳадҳои ҳудудӣ бармеояд. |

| | | |
|---|---|---|
| | | Тибқи ин нуқтаи назар, маҳдудиятҳои самаранокии назорати давлатӣ аз мавҷудияти низоми байналмилалии “либерализатсияи муттаҳидшуда”, ки аз ҳуҷҷатҳои ҳуқуқи инсон ва созишномаҳои байналмилалӣ иборатанд, вобаста мебошанд. |
| 2 | Модели марксистӣ | Сиёсати муҳоҷират ба мутобиқ кардани талаботҳо ба артиши эҳтиётии кормандони истеҳсолӣ бо мақсади пешгирии бетартибиҳои иҷтимоӣ ва сатҳи баланди низоъ дар муносибатҳои байни коргарони ватанӣ ва хориҷӣ нигаронида шудааст. |
| 3 | Модели плюралистӣ | Сиёсати муҳоҷират ҳамчун равандест, ки дар он маҷмӯи муайяни қувваҳо – аз соҳибкорон то калисоҳо (аз тиҷорат то дин), аз иттифоқҳои касаба то иттиҳодияҳои қавмӣ, - кӯшиш мекунанд то манфиатҳои мушаххасро ба сифати низоми кулл аҳамият надода гиранд. |
| 4 | Модели воқеӣ | Муҳаққиқоне, ки нуқтаи назари воқеиро пайгирӣ мекунанд, исбот мекунанд, ки мулоҳизаҳои давлатӣ барои фаҳмидани идоракунии ҷараёни муҳоҷират аз ҷониби давлат калидӣ мебошанд. |
| 5 | Модели неокорпоративӣ | Дар соҳаи сиёсати муҳоҷиратӣ, моделҳои неокорпоративӣ ба он нигаронида шудаанд, ки чӣ гуна давлати қабулкунандаи муҳоҷирон маҳдудиятҳои трансмиллӣ ва байналмилалиро бо сохтори манфиатҳои дохилии худ ҳамоҳанг мекунад. |
| 6 | Модели коммуникатсионӣ | Ҷонибдорони ин модел тезисеро пешниҳод мекунанд, ки сиёсати муҳоҷират худро тавассути низоми амалҳои коммуникатсионӣ баён мекунад, ки ҳамчун силсилаи миёнаравӣ амал мекунад. Дар доираи ин равиш, диққати бештар ба ҷузъи иҷтимоӣ дода мешавад, дар заминаи таҳияи сиёсати муҳоҷират, нисбат ба он ки кадом манфиатҳоро он бояд қонеъ намояд. Як қатор хусусиятҳои сиёсати муҳоҷиратӣ нисбат ба хусусиятҳои муҳоҷиратӣ бештар аз мазмуни интихоби сиёсати муҳоҷират вобаста аст |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф*

Ҳамин тариқ, даҳҳо шарҳҳои сиёсати муҳоҷират мавҷуд буда, барои пурра посух додан ба саволи он ки сиёсати муҳоҷират воқеан чист, бояд ба таҳлили хоси сиёсати муҳоҷират диққат диҳем.

Ба ақидаи муҳаққиқони муосир ин масъала, сиёсати муҳоҷират, сиёсати ҳамгироӣ ва сиёсати натурализатсия ба ҳамдигар зич алоқамананд. Онҳоро метавон ҳамчун марҳилаҳои пайдарпайи сиёсати қабул, ҷобаҷогузорӣ ва ҳамгироии муҳоҷират ба ҷомеаи қабулкунанда баррасӣ намуд. Самаранокии сиёсати муҳоҷират, сиёсати ҳамгироӣ ва сиёсати натурализатсия мустақиман аз ҳамбастагии асосҳои консептуалӣ, ҳадафҳо, вазифаҳо ва афзалиятҳои ҳар кадоми онҳо вобаста аст. Ҳадафи сиёсати ҳамгироӣ фароҳам овардани шароити хуб барои ҳамгироии муҳоҷирон бо ҷомеаи маҳаллӣ мебошад. Ҳадафи сиёсати натурализатсия фароҳам овардани шароит ва тартиби додани шаҳрвандӣ ба муҳоҷирон мебошад.

Таҷрибаи кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ба таври худ намунаи беназири рафъи фарқиятҳо дар равишҳои миллӣ-давлатӣ дар масъалаҳои танзими муҳоҷират ва ташаккули пайгиронаи сиёсати дастаҷамъонаи муҳоҷират дар доираи босуръат рушдёбандаи иттиҳоди ҳамгирой аз солҳои 1950 ташкил медиҳад. Ҳамгироии аврупоӣ аз ибтидо ба принсипи «чаҳор озодӣ» асос ёфтааст: интиқоли озоди молҳо, хизматрасонӣ, сармоя ва аҳолӣ. Раванди ҳамгироии кишварҳои Аврупо, ки ба ташаккули иттиҳоди зичи халқҳо равона гардидааст, омили таҳкими мубодилаи муҳоҷират миёни кишварҳои Аврупо табдил ёфтааст.

Дар навбати худ, равандҳои муҳоҷират омили муҳими ҳамгироии кишварҳо мебошанд, махусусан вақте ки сухан дар бораи нақши муҳоҷирони меҳнатӣ дар иттиҳодияи иқтисодии байнидавлатӣ меравад [16, с.58].

Мушкилотҳо дар соҳаи идоракунии равандҳои муҳоҷират бинобар равандҳои геополитикии дохилӣ ва хориҷӣ меафзоянд. Дар робита ба ин, давлатро зарур аст, ки ба равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва муҳоҷиратӣ дар кишварҳои амалигардии муҳоҷират таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ҳамкориҳои байнидавлатиро бо дигар кишварҳо дар самти реадмиссияи муҳоҷирони ғайриқонунӣ ва мубориза бо ҷинояткории фаромиллӣ густариш диҳад [4, с.438].

Ҳамзамон, мо набояд оид ба зарурати ҳамгироии муҳоҷирон дар давлати иқоматашон фаромӯш насозем, ки бо ҳуқуқҳои муайян, аз ҷумла сиёсӣ, ки ба онҳо дода шудааст вобастагии зич доранд. Дар маҷмӯъ, бояд қайд кард, ки барои ҳалли мушкилоти мавҷуда дар соҳаи сиёсати муҳоҷират, моро зарур аст, то мувозинатро байни талаботҳои иқтисодӣ ва мулоҳизаҳои амниятӣ, бо тағйиру илова ба талаботҳои гуманитарӣ, ки одатан аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пешкаш карда мешавад, риоя намоем. Ин чунин маъно дорад, ки муҳимтарин воситаҳои сиёсати давлатӣ, ки ба онҳо албатта соҳаи муҳоҷиратро дохил мешавад, бояд фасеҳ ва гуногунранг бошанд, ки маҳдудият ва маҷбуран интихобро фароҳам месозанд, яъне танҳо нисбати онҳое, ки "қоидаҳои зист" -ро, ки қонун муқаррар кардааст, вайрон мекунанд. Дар ин ҳолат, асосҳои ҳамзистии таҳаммулпазирии халқҳо ва фарҳангҳои мухталиф, ки ба таври анъанавӣ бо назария ва амалияи демократия ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мувофиқанд, на танҳо поймол мешаванд, балки метавонанд дар заминаи равандҳои босуръати ҷаҳонишавӣ дар ҷаҳон эҷодкорона инкишоф дода шаванд.

Муносибатҳои байналхалқии муҳоҷират давраи рушди тӯлониро аз сар гузаронида ва ҳанӯз ҳам зери таъсири омилҳои гуногун тағйир ёфта истодаанд. Дар баробари ин, равишҳои назариявии таҳлили муҳоҷирати байналхалқӣ низ таҳия карда шудаанд (ёдрас мешавем, ки бештари таҳқиқотҳои назариявӣ байни муҳоҷирати байналхалқӣ ва муҳоҷирати байналхалқии меҳнатро аз ҳам фарқ намекунанд). Илова бар ин усулҳои иқтисодӣ-риёзии таҳлили муҳоҷирати байналмилалӣ ба дигаргуниҳо дучор шуданд. Ҳамзамон, ҳар як назария ба як ҷузъи алоҳидаи муносибатҳои муҳоҷират нигаронида шудааст: омилҳои ҳаракатдиҳанда ва ҷалбкунанда, муҳоҷирон, омилҳои глобалии муҳоҷират, шабакаҳои муҳоҷират, вазъият, афзоиши шумораи муҳоҷирон, таъсири муҳоҷират дар бозори меҳнати кишвари қабулкунанда, таъсири муҳоҷират ба тақсимоти даромад дар минтақаҳои алоҳида ва ғайра.

Усулҳои идоракунии давлатии ҷараёни муҳоҷират бо дарназардошти он ки ҳаракати байналмилалии қувваи корӣ то кадом андоза рушд намуда, таҳия ва такмил ёфтанд. Сиёсати муҳоҷирати давлатӣ сиёсати давлатест, ки ба танзими содирот ва воридоти қувваи корӣ аз як кишвар ё ба он нигаронида шудааст.

Ҳуқуқи ҳар як кишвар барои муайян кардани самтҳо ва ҳадафҳои сиёсати муҳоҷират мустақилона мебошад. Аммо шарти мувофиқ ва зарурӣ барои таҳияи

маҷмӯи тадбирҳои танзими раванди муҳоҷирати хориҷӣ, ки равандҳои тиҷоратии муҳоҷиратро танзим менамояд, пайгирӣ намудани баъзе меъёрҳо ва стандартҳои ҳуқуқии дар ҳуҷҷатҳои созмонҳои байналмилалӣ муқарраршуда ба ҳисоб меравад. Конвенсияҳои байналмилалиро ба тасвиб расонида, кишварҳое, ки раванди муҳоҷирати меҳнатиро ба танзим медароранд, афзалияти ҳуқуқи байналмилалиро нисбат ба қонунгузории миллӣ эътироф мекунанд. Ин барои худи кишвар муҳим аст, зеро он ба ҷомеаи ҷаҳонӣ дохил мешавад ва барои муҳоҷироне, ки дар хориҷа ба муҳофизат ниёз доранд кӯмак мерасонад.

Хусусияти муҳоҷирати байналхалқии меҳнат оид ба танзими ин раванд аз ҷониби ду субъект мебошад, ки дар марҳилаҳои мухталифи муҳоҷирати аҳолӣ ҳамкорӣ намуда, аксар вакт, бо манфиатҳои онҳо рост намеоянд. Агар кишвари қабулкунанда барои ба даст овардани манфиатҳои бештар барои ташриф овардан ва истифодаи муҳоҷирон масъул бошад, кишвари донор барои танзими рафту омади муҳоҷирон ва ҳифзи манфиатҳои муҳоҷирон дар хориҷа масъул аст.

Вале ҷанбаҳои умумӣ дар кишварҳои содиркунанда ва воридкунанда мушоҳида карда мешавад. Изҳори ҳуқуқии манфиатҳои мутақобилаи кишварҳо, ҳам муҳоҷиронро қабулкунанда ва ҳам муҳоҷиронро равонасозанда, дар шакли созишномаҳои байналмилалии дуҷониба ё бисёрҷониба оид ба масъалаҳои муҳоҷират амалӣ мегардад.

Аксари кишварҳое, ки муҳоҷиронро қабул мекунанд, барои танзими муҳоҷират усули интихобиро истифода мекунанд. Ин маънои онро дорад, ки давлат барои воридшавии он мутахассисоне, ки ба онҳо эҳтиёҷ дорад, монеа намегузорад, вале барои воридшавии шахсони бе касбу тахассус монеаҳо эҷод менамояд.

Дар айни замон, мушкилотҳое, ки бо муҳоҷирати захираҳои меҳнатӣ алоқаманданд, аз ҷониби як қатор муассисаҳо ва созмонҳо, пеш аз ҳама дар доираи СММ, инчунин гурӯҳҳои минтақавӣ ҳал карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, яке аз хусусиятҳои хоси рушди муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ дар шароити муосир рушди интенсивии муҳоҷирати меҳнатии байнидавлатӣ ва равандҳои танзими он мебошад.

Бо вуҷуди ин назарияҳои иқтисодӣ асосан рафтори шахсии объектро дар бар мегиранд ва дигар омилҳои ба муҳоҷирати байналмилали таъсиррасон аз қабили омилҳои иҷтимоӣ ва сиёсати танзими муҳоҷират ба назар гирифта намешаванд. Равиши асосӣ ба таҳлили равандҳои муҳоҷират назарияи неколассикӣ ба ҳисоб меравад, ки бо муносиб будани усулҳои методологӣ шарҳ дода мешавад. Аксарияти тадқиқотҳо ба омилҳои байналмилалии муҳоҷират ба монанди талабот ва таклифот ба қувваи корӣ дар кишварҳои қабулкунанда ва интиқолдиҳандаи муҳоҷират ва фарқият дар даромади ин кишварҳо нигаронида шудааст.

Бо вуҷуди ин, кӯшиши ташкил намудани консепсияи ягонаи муҳоҷират дар назарияи синтетикӣ дида мешавад. Аммо таҳлилу тадқиқотҳои гузаронида дар соҳаи омӯзиши муҳоҷирати байналмилалӣ нокифоя ва мураккаб будани консепсияи ягонаро нишон дод. Аз тарафи дигар, усулҳои тадқиқи омилҳо ва оқибатҳои муҳоҷират ошкор карда шуданд. Дар асоси ин таҳлилҳо маълум гардид, ки истифодаи усули эконометрӣ бо ёрии силсилаи вакт ва маълумотҳои панелӣ барои тадқиқот бурдани муҳоҷират самаранок мебошад, зеро он мушкилоти омӯзиши равандҳои муҳоҷират ва ташкили моделҳои муҳоҷиратро барои кишварҳои гуногун имконпазир мегардонад.

**Адабиёт**

1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон// Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ №4-2022..

2. Акимова С. А. Правовое регулирование миграционной политики и деятельности миграционных служб Австралии, Японии, а также государств, входящих в ассоциацию стран Юго-Восточной Азии / С. А. Акимова, Т. А. Прудникова // Вестник Московского университета МВД России. – 2014. – № 9. – С. 180 – 184.
3. Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2014-2019, Хатлон 2020.
4. Василевская И.В., Смирнов И.А. Правовые аспекты совершенствования миграционной политики в рамках системы национальной безопасности России // Проблемы управления безопасностью сложных систем: Труды мат-лов XX Междунар. конф. М.: РГГУ, 2012. - С. 438–440.
5. Волосенкова Е., Кабаченко П., Тарасова Е. Миграционная политика. Управление миграционными процессами // Методология и методы изучения миграционных процессов. М., 2007. С. 213–237. 89 Ҳамон ҷо: С.214.
6. Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон /Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти ҶТ. – Душанбе, 2022.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» санаи истифодашуда: 28.12.2012 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, №643, 18 05 2009 с., Душанбе 2016 г. саҳ. 6-9.
8. Никитина Ю.А. Человеческий ресурс: демография и миграция // Современные глобальные проблемы мировой политики. М.: Аспект Пресс, 2012. С. 269.
9. Никитина Ю.А. Человеческий ресурс: демография и миграция // Современные глобальные проблемы мировой политики. М.: Аспект Пресс, 2012. С. 269.
10. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 21.12.2021.
11. Сардак С.Е. Сучасна проблематика международного рухулюдских ресурси в миграция, туризм, транзитно-профессий перемещённая, виртуальный международный рух / С. Е. Сардак // Инвестиции: практика. – 2015. –№ 15. – С. 11 – 14.
12. Солехзода А.А. Факторы, влияющие на уровень продовольственной безопасности / А.А.Солехзода, И.С.Фасихов // Научные исследования: Ключевые проблемы III тысячелетия (Россия, Москва). - 8 (9). – 2016. - С.15-23.
13. Солиев, А.А. Кластерный принцип организации мониторинга и прогнозирования продовольственного рынка страны и ее регионов [Текст] / А.А. Солиев, И.С. Фасихов // Вестн. Тадж. нац. ун-та. – Душанбе, 2014. – № 2/8. – С. 3-7.
14. Сомонаи расмии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон https://www.mehnat.tj/.
15. Фасеҳзода И.С. Рушди истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти минтақа / И.С. Фасеҳзода, А.С.Назарзода // Маҷаллаи илмию сиёсии «Идоракунии давлатӣ»-и Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе-2021с., №3 (52). С.58-64.
16. Фасеҳзода И.С. Рушди истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ва таъсири он ба иқтисодиёти минтақа / И.С. Фасеҳзода, А.С.Назарзода // Маҷаллаи илмию сиёсии «Идоракунии давлатӣ»-и Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе-2021с., №3 (52). С.58-64.

## МЕХАНИЗМЫ УПРАВЛЕНИЯ ТРУДОВОЙ МИГРАЦИЕЙ И ЕЕ ВЛИЯНИЕ НА СОЦИАЛЬНОЕ ПОЛОЖЕНИЕ НАСЕЛЕНИЯ

**НУРАЛИЕВА МИЖГОНА ДАВЛАТАЛИЕВНА,**

ассистент кафедры экономики предприятия и предпринимательства
Кулябского государственного университета имени Абу Абдулла Рудаки.
735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица Сангака Сафарова.
Тел.: (+992) 985-26-52-28. E-mail: muboraksho-88@mail.ru

*В статье рассматриваются вопросы управления трудовой миграцией и ее влияние на развитие национальной экономики Республики Таджикистан. Отмечается, что основной проблемой современного управления миграционными процессами является поиск эффективных методов и подходов, позволяющих получить адекватную компенсацию от процесса и снизить ущерб, причиняемый этим процессом.*

*Полно представлены пути повышения уровня жизни населения Республики Таджикистан и показаны основные концептуальные модели политики трудовой миграции в виде таблицы.*

*Делается вывод, что одной из характерных черт развития международных экономических отношений в современных условиях является интенсивное развитие межгосударственной трудовой миграции и процессов ее регулирования. Также отмечается, что основным подходом к анализу миграционных процессов является неклассическая теория, что объясняется адекватностью методологических приемов. Большинство исследований сосредоточено на международных факторах миграции, таких как спрос и предложение рабочей силы в принимающих и отправляющих странах и различия в доходах этих стран.*

***Ключевые слова:*** *трудовая миграция, занятость, социальное положение, механизмы управления трудовой миграцией, трудовая миграционная политика, человеческие ресурсы, международная трудовая миграция, население, социальное положение населения, доходность, сокращение бедности.*

## LABOR MIGRATION MANAGEMENT MECHANISMS AND ITS IMPACT ON THE SOCIAL STATUS OF THE POPULATION

**NURALIYEVA MIZHGONA DAVLATALIEVNA,**
Assistant of the Department of Enterprise Economics and Entrepreneurship of the
Kulob State University named after Abuabdullah Rudaki.
735360, Republic of Tajikistan, Kulob town, Sangak Safarov str.
Phone: (+992) 985-26-52-28. E-mail: muboraksho-88@mail.ru

*The article deals with the issues of labor migration management and its impact on the development of the national economy of the Republic of Tajikistan. It is noted that the main problem of modern management of migration processes is the search for effective methods and approaches to obtain adequate compensation from the process and reduce the damage caused by this process.*

*The ways of improving the living standards of the population of the Republic of Tajikistan are fully presented and the main conceptual models of labor migration policy are shown in the form of a table.*

*It is concluded that one of the characteristic features of the development of international economic relations in modern conditions is the intensive development of interstate labor migration and the processes of its regulation. It is also noted that the main approach to the analysis of migration processes is a non-classical theory, which is explained by the adequacy of methodological techniques. Most of the research focuses on the international drivers of migration, such as the supply and demand of labor in receiving and sending countries and differences in the incomes of these countries.*

***Keywords:*** *labor migration, employment, social status, labor migration management mechanisms, labor migration policy, human resources, international labor migration, population, social status of the population, profitability, poverty reduction.*

УДК: 336.64 (575.3)

# РАЗВИТИЕ ГОСУДАРСТВЕННЫХ ЦЕЛЕВЫХ ФОНДОВ В УСЛОВИЯХ РЫНОЧНОЙ ЭКОНОМИКИ

**САФАРОВА МУНИРА ИБОДУЛЛОЕВНА**,
ассистент кафедры финансов и страхования
Таджикского национального университета.
734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки, 17.
Тел.: (+992) 918-98-96-30. E-mail: munirabonu@mail.ru

*В законе Республики Таджикистан «О государственных финансов Республики Таджикистан отмечается, что «Бюджет государственного целевого фонда – денежные средства, предназначенные для реализации конституционных прав граждан на охрану здоровья, получение бесплатной медицинской помощи, пенсионное и социальное обеспечение по возрасту в случае безработицы, других случаях, установленных законодательством Республики Таджикистан». Бюджетные целевые фонды бывают социальные и экономические.*

*В социальные целевые фонды относятся: пенсионный фонд, фонд социального страхования, государственный фонд занятости населения.*

*В статье рассматриваются несколько законов, регулирующих пенсионное обеспечение в Таджикистане. Исследования показывают, что количество пенсионеров увеличивается. Однако, размер пенсий очень низкий и пенсия зависит от размера заработной платы.*

*С 1 июля 2022 года минимальный размер оплаты труда экономических и социальных сфер республики будет установлена в размере 600 сомони в месяц. Отметим, что в Таджикистане на повышение зарплат, стипендий и пенсий в этом году из госбюджета будет выделено более 1,6 млрд. сомони.*

***Ключевые слова:*** *целевые фонды, социальные пенсионные обеспечение, страхование, накопительный и т.д.*

Переход к рыночной экономике сопровождается модернизацией всей финансовой системы Таджикистана, включая государственных целевых (внебюджетных) фондов. Система государственных целевых фондов основано на Конституции страны принятой в 1994 году в которой отмечается, что «Таджикистан – социальное государство, политика которого направлена на создание условий, обеспечивающих достойную жизнь на свободное развитие человека». [1]

В условиях рыночной экономики возрастает роль и значение социальной сферы, как основного звена финансовой системы.

Социальной политики государство должно быть направлено на занятость и улучшение условий труда, обеспечению качество медицинского обслуживания и социальной защиты населения, расширению воспроизводства всесторонне развитых граждан, т.е. целого социального комплекса направленного на повышение уровня и качество жизни населения, которая вовлекается во многообразные рыночные отношения.

Государственные целевые фонды представляют собой одно из звеньев системы финансов, с их помощью осуществляется перераспределение национального дохода по инициативе и в интересах органов государственной власти. [1]

Специфика государственных целевых фондов — это четкое закрепление за ними доходных источников, чаще всего строго целевое их средств.

В Законе Республики Таджикистан «О государственных финансов РТ отмечается, что «Бюджет государственного целевого фонда – денежные средства, предназначенные для реализации конституционных прав граждан на охрану здоровья,

получение бесплатной медицинской помощи, пенсионное и социальное обеспечение по возрасту в случае безработицы, других случаях, установленных законодательством Республики Таджикистан.

Бюджетные целевые фонды формируются за счет доходов целевого назначения, т.е. социального налога и других отчислений, создаются или ликвидируются по решению Правительства Республики Таджикистан.

Бюджетные целевые фонды бывают социальные и экономические (рис.1.).




***Рис.1.*** *Государственные целевые фонды Республики Таджикистан*

В социальные целевые фонды относятся: пенсионный фонд, фонд социального страхования, государственный фонд занятости населения, фонд обязательного медицинского страхования. Экономическим целевым фондам относятся: дорожные фонды фонд производства минерально-сырьевой базы, фонды финансового регулирования, экологический фонд и другие фонды.

Экономические внебюджетные фонды предназначены для финансирования определенных мероприятий. Отчисления в отрасли экономики, относятся, как правило, на себестоимость продукции, при этом формирование и использование этих средств для республиканских властей слабо контролируемо, что дает повод говорить о попытках отраслевиков уйти от налога.

Целевые фонды выступают инструментами обеспечения дифференциро-ванного обеспечения и спроса на общественные услуги, поскольку рынок берет на себя верхнюю часть максимального платежеспособного спроса, а государство —

минимального, либо усредненного, добиваясь всеобщности охвата и доступности потребления основных общественных благ.

Фонды способствуют реализации потребностей, находящихся за рамками массового однородного спроса, обеспечивая дифференцированный доступ к общественным благам (например, негосударственные пенсионные и другие социально-страховые фонды).

В число государственных целевых бюджетных фондов входят:

- Пенсионный фонд Республики Таджикистан;
- Фонд социального страхования;
- Фонд обязательного медицинского страхования.

В соответствии с Законом Республики Таджикистан «О пенсионном обеспечении граждан Республики Таджикистан» (от 1.02.1996, от 05.10.2009г.№554) были образован пенсионный фонд.

В 1997г. принят Закон РТ «О государственном социальном страховании», в соответствии с которым был введен порядок отчисления из заработной платы работников 1% для зачисления этих средств на их лицевые счета.

В 1999г. Правительством принято постановление «О порядке ведения накопительных лицевых счетов и индивидуального (персонифицированного) учета страховых взносов в системе государственного социального страхования» и многие другие законодательные нормативные акты. [1]

В задачи Пенсионного фонда входят: получение от плательщиков страховые взносов для финансирования выплат государственных пенсий, вести индивидуальный учет поступающих в Пенсионный фонд Республики Таджикистан от работающих граждан обязательных страховых взносов.

Бюджет Пенсионного фонда образуется из страховых взносов субъектов пенсионного страхования, к которым относятся: работодатели (отечественные и иностранные юридические лица), дехканские хозяйства, предприниматели без образования юридического лица, граждане, занимающиеся частной практикой (нотариусы, детективы, охранники и др.), физические лица, использующие труд наемных работников в личном хозяйстве, и др.

В Таджикистане существует несколько законов, регулирующих пенсионное обеспечение. В соответствии Закона РТ «О страховых и государственных пенсиях» существует два вида пенсий: страховая (ранее известная как трудовая) и государственная (социальная) пенсия в последние годы число пенсионеров увеличивается (таблица 1).

***Таблица 1***

*Численность пенсионеров, состоящих на учете*
*в социальной защите населения*
*(на конец года, тысяч человек) [1]*

| | 2010 | 2012 | 2014 | 2015 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Всего пенсионеров | 569,8 | 596,6 | 603,6 | 617,4 | 664,8 | 687,1 | 711,2 | 729,4 |
| из них женщин | 339,4 | 356,1 | 379,9 | 379,6 | 425,9 | 435,7 | 443,2 | 452,8 |
| в том числе получающих пенсии: | | | | | | | | |
| по старости | 332,2 | 353,3 | 377,3 | 390,6 | 425,1 | 442,6 | 458,8 | 460,0 |
| по | 98,6 | 101,5 | 82,7 | 76,4 | 72,0 | 67,2 | 67,1 | 62,5 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| инвалидности | | | | | | | | |
| по случаю потери кормильца | 49,4 | 44,1 | 37,9 | 36,1 | 32,6 | 31,3 | 29,6 | 26,5 |
| за выслугу лет | 2,9 | 3,9 | 3,9 | 4,3 | 5,3 | 4,8 | 4,3 | 3,9 |
| социальные | 81,0 | 91,5 | 97,9 | 126,5 | 126,5 | 137,9 | 148,4 | 152,9 |
| Численность работающих пенсионеров | 36,3 | 37,3 | 33,7 | 31,5 | 45,1 | 42,3 | 39,0 | 39,2 |

Исследования показывают, что увеличилось в 2020 по сравнению с 2010 годом на 128%. Пенсионеры, получающие пенсии по старости за этот период увеличились на 138,4%. Пенсионеры, получающие пенсии по инвалидности в 2020 году по сравнению с 2010 годом сократились 37%, а число получающих социальные пенсии за этот период возросло на 188,7%.

Как сообщает Агентство социального страхования и пенсии при Правительстве Республики Таджикистан, за отчётный 2021 год, в бюджет социального страхования и пенсий за счет налога поступило 3 млрд. 431 млн. сомони. За этот период было обеспечено финансирование мероприятий социального страхования и пенсий. В том числе, выплачен пенсии 749 тыс. 817 пенсионерам на общую сумму 3 млрд. 126,5 млн. сомони, пособия получили 205 тыс. 224 человек на сумму 189,1 млн. сомони.

В Республике Таджикистан в 2022г. количество пенсионеров составило 756298 человек, Средний размер пенсий по республике 320,34 сомони, средний размер трудовой пенсии 393,99 сомони, средний размер страховой пенсии – 302,26 сомони, средний размер социальной пенсии 201,52 сомони.

В Республике Таджикистан пенсия очень низкая, размер пенсии зависит от размера заработной платы. от стажа работы, но и от объема страховых взносов, которые будут платить и сами граждане, и их работодатели.

1июля 2022 года минимальный размер оплаты труда для всех экономических и социальных сфер республики будет установлен в размере 600 сомони в месяц. Отметим, что в Таджикистане на повышение зарплат, стипендий и пенсий в этом году из госбюджета будет выделено более 1,6 млрд. сомони.

**Литература**


1. Закон Республики Таджикистан, утвержденный Постановлением Правительства РТ от 03.07.2014 № 437); ≪О страховых и государственных пенсиях≫ в ред. от 18.03.2015, № 1200);
2. Закон Республики Таджикистан ≪О пенсионном обеспечении военнослужащих≫ в ред. от 27.11.2014, № 1151); Порядок назначения, финансирования и выплаты адресной социальной помощи малообеспеченным семьям и гражданам;
3. Левчаев П.А. Целевые бюджетные и внебюджетные фонды [Электронный ресурс]: учеб, пособие / П.А. Левчаев, И.Н. Крутова. — М.: ФГУП НТЦ «Информрегистр», 2012.
4. Общая теория финансов [Текст]: учебник / под ред. Л.А. Дробозиной. — М.: Банки и биржи; Юнити, 1995. — 256 с. 4. О пенсионном обеспечении военнослужащих≫ в ред. от 27.11.2014, № 1151); Порядок назначения финансирования и выплаты адресной социальной помощи

5. Скворцов Л.И. Большой толковый словарь правильной русской речи: 8000 слов и выражений. М.: ООО «Издательство Оникс»: ООО «Издательство
6. Целевые бюджетные и внебюджетные фонды: Учебное пособие / Под ред. В.В. -5-9558-0072-1 - Текст: электронный. - URL: https://znanium.com/ Карчевского. - Москва: Вузовский учебник, 2008. - 224 с.: 60x90 1/16. (переплет) ISBN 978catalog/product/141836 (дата обращения: 09.07.2022
7. «Мир и Образование», 2009. 1104 с.
8. Самсонова И.А. Целевые бюджетные и внебюджетные фонды: учебное пособие. Владивосток: Изд-во ВГУЭС, 2008. 84 с. 6. Попов, В.В., Бакаева, О.Ю. Рецензия на монографию: Бит-Шабо И.В. «Финансово-правовое регулирование функционирования государственных внебюджетных фондов». М.: Юрлитинформ, 2003.

## РУШДИ ФОНДҲОИ МАҚСАДНОКИ ДАВЛАТӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ БОЗОРӢ

**САФАРОВА МУНИРА ИБОДУЛЛОЕВНА**,
ассистенти кафедраи молия ва суғуртаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992) 918-98-96-30. E-mail: munirabonu@mail.ru

*Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» омадааст, ки «Буҷети фонди мақсадноки давлатӣ маблағест, ки барои татбиқи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ба нигаҳдории тандурустӣ, хизматрасонии бепули тиббӣ, нафақа ва иҷтимоӣ таъин гардидааст. таъминот аз рӯи синну сол дар ҳолати бекорӣ, дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон». Фондҳои мақсадноки буҷетӣ иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мебошанд.*

*Ба фондҳои мақсадноки иҷтимоӣ инҳо дохил мешаванд: фонди нафақа, фонди суғуртаи иҷтимоӣ, фонди давлатии шуғли аҳолӣ.*

*Дар мақола гуфта мешавад, ки дар Тоҷикистон як қатор қонунҳое мавҷуданд, ки таъмини нафақаро танзим мекунанд. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғурта ва давлатӣ» намудҳои нафақа вуҷуд доранд: суғуртавӣ ва маблағгузорӣ, асосӣ. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки шумораи нафақахӯрон меафзояд. Аммо миқдори нафақа хеле кам буда, нафақа ба маблағи музди кор вобаста аст.*

*Аз 1 июли соли 2022 ҳадди ақали музди меҳнат дар соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ 600 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда мешавад. Қобили зикр аст, ки дар соли ҷорӣ дар Тоҷикистон барои боло бурдани маош, стипендия ва нафақа аз буҷети давлатӣ беш аз 1,6 миллиард сомонӣ ихтисос дода мешавад.*

***Калидвожаҳо:*** *фондҳои мақсаднок, нафақаҳои иҷтимоӣ, суғурта, ҷамъоварӣ ва ғ.*

## DEVELOPMENT OF STATE TRUST FUNDS IN THE CONDITIONS OF A MARKET ECONOMY

**SAFAROVA MUNIRA IBRAGIMOVNA,**
Assistants of the Department of Finance and Insurance
Tajik National University.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 17, Rudaki Ave.
Phone: (+992) 918-98-96-30. E-mail: munirabonu@mail.ru

*The article discusses the target budget funds, which are formed at the expense of income, i.e. social tax and other deductions are spent for their intended purpose.*

*The Law of the Republic of Tajikistan "On Public Finance of the Republic of Tajikistan" states that "The budget of the state trust fund is funds intended for the implementation of the*

*constitutional rights of citizens to health care, free medical care, pension and social security by age in case of unemployment, other cases established by legislation of the Republic of Tajikistan". Budget trust funds are social and economic.*

*The social target funds include: pension fund, social insurance fund, state employment fund.*

*The article discusses in Tajikistan there are several laws governing pension provision. In accordance with the Law of the Republic of Tajikistan "On Insurance and State Pensions", there are types of pensions: insurance and funded, basic. Studies show that the number of pensioners is increasing. However, the amount of pensions is very low and the pension depends on the amount of wages.*

*From July 1, 2022, the minimum wage in the economic and social spheres of the republic will be set at 600 somoni per month. It should be noted that in Tajikistan more than 1.6 billion somoni will be allocated from the state budget to increase wages, scholarships and pensions this year.*

***Keywords:*** *trust funds, social pensions, insurance, accumulative, etc.*

УДК: 330.332.011

# МУҲИММИЯТИ ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРИҲОИ МУСТАҚИМИ ХОРИҶӢ ДАР РУШДИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**САЙДАЛИЕВ ХУСРАВ АМИРХОНОВИЧ,**
докторанти фалсафа (PhD)-и Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир 33.
Тел.: (+992) 902-33-73-73. E-mail: S.KH.A.7373@mail.ru

*Дар мақола масъалаҳои гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ, ки мушкилоти зиёди бо ҳамдигар алоқамандро ба вуҷуд меорад ва дар байни онҳо яке аз муҳимтарин проблемаи сармоягузорӣ мебошад, оварда шудааст. Қайд мешавад, ки бе муҳайё намудани шароити ҳавасмандгардонӣ барои сармоягузорони имконпазир ба вусъатбахшии ҳаҷмҳои сармоягузорӣ ба иқтисоди кишвар усулан ҳал намудани вазифаҳои ташаккули робитаҳои нави хоҷагӣ, рушди истеҳсолот, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ ғайриимкон аст.*

*Дар мақола гуфта шудааст, ки мақсади ниҳоӣ ва асосии сиёсати иқтисодии давлат ҳар як давлат - ин тараққиёти иқтисодиёт, баланд намудани сатҳи зиндагӣ ва некӯаҳволии аҳолӣ бо роҳи муҳайё сохтани чунин шароити зисту зиндагонӣ ва меҳнат, ки ба онҳо имконияти баланд намудани даромад (албатта даромади воқеӣ)-ро медиҳанд, ба шумор меравад. Инчунин сиёсати иқтисодии давлат ба паст намудани нархи молу хадамот ва таъмин намудани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ равона карда мешавад.*

*Хулосабарорӣ шудааст, ки сармоягузориҳо яке аз сарчашмаҳои маблағҳои пулӣ ба рушду тараққиёти мамлакат, такмилдиҳии истеҳсоли молу маҳсулоти нав, васеънамоии хизматрасониҳо, мукаммалгардонии технология, истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданок баромад мекунанд.*

***Калидвожаҳо:*** *сармоягузориҳои мустақим, муносибатҳои иқотисоди бозорӣ, рушди босуботи иқтисодиёт, ҷалби сармоягузорӣ, сармоягузориҳои давлатӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, иқтисодиёти миллӣ, сарчашмаҳои маблағгузорӣ, сиёсати иқтисодӣ, барномаҳои давлатӣ.*

Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз кишварҳое мебошад, ки иқтисодиёти он дар давраи рӯ ба инкишоф қарор дорад. Яке аз манфиатҳои ҷалби сармоягузориҳо ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он аст, ки ин кишвар дорои захираҳои зиёди энергетикӣ, захираҳои зеризаминӣ, канданиҳои фоиданок ва шароити мусоид барои инкишофи соҳаҳои истеҳсолӣ мебошад. Бинобар ин ҷалби сармоягузориҳо ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муфид аст, чунки иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз содирот ва ба роҳмонии фаъолияти хориҷӣ метавонад, боз ҳам устувортар гардад. Иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир на он қадар устувор аст, вале босуръат инкишофёбии соҳаҳои мухталифи кишвар ба чашм мерасад. Ин чунин маъно дорад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд барои ҷалби сармоягузориҳо омода бошад, зеро мақсади асосии маблағгузорон ин ба даст овардани фоида ва забт намудани бозори миллӣ аст.

Иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи рӯ ба инкишоф ба иқтисодиёти бозоргонӣ дар байни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил нақши хосро ишғол менамояд. Хусусияти асосии ҷалби сармоягузориҳо ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он аст, ки Тоҷикистон барои инкишофи соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт шароити мусоид дорад. Барои ҷомеаи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои рушди иқтисодиёт яке аз масъалаҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Аз ҳамин сабаб ҷалби сармоягузорӣ

хоҳ хориҷӣ бошад ё дохилӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим мебошад.

Сармоягузорӣ дар ҷараёни таъмини рушди босуботи иқтисодиёт нақши асосиро мебозад, рушди умумии соҳаҳои иқтисодиётро таъмин мекунад. Аз ин лиҳоз баҳри ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузорӣ ва фароҳам овардани заминаи мусоиди ҳуқуқӣ дар кишвар, қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ», «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсими маҳсулот», «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ», «Дар бораи шарикии давлат ба бахши хусусӣ» ва «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ» қабул гардиданд.

Дар натиҷаи қабул гардидани қонунҳо ва додани имтиёзҳо ба сармоягузорони хориҷӣ тайи солҳои охир дар ҷумҳурӣ ҳаҷми сармоягузорӣ афзоиш ёфта, боиси зиёд шудани корхонаҳои истеҳсолӣ ва миқдори маҳсулоти истеҳсолӣ дар бозори ватанӣ гардидааст.

Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридоти умумии сармоягузории хориҷӣ дар соли 2021 718,3 млн. доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки аз он 342,2 млн. доллари ИМА сармояҳои мустақим, 0,1 млн. доллари ИМА сармояҳои ҷомадонӣ ва 376,0 млн. доллари ИМА дигар намуди сармояҳо мебошанд.

Дар моҳҳои январ – декабри соли 2021 нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 воридоти сармояҳои мустақими хориҷӣ ба маблағи 179,7 млн. доллари ИМА ё ***110,6 фоиз*** ва дигар намуди сармояҳо ба маблағи 110,6 млн. доллари ИМА ё ***41,7 фоиз*** зиёд шудааст.




***Диаграмма 1. Ҷалби сармояи хориҷӣ дар солҳои 2020 ва 2021 (млн. доллари ИМА)***

Сиёсати беҳтар намудани ҷалби сармоягузорӣ яке аз самтҳои муҳимиислоҳоти иқтисодии ҳар як мамлакат ба шумор меравад. Зиёд ва ё кам ҷалб шудани сармоягузориҳои хориҷӣ сабабҳои гуногун дорад. Махсусан, дуруст набудани шароити иҷтимоии сармоягузорӣ, душвориҳои объективие, ки барои адо кардани қарзи хориҷӣ мамлакат мерасонанд сабабҳои субъективӣ (дахолати давлат, заифии институтҳои андоз ва молиявӣ, методҳои нодурусти танзимнамоӣ ва ғайра), базаи суст ва

ноустуворӣ (доимо тағйирёбанда) қонунӣ ва ҳуқуқӣ ва ғайраҳо ба фаъолияти сармоягузорӣ халал расонда, сабаби дасткашии онҳо аз сармоягузорӣ мегардад.

Қодиров Ф.А. оид ба аҳамияти сармоягузорӣ қайд менамояд, ки: “Дар шароити иқтисодиёти кушода сармоягузории хориҷӣ ба рушди муносибатҳои иқтисодӣ дар ҷанбаи минтақавӣ таъсири назаррас мерасонад, зеро шаклҳои нави ҳамкориҳои байни субъектҳои хоҷагидорӣ ба вуҷуд меоянд ва сохторҳои иттилоотӣ ва ташкилӣ оид ба идоракунии тиҷорати минтақавӣ ва рушди ҳудудӣ тағйир меёбанд. Аз ин рӯ, барои Тоҷикистон зарур аст, ки ҳамкорӣ бо сармоягузорони ҷаҳонӣ ва бозори молҳо барои ба даст овардани манфиати ҳадди аксар аз шаклҳои муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ, бахусус ҷалб ва истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ самаранок истифода намуда, муносибатҳо дар ин самт тақвият дода шавад”[4].

Оид ба зарурияти ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ тадқиқоти Солеҳзода А.А. ва Сафоев А.К. бештар ҷолиби диққат аст. Солеҳзода А.А. доир ба сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ чунин қайд намудааст: “Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар рушди иқтисодиёти давлати қабулкунанда таъсири калон дорад. Дар муқоиса бо қарзҳо, ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ бо назардошти шакл ва ҳаракат ба дараҷаи шаффофияти иқтисодиёти миллӣ мусоидат мекунад”[9].

Таҷрибаи ҷаҳонии ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва истифодаи он дар бисёр кишварҳои ҷахон нишон медиҳад, ки сармоягузориҳои хориҷӣ барои иқтисодиёти кишвари қабулкунанда назар ба дигар шаклҳои ҳамкории иқтисодӣ як катор бартариятҳоро доранд. Пеш аз ҳама, онҳо ҳамчун сарчашмаи сармоя барои маблағгузорӣ ба истеҳсолоти молу хизматрасониҳо баромад мекунанд. Дуюм ин, ки сармоягузориҳои мустақим, бар хилофи қарзи хориҷӣ бори гарони қарзи берунии давлат нагашта, баръакс ба дарёфти воситаҳо барои пардохти он мусоидат мекунанд. Сеюм, сармоягузориҳои хориҷӣ ба интегратсияи нисбатан самараноки иқтисодиёти миллӣ ба хоҷагии ҷаҳонӣ мусоидат намуда, ба бозорҳои хориҷӣ ба воситаи робитаҳои рӯзафзуни беруниикқтисодӣ ҳамкориҳои гуногуни истеҳсолӣ ва илмӣ-техникӣ роҳ мекушоянд.

Дар доираи масъалаи зикршуда вазифаҳои асосии сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, инҳоянд:

-бозсозии сохторҳои истеҳсолӣ – иқтисодиёти куҳна;

-бартарафнамоии номувозинати байни соҳаҳои гуногун;

-рушди самтҳои самараноки хоҷагидорӣ;

-муътадилгардонии вазъияти молиявӣ;

-таъмини ҷои кор, кам намудани бекорӣ ва натиҷаҳои иҷтимоии он;

-афзоиш додани содирот ва пешгирии воридот бо роҳи ташкили истеҳсолоти ватании ба содирот нигаронидашуда ва молҳои воридотивазкунанда.

Самтҳои асосии муайяннамоии сиёсат ва дурнамоии ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ бояд мувофиқи ҷараёни сармоягузориҳо бо нақшаи давлатии азнавташкилнамоии хоҷагии халқ бошад.

Мақомотҳои давлатӣ бояд фаъолияти сармоягузории хориҷиро назорат карда тавонанд, то ин ки манфиатҳои миллиро максималӣ намуда, пардохти хадамотро минималӣ намоянд. Аз тарафи дигар, бозори сармоягузориҳои хориҷӣ дар ҷаҳон ин бозори фурӯшанда мебошад ва маҳдуднамоии назорат, хусусан, дар якҷоягӣ бо номуътадилии сиёсиву иқтисодӣ сармоягузорони хориҷиро меомӯзонад.

Гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ на танҳо ба рушди муносибатҳои байналмилалӣ дар самти савдо, балки дар самти сармоягузорӣ низ мусоидат кард.

Сармояи мустақим асосан ба саноати истихроҷ – 194,6 млн. доллари ИМА (ё 56,9 фоиз), фаъолияти молиявӣ – 43,4 млн. доллари ИМА (ё 12,7 фоиз), саноати коркард – 34,0 млн. доллари ИМА (ё 9,9 фоиз), соҳаи сайёҳӣ – 28,5 млн. доллари ИМА (ё 8,3 фоиз), соҳаи сохтмон – 8,1 млн. доллари ИМА (ё 2,4 фоиз), соҳаи нақлиёт ва алоқа – 7,1 млн. доллари ИМА (ё 2,1 фоиз) ва ғайра 26,5 млн. доллари ИМА (ё 7,8 фоиз) равона карда шудаанд.




***Диаграмма 2.*** *Ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба соҳаҳо дар соли 2021 (доллари ИМА)*

Такмили сармоягузориҳои мустақим дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеияти мусоид аст. Назар ба сармоягузориҳои ҷузъӣ ва дигар сармоягузориҳо, ки арзишҳои пулии баргардонидашаванда ва мӯҳлатноканд, сармоягузориҳои мустақим бо рушди сохторҳои ҳақиқии иқтисодиёт, технологияҳои пешқадам ва истифодаи воситаҳои муосири менеҷмент ва маркетинг алоқамандии зич доранд. Бо баробари ин сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба афзоиши қарзи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда намерасонанд.

***Ҷадвали 1.*** *Таҳлили аналитикӣ оид ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2007-2021*

| Солҳо | Ҷалби сармоя | | | Ҳамагӣ млн. доллари ИМА |
|---|---|---|---|---|
| | Мустақим | Дигар намуди сармоягузорӣ | Сармоягузории портфелӣ | |
| *2007* | *388,4* | *472,2* | | ***860,6*** |
| *2008* | *425,7* | *563,6* | | ***989,3*** |
| *2009* | *89,4* | *293,8* | | ***383,2*** |
| *2010* | *238,9* | *228,2* | | ***467,1*** |
| *2011* | *161,4* | *164,0* | *0,1* | ***325,5*** |
| *2012* | *391,3* | *355,0* | *0,1* | ***746,4*** |
| *2013* | *341,1* | *670,6* | *0,2* | ***1011,9*** |
| *2014* | *377,4* | *530,4* | *1,4* | ***909,2*** |
| *2015* | *470,9* | *506,9* | *0,0* | ***977,8*** |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| *2016* | *434,2* | *408,4* | *0,1* | ***842,7*** |
| *2017* | *354,5* | *245,9* | *500,0* | ***1100,4*** |
| *2018* | *326,8* | *317,7* | | ***644,5*** |
| *2019* | *345,9* | *261,1* | *0,1* | ***607,1*** |
| *2020* | *162,5* | *265,9* | | ***428,4*** |
| *2021* | *342,2* | *376,0* | *0,1* | ***718,3*** |
| ***Ҳамагӣ*** | ***4850,6*** | ***5659,7*** | ***502,1*** | ***11012,4*** |

***Эзоҳ***: *таҳти мафҳуми «Дигар намуди сармоягузорӣ» қарзҳои имтиёзнок ва дигар воситаҳои молиявӣ дар назар дошта мешавад.*

Таҳлилҳои ҷадвали мазкур нишон дод, ки воридоти умумии сармоягузории хориҷӣ дар солҳои 2007 – 2021, 11012,4 млн. доллари ИМА-ро ташкил додааст, ки аз он 4 млрд. 850 млн. доллари ИМА сармоягузориҳои мустақим, 5 млрд. 659 млн. доллари ИМА дигар намуди сармоягузориҳо ва 502,1 млн.доллари ИМА сармоягузории портфелӣ (evробондҳо) мебошад.

Дар шароитҳои муосир сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар ҷаҳон асосан аз тарафи ташкилотҳои фаромиллӣ, чи хурд ва чи калон, ба роҳ монда мешаванд. Ин ташкилотҳои фаромиллӣ асосан, бо сармоягузорони калонтарин аз мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ, Америкаи Шимолӣ ва Япония пешниход карда мешавад. Қайд кардан зарур аст, ки шумораи ташкилотҳои фаромиллӣ аз мамлакатҳои рӯ ба тараққии Осиёи Ҷанубу Шаркӣ ва Америкаи Лотинӣ зиёд шуда истодааст.

Ақидаи М.Н. Тошматов бештар мавриди таваҷҷуҳ аст, ки қайд намудааст: «Нишондиҳандаи вокеии ҷолибияти сармоягузории соҳаҳои алоҳида ва тамоми иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, сармоягузории сармояи миллӣ мебошад. Аммо, дар ин марҳилаи рушд, ба мо сармоягузории хориҷӣ низ зарур мебошад. Сармоягузории хориҷӣ барои истифодаи самарабахши нерӯи истеҳсолии мавҷуда, гузариш ба технологияҳои сарфакунандаи энергия ва технологияҳои пуриқтидор, модернизатсияи ҳамаҷониба ва ташкили фондҳои нави истеҳсолӣ, пур кардани сармояи дохилии корхонаҳои ватанӣ барои рушди дарозмуддат зарур аст”[11].

Аз ин ҷо, чунин хулоса баровадан мумкин аст, сармоягузориҳои хориҷӣ ва сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ чи аз ҷиҳат назариявӣ ва чи аз ҷиҳати таҷрибавӣ бевосита ба рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири худро мерасонанд. Чуноне, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз баромадҳояш қайд карда буд, ки пешравии иқтисодиётро бе муносибат бо дигар давлатҳо ва ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ тасаввур кардан мумкин нест. Аз ҳамин лиҳоз, Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд барномаҳои давлатиро оиди ташкили фазои сармоягузорӣ ва ҷалби онҳо зиёд намоянд, ки тавонад такони ҷиддӣ ба рушди иқтисодиёти кишвар расонад [5].

Дар қатори муваффақиятҳои аввалин дар ҷалби сармоягузорӣ мушкилотҳои ҷиддӣ низ ҷой доранд. Яке аз мушкилотҳои муҳим мо бояд худи мафҳуми муносибат бо сармоягузорро тағйир диҳем. Ҳар яки мо бояд қатъиян дар хотир дошта бошем, ки: сармоягузоре, ки ба иқтисодиёти мо пулҳои худро ворид менамояд меҳмони гиромии мост. Ин ҳамчунин ба сармоягузорони хориҷию дохилии мо низ мансуб аст. Агар ба онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи шароитҳо фароҳам оварда шаванд онҳо ба сармоягузории лоиҳаҳои нав оғоз хоҳанд кард. Ин ҳам бошад ба буҷети кишвар, ҷойҳои нави корӣ, рушди иқтисодиёти кишвар муфид хоҳад буд.

Дар натиҷаи ҷалб ва истифодаи сармоягузориҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба яке аз марказҳои калонтарини энергетикии аҳамияти минтақавӣ дошта

мубаддал гардад. Айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои имкониятҳои калони гидроэнергетикӣ буда, идораи хуб ва инчунин сиёсати сармоягузории давлатӣ метавонад мамлакатро ба инкишофи баланди рушди иқтисодӣ оварда расонад. Мустаҳкам намудани муносибатҳо ва ҳамкориҳо байни давлатҳо чун асос аҳамияти хоссае дорад, ки ин метавонад ҳалли масъалаҳои интиқоли қувваи баркро байни давлатҳо ва инчунин ҳалли мушкилотҳои байни хушкшавӣ ва гидроэнергетика ва дар охир дар Осиёи Марказӣ ташкил намудани бозори умумии қувваи барқ, об ва хизматрасонҳо гардад.

**Адабиёт**


1. Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2. Гитман, Лоренс Дж, Джонк, Майкл Д. Основы инвестирования // Пер. с англ. О.В. Буклемишева и др. – М.: «Дело», 1997. 1008с.
3. Идрисов А.Б. и др. Стратегическое планирование и анализ эффективности инвестиции. М.: ФИНИЛЬ, 1997. 272с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузориҳо», Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №1299, с.2016.
5. Қодиров Ф.А. Экономическая безопасность малой открытой экономики Республики Таджикистан в условиях привлечения региональных форм иностранных инвестиций. Автор.дис. Душанбе,2010.
6. Расулов Г.Р. Привлечения прямых иностранных инвестиций в экономике Республики Таджикистан, кандидатская диссертация, Душанбе, НЦПИ, 2005.
7. Сайдалиев Х.А. Бехатарии озуқаворecho Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат ва тамоюлҳои рушд/ Х.А. Сайдалиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Душанбе, 2019. №9, С. 86-96
8. Сайдалиев Х.А. Вазъи муосири хоҷагиҳои деҳқонӣ ва нақши онҳо дар таъмини амнияти озуқаворecho Ҷумҳурии Тоҷикистон/ Х.А. Сайдалиев, Р. Малоҳат // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Душанбе, 2018. №3., С. 74-79.
9. Солиев А.А. Теоретические и практические проблемы привлечения иностранных инвестиций в развитие малой открытой экономики (На примере Республики Таджикистан). Автор.дис. Душанбе, 2004.
10. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.
11. Тошматов М.Н. Повышение инвестиционной привлекательности стратегическая задача государства. [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://www.mts.tj/index.php?option=com_content&view=article&id=479%3A2013-12-09-05-19-27&catid=106%3A2013-05-27-06-28&Itemid=139&lang=ru
12. Фасеҳзода И.С. Роҳҳои такмили истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар рушди истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ/ И.С.Фасеҳозда, Х.А. Сайдалиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Душанбе, 2018. №10,-С. 114.
13. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон/ https://investcom.tj/investment/activity/11-omori-sarmojaguzorii-hori.html.
14. Ижевский государственный технический университет имени М.Т. Калашникова/ «Социально экономическое управление: теория и практика» 2019 г. №2 https://istu.ru/material/socialno-ekonomicheskoe-upravlenie-teoriya-i-praktika.


## ВАЖНОСТЬ ПРИВЛЕЧЕНИЯ ПРЯМЫХ ИНОСТРАННЫХ ИНВЕСТИЦИЙ В СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОЕ РАЗВИТИЕ РЕГИОНОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**САЙДАЛИЕВ ХУСРАВ АМИРХОНОВИЧ,**

докторант (PhD) Академии государственного управления при
Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира, 33.
Тел.: (+992) 902-33-73-73. E-mail: S.KH.A.7373@mail.ru

*В статье представлены вопросы перехода Республики Таджикистан к отношениям рыночной экономики, что создает множество связанных друг с другом проблем, и одной из них является важнейшая проблема инвестирования. Отмечается, что без обеспечения условий мотивации возможных инвесторов к расширению объема инвестиций в экономику страны принципиально невозможно решить задачи формирования новых экономических отношений, развития производства, повышения уровня благосостояния населения.*

*В статье указано, что конечной и основной целью экономической политики каждого государства является развитие экономики, повышение уровня жизни и благосостояния населения путем обеспечения условий жизни и труда, позволяющих им увеличивать доходы (разумеется, реальный доход). Также экономическая политика государства направлена на снижение цен на товары и услуги и обеспечение социальной защиты населения.*

*Сделан вывод, что инвестиции являются одним из источников средств для развития страны, совершенствования производства новых товаров и продуктов, расширения сферы услуг, совершенствования технологии добычи и переработки полезных ископаемых.*

***Ключевые слова***: *прямые инвестиции, рыночные отношения, устойчивое экономическое развитие, привлечение инвестиций, государственные инвестиции, международные отношения, национальная экономика, источники финансирования, экономическая политика, государственные программы.*

## THE IMPORTANCE OF ATTRACTING FOREIGN DIRECT INVESTMENTS IN THE SOCIO-ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE REGIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**SAYDALIEV KHUSRAV AMIRKHONOVICH,**
doctoral student (PhD) of the Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, S. Nosir str.
Phone: (+992) 902-33-73-73. E-mail: S.KH.A.7373@mail.ru

*The article presents the issues of the transition of the Republic of Tajikistan to market economy relations, which creates many interconnected problems, and one of them is the most important problem of investment. It is noted that without providing conditions for motivating potential investors to expand the volume of investments in the country's economy, it is fundamentally impossible to solve the problems of forming new economic relations, developing production, and improving the welfare of the population.*

*The article states that the ultimate and main goal of the economic policy of each state is to develop the economy, improve the standard of living and welfare of the population by providing living and working conditions that allow them to increase their income (of course, real income). Also, the economic policy of the state is aimed at reducing prices for goods and services and ensuring social protection of the population.*

*It is concluded that investments are one of the sources of funds for the development of the country, improving the production of new goods and products, expanding the service sector, improving the technology of mining and processing minerals.*

***Keywords***: *direct investments, market relations, sustainable economic development, attraction of investments, public investments, international relations, national economy, sources of financing, economic policy, government programs.*

УДК: 35+338(575.3)

# ТАҲЛИЛИ МУОСИРИ СОҲАИ ИДОРАКУНИИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ МАРКЕТИНГӢ ВА УСУЛҲОИ ОН ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ

**ЗОҲИДОВ КАМОЛИДДИН СУЛАЙМОНОВИЧ,**
докторант (PhD)-и кафедраи идоракунии молияи давлати
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. С. Носир, 33.
Тел.: (+992) 988-02-10-95. E-mail: kamoliddin.com95@gmail.com

*Дар мақола таҳлили муосири соҳаи идоракунии хизматрасониҳои маркетингӣ ва усулҳои он дар шароити иқтисоди бозорӣ баррасӣ карда шудааст. Таъкид шудааст, ки барои нигоҳ доштани рақобатпазирии ширкат, зарур аст диққати ҷиддӣ ба мунтазам назорат кардани пешниҳодҳои рақибон ва пайдоиши рақибони нав, кам кардани таъсири рақобати нархҳо ба фурӯши ширкат, аҳамият додан ба ташкили муносибатҳои дарозмуддат бо фармоишгар ва ба бартараф намудани ҳамаи камбудиҳои сиёсати алоқаи корхона нигаронида шавад. Инчунин, қайд гардидааст, ки кормандони сохторҳои хизматрасониҳои маркетингӣ ҳамчун коршиноси баҳодиҳии омилҳои муҳити дохила ва берунаи корхона бояд омилҳои пешниҳод кардашударо таҳлил намуда, дараҷаи таъсири омил ба ширкат ва эҳтимолияти тағирёбии онро баҳо диҳанд.*

***Калидвожаҳо:*** *хизматрасониҳои маркетингӣ, соҳибкории экологӣ, рақобатпазирии корхона, сиёсати андозӣ, шуъбаи маркетингӣ, таҳлили мизоҷон, иқтисоди бозорӣ, идоракунии хизматрасониҳои маркетингӣ.*

Дар шароити муосир барои рақобатпазир будани ширкат дар бозорҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷи кишвар бояд вазъи идоракунии хизматрасониҳои маркетингӣ дар асоси таҳқиқотҳои илмию назариявӣ ва амалӣ ба роҳ монда шуда, ҷанбаҳои рушди рақобатпазирӣ ҷоннок карда шаванд. Оид ба масъалаи мазкур таҳлили панҷ қувваи рақобатпазирии пешниҳоднамудаи олими машҳур Майкл Портер аз манфиат холӣ нест.

Таҳлили мазкур яке аз омилҳои асосие мебошад, ки метавонад қувваҳои асосии рақобатпазирии корхонаро, ки мавқеи онро дар сатҳи бозор муаррифӣ месозад, муайян намояд.

М. Портер дар модели пешниҳоднамудаи худ қувваҳои рақобатпазирии зеринро, ки ба фаъолияти ширкат таъсири мусбӣ мерасонанд ва ба панҷ қуввваи рақобат аз ҳамдигар ҷудо менамояд:(ниг. расми 1.)

Қоидаи асосии назарияи панҷ қувваи рақобат ба он асос меёбад, ки ҳар қадаре таъсири қувваи рақобат кам бошад, ҳамон қадар ширкат шароит барои ба даст овардани фоидаи баландро дар соҳа ба даст меорад ва баръакс қувваи рақобат дар бозор зиёд шавад, имконияти ба даст овардани фоида кам мегардад. [6].

Бо дарназардошти муҳиммияти панҷ қувваи рақобатпазирии корхона мо чунин мешуморем, ки соҳибкори бахши экология низ бояд ин омилҳоро омӯхта, рақобатпазирии худро дар бозорҳои дохила ва беруна таъмин намояд.

Аз ин лиҳоз, қайд намудан лозим аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на ҳамаи субъектони хоҷагидор таҳлили панҷ қувваи рақобатпазириро ба инобат мегиранд. Аз таҳлилҳо чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки мушкилоти асосӣ барои корхонаҳо хатари рақобати байнисоҳавӣ ба шумор меравад. Бинобар ин, ба ширкатҳо зарур аст, ки мунтазам фаъолияти рақибони худро омӯзад, то ки дар ягон ваҷҳ аз онҳо қафо намонад, балки дар ҳамаи самтҳои рақобат пешсаф бошад.

***Расми 1.***




Қобили зикр аст, ки дар ин соҳа муносибатҳои наздик ва дарозмуддат бо мизоҷони худ хос аст, бинобар ин метавон гуфт, ки барои нигоҳ доштани саҳми бозор роҳбарияти ширкат бояд бо муштариёни худ самаранок кор кунад, ниёзҳо ва интизориҳои онҳоро қонеъ кунад. Инчунин, дар раванди фаъолияти истеҳсолӣ бояд чунин таҳдидҳоро ба инобат гирифт:

- таҳдиди бозигарони (рақибони) нав;
- таҳдид аз ҷониби истеъмолкунандагон;
- таҳдид аз ҷониби таъминкунандагон.

Онҳоро низ набояд фаромӯш кард, зеро сатҳи таҳдиди онҳо метавонад, дар як лаҳза баланд шавад, аз ин рӯ, шӯъбаи маркетинг бояд ин таҳдидҳоро мунтазам таҳлил кунад, то хатарҳо барои ширкат кам карда шаванд.

Мавриди зикр аст, ки барои нигоҳ доштани рақобатпазирии ширкат, зарур аст диққати ҷиддӣ ба мунтазам назорат кардани пешниҳодҳои рақибон ва пайдоиши рақибони нав, кам кардани таъсири рақобати нархҳо ба фурӯши ширкат, аҳамият додан ба ташкили муносибатҳои дарозмуддат бо фармоишгар ва ба бартараф намудани ҳамаи камбудиҳои сиёсати алоқаи корхона нигаронида шавад.

Маврид ба ёдоварист, ки яке аз таҳлилҳои хизматрасониҳои маркетингӣ ин STEEP-таҳлил ба шумор меравад. STEEP-таҳлил арзёбии таъсири тамоюлҳои бозор ва истеъмолкунандагонро ба фурӯш, инчунин фоидаи ширкатро дар бар мегирад. Ин таҳлил омилҳои асосии муҳити берунаро, ки ба фаъолияти ширкат бевосита таъсир мерасонанд, муайян хоҳад кард [8].

Барои баҳодиҳии тамоми омилҳои макромуҳит (иҷтимоӣ-фарҳангӣ, технологӣ, иқтисодӣ, экологӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ) на танҳо вазъи кунунии онҳоро ба назар гирифтан лозим, балки инчунин пешгӯиҳо оид ба тағйироти эҳтимолӣ дар ҳар як омил барои чанд соли оянда бояд пешгӯӣ карда шавад. [7].

Аз ин рӯ, як нуктаи муҳими ин таҳлил иштироки коршиносе мебошад, ки бо раванди фаъолияти бозорҳо ва ширкати амалкунанда муддати тӯлонӣ шинос аст ва метавонад, дараҷаи таъсири омилҳои муайянро ба он, инчунин дар асоси эҳтимолияти пайдоиши онҳо арзёбӣ кунад.

Ҳамин тариқ, раванди гузаронидани STEEP-таҳлил -ро шартан ба марҳилаҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст [8]:

- муайян кардани омилҳои асосие, ки ба ширкат таъсир мерасонанд;
- додани маълумот оид ба ҳар як омил;
- таҳлили аҳамият ва дараҷаи таъсири ҳар як омил;

- тартиб додани ҷадвали ҷамъбастии STEEP - таҳлил.

Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки кормандони сохторҳои хизматрасониҳои маркетингӣ ҳамчун коршиноси баҳодиҳии омилҳои муҳити дохила ва берунаи корхона бояд омилҳое пешниҳод кардашударо таҳлил намуда, дараҷаи таъсири омил ба ширкат ва эҳтимолияти тағирёбии онро баҳо диҳанд.

Ҳамин тариқ, аз таҳлилҳо дар сатҳи ширкатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон хулоса бароварда метавонем, ки омилҳои муҳимтарине, ки ба фаъолияти корхона таъсир мерасонанд, инҳо ба шумор меравbooking:

**Расми 2.**




Маврид ба зикр аст, ки ширкат наметавонад, ба аксари омилҳо таъсир расонад, дар робита ба онҳо бояд ҷандириятро инкишоф диҳад ва бо назардошти имкони пайдоиши онҳо сенарияҳои ояндаро таҳия намояд. Бо вуҷуди ин, ширкат метавонад, доимо сифати маҳсулот ва хидматҳои худро назорат кунад. Инчунин, дар оянда барои дар истеҳсолот ҷорӣ намудани ҳар як самти навоварӣ, ки бо тараққиёти илму техника машғуланд, ташкил кардан манфиатовар аст, зеро дар корхонаҳои саноатӣ ҷорӣ намудани пешрафтҳои илмию техникӣ бартарии муҳими рақобатӣ дорад. [6].

Яке аз таҳлили хизматрасониҳои маркетингӣ, инчунин 4P-таҳлилро номидан мумкин аст. 4P-таҳлил омӯзиши хусусиятҳои асосии омехтаи маркетингро дар назар дорад, ки мавқеъгирии муассири ширкатро дар бозор таъмин мекунад. Таҳлили мазкур хусусиятҳои маҳсулотро омӯхта ба сатҳи нарх ва равишҳои тақсимоти он нақш мебозад, аммо фаъолияти таблиғотӣ дар навбати худ унсури муҳимтарини муваффақият ба шумор меравад, зеро он механизме мебошад, ки тавассути он

мавқеъият ба истеъмолкунандагони асосӣ расонида мешавад [8]. Таҳлили мазкур чор унсури асосӣ дорад, ки дар ҷадвали 1 нишон дода шудаанд.

***Ҷадвали 1.***

*Унсурҳои асосии 4 Р-таҳлил дар хизматрасониҳои маркетингӣ*

| | **Унсурҳои 4Р – таҳлил** | **Тавсифи унсурҳои 4Р-таҳлил** |
|---|---|---|
| | **Унсури якуми 4Р-таҳлил** | **Таҳлили сиёсати маҳсулоти ширкат:** Таҳлили АВС усули маъмултарини тадқиқотест, ки ба оптимизатсияи ассортимент дар савдои чакана мусоидат мекунад. Афзоиши фурӯш ва баланд бардоштани самаранокии ассортимент бевосита ба дуруст баҳодиҳии даромаднокии ҳар як номгӯи мол, мавҷуд набудани «моли кӯҳна» ва молҳое вобаста аст, ки хароҷоти онҳо пардохта намешавад. Натиҷаи таҳлили АВС қобилияти муайян кардани 20% фоидаовартарини молҳо ба шумор меравад. |
| | **Унсури дуюми 4Р-таҳлил** | **Таҳлили сиёсати таъминоти ширкат:**яъне ширкат бояд дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди фаъолияти худ дар шахрҳои калон бо мақсади иртиботи қавӣ бо молтаъминкунандагон ва харидорон намояндагӣ дошта бошад. |
| | **Унсури сеюми 4Р-таҳлил** | **Таҳлили сиёсати нархгузории ширкат:** шуъбаи фуруши корхона ҳар сол низомномаи нархгузориро бояд таҳия ва тасдиқ намуда, механизми нархгузориро барои харидорони чакана ва яклухт тартиб диҳад. Ширкат сиёсати нархгузории хеле чандир дорад. Менеҷерҳо мекӯшанд, ки ба мизоҷ таносуби мусоидтарини нарх ва сифати маҳсулотро пешниҳод кунанд. Корхона ҳангоми ташаккули сиёсати нархгузорӣ принсипҳои зеринро риоя мекунад: а) нархгузории инфиродӣ ва шартҳои пардохт; б) нархгузории кушод. |
| | **Унсури чоруми 4Р-таҳлил** | **Таҳлили низоми пешбурди ширкат** метавонад тамоми самтҳои фаъолияти асосии ширкатро мавриди таҳлил қарор диҳад. Чӣ тавре ки аз таҳлилҳо бармеояд, дар ширкатҳо воситаҳои зерини алоқаи маркетингиро истифода мебаранд: а) реклама; б) фурӯши шахсӣ; в) пешбурди фурӯш; г) муносибатҳои ҷамъиятӣ[8]. |

Аз ҷадвали 1 бармеояд, ки дар давоми фаъолияти истеҳсолӣ ҳамаи субъетони хоҷагидор бояд дар даврахои муайяни ҳисоботӣ таҳлили сиёсати маҳсулоти ширкат,

таҳлили сиёсати таъминоти ширкат, таҳлили сиёсати нархгузорӣ ва таҳлили низоми пешбурди фаъолияти ширкатро мавриди амал қарор диҳанд.

Дар асоси он метавон хулоса кард, ки ҳама гуна иртиботи маркетингӣ афзалиятҳо ва нуқсонҳои худро дорад, аммо бояд қайд кард, ки ҳар яке аз бартариҳои баррасишуда хеле муҳим арзёбӣ карда мешавад. Азбаски алоқаи мукаммали хизматрасониҳои маркетингие, ки камбудиҳо надошта бошад, вуҷуд надорад ва месазад қайд намуд, ки маркетологҳои ширкатҳо онҳоро дар маҷмуъ истифода мебаранд, зеро ҳамгироии мунтазами онҳо ба ноил шудан ба ҳадафҳои ширкат мусоидат мекунад.

Дар ин замина субъектони соҳибкории экологӣ бояд воситаҳо ва шаклҳои паҳнкунии иттилооти таблиғотиро бо афзалиятҳо ва нуқсонҳои онҳо баррасӣ ва ислоҳ намуда, истифодаи шакли алтернативии беҳтаринро роҳандозӣ намоянд.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки аксарияти ширкатҳои истеҳсолию тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на он қадар шаклҳои паҳн кардани ахбороти рекламавиро истифода мебарад. Ба ақидаи мо, аз таҳқиқотҳои сотсиологӣ, ки мо бо намояндагони баъзе ширкатҳо ва тоҷирон гузаронидем, ин аз фаъолияти мунтазами субъектони хоҷагидор вобастагӣ дорад, зеро ширкат бештар ба муштариёни доимии худ, ки аллакай дар бораи корхона фикру андешаи худро ташаккул додаанд, тамаркуз намуда, шаклҳои паҳн кардани ахбороти рекламавиро кам истифода мебаранд. Аз нигоҳи таҳқиқотҳои гузаронидаи мо гуфта метавонем, ки агар сохторҳои маркетингии ширкатҳо бо роҳҳои гуногуни таблиғот шумораи муштариёни худро зиёд намояд, аз манфиат холӣ нест [5].

Вале, агар молу маҳсулоти ширкат ба воситаҳои иловагии реклама эҳтиёҷ надошта бошад, ба андешаи мо, истифода набурдани чунин таркиби ахбороти таблиғотӣ барои ин ширкат беҳтарин аст, зеро он барои таблиғ хароҷоти ҷиддӣ ва иловагӣ намебинад, аммо бо роҳҳои дигари ҳавасмандгардонии мизоҷон, масалан, истифодаи тахфифҳои пулӣ ва молӣ, инчунин пешниҳод намудани молу маҳсулот ба мухлатҳои муайян тариқи насия ҳамчун қарҳои дебиторӣ муштариёни навро ба раванди фаъолияти асосии худ ҷалб менамояд.

Маврид ба зикр аст, ки шакли дигари таҳлили маркетингӣ ин таҳлили раванди фаъолияти муштариёни ширкат ба шумор меравад. Яъне, субъекти хоҷагидор бояд таҳлил карда, муайян намояд, ки бо кӣ ҳамкорӣ дорад ва ҳолати молиявиаш дар кадом сатҳ қарор дорад.

Дар марҳилаи аввали таҳлили сегменти истеъмолкунандагони бозор зарур аст. Аз рӯи мавҷудияти маблағ ширкат метавонад гурӯҳҳои зерини муштариёнро ҷудо намояд: 1. **VIP – Мизоҷон (VIP-клиенты)**-ба ин гурӯҳ, яъне ба субъектҳои соҳибкории калон шахсони ҳуқуқие мансубанд, ки даромади умумии онҳо дар як сол аз 15000000 (понздаҳ миллион) сомонӣ зиёд аст. [9].

Ба гурӯҳи VIP-мизоҷон соҳибкорон ва корхонаҳои калони саноатӣ дохил мешаванд. Корхонаҳои мазкур бо баъзе хусусиятҳои худ аз мизоҷони дигар бартарият доранд, ки ин хусусиятҳо дар расми 3 пешниҳод гардидаанд: (ниг. расми 3)

Аз расми 3 маълум мегардад, ки субъектони хоҷагидор бояд бо мизоҷоне ҳамкориро ба роҳ монанд, ки дорои хусусиятҳои хоси пешниҳодгардида буда, технологияи фаъоли фурӯшро истифода намоянд ва мунтазам ҳаҷми фармоишотро афзун гардонида, сари вақт молҳои пешниҳодгардидаро қабул ва ба ҷойҳои лозима расониданро кафолат дода тавонанд. Инчунин, пардохти саривақтии молро таъмин намоянд.

***Расми 3.***




***Манбаъ:*** *Муаллиф тартиб додааст.*

Дар натиҷаи таҳқиқот маълум гардид, ки зиёд кардани навъи истеҳсоли маҳсулот бо раванди технологӣ ва хусусиятҳои истеҳсолии корхона маҳдуд карда мешавад. Аз ин лиҳоз, соҳибкорон ва умуман, субъектони хоҷагидор бояд мувофиқи имкониятҳои истеҳсолияшон VIP – мизоҷон-ро интихоб намоянд. Ба андешаи мо дар сатҳи роҳбарияти субъектони хоҷагидор оид ба интихоби VIP – мизоҷон дар асоси меъёрҳои махсус қарор қабул карда мешавад. Меъёрҳои интихоби мизоҷон инҳоянд: (ниг. расми 4)

Аз меъёрҳое махсусе, ки дар расми 4 нишон дода шудаанд, маълум мегардад, ки маркетологони ширкатҳо бояд муайян намоянд, ки VIP – мизоҷони ҳамкорикунанда бояд дорои собиқа ва таҷрибаи кории боэътимод бошанд ва имконияти харидорӣ намудани молу маҳсулотро бо нархи муайян дошта, пардохти саривақтиро анҷом дода тавонанд.

Илова бар ин, дарозии масофа ҳангоми тақсимоти мол ва инчунин, вазъи иқтисодию молиявӣ ва сиёсии мизоҷро муайян намоянд.

**Мизоҷони миёна** -ба ин гурӯҳ, яъне ба субъектҳои соҳибкории миёна шахсони ҳуқуқие мансубанд, ки даромади умумии онҳо дар як сол аз 500000 (панҷсад ҳазор) сомонӣ то 15000000 (понздаҳ миллион) сомонӣ аст [9].

Ба ин гурӯҳи мизоҷон корхонаҳои миёна дохил мешаванд, ки онҳоро маркетологони субъектони хоҷагидор аз рӯи имкониятҳашон таҳлил намуда, оид ба ҳамкорӣ намудан дар оянда қарори дахлдор дар якҷоягӣ бо роҳбарияти корхона мебароранд.

**Мизоҷони дигар** - ба ин гурӯҳ мизоҷони дигаре дохил мешаванд, ки ба дуи қаблӣ дохил нашудаанд. Яъне, даромади умумии онҳо дар як сол то 500000 (панҷсад ҳазор) сомониро ташкил медиҳад [9]. Вале, аз рӯи басомади кор бо ширкат муштариёни доимӣ ба шумор меравианд. Муштариёни доимӣ шахсони ҳуқуқӣ ё воқеие ҳисобида мешаванд, ки дар давоми ҳар даҳ моҳи соли ҳисоботӣ аз ширкат мол харидорӣ менамоянд.

***Расми 4***

**Меъёрҳои махсуси интихоби мизоҷон**

- Муайян кардани эътимоднокии мизоҷ
- Собиқа ва таҷрибаи кории мизоҷ
- нархи моле, ки мизоҷ харидорӣ мекунад
- шакли пардохте, ки мизоҷ анҷом медиҳад
- муайян кардани дарозии масофаи мизоҷ ҳангоми тақсимоти мол
- макони истеҳсолкунандаи ашёи хом
- муайян кардани вазъи иқтисодӣ, молиявӣ ва сиёсии мизоҷ

Намуди дигари таҳлили ин SWOT-таҳлил ба шумор меравад, ки тибқи истифодаи таҳлили мазкур ҷанбаҳои қавӣ ва заифи корхона муайян карда мешаванд. Яъне, дар ин марҳила ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи ташкилот мавриди таҳлил қарор дода мешаванд, ки ба матритсаи SWOT-таҳлил тааллуқ доранд. Кормадони шуъбаи маркетингӣ баҳри муайян кардани ҷанбаҳои қавӣ ва заифи корхона метавонанд раванди SWOT-таҳлилро ҳам дар корхонаи худ ва ҳам дар мизоҷон роҳандозӣ намоянд [8].

Инчунин, кормандони шуъбаи хизматрасониҳои маркетингӣ ва коршиносони тадқиқот баҳодиҳии натиҷаҳои SWOT-таҳлилро ба маъмурияти ширкат пешниҳод менамоянд, ки мувофиқи нишондиҳандаҳои ҷанбаҳои қавӣ ва заифи корхонаи худ ва мизоҷон фаъолияти минбаъдаро ба роҳ мемонанд.

Ҳамин тариқ, мо метавонем хулоса барорем, ки ширкат бояд ба истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва зиёд кардани ҳаҷми фурӯш аҳамияти ҷиддӣ дода, тавассути таҳлилҳои зикргардида шумораи мизоҷон ва нишондиҳандаҳои иқтисодии худро баланд бардошта, дар натиҷа ба ҳиссаи бозор аҳамияти хосса диҳад. Аммо бояд қайд кард, ки бо саҳми мавҷудаи бозор, риояи меъёрҳои махсуси интихоби мизоҷ субъекти хоҷагидор фоидаи устувор ба даст оварда, динамикаи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар корхона тамоюли афзоишро нишон медиҳад.

**Адабиёт**

1. Амблер Т. Практический маркетинг / пер. с англ. Общей ред. Ю.Н. Каптуревского. –спб: издательство (Питер). 2003-400с

2. Ассэль Генри. Маркетинг: принципы и стратегии: учебник для вузов – ИНФРА-М, 2004 -840с.

3. Багиев, Г.Л; Тарасевич, В.М; Анн Х. маркетинг / Г.Л. Багиев, В.М. Тарасевич, Х Анн.-М :ПИТЕР, 2005-153с.

4. Березин И.С. маркетинг и исследования рынков – М русская деловая литература, 2003-416с.
5.Голубков Е.П. Маркетинг: выбор лучшего решения.М.:Экономика, 2013
6. Досиев М. Н. , Зоҳидов К. С. Асосҳои назариявии фаъолияти маркетингӣ дар корхона / М. Н. Досиев , К. С. Зоҳидов, Паёми АИДНПҶТ, №4/1 (58)-2022 саҳ. 69-75
7. Досиев М. Н. , Зоҳидов К. С. Идоракунии фаъолияти маркетингӣ ҳамчун омили асосии рушди ташкилот/ М. Н. Досиев, К. С. Зоҳидов, Паёми ДТТ 4/2(51)2022-с. саҳ,165-169
8. Котлер, Ф. Маркетинг менеджмент: учебное пособие / Ф. Котлер. – М.: Книга по Требованию, 2012. – 480 с.
9. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» ш. Душанбе, 26 июли соли 2014, №1107
10. Морозов, Ю.В. Основы маркетинга: Учебное пособие / Ю.В. Морозов. – М.: Дашков и К, 2013. –148 с
11.Менеджмент в России и за рубежом [Электронный ресурс] – Режим доступа: http://www.mevriz.ru/articles/2003/2/1071.html (санаи мурочиат 03.07.2023)

# СОВРЕМЕННЫЙ АНАЛИЗ ОБЛАСТИ УПРАВЛЕНИЯ МАРКЕТИНГОВЫМИ УСЛУГАМИ И ЕЕ МЕТОДОВ В УСЛОВИЯХ РЫНОЧНОЙ ЭКОНОМИКИ

**ЗОХИДОВ КАМОЛИДДИН СУЛАЙМОНОВИЧ,**
докторант (PhD) кафедры управления государственными финансами
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе ул. Саид Носира, 33.
Тел.: (+992) 988-02-10-95. E-mail: kamoliddin.com95@gmail.com

*В статье рассматривается современный анализ сферы управления маркетинговыми услугами и его методы в условиях рыночной экономики. Подчеркнуто, что для поддержания конкурентоспособности компании необходимо уделять пристальное внимание регулярному мониторингу предложений конкурентов и появлению новых конкурентов, снижать влияние ценовой конкуренции на продажи компании, уделять внимание на установление долгосрочных отношений с клиентами и на устранение всех недостатков коммуникационной политики компания должна быть ориентирована. Также отмечается, что сотрудники структур маркетинговых служб, как специалисты по оценке факторов внутренней и внешней среды предприятия, должны проанализировать предложенные факторы и оценить степень влияния фактора на предприятие и возможность его воздействия.*

***Ключевые слова:*** *маркетинговые услуги, экологическое предпринимательство, конкурентоспособность предприятия, налоговая политика, отдел маркетинга, анализ клиентов, рыночная экономика, управление маркетинговыми услугами.*

# MODERN ANALYSIS OF THE FIELD OF MANAGEMENT OF MARKETING SERVICES AND ITS METHODS IN A MARKET ECONOMY

**ZOHIDOV KAMOLIDDIN SULAYMONOVICH,**
Doctoral student (PhD) of the Department of Public Finance Management of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir str.
Phone: (+992) 988-02-10-95. E-mail: kamoliddin.com95@gmail.com

*The article considers the modern analysis of the sphere of marketing services management and its methods in a market economy. It is emphasized that in order to maintain the competitiveness of the company, it is necessary to pay close attention to regular monitoring of competitors' offers and*

*the emergence of new competitors, to reduce the impact of price competition on the company's sales, to pay attention to establishing long-term relationships with customers and to eliminate all shortcomings in the communication policy the company should be focused. It is also noted that employees of the structures of marketing services, as specialists in assessing the factors of the internal and external environment of the enterprise, should analyze the proposed factors and assess the degree of influence of the factor on the enterprise and the possibility of its impact. change.*

***Keywords:*** *marketing services, ecological entrepreneurship, enterprise competitiveness, tax policy, marketing department, customer analysis, market economy, marketing services management.*

УДК:339

# ТАҶРИБАИ ҶАҲОНИИ АНДОЗБАНДИИ КИШОВАРЗӢ ВА РОҲҲОИ ТАКМИЛИ ОН ДАР ТОҶИКИСТОН

**РАҶАБЗОДА ШЕРАЛӢ ШОДИМУРОД,**
доктoрант (PhD)-и Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33.
E-mail: rajabzoda.sherali@mail.ru

*Дар мақола таҳлили амалияи ҷаҳонии андозбандии кишоварзӣ гузаронида шуда, таъкид карда шудааст, ки сиёсати андоз дар соҳаи кишоварзии давлатҳои мутараққӣ, чун дар тамоми хоҷагиҳои миллӣ тамоми имкониятҳои андозҳои мустақим ва бавоситаро истифода мебарад. Андозҳои гуногун имконият медиҳанд, ки ҷиҳатхои гуногуни истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ва ҳаёти деҳот танзим карда шаванд. Дар баробари ин системаи андози кишоварзӣ имтиёзҳои чандир дорад. Асосан, системаи ҳавасмандгардонӣ аз хоҳиши осон кардани баҳисобгирӣ ва кам кардани бори андоз барои истеҳсолкунандагони хурди кишоварзӣ бармеояд; истеҳсолкунандагони калон ва махсусан корхонаҳои корпоративии хоҷагии қишлоқ, чун қоида, ба тартиби муътадили андозбандӣ. Таҳаввули сиёсати андоз дар бахшҳои кишоварзии кишварҳои пешрафта низ муттаҳидшавии афзояндаи меъёрҳо, тартиби пардохт ва манбаи андозро дар соҳаи кишоварзӣ бо дигар соҳаҳои иқтисодиёт нишон медиҳад. Барои рушди андозбандии соҳаи кишоварзии Тоҷикистон истифодаи таҷрибаи Олмон, Италия ва Канада тавсия дода шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *андозбандии кишоварзӣ, сиёсати андоз, андозҳои мустақим ва бавосита, имтиёзҳо, системаи ҳавасмандгардонӣ, осон кардани баҳисобгирӣ, кам кардани бори андоз, тартиби пардохт, манбаи андоз, таҷриба, истифода, самаранок.*

Системаи андозбандии кишоварзӣ воситаи муҳими танзимкунандаи танзими давлатии бахши кишоварзӣ ва озуқаворӣи иқтисодиёт мебошад. Дар ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон дар баробари дигар соҳаҳои иқтисодиёт хоҷагии қишлоқ ҳам андозбандӣ карда мешавад. Дар баробари ин ба бахши кишоварзӣ аз рӯи анъана имтиёзҳои муайяни андоз, инчунин низоми махсуси андозбандӣ дода мешавад, ки бо хусусиятҳои хоси истеҳсолот: мавсимӣ, вобастагӣ аз омили обу ҳаво ва бартарияти истеҳсолкунандагони хурди оилавӣ алоқаманданд. Бо ёрии андозҳо дар соҳаи кишоварзӣ намудҳои алоҳидаи фаъолиятро ҳавасманд кардан ё баръакс, маҳдуд кардан мумкин аст, зеро андозҳо ба сохтори соҳаи кишоварзӣ таъсир мерасонанд.

Дар ҳамаи мамлакатҳо таҳаввули системаи андозбандии кишоварзӣ роҳи соддагардонӣ, кам кардани шумораи андозҳои мавҷуда (муттаҳид намудани онҳо), паст кардани сатҳи ставкаҳо ва васеъ намудани манбаи андозро пеш гирифтааст, бинобар ин як қатор хусусиятҳое мавҷуданд, ки онҳо андозаҳои андози мавҷударо муттаҳид мекунанд.

Дар соҳаи кишоварзӣ дар ҳама кишварҳо аз низоми имтиёзноки андоз истифода мешавад. Дар баробари ин, дар кишварҳое, ки дар сохтори истеҳсолот воҳидҳои нисбатан хурди истеҳсолӣ бартарӣ доранд, дараҷаи баланди имтиёзҳои андоз боқӣ мемонад. Дар ИМА, ки хоҷагиҳои кишоварзӣ калонтаранд ва самаранокии истеҳсолот баландтар аст, ислоҳоти андоз ба самти лағви баъзе имтиёзҳо пеш меравад.

Андозҳо дар аксари кишварҳои ҷаҳон ба федералӣ ва маҳаллӣ (минтақавӣ, ҷамоатӣ, маҳаллӣ ва ғайра) тақсим мешаванд. Дар баробари ин, агар андозҳои федералӣ дар бахши кишоварзӣ якхела бошанд, пас андозҳои маҳаллӣ метавонанд ба таври назаррас фарқ кунанд ва бо ҳадафҳои минтақа, ҷойгиршавии мушаххаси ҷуғрофии он ва ҳолати буҷети маҳаллӣ муайян карда мешаванд. Даромади андози

федералӣ байни сатҳи федералӣ ва маҳаллӣ тақсим карда мешавад. Андози вилоятӣ ё маҳаллӣ мутаносибан дар буҷетҳои вилоятӣ ва маҳаллӣ боқӣ мемонад.

Гуфтан бамаврид аст, ки андозҳои асосии кишоварзӣ қариб дар ҳама кишварҳо андози даромад (аз даромади шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ) ва андози замин ба ҳисоб меравад. Ин ду андози асосӣ дар тамоми кишварҳои пешрафта тақрибан 70-85%-и тамоми даромадҳои мустақими андози аз ҷониби истеҳсолкунандагони кишоварзӣ пардохтшавандаро ташкил медиҳанд [6].

Мисли дигар соҳаҳои иқтисодиёт андоз аз даромад дар хоҷагии қишлоқ ба ду намуд тақсим мешавад: андоз аз даромади шахсӣ ва даромади ташкилотҳо (шахсони ҳуқуқӣ). Андозбандӣ ба принсипи андози танзимшаванда, сарфи назар аз манбаи он асос мeёбад. Тартиби пардохт ва меъёрҳои андоз аз даромад дар сатҳи федералӣ дар ҳама кишварҳо муқаррар карда мешаванд. Бо вуҷуди ин, лозим ба ёдоварист, ки тибқи қонунгузории аксари кишварҳои ҷаҳон даромадҳои андозии онҳо сарчашмаашонро андоз аз даромад дар таносуби муайян байни буҷети федералӣ, буҷетҳои миёна (минтақаҳо, буҷетҳои заминҳо, идораҳо, штатҳо ва ғайра) ва буҷетҳои маҳаллӣ ташкил медиҳад.

Масалан, дар Германия аз маблағи умумии андози даромаде, ки аз хоҷагии қишлоқ гирифта мешавад, 42,5 фоизаш ба буҷети федералӣ, 42,5 фоизаш ба буҷети давлатӣ, 15 фоизаш ба буҷети мақомоти худидоракунии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (ҷамоат) дохил мешавад.

Андоз аз даромад аз даромади софи корхонаи хоҷагии қишлоқ гирифта мешавад. Даромади соф ҳамчун фарқияти байни даромади умумӣ аз фурӯши маҳсулот ва маблағи тамоми хароҷот барои истеҳсол ва фурӯши он муайян карда мешавад. Дар ИМА ин меъёри андоз вобаста ба сатҳи даромади андозбандишаванда аз 15 то 39 фоизро ташкил медиҳад [11].

Дар ҳама кишварҳои пешрафта андоз аз даромади шахсони воқеӣ фарқ мекунад. Дар баробари ин, истеҳсолкунандагони кишоварзӣ нисбат ба шахсоне, ки дар дигар соҳаҳои иқтисодиёт кор мекунанд, аз имтиёзҳои иловагии андоз истифода мебаранд. Намудҳои асосии имтиёзҳои андозбандӣ инҳоянд:

- кам кардани меъёри асосии андоз. Масалан, дар Олмон меъёри андоз аз даромад барои шахсони воқеӣ дар соҳаи кишоварзӣ 3% ва барои даромади ғайрикишоварзӣ 18% мебошад;
- ҷорӣ намудани ҳадди ақали андозбандишаванда. Масалан, дар Италия даромади минималии андозбандинашавандаи кооперативҳои кишоварзӣ барои коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ назар ба дигар кооперативҳои истеҳсоли ашёи хом 2,5 баробар зиёд аст;
- кам кардани қисми андозбандишавандаи даромад аз ҳисоби тарҳҳои пешакӣ. Масалан, дар Германия ба ғайр аз маблағҳое, ки ба ҳамаи шаҳрвандони мамлакат дахл доранд, барои шахсоне, ки аз хоҷагии қишлоқ ва хоҷагии ҷангал даромад мегиранд, тарҳи махсус муқаррар карда мешавад;
- аз андозбандӣ озод намудани гирифтани як катор даромадҳо, ки ба пардохт ба фонди суғуртаи иҷтимоӣ, ёрдампулии бачагон, хароҷот барои таълими касбӣ ва ғайра равона мегардад.

Барои хоҷагиҳои хурд режими махсуси ҳисобу китоб ҷорӣ карда шудааст. Кишоварзони хурд баҳисобгирии соддакардашударо пеш мебаранд, ки ин боиси кам баҳодиҳии даромади гирифташуда мегардад ва дар асл имтиёзи андоз мебошад.

Ҳангоми пардохти андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ имтиёзҳои андоз низ пешбинӣ мешаванд. Муносибати асосӣ дар ин ҷо пешгирӣ кардани андозбандии

дукарата, инчунин додани имтиёзҳои муайяни андоз ба сохторҳои кооперативии навтаъсис дар кишоварзӣ мебошад. Дар Италия дар давоми 10 соли аввал аз рӯзи ташкил шудани кооперативҳои кишоварзӣ оид ба коркарди аввалини маҳсулоти хоҷагии қишлоқ аз андоз аз даромади корхонаҳо ва андози даромади махаллӣ озод карда мешаванд. Баъди 10 соли фаъолияти кооператив меъёри андози маҳаллӣ аз фоидаи кооперативҳо 15 фоиз ва андози корхонаҳо — 25 фоиз ташкил менамояд [13].

Қариб дар ҳама кишварҳо бо мақсади аз байн бурдани андозбандии дукарата, ки аз пардохти андоз аз шахсони воқеие, ки аъзои кооператив ё дигар иттиҳодияҳои корпоративӣ мебошанд, системаи махсуси баҳисобгирӣ мавҷуд аст, ки дар он ҳангоми андозбандӣ андоз аз фоидаи тақсимшавандаи корхонаҳо ба назар гирифта мешавад.

Принсипи асосии пардохти андози замин дар кишоварзӣ, бар хилофи андоз аз заминҳои ғайриқишлоқӣ дар ҳамаи давлатҳои мутараққӣ аз он иборат аст, ки меъёри андоз аз заминҳои кишоварзӣ нисбат ба андози заминҳои ғайрикишоварзӣ хеле пасттар аст. Чунин муносибати имтиёзнок ба андозбандии замин дар бахши кишоварзӣ, ки замин воситаи асосии истеҳсолот мебошад, принсипи муҳими андозбандии имтиёзноки кишоварзиро ифода мекунад. Масалан, дар Олмон ва Фаронса андози замин дар ду намуд муайян карда мешавад: андози «А» ва андози «В». Андози А аз замине, ки дар кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал истифода мешавад, андози В аз заминҳои дигар ситонида мешавад. Асоси ҳисоб кардани андози замин арзиши иҷораи қитъаи замин мебошад, ки дар асоси даромади миёнаи соф ҳисоб карда мешавад. Меъёри андоз аз заминҳои кишоварзӣ дар кишварҳои гуногун ба тарзи гуногун муайян карда мешавад. Масалан, дар Олмон меъёри андоз аз ду қисм ташаккул меёбад: қисми асосӣ, ки ба таври мутамарказ муқаррар карда мешавад ва кӯмакпулии ҷамоатӣ, ки вобаста ба ҳолати буҷетҳои маҳаллӣ муқаррар карда мешавад.

Дар Канада, меъёри андоз аз рӯи вилоят вобаста ба арзиши бозории замин фарқ мекунад. Тамоми маблағи андози замини хоҷагии қишлоқ ба буҷетҳои маҳаллӣ дохил мешавад. Замин аз рӯи истифодаи самаранок, релеф, ҳосилхезӣ ва инфрасохтор баҳо дода мешавад.

Ғайр аз андози замин аз фурӯши қитъаҳои замин андоз низ дода мешавад. Нархи воқеии фурӯши қитъа барои ҳисоб кардани он асос мебошад. Дар Олмон меъёри чунин андоз 6-7 фоизро ташкил дода, 4 фоизаш ба буҷетҳои шаҳрӣ ё деҳоти дахлдор нигоҳ дошта мешавад.

Ҳангоми пардохти андоз аз фурӯши замин истеҳсолкунандагони кишоварзӣ низ имтиёзҳои гуногун доранд. Дар Олмон ва Фаронса аз хариди замини иловагӣ андоз ситонида намешавад, агар андозаи хоҷагӣ пас аз харид аз ҳудуди хоҷагии стандартии оилавӣ зиёд набошад.

Истеҳсолкунандагони хоҷагии қишлоқ ғайр аз андози замин андози амвол месупоранд, ки ба он фонди замин дохил намешавад. Дар Канада, дар бисёр музофотҳо деҳқонон аз пардохти андози амвол озоданд, дар дигар вилоятҳо танҳо 50% андозро месупоранд [13].

Дар намудҳои андозҳои маҳаллӣ ва меъёрҳои андозҳо, шаклҳои ситонидани андозҳои маҳаллӣ на танҳо дар байни мамлакатҳо, балки дар дохили давлатҳои алоҳида якхела нест. Ҳокимияти маҳаллӣ барои сохтмон ва нигоҳдории инфрасохтори нақлиётӣ ва иҷтимоӣ, кӯмак ба хадамоти федералӣ (полис, хадамоти оташнишонӣ) масъуланд. Онҳо ин хароҷотро аз ҳисоби маблағҳое, ки аз воридоти андозҳои маҳаллӣ ва трансфертҳо аз буҷети федералӣ ё буҷети болоӣ гирифтаанд, пардохт мекунанд. Хусусият ва доираи вазифаҳои ҳалшаванда сиёсати андози органҳои маҳаллиро низ муайян мекунанд.

Дар байни андозҳои мустақиме, ки кишоварзӣ ба буҷети маҳаллӣ месупорад, дар баъзе кишварҳо андоз аз моликияти воситаҳои нақлиёт мебошад. Дар Олмон ин андозро соҳибони воситаҳои нақлиёти инфиродӣ, инчунин соҳибони аксари навъҳои техникаи соҳаи кишоварзӣ (тракторҳо, комбайнҳо, мошинҳои боркаш ва ғайра) пардохт мекунанд. Асоси андозбандӣ арзиши балансии техникаи кишоварзӣ мебошад.

Дигар андози муҳими маҳаллӣ дар Олмон андози тиҷоратӣ мебошад. Ин андозро чун қоида кооперативҳо ва иттиҳодияҳои хоҷагии қишлоқ месупоранд. Аммо агар даромади ғайрикишоварзӣ, ки деҳқони алоҳида аз 30 фоизи даромади умумиаш гирифта бошад, пас ӯ андози тиҷоратро низ месупорад.

Дар Иёлоти Муттаҳида, иёлотҳои алоҳида андози даромади маҳаллӣ ситонида мешаванд, ки ҳамон тавре, ки андози федералӣ ҳисоб карда мешавад. Баъзе иёлотҳо андоз аз даромади маҳаллиро намегиранд.

Дар интихоби навъҳои андоз афзалияти асосӣ ба андозҳои мустақим дода мешавад, ки аксарияти кулли даромадҳои андозро ташкил медиҳад. Дар соҳаи кишоварзӣ, чун қоида, андозбандии ғайримустақими имтиёзнок дорад, ки асосии он андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) мебошад. Реҷаи махсуси имтиёзноки ситонидани андоз аз арзиши иловашуда дар соҳаи кишоварзӣ инҳоро дар бар мегирад:

- имтиёзҳои махсус барои хоҷагиҳои хурд (Фаронса, Италия);
- паст кардани меъёри андоз аз арзиши иловашуда ё озод кардани як қатор молҳо аз ААИ;
- ҷорӣ намудани чунин меъёрҳо барои хариду фурӯш, ки дар он маблағи андози супурдашуда пурра аз ҳисоби маблағи андози ҳисобшуда пӯшонда мешавад, ки ин дар амал боиси он мегардад, ки деҳқон ба хазина чизе намегузаронад.

Дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо механизми андозбандӣ умуман якхела аст, ҳарчанд дар кишварҳои алоҳида микдори меъёрҳо ва озодкунӣ аз андоз гуногун муқаррар карда мешавад. Илова бар ин, даромадҳои андоз аз арзиши иловашуда метавонанд, байни буҷетҳои сатҳҳои гуногун ба таври гуногун тақсим карда шаванд. Аммо ин андози ғайримустақим ба истеҳсолоти кишоварзӣ таъсири мустақим намерасонад, балки барои ҳавасманд кардани талаботи истеъмолкунандагон пешбинӣ шудааст ва аз ин рӯ, ба таври ғайримустақим бахши кишоварзиро дастгирӣ мекунад.

Пардохти иҷтимоӣ дар кишоварзӣ мисли дигар соҳаҳои иқтисодиёт дода мешавад. Ин пардохтҳо ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ҳуқуқ медиҳанд, ки аз системаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ истифода баранд. Дар кишварҳое, ки низоми мустаҳками танзими давлатӣ доранд, арзиши пардохтҳои иҷтимоӣ дар бори умумии андози бахши кишоварзӣ нисбат ба дигар андозҳо (Италия, Фаронса) хеле баланд аст ва дар дигар кишварҳо ҳиссаи онҳо камтар аст (ИМА, Британияи Кабир). Дар баъзе кишварҳои Аврупо, масалан, дар Италия, деҳқонон бояд ба фонди суғуртаи маъюбӣ ва фонди суғуртаи беморӣ пардохтҳои ҳатмии иҷтимоӣ супоранд. Дар ИМА ва Британияи Кабир, фермерон имтиёзҳои таъминоти иҷтимоӣ надоранд. Дар баробари ин хароҷоти суғуртаи иҷтимоии байни деҳқон-корфармо ва коргарони музднок ба ду баробар тақсим карда мешавад, ки ҳар кадоми онхо мутаносибан нисфи даромад ва фонди музди корро медиҳад, бар хилофи бисёр мамлакатҳои ИМА, ки кисми зиёди хароҷоти суғуртаи иҷтимоиро дар он ҷо ташкил медиҳад, ба зиммаи корфармо гузошта мешавад.

Ҳамин тариқ, сиёсати андоз дар соҳаи кишоварзии кишварҳои мутараққӣ тамоми имкониятҳои андозҳои мустақим ва ғайримустақимро, чун дар тамоми иқтисодиёти миллӣ истифода мебарад. Андозҳои гуногун имконият медиҳанд, ки ҷиҳатҳои гуногуни истеҳсолоти кишоварзӣ ва ҳаёти деҳот танзим карда шаванд. Дар баробари ин системаи андози кишоварзӣ имтиёзҳои чандирӣ дорад. Асосан, системаи

ҳавасмандгардонӣ аз хоҳиши осон кардани баҳисобгирӣ ва сабук кардани сарбории андозӣ, барои истеҳсолкунандагони хурди кишоварзӣ бармеояд; истеҳсолкунандагони калон ва махсусан корхонаҳои корпоративии кишоварзӣ, чун қоида, ба тартиби маъмулӣ андозбандӣ мешаванд. Таҳаввули сиёсати андоз дар бахшҳои кишоварзии кишварҳои пешрафта низ чандин андозҳоро муттаҳид намуда, тартиби пардохт ва манбаи андозро дар соҳаи кишоварзӣ нисбат ба бо дигар соҳаҳои иқтисодиёт кам мекунанд.

Андозбандии соҳаи кишоварзии Федератсияи Россия дар айни замон муҳимтарин масъала боқӣ мемонад. Ба ин муносибат ба сектори аграрии иктисодиёт мудохилаи доимии давлат гузошта мешавад, ки ин дар муқаррар намудани низоми махсуси андозбандӣ, татбиқи имтиёзҳо аз рӯи баъзе андозҳо зуҳур меёбад. Аммо дар баробари ин механизми андозбандии кишоварзӣ нағз андешида нашудааст ва як катор камбудиҳо дорад. Ин ба он вобаста аст, ки низоми андози Федератсияи Россия нисбатан ҷавон буда, дар давраи дигаргуниҳои бозорӣ ба таври стихиявӣ ташаккул ёфтааст, дар ҳоле ки низоми андози кишварҳои пешрафта дар тӯли даҳсолаҳо устувор буд. Дар ин давра механизми андозбандии истеҳсолкунандагони хоҷагии қишлоқ низ такмил ёфт.

Ҷорӣ намудани "Системаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони кишоварзӣ (андози ягонаи кишоварзӣ)" барои ба назар гирифтани хусусиятҳои бахши кишоварзии иқтисоди Россия ҳангоми андозбандӣ пешбинӣ шудааст. Аммо камбудии назарраси низоми андозбандии ҷорӣ дар он аст, ки он асосан вазифаи фискалии андозҳо амалӣ карда мешавад. Механизмҳои андози ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ, инноватсия ва фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба қадри кофӣ таҳия нашудаанд [14].

Вале бояд гуфт, ки дар айни замон давлат ислоҳоти системаи андоз, аз ҷумла дар бобати андозбандии истеҳсолоти кишоварзӣ давом дорад. Ҳамин тариқ, дар моҳи майи соли 2013 ба Кодекси андози Федератсияи Россия тағйирот ворид карда шудаанд, ки тамдиди меъёри сифрии андоз аз даромад барои истеҳсолкунандагони кишоварзиро пешбинӣ мекунанд. Қабл аз ворид шудани ин тағйирот пешбинӣ шуда буд, ки меъёри андоз аз даромад барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба андозаи 18 фоиз муқаррар карда шавад, ки на чандон камтар аз меъёри асосии ин андоз ба андозаи 20 фоиз аст. Ҳамчунин, то соли 2013 мушкили ҷиддӣ ин буд, ки ташкилоти навтаъсис ё соҳибкори инфиродӣ бояд талаботеро иҷро мекард, ки тибқи он онҳо аз соли тақвимии оянда ба пардохти андози ягонаи кишоварзӣ гузаштанд, агар дар ҳаҷми умумии даромад аз фурӯши молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) натиҷаҳои давраи охирини ҳисоботӣ дар соли ҷорӣ, ки вобаста ба татбиқи низоми дигари андоз муайян шудаанд, ҳиссаи даромад аз фурӯши маҳсулоти кишоварзии истеҳсолкардаи ин истеҳсолкунандагони кишоварзӣ, аз ҷумла маҳсулоти коркарди аввалияи онхо аз ашёи хоми хоҷагии қишлоқи истехсоли худ камаш 70 фоизро ташкил медод. Ҳамин тариқ, ташкилотҳо ва соҳибкорони инфиродӣ маҷбур буданд, ки муддате таҳти низоми дигари андозбандӣ бошанд. Айни замон ин қоида бекор карда шуда, ташкилотҳо ва соҳибкорони инфиродӣ аз оғози фаъолияташон дар бораи гузаштан ба андози ягонаи кишоварзӣ огоҳинома пешниҳод мекунанд.

Барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ки низоми умумии андозбандиро татбиқ мекунанд, аз андоз аз даромад имтиёзи андоз пешбинӣ шудааст. Меъёри андоз сифр фоизро ташкил медиҳад. Дар баробари ин барои соҳибкорони инфиродӣ, ки низоми умумии андозбандиро татбиқ мекунанд, чунин имтиёз пешбинӣ нашудааст. Соҳибкорони инфиродӣ андоз аз даромадро ба андозаи 13 фоиз месупоранд.

Яке аз андозҳои муҳимтарини истеҳсолкунандагони кишоварзӣ андози замин мебошад. Федератсияи Россия дорои захираҳои бузурги замин аст, аммо сифати онҳо дар минтақаҳои кишвар хеле фарқ мекунад. Андози замин ин хусусиятҳоро ба назар намегирад. Айни замон барои заминҳои кишоварзӣ нисбат ба дигар категорияҳои замин меъёри кам пешбинӣ шудааст, ки он наметавонад аз 0,3 фоиз зиёд бошад. Инчунин, мақомоти маҳаллӣ ҳуқуқи кам кардани андозаи меъёри андозро доранд, вале ин барои андозбандии самаранок кифоя нест.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қавли Каҷкулоев А.Ф. ва Сафарова С.З. яке аз омилҳое, ки «ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар деҳот таъсири бади худро мегузорад ин номукаммалии системаи андозбандӣ ба шумор меравад. Яъне дар ҷумҳурии мо ҳарчанд дар самти андозбандӣ корҳои зиёд, ислоҳоти назаррасе анҷом дода шуда бошад, ҳам механизми андозбандиифаъолияти соҳибкорӣ то ҳол мураккаб боқӣ мемонад» [12].

Ҳамин тавр, таҷрибаи ҷаҳонии андозбандии кишоварзӣ ва роҳҳои истифодаи онро дар Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода метавон чунин хулосабандӣ намуд:

1. Таҳлили амалияи ҷаҳонии андозбандии кишоварзӣ нишон дод, ки сиёсати андоз дар кишоварзии давлатҳои мутараққӣ, чун дар тамоми хоҷагиҳои миллӣ тамоми имкониятҳои андозҳои мустақим ва бавоситаро истифода мебарад. Андозҳои гуногун имконият медиҳанд, ки ҷиҳатҳои гуногуни истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ва ҳаёти деҳот танзим карда шаванд. Дар баробари ин системаи андози кишоварзӣ имтиёзҳои чандири дорад. Асосан, системаи ҳавасмандгардонӣ аз хоҳиши осон кардани баҳисобгирӣ ва кам кардани бори андоз барои истеҳсолкунандагони хурди кишоварзӣ бармеояд ва истеҳсолкунандагони калон ва махсусан корхонаҳои корпоративии хоҷагии қишлоқ, чун қоида, ба тартиби муътадили андозбанд фаро гирифта мешаванд. Таҳаввули сиёсати андоз дар бахшҳои кишоварзии кишварҳои пешрафта низ муттаҳидшавии афзояндаи меъёрҳо, тартиби пардохт ва манбаи андозро дар соҳаи кишоварзӣ бо дигар соҳаҳои иқтисодиёт нишон медиҳад.

2. Андоз аз даромад пас аз муайян намудани даромади соф ҳамчун фарқияти байни даромади умумӣ аз фурӯши маҳсулот ва маблағи тамоми хароҷот барои истеҳсол ва фурӯши он муайян карда мешавад.

3. Барои Тоҷикистон истифодаи таҷрибаи имтиёзҳои андозбандӣ:

➢ Олмон - кам кардани меъёри андоз аз даромад барои шахсони воқеӣ дар соҳаи кишоварзӣ 3% ва барои даромади ғайрикишоварзӣ 18%;

- кам кардани қисми андозбандишавандаи даромад аз фаъолияти кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал;

- аз андозбандӣ озод намудани гирифтани як қатор даромадҳо, ки ба пардохт ба фонди суғуртаи иҷтимоӣ, ёрдампулии бачагон, хароҷот барои таълими касбӣ ва ғайра равона мегардад.

➢ Италия - даромади минималии андозбандинашавандаи кооперативҳои кишоварзӣ барои коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ назар ба дигар кооперативҳои истеҳсоли ашёи хом 2,5 баробар зиёд;

➢ дар давоми 10 соли аввал аз рӯзи ташкил шудани кооперативҳои кишоварзӣ оид ба коркарди аввалини маҳсулоти хоҷагии қишлоқ аз андоз аз даромади корхонаҳо ва андози даромади маҳаллӣ озод карда мешаванд. Баъди 10 соли фаъолияти кооператив меъёри андози маҳаллӣ аз фоидаи кооперативҳо 15 фоиз ва андози корхонаҳо — 25 фоиз ташкил менамояд;

➢ Канада - дар бисёр музофотҳо деҳқонон аз пардохти андози амвол озоданд, дар дигар вилоятҳо танҳо 50% андозро месупоранд;

Татбиқи амалии ин гуна таклифҳо системаи андозбандии истеҳ-солкунандагони хоҷагии қишлоқро боз ҳам чандир, самарабахш ва замонавӣ мегардонад.

**Адабиёт**


1. «Налоговый кодекс Российской Федерации (часть вторая)» от 05.08.2000 N 117-ФЗ (ред. от 07.05.2013)//«Парламентская газета», N 151-152, 10.08.2000.
2. Федеральный закон от 24.07.2009 N 212-ФЗ (ред. от 25.12.2012) «О страховых взносах в Пенсионный фонд Российской Федерации, Фонд социального страхования Российской Федерации, Федеральный фонд обязательного медицинского страхования»// "Российская газета", N 137, 28.07.2009.
3. Закон РФ от 09.12.1991 N 2003-1 (ред. от 29.06.2012) «О налогах на имущество физических лиц»//«Российская газета», N 36, 14.02.1992.
4. Закон Республики Башкортостан «О транспортном налоге» от 27.11.2002 N 365-з (ред. от 17.07.2012)//«Республика Башкортостан», N 232 (25212) от 29 ноября 2002 г.
5. Алиев Б.Х. Налоги и налогообложение: учебное пособие. - М.: Финансы и статистика, 2010. - 397с.
6. Антонова М.Е. Методы использования регулирующей функции налогов в качестве инструмента воздействия на экономику// Вестник ГУУ, 2008, No13 - 0,5 п.л.
7. Аронов А.В., Кашин В.А. Налоги и налогообложение. - М.: Магистр, 2009. - 576с.
8. Горина Г.А., Косов М.Е. Специальные налоговые режимы. - М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2011. - 127с.
9. Дмитриева Н.Г., Дмитриев Д.Б. Налоги и налогообложение в Российской Федерации: учебник. - Ростов н/Д: Феникс, 2011. -- 512с.
10. Жидкова Е.Ю. Налоги и налогообложение. 2-е изд., перераб. и доп. - М.: Эксмо, 2009. -- 480с.
11. Качур О.В. Налоги и налогообложение: учебное пособие. - М.: Кнорус, 2011. -- 304с.
12. Каҷкулоев А.Ф., Сафарова З.С. Рушди инфрасохтори соҳибкорӣ дар деҳоти минтақаи Кӯлоб. Идоракунии давлатӣ. Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. № 4/2.(54). 2021. –С. –С.35-44.
13. Косолапов А.И. Специальные налоговые режимы: учебное пособие. - М.: «Дашков и Ко», 2011. - 212с.
14. Сякин Р.Р. Автореферат диссер. на соиск. уч. ст.д.э.н., «Методология развития налоговой системы и налогового регулирования в России»


## МИРОВОЙ ОПЫТ НАЛОГООБЛОЖЕНИЯ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА И ПУТИ ЕГО СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ В ТАДЖИКИСТАНЕ


**РАДЖАБЗОДА ШЕРАЛИ ШОДИМУРОД,**
докторант (PhD) Академии государственного управления
при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе ул. Саид Носира, 33.
E-mail: rajabzoda.sherali@mail.ru



*В статье анализируется мировая практика налогообложения сельского хозяйства, и подчеркивается, что налоговая политика в сельском хозяйстве развитых стран, как и во всех национальных экономиках, использует все возможности прямых и косвенных налогов. Различные налоги позволяют регулировать различные стороны сельскохозяйственного производства и жизни села. В то же время сельскохозяйственная налоговая система имеет*

*много преимуществ. В основном система стимулирования проистекает из стремления упростить бухгалтерский учет и снизить налоговую нагрузку на мелких сельхозпроизводителей; крупных товаропроизводителей и особенно корпоративных сельскохозяйственных предприятий, как правило, к обычному порядку налогообложения. Эволюция налоговой политики в аграрных секторах развитых стран также свидетельствует о растущем сближении норм, порядка уплаты и источников налогообложения в аграрном секторе с другими отраслями экономики. Рекомендуется использовать опыт Германии, Италии и Канады для развития налогообложения в аграрном секторе Таджикистана.*

***Ключевые слова:*** *налогообложение сельского хозяйства, налоговая политика, прямые и косвенные налоги, льготы, система стимулирования, упрощение учета, снижение налоговой нагрузки, порядок уплаты, источник налога, опыт, использование, эффективность.*

## THE GLOBAL OPTION OF CREATING A RURAL SPACE AND ITS SUPPORT IN TAJIKISTAN

**RAJABZODA SHERALI SHODIMUROD,**
PhD, Academic Administration
under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir str. 33
E-mail: rajabzoda.sherali@mail.ru

*The article analyzes the global practice of agricultural taxation, and it is emphasized that the tax policy in agriculture of developed countries, as in all national economies, uses all the possibilities of direct and indirect taxes. Various taxes make it possible to regulate various aspects of agricultural production and village life. At the same time, the agricultural tax system has many advantages. Basically, the incentive system stems from the desire to simplify accounting and reduce the tax burden for small agricultural producers; large producers and especially corporate agricultural enterprises, as a rule, to the regular taxation procedure. The evolution of tax policy in the agricultural sectors of developed countries also shows the growing convergence of norms, payment procedures and tax sources in the agricultural sector with other sectors of the economy. It is recommended to use the experience of Germany, Italy and Canada for the development of taxation in the agricultural sector of Tajikistan.*

***Keywords:*** *agricultural taxation, tax policy, direct and indirect taxes, benefits, incentive system, simplifying accounting, reducing the tax burden, payment procedure, tax source, experience, use, effective.*

УДК: 330.34

# НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ ҲАМЧУН СОҲАИ ИҚТИСОДИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**АЛИЗОДА ҲУСНИГУЛ СОҲИБ,**
муаллими калони кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.
734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: (+992) 918-15-35-33. E-mail: husnigul.alizoda@bk.ru

*Рушди ҷомеаи инсонӣ бо рушди маориф робитаи ногусастанӣ дорад. Маориф неруи асосии тағйирдиҳандаи тамоми соҳаҳои ҳаёт буда, ба рушди тамоюлоти мусбати онҳо таъсири ҳалкунанда расонида, насли наврасро ба ҳалли масъалаҳои замони муосир омода месозад. Аз тарафи дигар, маҷмӯи масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, экологӣ, демографӣ ва ғайра, ки ҷомеа бо онҳо рӯ ба рӯ мешавад, дар соҳаи маориф инъикос меёбад. Дар маҷмӯъ, маориф ҳамчун василаи бунёдии рушди мамлакат, ноилшавӣ ба сифати нави зиндагӣ хизмат мекунад. Нақш ва аҳамияти соҳаи маориф дар ҳар як марҳилаи таърихӣ истисноӣ буда, ҳар гуна ислоҳот ва дигаргунӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, маҳз аз ҳамин соҳа ибтидо мегирад.*

*Ҳолати кунунии иқтисоди ҷаҳонӣ, динамикаи рушди илмию техникӣ сатҳи муносиби донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳоро дар захираҳои меҳнатӣ талаб мекунанд. Дигаргуниҳои ҷаҳоние, ки дар иқтисодиёт сурат гирифта истодаанд, бояд бо омодагии касбии кадрҳо таъмин ва тақвият дода шаванд, зимнан, аҳамияти афзалиятнокро зудҳаракатии донишҳо, имконияти навсозии доимии онҳо касб мекунанд. Дар шароити дигаргуниҳои амиқи илмӣ, техникӣ, иттилоотӣ ва технологӣ маориф ба омили иҷтимоию иқтисодӣ мубаддал мегардад, ки хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории пешрафти иҷтимоии инсониятро муайян мекунад.*

***Калидвожаҳо:*** *ҷомеа, инсон, маориф, техника, технологияи иттилоотӣ, иқтисодиёт, сифат, мактабҳои олӣ, соҳа.*

Ҳолати кунунии иқтисоди ҷаҳонӣ, динамикаи рушди илмию техникӣ сатҳи муносиби донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳоро дар захираҳои меҳнатӣ талаб мекунанд. Дигаргуниҳои ҷаҳоние, ки дар иқтисодиёт сурат гирифта истодаанд, бояд бо омодагии касбии кадрҳо таъмин ва тақвият дода шаванд, зимнан, аҳамияти афзалиятнокро зудҳаракатии донишҳо, имконияти навсозии доимии онҳо касб мекунанд. Дар шароити дигаргуниҳои амиқи илмӣ, техникӣ, иттилоотӣ ва технологӣ маориф ба омили иҷтимоию иқтисодӣ мубаддал мегардад, ки хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории пешрафти иҷтимоии инсониятро муайян мекунад.

Дар асарҳои олимони амрикоӣ Ҷ. Грейсон ва К.О. Делл вобастагии рушди босуръати иқтисодии ҷомеа аз равандҳои таҳсилотӣ асоснок карда шудааст. Ҳамин тавр, дар монографияи онҳо тасдиқ карда мешавад, ки: «Маориф бо рақобатпазирӣ мустақиман алоқаманд аст. Ҳеҷ як ҷомеа наметавонад, бидуни ашёи хоми баландсифат маҳсулоти баландсифат дошта бошад. Маориф «сармояи инсонӣ»-ро ба вуҷуд меорад, ки дар якҷоягӣ бо "сармояи ҷисмонӣ" афзоиши маҳсулнокӣ ва сифатро таъмин мекунад. Ин ҳамеша дуруст буд, аммо барои иқтисодиёти ҷаҳони аз ҷиҳати техникӣ мураккаб дучанд дуруст аст" [1, с. 55-71]. Маҳз дар робита бо тақвият ёфтани вазифаи маориф мафҳуми "сармояи инсонӣ" серистеъмол гардид; интишори васеъро консепсияи муосири донишҳои иқтисодӣ касб намуд, ки дар самаранокии баланди ашхосӣ ва ҷамъиятии сармоягузориҳо ба сармояи инсонӣ асос ёфтааст.

Самти илми неоклассикии иқтисодии марбут бо шарҳи илмии ин масъалаи мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ *назарияи сармояи инсонӣ* мебошад. Асосгузорони он иқтисодчиёни муосири амрикоӣ, барандагони ҷоизаи Нобел дар соҳаи иқтисод Г. Беккер ва Т.Шултс мебошанд [2, с. 130]. Онҳо пешниҳод мекунанд, ки категорияи «сармояи инсонӣ» ба маънои танг ва васеъ баррасӣ карда шавад.

Ба маънои танг "яке аз шаклҳои сармоя маориф мебошад. Онро инсонӣ барои он меноманд, ки ин шакл ба қисми инсон мубаддал мегардад, ва сармоя барои он номида мешавад, ки он манбаи қаноатмандиҳои оянда ё даромадҳои оянда, ё ҳардуи онҳо дар якҷоягӣ мебошад". Ба маънои васеъ "сармояи инсонӣ аз ҳисоби сармоягузориҳо ба инсон бо роҳи хароҷот барои таҳсилот ва омодасозии қувваи корӣ ба истеҳсол, хароҷот барои ҳифзи саломатӣ, муҳоҷират ва ҷустуҷӯи иттилоот оид ба нархҳо ва даромадҳо ташаккул меёбад" [3, с. 45].

Воқеан, муносибати иқтисодӣ ба инсон, ки дар доираи консепсияи сармояи инсонӣ инкишоф дода мешавад, дар амалияи хоҷагидории бозории кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон истифода мегардад. Аксари иқтисодчиён имрӯз сармоягузориҳоро ба соҳаи маориф ҳамчун намуди муҳими маблағгузориҳо ва яке аз манбаъҳои асосии зиёд кардани боигарии миллӣ баррасӣ менамоянд[3, с. 39-51]. Нақши афзояндаи маориф дар рушди иқтисодӣ бо тағйироти ҷиддӣ дар ҳамкории ду омили истеҳсолот: *субъективӣ* ва *объективӣ* алоқаманд аст. Табдили омили инсонӣ ба нерӯи пешбар ва муайянкунандаи истеҳсолкунанда нисбат ба омили моддӣ аз миёнаҳои асри XX инчунин ба он сабаб сурат гирифта истодааст, ки "фосилаи замонӣ", яъне фосила дар миқдори солҳои барои иваз кардани технологияҳо ва тайёр кардани кадрҳо барои онҳо зарур ба тарафи баръакс тағйир ёфтааст.

Ба туфайли рушди ин раванд афзоиши мунтазами сатҳи таҳсилотӣ ва фарҳангии кормандон ба шарти зарурии мутобиқгардонии онҳо ба шароити ба таври динамикӣ тағйирёбандаи меҳнат табдил меёбад. Навсозии мунтазами технологияҳо ва техника на танҳо дониш ва малакаҳои илми мувофиқ, балки инчунин омодагии психологӣ барои қабули қарорҳо, амалҳо дар шароити ғайристандартӣ, муносибати эҷодкорона, ва фаъолона ба кор ва қобилияти ба ӯҳда гирифтани масъулиятро барои қарорҳои қабулшаванда талаб мекунад.

Дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ бо сатҳи баланди даромад боздеҳи иҷтимоии таҳсилоти миёна тақрибан 10%, олӣ – 8% - ро ташкил медиҳад. Арзишҳои дахлдор барои кишварҳои тараққиёбанда дар сатҳи 25% ва 15% лаппиш меҳӯрад. Ҷолиб он аст, ки як қатор сохторҳои ҳукуматии кишварҳои Ғарб ҳангоми арзёбии лоиҳаҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф нархҳои равшан ё ҳисобии меъёри боздеҳи аз 8% пастро истифода мебаранд[4, с. 83-92].

Дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ дигаргуниҳои сохтории сифатан нав сурат гирифтанд, ки ногузир дар стратегияи низоми миллии маориф инъикос ёфтаанд. Ҳамзамон, бо таҳаввулоти иқтисодиёти кишвар принсипҳои асосии ислоҳоти маориф ба сатҳи демократикунонӣ, бисёрвариантӣ ва бисёрукладӣ, кушодагӣ ба инноватсияҳо, гуманизатсияи мазмуни он, бефосилагии таълим, хусусияти таҳсилоти онро рушддиҳанда ва ғайра муайян карда шудаанд. Инчунин хислати муносибатҳои мутақобилаи соҳаи маориф ва давлат, ки бо таъсири муносибатҳои бозорӣ дар ин соҳа алоқаманд аст, тағйир ёфт. Тағйироти идомаёбандаи сохторӣ дар низоми маорифи ватанӣ аз равандҳои воқеӣ ва объективие, ки дар ҷомеа

сурат мегиранд, сарчашма мегиранд. Дар кишвар тамоюли гирифтани сатҳи баланди таҳсилот ба мушоҳида мерасад. Ин натиҷаи пайдошавии ҳавасмандии нав дар рафтори аҳолӣ мебошад, ки бо арзёбии таҳлилии даромад аз чунин навъ сармоягузориҳо ба соҳаи маориф маҳсуб меёбад. Ҳамин тариқ, сабаби афзоиши сармоягузориҳо ба соҳаи маориф ва баландшавии нуфузи таҳсилот дар ҷумҳурӣ дар айни замон аз он иборат аст, ки одамон имкониятҳои нави гирифтани манфиатҳои иловагиро аз таҳсилот дар ҷанбаи ҳам моддӣ, ҳам маънавӣ дарк кардаанд. Афзоиши ҳаҷми талабот ё дархости аҳолӣ ба таҳсилот ва хизматрасониҳои таҳсилотӣ, албатта, бо беҳтарсозии сатҳи зиндагӣ, афзоиши даромади аҳолӣ алоқаманд аст. Дар навбати худ, зиёдшавии ҳаҷми талаботи аҳолӣ ба хизматрасониҳои босифати таҳсилот рушди дигаргуниҳои бозаргониро дар соҳаи маориф, тиҷоратишавии фаъолияти муассисаҳои субъектҳои ин соҳа муайян карда, ҳамзамон таъминоти молиявии онҳоро беҳтар сохт. Рушди муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи маориф, ҷалби хизматрасониҳои таҳсилотӣ ба доираи манфиатҳои иқтисодӣ истеҳсолкунандагони онҳоро ба татбиқи технолгияҳои нави иттилоотӣ, ки ҳамзамон бозори хизматрасониҳои таҳсилотии онҳоро васеъ мекунад, ҳавасманд месозад[5, с. 43]. Ҳамин тариқ, маориф ба яке аз соҳаҳои асосии иқтисодиёт ва соҳаи хизматрасонӣ табдил меёбад.

***Ҷадвали 1.1.1.***

*Соҳаи маориф дар низоми иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

| Солҳо | Даромади пулии аҳолӣ, млн. сомонӣ | Хизматрасониҳои пулакии таҳсилотӣ, млн. сомонӣ | Ҳаҷми хизматрасониҳои пулакии таҳсилотӣ нисбати даромади пулии [illegible] (%) | Ҳаҷми хизматрасониҳои соҳаи маориф дар истеҳсоли ММД, млн. сомонӣ | Ҳиссаи хизматрасониҳои соҳаи маориф дар истеҳсоли ММД, бо фоиз (%) |
|---|---|---|---|---|---|
| 2014 | 24196,5 | 903,4 | 3,7 | 1878,4 | 4,1 |
| 2015 | 25569,8 | 990,2 | 3,87 | 2522,7 | 4,9 |
| 2016 | 31373 | 1173,8 | 3,7 | 2871,3 | 5,2 |
| 2017 | 37247,5 | 1354,8 | 3,6 | 3022,7 | 4,7 |
| 2018 | 41083,9 | 1576,5 | 3,8 | 3256,3 | 4,6 |
| 2019 | 47986,3 | 1761,1 | 3,67 | 3752,6 | 4,7 |
| 2020 | 65347 | 1841,1 | 2,82 | 5095,7 | 6,2 |
| Афзоиш нисбати соли 2014 бо фоиз | 270 | 203,79 | -0,88 | 271,28 | 2,1 |

***Манбаъ:*** *Тоҷикистон: 25 соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ, соли 2016, саҳ. 12, 224, 444; Омории солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2020, саҳ.13, 335, 643.*

Тавре ки маълумоти ҷадвали 1.1.1. маълум аст, бо афзоиши ҳаҷми даромадҳои пулии аҳолӣ ҳаҷми хизматрасониҳои пулакии таҳсилотӣ низ зиёд шудааст. Дар давраи соли 2014 то соли 2020 ҳаҷми даромадҳои пулии аҳолӣ аз 24196,5 млн. сомонӣ то 65347 млн. сомонӣ, ё зиёда аз 2,7 маротиба зиёд шудааст. Мутаносибан, ҳаҷми хизматрасониҳои пулакии таҳсилотӣ аз 903,4 млн. сомонӣ то 1841,1млн. сомонӣ, яъне зиёда аз 2 маротиба зиёд шудааст. Ҳамин тариқ, афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳои таҳсилотӣ аз суръати афзоиши даромадҳои пулии аҳолӣ пеш рафта истода, вазни холиси он дар ҳаҷми даромадҳои пулӣ ба ҳисоби миёна 3,7% - ро ташкил медиҳад.

Чӣ тавре, ки дар боло ишора намудем, дар замони муосир иқтисодиёти соҳаи маориф, бахусус соҳаҳои таҳсилоти касбӣ ба яке аз соҳаҳои муҳими иқтисодиёти миллӣ табдил ёфтааст ва саҳми он дар истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакат сол аз сол афзуда истодааст.

Аз рӯи маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2014 - 2020 ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамалакат аз 45606,6 то 82543,1 млн. сомонӣ афзудааст, яъне беш аз 1,8 маротиба зиёд шудааст ва ё суръати афзоиши он ба ҳисоби миёна дар 7 соли охир зиёда аз 7%-ро ташкил дод [6, с. 15]. Ҳамин тавр, дар давраи таҳлил шаванда, ҳаҷми хизматрасониҳои соҳаи маориф дар истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) аз 1878,4 то 5095,7 млн. сомонӣ ва ё 2,7 маротиба зиёд шудааст. Вазни холиси он дар ММM-и ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна 4,7%-ро ташкил медиҳад. Ҳамин тариқ, дар ҷумҳурӣ бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ ташаккул ёфта истодааст, ки ба тамоюлоти ҷаҳонӣ мувофиқат мекунад. Аз нуқтаи назари сохтори иқтисодиёт соҳаи маориф ба бахши истеҳсолоти ғайримоддӣ мансуб аст, ки ҳиссаи он дар кишварҳои пешрафта аз 50% баланд буда, ин соҳа аз ҷиҳати шуғли аҳолӣ сершумортарин соҳа маҳсуб меёбад [7, с. 31-45].

Хусусиятҳои хоси хизматрасониҳои таҳсилотӣ ҳамчун хизматрасониҳои иҷтимоӣ аз он иборатанд, ки муносибатҳои бозаргонӣ дар ин соҳа дорои хосияти маҳдуд мебошад. Ҳар гуна субъекти соҳаи маорифро дар шароити иқтисоди бозорӣ ҳамчун як навъ корхона тасаввур кардан мумкин аст, ки натиҷаи он истеҳсоли хизматрасониҳои таҳсилотӣ ҳамчун неъматҳои беназири иҷтимоию иқтисодӣ мебошад. Донишҳое, ки дар ин раванд аз ҷониби хонанда ба даст оварда мешавад, бояд ҳамчун василаи истеҳсолот, олоти меҳнат баррасӣ шавад, ки дорандаи он минбаъд фоидаҳои иқтисодӣ ба даст оварда, дар айни ҳол, барои худ сатҳи сазовори зиндагиро таъмин менамояд. Тавре аксари олимон-иқтисодчиён қайд мекунанд, “бо ҳиссаи фаҳмои баҳспазирӣ дар бораи хонанда ҳамчун дар бораи маҳсуле, ки дар марҳилаи истеҳсол қарор дорад, ва дар бораи хатмкунанда – ҳамчун дар бораи маҳсули ниҳоӣ ҳарф задан мумкин аст”. Раванди таҳсилотӣ-истеҳсолотӣ ба монанди соҳаҳои дигари истеҳсолоти воқеӣ истифодаи қувваи корӣ, воситаҳои техникӣ, мавод, нерӯ, хизматрасониҳои гуногунро пешбинӣ менамояд. Ҳамаи ин хароҷот ва кӯшишҳои марбут бо эҷоди маҳсулоти таҳсилотӣ дорои арзиш мебошанд. Дар робита ба он, ки маҳсули таҳсилотӣ дорои қобилияти қонеъгардонии талабот на танҳо инсони алоҳида, балки инчунин аъзои дигари ҷомеа мебошад, яъне дорои хусусияти на инфиродӣ, балки ҷамъиятӣ мебошад, аксар вақт дар бораи арзиши талаботӣ ҳарф мезананд. Умуман, хизматрасонии таҳсилотӣ дар шароити иқтисоди бозаргонӣ ҳамчун моли махсус бароммад карда, мушаххасоташ аз он иборат аст, ки дар раванди истеъмоли он ҳамчун неъмати иқтисодӣ фоидаро на танҳо истеъмолкунандаи бевосита (баланд шудани сифат ва сатҳи сармояи инсонӣ), балки инчунин иқтисодиёт ва ҷомеа дар маҷмӯъ ба

даст меоранд. Бинобар ин, бозор дар соҳаи маориф дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад.

Намояндагони "назарияи интихоби ҷамъиятӣ" (public choice) Ҷ. Бюкен ва Г. Туллока қайд мекунанд, ки дар бозори давлатӣ, ба монанди бозори хусусӣ-капиталистӣ, ҳамкории талабот ва пешниҳодоти фардҳо сурат мегирад. Вале он дар шакли махсус сурат мегирад. Ин хусусияти хос аз он иборат аст, ки ҳамкории талабот ва пешниҳод дар чаҳорчӯби низоми сиёсӣ ба амал меояд. Сиёсат бошад, ба ақидаи онҳо, раванди мураккаби мубодила, вале ба бозаргонӣ мушобеҳ мебошад [8, с. 111]. Талаботро ба ин неъматҳо аҳолӣ тавассути намояндагони расмии худ дар мақомоти қонунбарори ҳокимият, бо пардохти он тавассути андозҳо пешниҳод менамояд, ин молҳоро бошад, мақомоти давлатӣ бо дарназардошти имкониятҳои молиявии давлат пешниҳод менамоянд. Маҳз ҳукумат ҳаҷми молҳои пешниҳодшаванда, намудҳо ва сифатҳои онҳо, инчунин андозсупорандагони мушаххасро, ки барои истеъмоли онҳо пул ворид месозанд, муайян мекунад. Иқтисодчиёни алоҳидаи Ғарб хизматрасониҳои таҳсилотиро ба категорияи "неъматҳои нимаҷамъиятӣ", яъне неъматҳое, ки дорои хосиятҳои омехта мебошанд, мансуб медонанд. Масалан, Ҷ. Стиглитс таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаро ба неъматҳои ҷамъиятӣ, бахши таҳсилоти олӣ, пасазолӣ, касбиро ба неъматҳои нимаҷамъияттӣ нисбат медиҳад [9, с. 140]. Воқеан, дар низоми маорифи миллӣ фаъолияти якчанд зинаҳои таҳсилот, ба монанди томактабӣ, умумӣ, иловагӣ, ибтидоӣ, миёна, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ ҷойгоҳи махсуси худро дар ташаккули шахсият ва сармояи инсонӣ дорад. Зинаи появӣ (асосӣ) – и таҳсилот, пеш аз ҳама, ба рушди умумии шахсият, ташаккули насли нави одамон барои дохил шудан ба соҳаи меҳнати аз ҷиҳати ҷамъиятӣ фоиданок нигаронида шудааст. Мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳсилоти появӣ ҳатмӣ мебошад. Ин барои он зарур аст, то ки ҳуқуқи ҳар як узви ҷомеа ба таҳсилоти асосӣ кафолат дода шавад. Аз ин рӯ, давлат кӯшиш мекунад, то ки онро барои ҳамаи аъзои ҷомеа ҳамчун неъмати ҷамъиятӣ дастрас намояд. Дар аксари кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Тоҷикистон, дар соҳаи маориф бахши давлатӣ мавқеъҳои афзаляитнокро ишғол менамояд. Давлатҳо бо такя ба захираҳои иқтисодии худ кӯшиш мекунанд, ки барномаҳои аз ҷиҳати ҷамъиятӣ муҳими рушдро дар соҳаи маориф таҳия ва татбиқ намуда, ҳамзамон манфиатҳои миллатро дар соҳаи мазкури хизматрасониҳои иҷтимоӣ воқеан таҷассум намоянд.

***Ҷадвали 1.1.2.***

*Динамика ва сохтори буҷети соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн. сомонӣ)*

| **Нишондиҳандаҳо** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2021 дар % нисбат ба 2016** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳароҷот, ҳамагӣ | 3146,2 | 3581,2 | 3863,0 | 4404,9 | 5004,7 | 5597,1 | 177,9 |
| Дар %; ба ММД | 5,5 | 6,1 | 6,3 | 6,3 | 5,7 | 6,0 | 0,5 бф |
| Дар % ба буҷети давлатӣ | 16,9 | 18 | 18,4 | 18,4 | 19,0 | 19,9 | 3 бф |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Аз он ҷумла: | | | | | | | |
| Таҳсилоти томактабӣ | 129,7 | 201,8 | 241,2 | 267,2 | 299,2 | 396,3 | 305,5 |
| Таҳсилоти миёнаи умумӣ | 1951,9 | 2101,3 | 2338 | 2596,2 | 2838,6 | 3103,5 | 158,9 |
| Таҳсилоти ибтидоии касбӣ | 58,6 | 59,6 | 63,1 | 68,5 | 75,5 | 81,5 | 139,1 |
| Таҳсилоти миёнаи касбӣ | 100,2 | 140,2 | 146,8 | 176,9 | 222,4 | 260,9 | 260,3 |
| Таҳсилоти олӣ | 556,2 | 632,8 | 606,1 | 716,5 | 781,5 | 975,6 | 175,4 |

**Манбаъ:** *Маълумотномаи омори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2021. С. 221.*

Тавре маълумоти ҷадвали 1.1.2 гувоҳӣ медиҳанд, дар шаш соли охир, яъне давраи аз соли 2016 то соли 2021 маблағгузорӣ ба соҳаи маорифи ҷумҳурӣ зиёд шудааст. Дар давраи мавриди таҳлил ҳаҷми маблағгузории давлатӣ аз 3146,2 то 5597,1 млн. сомонӣ ва ё 77,9% зиёд шудааст. Афзоиши баландтарини маблағгузорӣ ба таҳсилоти появӣ, яъне ба таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таҳсилоти миёнаи касбӣ ба мушоҳида мерасад: он мутаносибан зиёда аз 3 ва 2,6 мартиба афзоиш ёфтааст. Дар давраи баррасишаванда ҳаҷми маблағгузории давлатӣ, инчунин ба бахши таҳсилоти томактабӣ, таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва ба соҳаи таҳсилоти олӣ зиёд шуд. Ҳамин тариқ, бо таҳким ёфтани иқтисоди кишвар ва мутаносибан зиёдшавии ҳаҷми буҷети давлатӣ тамоюлоти афзоиши устувори маблағгузорӣ ба соҳаи маорифи ҷумҳурӣ ба мушоҳида мерасад. Бояд қайд кард, ки дар шароити иқтисоди бозаргонӣ давлат на танҳо дастгирии молиявии субъектҳои соҳаи маорифро амалӣ месозад, балки инчунин нақши маркази ҳамоҳангсоз ва танзимкунандаи фаъолияти низоми маориф ва робитаи онро бо соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама, ба бозори дохилӣ ва берунаи меҳнат мебозад.

Бо ташаккул ва рушди муносибатҳои бозаргонӣ дар ҷумҳурӣ сатҳи нигоҳдории инҳисори давлат дар бозори хизматрасониҳои таҳсилотӣ, ки дорои самтнокии иҷтимоӣ мебошад, фаъолнок мешавад. Айни замон дар баробари бахши анъанавии давлатӣ инчунин бахши бозаргонии таҳсилотӣ рушд ёфта истодааст. Ба ташаккули ин бахш Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” ибтидо гузошт. Дар моддаи 43 – юми ин Қонун таъкид шудааст, ки “ба муассисаҳои таҳсилот мустақилияти молиявӣ ва хоҷагӣ дар ҳудуди воситаҳои ҷудошуда ва воридшуда аз манбаъҳои дигар пешниҳод карда мешавад. Муассисаи таҳсилот ҳуқуқ дорад, ки тибқи тартиб аз ҷониби қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шуда, воситаҳои иловагии молиявӣ, аз ҷумла асъориро аз ҳисоби пешниҳоди хизматрасониҳои пулакии иловагӣ ва фаъолияти дигар, ки аз ҷониби оинномаи он пешбинӣ шудааст, инчунин аз ҳисоби эҳсонкорӣ ва ҳақпулиҳои шахсони физикӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла хориҷӣ ҷалб намояд [10, с. 81].

**Адабиёт**

1. Винслав Ю. Профессиональное образование и экономика: микроуровень интеграционных процессов (фактология, теория, предложения) // Российский экономический журнал. - 2005. - N 7-8. - С. 55-71.;
2. Беккер Г. Человеческий капитал: теоретический и эмпирический анализ, - 1964 г.; 130. Schultz T. Investment in Human Capital. // "Economic Growth - an American Problem", Englewood Cliffs, 1964.;
3. Дятлов С.А. Теория человеческого капитала. СПб.: СПбУЭФ, 1995,45с.;
4. Мирсаидов А.Б. Институциональние аспекты инновацинного развития учреждений социального сектора экономики//Экономика Таджикистан, 2017. №2с 39-51.;
5. Джуринский А.Н. Интернационализация высшего образования в современном мире // Педагогика. - 2004. -№3. -с.83-92.;
6. Мирсаидов А.Б. Особенности формирование цена спроса на рынке высшего профессионального образования// Альманах, научный журнал РФ, 2014, № 2. С. 43.;
7. Омории солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2021, саҳ.15.;
8. Хаширов О.А. Предпринимательство в сфере услуг. – СПб., 1993. С. 31-45.;
9. Якобсон Л.И. Экономика общественного сектора. – М., 1996. С. 111.;
10. Гаврилов А.Ю., Гладилина И.П. Теоретико-методологические подходы к развитию творчества студентов – будущих работников образовательного сервиса. Монография. М., 2011. 140 с.;
11. Закон Республикеи Таджикистан «Об образовании»//Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2009 год, №3, ст.81; № 5, ст. 336; №7-8, ст. 500).

# СИСТЕМА ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ КАК ОТРАСЛЬ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**АЛИЗОДА ХУСНИГУЛ САХИБ,**
старший преподаватель кафедры экономики и управления
Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни.
734000, г. Душанбе, проспект Рӯдаки, 121.
Тел.: (+992) 918-15-35-33. E-mail: husnigul.alizoda@bk.ru

*Развитие человеческого общества неразрывно связано с развитием образования. Образование является главной силой изменений во всех сферах жизни, оно оказывает решающее влияние на развитие их положительных тенденций и подготавливает подрастающее поколение к решению задач современности. С другой стороны, комплекс социально-экономических, политических, экологических, демографических и др. проблем, с которыми сталкивается общество, находит свое отражение в сфере образования. В целом образование служит основополагающим инструментом развития страны, достижения нового качества жизни. Роль и значение сферы образования исключительны на каждом историческом этапе, и любые реформы и изменения в общественной и экономической жизни начинаются именно с этой сферы.*

*Современное состояние мировой экономики, динамика научно-технического развития требуют адекватного уровня знаний, навыков и умений в трудовых ресурсах. Глобальные изменения, происходящие в экономике, должны поддерживаться и укрепляться профессиональной подготовкой кадров, поэтому первостепенное значение имеет быстрое движение знаний и возможность их постоянного обновления. В условиях глубоких научно-технических, информационных и технологических изменений образование становится социально-экономическим фактором, определяющим качественные и количественные характеристики социального прогресса человечества.*

***Ключевые слова:*** *общество, человек, образование, технологии, информационные технологии, экономика, качество, вузы, промышленность*.

# THE SYSTEM OF VOCATIONAL EDUCATION AS A BRANCH OF THE NATIONAL ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**ALIZODA HUSNIGUL SOHIB,**
senior lecturer of the Department of Economics and Management of the
Tajik State Pedagogical University named after S. Aini.
734000, Dushanbe, 121, Rudaki aven.
Phone: (+992) 918-15-35-33. E-mail: husnigul.alizoda@bk.ru

*The development of human society is inextricably linked with the development of education. Education is the main force for change in all spheres of life, it has a decisive influence on the development of their positive tendencies and prepares the younger generation for solving the problems of our time. On the other hand, the complex of socio-economic, political, environmental, demographic and other problems faced by society is reflected in the field of education. In general, education serves as a fundamental tool for the development of the country, achieving a new quality of life. The role and importance of the education sector is exceptional at every historical stage, and any reforms and changes in social and economic life begin precisely from this area.*

*The current state of the world economy, the dynamics of scientific and technological development require an adequate level of knowledge, skills and abilities in the labor force. The global changes taking place in the economy must be supported and strengthened by professional training, so the rapid movement of knowledge and the possibility of its constant updating are of paramount importance. In the context of deep scientific, technical, informational and technological changes, education becomes a socio-economic factor that determines the qualitative and quantitative characteristics of the social progress of mankind.*

***Keywords:*** *society, person, education, technology, information technology, economics, quality, universities, industry.*

УДК: 631.1

# ТАМОЮЛИ МУОСИРИ РУШДИ КОРХОНАҲОИ КИШОВАРЗӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

**СУФИЕВ АЛИШЕР ҶАЪМАЕВИЧ**,
унвонҷӯи Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ.
734049 Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯч. Ҳаёти Нав, 306.
Тел.: (+992) 988-88-77-08. E-mail: sufiev.8989@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур таҳлили вазъи кунунии рушди корхонаҳои аграрии минтақа, самаранокии истифодаи фонди замини кишвар, фикру ақидаҳои мутахассисони соҳа дар бораи нақш ва мавқеи захираҳои замин ҳамчун унсури муҳими сарвати миллӣ, истифодаи оқилонаи замин, нигаҳдорӣ ва баланд бардоштани ҳосилхезии хок, барқарор намудани заминҳои вайроншуда, азхудкунии заминҳои нави кишоварзӣ, ҷалб намудани манбаъҳои маблаггузорӣ, инчунин мунтазам баланд бардоштани сатҳи дониши мутахассисони заминсозӣ ва заминистифодабарандагон мавриди омӯзиш ва таҳлили муаллиф қарор гирифтааст.*

*Муаллиф қайд менамояд, ки иқтисодиёти бозаргонӣ ва рақобат ҳосилнокии баланд, хароҷоти кам ва оқилона истифода бурдани фондҳои асосӣ, аз ҷумла заминро талаб мекунад. Танзими чунин низоми иқтисодӣ бозорро маҷбур мекунад, ки талаботи иҷтимоиро ба назар гирад ва истеҳсолкунандагони маҳсулот барои кам кардани хароҷот захираҳо ҷустуҷӯ кунанд, то ки маҳсулоти кишоварзӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ фурӯхта шавад.*

***Калидвожаҳо:*** *самаранокӣ, фонди замин, рушд, истеҳсолоти кишоварзӣ, захираҳои замин, маблаггузорӣ, механизм, корхонаҳои коркард, муносибатҳои иқтисодӣ, заминҳои обёришаванда, ҳосилнокӣ, бӯҳрони молиявӣ, воситаҳои моддию техникӣ, хизматрасонӣ.*

Таҳлили вазъи кунунии бахши аграрии иқтисодиёт нишон медиҳад, ки дар даҳсолаи охир (солҳои 2010-2020) тамоюлҳои бӯҳронӣ дар соҳаи кишоварзӣ ҳамчунон бо коҳиши шадиди истеҳсолот, кам кардани маблағгузории давлатӣ, тезу тунд шудани бӯҳрони молиявӣ аз ҳисоби истеҳсолоти зараровар, афзудани муфлисшавии хоҷагиҳо, набудани маблағ барои нигоҳ доштан ва васеъ кардани истеҳсолот омада расидааст.

Дар ин замина сабабҳои асосии буҳрони кишоварзиро ба омилҳои зерин рабт додан мумкин:

- сиёсати аз ҷиҳати иқтисодӣ беасос будани нархҳо, сиёсати молиявию қарзӣ ва андоз;
- мубодилаи нобаробарии маҳсулот дар байни соҳаҳои саноат, ки истеҳсолоти кишоварзиро бо воситаҳои моддию техникӣ таъмин мекунанд;
- номувофиқ татбиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;
- монополияи корхонаҳои коркард, маҳсулоттайёркунӣ ва хизматрасонӣ.

Ҳамаи ин сабабҳо бештар ба танзими нокифояи давлатии иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ, аз даст додани назорат аз болои равандҳои дар соҳаи кишоварзӣ ба амаломада, дастгирии нокифояи истеҳсолкунандагони ватании деҳот вобастаанд.

Марҳилаи кунунии рушди муносибатҳои иқтисодӣ зарурати баланд бардоштани самаранокии истифодаи фонди замини кишвар, аз нав дида баромадани фикру ақидаҳои мутахассисони соҳа дар бораи нақш ва мавқеъи захираҳои замин ҳамчун унсури муҳими сарвати миллӣ, объекти идоракунӣ ва объекти муносибатҳои иқтисодӣ дар ҷомеаро талаб менамояд [1, с.12].

Дар вилояти Хатлон майдони кишт, махсусан заминҳои обӣ хеле маҳдуд аст. Қариб 93% ҳудуди онро кӯҳҳо ишғол намуда, танҳо 3,2% заминҳои обии кишоварзӣ мебошанд, ки зиёда аз 80,9 % онро чарогоҳҳои мавсимӣ ташкил медиҳанд. Мувофиқи

маълумоти тавозуни замин то 1 январи соли 2021 330,2 ҳазор гектар заминҳои интенсивӣ истифодашаванда (заминҳои корам + ниҳолҳои бисёрсола) мебошанд. [2, с.565]. Майдони умумии заминҳои обӣ 234,3 ҳазор гектарро ташкил медиҳад, ки аз он то 40 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишоварзии ҷумҳурӣ ба даст оварда мешавад. Афзоиши калони демографии вилоят сарфи назар аз азхудкунии интенсивии заминҳои нави обӣ дар давоми 30 соли охир боиси кам шудани таъминоти заминҳои обӣ ба ҳар сари аҳолӣ гардид (ҷадв.1).

***Ҷадвали 1.*** *Дастрасии заминҳои корами обӣ ба ҳар сари аҳолӣ*

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | 2021 сол бо фоиз нисбат ба: | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1991 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 1991 | 2020 |
| Аҳолии вилояти Хатлон, ҳазор нафар | 1879,4 | 3198,5 | 3274,9 | 3348,3 | 3425,0 | 3530,0 | + 87,8 | +2,3 |
| Ҳама замин (га/одам) | 0,17 | 0,13 | 0,126 | 0,12 | 0,117 | 0,115 | - 32,3 | -1,8 |
| Аз ҷумла обёришаванда | 0,12 | 0,09 | 0,087 | 0,08 | 0,075 | 0,07 | -58,3 | -6,4 |

***Сарчашма:*** *Ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, омори солона. Душанбе, 2022 ва Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯаи оморӣ. Душанбе. 2022.*

Ҳамаи ҳисобҳои дурнамои истеҳсолоти кишоварзӣ бояд аз рӯи ҳамин параметрҳо ба амал бароварда шаванд. Аз сабаби камзамин будани минтақа маҷбур шуданд, ки чунин заминҳоро азхуд кунанд, ки дар дигар кишварҳо партовҳо ҳисобида мешаванд: регзору шӯр, зериобӣ, заминҳои даштҳои ҷангал ва минтақаҳои муҳими кӯҳӣ, ки нишебиҳои аз ҳад зиёд барои обёрии рӯизаминӣ боиси эрозияи замин гардид.

Омилҳои асосие, ки ҳосилхезии заминҳои минтақаро маҳдуд мекунанд, инҳоянд: мавҷудияти то 22% хокҳои регдор ва санглох, 16% шурзаминҳо, 8-10-% заминҳои ба эрозияи обу шамол майлдошта ва 10-12 %-и дигар заминҳои обёришаванда, ки дар заминҳои зериобӣ воқеъ гардидаанд. Ҳамин тавр, 55-60% заминҳои обӣ хосиятҳои номусоид доранд, ки ҳосилхезии онҳо ва аз ин рӯ, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро маҳдуд мекунанд. Кам шудани майдони зироатҳои кишоварзӣ дар солҳои охир, бахусус дар заминҳои обёришаванда, аломати нигаронкунанда ва тасдиқи он аст, ки ин омилҳои маҳдудкунанда ба фаъолияти кишоварзӣ бе таъсир буда наметавонанд.

Тавре профессор Муҳаббатов Х.М. қайд мекунад, «агар суръати бадшавии агроэкосистема 10-15 сол давом кунад, пас дар оянда наздик вазъи кишоварзӣ нисбат ба давраи пеш аз ислоҳот метавонад бадтар шавад, сарфи назар аз тағйироти эҳтимолии институтсионалӣ, бартарӣ доштани моликияти хусусии замин, гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ ва ғайра».

Тибқи ҳисобҳои профессор Т.Б. Ганиев, «зарари эрозия дар сурати ба назар гирифтани зарари дигар соҳаҳои хоҷагии халқ (нақлиёт, моҳидорӣ, ҷангалпарварӣ ва ғайра) хеле меафзояд. Агар мо баҳодиҳии иқтисодии заминҳои дар натиҷаи эрозия талафшуда, ҳисоб кардани хароҷоти тоза кардани обҳои ифлос ва ғайраро гузаронем, ин нишондиҳанда хеле калон хоҳад шуд. Нишондиҳандаи зарар дар дигар соҳаҳои хоҷагии халқ дар натиҷаи эрозияи хок 2-3 баробар меафзояд» [3, с.18].

Дар фонди умумии замини Ҷумҳурии Тоҷикистон масоҳати замини хоҷагиҳои кишоварзӣ бо назардошти истифодаи дарозмуддат 7483,3 ҳазор гектар ё 52,5 % масоҳати умумии заминро ташкил медиҳад. Қисми зиёди фонди заминро заминҳои мамнунгоҳи давлатӣ -20,3 %, фонди ҷангал- 6,3 % ва ғайра ишғол мекунанд. Дар 4668,5 ҳазор гектар замин маҳсулоти кишоварзӣ кишт карда мешавад, ки аз он 737,6 ҳазор гектараш обӣ мебошад [4, с.137-141].

Раванди истифодабарии захираҳои замин дар минтақа бо трансформатсия сурат мегирад, ки дар натиҷа, аз як тараф, аз ҳисоби захираҳои давлатии замин ва кам кардани заминҳои камҳосили кишоварзӣ заминҳои нав барои зироаткории обӣ азхуд карда мешаванд (чарогоҳҳо, заминҳои корами лалмӣ, заминҳои бекорхобида).

Дар натиҷа сохтори заминҳои кишоварзии вилоят тағйирот ба таври зайл ба амал меояд (Ҷадв.2).

**Ҷадвали 2.** *Динамикаи сохтори заминҳои кишоварзӣ дар минтақа барои солҳои 2005-2021*

| ***Намудҳо*** | **2005** | **010** | **015** | **2021** | **2005** | **2010** | **2015** | **2021** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ***Ҳамаи заминҳо*** | | | | ***Заминҳои обёришаванда*** | | | |
| Киштзори кишоварзӣ | 100,0 | 00,0 | 00,0 | 00,0 | 100,0 | 00,0 | 100,0 | 100,0 |
| аз он ҷумла: мазраъ | 17,92 | 8,03 | 7,7 | 8,5 | 87,6 | 87,9 | 83,8 | 84,1 |
| Ниҳолҳои бисёрсола | 2,46 | 2,42 | 0,7 | 2,3 | 10,4 | 11,0 | 12,9 | 13,1 |
| Боир | 0,52 | 0,48 | 0,2 | 0,2 | 0,26 | 0,38 | 3,4 | 1,3 |
| Алафзорҳо | 0,44 | 0,47 | 0,1 | 0,5 | 0,16 | 0,14 | 0,2 | 0,1 |
| Чарогоҳҳо | 78,66 | 78,59 | 81,3 | 78,5 | 1,6 | 0,66 | 1,6 | 1,4 |

***Сарчашма:*** Ҳисоби муаллиф дар асоси маводҳои Фонди замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, соли 2022.

Динамикаи сохтори заминҳои кишоварзӣ афзоиши таносуби интенсивӣ (заминҳои корам, ниҳолҳои бисёрсола) ва камшавии истифодаи экстенсивӣ (чарогоҳҳо ва алафзорҳо) - ро инъикос мекунад. Тағйирот дар сохтори заминҳои кишоварзӣ, ки дар солҳои 2005-2021 ба амал омадаанд дар вилоят умуман ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ мувофиқ аст, зеро онҳо дар роҳи беҳтар намудани истифодабарии заминҳои обӣ пеш рафтаанд (Ҷадв. 3).

То 1 январи соли 2022 ҳиссаи заминҳои обӣ дар фонди мелиоративии ҷумҳурӣ 47,3 %-ро ташкил медиҳад. Он аз 29,7 % дар минтақаи Кулоб то 76,8 % дар вилояти Автономи Бадахшони Куҳӣ мебошад.

Консентратсияи бештари онҳо дар минтақаҳои Суғд (262,1 ҳазор гектар) ва Қӯрғонтеппа (241,4 ҳазор гектар) ташаккул ёфтааст, ки мутаносибан 17,7 ва 3,3 % - и ниҳолҳои бисёрсоларо ташкил медиҳанд.

Вазни қиёсии замини пуршиддат истифодашаванда умуман дар ҷӯмҳурӣ 14,1 %-ро ташкил медиҳад, ки ин назар ба сатҳи дараҷаи Осиёи Миёна қариб ду баробар кам аст. Ҳиссаи бештари онҳо дар минтақаҳои Суғд (21,0 %) ва Бохтар (Қӯрғонтеппа) (9,0 %) рост меояд.

Дар ҳамаи заминҳои таркиби киштзор майдони калонтаринро заминҳои табиии хуроки чорво (78 %), заминҳои корам 19,3% ва ниҳолҳои бисёрсола ҳамагӣ 2,2 %-ро ишғол мекунанд.

**Ҷадвали 3.** *Фонди замини корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

| Намудҳои замин | 2015 | | | 2021 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | майдон, ҳаз. га | Ба ҳар сари аҳолӣ, га | Ҳиссаи замин дар истифодаи корхонаҳои кишоварзӣ | майдон, ҳаз. га | Ба ҳар сари аҳолӣ, га | Ҳиссаи замин дар истифодаи корхонаҳои кишоварзӣ |
| Киштзорҳои кишоварзӣ – ҳамагӣ аз он ҷумла заминҳои обёришаванда | 4066,2<br>590,6 | 0,64<br>0,09 | 48,8<br>7,1 | 3766,2<br>593 | 0,53<br>0,07 | 3,4<br>2,2 |
| Мазраъ – ҳамагӣ аз он ҷумла заминҳои обёришаванда | 731,1<br>499,2 | 0,11<br>0,07 | 8,7<br>5,9 | 698<br>497 | 0,1<br>0,07 | 5,0<br>1,6 |
| Ниҳолҳои бисёрсола | 98,6 | 0,01 | 1,2 | 101,1 | 0,01 | 0,7 |
| Чарогоҳҳо ва алафзорҳо | 3215,4 | 0,50 | 38,6 | 2935 | 41 | 34,4 |
| Қитъаҳои назди ҳавлигӣ | 119,3 | 0,028 | 1,4 | 230,9 | 0,03 | - |

***Сарчашма:*** *Ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумоти Фонди замини Ҷумҳурии Тоҷикистон то 01.01.2021. Нашри расмӣ. Душанбе, 2022 с.*

Замини обӣ асосан барои зироаткории интенсивӣ (заминҳои корам ва киштзори ниҳолҳои бисёрсола) истифода мешавад. Вазни қиёсии заминҳои хӯроки чорво дар заминҳои обӣ ҳамагӣ 0,8 %-ро ташкил медиҳад.

Аз ин рӯ, муносибатҳои замин таъсири танзимгарони иқтисодиро талаб мекунанд (Расми 1).

Чуноне ки тадқиқоти мо нишон медиҳад, дар ҷумҳурӣ проблемаи озуқаворӣ ҳоло аз ҳисоби истеҳсоли худӣ ва воридот ҳал карда мешавад, ки он бозори дохилиро бо навъҳои муҳимтарини озуқа доимо таъмин менамояд. Истеҳсоли ватанӣ барои пешгирии норасоии музмини ғизоии ҳамаи гурӯҳҳои иҷтимоӣ кифоя аст.






***Расми 1**. Танзими иқтисодии муносибатҳои замин*

Бо дарназардошти амнияти озуқаворӣ дар маҷмӯъ (новобаста аз навъҳои маҳсулот) бояд қайд кард, ки дар солҳои 2015-2021 ҷумҳурӣ ба дараҷаи минималии таъминоти озуқаворӣ расид. Ҳамзамон, динамикаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар солҳои 2010-2021 ҳануз ноустуворӣ хос аст.

Кишоварзӣ дар байни соҳаҳои истеҳсолоти моддии вилояти Хатлон яке мавқеи пешбарро ишғол мекунад. Дар он тақрибан аз се ду ҳиссаи маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ истеҳсол карда мешавад. Умуман, тибқи нишондиҳандаҳои асосии рушди хоҷагии халқ, вилоят ҳамчун минтақаи аграрӣ тавсиф карда мешавад (ҷадв. 4).

***Ҷадвали 4.** Нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии кишоварзии вилояти Хатлон*

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|
| Маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ бо нархҳои муқоисавӣ, млн. сомонӣ. | 12819,2 | 13338,6 | 14467,9 | 16985,0 | 15434,1 |
| Ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар маҷмуи маҳсулоти умумӣ, % | 23,5 | 23,8 | 24,1 | 24,3 | 24,2 |
| Шумораи кормандоне, ки дар соҳаи кишоварзӣ машғуланд, ҳаз. нафар. | 289,5 | 293,4 | 308,4 | 309,2 | 307,3 |
| Ҳиссаи машғулбудагон дар соҳаи кишоварзӣ, % | 64,7 | 64,3 | 65,2 | 65,3 | 63,8 |

***Сарчашма:** Маълумотҳои Омори солонаи вилояти Хатлон ва Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2022. [5, с.430].*

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвал бармеояд, маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ дар вилоят дар панҷ соли охир 20,4% афзоиш ёфтааст. Ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ ба маҷмуи маҳсулоти умумии вилоят 0,7 банди фоизӣ афзудааст, ки ин нишондиҳандаҳо аз соҳаи асосӣ будани кишоварзӣ дар вилоят гувоҳӣ медиҳанд.

Тавре ки қайд намудем, гуногунҷабҳагии соҳаи кишоварзӣ маънои онро дорад, ки он аз нуқтаи назари нақш ва аҳамияти соҳа дар иқтисодиёти кишвар дорои системаи васеи вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва сиёсӣ мебошад. Илова бар ин, ба даст овардани ҳама гуна натиҷаҳои иҷтимоӣ, экологӣ ва сиёсӣ ба таври ғайримустақим тавассути натиҷаҳои иқтисодӣ ва молиявӣ ба даст оварда мешавад. Имрӯз фаъолияти бомуваффақияти соҳаи кишоварзӣ ва рақобатпазирии он аз бисёр ҷиҳат аз маблағгузории фаъолияти истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ аз ҳисоби манбаъҳои дохилӣ ва хориҷӣ вобаста аст.

Тамоюлҳои тавсифкунандаи вазъи молиявии корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон метавонад мусбат арзёбӣ карда шавад (ҷадв.6).

***Ҷадвали 5.*** *Вазъи молиявии корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон дар солҳои 2017-2021*

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи корхонаҳои кишоварзӣ (воҳидҳо) | 69050 | 70120 | 71251 | 72430 | 73144 |
| Вазни қиёсии корхонаҳои зараровар дар шумораи умумии % | 9,8 | 9,6 | 9,4 | 9,0 | 9,0 |
| Фоида аз фурӯши маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ, млн. сомонӣ | 12819,2 | 13338,6 | 14467,9 | 16985 | 15434,1 |
| Фоида (зарар) то андозбандӣ аз ҳама намудҳои фаъолият (аз ҷумла субсидияҳо), млн. сомонӣ | 3589,3 | 3601,4 | 3761,7 | 4246,3 | 4143,2 |
| Даромади соф (даромади тақсимнашуда (зарар)), млн. сомонӣ | -10,1 | -38,9 | -16,6 | -16,5 | -15,3 |
| Сатҳи даромаднокӣ аз рӯйи ҳамаи фаъолият (даромад то андозбандӣ, аз ҷумла субсидия аз буҷет), % | -0,1 | -0,3 | -0,1 | -0,1 | -0,1 |

***Сарчашма:*** *Маълумотҳои Агентии омори солонаи вилояти Хатлон ва Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2022. [6, с.8-9].*

Агар дар солҳои 2017-2016 аз нисф зиёди хоҷагиҳои минтақа фоидаовар буданд, пас дар соли 2021 зиёда аз 80 % корхонаҳои кишоварзӣ натиҷаи мусбати молиявӣ доштанд. Сатҳи даромаднокӣ аз рӯи тамоми фаъолиятҳо, бо назардошти субсидияҳои буҷет, аз 10 % дар соли 2017 то 18,2% дар соли 2021 афзоиш ёфтааст.

Истеҳсоли ғалла, картошка, сабзавот, зироатҳои полезӣ ва асал барои озуқаворӣ, нишондиҳандаҳои дараҷаи миёнаи солонаи истеҳсоли онҳо барои солҳои 2015—2021 нисбат ба нишондиҳандаҳои дараҷаи охирини панҷсолаи пеш аз ислоҳоти солҳои 1986—1990 1,1, 1,2 ва 2,3 баробар зиёд шуд. Дар истеҳсоли асал муваффақиятҳои

махсус ба даст оварда шудаанд. Аз рӯи ҳамаи дигар намудҳо, паст шудани дараҷаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, хусусан маҳсулоти чорво хеле калон аст. Ҳаҷми ҳозираи пахтаи хоми ҷамъоваришуда дар ҷумҳурӣ ба сатҳи ибтидои солҳои 60-уми асри гузашта мувофиқат мекунад. На танҳо пахта, балки аз рӯи баъзе навъҳои дигари маҳсулоти кишоварзӣ вилояти Хатлон дар сатҳи солҳои 60-70-уми асри гузашта қарор дорад. Масалан, ҳаҷми истеҳсоли сабзавот ба давраи соли 1981, маҳсулоти полезӣ - соли 1976, меваю буттамева ба соли 1965, ангур ба соли 70-ум мувофиқ аст. Маълум аст, ки структураи соҳавии саноати хуроквори асосан дар зери таъсири меъёрҳои илмии озуқаворӣ дар шароити муайяни табиию иқлимӣ ташаккул меёбад. Ғизои оқилона ба доираи васеи маҳсулоти хӯрокворӣ асос ёфтааст. Муқоиса аз рӯи нишондиҳандаҳои танҳо калориянокии ғизо ба ҳисоби миёна ба як нафар чизе намедиҳад. Масалан, барои қонеъ гардондани талаботи организм ба 3300 ккал, дар як шабонарӯз 1,5 кг нони гандуми сафед истеъмол кардан кифоя аст. Аммо барои фаъолияти мӯътадили организм сабзавот, меваҳо, гӯшт, моҳӣ, маҳсулоти ширӣ, шакар, тухм ва дигар маҳсулот заруранд, яъне таносуби таркиби калорияи хӯрокҳо, сафедаҳо, равғанҳо, карбогидратҳо ва миқдори витаминҳо дар онҳоро муайян кардан лозим аст.

Барои одами калонсоли қади миёна бо фаъолияти сабуки ҷисмонӣ ғизои ҳаррӯза бояд сафедаҳо 100 грамм, равған 80 грамм, карбогидратҳо 350-400 грамм бошад. Воқеан, тибқи пурсиши як узви хонавода дар як шабонарӯз дар семоҳаи аввали соли 2021 он барои сафедаҳо 46,8%, равғанҳо 58,2% ва танҳо карбогидратҳо дар доираи муқаррарӣ буд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои тавсиявии физиологии истеъмоли маҳсулоти асосии озӯқавориро ба ҳар сари аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2018 таҳти рақами 451 тасдиқ намуд. Тибқи меъёрҳои истеъмолии пешниҳодшуда, мо ба маҳсулоти инфиродӣ талаботи солонаи 4,2 миллион нафар аҳолии вилоятро барои соли 2020 ҳисоб кардем. Натиҷаҳо бо истеҳсоли воқеии ин маҳсулоти хӯрокворӣ дар соли 2020 муқоиса ва муайян карда шуд, ки он то кадом андоза талаботи аҳолиро ба маҳсулоти асосии озуқаворӣ кишоварзони вилояти Хатлон қонеъ мегардонад. Методикаи мазкур нишон медиҳад, ки талаботи аҳолӣ дар соли 2020 танҳо ба ғалла 60,4 %, картошка 96,0%, сабзавот ва зироатҳои полезӣ 105,1%, ба гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ 82,5%, шир ва маҳсулоти ширӣ 93,9 %, тухм ҳамагӣ 42,9 % таъмин гардидааст.

Бояд тазаккур дод, ки то ҳол стандартҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тасдиқшудаи ғизоӣ вуҷуд надоранд ва аз ин рӯ, муҳаққиқон сатҳи ғизогирии аҳолиро ба тарви гуногун баҳо медиҳанд.

Захираҳои замину оби вилоят дар баробари шароити мусоиди табиию икқлимӣ барои руёндани маҳсулоти кишоварзӣ, таҷриба ва маҳорати чандинасраи меҳнаткашони деҳот, самаранок истифода бурдани комёбиҳои прогресси илму техника дар истеҳсолот мусоидат карда метавонанд ва дарояндаи наздик истеҳсоли пахтаро ҳамчун ашёи хоми саноатӣ ба 300 ҳазор тонна ва аз ин ҳам зиёд, пиллаи кирмакро ба 2,5 ҳазор тонна, пашми табииро ба 2,5 ҳазор тонна, пусти чорворо ба 100 ҳазор дона ва зиёда аз он, чорвои майда то 800 ҳазор - 1,0 млн сар, ғалладона зиёда аз 1,0-1,2 миллион тонна, картошка - 400 ҳазор тонна, сабзавот 1,5-2,0 миллион тонна ва аз ин ҳам зиёд, мева 200-300 ҳазор тонна ва ангур 150-200 ҳазор тонна расонанд.

Афзоиши хаҷми маҳсулоти кишоварзӣ ба мустаҳкам шудани базаи ашёи хоми саноати сабук ва хуроквори, беҳтар намудани таъминоти озуқаворӣ мусоидат мекунад. Ҳаҷми аксари ин маҳсулотҳои дар боло номбаршуда дар вилояти Хатлон ҳанӯз дар солҳои 80-уми асри гузашта, нақша баста шуда буданд, вақте барои корхонаҳои

кишоварзӣ фармоиши қатъии давлатӣ барои истеҳсоли ин ё он маҳсулот муқаррар шуда буд. Дар шароити иқтисоди бозаргонӣ тадбири муайян кардани параметрҳои истеҳсолоти кишоварзӣ бояд вазъияти бозор, яъне мавҷуд будани талабот ва пешниҳод ба маҳсулоти алоҳида дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ бошад.

Кишоварзӣ дар сохтори иқтисодиёти ҷумҳурӣ яке аз ҷойҳои асосиро ишғол мекунад. Аз ин лиҳоз, дигаргунсозии бахши кишоварзӣ ва мушкилоти коҳиши камбизоатӣ дар деҳот, ки 70%-и аҳолии кишвар дар онҷо зиндагӣ мекунанд, дарояндаи наздик яке аз самтҳои афзалиятнок ба шумор меравад.

Дар натиҷаи азнавташкилдиҳии хоҷагиҳо дар вилояти Хатлон 58704 хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ машғуланд.

Дар айни замон ба ихтиёри хоҷагиҳои деҳқонии вилоят 183603 ҳазор гектар майдони кишт вобаста карда шудааст, ки 122656 ҳазор гектараш заминҳои корами обӣ мебошад ва 67%-и тамоми заминҳои корам ба хоҷагиҳои деҳқонӣ рост меояд.

54 %-и маҳсулоти умумии кишоварзӣ, аз ҷумла 85,8 % маҳсулоти чорво, 52 %-и маҳсулоти зироатиро хоҷагиҳои фермерӣ ва хурд истеҳсол мекунанд. Дар солҳои охир дар ҷараёни ислоҳоти замин монеаи ҷиддӣ ба вуҷуд омад, ки аз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, сармоягузорон, бонкҳо, ташкилотҳои байналмилалӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ талаб мекард, ки оид ба ҳалли мушкили қарзи хоҷагиҳои пахтакор тасмим гиранд. Ин мушкилот аз доираи вазъи молиявии мӯътадили кишвар ва таъсири он ба рушд берун рафта, устувории хоҷагиҳои деҳқонӣ хеле бузург аст. [7, с.52]. Дар маҷмуъ, маблағи дар муддати тӯлонӣ бештар аз 500 миллион долларро ташкил медиҳад, ки ба арзиши даромади солонаи фурӯши ҳосили пахта баробар аст.

Дар вилояти Хатлон дар давоми солҳои 1991-2020 шумораи одамоне, ки дар соҳаи кишоварзӣ машғуланд 1,62 маротиба, корфармоёни деҳот 55 маротиба афзудааст, аммо арзиши қувваи корӣ нисбат ба соли 1991 қариб 55 маротиба арзон шудааст. Кишоварзӣ ба соҳаи каммузд ва меҳнатталаб (аз ҷиҳати меҳнати дастӣ) дар иқтисодиёт табдил ёфт.

Набудани маблағ барои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар марҳилаи ҳозира асосҳои илмии кишоварзиро суст мекунад, зеро он имкон намедиҳад, ки барои оянда, махсусан дар соҳаҳои пешрафти илмию техникӣ, ки самаранокии истеҳсолот ва рақобатпазирии маҳсулотро таъмин мекунанд, пурра кор карда шавад.

Таъмини рушди афзалиятноки комплекси агросаноатӣ ҳамчун муҳимтарин кафили амнияти озуқаворӣ ва суботи иҷтимоию иқтисодии ҷомеа андешидани тадбирҳоро дар ду самт дар назар дорад:

- якум, ба зарурати фароҳам овардани шароит барои зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба дараҷаи кифоя барои қонеъ гардондани талаботи аз ҷиҳати илмӣ асоснокшуда вобаста аст;

- дуюм-таъмини талаботи самарабахши аҳолӣ, ки барои хӯроки оқилона кифоя аст. Татбиқи самти якум танҳо дар шароити афзалиятноки рушд додани комплекси агросаноатӣ, дуюм бошад, дар сурати мӯътадил ва афзун гардондани самараи тамоми кишоварзӣ имконпазир аст.

Иқтисодиёти бозаргонӣ ва рақобат ҳосилнокии баланд, хароҷоти кам ва оқилона истифода бурдани фондҳои асосӣ, аз ҷумла заминро талаб мекунад. Эҷоди чунин низоми иқтисодӣ, ки бозорро маҷбур мекунад, ки талаботи иҷтимоиро ба назар гирад ва истеҳсолкунандагони маҳсулот барои кам кардани хароҷот захираҳо ҷустуҷӯ кунанд, то ки маҳсулоти кишоварзӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ фурӯхта шавад. [8, с.115-120].

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон ба хулосае омад, ки аввалан, сатҳи замонавӣ, нисбатан пасти истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ асосан аз ҳисоби ҷамъоварӣ ва дастовардҳои солҳои гузашта таъмин гардида, барои рушди оянда замина фароҳам намеоварад. Баъдан, барои ҳалли проблемаҳои рушди кишоварзии ҷумҳурӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ механизми самарабахше зарур аст, ки ба сиёсати мутаносиби нарх ва молиявию кредитӣ асос ёфтааст, ки он системаи дастгирии давлат мебошад.

**Адабиёт**


1. А. С. Миндрин, О.Б. Леппке, Совершенствование форм и методов регулирования землеӣных отношений в селском хозяйстве: Москва 2013 с.79.
2. Муҳаббатов Х.М. Проблемаҳои истифодаи табиат дар минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистон. Монография. Душанбе «Дониш»-2015, 565 саҳ.
3. Ганиев Т. Б. Аграрная реформа и устойчивое развитие сельского хозяйства Таджикистана, Душанбе-1997, с.18.
4. Пириев Д.С. Методические подходы к оценке природно-ресурсного потенциала сельского хозяйства Таджикистана// Доклады Таджикской академии сельскохозяйственных наук. Душанбе, 2002, №5-6, с.137-141.
5. Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2022. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бохтар. - 2022. 430 саҳ .
6. Маълумотҳои Агентии омори солонаи вилояти Хатлон ва Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2022.Саҳ. 8-9.
7. Одинаев Ш.Т., Файзуллоева К. Н. и др.Устойчивое развитие сельского хозяйства Таджикистана. Душанбе «Ирфон, 2010. 52саҳ.
8. Кудратов Р.Р. Стратегия регулирования эффективного землепользования аридных зон Хатлонской области. Кудратов Р.Р., Б.Зиеев // «Вестник ТНУ» (Вестник Таджикского национального университета, серия социально-экономических и общественных наук), №4, 2018г. С.115-120.
9. Одинаев Ш. Т., Суфиев А Ҷ. Хусусиятҳои хоси танзими давлатии истеҳсолоти кишоварзӣ // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.Душанбе. -2021 №3 (015). С. 178-185.


## СОВРЕМЕННЫЕ ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ В ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ


**СУФИЕВ АЛИШЕР ДЖАМАЕВИЧ,**

соискатель Института экономики и системного исследования развитие сельского хозяйства Академии сельскохозяйственных наук Таджикистана.

734049 Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Хаёти Нав, 306.

Тел.: (+992) 988-88-77-08. E-mail: sufiev.8989@mail.ru



*В данной статье рассматривается анализ текущего состояния развития аграрных предприятий региона, эффективности использования земельного фонда страны, мнения специалистов отрасли о роли и позиционировании земельных ресурсов как важного элемента национального богатства, рационального землепользования, сохранения и повышения плодородия почвы, восстановления нарушенных земель, освоения новых сельскохозяйственных земель, привлечения источников финансирования, а также постоянного повышения уровня знаний специалистов по землеустройству и землепользователей.*

*Автор отмечает, что рыночная и конкурентная экономика требует высокой производительности, низких затрат и рационального использования основных средств, в том числе земли. Регулирование такой экономической системы вынуждает рынок учитывать*

*социальный спрос, а производители продукции ищут ресурсы для снижения затрат, чтобы сельскохозяйственная продукция продавалась на внутреннем и внешнем рынках.*

***Ключевые слова:*** *эффективность, земельный фонд, развитие, сельскохозяйственное производство, земельные ресурсы, финансирования, механизм, перерабатывающие предприятия, экономические отношения, орошаемые земли, производительность, финансовый кризис, материально-технические средства, услуги.*

## MODERN TRENDS IN DEVELOPMENT OF AGRICULTURAL ENTERPRISES IN KHATLON REGION

**SUFIEV ALISHER JAMAEVICH,**
Applicant of the Institute of Economics and System Research
Development of Agriculture of the Academy of Agricultural Sciences of the Tajikistan.
734049 Republic of Tajikistan, Dushanbe, New Life str. 306
Phone: (+992) 988-88-77-08. E-mail: sufiev.8989@mail.ru

*This article discusses the analysis of the current state of development of agricultural enterprises in the region, the effectiveness of the use of the country's land fund, the opinions of industry experts on the role and positioning of land resources as an important element of national wealth, rational land use, conservation and improvement of soil fertility, restoration of disturbed lands, development of new agricultural lands , attracting sources of financing, as well as constantly improving the level of knowledge of land management specialists and land users.*

*The author notes that a market and competitive economy requires high productivity, low costs and rational use of fixed assets, including land. The regulation of such an economic system forces the market to take into account social demand, and producers are looking for resources to reduce costs so that agricultural products are sold in the domestic and foreign markets.*

***Keywords:*** *efficiency, land fund, development, agricultural production, land resources, financing, mechanism, processing enterprises, economic relations, irrigated lands, productivity, financial crisis, material and technical means, services.*

УДК: 621.3.

# АРЗЁБИИ САМАРАНОКИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА МУШКИЛОТИ АСОСИИ ИДОРАКУНИИ ОН ДАР ГИДРОЭНЕРГЕТИКА

**УБАЙДУЛЛОЗОДА ҒОЛИБ ХОНҶОН**
унвонҷӯи Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ.
734049, ш. Душанбе, кӯчаи Ҳаёти нав, 306.
Тел:(+992) 935-77-20-52.

*Дар мақолаи мазкур ташаккулу рушди низоми милли энергетикии мамлакат, ҳадафҳои стратегии давлат ва идоракунии он, ба роҳ мондани сохтмон, барқарорсозӣ, истифодадиҳии иқтидорҳои энергетикӣ, ҳамзамон истифодаи сарчашмаҳои алтернативии манбаъҳои энергетикӣ, ҷалби бахши хусусӣ ба соҳаи энергетика, пешбарии сиёсати самараноки сарфакорӣ дар самти истеҳсолот ва тақсимот, баланд бардоштани менеҷменти идоракунӣ дар соҳаи энергетика, тарбияи кадрҳо ва татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ мавриди омӯзиш ва баррасии муаллиф қарор гирифтааст.*

*Қайд кардан зарур аст, ки барои такмили идораи фаъолияти сармоягузорӣ муаяйн намудани самти афзалиятноки сармоягузорӣ дар гидроэнергетика, пеш аз ҳама арзёбии самарнокии онҳо ба назаргирии хусусиятҳои хоси ташкилӣ – истеҳсолии соҳа, нақши муҳим дорад.*

*Бинобар он дар раванди таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҳамчун инструменти ташкилии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар гидроэнергетика тасниф намудани хавфу хатар ва таҳдидҳои амнияти низоми гидроэнергетики аҳамияти амалии муҳимро доро мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *ташаккул, рушд, низом, ҳадафҳои стратегӣ, идоракунӣ, сохтмон, барқарорсозӣ, иқтидорҳои энергетикӣ, сарчашмаҳои алтернативии энергетикӣ, гидроэнергетика, самаранок, истеҳсолот, идоракунӣ, сармоягузорӣ.*

Ноил гаштан ба истиқлолияти энергетикии, ташаккулу рушди низоми милли энергетикии мамлакат, ки ҳамзамон вазифаи инфрасохтори бузурги иқтисодиву иҷтимоиро ба иҷро мерасонад, аз оғози давраи соҳибистиқлолӣ ҷойгоҳи марказиро дар ҳадафҳои стратегии давлат ва идоракунии он қарор гирифтааст. Ин соҳа дар бахши давлатӣ ҷойгоҳи устувор пайдо намудааст, ки мунтазам дар меҳвари танзиму идора қарор мегирад.

Чи тавре, аз манбаҳои оморӣ маълум мебошад, иқтидори гидроэнергетикии кишварамон, ки зиёда аз 527 млрд.кВт. соатро дар як сол ташкил медиҳад, ҳамагӣ то 8 фоизи он истифода мешаваду халос. Қобили зикр аст, захираҳои мавҷудаи гидроэнергетикӣ яке аз манбаъҳои асосии рушди мамлакат ва аз ҷиҳати экологӣ тозаю фоидаовар ба шумор меравад. Айни замон, пайваста бо бо афзоиши шумораи корхонаҳои саноатӣ ва аҳолӣ талабот ба нерӯи барқи зиёд шуда истодааст, ки он бояд ба рушди ин соҳа ангезиш бахшад.

Дар даврони соҳибистиқлолии кишвар Ҳукумати ҷумҳурӣ сохта ба истифода додани як қатор иншоотҳои афзалиятноки энергетикиро ба роҳ монда, сохтмон, барқарорсозӣ ва ба истифодадиҳии иқтидорҳои дигари энергетикӣ тадриҷан амалӣ шуда истодаанд, ки баҳри бартараф намудани камчинии барқ дар фасли зимистон мусоидат менамоянд. Аз ҷумла, идомаи сохтмони НБО-и Роғун ва бакорандозии навбати аввал ва дуюми Маркази барқу гармидиҳии Душанбе-2 бо иқтидори 400 МВт ба итмом расидааст.

Бояд тазаккур дод, ки амалӣ намудани лоиҳаи бузурги содироти нерӯи барқ ба воситаи хатти баландшиддати интиқоли барқи CASA-1000 тавассути Ҷумҳурии Тоҷикистон - Ҷумҳурии Қирғизистон – Ҷумҳурии Исломии Афғонистон то ҳудуди

Ҷумҳурии Исломии Покистон ва минбаъд ба дигар давлатҳои эҳтиёҷдошта сурат гирифта истодааст, ки маблағгузории он бо ҷалби сармоягузориҳои мустақими дохилию хориҷӣ амалӣ шуда истодааст.

Дар солҳои наздик вазифаи асосии идоракунии рушди гидроэнергетика ва фаъолияти сармоягузорӣ дар он ҳадафи таъмини дастрасии мунтазами ҳамаи истеъмолкунандагон новобаста аз мавқеи ҷойгиршавии онҳо бо нерӯи барқ буда, ин вазифа бо роҳи идораи раванди истифодаи оқилонаи захираҳои гидроэнергетикӣ, бо риояи талаботи сифат ва ҳамзамон истифодаи сарчашмаҳои алтернативии манбаъҳои энергетикӣ, ҷалби бахши хусусӣ ба соҳаи энергетика, пешбарии сиёсати самараноки сарфакорӣ дар самти истеҳсолот ва тақсимот, баланд бардоштани менеҷменти идоракунӣ дар соҳаи энергетика, тарбияи кадрҳо ва татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ амалӣ карда мешавад.

Дар радифи ин вазифаҳои идоракунӣ масъалаи истифодаи самараноки сармоя дар соҳаи гидроэнергетикӣ муҳимияти аввалия пайдо мекунад. Чуноне, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 пешбинӣ шудааст, “дар давраҳои минбаъда ҳадафҳои стратегӣ дар самти энергетика сифатҳои нав касб карда, асоси онҳоро гузаштан аз таъмини истиқлолияти энергетикӣ ба истифодаи самарабахши нерӯи барқ”[1] ташкил медиҳад. Азбаски ин соҳа ба бахши давлатӣ дохил мешавад, ин ҷо на танҳо сармоягузориҳои хориҷӣ, балки ҳаҷми калони онро сармоягузории давлатӣ ташкил медиҳад. Бинобар он “масъалаҳои тақвияти рушди институтсионалӣ дар самти таъмини самаранок, шаффоф ва назорати идоракунӣ ва молиявии зиддикоррупсионӣ дар асоси ҷорӣ намудани технологяи муосири иттилоотӣ дар ҳамаи сатҳҳои идоракунии давлатӣ”[2] дар мадди аввал мебарояд.

Барои такмили идораи фаъолияти сармоягузорӣ муаяйн намудани самти афзалиятноки сармоягузорӣ дар гидроэнергетика, пеш аз ҳама арзёбии самарнокии онҳо ба назаргирии хусусиятҳои хоси ташкилӣ – истеҳсолии соҳа, нақши муҳим дорад. Дар ин ҷода истифодаи консепсияи SWOT- таҳлил ҳамчун инструменти муҳим барои таҳияву татбиқи лоиҳаҳои сармоягузориҳо маҳсуб мешавад. Дар сохтори SWOT - таҳлил, ки дар расми 1 нишон дода шудааст, афзалиятҳо, тарафҳои манфию мусбӣ, таҳдиду имкониятҳо барало инъикос меёбанд. Ҳамзамон, ба самту самаранокии таҳияву татбиқи лоиҳаҳои самоягузорӣ омилҳои дохиливу беруна таъсир мерасонад, ки дар раванди гузаронидани SWOT-таҳлил муайян мешавад.

[1] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, с.2.
[2] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 с.6.




***Расми 1.*** *Сохтори таҳлили SWOT*

Дар мавриди сармоягузорӣ, таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ пеш аз ҳама зарур аст, ки таҳдидҳо, ки хафву хатаро боис мегардад, пешбинӣ гардад. Бинобар он дар раванди таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҳамчун инструменти ташкилии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар гидроэнергетикӣ тасниф намудани хавфу хатар ва таҳдидҳои амнияти низоми гидроэнергетики аҳамияти амалии муҳимро доро мебошад. Хавфҳо ва таҳдидҳои амниятӣ дар низоми гидроэнергетика дорои хусусияти гуногун мебошад, ки устувории фаъолияти объектҳои амалкунанда, занҷираи истеҳсол, интиқолу ва истеъмоли нерӯи барқро коҳиш медиҳад. Барои таъминоти итилоотии идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ, таҳияву татбиқи лоиҳаҳои самрмоягузорӣ гурӯҳбандии хавфу хатарҳо ва таҳдидҳои амнияти энергетикии, ки дар расми 2 оварда шудааст, нақши калидӣ дорад.

**ХАВФУ ХАТАР ВА ТАҲДИДҲОИ АМНИЯТӢ ДАР ГИДРОЭНЕРГЕТИКА**

**1. ИҚТИСОДӢ:** тавворуми асъори миллӣ ва болоравии нархҳо, касри сармоягузорӣ, ки барои рушди объектҳои гидроэнергетики зарур мебошанд; ноустувории молиявии субъектҳои низоми гидроэнергетикӣ, таъмин намудан бо воситаҳои гардон, қарздори истеъмолгарон ва ғ.

**2. ИҶТИМОӢ-СИЁСӢ:** ҳодисоти манфии иҷтимоию сиёсӣ; рафтори оппортунистии контрагентҳо ва манфиатҳои ғаразноки шахсон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ҳизбҳои сиёсӣ. сатҳи пасти кадрҳо, падидаҳои фасодӣ ва ғ. криминализатсияи тиҷорат дар низоми энергетикӣ фардва шахсии соҳибони нави бахши энергетикӣ, ки онҳо бар муқобили ҳадафҳои умумӣ равиш доранд; ракобати носолим.

**3. СИЁСАТИ ИҚТИСОДИ БЕРУНА:** сатҳи баланди вобастагӣ аз воридоти захираҳо - сӯзишворӣ, таҷҳизот, деталҳо барои низоми гидроэнергетикӣ, бухронҳои иқтисодӣ-молиявии ҷаҳонӣ, муносибати дискриминатсионӣ ва шартҳо аз тарафи бархе кишварҳои хориҷӣ ва институтҳои молиявӣ ғ.

**4.ТЕХНОГЕНӢ:** эҳтимолияти зуҳури садамаҳо, аз кор мондани кори таҷҳизотҳо бо сабаби сатҳи пасти техникии онҳо, корҳои сохтмонӣ-насбкунӣ, таъмирӣ, фарсудашавии фондҳои асосӣ, ҷойгиркунии нодурусти объектҳо, риоя накардани қоидаҳои амнияти техникӣ ва ғ.

**5. ТАБИӢ:** заминларза, обхезӣ, шамоли сахт, ҳолатҳои яхбандӣ, ки онҳо ба зарарёбии ррасид таҷҳизот оварда мерасонанд, хушкии тулонӣ, камобӣ дар дарёҳо, ки ба мувозинати истеҳсоли нерӯи барқ ва обтаъминкунии НБО таъсир мерасонанд.

**6. НОМУКАММАЛИИ ИДОРАКУНӢ:** номукаммалии дараҷаи сохтори ташкилии идоракунӣ ва норасоии мутахассисон, ҳамоҳангии сусти унсурҳои низоми гидроэнергетикӣ ва алоқамндии онҳо бо соҳаҳои дигари иқтисодиёт, номукаммалии санадҳои ҳуқуқии соҳа, механизми танзим ва назорати давлатии соҳа ва ғ.

***Расми 2.*** *Гурӯҳбандии хавфу хатар ва таҳдидҳои амниятӣ дар гидроэнергетика*

Амалан дар соҳаи гидроэнергетика дар мавриди қабули қарорҳои идоракунӣ ва таҳияи лоиҳаҳои сармоягузрӣ, метавон хавфу хатарҳои зеринро интизор буд:

- зиёд шудани ҳаҷми сармоягузорӣ аз меёри пешбинишуда дар марҳилаи татбиқи амалии лоиҳаҳо, бо сабабе, ки омилҳои хавф дақиқ муаяйн нашуда бошад;

- тӯлони гаштани татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ нисбат ба мӯҳлати пешбинишуда дар доираи лоиҳаи таҳияшуда;

- садамаҳои техникӣ ва инфрасохторие, ки пайваста бо зиёд истеҳсол шудан ва талабот ба нерӯи барқ ба вуҷуд меоянд;

- хавфҳо бозорӣ дар мввриди фурӯши нерӯи барқ зуҳур мешаванд.

Дар адабиёти иқтисодӣ масъалаи арзёбии самаранокии иқтисодии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҳарҷанд хеле зиёданд. Ба андешаи як қатор муаллифон барои баҳодиҳии самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ бештар ба масъалаи самаранокии лоиҳаҳои буҷавӣ таваҷӯҳ медиҳанд ва дар ин мавриди индикаторҳои истифодаи самараноки буҷаи давлатӣ истифода мебаранд. Дар адабиёти муосири иқтисоди

арзёбии самаранкии лоиҳаҳои самоягузорӣ дар энергетика бо истифода аз нишондиҳандаҳои самаранокии сармоягузорҳое, ки дар бахши хусусӣ истифода мешавад, рӯ меоранд. Бинобар он мо, ба мақсад мувоффиқ медонем, ки низоми нишондиҳандаҳои самаранокии ҳам маблағи буҷетӣ ва маблағи бахши хусусиро истифода шаванд.

Бо назардошти он ки ба сифати меъёри муваффақиятнокии ҳар гуна субъекти соҳаи гидроэнергетика худкифоятии молиявии он мебошад, ин меъёр низ муфид аст. Барои арзёбиии маҷмӯӣ дар миёни ҳамаи нишондиҳандаҳои молиявии бахши гидроэнергетика дар адабиёти илмӣ ба ҳар ҳол нишондиҳандаи судоварӣ ё фоиданокӣ бартарият дорад. Ин бо он марбут аст, ки худи воқеияти зиёноварӣ ё, баръакс, ғайризиёноварии фаъолият дорои аҳамияти асосӣ барои сармоягузории давлатӣ мебошад.

Аммо, дар айни замон дар иқтисодиёти мамлакат нишондиҳандаҳои судоварӣ ё зиёноварии бахши сармоягузории давлатӣ ба соҳаҳои гидроэнергетики на дар банақшагирӣ ва на лоиҳакашии фаъолият чандон истифода бурда намешаванд.

Бинобар ин, тарзи методии арзёбии самаранокии иҷтимоӣ-иқтисодии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи гидроэнергетика пешниҳод менамоем, ки он бояд ба принсипҳои зерин асос ёбад:

- таъмини пурраи ба ҳисобгирии самаранокие, ки дар соҳа ҳангоми амалигардонии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба амал омада, ҳам хусусияти мусбӣ ва ҳам манфӣ дорад;
- гузаронидани арзёбии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар алоқамандӣ бо хусусиятҳои ҳудудӣ ва татбиқи он ва таъсири мутақобили он бо дигар лоиҳаҳои сармоягузории дар мамлакат амалишаванда;
- ба ҳисобгирии на танҳо самараи мустақим, балки ғайримустақими татбиқи лоиҳа.

Ҳама натиҷаҳои аз татбиқи лоиҳа бадастомадаро ба бевосита ва бавосита ҷудо кардан мумкин аст. Самараи мустақим чунин самараест, ки бевосита ба туфайли амалишавии лоиҳа, бе назардошти алоқаҳои байни соҳавӣ, ба даст меояд. Ба самараҳои бевоситаи иҷтимоӣ-иқтисодии лоиҳаи амалишаванда инҳоро нисбат додан мумкин аст:

- ҳаҷми мол, меҳнат ва хизматрасонии дар доираи лоиҳаи ппешнгиҳодгардида истеҳсол ва иҷрокардашуда;
- арзиши изофае, ки аз моҳияти лоиҳа бармеояд;
- шумораи ҷойҳои корие, ки дар доираи амалишавии лоиҳа ба вуҷуд меояд;
- музди миёнаи меҳнати кормандоне, ки ба амалишавии лоиҳа машғуланд;
- ҳаҷми андозҳои ба буҷети давлат аз амалишавии лоиҳа воридшуда;
- андозаи сарфаи захираҳо дар натиҷаи амалигардонии лоиҳа бавуҷудомада;
- инфрасохтори иҷтимоӣ ва нақлиётие, ки дар доираи лоиҳа ба вуҷуд омадааст;
- зарари бевоситаи экологӣ, ки ба амалишавии лоиҳа алоқаманд аст (вайроншавии замин, харобшавии пойгоҳи захиравӣ, сӯзишвориҳо ҳамчун моддаҳои ифлоскунанда ва ғайра).

Барои арзёбии самараи иқтисодии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ дар иқтисодиёт, таҳлили лоиҳаҳои сармоягузориро мегузаронем. Иншоотҳои гидроэлектроэнергетиии мамлакат асосан дар вилояти Хатлон ҷойгир шудаанд. Тавре таҳлилҳо нишон медиҳанд, дар солҳои 2016-2020 аз 24 лоиҳаи сармоягузорӣ дар вилоят аз 252 ҳазор сомонӣ шуруъ гардида то 17,5 млн. сомонӣ баробар мебошад.

Чи тавре, ки маълум аст, дисконт кардани гардиши даромади пулӣ имкон

Дар ин радиф, тасодуф нест, ки сиёсатро «санъати имконпазир» низ номидаанд. Имконпазирии сиёсат фақат ҳамон вақт даст медиҳад, ки мушкилтарин ва печидатарин мушкилоти ҳаёти ҷомеа бидуни зӯроварию хушунат ҳал гашта, ҷомеа аз он ба хотири пешрафти минбаъда бахраи зарурӣ мебардорад. Воқеияти матлаби мазкурро дар таҷрибаи давлатдории Пешвои миллат бо таваҷҷуҳ ба санъати идоракунии давлатии ин шахсияти бузурги таърихӣ метавон собит намуд.

Аз мавқеи назарияҳои илмӣ санъати идоракунӣ - маҳорат, малака, истеъдод, қудрату тавоноӣ ва маҷмӯи донишу арзишҳоест, ки тавассути онҳо шахсияти соҳиби қудрати сиёсӣ манфиатҳои умумии ҷамъиятро амалӣ намуда, ҷиҳати шинохт ва эътирофи ҳокимият аз ҷониби омма мусоидат мекунад. Вобаста ба ин, аз таҷрибаи давлатдории Пешвои муаззами миллат дарёфтан мумкин аст, ки сарвари давлат бо эҳсоси нозукии масъала дар мушкилтарин лаҳзаҳо санъати идоракунии хосро амалӣ намудааст.

Бо назардошти он ки дар Тоҷикистон дар солҳои 90-уми асри гузашта ихтилофу бархӯрдҳои сиёсию иҷтимоӣ идома доштанд, ҳалли низоъ ва барқарор намудани сулҳ дар кишвар яке аз масъалаҳои калидӣ ба шумор рафта, он бевосита ба афзун гаштани обрӯ ва нуфузи сарвари сиёсӣ таъсир мерасонид. Ҳамчун «санъати идоракунӣ» тавсиф гаштани ин шакли фаъолият маънои онро дорад, ки давлатдорӣ ва раванди татбиқи ҳокимияти сиёсӣ на ҳамеша истифодаи нерӯи «шамшер» -ро меписандад. Вобаста ба ин, Пешвои миллат дақиқан эҳсос мекард, ки истифодаи шаклҳои гуногуни зӯроварӣ ва таъқиб бар зидди рақибони сиёсӣ метавонад танҳо зиддиятҳоро амиқтар кунад ва раванди барқарорсозии сулҳро ба таъхир андозад.

Аз ин рӯ, Эмомалӣ Раҳмон ба сифати сарвари давлат нахустин қадамҳои худро бо хоҳиши оғози гуфтушунид бо ҳама гурӯҳҳои мусаллаҳ ба пеш гузошт. Дар ин масир зарур буд, ки низоми арзишҳои давлатдорӣ ва идоракунӣ ташаккул ёфта, ба сифати роҳнамо барои тамоми ҷомеа баромад намоянд.

Бояд қайд намуд, ки интихоби муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси сарвари давлат дар замони шиддати зиддиятҳо дар ҷомеа худ санҷиши ҷасорат, шуҷоат, масъулият ва нотарсӣ буд. Ҷанги шаҳрвандӣ, вазъи бениҳоят мураккаби иқтисодӣ,

таҳдиди гуруснагӣ ва бемориҳои сироятии гуногун дар шароити касодии буҷаи давлат аз роҳбар талошҳои азими рӯҳӣ ва ҷисмонӣ, ҷомеаи Тоҷикистон бошад пешниҳоди барномаи мушаххаси амалро интизор буд. Ин барнома мебоист масъалаҳои мубрами хотима додани ҷанг ва барқарор кардани сулҳро дар бар мегирифт. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун роҳбаре, ки бори гарони масъулият барои тақдири халқ ва давлат бар дӯши ӯ афтодааст, зарурати хотима додани ҷангро ба хубӣ дарк мекард. Роҳбари давлат мавқеи худро нисбати рушди минбаъдаи давлат ҳамчун як давлати дунявӣ, демократӣ ва ҳуқуқбунёд комилан возеҳ муайян мекунад ва ба ҳама баҳсҳо оид ба шакли давлатдорӣ хотима мегузорад.

Дар хотир бояд дошт, ки сатҳи рушди сиёсии ҳар як ҷомеаро, пеш аз ҳама, сатҳи устувории суботи он муайян мекунад. Бо назардошти он чи зикр карда шуд, таъмини субот кафолати рушди тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеа мебошад. Дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ санъати хоси идоракунии низоъ зарур буд, то ҷонибҳои даргирро ба созиш ва ҳамдигарфаҳмӣ моил намояд. Аз ин рӯ, интихоби роҳи осоиштаи ҳалли зиддиятҳо аз дурандешии сарвари сиёсӣ ва омодагии ӯ ба ризоияту созиш шаҳодат медиҳад. Дар асоси таҷрибаи низои таҳмилии байни тоҷикон, метавон аҳамияти хоссаи ризоият ва майл доштани сарварони сиёсиро ба созиш арзёбӣ кард. Хоҳиш ва майли сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба созиш дар роҳи ҳифзи якпорчагии Тоҷикистон нишонаи мавҷудияти иродаи сиёсӣ баҳри ҳалли мусолиҳатомези низои мураккаби шаҳрвандӣ буд.

Таҳлили раванди сулҳи тоҷикон нишон медиҳад, ки лаҳзаҳои ҳассосу таҳдидкунанда ба муваффақияти ин раванд кам набуданд. Масалан, шоҳидони ҳол нақл мекунанд, ки дар рӯзи имзо шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ аз ҷониби мухолифин рӯйхате пешниҳод карда мешавад, ки тибқи он бояд ҷонибдорони мухолифин авф карда шаванд. Ин талабот тамоми раванди музокиротро таҳти хатар мемононад. Дар чунин як лаҳзаи ҳассос ҳамчун сарвари сиёсии дорои хиради воло қобилияти муайян намудани манфиатҳо ва афзалиятҳо, иродаи сиёсии қавӣ ва дурбинии сиёсӣ нишон дода, ин талаботи мувофиқанашудаи мухолифинро мепазирад. Ҳарчанд бархе аз онҳое, ки ба ин рӯйхат шомил гашта буданд, ба муборизони ғоявии мухолифин робитае надошта, ҷинояткорони ашаддӣ буданд. [7, с. 123] Дар чунин лаҳзаи ҳассос сарвари давлат бо назардошти манфиатҳои мардум ва ҷомеаи Тоҷикистон ба ин ҳуҷҷат имзо мегузорад ва онҳоро авф мекунад. Ин бори дигар аз он далолат мекунад, ки хирад ва маърифати волои сиёсӣ, муҳаббату садоқат ба мардум ва сарзамини худ, азхудгузариҳо ва қотеият дар иҷрои мақсадҳои гузошташуда сифатҳое мебошанд, ки муваффақияти кори сарвари сиёсиро таъмин намуданд.

Ба таъбири Пешвои миллат «Имрӯз таҷрибаи сулҳу сулҳофарии тоҷикон дар бобати ҳалли мусолиҳатомези низоъ ва фурӯ нишондани оташи ҷанги шаҳрвандӣ ҳам аз лиҳози назариявӣ ва ҳам аз нигоҳи амалӣ чун як падидаи нодири илми сиёсатшиносии ҷаҳонӣ эътироф шудааст. Тавре ки маълум аст, мусолиҳаи миллии мо – тоҷикон рӯйдоди нодири ҳалли усулӣ ва қобили қабули бухрони иҷтимоӣ ва таърихӣ мебошад» [10].

Дар илми менеҷмент дар таърифи сарварии самаранок якчанд принсипҳоро ҷудо мекунанд, ки яке аз онҳо принсипи мақсад мебошад. Мутобиқи ин принсип сарвар бояд мақсади асосиро аз мақсадҳои дуюмдараҷа ҷудо намуда, сараввал барои ба даст овардани мақсади асосӣ кӯшиш намояд. Аз ин нуктаи назар, яке аз муваффақиятҳои Пешвои миллат дар раванди идоракунии давлат маҳз дар риояи ҳамин принсип аст. Вобаста ба ин қайд намудан лозим аст, ки дар баробари фурӯ нишонидани оташи ҷанги

шаҳрвандӣ, баргардонидани гурезагон яке аз мақсадҳои асосӣ дар оғози фаъолияти кории сарвари давлат маҳсуб меёфт. Мушкилоти гурезагон барои ҷомеаи Тоҷикистон дар солҳои 1992-1993 масъалаи дорои аҳамияти махсусан муҳимми давлатӣ ва амниятӣ ба шумор мерафт. Зеро бозгашти гурезагон ба ҷойҳои истиқомати доимии онҳо ба ҳалли мушкилоти иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳо мусоидат намуда, бо ин роҳ имкон фароҳам меомад, ки аз фалокати мудҳиши гуманитарӣ пешгирӣ карда шавад. Бо ин мақсад, фаъолияти густурдаи иттилоотӣ ва тарғиботӣ роҳандозӣ карда шуд. Муроҷиати шахсии сарвари давлат эътимоди мардуми берун аз кишварро ба ҳукумати конститутсионӣ қавӣ гардонида, боиси бозгашти онҳо ба Ватан гашт. Ин амал зарбаи сахт ба ҳамаи он қувваҳое буд, ки мехостанд аз гурезагон ҳамчун сипар ва василаи ба даст овардани даромад истифода баранд.

Принсипи мазкур то ба имрӯз дар таҷрибаи идоракунии давлат босамар татбиқ шуда истодааст. Дар дар тӯли 31 соли соҳибистиқлолӣ ҳадафҳои стратегӣ муваффақона муайян ва амалӣ шуда истодаанд. Дар ин самт таҷрибаи мактаби сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аҳамияти хоссаи таърихӣ ва маърифатӣ дошта, онро метавон механизми таҳрикдиҳандаи рушд дар замони соҳибистиқлолӣ ва тақвиятбахшандаи пояҳои истиқлолияти давлатӣ номид.

Дар баробари ин қобилияти барномарезии амиқи фаъолият вобаста ба хусусиятҳои давру замон, муайян намудани самтҳои афзалиятнок дар фаъолияти худ ва ҷомеа, дарки амиқи муҳиммияти масъалаҳо ва такя ба хираду таҷриба аз қабили хусусиятҳои асосие мебошанд, ки муваффақияти ниҳоди сарвариро дар Тоҷикистон таъмин намуд. Дар ин замина ба сарвари сиёсӣ муяссар гашт, то ҷомеаи парешонгаштаи Тоҷикистонро сарҷамъ, мардуми ба хориҷи кишвар фирор кардаю азобу укубати беватанӣ чашидаро ба ватан баргардонида, минтақаю маҳаллаҳои харобу сӯхтаро обод, нури умедро дар дили шикастаи миллионҳо нафар ҳамватанон равшан ва сарзамини аҷдодиро аз порашавӣ эмин нигоҳ дорад. Таърих ба ин амалҳо, албатта, баҳои воқеии худро медиҳад.

Принсипи дигаре, ки муваффақияти идоракунии Пешвои миллатро дар шароити мураккаби таърихӣ таъмин намуд, принсипи интихоб ва ҷобаҷогузории дурусти аъзои тими худ буд. Маълум аст, ки яке аз вазифаҳои муҳимми сарвари сиёсӣ интихоби гурӯҳест, ки ба татбиқи самарабахши ташаббусҳои ӯ мусоидат мекунад. Дар шароитҳои гуногуни иҷтимоӣ, муваффақияти сарвари сиёсӣ ва тими ӯ ба муносибати "сарвар- омма" вобаста аст. Натиҷаи ниҳоии фаъолияти сиёсӣ низ ба он робита дорад, ки роҳбар ва дастаи ӯ то чӣ андоза ба таври дипломатӣ метавонанд бо омма робита барқарор кунанд, эҳтиром, миннатдорӣ ва эътимоди оммаро ба даст оранд [11, с. 31]

Воқеияти замони интихоби муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сарвари давлат чунин буд, ки мардум ба оянда чандон эътимод надоштанд. Аз ин рӯ, бисёр олимон ва ходимони маъруфи ҷамъиятӣ ва онҳое, ки пеш аз ҷанг дар вазифаҳои давлатӣ кор мекарданд, барои пазируфта шудан ба узвияти ҳукумати нав розӣ набуданд.

Роҳбарияти нави олии кишвар устувории хосса нишон дод ва тавонист мавқеи ниҳоди сарвариро мустаҳкам кунад, ҷомеаро муттаҳид созад, ба динамикаи иҷтимоӣ хусусияти устувор диҳад ва ба созгорӣ ва субот дар ҷомеа ноил гардад.

Яке аз омилҳои таъминкунандаи самаранокии идоракунӣ дар таҷрибаи давлатдории Пешвои миллат сифатҳои шахсӣ ва роҳбарияшон мебошад. Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сарвари сиёсӣ тавонист манфиатҳои шахсии пайравонашро ба хотири ҳифзи якпорчагии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба даст овардани сулҳ ба манфиатҳои миллӣ тобеъ кунад.

Амалияи иҷтимоӣ-сиёсӣ бори дигар ба таври эътимодбахш исбот кард, ки ҷомеаи низоӣ қодир аст ҳамаи намудҳои сарвариро озмоиш кунад, заифиҳо ва сустиҳои ин ниҳоди муҳимми иҷтимоию сиёсии ҷомеаро ошкор созад, қобилиятҳои онро сайқал диҳад, устувории сиёсию иҷтимоии онро таъмин намояд. Ҳамаи ин ба мо имкон медиҳад, ки ниҳоди сарвариро ҳамчун падидаи бисёрсатҳа ва дорои субъектҳои зиёд тавсиф намоем, ки дар сохтори сиёсат аҳамияти фавқулода дорад.

Принсипи дигаре, ки дар ташакул ва рушди санъати идоракунии давлатии Пешвои миллат аҳамияти хосса дорад, принсипи таъминоти ҳуқуқии фаъолиятҳо мебошад. Принсипи мазкур имконият медиҳад, ки тамоми шакли фаъолияти давлатӣ ва ҷамъиятии ниҳоди сарварӣ ва ҳокимият тавассути қонунҳо танзим ва ҳифз карда шаванд. Қонуният, волояти қонун ва таъмини риояи он аз ҷониби ҳамагон кафолати устувории тамоми муносибатҳои ҷамъиятӣ маҳсуб меёбад. Аз ин нуктаи назар, новобаста ба шароити вазнину мураккаби сиёсӣ қабул шудани Конститутсияи давлати соҳибистиқлол амали зарурие буд, ки метавонист ба бисёр масъалаҳои мубоҳисавӣ хотима гузорад. Дар бораи аҳамияти қабули Конститутсия Пешвои муаззами миллат қайд намуданд: - “Бузургӣ ва аҳаммияти ин санади муҳимми таърихӣ, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки он бори нахуст аз ҷониби худи халқ ва барои халқ бо роҳи ифодаи озодонаи майлу иродаи шаҳрвандони мамлакат кабул карда шудааст.

Бо қабули Конститутсия халқи Тоҷикистон дар айёми ниҳоят ҳассоси таърихӣ бори дигар исбот кард, ки ҳеҷ гуна душвориву мушкилот, аз ҷумла ҷанги даҳшатбори ба сари давлат ва мардуми Тоҷикистон таҳмилшуда наметавонанд сокинони сулҳдӯсту созандаи кишвари моро аз роҳи ҳақиқату ростӣ, эъмори давлати муосири миллӣ ва фаъолияти бунёдкорона берун созанд” [13].

Қабули Конститутсия дар ҳаёти давлати соҳибистиқлол рӯйдоди муҳимми сиёсӣ маҳсуб ёфта, нишонаи дарёфти механизми миллӣ ва мустақили танзими муносибатҳо дар ҷомеа мебошад. Принсипи мазкур то ба имрӯз афзалияти худро аз даст надода, аз ҷумлаи рукнҳои меҳварии раванди идоракунии давлатӣ маҳсуб мешавад.

Яке аз хислатҳои волои Пешвои миллат ин қобилияти дарки саривақтии зарурат ва эҳтиёҷоти дар ҷомеа пайдошаванда ва дарёфти роҳҳои ҳуқуқии танзими онҳо мебошад. Қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” [1] ва “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”[2], ки дар ташаккули қонунгузории миллӣ заминаи боэътимод ба ҳисоб меравaнд, тасдиқи ин гуфтаҳо мебошанд. Ҳамзамон онро метавон ифодаи санъати идоракуние маънидод намуд, ки афзалияти қонунро эътироф ва тавассути он мушкилиҳои пайдошавандаи иҷтимоиро ҳал мекунад.

Чунин муносибат ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки бениҳоят мураккаб ва доманадор буданд, (хусусан дар масъалаи танзими анъана ва ҷашну маросим) имконият дод, ки дар ҷомеа таҳаввулоти ҷиддии маънавӣ бидуни афзоиши шиддати иҷтимоӣ амалӣ карда шавад. Бархе аз коршиносони масоили иҷтимоӣ ин амалро ҳамчун “инқилоби маънавӣ” арзёбӣ намуданд, ки комилан саҳеҳ аст: “Ин мисли ҳамон таҳаввулоти давраи ренессанс аст, ки дар кишварҳои Аврупо таассуби динию хурофотиро шикаст дод ва пойгоҳи илму маърифатро дар ҷомеа устувор намуд. Натиҷаи ҳамон инқилоби маънавӣ буд, ки Аврупо аз асорати ҷаҳолати асримиёнагӣ раҳо ёфта, имрӯз ба яке аз манотиқи пешрафта ва пуриқтидори дунё табдил ёфтааст. Пас, худ қазовот кунед, ки ин оё “инқилобе” нест дар тафаккур, фарҳанг ва маънавиёти ҷомеаи мо?” [12].

Воқеан ҳам амали мазкур дар шикасти тасаввуротҳои қолабӣ, ки дар мафкура ва зеҳни ҷомеа чуқур реша давонида, боиси ташаккули анъанаҳои хурофотӣ ва таассубӣ

гашта буданд, мусоидати комил намуд. Дар натиҷа низоми арзишии ҷомеа бознигарӣ гардид. Ҷомеа дарк намуд, ки дар ҳифзу нигоҳдошт ва риояи баъзе аз расму ойин ва маросим аз асолати воқеии онҳо дур шуда, ба зиёдаравию исрофи беҳуда роҳ додааст. Дарки ин воқеият тавассути санъати баланди идоракунии Пешвои миллат амалӣ гашт.

Таҷрибаи мазкур нишон медиҳад, ки дурбинии хирамандона, қобилияти дарки воқеият, банақшагирӣ ва пешбинии сиёсии роҳбари давлат муваффақияти идоракунии пайгиронаро таъмин намуда, дуруст муайян намудани афзалиятҳо дар ҳалли мушкилиҳои ҷомеа таъсири калидӣ расонида истодаанд. Дар робита ба ин метавон якчанд стратегияҳои комилан навро, ки дар раванди давлатсозии муосири мо истифода шудаанд, номбар намуд. Инҳо:

- стратегияи баровардани кишвар аз ҷанги шаҳрвандӣ, ки ҷанбаҳои асосии он қаблан зикр гардиданд;

- стратегияи ташаккули ғояи ифтихори миллӣ, тавассути тарғиби андешаи миллӣ, таҳкими ҳамгироии иҷтимоӣ, умумияти ғоявӣ, сарнавишти таърихӣ ва шинохти асли хеш, ки дар ҷодаи таҳкими давлати миллӣ аҳамияти бағоят саривақтӣ дорад;

- ташаккули низоми татбиқи бомароми маҷмӯи ҳадафҳои стратегӣ, ки баҳри рушди устувори иқтисодию иҷтимоии давлат аҳамияти хос доранд – таъмини амнияти озуқаворӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва рушди босуръати саноатӣ;

- стратегияи фаъолият дар самти эмин нигоҳ доштани арзишҳои иҷтимоии умумипазируфта аз омезиш бо меъёрҳои таҳрифшудаи динию мазҳабӣ ва миллии бегона, ки таҳти таъсири беруна ба миллати мо бор шудаанд;

- стратегияи сиёсати муваффақи хориҷӣ дар мисоли «сиёсати дарҳои боз», ки бидуни он устуворӣ ва рушди давлатдории миллӣ номумкин буда, ҳеҷ як давлат наметавонад дар танҳоӣ ва алоҳидагӣ, бидуни робитаҳои неки ҳамҷаворӣ вуҷуд дошта бошад. [9, с. 11-17]

Ҳар яке аз ин амалҳои стратегӣ дар амалия татбиқ гардида, дар тақвияти пояҳои давлатдории миллӣ нақши муҳимму сарвақтии худро гузошта истодаанд.

Ҳамзамон бо гуфтаҳои боло, метавон илова намуд, ки майл ва иродаи қавӣ ба ташкил ва гузаронидани ислоҳот дар низоми давлатдорӣ ва идоракунӣ яке аз фазилатҳои барҷастаи Пешвои миллат мебошад. Ба қавли М.Тэтчер «ягон низоми сиёсӣ ва ҷомеа наметавонанд бе ислоҳот фаъолият намоянд, зеро ислоҳот сарчашмаи азнавсозӣ мебошад» [8, с. 494]. Аз ин нуктаи назар, воқеияти сиёсии замони соҳибистиқлолӣ собит месозад, ки дар ин давра аз ҷониби Пешвои миллат силсилаи ислоҳоти сохторӣ ва ниҳодӣ дар низоми сиёсӣ ва идоракунии давлат сурат гирифтаанд.

Ба таври хулоса, дар заминаи гуфтаҳои боло метавон қайд намуд, ки санъати идоракунии давлат ҳамчун ифодаи маҳорат ва истеъдоди ҳар як сиёсатмадор хусусияти фардӣ дорад. Он аз омилҳои субъективӣ ва объективии зиёде вобаста мебошад. Маҳз аз ҳамин сабаб, сиёсатмадорон вобаста ба хусусияти замон ва макон ба он эҷодкорона муносибат мекунанд.

Дар мисоли таҷрибаи давлатдории Пешвои миллат гуфтаҳои мазкур тасдиқи амалии худро ёфтаанд. Муносибати хосса ба ҳар як раванди сиёсӣ, истифодаи усули махсус дар ҳалли ҳар як мушкилоту муаммоҳои дар ҷомеа пайдошаванда, арзёбии саривақтӣ ва баҳодиҳии воқеӣ ба натиҷаҳои бадастомада, огаҳии комил аз вазъи сиёсию иҷтимоӣ ва даҳҳо дигар хусусиятҳоеро метавон номбар намуд, ки ташаккули санъати идоракунӣ ва мактаби давлатдории Пешвои муаззами миллатро ғанӣ гардониданд. Дар натиҷа ҷомеа ба қудратмандии нерӯи ниҳоди сарварӣ эътимод пайдо

намуд. Ин эътимод асоси эътирофи Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати лидери умумиллӣ гашт.

Дар кишвар гузариш аз низоми идоракунии парламентӣ ба президентӣ ба вуқуъ пайваста, парламентаризми касбӣ ташаккул ва устувор гардид. Ислоҳот дар соҳаи идоракунӣ ва хизмати давлатӣ низ дар асоси стратегияҳои коркардшуда амалӣ гаштанд, ки самаранокии раванди идоракунӣ ва татбиқи вазифаҳои ҳокимиятро баланд бардоштанд.

**Адабиёт**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”// (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. с.2007, №6, мод. 428; с. 2008. №6, мод. 448; с. 2010, №7, мод.568)
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» // (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №7-8, мод. 616; с. 2016, №3, мод.147).
3. Абдураҳмон Ибни Халдун Муқаддимаи Ибни Халдун (Мутарҷим аз арабӣ ба форсӣ Муҳаммад Парвини Гунободӣ). /Абдураҳмон Ибни Халдун. - Ҷилди 1. Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2019. – 688с.
4. Аристотель. Сочинения: В 4 томах. Т. 4. – М.: Мысль, 1983. – С. 38–52.
5. Макорта, Г.А. Политология. / Г. Макорта– М., Изд-во «Проспект», 2005. – 224 с.
6. Мировая политика: Теория, методология, прикладной анализ / Под ред. А. А. Кокошина и А. Д. Богатурова. — М.: КомКнига / URSS, 2005.– 432.- с.7.
7. Сухомлинов А.В., Шалаев Г.А. Дорога к согласию. Эмомали Рахмонов - человек и политик. / А.В. Сухомлинов, Г. А.Шалаев. - Москва: Собеседник, 2002.– 160 с.
8. Тэтчер, М. Искуство управления государством: стратегии для меняющегося мира / Маргарет Тэтчер. - Пер.с англ. – 2-изд. – М.: Альпина Бизнес Букс, 2007. – 504с.
9. Хидирзода, М.У. Истиқлолият ва стратегияҳои муваффақ. / Махфират Хидирзода. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 253 с.
10. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси байналмилалии илмӣ бахшида ба таҷрибаи сулҳофарии тоҷикон, ш. Душанбе, 25 июни соли 2007. Бюллетени Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2007, №1-2.
11. Теоретические аспекты политического лидерства //Политическое лидерство и президентская форма правления. – Алмаата, 2003. - С.31.
12. Фаттоҳзода С.С. Чаро инқилоби маънавию фарҳангӣ? // Минбари халқ, 4 октябри соли 2017, №40 (1124).
13. Паём ба муносибати Рӯзи Конститутсия / [Манбаи электронӣ] //www. president.tj. 05.11.2015. (санаи муроҷиат: 2.05.21).

# ОСОБЕННОСТИ СТАНОВЛЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ИСКУССТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**ОЗОДА РАХМОН ЭМОМАЛИ,**
кандидат юридических наук, Руководитель исполнительного
аппарата Президента Республики Таджикистан
Тел.: +992 (37) 228-91-51.

*В статье анализируются вопросы становления и развития искусства государственного управления в Республике Таджикистан в период государственной независимости.*

*Отмечается, что совершенствование искусства государственного управления в Республике Таджикистан является одним из важных факторов устойчивого развития государства и укрепления государственности. Учитывая это, в статье рассматривается*

*особенности искусства государственного управления в стране, а также отмечается роль государственных служащих в укреплении искусства управления.*

*Автор отметил, что в результате обретения государственной независимости в современном Таджикистане сформировались новые формы государственного управления, а структура большинства органов государственного управления была обновлена по инициативе лидера нации Эмомали Рахмона и адаптирована к мировым стандартам.*

*Автор подчёркивает, что опыт таджиков в мирном разрешении конфликта и подавления пожара гражданской войны, признан редким явлением в мировой политике как в теоретическом, так и в практическом аспекте. После достижения мира и национального согласия в стране, в результате дальнейших конституционных реформ, в системе государственного управления Таджикистана были внесены существенные изменения, а органы управления были адаптированы к требованиям времени и национальной государственности.*

*В статье также упоминается, что высшее руководство Республики Таджикистан за более чем тридцать лет государственной независимости проявило твёрдость, смогло сплотить общество, придать устойчивый характер социальной динамике, добиться согласия и стабильности в обществе и обеспечить динамичное развитие государства.*

***Ключевые слова:*** *становление, развитие, особенности, органы управления, государственное управление, конституционные реформы, президентское правление, представительные и законодательные органы, органы исполнительной власти, местные представительные и исполнительные органы, мир и стабильность, укрепление государственности.*

## FEATURES OF THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF THE ART OF STATE ADMINISTRATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**OZODA RAHMON EMOMALI,**
Candidate of Legal Sciences, Head of Executive
Office of the President of the Republic of Tajikistan.
Phone: +992 (37) 228-91-51.

*The article analyzes the issues of the formation and development of the art of public administration in the Republic of Tajikistan during the period of state independence.*

*It is noted that the improvement of the art of public administration in the Republic of Tajikistan is one of the important factors in the sustainable development of the state and the strengthening of statehood. Considering this, the article discusses the features of the art of public administration in the country, and also notes the role of civil servants in strengthening the art of governance.*

*The author noted that as a result of gaining state independence in modern Tajikistan, new forms of government have been formed, and the structure of most government bodies has been updated on the initiative of the leader of the nation Emomali Rahmon and adapted to world standards.*

*The author emphasizes that the experience of Tajiks in the peaceful resolution of the conflict and the suppression of the fire of the civil war is recognized as a rare phenomenon in world politics, both in theoretical and practical aspects. After the achievement of peace and national accord in the country, as a result of further constitutional reforms, significant changes were made in the public administration system of Tajikistan, and the governing bodies were adapted to the requirements of the time and national statehood.*

*There are also mentions in the article that the top leadership of the Republic of Tajikistan for more than thirty years of state independence has shown firmness, could bring society together, give a stable character to social dynamics, achieve harmony and stability in society and ensure the dynamic development of the state.*

***Keywords:*** *formation, development, features, governing bodies, public administration, constitutional reforms, presidential government, representative and legislative bodies, executive authorities, local representative and executive authorities, peace and stability, strengthening of statehood.*

УДК: 340

# МУҚОВИМАТИ ИТТИЛООТИЮ ТАБЛИҒОТӢ БО ТЕРРОРИЗМУ ЭКСТРЕМИЗМ: ВАЗЪ ВА ДУРНАМО

**ҒАФУРЗОДА АБДУХАЛИЛ ДАВЛАТАЛӢ,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
E-mail: khalil-77@mail.ru
**ҚОДИРЗОДА ДАЛЕР САЙФУЛЛО,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
E-mail: dalerkodirov1990@mail.ru

*Таҳлили вазъи низоми муосири ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки яке аз хусусиятҳои хосси замони имрӯза рушди илму технология ба ҳисоб меравад. Агар имрӯз раванди рушди бомароми илму технология аз як ҷониб боиси баланд гардидани сатҳи некӯаҳволии ҷомеа гардад, аз тарафи дигар аз ҷониби баъзе гурӯҳҳои манфиатҷӯ тавре истифода мешавад, ки раванди рушди ҷомеа ва суботи сиёсиро халалдор месозад.*

*Дар се даҳсолаи ибтидои қарни нав сомонаҳои интернетӣ аксаран аз ҷониби гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ ба таври хеле зиёд истифода мешаванд. Албатта, терроризм ҳамчун падидаи номатлуб дар ҳама давру замон таъсири манфии худро ба ҷомеа мерасонад, вале имрӯз хатари он ҳамчун падидаи зиддиинсонӣ бештар эҳсос мегардад. Терроризм ва экстремизм дар умум падидаи зиддиинсонӣ буда, арзишҳои ҷомеаи башарриро умуман ба назар намегиранд. Он зидди манфиатҳои миллӣ, динӣ, мазҳабӣ, иҷтимоӣ ва минтақавӣ баромад менамояд.*

*Дар мақолаи мазкур таъкид мешавал, ки асри муосир марҳилаи рушди илму технология номида шуда, ҳамон ҷомеа дар ин раванд устувории хешро таъмин карда метавонад, ки бевосита муаллифи дастовардҳои илмӣ ва техникӣ бошад.*

*Муаллифон ба ин назаранд, ки яке аз нишонаҳои асосии рушди технология ташаккули сомонаҳои иҷтимоӣ ва интернетӣ мебошад, ки имрӯз дар раванди ҷаҳонишавӣ мавқеи меҳвариро ишғол менамояд. Баръало ба чашм мерасад, ки шабакаҳои иҷтимоӣ имрӯз ба таври хеле назаррас ба ҷомеа таъсир мерасонанд. Аз як ҷониб онҳо агар вазифаи иттилоотиро иҷро кунанд, аз ҷониби дигар воситаи тарғибу ташвиқи ҳар гуна идеяҳо маҳсуб мeёбанд.*

***Калидвожаҳо****: Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқовимат бо терроризму экстремизм, стратегия, шабакаҳои иҷтимоӣ, иттилоот.*

**Мафҳуми терроризм ва экстремизм**. Таҷрибаи гузашта ва имрӯзи ҳаёти инсоният собит месозад, ки дар раванди муносибатҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ зухуроте мавҷуданд, ки на танҳо ба кишвар ва ё минтақаи алоҳида, балки ба тамоми кишварҳои ҷаҳон, яъне ба тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳдид менамояд. Яке аз чунин хатарҳо ва зуҳуртҳои номатлуб, ки ҳамеша ба ҷомеаи инсонӣ таҳдид мекунад, терроризм ва экстремизм мебошад, ки дар ҳама гӯшаҳои олам нишонаҳои он вуҷуд дорад. Таҳлилу баррасиҳои коршиносони соҳа нишон медиҳад, ки имрӯз ва дар оянда ҳам терроризм ва экстремизм ҳамчун хатарноктарин таҳдид барои ҷомеа боқӣ монда, доираҳои манфиатхоҳ бо истифода аз технологияи муосир, ки дар раванди рушди босуръат қарор дорад, тарзу усулҳои ҷадиди истифодабариро барои амалӣ гардонидани ҳадафҳои номатлуби хеш касб менамоянд.

Аз терроризм ва экстремизм то ба ҳол таърифҳои бисёр зиёд ва мутанаввеъ ироа шудаанд. Ба тавре ки муҳаққиқи барҷаста ва пажӯҳишгари терроризм Алекс Шмид, ки

аз соҳибназарони шинохтаи ин арса аст, зиёда аз 100 таърифи гуногуни аз терроризм ва экстремизмро ҷамъоварӣ ва табақабандӣ кардааст. Бино бар ин, натанҳо ғайримумкин аст, ки дар як мақолаи кӯтоҳ ба тамомии ин таърифҳо ишора кард, ҳамчунин бисёр душвор аст, ки як таърифро ба унвони таърифи стандарт ва воқеии терроризм ва экстремизм интихоб кард. Бино бар ин, дар инҷо саъй шуда, муҳиммтарин ва умумитарини ин таърифҳо арза шавад:

Терроризм иборат аст аз ҳаргуна корбурди ғайриқонунӣ ва созмондиҳишудаи зӯр ё хушунат бар зидди ашхос ва амвол ба қасди тарсондан ё водор кардани шаҳрвандон ё давлатҳо ба анҷоми коре дар ростои як ҳадафи сиёсӣ ё иҷтимоии хос мебошад.

Экстремизм навъе эътиқод ва андеша аз ислом аст, ки бо «дкмократия, ҳокимияти қонун, озодии фардӣ ва эҳтироми мутақобил ва таҳаммули ақоид ва боварҳои мухталиф» мухолифат кунад [5]. Ин тафаккур истилоҳоти дигаре шомили ифротгароии исломӣ, бунёдгароӣ ва исломи радикал низ ном дорад ва набояд бо исломгароӣ, ки исломи сиёсӣ аст, иштибоҳ гирифта шавад. Зеро ҳадафҳои исломи бунёдӣ ё исломи воқеӣ аз ҳадафҳои ифротгароии исломӣ тамоман дар ду ҷабҳаи ба ҳам муқобил қарор доранд. Терроризм ё экстремизм аксар вақт натиҷаи ифротгароии исломӣ фаҳмида мешавад. Бояд қайд намуд, ки терроризм хоси ҳеҷ дину мазҳаб набуда, экстремизм ё ифротгароӣ бошад, дар дилхоҳ мазҳаб вуҷуд дошта метавонад.

Гурӯҳҳои террористӣ барои расидан ба ҳадафҳои худ аз усулҳои гуногун кор мебаранд. Усули иҷрои амалҳои террористӣ бо таваҷҷуҳ ба ихтилофи замон, макон, имконот, раҳбариҳо, ҳадафҳо, созмондиҳӣ ва барномарезӣ мумкин аст бо ҳам тафовут дошта бошанд. Аз назари андешамандони машғули масоили терроризм одамрабоӣ ва бомабгузорӣ (инфиҷор) аз намудҳои аслӣ ва маъмулии фаъолиятҳои террористӣ аст, ки дар ҳама ё бештари фаъолиятҳои террористӣ дида мешавад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр менамоянд, ки «Созмонҳои террористӣ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ ва бо роҳи тафсири ғаразноки сарчашмаҳои динӣ дар мафкураи ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳ ғояҳои тундгароиро ҷой карда, онҳоро ба қатлу куштор, барҳам задани амният ва суботу оромӣ дар мамлакатҳои гуногун ташвиқ менамоянд»[4].

Дар тафсири Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақсади терроризм чунин шарҳи худро ёфтааст: «Мақсади ибтидоии терроризм халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ, тарсонидани одамон, ба воҳима ва таҳлука овардани аҳолӣ буда, тавассути он фишор овардан ба мақомоти давлатӣ мебошад. Чунин ҳаракатҳо мақсади ниҳоии ҷинояткорон дар маҷбур сохтани мақомоти давлатӣ барои қабули қарори ғайриҳуқуқӣ мебошад, ки ба манфиати онҳост ва ё бо мақсади резонидани обрӯ ва манзалати мақомоти давлатӣ равона гардидааст».

**Хатари терроризм.** Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори кишварҳои дигари минтақа таҳдидҳои афзояндаи экстремизм ва терроризмро ба амнияти миллӣ ва рушди босуботи худ эҳсос менамояд. Дар робита ба ин Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои ниҳодӣ, фарогир ва маҷмӯии пешгирӣ, ошкор, рафъ ва қатъ намудани зуҳуроти экстремизм ва терроризмро қабул ва амалӣ менамояд[3].

Қайд кардан ба маврид аст, ки айни ҳол дар кишвар ду қонуни алоҳида – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» аз 23 декабри соли 2021, № 1808 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» аз 2 январи соли 2020, № 1655 амал менамоянд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат ба экстремизм асосҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии муқовимат ба экстремизмро бо

мақсади ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, асосҳои сохтори конститутсионӣ, таъмини соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» бошад, принсипҳои асосии муқовимат ба терроризм, асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии пешгирии терроризм ва мубориза бо он, роҳу усулҳои бартараф намудани оқибатҳои амали террористиро бо мақсади таъмини бехатарии шахс, ҷамъият ва давлат, ҳифзи соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» мафҳуми экстремизмиро чунин муқаррар шудааст: «Экстремизм – ифодаи мафкура ва фаъолияти экстремистие, ки барои бо роҳи зӯроварӣ ва амалҳои дигари зиддиқонунӣ ҳал намудани масъалаҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва динӣ (мазҳабӣ) равона карда шудааст» [2].

Ҳамзамон, дар қонуни мазкур мафҳуми фаъолияти экстремистӣ ба таври зайл оварда шудааст: «Фаъолияти экстремистӣ - фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё динӣ, воситаҳои ахбори омма ё ташкилотҳои дигар, аз ҷумла созмонҳои байналмилалӣ ва шахсони воқеӣ оид ба банақшагирӣ, ташкил, тайёр кардан ва иҷрои амалҳое, ки ба содир кардани фаъолияти экстремистӣ, ноустувор сохтани амнияти миллӣ ва қобилияти мудофиавии давлат, инчунин даъвати оммавӣ ҷиҳати бо роҳи зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимияти давлатӣ ё бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохтори конститутсионӣ ва ҳаракатҳое, ки ба барангехтани кинаву адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ) равона шудаанд»[2].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» бошад, мафҳуми экстремизмиро ба таври зайл муқаррар намудааст: «Терроризм – мафкураи зӯроварӣ ва таъсиррасонӣ ба қабули қарори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ё созмонҳои байналмилалӣ, ки бо тарсонидани аҳолӣ ва ё дигар шаклҳои зӯроварии ғайриқонунӣ алоқаманд мебошад»[1].

Ҳамзамон, қонуни мазкур мафҳуми терористро чунин шарҳ дода аст: «Террорист – шахси воқеӣ, ки дар амалӣ намудани фаъолияти террористӣ дар ҳама шакл иштирок менамояд ва (ё) мақсади иштирок дар фаъолияти террористиро дорад»[1].

Таҳлили вазъи низоми муосири ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки яке аз хусусиятҳои хосси замони имрӯза рушди илму технология ба ҳисоб меравад. Агар имрӯз раванди рушди бомароми илму технология аз як ҷониб боиси баланд гардидани сатҳи некӯаҳволии ҷомеа гардад, аз тарафи дигар аз ҷониби баъзе гурӯҳҳои манфиатҷӯ тавре истифода мешавад, ки раванди рушди ҷомеа ва суботи сиёсиро халалдор месозад. Асри муосир марҳилаи рушди илму технология номида шуда, ҳамон ҷомеа дар ин раванд устувории хешро таъмин карда метавонад, ки бевосита муаллифи дастовардҳои илмӣ ва техникӣ бошад. Яке аз нишонаҳои асосии рушди технология ташаккули сомонаҳои иҷтимоӣ ва интернетӣ мебошад, ки имрӯз дар раванди ҷаҳонишавӣ мавқеи меҳвариро ишғол менамояд. Баръало ба чашм мерасад, ки шабакаҳои иҷтимоӣ имрӯз ба таври хеле назаррас ба ҷомеа таъсир мерасонанд. Аз як ҷониб чунин онҳо агар вазифаи иттилоотиро иҷро кунанд, аз ҷониби дигар воситаи тарғибу ташвиқи ҳар гуна идеяҳо маҳсуб меёбанд. Махсусан, дар се даҳсолаи ибтидои қарни нав сомонаҳои интернетӣ аксаран аз ҷониби гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ ба таври хеле зиёд истифода мешаванд. Албатта, терроризм ҳамчун падидаи номатлуб дар ҳама давру замон таъсири манфии худро ба ҷомеа мерасонад, вале имрӯз хатари он ҳамчун падидаи зиддиинсонӣ бештар эҳсос мегардад. Терроризм ва экстремизм дар умум падидаи

зиддиинсонӣ буда, арзишҳои ҷомеаи башарриро умуман ба назар намегиранд. Он зидди манфиатҳои миллӣ, динӣ, мазҳабӣ, иҷтимоӣ ва минтақавӣ баромад менамояд. Дар маҷмуъ, манфиати афродеро ҳимоя менамояд, ки барои чунин гурӯҳ ҳеҷ муқаддасоте вуҷуд надорад. Муқаддасоти чунин гурӯҳҳо танҳо маблағ аст ва барои ба даст овардани он андохтани кинаву адоват миёни ҷомеа. Терроризм ва экстремизм метавонад боиси аз байн рафтани миллат, дин, ахлоқ ва дигар арзишҳои ҷомеаи башарӣ гардад.

Аз ҷониби Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз номгӯи 25 ташкилотҳои террористӣ-экстремистӣ пешниҳод шудааст, ки фаъолияташон дар Тоҷикистон бо Ҳалномаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мамнуъ эълон шудааст, ки ба тариқи зайланд:

1. Фаъолияти «Ҳизб-ут-таҳрир» аз 19 апрели соли 2001 ғайрқонунӣ эътироф шуда, санаи 11 марта соли 2008 ҳамчун ташкилоти экстремистӣ эълон карда шуд;

2. Фаъолияти «Ҳизби исломии Туркистон» (собиқ ИДУ) санаи 30 марти соли 2006 мамнуъ эълон шуд;

3. «Ҳаракати исломии Туркистони Шаркӣ»;

4. «ал-Қоида»;

5.«Толибон»;

6.«Бародарони мусалмон»

7. «Лашкари Тайиба»;

8. «Ҷамоати таблиғ»;

9. «Созмони Таблиғот»;

10. «Тоҷикистони озод»;

11. «Ҷамоати исломии Покистон»;

12. «Ҷамоати ансоруллоҳ» аз 3 майи соли 2012 мамнуъ эълон шуд;

13. «Давлати исломӣ» («Давлати исломии Ироқу Шом») аз 14 апрели соли 2015 мамнуъ эълон шуд;

14. «Ҷабҳат-ан-нусра» аз 14 апрели соли 2015 мамнуъ эълон шуд;

15. Равияи динии «Салафия» аз 8 апрели соли 2009 мамнуъ ва 8 декабри 2014 ҳамчун иттиҳоди экстремистӣ эълон гардид;

16. «Гурӯҳи-24» аз 9 октябри 2014 мамнуъ эълон шуд;

17. «Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон» аз 29 сентябри 2015 мамнуъ эълон шуд;

18. «Паймони миллии Тоҷикистон» аз 24 октябри соли 2019мамнуъ эълон шуд;

19. «Ҷанги муқаддас» (ал-Ҷиҳод, Ҷиҳоди исломии Миср) аз 14 майи соли 2020 мамнуъ эълон шуд;

20. «Ҷамъияти ислоҳоти иҷтимоӣ» аз 14 майи соли 2020 мамнуъ эълон шуд; 21. «Ҷамъияти эҳёи мероси исломӣ» аз 14 майи соли 2019 мамнуъ эълон шуд;

22. «Хонаи ду зиёратгоҳ» аз 14 майи соли 2020 мамнуъ эълон шуд;

23. «Артиши Шоми бузург» аз 14 майи соли 2020 мамнуъ эълон шуд;

24. «Ҷиҳоди исломӣ-Ҷамоати муҷоҳиддин» аз 14 майи соли 2020 мамнуъ эълон шуд[4].

Фаъолияти гурӯҳҳои террористию эксремистӣ, ки зикрашон дар боло рафт, ба суботу амнияти на танҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки ба суботу амнияти минтақаву ҷаҳон низ хатарзо арзёбӣ мешаванд, ки ба таври фаъол дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҳадафҳои номатлуби худро ба тариқи ташвиқу таблиғ баён мекунанд.

Хатарҳои дарпайдоштаи терроризм ва экстремизмро ба гунаи табақабандӣ метавон дар омилҳо ва натиҷаҳои зерин хулоса кард:

1. Зарари иқтисодӣ (фақри пойдор, бекорӣ, фурсатҳои нобаробари иқтисодӣ ва ғ.);

2. Зарари ба таъминоти ғизоии аҳолӣ (гуруснагӣ, қаҳтӣ, афзоиши ногаҳонии нархи маводди ғизоӣ);

3. Зарар ба тандурустии аҳолӣ (хуруҷи бемориҳои сироятӣ, набудани шароити хуби дармонбахшӣ ва ғ.);

4. Зарар ба муҳити зист (вазъи бади муҳити зист, нобуд гаштани сарватҳои табиӣ ба таври ғайриқонунӣ ва ғ.);

5. Ноамнии шахсӣ (авҷ гирифтани амалҳои авбошӣ, инсонрабоӣ ва фурӯши он, ба кори иҷборӣ ҷалб шудани кӯдакон ва ғ.);

6. Ноамнии иҷтимоӣ (зиддиятҳои мазҳабӣ, маҳалгароӣ, болоравии сатҳи содир кардани ҷиноят ва ғ.);

7. Ноамнии сиёсӣ (саркӯбии сиёсӣ, нақзи ҳуқуқи башар, фалаҷ гаштани пояҳои ҳокимияти қонунӣ, марказгурезӣ ва ғ.).

Хатарҳои гурӯҳҳои алоҳидаи террористиву экстремистӣ ҳамеша паёмадҳои дар фавқ зикркардаамонро ба бор меорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон чи дар сиёсати дохилӣ ва чи дар сиёсати хориҷии худ муборизаи густарда ба терроризму экстремизмро ба роҳ монда, ҳама гуна иқдомоти зидди онҳоро дар арсаи байналмилалӣ дастгирӣ мекунад.

Далели рӯшани андешаҳои нодуруст ва хатарзо доштани фаъолияти гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ маҳз ба қишри осебпазири ҷомеа, яъне ҷавонон рӯ овардани онҳо мебошад. Мисоли рӯшани чунин падидаҳои номатлубро дар фаъолияти гурӯҳҳои террористиву экстремистии «Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон», «Грӯҳи 24» ва чанди дигар метавон дид. Ташкилотҳои зикршуда аз таҷрибаи каму ҳассосияти ҷавонон, ки хусусиёти мазкур умдатан хосси ҳамин давраи умр мебошанд, истифода бурда, онҳоро дар роҳандозии мақосиди ғайриқонунии худ истифода мебаранд. Умдатарин усуле, ки ташкилотҳои дар боло зикршуда ва аксар ташкилотҳои террористиву экстремистӣ аз он коргир мешаванд, ҳамоно эҳсоси эътиқодии мардум, хосатан ҷавонон мебошад. Ҳамон гуна ки дар боло муқаррар қайд кардем, шабакаҳои иҷтимоӣ ҳоло ба як саҳнаи бузурги табодули назарҳо ва бархурду роҳандозии ҳадафҳои гуногун мубаддал гаштааст. Ташкилотҳои террористиву ифротгарои «Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон», «Гурӯҳи 24», «Паймони миллии Тоҷикистон» ва ғайра дар шабакаҳои интернетӣ сомона ва гурӯҳҳои хосси худро доранд, ки мунтазам пайи амалисозии ҳадафҳои ҷиноятии худ мебошанд. Аз таҳлилу баррасии матолибу наворҳои мунташир дар ин сомонаҳо метавон чунин хулоса кард:

1. Ҷавонон бахши умдаи тарафдорони онҳоро ташкил карда;

2. Ҳама ҷавононе, ки дар ин гурӯҳҳо аз мавқеи худашон ибрози андеша мекунанд дониши кофии дарки масоили матраҳ ва дигар масоили динӣ, сиёсӣ ва иҷтимоиро надоранд. Маҳз ҳамин нуқтаи заъф барои роҳбарону аъзои фаъоли ташкилотҳои террористии зикршуда василаи роҳандозии ҳадафҳои худ гардидааст.

Доир ба ҳалли ин мушкилот ҷалби ҳарчи бештари олимони дин, зиёиён, иниститутҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла васоити ахбори омма ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ барои муқовимат ба экстремизм ва терроризм тавассути шабакаҳои интернетӣ аз вазифаҳои стратегии давлат мебошад. Ғайр аз ин, зарур аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маъмурияти шабакаҳои интернетӣ ҳамкории зичро ба роҳ монад. Зеро эктремистону террористоне, ки тавассути шабакаҳои интернетӣ ба амнияти давлати таҳдид мекунанд, ҳангоми ҳамкори доштан бо маъмурияти ин шабакаҳо, мо метавонем муқовиматро самаранок намоем.

Дар маҷмуъ, таҳдидҳои экстремизм ва терроризм дар замони муосир ба омилҳои зерин асос ёфтаанд: тарғиби ғояҳои экстремизм ва терроризм тавассути Интернет, ҷалби ҷавонон ба саффи ташкилотҳои байналмилалии экстремистию террористӣ,

кӯшишҳои аз ҷониби ин ташкилотҳо тарҳрезӣ ва амалӣ намудани амалҳои террористӣ дар ҳудуди кишвар; аз ҷониби гурӯҳҳои тундрав истифода бурдани низоъҳои байнимазҳабии солҳои охир дар ҳудуди кишварҳои дигар рухдода ва дар сатҳи байналмилалӣ мавриди вокуниш қарор нагирифтани онҳо ҳамчун баҳона барои даъват ба якдилии мазҳабӣ ва муттаҳид шудан дар атрофи ғояву афкори ин ташкилотҳо; таҳти таъсири ташкилотҳои экстремистию террористӣ қарор гирифтани шаҳрвандони дар муассисаҳои таҳсилоти динии хориҷӣ таълимгиранда, ҳамчунин, муҳоҷирони меҳнатӣ дар кишварҳои будубоши онҳо; наздикии ҷуғрофӣ бо кишварҳое, ки дар онҳо низоъҳои ҳарбӣ бо иштироки гурӯҳҳои тундрави динӣ идома доранд, дар қаламрави онҳо ҷойгир шудани пойгоҳҳои тайёркунии ҷангиёни ташкилотҳои террористие, ки қасди ба ҳудуди кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон паҳн намудани фаъолияти худро доранд.

**Ифшои тарзу усулҳое, ки тавассути онҳо террористон ва экстремистҳо афкори худро таблиғ менамоянд.** Дар шароити муосир вобаста ба макону замон ва рушди воситаҳои таъсиррасонӣ гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ бо мақсади тарғибу ташвиқи афкори худ аз шаклу усулҳои мухталиф истифода менамоянд. Имрӯз яке аз воситаҳои асосии тарғиби афкори хуруфотии гурӯҳҳои ифротӣ шабакаҳои иҷтимоӣ ва интернетӣ маҳсуб меёбанд. Мушкилоти аксар давлатҳо ва дигар субъетҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ имрӯз дар амнияти иттилоотӣ мушоҳида мешавад. Дар айни замон таъмини амнияти иттилоотӣ дар радифи амнияти геополитикӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ, демографӣ, экологӣ, маънавӣ-ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва ғайра мавқеи махсусро ишғол менамояд. Дар шароити равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ташаккули падидаҳои номатлуб, махсусан муносибатҳои мураккаби геосиёсӣ кишварҳои рӯ ба инкишофро зарур аст, ки аз лиҳози таъмини амнияти иттилоотӣ мусаллаҳ бошанд. Дар Тоҷикистон дар ин самт чораҳои зиёд андешида шудаанд. Албатта, ин падидаи нав буда, баъди рушди технологияи иттилоотӣ ва аз байн бурдани марҳзои иттилоотӣ таъсири худро расонидааст. Дар раванди ташаккули падидаҳои номатлуб, махсусан таҳдиди гурӯҳҳои зиёди террористӣ ва экстремистӣ ба инобат нагирифтани ин омодагиҳо ба таъмини амнияти миллӣ таъсири манфӣ мерасонад. Дар шароити муосир амнияти иттилоотӣ кафили ҳимояи имиджи сиёсии давлат маҳсуб меёбад. Дар раванди таҳдиду тарғиби ғояҳои хуруфотӣ бояд андешаҳо дар бораи таъмини амнияти иттилоотӣ ба талаботи манфиатҳои ҳаррӯза ҷавобгӯ бошад. Имрӯз аксран ҷомеаи ҷаҳонӣ дар заминаи таъмини технологияи навини иттилоотӣ дар сиёсат ба парадигмаҳои ҷомеаи иттилоотӣ ҳаёт ба сар мебаранд.

Суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар минбари чорабиниҳои бонуфузи сатҳи ҷаҳонӣ имиҷи мусбии Тоҷикистонро муаррифӣ менамояд, ки ин бевосита таҳкимбахши дипломатияи иттилоотӣ маҳсуб меёбад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки давлат ба мақсади зина ба зана паст намудани шиддати терроризм ва экстремизм ва муқовимати дуруст ба он ҳуҷҷатҳои стратегӣ қабул кардааст. Яке аз чунин ҳуҷҷатҳи стратегӣ “Стратегияи муқовимат бо терроризм ва экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025” мебошад. Стратегияи мазкур дар самти баланд бардоштани самаранокии чораҳои муқовимат ба истифодабарии интернет бо мақсадҳои экстремистию террористӣ андешидани чунин чораҳоро дар бар мегирад: андешидани тадбирҳои иловагӣ доир ба тақвияти истифодабарии имкониятҳои интернет ҷиҳати шарҳи сиёсати давлатӣ дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм, пешбурди ташвиқоти васеи зиддиэкстремистӣ ва фаъолияти профилактикӣ дар ин соҳа; тақвият бахшидани зарфиятҳои мақомоти

ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати муқовимати нисбатан самараноктар ба таҳдидҳои алоқаманд ба истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ бо мақсадҳои терроризм, тафтиши саривақтӣ ва сифатноки киберҷиноятҳо; мустаҳкам намудани шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ҳамкориҳо бо ниҳодҳои индустрияи глобалии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар самти муқовимат ба истифодабарии интернет бо мақсадҳои экстремистию террористӣ; таъмини мувофиқати иқдомот дар самти муқовимат ба истифодабарии интернет бо мақсадҳои экстремистию террористӣ ба стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон; таҳлили доимии қонунгузорӣ доир ба маҳдудкунӣ, поккунӣ ва хориҷ намудани контентҳои ғайриқонунии интернетӣ ҷиҳати муайян намудани самаранокии қонунгузорӣ дар ин самт, ҳамчунин таҳлили доимии таҷрибаи дигар кишварҳо оид ба бартараф намудани хавфҳо дар ин соҳа[3].

Ҳоло зарур аст, ки интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ аз ҷониби масъулон ва қишрҳои мухталифи ҷомеа ҳамчун воситаи ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва мубориза бо тамоми падидаҳои номатлуб қарор гирад. Имрӯз маълум аст, ки тақрибан 70 дарсади мазмуну муҳтавои афкори гурӯҳҳои ифротгаро тавассути шабакаҳои интернетӣ тарғибу ташвиқ мешаванд. Ба ин восита солҳои охир ҷавонони зиёде аз кишварҳои Осиёи Марказӣ ва дигар давлатҳои ҳамҷавор ба ҳаракатҳои ифротии Шарқи Наздик пайвастанд, ки албатта ин натиҷаи хеле манфӣ ба бор овард. Истифодаи нодурусти шабакаҳои интернетӣ аз ҷониби як гурӯҳи ҷомеа, ки аз воқеияти мақсаду ҳадафҳои ғаразноки чунин ташкилотҳои террористӣ бехабар мебошанд, боис гардид, ки қурбониҳои зиёде ба миён ояд. Аз таълим дур мондани ҷавонон, махсусан онҳое, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷи кишвар мераванд, боис гардид, ки аксаран ба доми чунин гурӯҳҳои ифротӣ тавассути таъсир расонидан ба афору ақидаҳои мазҳабиву динӣ дода шаванд. Аксаран ҷавонони ба муҳоҷират рафта, ки имкони васеъи дастрасӣ ба шабакаҳои интернетиро дар хориҷи кишвар доранд, дар зери таъсири чунин ташкилотҳои зиддинсонӣ қарор мегиранд. Махсусан, онҳое ки баъди хатми макотиби миёна аз таҳсил дар макотиби олӣ фориғ мемонанду ба хориҷи кишвар ҷиҳати дарёфти ҷойи кор мераванд аз бетаҷрибагӣ ва надоштани донишӣ қазоӣ ҳамчунин сатҳи пасти ҷаҳонбинӣ ба доми чунин ҳаракатҳои ифротӣ тавассути шабакаҳои интернетӣ гирифтор мешаванд. Гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ аз вази иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, ҳамчунин аз бетаҷрибагии чунин ҷавонон истифода намуда, бо ваъдаҳои дуруғ онҳоро ба ҷониби худ ҷалб менамоянд. Аз таҷрибаи солҳои охир бармеояд, ки аксари нафароне, ки бо гурӯҳҳои террористии Шарқи Наздик пайвастанд, онҳое мебошанд, ки дар хориҷи кишвар буду бош доштанд. Аз ин рӯ, имрӯз зарур аст, ки қабл аз он ки ҷавонон ба муҳоҷирати меҳнатӣ сафарбар мешаванд, зарур аст, ки сатҳи тафаккури миллӣ ва ҳуввияти меҳандӯстии онҳо то ҷое баланд бардошта шавад. Барномаҳои мукаммалу мушаххас дар макотиби таҳсилоти миёна роҳандозӣ карда шавад, ки баъди хатми мактаб новобаста аз он, ки ба муассисаи таҳсилоти олӣ ворид мешавад ё не, мафкураи миллӣ ва худшиносиаш то сатҳи дахлдор баланд бошад. Имрӯз бояд ҳар як насли наварси кишвар аҳаммияти ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва ҳастии давлатдории миллиро дарк намояд. Ин тадбир танҳо тавассути мактабу маориф дар зинаҳои ибтидоии таҳсилот бояд амалӣ шавад. Аз боғчаҳои кӯдакон сар карда то макотиби олӣ зарур аст, ки тамоми барномаҳои таълимӣ бо дарназардошти ҳимояи манфиатҳои миллӣ тархрезӣ гардида, рӯи кор оварда шавад. Дар чунин ҳолат мо наслеро ба ҷомеа ворид карда метавонем, ки ба ҳама падидаҳои хатарнок ҷавоби сазовор дода метавонад. Яъне вақте мафкура солиму миллӣ аст, ҳеҷ вақт насли наврас ва ҷавони кишвар шабакаҳои интерентиро бе манфиат истифода наменамоянд. Нақши оила дар рушди тафаккури насли наврас ва ҷавон низ муҳим арзёбӣ мешавад. Ҷомеаи

солиму давлати солим аз оилаи солим маншаъ мегирад. Зарур аст, ки мафкураи миллӣ ва инсонӣ дар оила, боғчаҳои кӯдакона, мактиби таҳсилоти миёна ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ки ниҳодҳои асосии гузариши ташаккули ҳаёти инсонӣ ба шумор меравад, то сатҳи лозима баланд бардошта шавад. Маҳз тавассути тарбияи дуруст мо метавонем ба муқобили зуҳуротҳои номатлубе чун терроризм ва экстремизм мубориза оштинопазир ва мақсаднок бурда бошем. Дар чунин ҳолат қишрҳои ҷомеа интернетро ҳамчун восиатаи асосии ташаккули худ ҳамчун фарди ватандӯст ва меҳанпараст истифода карда метавонанд.

Дигар аз равишҳои муҳимтарин ва маъмули роҳандозии андешаҳои террористӣ ва экстремизм ифротгароии мазҳабӣ мебошад. Ин омил ба мавҷудияти гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ кумак мекунад. Баъзе аз террористону экстремистон барои истифода аз эҳсосоти мардум, боварҳои мазҳабиро ба идологияи фаъол мубаддал кардаанд. Ҳамчунон, баъзе аз кишварҳои минтақа ва террористон талош мекунанд, ки ин идологияро дар ҷиҳати сиёсат худ, ба таври давомдор бозтавлид кунанд, ки далели рӯшани ин раванд дар сиёсати кишвари ҳамсояи мо - Афғонистон дида мешавад.

Барои расидагӣ ба чунин падидаҳои номатлуб ва хушунатбору харобиовар, давлатҳои минтақа ва ҷомеаи ҷаҳониро лозим аст, ки бояд назоратӣ худро дар саросар манотиқе, ки ба унвони хостагоҳи терроризм маҳсуб мешавад, мустаҳкам кунанд ва ҷилави омӯзишҳои ифротӣ ва террористпарвариро бигиранд.

**Усулҳои муқовимати иттилоотию тарғиботӣ бо тарроризм ва экстремизм.** Мубориза бо терроризм ва экстремизм бо мақсади нобудии он, ба унвони яке аз муҳиммтарин авомили мушкилоти дар суботи умумӣ, ҳамвора дар садри сиёсатҳои кишварҳо буду ҳаст. Ин мубориза ошкор месозад, ки бақои ҳар давлат ва ҳатто ҷомеаи ҷаҳонӣ дар гарави фазои амн ва қонунманд рақам меҳӯрад ва ногузир барои таъмини он бояд барномарезӣ ва дурнамои муборизаи ҳадафмандона сохта шавад. Дар боби 3, моддаи 9 –и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» роҳу усулҳои амиқу дақиқ нишон дода шудааст. Махсусан, мақсадҳои муқовимати иттилоотию таблиғотӣ ба терроризм ва уҳдадории мақомоти давлатӣ дар амалигардонии он бо чунин нуқтаҳо ишора шудааст:

1) шарҳи хатари терроризм ва экстремизм;

2) ифшои шакл, воситаву тарзҳое, ки бо ёрии онҳо террористон ғояву ақидаҳои худро таблиғ менамоянд;

3) ташаккули руҳияи зиддитеррористӣ дар ҷомеа;

4) муттаҳидсозии кӯшишҳои мақомоти давлатӣ, ки ба терроризм муқовимат мекунанд ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар пешгирии терроризм;

5) маҳдуд кардани заминаи иҷтимоии дастгирии терроризм.

Дар ин нуқтаҳо асосҳои маҳв намудани ҳаракатҳои террористӣ бо истифода аз қишрҳои мухталифи ҷомеа инъикос гардидааст.

Илова бар нуктаҳои ироашудаи боло, ҷиҳати мубориза бо терроризму экстремизм, ҳамчунин панҷ усули дигар аз мубориза барои пешгирӣ аз терроризм ва экстремизмро метавон матраҳ кард:

Усули аввал. Рӯшан аст, ки бахше аз улуми динӣ, ки дар мадрасаҳо, ниҳодҳои мазҳабӣ ва бархе маҳофили илмӣ ва қароргоҳҳои омода кардани террористон дарс дода мешавад ва аксари андешаҳои ифротгароёна ҳосили ҳамин гуна мактабҳои динии ғайридавлатӣ мебошад. Барои ҳамин, кишварҳое, ки дар худуди онҳо мадрасаву марказҳои омӯзиши улуми динӣ ғайриқонунӣ фаъолият доранд баста шаванд ва паноҳгоҳҳову омӯзишгоҳҳои террористон, ба унвони маҳд парвариш терроризм несту нобуд карда шавад.

Орган исполнительной власти - это государственное учреждение, обладающее относительной самостоятельностью, структурной организацией, наделенное государственно-властными полномочиями исполнительно-распорядительного характера и действующее в пределах определенной территории.

Местное управление - это форма организации и деятельности местных исполнительных и распорядительных органов для решения вопросов местного значения исходя из общегосударственных интересов и интересов населения, проживающего на соответствующей территории.

Функционирование местного звена исполнительной власти в Таджикистане является своеобразным проявлением управленческой вертикали и выступает подсистемой единой системы исполнительной власти. Учитывая то обстоятельство, что носители исполнительной власти на местном уровне также задействованы на практической реализации задач и функции государственного управления, их отличает многочисленность и многообразие структур, что, несомненно, обусловлено

многосторонностью, многоаспектностью исполнительно-распорядительной деятельностью.

Местные исполнительные органы государственной власти в Республике Таджикистан как под системный (вертикальный) уровень исполнительной власти играют значительную роль в жизни общества и осуществлении государственного управления на местах. Качественная и эффективная реализация местной исполнительной власти связана с эффективной и целенаправленной реализацией норм законодательства, реализацией прав и свобод и гарантий законных интересов человека и гражданина. Местные органы исполнительной власти играют важную роль в системе государственного управления Республики Таджикистан, эта подсистема исполнительной власти ближе к объектам управления, и в то же время уровень и качество их деятельности напрямую влияет на эффективность государственного управления.

Следует отметить, что основы правового положения элементов местного управления закрепляет глава VI Конституции Республики Таджикистан. Настоящая глава ранее называлась «Местная власть», конституционные поправки, внесенные 22 мая 2016 г., скорректировали ее название – теперь она называется «Местные органы государственной власти и самоуправления» [1].

Следовательно, конституционная конструкция государственной власти на местном уровне, в том числе местной исполнительной власти охватывает три уровня административно-территориальных единиц республики - областей, городов и районов. Вопросы организации и деятельности местные органы государственной власти регулируются Конституционным законом Республики Таджикистан от 17 мая 2004 г. №28 «О местных органах государственной власти» [2].

Система местных исполнительных органов государственной власти закреплена в действующих правовых актах страны. Конституционным законом Республики Таджикистан «О местных органах государственной власти» впервые закреплена системность в практике административного строительства и в последующей редакции от 3 декабря 2009 г. перечислены элементы исполнительной власти на местном уровне следующим образом:

-глава области, города, района;

-структуры местных исполнительных органов государственной власти, подчиненные главы области, города и района;

-местные структуры центральных органов исполнительной власти [3].

В системе местных исполнительных органов государственной власти председателя Горно-Бадахшанской автономной области, области, города Душанбе, города и района, структур местных исполнительных органов государственной власти, подчиненных председателю Горно-Бадахшанской автономной области, области, города Душанбе, города и района, а также местных структур центральных органов исполнительной власти занимают значительную роль и совместно осуществляют государственную власть на местном уровне, которой руководит председатель.

С учетом определения действующего законодательства страны система местных исполнительных органов государственной власти охватывает систему органов, действующих на территории соответствующей административной единицы и мобилизованных для обеспечения и реализации Конституции Республики Таджикистан, законов и иных нормативных правовых актов Республики Таджикистан, соответствующие нормативные правовые акты местных органов государственной власти. А местные органы исполнительной власти органы, действующие на территории

соответствующих административно-территориальных единиц, деятельность которого направлена на обеспечение реализации Конституции Республики Таджикистан, законов и иных нормативных правовых актов Республики Таджикистан, соответствующие нормативные правовые акты местных органов государственной власти.

Для определения положения, роли и социального назначения местного исполнительного органа государственной власти представляется целесообразным определить сущность его системы.

В литературе по юридической науке по вопросам, связанным с понятием, сущностью и значением системы, в том числе системе органов исполнительной власти, учёные высказывали свое мнение, что считается интересным для работы. Как мы уже отмечали, вопросы во многих случаях касаются правовых аспектов системы органов исполнительной власти. С этой целью и целью исследования обзор, изучение и анализ точки зрения ученых, можно с полной уверенностью сказать, что она закладывает благоприятную основу для решения вопросов темы.

Для обеспечения развития исполнительной власти необходимо правильное понимание системы этой опоры государственной власти и, в этом контексте важно взглянуть с научной точки зрения на его структурную организацию, считает видный ученый-правовед страны Б. Х. Раззоков. С нашей точки зрения, такая позиция оправдана, а ее реализация на местном уровне органов исполнительной власти также представляется целесообразной.

Также Б. Х. Раззоков, опираясь на мнение зарубежных ученых, отмечает, что под понятием системы понимается совокупность элементов, взаимодействие которых создает новые качества, не свойственные только ее составным частям в отдельности.

По мнению этого же национального ученого система исполнительной власти в Республике Таджикистан описывается как единство взаимообусловленных и взаимодействующих структурных элементов органов государственной власти, которых объединяет единство целей и задач [4].

С точки зрения группы зарубежных ученых под системой органов исполнительной власти понимается их совокупность и система взаимоотношений на основе разграничения компетенции между ними. Система органов отражает разделение предметов ведения и полномочий в организации самой исполнительной власти в осуществлении ее функций множеством субъектов [5].

А.С. Телегин считает, что различные по своему конкретному назначению органы исполнительной власти образуют единую систему, в рамках которой обеспечивается их взаимодействие в процессе осуществления задач государственного управления [6].

Также следует отметить, что понятие и сущность системы в юриспруденции и других областях науки исследовала Ю. К. Тихонова. Последний дает такое интересное описание системы. По её мнению, система - это совокупность взаимодействующих, взаимосвязанных элементов, частей, которые существуют в определённой среде, содержит в себе необходимый объем информации и используют ее для обеспечения функционирования какой - либо сферы юриспруденции, и имеющая свою организационную структуру, управление между элементами и частями, а также развивающаяся со временим с учетом изменений в существующей среде [7].

Проведенное исследование показывает, что специалисты во многих случаях акцентируют внимание проблемам органах исполнительной власти в целом, мы

считаем, что в этом контексте использовать выводы исследования и на местном уровне является целесообразным.

Проведенный анализ дает основание полагать, что, под системой местных органов исполнительной власти следует понимать совокупность органов с определёнными организационно-правовыми формами, которые действуют в пределах соответствующих административно-территориальных единиц, осуществляют государственное управление на местном уровне, имеют определенные задачи и функции, их объединяет единство целей и задач, действуют в рамках правовых актов и несут ответственность за обеспечение реализации правовых актов.

Эффективность деятельности местных исполнительных органов государственной власти связана с эффективной и целенаправленной реализацией норм закона, реализацией права на свободу и гарантий законных интересов людей и граждан и рассматривается как показатель уровня и качества деятельности данной подсистемы государственной власти.

На наш взгляд, существует занятный организационный изъян в деятельности председателя, что действующее законодательство страны на руководящем уровне исполнительной власти страны, особенно в деятельности Правительства страны, придало юридическое воплощение. Например, пункт 6 статьи 12 Конституционного закона Республики Таджикистан «О Правительстве Республики Таджикистан» устанавливает, что Правительство Республики Таджикистан вправе создавать органы при Правительстве Республики Таджикистан в пределах средств, установленных в государственном бюджете Республики Таджикистан на обеспечение органов государственного управления, и утверждать их "положения" [8].

В свою очередь, статья 20 Конституционного закона Республики Таджикистан «О местных органах государственной власти» посвящена полномочиям главы Горно-Бадахшанской автономной области, области, города Душанбе, города и района дает председателю правовую возможность «создавать и ликвидировать государственные организации, учреждения и предприятия на базе соответствующей коммунальной собственности в порядке, установленном законодательными актами Республики Таджикистан».

Однако можно заметить, в законодательном акте относительно вопросов полномочий председателя в части утверждения правовых основ деятельности организаций, учреждений и предприятий, т. е. нормативно-правовой документ, регулирующий их деятельность в том числе «положения и устав», оценивается как без правового регулирования.

Стоит отметить, что рассматриваемая тема усилена Законом Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах», где в пунктах 2 и 3 статьи 28 установлено, что "Положение" является нормативным правовым документом, точно определяющим правовой статус, структуру, порядок деятельности органов государственной власти или их структурных подразделений, определяет также их взаимоотношения с другими органами власти, организациями, учреждениями и гражданами, и "Устав" - нормативный правовой документ, определяющий правовой статус, структуру, порядок деятельности государственных организаций или их структурных подразделений, определяет также их взаимоотношения с органами государственной власти, другими организациями, учреждениями и гражданами [9].

В данном случае позиция законодательного акта является обоснованной и логичной, поскольку всякая организация, учреждение или государственное предприятие, осуществляющее деятельность на местном уровне, не может действовать

без наличия правового акта, регулирующего деятельность. Также именно положением или уставом определяется организационно-правовая форма деятелности организации, учреждения или предприятия, отношения с другими юридическими лицами, структуры, и определяет правовой статус их сотрудников. Также можно с уверенностью сказать, что председатель в своей последовательной деятельности утверждает положения и уставы организаций, учреждений и предприятий, действующих на территории административных территориальных единиц.

Поэтому в целях регламентации и правового закрепления полномочий главы Горно-Бадахшанской автономной области, области, города Душанбе, города и района об утверждении положений или уставов организаций, учреждений и предприятий, осуществляющих деятельность на территории соответствующей административно-территориальной единицы, выражение подпункта 28 статьи 20 Конституционного закона Республики Таджикистан “О местных органах государственной власти» от 17 мая 2004 года № 28 в редакции “Создает и ликвидирует государственные организации, учреждения и предприятия, основанные на соответствующей коммунальной собственности в порядке, установленном законодательными актами Республики Таджикистан, и подтверждают их “положения” и “уставы” считается уместным.

В рамках рассматриваемой темы наблюдается пробел в организационно-правовом направлении деятельности председателя. Например, в Конституционном законе Республики Таджикистан «О местных органах государственной власти» указано, что руководителей местных структур центральных органов исполнительной власти в Горно-Бадахшанской автономной области, области, городе Душанбе, городах и районах, которые финансируются из соответствующего местного бюджета, назначаются и освобождаются от должности главами Горно-Бадахшанской автономной области, области, города Душанбе, городов и районов с письменного согласия руководителей центральных органов исполнительных власти.

Руководители местных структур центральных органов исполнительных власти Горно-Бадахшанской автономной области, области, города Душанбе, городов и районов, финансируемых из республиканского бюджета, назначаются и освобождаются от должности руководителями центрального исполнительного органа государственной власти с письменного согласия председателей Горно-Бадахшанской автономной области, области, города Душанбе, городов и районов, и в обоих случаях принятые решения представляются в соответствующие Маджлисы народных депутатов на утверждение [10].

Как нам представляется, данный конституционный закон определил два способа назначения руководителей субъектов государственного управления на местном уровне, что выступает его основным критерием «источник финансирования».

В связи с этим, в соответствии с требованиями статьи 18 Закона Республики Таджикистан «О государственной службе» №233 от 05.03.2007 г. замещение вакантных административных должностей государственной службы проводится путем конкурса, а правила проведения конкурса устанавливаются Положением о порядке проведения «Конкурса на замещение вакантных административных должностей государственной службы», которое утверждается Президентом Республики Республика Таджикистан. Настоящий Закон определяет организационно-правовые основы государственной службы, правовой статус и социальные гарантии государственных служащих Республики Таджикистан.

Согласно положениям пункта 3 настоящей статьи должности высшей категории занимают вне конкурса. Иные случаи замещения вакантных административных

должностей государственной службы без конкурса определяются в соответствии с Положением о порядке проведения конкурса на замещение вакантных административных должностей государственной службы [11].

Реестр государственных должностей, утвержденный Указом Президента Республики Таджикистан от 15 августа 2016 года №737, на местном уровне к политическим должностям государственной службы были отнесены должности председателя Горно-Бадахшанской автономной области, председателя области, председателя города Душанбе, председателя городов и районов, и на этом уровне должность первого заместителя председателя, заместителя председателя и руководителя аппарата местного исполнительного органа государственной власти Республики Таджикистан относится к группе должностей высший категории [12].

Из анализа нормативно-правовых документов отрасли установлено, что на местном уровне, кроме должностей председателя, первого заместителя председателя, заместителя председателя и руководителя аппарата председателя, занятие иных должностей (возможно) происходит по конкурсу. Однако, изучение норм отраслевого правового акта, в том числе Положения о порядке проведения «Конкурса на замещение вакантных административных должностей государственной службы» [13] и «Порядок назначения на должность и освобождения от должности руководителей местных структур центральных исполнительных органов государственной власти» [14] предусматривают правовые условия для председателя, назначать и освобождать от должности руководителей местных структур центральных исполнительных органов государственной власти, финансируемых из соответствующего местного бюджета, то есть те должности, назначение на которые в соответствии с законодательством Республики Таджикистан носит двусторонний характер (назначение с письменного согласия), возлагается на полномочия председателя.

Следует отметить, что действующая система центральных органов исполнительной власти утверждена Указом Президента Республики Таджикистан от 19.11.2013 г.г., №12 включает 14 министерств, 3 государственных комитета, 7 органов при президенте и 28 при правительственных органах и эти органы через свои органы на местах также реализуют задачи государственного управления на местном уровне. В этом контексте, несомненно, при назначении и освобождении от должности глав органов власти и их местных подразделений распространяется критерий «источник финансирования».

Однако, несмотря на такое широкое правовое поле, определенное законодательством для председателя,в статье 20 Конституционного закона Республики Таджикистан «О местных органах государственной власти» в перечне полномочий председателя «назначение и освобождение от должности руководителей структур местных исполнительных органов государственной власти, подчиненных председателю Горно-Бадахшанской автономной области, областей, города Душанбе, городов и районов» отсуствует конкретные нормы.

При этом в качестве примера рассматривается применение казахстанского законадательного опыта. Статья 29 (Компетенция акима области, города республиканского значения, столицы) Закон Республики Казахстан от 23 января 2001 года №148-II «О местном государственном управлении и самоуправлении в Республике Казахстан» дает право "Акиму" в нашем случае "Председателю" назначат на должность и освобождать от должности руководителей исполнительных органов, финансируемых из областного, города республиканского значения, столицы бюджета[15].

Поэтому в пункте 18 статьи 20 Конституционного закона Республики Таджикистан "О местных органах государственной власти»–считаем целесообразным внести следующее редакционное изменение,—«Председатель Горно-Бадахшанской автономной области, областей, города Душанбе, городов и районов» в порядке, установленном законодательными актами, в праве назначать и освобождать от должности руководителей структур местных исполнительных органов государственной власти".

**Литература**


1. Конституция Республики Таджикистан. Душанбе, 2016.
2. Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. 2004. №5.
3. Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. 2004. №5.
4. Раззоков Б.Х. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – сарвари ҳокимияти иҷроия. - Душанбе: «Ирфон», 2020. - с.72-73.
5. Алехин А. П., Кармолицкий А. А., Козлов Ю. М. Административное право Российской Федерации: Учебник. — М.: ИКД "Зерцало-М". 2003. -С. 105.
6. Административное право: учебник / под общ. ред. А. С. Телегина; Пермский государственный национальный исследовательский университет. – Пермь, 2020. – С.89.
7. Юридический вестник Самарского Университет. 2017. Т.3. №1, с. 111-114.
8. Конституционный Закон Республики Таджикистан от 12 мая 2001 года, №28 "О Правительстве Республики Таджикистан" // Адлия: Централиз. банк правовой информации РТ. Режим доступности http://portali-huquqi.tj/: дата обращения:08.04.2023.
9. Закон Республики Таджикистан от 30 мая 2017 года, № 1414 "О нормативных правовых актах. // Адлия: Централиз. банк правовой информации РТ. Режим доступности http://portali-huquqi.tj/: дата обращения:08.04.2023.
10. Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. 2004. №5.
11. Закон Республики Таджикистан от 5 марта 2007 года № 233 "О государственной службе". // Адлия: Централиз. банк правовой информации РТ. Режим доступности http://portali-huquqi.tj/: дата обращения:16.05.2023.
12. Указ Президента Республики Таджикистан от 15 августа 2016 года, № 737 "О Реестре государственных должностей Республики Таджикистан". // Адлия: Централиз. банк правовой информации РТ. Режим доступности http://portali-huquqi.tj/: дата обращения:16.05.2023.
13. Указ Президента Республики Таджикистан от 10 марта 2016 года, № 647 "О положении о порядке проведения конкурса на замещение вакантных административных должностей государственной службы. // Адлия: Централиз. банк правовой информации РТ. Режим доступности http://portali-huquqi.tj/: дата обращения:16.05.2023.
14. Порядок назначения на должность и освобождения от должности руководителей местных структур центральных исполнительных органов государственной власти от 31 октября 2014 года, № 694. // Адлия: Централиз. банк правовой информации РТ. Режим доступности http://portali-huquqi.tj/: дата обращения:20.06.2023.
15. Закон Республики Казахстан от 23.01.2001 г.№148 «О местном государственном управлении и самоуправлении в Республике Казахстан». Информационно-правовая система нормативных правовых актов Республики Казахстан «Адилет»: Режим доступности: http://www.adilet.gov.kz/ru. дата обращения: 20.06.2023.

# НИЗОМИ МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ҶАНБАҲОИ ТАШКИЛӢ-ҲУҚУҚӢ

**ИБРОҲИМОВ СОЛИҶОН ИБРОҲИМОВИЧ,**
доктори илмҳои ҳуқуқ, профессори кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир, 33.
E-mail: soleh_52@mail.ru
**РАЗЗОҚЗОДА ТАМКИН МУРОД,**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир, 33.
Тел.: (+992) 918-61-72-50, E-mail: razzokzoda82@mail.ru

*Мақола ба низоми мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ҷанбаҳои ташкилӣ- ҳуқуқии фаъолияти онҳо бахшида шудааст.*

*Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун зинаи зернизоми мақомоти иҷроия дар ҳаёти ҷомеа ва амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ дар маҳал нақши назаррас дорад. Босифат ва самаранок амалӣ намудани ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ бо татбиқи самаранок ва мақсадноки меъёрҳои қонунгузорӣ, татбиқи ҳуқуқу озодиҳо ва кафолатҳои манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд алоқаманд буда, нишондиҳандаи сатҳ ва сифати татбиқи ин зернизоми ҳокимияти давлатӣ эътироф мегардад.*

*Ба андешаи муаллиф барои муайян кардани мавқеъ, нақш ва ҳадафу таъиноти иҷтимоии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муайян намудани моҳияти низоми он ба мақсад мувофиқ шуморида мешавад.*

*Муаллиф, инчунин ба ҷанбаҳои мушаххаси фаъолияти роҳбари мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, оид ба танзими ҳуқуқии фаъолияти чунин субъекти муҳими идоракунии давлатӣ дар маҳал вобаста ба қабул ва тасдиқи санадҳои ҳуқуқӣ таклифҳо манзур намудааст. Ба ақидаи муаллиф, дар робита ба масъалаҳои салоҳияти раис камбудиҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ мавҷуд аст, ки танзими ҳуқуқиро тақозо менамояд.*

***Калидвожаҳо:*** *низоми мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, раиси вилоят, шаҳр, ноҳия, фаъолият, ваколатҳо.*

# SYSTEM OF LOCAL EXECUTIVE AUTHORITIES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: ORGANIZATIONAL AND LEGAL ASPECTS

**IBRAKHIMOV SOLIJON IBROKHIMOVICH,**
Ph.D., Professor of the Department of Administrative Law and Public Service of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, S. Nosir str.
E-mail: soleh_52@mail.ru
**RAZZORZODA TAMKIN MUROD,**
Applicant of the Department of Administrative law and public service of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan,
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, S. Nosir str.
Phone: (+992) 918-61-72-50. E-mail: razzokzoda82@mail.ru

*The article is devoted to the system of local executive authorities of the Republic of Tajikistan, as well as the organizational and legal aspects of their activities.*

*Local executive bodies of state power in the Republic of Tajikistan, as a subsystem level of executive bodies, play a significant role in the life of society and the implementation of local government. The high-quality and effective implementation of local executive power is associated with the effective and purposeful implementation of legislative norms, the implementation of rights*

*and freedoms and guarantees of the legitimate interests of a person and citizen, and is recognized as an indicator of the level and quality of implementation of this subsystem of state power.*

*According to the author, in order to determine the position, role and social purpose of the local executive body of state power at the local level, it seems appropriate to determine the essence of its system.*

*The author also paid attention to the specific aspects of the activities of the head of the local executive body of state power, and made proposals for the legal regulation of the activities of such an important subject of public administration at the local level regarding the adoption and approval of legal acts. According to the author, there is an organizational exception regarding the issues of the powers of the chairman, which require legal regulation.*

***Keywords:*** *system of local executive authorities, local executive authorities, chairman of the region, cities, districts, activities, powers.*

УДК: 342.9

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ҚОНУНГУЗОРИИ РАҚОБАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ФЕДЕРАТСИЯИ РУСИЯ

**КАРИМОВ АБДУЛҲАНОН ҚАДИМОВИЧ,**
номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир, 33.
Тел.: (+992) 915-25-63-73. E-mail: karimov-ak@mail.ru

*Дар мақола тавсифи мухтасари таърихии инкишофи қонунгузории рақобат дар як қатор мамлакатҳои пешрафта оварда шудааст. Минбаъд дар ин робита аз таърихи қонунгузории давраи шуравӣ ва сабабҳои қабул гардидани санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор дар самти рақобат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия бо навбат баррасӣ карда мешаванд. Дар айни замон дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия қонунгузории рақобат ҳамчун як ниҳоди мушаххаси ҷудо аз дигар соҳаҳо, мустақили ҳуқуқӣ ба вуҷуд омада, инкишоф ёфта истодааст. Мақсади соҳаи нави қонунгузорӣ воситаҳои муҳими ҳуқуқии муқовимат ба зуҳуроти номатлуб дар муҳити иқтисоди бозорӣ ва дуруст таъмин намудани устувории равандҳои иқтисодӣ мебошад.*

*Инчунин, дар мақола дигар хусусиятҳои қонунгузории соҳаи мазкури Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо қонунгузории Федератсияи Русия таҳлил карда шудааст. Ҳамзамон, дар мақола тамоми паҳлуҳои рақобат дар асоси нуқтаи назари олимон баррасӣ ва тавсиф гардидааст.*

*Нововарии тадқиқот дар он аст, ки муаллиф таҳқиқи ҳамаҷонибаи муқоисаи қонунгузории ду кишварро анҷом додааст.*

***Калидвожаҳо**: қонунгузорӣ, рақобат, рақобати бевиҷдонона, давлат, инҳисор, таъмин, танзим, назорат, ҳифз, иқтисодиёт.*

Дар замони истиқлол низоми нави қонунгузории Тоҷикистони соҳибистиқлол ташаккул ёфт. Ҳамзамон, вобаста ба дигаргуниҳои сиёсию иктисодии ҷомеа соҳаҳои нави қонунгузорӣ ба вуҷуд омаданд, ки яке аз он қонунгузории соҳаи рақобат мебошад. Қонунгузории рақобат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия соҳаи нав мебошад, лекин рақобат, танзими ҳуқуқии он ва манъи фаъолияти инҳисорӣ таърихи хеле кадима доранд.

Аз сарчашмаҳои Рими қадим маълум мегардад, ки дар он замонҳо меъёрҳои танзими муносибатҳои тиҷоратӣ мавҷуд буданд. Ҳуқуқшинос ва ходими давлатии Рими қадим Папиниан Эмилий қайд мекунад: «Ягон касро барои манфиати шахси дигар дар ҳолати ногувор нагузоред» [11].

Аввалин қонунҳои зиддиинҳисорӣ ин қонунҳои Рими кадим оид ба мубориза бар зидди кӯшишҳои инҳисории миёнаравҳо (соли 473) ва қонун оид ба манъи ҳамагуна фаъолияти инҳисорӣ (соли 483) мебошанд [12].

Аллакай дар охири асри XIX дар баъзе субъектҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки иқтисоди он замон пешрафтатарин буд, чунин ақида мавчуд буд, ки муносибатҳои бозорӣ объективона чораҳои босифати танзими ҳуқуқиро тақозо мекунанд, зеро инҳисороти алоҳидаи истеҳсолкунандагони асосии мол ва рақобати бемаҳдуд монеаи ҷиддӣ ва раднашавандаи роҳи пешрафт буданд.

Аз ин рӯ, аввалин қонунҳои мукаммал оид ба ҳифзи рақобати озод дар охири асри XIX дар ИМА Қонуни Шерман соли 1890 ва дар Олмон соли 1896 Қонун оид ба рақобати бевиҷдонона қабул шудаанд. Дар навбати худ, дар Британияи Кабир бошад, қабули қонуни зиддиинҳисорӣ бо қабули «Қонун дар бораи тиҷорати боадолат», соли

1919 қабул шуда буд ва дар соли 1948 «Қонун дар бораи фаъолияти маҳдудгардидаи тиҷоратӣ» қабул гардида буданд.

Дар ИМА пас аз қабули Қонуни Шерман соли 1890 фавран дар ҳайати Департаменти адлия як шуъбаи алоҳида таъсис дода шуд, ки вазифаи асосии он назорат аз болои риояи Қонуни мазкур буд. Ислоҳоти мукаммалтарини қонуни зиддиинҳисории Олмон ва таҷрибаи татбиқи он танҳо дар нимаи дуюми асри гузашта анҷом дода шуд [13].

Дар нимаи аввали асри XX бо дарназардошти сатҳи рушди иқтисодиёт, талаботи иҷтимоии намояндагони табақаҳои гуногуни иҷтимоии аҳолӣ чунин қонунҳо дар дигар давлатҳои Аврупо низ, қабул шуданд.

Дар баробари ин, принсипҳои манъ, назорат ва танзими фаъолияти инҳисорӣ ҳамчун принсипҳои роҳбарикунанда эълон карда шуданд. Аммо, ин амал ба рафтори ширкатҳои мавқеи инҳисориро ишғолнамудаи он вақт, таъсири калон нарасонид.

Баъди қабули ин қонунҳо таваҷҷуҳ ба омӯзиши паҳлуҳои иқтисодӣ ва ҳуқуқии рақобат, инчунин, танзими ҳуқуқии он зиёд мешавад, ки барои пайдоиши соҳаи мустақили ҳуқуқ - ҳуқуқи рақобат замина гузошт. Адам Смит ба моҳияти рақобат баҳои баланд дода, онро ба «дасти ноаён» ташбеҳ додааст, ки дар натиҷаи кӯшиши соҳибкорон бо мақсади бисёртар гирифтани фоида, талаботҳои ҷомеа қонеъ гардонида мешаванд [14]. То ба имрӯз қариб дар тамоми кишварҳои дунё қонуни рақобат қабул гардидааст ва дар сатҳи байнамилалӣ ташкилотҳои махсус дар бахши рақобат фаъолият менамоянд.

Тибқи муқаррароти моддаи 10 bis Конвенсияи Парижӣ аз соли 1883 «Дар бораи ҳифзи моликияти истеҳсолӣ», ҳар як давлат уҳдадор мебошад, ки ҳифзи субъектони хоҷагидорро аз рақобати бевиҷдонона таъмин кунад. Тибқи Конвенсияи зикршуда рақобати бевиҷдонона ҳама гуна амалҳои рақобатие дониста мешаванд, ки ба муқобили одатҳои бовиҷдонона дар фаъолияти истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ равона гардидааст [15, 337].

Дар Русияи подшоҳӣ ва замони ИҶШС, ки низоми маъмурию фармондиҳии идоракунии хоҷагии халқро доро буд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, низ узви ин иттиҳод ба ҳисоб мерафт, қонунгузорӣ дар самти рақобат ва пешгирӣ намудани фаъолияти зиддиинҳисорӣ вуҷуд надошт.

Нуқтаи назари асосогузорони ҷомеаи сотсиалистӣ бошад, нисбати рақобат манфӣ буд, онро қабул надоштанд ва онро ҳамчун зуҳуроти ҷомеаи сармоядорӣ баҳо медоданд. Дар даврони шуравӣ рақобатро ба «мусобиқаи сотсиалистӣ» иваз намуданд, ки он моҳиятан ба тараққӣ ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ҳеҷ таъсире надошт.

Танҳо пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ва гузаштан ба иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия зарурати қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба инкишофи рақобати озод ва танзими ҳуқуқии он ба вуҷуд омад.

Дар ин замина, дар зери таъсири ба вуҷуд омадани муносибатҳои бозорӣ, талаботи ҷомеа заминаи зарурии қабули қонунгузорӣ дар самти рақобат гардид. Ҳамзамон, бо қабули қонунҳои дар ин самт мақомоти давлатӣ дорои ваколатҳои махсус таъсис дода шуданд, ки вазифаи асосии онҳоро таъмини рақобат ва пешгирӣ намудани фаъолияти инҳисорӣ ташкил медиҳад.

Масалан, дар марҳилаи ибтидоии ташаккули муносибатхои бозорӣ дар Конститутсияи Федератсияи Русия соли 1990 талаботе муқаррар карда шуда буд, ки тибқи он давлат вазифадор гардида буд, ки ба инҳисорот дар иқтисодиёт роҳ надиҳад.

Сипас, 22 марти соли 1991 Қонуни Федератсияи Русия «Дар бораи рақобат ва маҳдуд кардани фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол» қабул гардид [3.].

Воқеан, дар фазои пасошуравӣ ин аввалин амали дорои хусусият ва мазмуни мувофиқ буд. Илова бар ин, он асоси ташкил ва фаъолияти мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ гардид. Минбаъд, Қонуни федералии Федератсияи Русия аз 23 июни соли 1999 № 117-ФЗ «Дар бораи ҳифзи рақобат дар бозори хизматрасонии молиявӣ» эътибор пайдо кард [4].

Дар ибтидои асри мазкур санадҳои дар боло зикршуда накши худро бозида, дар ташаккули минбаъдаи қонунгузории соҳаи мазкур ҳиссаи худро гузоштанд. Илова бар ин, қонуни дар боло зикршуда фавран қабул гардид ва дар воқеъ он аввалин санади дорои хусусият ва мазмуни мувофиқ дар фазои пасошуравӣ буд. Ҳамзамон, қонуни дар боло зикршуда барои фаъолияти мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ заминаи мустақим гузошт. Инчунин, амалияи татбиқи онҳо равшан нишон дод, ки чунин навъи қонун қулайтар ва ояндадор аст, ки дар он аксари муқаррароти зарурӣ барои танзими самараноки масъалаҳои таъмини рақобат ва пешгирӣ намудани фаъолияти зиддиинҳисорӣ таъсиргузор шудаанд. Ҳамчунин, дар ин замина Қонуни ягонаи федералии Федератсияи Русия аз 26 июли соли 2006 № 135 (тағийрот аз 27 декабри соли 2018) “Дар бораи ҳимояи рақобат” қабул гардид [5]. Минбаъд, дар Федератсияи Русия таъмини рақобат ва пешгирӣ намудани фаъолияти инҳисорӣ дар сатҳи Конститутсия, низ мустаҳкам гардид, яъне дар моддаи 34-и Конститутсияи Федератсияи Русия таъкид шудааст, ки “Фаъолияти иқтисодие, ки ба инҳисор ва рақобати бевиҷдонона нигаронида шудааст, иҷозат дода намешавад” [1].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, низ танзими ҳуқуқии рақобат пеш аз ҳама аз Конститутсияи кишвар сарчашма мегирад. Тибқи моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи муҳимми ташаккули сохтори конститутсионӣ ин арзиши олӣ доштани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад, ки аз тарафи давлат эътироф, риоя ва ҳифз карда мешаванд. Яке аз ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ин фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкорӣ мебошад, ки дар моддаи 12 Конститутсия ифода ёфтааст “Асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳанд. Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла, моликияти хусусиро кафолат медиҳад” [2]. Ҳарчанд бевосита набошад, ҳам аз маънои ин модда ба таври возеҳ хулоса бароварда мешавад, ки агар дар кишвар шаклҳои гуногуни моликият вуҷуд дошта бошанд, дар он ба таври объективӣ на танҳо муносибатҳои мусбат, балки муносибатҳои манфӣ низ, ба вуҷуд меоянд. Ғайр аз ин, таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ қариб ҳамеша намудҳои гуногуни низоъҳо ба вуҷуд меоянд. Аз як тараф, кӯшиши субъектони хоҷагидор барои бештар ба даст даровардани фоида бошад, аз тарафи дигар, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии табақаҳои васеи ҷомеа мебошад. Дар чунин шароит давлат, ҳамчун танзимгари муносибатҳои иҷтимоӣ муваззаф аст, ки тамоми ин муносибатҳоро дар доираи қонун ба танзим дарорад.

Аз ин рӯ, ҳифзи рақобат ҳамчун фаъолияти махсуси давлат чунин кафолатҳоро ба иштирокдорони бозор медиҳад:

1) Таъмини рақобати бовиҷдонона;

2) Манъи фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдонона.

Дар Конститутсия мафҳуми «рақобати бовиҷдонона» оварда нашудааст, лекин чуноне, ки аз муқаррароти моддаи 12 Конститутсия бармеояд “давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз

ҷумла, моликияти хусусиро кафолат медиҳад” [2]. Дар зери ин муқаррарот дастгирии рақобати бовиҷдонона дар назар дошта мешавад. Мувофиқи муқаррароти қонунгузорӣ фаъолияти бовиҷдононаи соҳибкорӣ дар доираи қонунҳои амалкунанда, ҳамчун рақобати бовиҷдонона дониста шуда, фаъолияти иқтисодие, ки ба рақобати бевиҷдонона равона гардидааст, зиддиқонунӣ эътироф карда мешавад. Дастгирии рақобат ҳамчун кафолати ҳуқуқ ва озодиҳои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дониста мешавад. Дар илми ҳуқуқшиносӣ тахти мафҳуми «кафолат» низоми воситаҳои ҳуқуқӣ, баркарор намудани ҳуқуқ, иҷрои вазифаҳо ва таъмини фаъолияти муайян фаҳмида мешавад. Дар низоми танзими ҳуқуқӣ кафолати вазифаи таъмини амалишавии ҳуқуқ ва ухдадориҳоро мефаҳмонад, ки барои таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои соҳибкорон, инчунин, иҷрои ухдадориҳои давлат дар ҳимояи рақобат, кафолат дода мешавад. Аз ин рӯ, вазифаи асосии қонунгузории рақобат на аз ҳифзи манфиатҳои субъектҳои хоҷагидори алоҳида, балки пешгирии рақобати бевиҷдонона ва носолим шудани фазои рақобат мебошад [16].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти қонунгузории рақобат ва фаъолияти зиддиинҳисорӣ аввалин маротиба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол» 27 декабри соли 1993 қабул гардид. Маротибаи дуюм ва сеюм Қонуни мазкур дар таҳрири нав 29 ноябри соли 2000 ва 28 июли соли 2006 қабул карда шуд. Қонуни ҳоло амалкунанда дар таҳрири нав бо номи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» 18 майи соли 2017 қабул гардид [6]. Бояд қайд намуд, ки Қонуни мазкур аз қонунҳои пештара ба куллӣ фарқ менамояд, зеро соли 1993 дар шароите қонун қабул гардид, ки дар он замон муносибатҳои иқтисоди бозорӣ ва рақобат нав пайдо шуда, муносибатҳо дар ин самт он қадар инкишоф наёфта буданд. Ҳоло, Қонуни амалкунанда нисбат ба қонунҳои пеш қабулгардида мукаммал буда, танзимкунандаи муносибатҳои иқтисоди бозорӣ ва таъминкунандаи рақобати бовиҷдонона мебошад. Инчунин, дар Қонуни мазкур муносибатҳо оид ба талаботи зиддиинҳисорӣ, оид ба гузаронидани озмун барои ҷойгиронии фармоишҳо ҷиҳати молрасонӣ, иҷрои корҳо ва хизматрасонӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ, фароҳам овардани ёрии давлатӣ ва маҳаллӣ, назорати давлатии расонидани ёрии давлатӣ ва маҳаллӣ ва истифодаи он, ваколатҳои мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ ҳангоми вайрон намудани талаботи расонидани ёрии давлатӣ ва маҳаллӣ ва истифодаи он илова гардидаанд, ки танзими ин муносибатҳо дар доираи Қонуни мазкур барои пешрафти иқтисодиёт ёрӣ хоҳад намуд.

Ба андешаи мо, воситаи асосӣ барои пешгирии рақобати бевиҷдонона ва фаъолияти инҳисорӣ моддаи 13-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад мекунад, ки дар он чунин таъкид шудааст: “Замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигарии табиӣ моликияти истисноии давлат мебошанд ва давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад” [2].

Мо чунин мешуморем, ки бо дарназардошти анъанаҳои таърихӣ, миллӣ, фарҳангӣ, динӣ ва ғайра, ҳудуди нисбатан хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон, набудани замини ҳосилхез ва дигар сарватҳои табиӣ, мавҷудияти манзараҳои кӯҳистон, чунин баёни масъала мантиқӣ, объективӣ ва бо шароити зиндагии имрӯза комилан асоснок аст.

Ғайр аз ин, бисёр далелҳои таърихи ҷаҳонӣ равшан шаҳодат медиҳанд, ки замин, ҷангал, сарватҳои барқарорнашавандаи ашёи хоми маъданӣ ва дигар сарватҳои табиӣ дар моликияти хусусӣ будани онҳо, гарави муносибати эҳтиёткоронаи соҳибмулкон нисбати онҳо, намебошад. Аксар вақт, вазъияте ба амал меояд, ки давлат бо воситаҳои

маҷбуркунӣ, монанди милликунонидани сарватҳои табиӣ ва дигар сарватҳои моликияти хусусӣ, маҳдуд кардани забт ва соҳибихтиёрии онҳо, барои пешгирӣ намудани равандҳои манфии иқтисодӣ, экологӣ ва ҳаёти ҷамъиятӣ истифода мебарад.

Таҳлили мундариҷаи он нишон медиҳад, ки қонунгузории рақобати Тоҷикистон миқдори зиёди муқаррароти шабеҳи қонунгузории рақобати Федератсияи Русияро дар бар мегирад. Мо боварӣ дорем, ки ин як навъ камбудӣ ё нусхабардории қонунгузорӣ намебошад. Асосан, баъди пош хӯрдани ИҶШС қариб ҳамаи ҷумҳуриҳои собиқ Шуравӣ ба сохти иқтисоди бозорӣ гузаштанд. Аз ин лиҳоз, аз ҷиҳати таърихию равандҳои ислоҳоти низоми нави иқтисодӣ умумиятҳои зиёде дар онҳо дида мешавад. Аз ин рӯ, зарурати принсипиалии тартиб додан ва тасдиқ намудани қонунҳое, ки куллан фарқ доранд, мавҷуд намебошад.

Илова бар ин, дар раванди фаъолияти қонунгузории ҳар ду кишвар таҷрибаи хориҷиро дар робита ба манфиатҳои худ, бо дарназардошти натиҷаҳои марҳилаи ибтидоии ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва ғайра бомуваффақият татбиқ мекунанд. Аз ин рӯ, дар низоми қонунгузории рақобати Русия ва Тоҷикистон унсурҳои модели қонунгузории амрикоӣ ва аврупоӣ, низ дида мешавад.

Аввалан, низоми қонунгузории ҳар ду кишвар назорат, тафтиш ва танзими ҳуқуқии фаъолияти инҳисориро тавассути татбиқи қоидаҳои мушаххас муайян мекунанд. Баъдан, шумораи зиёди меъёрҳои қонунгузорӣ бевосита ба рафъи рақобати бевиҷдонона равона гардида, дар мавриди зарурат ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашидани гунаҳкорон, низ нигаронида шудаанд.

Дар баробари ин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи рақобат” ҳолати рушди иқтисодиёти кишварро тавассути Қонуни мазкур чунин муқаррар кардааст. Аз ҷумла, мазмуни моддаи 15 “Бозорҳои танзимшаванда» бо номи бозорҳои молӣ маъруфанд, ки дар он ҷо танзими давлатии нархи баъзе молҳо, корҳо, хизматрасониҳо ҷорӣ карда мешавад [6]. Назорати дахлдор аз болои вазъи ин бозорҳо ба зиммаи мақомоти давлатии зиддиинҳисорӣ гузошта шудааст.

Ба андешаи мо, дар қонунгузории рақобат унсурҳои хосе мавҷуданд, ки дар он самтҳои асосии фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатиро ба қабули уҳдадориҳои зарурӣ муайян менамояд, то ки рақобати солимро таъмин намуда фаъолияти инҳисориро махдуд намоянд.

Дар мавриди ҷазо барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, қонунҳои ҳар ду кишвар ба ҳам монанданд. Нисбат ба шахсони гунаҳкор чун қоида чораҳои ҷавобгарии маъмурӣ татбиқ карда мешаванд. Масалан, дар қонунгузории Федератсияи Русия унсурҳои чораҳои зиддиинҳисорӣ, гарчанде бидуни ягон қонуни алоҳида, дар қисматҳои гуногуни боби 14 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Федератсияи Русия [7] "Ҷавобгарии маъмурӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ва фаъолияти ташкилотҳои худтанзимкунӣ" оварда шуда бошад. Ҷавобгарии маъмурӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар боби 30 ҳамчун “Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи қонунгузории зиддиинҳисорӣ” муқаррар гардидааст [8].

Муқаррароти ҳар ду кодекс аз ҷиҳати мазмун ва сохтор ба якдигар шабоҳатҳои бисёре доранд.

Дар ҳар ду кодекс аз нуқтаи назари техникаи қонунгузорӣ барои татбиқи меъёрҳои он ва ҳифзи манфиатҳои ҷомеа дуруст банду баст шудаанд.

Масъалаи муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои маҳдуд намудани рақобат ва фаъолияти зиддинҳисорӣ, низ дар қонунгузории ҷиноятии ҳар ду кишвар қариб як хел муайян шудааст, масалан, дар моддаи 178 Кодекси ҷиноятии Федератсияи

Русия “Маҳдудияти рақобат” [9] ва м. 273 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Кирдори инҳисорӣ (монополистӣ) ва маҳдуд кардани рақобат” [10] муқаррар гардидаанд.

Метавон иддао кард, ки гарчанде ки хеле баҳснок бошад ҳам, раванди объективии ташаккули муносибатҳои бозаргонӣ ба он мусоидат кард, ки дар низомҳои ҳуқуқии Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи мустақили ҳуқуқи рақобат устувор ва ниҳоят ташаккул ёфт, ки омили муҳимми ба эътидол овардани равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ мебошад.

Ин соҳаи ҳуқуқ муқаррароти махсуси худро дорад, ки дар онҳо усулҳои таъсири ҳуқуқӣ нақши муҳим доранд. Дар ҳамин ҳол, мақомоти зиддиинҳисории Русия ва Тоҷикистон, ки дорои таҷрибаи бой ҳастанд, дар фаъолияти худ, пеш аз ҳама, пешгирии қонуншиканиро дар самти мазкур, амалӣ менамоянд. Илова бар ин, дар шароити муайяне, ки қонунгузории мазкури дар ҳар ду кишвар нав мебошад, аз ин лиҳоз вобаста ба пешрафти ҷомеа дар такмилу ташаккули он, истифода аз таҷрибаи ҳарду кишвар аз манфиат холӣ намебошад.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки мавқеи муҳимро дар танзими ҳуқуқии зиддинҳисорӣ созишномаҳои байналмилалӣ бо иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон, низ ишғол менамоянд. Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсияи Парижро оид ба ҳифзи моликияти саноатӣ эътироф намудааст, инчунин, дар доираи ИДМ Созишнома «Оид ба принсипҳои наздик намудани қонунгузории хоҷагӣ» аз 9 октябри соли 1992, Созишнома «Оид ба мувофиқат намудани сиёсати зиддинҳисорӣ» аз 12 марти соли 1993, Шартнома оид ба гузаронидани сиёсати зиддинҳисории мувофиқшуда аз 25 апрели соли 2000 ба имзо расидаанд. Дар асоси созишномаҳои мазкур давлатҳои узви ИДМ уҳдадоранд, ки фаъолияти худро дар мубориза бар зидди фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдонона ҳамоҳанг созанд.

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки рақобат асоси рушди иқтисодии ҳар як кишвар ба ҳисоб меравад, аз ин рӯ зарур аст, ки барои рушди он фаъолияти ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла, қонунгузор, иҷроия ва судӣ ҳамоҳанг гардида, дар таъмини он саҳми худро гузоранд. Инчунин, ҷалби ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ низ, дар таъмини рақобат зарур шуморида мешавад.

**Адабиёт**


1. Конституция РФ (принята всенародным голосованием 12 декабря 1993 г.) (С учетом поправок, внесенных Законами РФ о поправках к Конституции РФ от 30 декабря 2008 г. № 6-ФКЗ, от 30 декабря 2008 г. № 7-ФКЗ, от 5 февраля 2014 г. № 2-ФКЗ, от 21 июля 2014 г. № 14-ФКЗ) // Российская газета. - 25 декабря 1993. - № 237.
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо раъйпурсии умумихалқӣ 6 ноябри соли 1994 қабул гардидааст // Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2003. - 86 с.).
3. Закон РСФСР № 948-1 «О конкуренции и ограничении монополистической деятельности на товарных рынках» // Ведомости СНД и ВС РФ. - 1991. - № 16. - Ст. 499. (Утратил силу).
4. ФЗ РФ от 23 июня 1999 г. № 117-ФЗ «О защите конкуренции на рынке финансовых услуг» // Собрание законодательства РФ. - 1999. - № 26. - Ст. 3171. (Утратил силу).
5. ФЗ РФ от 26 июля 2006 г. № 135-ФЗ (ред. от 27 декабря 2018 г.) «О защите конкуренции // Собрание законодательства РФ. - 2006. - № 31. (ч. 1). - Ст. 3434.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» аз 30 майи соли 2017, №1417// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2017, № 5, қ. 1, мод. 274.

7. Кодекс Российской Федерации об административных правонарушениях от 30.12.2001 N 195-ФЗ (ред. от 10.07.2023) от 30 декабря 2001 года N 195-ФЗ
8. Кодекс Республики Таджикистан об административных правонарушениях, принят Законом РТ от 31 декабря 2008 г. № 455. (С изм. и доп. по состоянию на 2 января 2019 г.) // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. - 2008. - № 12, ч. 1., ст. 989, ст. 990.
9. Уголовный кодекс Российской Федерации от 19 июня 1996 г. № 63-ФЗ (ред. от 29 мая 2019 г.) // Собрание законодательства РФ. - 1996. - № 25. - Ст. 2954.
10. Уголовный кодекс Республики Таджикистан от 21 мая 1998 г. № 574 (по состоянию на 2 января 2019 г.) //Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. - 1998. - № 9. - Ст. 68; ст.69.
11. Бартошек М. Римское право: Понятия, термины, определения/ Пер. с чеш. - М.: Юрид. лит., 1989. - С.401.
12. Roybould D.M., Firth A. Comparative law of monopolies.-L., 1993. - P.3.
13. Недобросовестная конкуренция. Обзорная информация / / Институт за¬конодательства и сравнительного правоведения при Верховном Совете РФ. Сост. Г.Е. Авилов, Е.И.Каминская. М., 1992. Вып. 11. - С.6.
14. Смит А. Исследование о природе и причине богастатва народов. М., 1993. – С. 175-176.
15. Права на результаты интеллектуальной деятельности: Сб. норм. актов. Сост. В.А. Дозорцев. - М.: Де-Юре, 1994. - 624 с.
16. Рахимов М.З. Правовые проблемы достижения конечного результата предпринимательской деятельности. - Душанбе, 1998. - С. 94.


## СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ КОНКУРЕНТНОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ


**КАРИМОВ АБДУЛХАНОН КАДИМОВИЧ,**
кандидат юридический наук, доцент кафедры
административного права и государственной службы
Академии государственного упраавления при Президенте Республики Тоджикистан,
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С. Носира 33.
Тел.: (+992) 915-25-63-73. E-mail: karimov-ak@mail.ru



*В статье дается краткая историческая характеристика развития конкурентного законодательства в ряде развитых стран. Далее в этой связи поочередно будет рассмотрена законодательная история советского периода и причины принятия соответствующих нормативных правовых актов в сфере конкуренции в Республике Таджикистан и Российской Федерации. В настоящее время в правовой системе как Республики Таджикистан, так и Российской Федерации конкурентное законодательство складывается и развивается как особый институт, обособленный от других отраслей права. Целью новой области законодательства является важное правовое средство противодействия нежелательным явлениям в условиях рыночной экономики и надлежащее обеспечение стабильности экономических процессов.*

*Также в статье анализируются иные особенности данного законодательства Республики Таджикистан в сравнении с законодательством Российской Федерации. При этом в статье рассматриваются и описываются все аспекты конкурса с точки зрения ученых.*

*Новизна исследования заключается в том, что автором проведено комплексное исследование в сравнении законодательства двух стран.*

***Ключевые слова:*** *законодательство, конкуренция, недобросовестная конкуренция, государство, монополия, снабжение, регулирование, контроль, защита, экономика.*

# COMPARATIVE ANALYSIS OF THE COMPETITION LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE RUSSIAN FEDERATION

**KARIMOV ABDULKHANON KADIMOVICH**,
Candidate of Legal Sciences, Associate Professor of the
Department of Administrative Law and Public Service of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, S. Nosir str. 33
Phone: (+992) 915-25-63-73. E-mail: karimov-ak@mail.ru

*The article gives a brief historical characterization of the development of competition law in a number of developed countries. Further, in this regard, the legislative history of the Soviet period and the reasons for the adoption of relevant regulatory legal acts in the field of competition in the Republic of Tajikistan and the Russian Federation will be considered in turn. Currently, in the legal system of both the Republic of Tajikistan and the Russian Federation, competition law is emerging and developing as a special institution separate from other branches of law. The purpose of the new area of legislation is an important legal means of counteracting undesirable phenomena in a market economy and properly ensuring the stability of economic processes.*

*The article also analyzes other features of this legislation of the Republic of Tajikistan in comparison with the legislation of the Russian Federation. At the same time, the article considers and describes all aspects of the competition from the point of view of scientists.*

*The novelty of the study lies in the fact that the author conducted a comprehensive study comparing the legislation of the two countries.*

***Keywords:*** *legislation, competition, unfair competition, government, monopoly, supply, regulation, control, protection, economy.*

УДК: 342

# ВАЗЪИ ҲУҚУҚӢ – КОНСТИТУТСИОНИИ ВАКИЛОН ДАР ДАВЛАТИ ДЕМОКРАТӢ

**ОЛИМЗОДА ДАВЛАТМУРОД АБДУЛХАЙР**,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе кӯч. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 939-37-77-72. E-mail:davlat.olimov.1993@bk.ru

*Дар мақолаи мазкур масъалаҳои вазъи ҳуқуқӣ – конститутсионӣ вакилон дар давлати демократӣ таҳлил гардидааст. Чи тавре, ки маълум аст, муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ мудом дар инкишоф буда, ҳар як давраи инкишофёбӣ талаботи худро пешниҳод менамояд ва онро бо ҳолатҳои мушаххаси нав ба нав пурра месозад. Аз ин рӯ, қонун дар навбати худ бояд набзи ҳаёти ҷамъиятиро ба даст оварда, дархостҳои объективии онро ифода созад ва баҳри ин вазифаҳо хизмат кунад. Дар давлати ҳуқуқбунёд ҳар як падидаи ҳуқуқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии алоҳида баромади иҷтимоӣ дошта, барои иҷрои вазифаҳои муайян, ки барои ҷамъият фоидаоваранд, қабул карда мешаванд. Аз ин рӯ, Тоҷикистони муосир дар худ низоми демократиро ифода месозад, ки дар байни унсурҳои он мавқеи муҳимро ҳокимияти оммавӣ бо падидаҳои худ ишғол менамояд. Дар ҳамаи давлатҳои демократӣ ҳамчун яке аз асосҳои сохтори конститутсионӣ ва институти демократӣ буда, бе мавҷудияти он идоракунии давлат ғайриимкон мебошад. Вазъи ҳуқуқии вакилонро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ, муқаррароти умумӣ ва урфу одатҳои ҳуқуқӣ муайян мекунанд. Мақоми пурраи ҳуқуқии вакилонро маҷмӯи тамоми хислат ва вазифаҳои ӯ шуморидан мумкин аст. Мустақилияти вакилон дар он ифода меёбад, ки ӯ намояндаи халқ буда, аз номи онҳо мустақилона, беғараз намояндагӣ намуда, ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолатро ҳифз менамояд. Вакилони мақомоти намояндагӣ дар фаъолияти худ мустақил буда, дар маҷлисҳо ва муҳокимаҳои масъалаҳои ҷойдошта фикру пешниҳодҳо манзур менамоянд.*

***Калидвожаҳо:*** *вазъ, фаъолият, ҳуқуқ, конститутсия, давлат, низом, шаҳрвандон, намояндагӣ, масъала, озодӣ, демократия, ҷомеаи ҷаҳонӣ, замонӣ муосир, интихоби озод, кафолат, ҳимояи ҳуқуқу озодии инсон, нақш, манфиати давлат, ташкилот, муассиса, қонуният, адолат, қонуни конститутсионӣ, вазифа, таъмини волоият, қаламрав, ҷумҳурӣ, ҳифзи ҳуқуқи иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсат.*

Ҳокимияти намояндагӣ (қонунгузор), ки барои таъмини иҷрои муқаррароти меъёрҳои Конститутсия ва намояндагии халқ пешбинӣ шудааст, як манбаи ягонаи қонунгузорӣ ба шумор меравад.

Дар давлати ҳуқуқбунёд ҳар як падидаи ҳуқуқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии алоҳида баромади иҷтимоӣ дошта, барои иҷрои вазифаҳои муайян, ки барои ҷамъият фоидаоваранд, қабул карда мешаванд. Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар худ низоми демократиро ифода месозад, ки дар байни унсурҳои он мавқеи муҳимро ҳокимияти оммавӣ бо падидаҳои худ ишғол менамояд. Мақомоти давлатӣ бо он мақсад ташкил карда шудааст, ки вай тараққиёти тадриҷии ҷомеаро дар шароити навсозиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъмин намояд»[10,9]. Ин падидаҳои ҳуқуқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии алоҳида ифодагари иродаи давлат ва халқи он ба шумор рафта, дар ҳаёт ҳамчун ҳаракати ҷавобӣ ба талаботи иқтисодӣ-иҷтимоии аҳолӣ баромад мекунад, ки он таҷассумкунандаи мақсадҳои нисбатан беҳтар ва босифаттар ба танзим даровардани муносибатҳои мушаххаси ҷамъиятӣ мебошад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи ҳуқуқии вакилонро пурра ва возеҳ муйаян кардааст. Падидаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва умуман ҳокимияти халқии дар Конститутсия инъикосёфта ба монанди давлати демократӣ (м. 1), ҳокимияти халқӣ (м.

6) ва ба ин монанд дар маҷмӯъ ифодакунандаи пурраҳокимиятии халқро доранд. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки синнашон ба 20 расидааст метавонад, ҳамчун вакил дар сатҳи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот интихоб шавад.

Бояд гуфт, ки ба ақидаи баъзе муҳаққиқон, байни демократия ва ҳокимияти халқӣ алоқаи бевосита ва бавосита (намояндагӣ) мавҷуд аст.

Мақомоти худидораи маҳаллӣ дар ҷомеаи демократӣ чӣ гуна ба вуҷуд меоянд? Агар ба таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон нигарем, ба назар мерасад, ки дар низоми давлатдории онҳо халқ ҳокимияти худро ба ду шакл амалӣ мекунад:

-бевосита (яъне бо роҳи интихоботу раъйпурсӣ);

-ба воситаи мақомоти намояндагӣ;

Аз ин бармеояд, ки мақомоти намояндагӣ яке аз рукнҳои асосии низоми демократӣ буда, дар доираи салоҳияти худ баҳри пешбурди ҷомеа саҳми арзанда мегузорад. Дар шароити муосири рушди кишвар падидаи демократияи намояндагӣ ба сифати унсури асосии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва принсипи муҳимми низоми демократӣ баромад менамояд. Дар заминаи барнома ва стратегияҳо яке аз ҷойҳои асосиро ташаккул додани унсурҳои демократияи намояндагӣ ташкил медиҳад.

Бо дарназардошти неруи иқтисодӣ-молиявӣ, манфиатҳои аҳолӣ, анъана, шароити таърихӣ ва мавқеи ҷуғрофӣ ғайримутамарказ гардонидани ҳокимияти давлатӣ ба рушди демократияи намояндагӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-конститутсионӣ роҳ мекушояд.

Чи тавре, ки Б.С. Гадоев қайд менамояд, бунёди институтҳои асосии демократияи мустақим ва намояндагӣ, ки шаҳрвандонро мустақилияти воқеӣ дар қабули қарорҳо оид ба масъалаҳои аҳамияти маҳаллӣ таъмин менамояд, муайян мекунад. Дар ин ҷо шаклҳои демократияи мустақим ин раъйпурсӣ, интихобот, маҷлисҳои (ҷамъомади) шаҳрвандон, мурочиатҳо, ташаббусҳои маъмули қонунсозӣ, худидоракунии ҷамъиятӣ ва дигар шаклҳое мебошанд, ки қабули қарорҳои асоси мустақиман аз тарафи шаҳрвандон мебошад [9,102-111]. Масалан, Н.С. Бондар вобаста ба вазъи конститутсионии иттиҳоди шаҳрвандон дар фаъолияти дастаҷамъонаашон истилоҳи «озодӣ»-ро истифода бурдааст[7,461].

Вазъи ҳуқуқии вакилонро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ, муқаррароти умумӣ ва урфу одатҳои ҳуқуқӣ муайян мекунанд. Мақоми пурраи ҳуқуқии вакилон маҷмӯи тамоми хислат ва вазифаҳои ӯ шуморидан мумкин аст.

Ҳамин тавр масалан, дар моддаи 67 Конститутсияи Италия омадааст: “Ҳар як аъзои парламент тамоми миллатро намояндагӣ мекунад”. Конститутсияи Ҷумҳурии Федеративии Олмон қайд шудааст, ки “Вакилони Бундестаги Олмон намояндагони тамоми халқанд, ба фармону амрҳо вобаста намебошанд ва танҳо аз руи виҷдони фаъолият мекунанд.” Чунин муқаррарот дар дигар конститутсияҳои Ғарб низ мавҷуданд.

Унсури муҳимми мақоми вакил ё вазъи ҳуқуқии ӯ дар ду мафҳум фаҳмидан мумкин аст: а) дахлнопазирии вакилон; б) мустақилияти вакилон.

Дахлнопазирии вакилон ин як сифати ҳуқуқ ва манфиати қонунии вакил аст, ки аз тарафи давлат барои иҷрои вазифаҳои намояндагии халқ кафолат дода мешавад.

Дар моддаи 51-и Конститутсияи ҶТ оварда шудааст, ки узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон ба амри интихобкунандагон тобеъ набуда, ҳуқуқ дорад фикри худро озодона изҳор намояд, мувофиқи ақидаҳои худ овоз диҳад. Узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон ҳуқуқи дахлнопазирӣ дорад, ӯро ҳабс кардан, дастгир кардан, маҷбуран овардан, кофтуков кардан мумкин нест, ба истиснои дастгир

шуданаш дар ҷойи содиршавии ҷиноят [1]. Инчунин вобаста ба дахлнопазирии вакилон дар моддаи 34-и Қонуни контитутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон” қайд карда шудааст[2].

Узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагонро бе розигии Маҷлиси дахлдор ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ё маъмурӣ кашидан мумкин нест. Дохил шудан ба манзили истиқоматӣ ё утоқи кории узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон, ба нақлиёти шахсӣ ё хизматии ӯ, дар он ҷо гузаронидани кофтуков, ёфта гирифтан, гӯш кардани гуфтугӯи телефонӣ ва дигар сӯҳбатҳои ӯ, кофтукови шахсии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон, инчунин гирифтани мукотибот, молу мулк ва ҳуҷҷатҳои ӯ танҳо бо дархости Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иҷозати суди дахлдор фақат бо иртибот доштан ба парвандаи ҷиноятии оғозгардида нисбат ба узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон сурат гирифта метавонад.

Мустақилияти вакилон дар он ифода меёбад, ки ӯ намояндаи халқ буда ва аз номи онҳо мустақилона, беғараз намояндагӣ намуда ҳуқуқ, озодии инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолатро ҳифз менамояд. Вакилони мақомоти намояндагӣ дар фаъолияти худ мустақил, буда дар маҷлисҳо ва муҳокимаҳои масъалаҳои ҷойдошта фикру пешниҳодҳо манзур менамоянд.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ муносибати ягона оид ба мафҳуми ягонаи ҳокимияти намояндагӣ ба таври пурра таҳия нашудааст. Дар ин росто А.Т. Карасев қайд менамояд, ки ҳокимияти намояндагиро ҳокимияти аз номи халқ ё қисми он таъсисшуда ё аз ҷониби халқ интихобшударо меноманд, ки дар асоси ваколатҳояшон фаъолият менамоянд [16,13].

Бо назардошти масъалаҳои масъулияти конститутсионӣ-ҳуқуқии вакилони парлумон бояд гуфт, ки намояндагӣ муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки дар он як шахс (намоянда) дар асоси ваколатҳои худ аз номи шахси дигар (намоянда) амал карда, бевосита тағйир додан, катъ кардан) аз рӯи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худ мебошад [8,31]. Чи таре, ки Н.А.Богданова қайд менамояд, ба зарурати дохил намудани меъёрҳои масъулият ба мақоми конститутсионӣ-ҳуқуқии субъекти алоҳидаи муносибатҳои конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ ишора мекунад [6,77-78]. А.С.Хачатрян муҷозоти (тадбирҳои) масъулияти конститутсионӣ -ҳуқуқии вакилони давлат ва аъзои Шӯрои ФР -ро тавассути тақсимоти намудҳои зерини масъулияти конститутсионӣ - ҳуқуқӣ баррасӣ мекунад: а) масъулияти конститутсионӣ-ҳуқуқии вакилони парламент, Маҷлиси Федералии ФР, дар назди интихобкунандагон; б) масъулияти конститутсионӣ – ҳуқуқии вакилон дар назди давлат [17,31].

Чи тавре, ки А.Т. Карасев қайд менамояд бо таҳлили равишҳои гуногуни муайян кардани мазмуни мафҳумҳои «иммунитет» ва «имтиёз» ба чунин хулоса меояд, ки категорияи дахлнопазирии вакилон ду маъно дорад: а) ба маънои васеи калима бомасъулиятии вакилон нисбат ба фаъолияти парламент дахлнопазириро дар бар мегирад; б) ба маънои маҳдуд мафҳумҳои «иммунитет» ва «имтиёз» якхела ҳисоб мешаванд [16,174].

Фаъолияти вакилон дар айни замон бо фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, ки бо ин ё он тарз мавқеи вакилонро дар иҷрои вазифаҳои бевоситаи худ муайян мекунанд, зич алоқаманд аст. Ҳамзамон С. Авакян иброз медорад, ки дар асл мардум танҳо як имкони таъсиррасонӣ ба ҳукуматро доранд - интихоби баъзе аз мақомоти давлатӣ бо роҳҳои дигар вуҷуд надорад [5,29].

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи баррасии чораҳои масъулияти конститутсионӣ - ҳуқуқии вакилон метавон қайд кард, ки: 1). Масъулияти конститутсионӣ - ҳуқуқии унсури вазъи ҳуқуқии онҳо мебошад; 2). Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар намудани меъёрҳои дахлнопазирии вакилони парлумон воситаи таъмини бемайлон ва бемамониат амалӣ шудани фаъолияти онҳо мебошад; 3). Масъулияти вакилонро аз имконияти мустақилона қабули қарор ва овоздиҳӣ нишон медиҳад.

Олими хориҷӣ А.В Илин дуруст қайд мекунад, овоздиҳии умумихалқӣ иродаи мардумро ифода мекунад [12,70]. Ҳамин тавр, имтиёзҳои асосии парлумонӣ дахлнопазирии ӯ ва овоздиҳӣ дар парламент мебошанд. Дигар ҳуқуқҳо, имтиёзҳо ва салоҳиятҳои он ягон мушаххасоти махсус надоранд, зеро як қатор хизматчиёни давлатӣ низ метавонанд, онҳоро соҳиб бошад. Дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ мансубияти халқи комилҳуқуқ ва имконияти ба амал баровардани ҳокимият халқро чи бевосита ва чи ба воситаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ мефаҳманд [4,332]. Ба ҳамин мазмун, ҳокимияти намояндагӣ чунин худидоракунии халқ мебошад, ки вай ба воситаи худи халқ ва мақомотҳои ташкилкардаи онҳо қабул кардани карорҳои умумии ҳатмиро дар назар дорад.

Назарияи муосири демократия ба мо имкон медиҳад, ки хусусиятҳои зерини ҳокимияти халқро ҷудо кунем:

1. Ҳокимияти халқ ҳокимияти ҷамъиятӣ буда, хусусиятҳои ба худ хос дорад: а) ба манфиати тамоми халқ ба амал баровarda шуда, мақсади он манфиати ҷамъиятӣ мебошад; б) фазои амалигардонии ҳокимияти халқ ҷамъият ва давлат мебошад; в) ҳокимияти халқ ба тамоми ҷамъият ва ба ҳар як инсон нигаронида шудааст; г) ҳокимияти халқ дастраси ҳама аст ва ҳар як шахс ҳуқуқ дорад дар иҷрои вазифаҳои муайяни ҳокимият иштирок намояд; д) ҳокимиятро умуман халқ, як кисми он, ки дар ҳудуди дахлдор истиқомат мекунад, намояндагоне, ки аз тарафи халқ интихоб шудаанд, мақомотҳои ташкилкардаи онҳо, инчунин аз тарафи дигар мақомотҳо амалӣ карда метавонанд; е) тарзу усулҳои боваркунӣ, тарбияи ватандустӣ, ташвиқ, ташкили аҳолӣ; ж) ҳокимият ошкоро ба амал баровarda шуда, тамоми фаъолияти он ҳамовозии оммавӣ дорад.

2. Ҳокимияти намояндагӣ ин ҳокимияти сиёсӣ-ҳуқуқӣ буда, мақсадҳои муайяни сиёсӣ-ҳуқуқиро пеш мегирад: а) он аз ҷониби халқ муйаян карда мешавад; б) амалишавии ҳокимият ба воситаи халқ ташаккул меёбад; в) амалисозии ҳокимият характери муташаккилона ва доимӣ буда, тавассути механизмҳои ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад; г) ба амалисозии ҳокимият шаҳрвандон тавассути иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ таъсир мерасонад.

Ҳокимияти намояндагӣ ҳамеша дар чор шакли асосии худ вуҷуд дорад, ки дар боло номбар шудаанд. Ин чунин маъно дорад, ки ҳокимияти халқ на ҳама вақт ҳокимияти давлатӣ буда, танҳо онро ҷамъиятию сиёсӣ ҳисоб кардан мумкин аст.

Асосҳои назарияи соҳибихтиёрии халқӣ асоси бисёр муқарраroti қонунгузориро ташкил додаанд. Мафҳуми давлати демократӣ бо мафҳумҳои давлати конститутсионӣ-ҳуқуқӣ робитаи ногусастанӣ дорад. Давлати демократӣ бояд ҳам конститутсионӣ ва ҳам қонунӣ бошад.

Демократияи намояндагӣ ин амалигардонии ҳокимият аз ҷониби халқ тавассути мақомоти интихобӣ, ки аз шаҳрвандон намояндагӣ мекунанд ва ҳуқуқи қабули қарорҳое мебошад, ки иродаи интихобкунандагонро ифода мекунанд [13,93]. Демократияи намояндагӣ беҳтарин навъи демократия бушумор рафта, дар ин бобат А.Д.Керимов қайд менамояд, ки демократияи намояндагони мардум бояд ҳокимиятро дар давлат амалӣ созанд, гарчанде дар ҷараёни интихобот аз беҳтаринҳо ба ҳукумат

интихоб мешаванд [14]. Демократияи мустақим ва намояндагӣ ҳам тарафҳои мусбат ва манфии худро доранд. Аз ин рӯ, ҳардуи ин намуди демократия бояд дар давлатҳои демократӣ истифода шаванд.

Асоси назарияи конститутсионӣ-ҳуқуқии парламентаризм дар он аст, ки мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ шакли асосие мебошанд, ки халқ тавассути онҳо соҳибихтиёрии худро амалӣ менамояд[11,71-75]. Вазъи ҳуқуқии вакилонро Конститутсия ва дигар сандҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ танзим менамояд. Қайд намудан зарур аст, ки вакилонро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин намудҳо ҷудо намудан мумкин аст:

- вакили Маҷлиси намояндагон;
- вакили Маҷлисҳои маҳаллӣ (ноҳия, шаҳр , вилоят);
- вакили маҷлисҳои Ҷамоат.

Баъд аз ба даст овардани Истиқлол вазъи ҳуқуқии вакилонро Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи статуси вакили халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 3 ноябри соли 1995 №24 ба танзим медаровард. Баъдан бо рушд кардани низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз соли 1999, Қонуни конститутсиони Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз соли 2001, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ" аз соли 1999, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот" аз соли 2009 вазъи ҳуқуқии вакилонро муйаян ва танзим мекунанд.

Интихоботи вакилон ба ҷамоат умумӣ аст. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсилот ва молу мулк аз синни 18 ҳуқуқи интихоб кардан ва аз синни 20 ҳуқуқи интихоб шудан ба ҷамоатро доранд. Интихобкунандагон дар асоси баробар дар интихобот иштирок мекунанд ва ҳар кадоми онҳо як овоз доранд. Вакилони ҷамоат аз тарафи шаҳрвандон бевосита интихоб карда мешаванд. Овоздиҳӣ дар интихоботи вакилони ҷамоат озод ва пинҳонӣ сурат мегирад. Интихоботи вакилони ҷамоат на дертар аз 40 рӯзи ба охир расидани мӯҳлати ваколати вакилони ҷамоати даъвати амалкунанда бо қарори ҷамоат таъйин карда мешавад. Маблағгузории интихоботи Ҷамоат аз ҳисоби буҷети ҷамоат сурат мегирад [3].

Ҳамин тариқ вазъи ҳукуқӣ – конститутсиони вакилон дар давлати демократӣ дар асоси Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқи муйаян шуда, бо ба даст овардани Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан вазъи ҳуқуқии вакилон муйаян шуда, тибқи қонунгузорӣ аз тарафи давлат ҳифз карда мешавад.

**Адабиёт**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тайироту иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. –Душанбе: «Нашриёти Ганч», 2016. -136.
2. Қонуни конститутсиони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2001, № 7, мод. 517; с. 2003, № 12, (Қонуни конст. ҶТ аз 8.12.2003 № 61, аз 9.12.2004 № 71, аз 25.07.2005 № 106, аз 3.03.2006 № 163, аз 30.07.2007 № 304, аз 26.12.2011 № 795, аз 26.12.2011 № 796, аз 01.08.2012 № 897, аз 23.07.2016 № 1324, аз 18.07.2017 № 1454, аз

17.12.2020 № 1749, аз 25.06.2021 № 1799, аз 08.06.2022 № 1871, аз 19.07.2022 № 1889).
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот” (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, № 7-8, мод. 503; с. 2012, № 4, мод. 277, № 8, мод. 833; с. 2015, №11, мод. 964; Қонунҳои ҶТ аз 30.05.2017 с., №1431; аз 04.04.2019 с., № 1598).
4. Авакьян С. А. Конституционное право России. Т. 1. М., Юрист, 2005. 864с.
5. Авакьян С.А. Конституционализм и публичная власть // Конституционное и муниципальное право. 2013. № 11. С. 29-35.
6. Богданова Н. А. Ответственность в структуре конституционно-правового статуса субъекта конституционного права // Конституционно-правовая ответственность: проблемы России и опыт зарубежных стран / Под ред. С. А. Авакьяна. М., 2001. С. 77-78.
7. Бондарь Н.С. Местное самоуправление и конституционное правосудие: конституционализация муниципальной демократии в России. -М.: Норма, 2009. – 461с.
8. Варлен М.В. Статус парламентария: теоретические проблемы. Монография. М., 2011. 186с.
9. Гадоев Б.С. Моҳияти раъйпурсии маҳаллӣ. Ҳаёти ҳуқуқӣ. № 2 (30) 2020.С.102-111.
10. Диноршоев А.М. Правовое регулирование разделения властей в Республики Таджикистан по Конституции 1994 года. // Государство и право. - 2005. - № 4. - С. 9-22.
11. Данная глава написана на основе материала, представленного Л. И. Спиридоновым в книге «Теория государства и права» М., 1996. С. 71 – 75.
12. Ильин А.В. Импичмент главы государства: историко-теоретические аспекты // Правоведение. 2004. № 5. С. 70-78.
13. Конституционное право России //Курс лекций /Под ред. Ю. Л.Шульженко. М., 2007. С. 93-110.
14. Керимов А. Д. Современное государство: вопросы теории. - М.:норма, 2008. - 144 с.
15. Кондрашев А.А. Теория конституционно-правовой ответственности в Российской Федерации. С. 185-194.
16. Карасев А.Т. Депутат в системе представительной власти (конституционно-правовое исследование): монография. 174с.
17. Хачатрян А.С. Конституционно-правовая ответственность парламентариев Федерального Собрания Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. М., 2011. 31с.
18. Олимзода Д.А. Ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ва изҳори иродаи онҳо дар низоми худидоракунии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмии сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Идоракунии давлатӣ. 2020.-№4/1 (49). -Душанбе, 2021.- С. 70-78.

## ПРАВОВОЙ СТАТУС - КОНСТИТУЦИЯ ДЕПУТАТА В ДЕМОКРАТИЧЕСКОМ ГОСУДАРСТВЕ

**ОЛИМЗОДА ДАВЛАТМУРОД АБДУЛХАЙР,**
кандидат юридических наук, доцент кафедры права и сравнительного правоведения Академии государсвенного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Саид Носира, 33.

Тел.: (+992) 939-37-77-72. E-mail:davlat.olimov.1993@bk.ru.

*В данной статье анализируются вопросы правового конституционного статуса представителей в демократическом государстве. Как известно, общественные отношения и практика правоприменения постоянно развиваются, и каждый период развития предъявляет свои требования и дополняется новыми конкретными ситуациями. Поэтому право, в свою очередь, должно улавливать пульс общественной жизни, выражать ее объективные запросы и служить этим задачам. В правовом государстве каждое правовое явление и отдельные правовые нормы имеют социальное воздействие и принимаются для выполнения определенных полезных для общества задач. Поэтому современный Таджикистан представляет собой демократическую систему, среди элементов которой важное место занимает публичная власть с ее явлениями. Во всех демократических государствах это одна из основ конституционного строя и демократического института, без которого невозможно управление государством. Правовой статус депутатов в Республике Таджикистан определяется Конституцией, конституционными законами, общими положениями и правовыми обычаями. Полным правовым статусом представителя можно считать сумму всех его качеств и обязанностей. Самостоятельность представителя выражается в том, что он является представителем народа и от его имени самостоятельно и самостоятельно защищает права, свободы человека и гражданина, интересы государства, организаций и учреждений, законность и справедливость. Представители представительных органов самостоятельны в своей деятельности и высказывают свое мнение и предложения на собраниях и при обсуждении текущих вопросов.*

***Ключевые слова:*** *ситуация, деятельность, право, конституция, государство, система, граждане, представительство, вопрос, свобода, демократия, международное сообщество, современность, свободный выбор, гарантия, защита прав и свобод человека, роль, интерес государства, организация , институт, законность, правосудие, конституционное право, долг, обеспечение суверенитета, территория, республика, защита социально-экономических прав, политика.*

## LEGAL STATUS - CONSTITUTION OF DEPUTY IN A DEMOCRATIC STATE

**OLIMZODA DAVLATMUROD ABDULKHAIR,**
Candidate of Legal Sciences, Associate Professor of the Department of Law and Comparative Law of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Said Nosir str. 33
Phone: (+992) 939-37-77-72. E-mail:davlat.olimov.1993@bk.ru.

*In this article, the issues of the legal-constitutional status of representatives in a democratic state are analyzed. As it is known, public relations and practice of law enforcement are constantly developing, and each period of development presents its own requirements and complements it with new specific situations. Therefore, the law, in turn, should capture the pulse of public life, express its objective requests and serve these tasks. In the rule-of-law state, each legal phenomenon and separate legal norms have a social impact and are accepted for the performance of certain tasks that are beneficial to society. Therefore, modern Tajikistan represents a democratic system, among the elements of which an important position is occupied by public authority with its phenomena. In all democratic states, it is one of the foundations of the constitutional structure and democratic institution, without which it is impossible to manage the state. The legal status of deputies in the Republic of Tajikistan is determined by the Constitution, constitutional laws, general regulations and legal customs. The full legal status of a representative can be considered as the sum of all his character and duties. The independence of the representatives is expressed in the fact that he is a representative of the people and on their behalf he independently and independently protects the rights, freedom of man and citizen, the interests of the state, organizations and institutions, legality*

*and justice. The representatives of representative bodies are independent in their activities and express their opinions and proposals in meetings and discussions of current issues.*

***Keywords:*** *situation, activity, law, constitution, state, system, citizens, representation, issue, freedom, democracy, international society, modern times, free choice, guarantee, protection of human rights and freedom, role, interest of the state, organization, institution, legitimacy , justice, constitutional law, duty, ensuring sovereignty, territory, republic, protection of socio-economic rights, politics.*

УДК: 342

# НАЗОРАТИ АНДОЗ ДАР НИЗОМИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВӢ

**ТАБАРЗОДА ДАЛЕР РАҲМАТУЛЛО,**
унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кучаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 918-44-44-46. E-mail dalereko@mail.ru

*Назорати андоз дар низоми назорати давлатии молиявӣ ҷои махсусро ишғол намуда, яке аз намудҳои асосии он мебошад. Давлат фаъолияти ҳамаи субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии андозро назорат мекунад, дар ҳоле, ки ин соҳаи назорати давлатӣ бештар баҳснок аст. Инкишофи иқтисоди бозаргонӣ иштироки ками давлатро дар идоракунии иқтисодиёт дар назар дорад. Ин тамоюл ба рушди назорати давлатии молиявӣ, аз ҷумла, ба яке аз самтҳои он – назорати андоз низ таъсир мерасонад. Дар мақола зарурати маҳдуд кардани объект ва предмети назорати андоз фарқ карда шудааст. Муқаррар шудааст, ки объекти назорати андоз на танҳо қонунӣ будани фаъолияти андозсупорандагон, супорандагони боҷҳо ва агентҳои андоз, балки аз ҷониби худи мақомоти андоз иҷрои уҳдадориҳое мебошад, ки қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаашон гузоштааст. Дар доираи тадқиқот хулосаҳо ва пешниҳодҳое, ки барои назарияи ҳуқуқи андоз ва такмили механизми ҳуқуқии татбиқи назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст, асоснок карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *назорати давлатии молиявӣ; истифодаи сарфакоронаи захираҳои молияви; назорати пурраи даромадҳои давлат; назорати андоз; санҷиши қонунӣ; мақсаднок; раванди идоракунӣ; андозсупорандагон; агентҳои андоз.*

Дар шароити кунунии имрӯза дар низоми назорати давлатии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи назорати андоз, баланд бардоштани самаранокии он, дурустии ҳисобкунӣ, пурра ва саривақтии пардохти андоз мавқеи хосаро ишғол намуда, ба санҷиши риояи қонунгузорӣ дар бораи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ нигаронида шудааст. Ин пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки андоз яке аз бахшҳои асосии даромади буҷети Тоҷикистон ба шумор меравад ва на танҳо ба иқтисодиёти мамлакат, балки ба амнияти умумии миллии давлат низ таъсири назаррас мерасонад [25, с.83.].

Вобаста ба ин, аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ амалӣ намудани тадбирҳои самарабахши назоратӣ, аз ҷумла, таъсиси механизми самараноки назорати андози субъектҳои муносибатҳои андоз, ба пур кардани мунтазами маблағҳои низоми буҷетии ҷумҳурӣ мусоидат мекунад.

Назорати давлатии молиявӣ - яке аз функсияҳои асосии ҳар як давлат мебошад, ки онро мақомотҳои ваколатдори давлатӣ мувофиқи салоҳияти муайяншудаи қонун амалӣ мекунанд. Ин назорат, воситаи муҳими қонунӣ ва истифодаи сарфакоронаи захираҳои молиявии давлатиро таъмин менамояд [25, с.83.].

Фаъолияти молиявии давлат, ки ба ташаккул, тақсим ва истифодаи фондҳои маблағҳои пулӣ равона карда шудааст, тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро дар бар мегирад ва ба манфиати тамоми ҷомеа амалӣ карда мешавад. Он шумораи зиёди субъектҳо - мақомоти давлатӣ ва маҳаллии ҳокимият, инчунин шахсони мансабдор, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро дар бар мегирад. Давлат ва ҷомеа манфиатдоранд, ки фаъолияти ҳамаи иштирокчиёни раванди молиявӣ қонунӣ ва самаранок бошанд. Барои санҷидани ин намуди фаъолият назорати молиявӣ ташкил ва амалӣ карда мешавад, ки тавассути он вазифаи назоратӣ амалӣ карда мешаванд [26, с.135.].

Назорати андоз яке аз намудҳои назорати давлатии молиявӣ мебошад, бинобар ин омӯзиш ва таҳқиқи мафҳуми назорати молиявӣ имконият медиҳад, ки хусусиятҳо ва мазмуни асосии назорати андоз, шаклу усулҳо ва намудҳои он муайян карда шавад.

Бояд гуфт, ки то ба имрӯз дар таълимоти ҳуқуқии миллӣ ва қонунгузории кишвар консепсияи ягонаи мафҳуми "назорати давлатии молиявӣ" вуҷуд надорад. Ин мушкилот барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти калон дорад.

Олимони дигар давлатҳо низ ба ин мушкилот таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудаанд. Масалан, ба ақидаи профессори украинӣ Т.А. Коломоец "... набудани як санади ягонаи қонунгузорӣ бахшида ба назорат дар идоракунии давлатӣ боиси баҳо надодани потенсиали назорат дар давлат, мушаххас кардани иштибоҳи он бо мафҳумҳои ҳуқуқии марбута мегардад" [9, с.166.].

Назорати молиявӣ як категорияи мураккаб ва бисёрҷанба буда, аз як тараф, он функсияи идоракунии давлатист, ки дар робита ба он хамчун воситаи амалигардонии сиёсати давлат амал мекунад, аз ҷониби дигар, худи назорати молиявиро метавон ҳамчун як фаъолияти идоракунӣ баррасӣ кард, ки усулҳо, воситаҳо ва шаклҳои амалии худро дорад. Ошкор кардани моҳияти назорат ба баррасии он дар тамоми ҷанбаҳои зуҳури он мусоидат мекунад. Аммо муайян кардани максади он дар ҷамъият муайян кардани робитаи он бо идораи давлатӣ мебошад. Мақсади идоракунии давлатӣ ноил шудан ба тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷомеа, фаъолияте, ки ба таври қатъӣ мутобиқи талаботи қонун, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар шудаанд, сохта мешаванд. Барои ноил шудан ба ин мақсад давлат назоратро дар соҳаҳо ва самтҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар соҳаи молия ва андоз дар ҷараёни фаъолияти молиявӣ ташкил мекунад.

Дар илми муосири ҳуқуқшиносӣ мафҳуми назорати давлатии молиявӣ ба таври анъанавӣ аз ду мавқеъ баррасӣ карда мешавад - ҳуқуқӣ (ҳамчун яке аз унсурҳои консептуалӣ ва категориявӣ) ва иқтисодӣ (ҳамчун яке аз функсияҳои асосӣ ва комилан зарурии давлат ва мақомоти салоҳиятдори он). Бояд қайд кард, ки дар доктринаи ҳуқуқии Россия, дар муқоиса бо илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон, институти назорати давлатии молиявӣ аллакай хуб омӯхта шудааст, таҳлили нуктаи назари олимон, гурӯҳбандии андешаҳои онҳо нисбати категорияи назорати давлатии молиявӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ борҳо оварда шудааст.

И.Б. Лагутин қайд мекунад, ки категорияи "назорати давлатии молиявӣ " ҳам дар илми иқтисодӣ ва ҳам ҳуқуқшиносӣ аз қадим вуҷуд дошт" [17, с.57.].

Ба андешаи олимон-иқтисоддонҳо ҳадафи асосии назорати давлатии молиявӣ мусоидат намудан ба татбиқи бомуваффақияти сиёсати молиявии давлат дар раванди ташаккул ва истифодаи маблағҳои барои иҷрои вазифаҳои давлат зарур мебошад. Ба андешаи М.В. Романовский ва О.В. Врублевская, назорати давлатии молиявӣ унсури муҳимми идоракунии молияи давлатӣ ва шарти ҳатмии фаъолияти пурсамари низоми молиявӣ ва умуман иқтисодиёти мамлакат мебошад [19, с.343.].

Дигар олими иқтисодчӣ Д.А. Аллахвердян назорати молиявиро чун чузъи таркибии назорати давлатӣ, унсури тамоми низоми идоракунии иқтисодиёт ва накшаи муайян меҳисобад [1, с.16.].

Дар муддати тӯлонӣ, тахти мафҳуми назорати молиявӣ фаъолият вобаста ба тафтиши суратҳисобҳо ва назорати пурраи даромадҳои давлат фаҳмида мешуд. Аммо, тадриҷан ин мафҳум васеътар тафсир карда шуданро сар кард.

То имрӯз ягон таърифи меъёрии мафҳуми "назорати молиявӣ" мавҷуд нест. Ҳамзамон, дар илми ҳуқуқи молиявӣ мафҳумҳои гуногуни назорати молиявӣ дода шудаанд, ки муаллифони онҳо ҷанбаҳои гуногуни онро қайд мекунанд, ба мисли:

- як навъ назорати давлатӣ;
- муҳимтарин василаи таъмини волоияти қонун дар фаъолияти молиявию хоҷагӣ [33.].
- усули махсуси таъмини қонуният дар қонунгузории молиявӣ, ки дар тамоми марҳилаҳои фаъолияти молиявӣ амалӣ карда мешавад; [8, с.131.].
- қисми таркибии фаъолияти молиявии давлат;
- соҳаи махсуси назорат, ки дар кишвар амалӣ карда мешавад; [32, с.139.].
- яке аз намудҳои фаъолияти молиявии давлат; [34, с.107.].
- унсури фаъолияти молиявии давлат; [28].
- институти ҳуқуқи молиявӣ; [3].
- фаъолияти мақомот ва ташкилотҳои ваколатдори давлатӣ оид ба риояи волоияти қонун дар ҷараёни ҷамъоварӣ, тақсим ва истифодаи маблағҳои давлатӣ ва маҳаллӣ бо мақсади татбиқи сиёсати самарабахши молиявӣ дар ҷомеа ҷиҳати таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон [24].

Чуноне ки Ҷ.Ю. Рустамзода дар таҳқиқоти қайд менамояд, дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва дигар қонунҳо муқаррароти мафҳуми “назорати давлатии молиявӣ” вуҷуд надорад, дар ҳоле ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ин масъала қонуни махсус - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 2 декабри соли 2002 қабул шудааст [25, с.83.].

Ба назари мо, беҳтарин мафҳуми назорати молиявиро Ҷ.Ю. Рустамзода пешниҳод намудааст, ки тибқи ақидаи он “Назорати давлатии молиявӣ – навъи махсуси фаъолияти идоракунӣ ва дар як вақт функсияи алоҳидаи давлатӣ мебошад, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дигар мақомотҳои ваколатдори давлатие, ки санҷишу тафтишҳоро бо мақсади мутобиқати қонунгузории молиявӣ – буҷетӣ, оид ба ноил шудан ба волоияти қонун, саривақтӣ, мақсаднокӣ ва самаранокии ташаккул, тақсим ва истифодаи фондҳои маблағҳои пулӣ ва дигар захираҳои молиявӣ амалӣ мекунанд, мебошад” [27, С.36.].

Нуқтаи назари анъанавӣ ин аст, ки назорати молиявӣ институти ҳуқуқи молиявӣ буда, меъёрҳои он ба қисмҳои умумӣ ва махсуси ҳуқуқи молиявӣ дахл доранд. Чунин нуқтаи назарро метавон дар таҳқиқотҳои олимони ватанию хориҷӣ ба монанди Ҷ.Ю. Рустамзода [27, с.36.], О.Н. Горбунова [5, с.142.], Е.Ю. Грачёва [35, с.67.], Э.Д. Соколова, С.А. Савостьянова [29, с.5.], Т.В. Конюхова [10, с.17.], А.А. Ялбуланов [38, с.158.] ва ғайра пайдо намуд.

Е.Ю. Грачёва қайд мекунад, ки вақтҳои охир дар илми ҳуқуқи молиявӣ дар мавзӯи назорати молиявӣ ҳамчун институти ҳуқуқи молиявӣ оид ба қисми умумии ҳуқуқи молиявӣ сухан рондан одат шудааст. Ҳамчунин, ӯ қайд мекунад, ки назорати молиявӣ ҳамчун зерсоҳаи ҳуқуқи молиявӣ ба хисоб меравад [4].

Таҳлили нуқтаҳои назари овардашуда оид ба мавқеи назорати молиявӣ дар низоми ҳуқуқи молиявӣ ҳамчун як соҳаи ҳуқуқ имкон медиҳад, ки дар бораи мавқеи назорати андоз дар низоми ҳуқуқи молиявӣ сухан ронем. Мувофиқи нуқтаи назари

умумии эътирофшуда, назорати андоз мавзуи алоҳидаи ҳуқуқи андозро ташкил медиҳад. Худи ҳуқуқи андоз бошад, ҳамчун зерсоҳаи ҳуқуқи молиявӣ баромад мекунад. Пас, аз ин нигоҳи назар, назорати андозро метавон, қисми махсуси назорати молиявӣ - зерсоҳаи ҳуқуқи молиявӣ (қисми махсус) номид.

Бояд гуфт, ки хусусиятҳои алоҳидаи назорати давлатии молиявӣ низ ба назорати андоз хосанд. Тавре ки қаблан дар боло қайд намуда будем, назорати андоз яке аз намуди назорати молиявӣ ба ҳисоб меравад, зеро он вобаста ба ташаккули фондҳои маблағҳои пулӣ ба амал бароварда мешавад.

Тибқи қ. 1 моддаи 41 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844 мафҳуми назорати андоз оварда шудааст, ки тибқи он: "Назорати андозӣ шакли назорати давлатӣ буда, танҳо аз ҷониби мақомоти андоз гузаронида мешавад" [11]. Чунин мафҳуми назорати андоз ба назари мо, на ҳамаи хусусиятҳои хоси онро ошкор мекунад ва ба қадри кифоя мукаммал нест.

Аз сабаби он, ки дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми нисбатан умумии назорати андоз муқаррар карда шудааст, дар адабиёти илмию таълимӣ мафҳумҳои гуногуни назорати андоз ҷой доранд.

Инак, дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳуми «назорати андоз» аз ду ҷиҳат, яъне васеъ ва маҳдуд барраси карда мешавад. Ба маънои васеъ «назорати андоз» тамоми самтҳои фаъолияти мақомоти ваколатдор: бақайдгирии давлатии андозсупорандагон, баҳисобгирии андоз, санҷишҳои андоз, инчунин самтҳои фаъолияти субъектҳои назоратшавандаро вобаста ба пардохти андозҳо фаро мегирад.

Ба андешаи олими рус Т.Ю. Курбатов назорати андоз ба маънои васеъ фаъолияти давлат дар шахси мақомоти ваколатдор (салоҳиятдор) оид ба назорати риояи қонунгузорӣ дар бораи андозҳо ва пардохтҳо аз ҷониби ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии андоз бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунанда мебошад [12, с.23.].

Ба ақидаи А.Ю. Ильин бо маънои васеъ, «Назорати андоз ин назорати давлат аз болои риояи қонунҳои андоз аз ҷониби ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии андоз дар ҳама марҳилаҳои раванди андоз - аз таъсиси андозҳо ва пардохтҳо то қатъи андоз мебошад [2, с.19.].

Бо маънои маҳдуд назорати андоз ҳамчун назорати давлатӣ, ки аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор муаррифӣ мешавад, аз болои қонунӣ ва ба мақсад мувофиқ будани амалҳо дар ҷараёни таъин, супоридан ё ситонидани андозҳо ва пардохтҳо муайян карда мешавад, фаҳмида мешавад.

Ба андешаи мо, назорати андоз ба маънои маҳдуд фаъолияти мақомоти ваколатдор оид ба пешгирӣ, ошкор ва рафъ намудани ҳуқуқвайронкуниҳои аз ҷониби андозсупорандагон, супорандагони боҷҳо ва агентҳои андоз дар ҷараёни санҷишҳои андоз мебошад.

Назорати андоз дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ ҳамчун маҷмӯи тадбирҳои танзими давлатӣ, ки амнияти иқтисодӣ ва риояи манфиатҳои давлатию молиявиро бо мақсади амалӣ намудани сиёсати самараноки молиявии давлатӣ таъмин менамояд шарҳ дода шудааст [20, с.254.].

Олими рус И.И. Кучеров қайд мекунад, ки «Назорати андоз маҷмӯи усулҳо ва воситаҳои бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои таъмини риояи қонунҳои андоз ва мурофиаи андоз муқарраршуда мебошад» [13, с.189.].

М.В. Романовский ва О.В. Рублевская мафҳуми назорати андозро ҳамчун низоми чораҳои санҷиши қонунӣ, мақсаднокӣ ва самаранокии амалҳо оид ба ташаккули фондҳои давлатӣ дар ҳама сатҳҳои идоракунӣ аз нуқтаи назари даромадҳои андоз;

муайян намудани захираҳои зиёди даромадҳои андоз ба буҷет; маҷмуи усул ва воситаҳои аз тарафи мақомот ва идораҳо истифодашаванда, ки иҷрои қонунгузории андоз, дурустии ҳисобу китоб, пурра ва саривақтии ба буҷет ворид шудани андозҳоро таъмин менамоянд [19, с.344.].

Бо дарназардошти нуқтаи зикршудаи олимони рус М.В. Романовский ва О.В. Рублевская метавон назорати андозро ҳамчун низоми чораҳо, ки аз қисматҳои зерин иборатанд номид:

- функсияи идоракунии давлатӣ;
- маҷмӯи усулҳо ва воситаҳои (шаклу усулҳои) аз ҷониби мақомоти андоз истифодашаванда;
- меъёри ҳуқуқӣ - андоз;
- муносибатҳои назорати андоз;
- фаъолияти мақомоти андоз ҳамчун марҳилаи ниҳоии раванди идоракунӣ;
– шаклҳои алоқа, ки ба воситаи онҳо мақомоти андоз дар бораи фаъолияти андозсупоранда маълумоти заруриро мегирад.

Қисмҳои ба ҳам алоқаманди ин низом ба мо имкон медиҳанд, ки назорати андозро ҳамчун механизми ташкилию ҳуқуқӣ баррасӣ кунем, ки бо истифода аз он давлат танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи назорати муносибатҳои андозро бо ёрии меъёрҳои андоз амалӣ менамояд, низоми мақомоти ваколатдорро ба вуҷуд меорад. ки аз номи давлат оид ба назорати риояи конунгузории андоз бо истифода аз шаклу усулҳои махсус фаъолият мебаранд, инчунин барои ҳамкории самарабахши мақомоти ваколатдор ҳам байни худ ва ҳам бо шахсони андозбандишаванда шароит фароҳам меорад.

Бояд қайд намуд, ки барои омӯзиш ва таҳқиқи ҳаматарафаи назорати андоз ҳамчун як намуди назорати давлатии молиявӣ моро мебояд, ки ба ду унсури асосии он низ диққат диҳем. Ин унсурҳо объект ва предмети назорати андоз мебошанд.

Аз сабаби он ки дар илми молия фаҳмиши умумии ин мафҳумҳо вуҷуд надорад, зарурати баррасии муфассалтар ба миён омадааст.

Барои ҷудо кардани объект ва предмети назорати андоз, пеш аз ҳама, объект ва предмети назорати молияviро муайян кардан лозим аст, зеро назорати молиявӣ ва назорати андоз дар маҷмуъ ба ҳам алоқаманданд.

Дар шакли умумии худ объект чизест, ки метавонад бевосита ба вай таъсир расонид. Дар луғати тоҷикӣ-русӣ мафҳум “объект” он чи, ки берун аз мо ва новобаста ба шуури мо вуҷуд дорад оварда шудааст [18]. Мафҳуми “предмет” бошад ҳамчун чиз, ашё, мавзуъ, фан, матлаб, мақсад ва ғайра тафсир карда шудааст.

Дар луғати забони русии С.И. Ожегов мафҳуми «предмет» падидае, ки фаъолияти кас ба он нигаронида шудааст ва предмет бошад, ҳар як ҳодисаи моддӣ, ашё шарҳ дода шудааст [23.].

Ба андешаи А.Д. Ғафурзода ва Ҷ.Ю. Рустамзода объекти назорати молиявӣ муносибатҳои пулӣ мебошанд, ки ҳангоми ташаккул ва истифодаи захираҳои молиявӣ дар истеҳсолоти моддӣ ва соҳаи ғайриистеҳсолӣ, дар ҳама звеноҳои низоми молиявӣ ба вуҷуд меоянд [7, с.109.].

Ба ақидаи Е.Ю. Грачева объекти назорати молиявӣ марҳилаҳои ташаккули фондҳои пулӣ ва истифодаи онҳо мебошад, ки тақсимоти арзиши маҳсулоти ҷамъиятӣ ё тақсимоти онро дар шакли натуралӣ-моддӣ ё аз руйи арзиш ифода мекунад [6, с.15.].

Ба андешаи О.Н. Горбунова объекти назорати молиявӣ муносибатҳои пулие мебошанд, ки дар натиҷаи ташаккул ва истифодаи захираҳои молиявӣ дар истеҳсолоти

моддӣ ва соҳаи ғайриистеҳсолӣ, дар ҳамаи звеноҳои низоми молиявӣ ба вуҷуд меоянд, мебошад [36, с.46.].

Ба андешаи олими дигар А.С. Селиванов объекти назорати молиявӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ ва равандҳои ташаккул, тақсимот ва истифодаи захираҳои моддии давлат мебошанд, ки дар муомилоти гуногуни молиявӣ ифода меёбанд [30, с.30.].

Дар хусуси предмети (мавзуъи) назорати молиявӣ бошад, мо бо андешаи А.Д. Ғафурзода ва Ҷ.Ю. Рустамзода розӣ мебошем, зеро онҳо шарҳи асосноккардашударо пешниҳод намудаанд, ки тибқи ақидаи онҳо предмети назорати молиявӣ ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии андоз, ҳисоботи молиявӣ, сметаи буҷетии муассисаҳои давлатӣ, сметаи даромад ва хароҷотҳо, эъломияҳои андоз, амалиёт бо маблағҳои буҷет, бонкӣ, асъор, амалиёти хазинавӣ, нақшаҳои бизнес ва ғайра мебошанд [7, с.109.].

Вобаста ба объект ва предмети (мавзуи) назорати андоз вазъият низ норавшан аст ва бояд муфассал баррасӣ карда шавад.

Инак, дар адабиёти ҳуқуқи андозӣ ватанӣ мафҳуми объекти назорати андоз ҳамчун муносибатҳои гуногуни пулии дорои хусусияти ҷамъиятие, ки дар ҷараёни ситонидани андозҳо (дигар пардохтҳои ҳатмӣ) ва ба ҷавобгарӣ кашидани ҳуқуқвайронкунандагони қонунгузории андоз ба вуҷуд меоянд, оварда шудааст [20, с.254.].

Ба ақидаи баъзе муаллифон, объекти назорати андоз ташкилотҳое мебошанд, ки нисбат ба онҳо фаъолияти назорати андоз гузаронда мешавад [30, с.30.].

Ба ақидаи Ю.А. Крохина объекти назорати андоз ҳаракати маблағҳо дар марҳилаи ҷамъ кардани маблағҳои пулии давлатӣ, инчунин захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва дигар захираҳои андозсупорандагон мебошанд [22, с.310.].

Олими дигар А.С. Кормилитсин чунин мешуморад, ки объекти назорати андоз амалии (беамалии) андозсупорандагон, агентҳои андоз, супорандагони боҷ ва шахсони дигар оид ба супоридани (нигоҳ доштани) андоз ва пардохтҳо, инчунин иҷрои дигар уҳдадориҳои пешбининамудаи қонунгузории андоз, ки аз нуқтаи назари конунӣ, эътимоднокӣ ва саривақт будани онҳо баҳо дода мешавад [14, с.31.].

Ақидаи М.В. Кустова ба нуқтаи назари А.С. Кормилитсин ҳамонанд мебошад, ки тибқи он объекти назорати андоз рафтори андозсупоранда мебошад, ки ба риояи талаботи муқарраршуда оид ба пур кардани эъломияҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои андоз нигаронида шудааст, яъне рафтори субъектҳо, ки ба таъмини тартиби муқарраршудаи идоракунӣ дар соҳаи андоз равона гардидааст [15, с.31.].

Бояд гуфт, ки доир ба мафҳуми баррасишаванда дигар ақидаҳо низ мавҷуд аст. Масалан, И.И. Кучеров объекти назорати андозро як навъ муносибатҳои пулии дорои характери оммавие муайян кардааст, ки ҳангоми ситонидани андозу хироҷҳо ва ба ҷавобгарӣ кашидани ҳуқуқвайронкунандагони қонунгузории андоз ба миён меоянд, арзёби намудааст [16, с.236.].

Объекти назорати андоз дар дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ ҳамчун сари вақт ва пурраи иҷро шудани вазифаҳои марбут ба масъалаҳои андози андозсупорандагон (агентҳои андоз), уҳдадориҳои андозӣ нисбат ба давлат, шарҳ дода шудааст [20, С.254.].

Ҳамзамон, дар адабиёти дигари ватанӣ объекти назорати андоз, чун анвои муносибати пули ҷанбаи ошкоро дошта, ки дар ҷараёни гирифтани андозҳо, боҷҳо ва ба ҷавобгарӣ кашидани вайронкунандагони қонуни андоз ба миён меоянд, муайян карда шудааст [37, с.253.].

Чи тавре, ки аз омӯзиши нуктаҳои назари олимони зикргардида оиди мафҳуми объекти назорати андоз маълум гардид, ба ҳамдигар мухолиф нестанд, аммо таърифи объекти назорати андоз, ки аз тарафи А.С. Кормилитсин пешниҳод шудааст, ба андешаи мо асоснoктар мебошад. Зеро он ҳам амалии (беамалии) андозсупорандагон, агентҳои андоз, супорандагони боҷ ва шахсони дигарро, инчунин иҷрои уҳдадориҳои пешбининамудаи қонунгузории андоз аз нуқтаи назари конунӣ, эътимоднокӣ ва саривақт будани онҳо баҳо дода шудааст.

Ҳангоми гузаронидани назорати андоз аз ҷониби андозсупорандагон, супорандагони боҷҳо, агентҳои андоз ва дигар субъектҳои уҳдадоркунандаи қонунгузории андоз оиди риояи қонунгузорӣ дар бораи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ тафтиш карда мешавад. Дар баробари ин бояд қайд намуд, ки ба доираи объектҳои назорати андоз дохил намудани на танҳо тафтиши аз ҷониби шахсони санҷидашуда иҷрои вазифаҳое, ки қонунгузории андоз ба зиммаашон гузоштааст, балки аз ҷониби худи мақомоти андоз низ уҳдадориҳое, ки қонунгузории андоз ба зиммаи онҳо гузоштааст, мақсаднок мебошад. Ба доираи объектҳои назорати андоз дохил намудани тафтиши иҷрои уҳдадориҳои ба зиммаи онҳо гузошташуда аз ҷониби мақомоти андоз ба таъмини риояи принсипи масъулияти тарафайни давлат ва андозсупорандагон нигаронида шудааст.

Ҳамин тариқ, тибқи бандҳои 2 ва 5 моддаи 117 Кодекси андози ҶТ мақоми андоз уҳдадор аст, ки ҳангоми баррасии аризаи хаттии андозсупоранда оид ба баргардонидани маблағи андози барзиёд пардохтшуда, дар муддати 10 рӯз пас аз рӯзи ворид гардидани ариза хулосаи асоснок тартиб дода, дар бораи рад кардани ба ҳисоб гирифтан ё баргардонидани маблағ дар давоми 3 рӯзи тақвимӣ аз рӯзи қабул кардани чунин хулоса андозсупорандаро огоҳ намояд.

Риоя накардани ин уҳдадори боиси вайрон шудани ҳуқуқи андозсупоранда мегардад. Муқаррар намудани далели барзиёд супоридани андоз ҳам аз ҷониби худи андозсупоранда ва ҳам аз ҷониби мақомоти андоз тавассути татбиқи тадбирҳои назорати андоз амалӣ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, объекти назорати андоз на танҳо қонунӣ будани фаъолияти андозсупорандагон, супорандагони боҷҳо, агентҳои андоз ва дигар шахсони санҷидашаванда, балки аз ҷониби мақомоти андоз иҷрои уҳдадориҳое, ки қонунгузории андоз ба зиммаашон гузоштааст, иборат мебошад.

Вобаста ба предмети (мавзӯи) назорати андоз низ ду нуқтаи назари олимони соҳа вуҷуд дорад, ки баррасии онҳо аз манфиат холӣ нест. Мувофиқи нуқтаи назари аввал (А.В. Брызгалин, М.В. Карасева, Ю.А. Крохина, О.А. Погина) предмети назорати андоз муомилоти асъорию кассавӣ, сметаҳои корхонаҳо, эъломияҳои андоз, истифодаи имтиёзҳои андоз, ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ, интиқолдиҳандагони васоити рақамӣ мебошад. Нуқтаи назари дуюм (И.А.Кацюба, И.И.Кучеров, Л.П.Павлова, С.Г. Пепеляев) ин аст, ки предмети назорати андоз саривақтӣ, пуррагӣ, қонунӣ, эътимоднокӣ, асоснокӣ, мақсаднокӣ, самаранокӣ, оптималӣ дар иҷрои уҳдадориҳои андоз мебошад [31, С.91.].

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки назорати андоз воқеан яке аз намудҳои назорати давлатии молиявӣ ҳамчун институти алоҳидаи ҳуқуқи молиявӣ баромад менамояд ва аз ҷиҳати мазмунан ба мафҳуми назорати давлатии молиявӣ ҳаммонананд, гарчанде ки баъзе хусусиятҳои ба худ хосро доро мебошанд.

Ба андешаи мо, назорати андоз, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим карда мешавад, маҷмӯи чорабиниҳое, ки мақомоти андоз бо мақсади тафтиши дурустии

ҳисоб кардан, пурра ва саривақтии пардохт намудани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ мебошад.

Ба андешаи мо, мафҳуми назорати андоз, ки қ. 1 моддаи 41-и Кодекси андози ҶТ пешбинӣ намудааст, ба қадри кофӣ мукаммал нест ва аз ин рӯ, зарур мешуморем, ки ба Кодекси андози ҶТ тағйирот ворид карда, мафҳуми зерини назорати андоз муқаррар карда шавад: «Назорати андоз – ин фаъолияти давлат дар шахси мақомоти ваколатдори (салоҳиятдори) он оид ба таъмини қонуният, дурустии ҳисоб кардан, пурра ва саривақт пардохт (интиқол) намудани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба фондҳои пулии давлатӣ бо мақсади амалӣ намудани вазифаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва функсияи идоракунии давлат ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, бо истифодаи шаклу усулҳои мушаххаси таъсиррасонӣ ба андозсупорандагон ва дигар шахсони уҳдадор, ки тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад».

**Адабиёт**


1. Аллахвердян Д.А. Финансы и социалистическое воспроизводство. М.: Финансы, 1971. С.116.
2. Административная юрисдикция налоговых органов : учебник / под ред. М.А. Лапиной. М. : ВГНА Минфина России, 2012. С. 19.
3. Бельский К.С. Финансовое право. М., 1994. С. 17.
4. Грачева Е.Ю., Соколова Э. Д. Финансовое право. М. : Новый юрист, 1998.
5. Горбунова О. Н. Избранное. М. : Российский государственный университет правосудия, 2017. С. 149.
6. Грачева Е.Ю. Проблемы правового регулирования государственного финансового контроля. М.: Юриспруденция, 2000. С. 15.
7. Ғафурзода А.Д., Рустамзода Ҷ.Ю. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе: Матбааи АИДПҶТ 2022. – С. 109.
8. Крохина Ю.А. Финансовое право: Учебник. 4-е изд., перераб. и доп. М., 2011. С. 128, 131.
9. Коломоец Т.А. Контроль в сфере государственного управления в Украине: современные тенденции нормативного закрепления и исследования в административно-правовой науке : матер. науч.-практ. конф. // Душанбе : Чопхонаи Дониш, 2017. С. 166.
10. Конюхова Т.В. Система институтов бюджетного права Российской Федерации : дис. … канд. юрид. наук. М., 2012. С. 17.
11. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, № 1844. [Захираи электронӣ] // URL : http : // mmk . tj . (санаи дастрасӣ: 02.06.2023)
12. Курбатов Т.Ю. Правовые формы и методы налогового контроля : дис. … канд. юрид. наук. М., 2015. С. 23.
13. Кучеров И.И. Налоговое право России : курс лекций. М. :ЮрИнфоР, 2001. С. 189.
14. Кормилицын А.С. Объект и предмет налогового контроля, // Административное и муниципальное право. - 2008. - № 5. - С. 1.
15. Кустова Н.В., Ногина О.А., Шевелева Н.А. Налоговое право России: Учебник. М.: Юристъ, 2001. С. 31.
16. Кучеров И.И. Налоговое право России: Курс лекций. Изд. 2-е перераб. и дополн. М.: Центр ЮрИнфоР, 2006. С. 236.
17. Лагутин И.Б. Системность бюджетного контроля и бюджетного аудита в Российской Федерации: финансово-правовое регулирование : дис. … д-ра юрид. наук. М., 2014. С. 57.

18. Луғати тоҷикӣ-русӣ [Захираи электронӣ] // URL http://oftob. com . (санаи дастрасӣ: 02.06.2023).
19. Налоги и налогообложение. 5-е изд. / Под ред. М.В.Романовского, О.В.Врублевской. - Спб.: Питер, 2006. С.343.
20. Налоговое право: учебник. 2-е изд., перераб./ под общ. ред. д-ра юрид. наук, проф. Ш.М. Исмаилова. – Душанбе: Изд-во "ЭР-граф", 2018. С. 254.
21. Налоги и налогообложение. 5-е изд./Под ред. М.В. Романовского, О.В. Врублевской. - Спб.: Питер, 2006. С. 344.
22. Налоговое право России: учебник для вузов / Отв. ред. Ю.А. Крохина. - М.: Норма, 2004. - С. 310.
19. Шишикин, А. А. Внедрение дистанционного электронного голосования в контексте развития электронного правительства в Республике Беларусь / А. А. Шишикин // Информационные технологии и право : Правовая информатизация – 2021 : сб. материалов VII Междунар. науч.-практ. конф., г. Минск, 28 октября 2021 г. / Нац. центр правовой информ. Респ. Беларусь. – Минск : Нац. центр правовой информ. Респ. Беларусь, 2021. – С.448–452.

# ОВОЗДИҲИИ ЭЛЕКТРОНӢ ҲАМЧУН ШАКЛИ ИННОВАТИВИИ ТАМОМИ ҲУҚУКИ ШАҲРВАНДОН ОИД БА ИДОРАКУНИИ КОРҲОИ ДАВЛАТӢ

**КАНДИБО ОЛЬГА МИХАЙЛОВНА,**
аспиранти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии
Донишгоҳи давлатии Белоруссия.
220030, Ҷумҳурии Беларус, Минск, кӯчаи Ленинградская, 8.
E-mail: nirkap@mail.ru

*Дар мақола мафҳум ва моҳияти овоздиҳии электронӣ баррасӣ мешавад. Таърифҳои доктриналии мавҷудаи ин истилоҳ мавриди таҳлил қарор гирифта, таҷрибаи хориҷии истифодаи технологияҳои рақамӣ дар раванди интихобот омӯхта шуда, паҳлӯҳои мусбат ва манфии ин падида қайд гардидааст. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқ имкони ҷорӣ намудани чунин технология дар Ҷумҳурии Белорус асоснок карда шуда, самтҳои имконпазири татбиқи бомуваффақияти ин вазифа пешниҳод шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *интихобот, овоздиҳӣ, овоздиҳии электронӣ, овоздиҳии электронии фосилавӣ, бюллетенҳои электронӣ.*

# ELECTRONIC VOTING AS AN INNOVATIVE FORM OF REALIZING THE RIGHT OF CITIZENS TO MANAGE STATE AFFAIRS

**KANDIBO OLGA MIKHAILOVNA**
Postgraduate Student of the Department of Constitutional Law
of the Belarusian State University
220030, Republic of Belarus, Minsk, 8, Leningradskaya st.
E-mail: nirkap@mail.ru

*The article deals with the concept and essence of electronic voting. The existing doctrinal definitions of this term are analyzed, foreign experience in the use of digital technologies in the electoral process is studied, positive and negative aspects of this phenomenon are noted. Based on the results of the study, the possibility of introducing such technology in the Republic of Belarus is substantiated, and possible directions for the successful implementation of this task are suggested.*

***Keywords:*** *elections, voting, electronic voting, remote electronic voting, electronic ballot.*

**УДК: 342**

# ОИД БА БАЪЗЕ АЗ ТАРЗҲОИ АМАЛИСОЗИИ ВАЗИФА ВА ФУНКСИЯҲОИ МАҚОМОТИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ИЗАТУЛЛОЗОДА ПАЙРАВИ НУСРАТУЛЛО,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 502-02-81-87. Email: payrav-izatullozoda@mail.ru
**РАСУЛОВА ДИЛНОЗА УМАРХОНОВНА,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 000-09-17-78. E-mail: aziza240798@mail.ru

*Мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи мақомоти иҷроия ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб рафта, дар фарқият аз дигар мақомоти ҳокимияти иҷроия мақомоти мазкур тобеъ ва ҳисоботдиҳанда дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Бояд қайд намуд, ки табиати ҳуқуқии мақомоти номбурда гуногун буда, онҳо функсияҳои гуногуни иҷроиявӣ-амрдиҳиро амалӣ менамоянд. Мувофиқан, шакл ва тарзҳои амалӣ намудани вазифа ва функсияҳои ба зиммаи мақомоти мазкур вогузоргардида низ аз якдигар фарқ мекунанд. Бинобар ин, муайян намудани тарзҳои амалисозии ваколат, функсия ва вазифаи мақомоти мазкур аз ҷумлаи мавзуъҳои мубрам ба ҳисоб меравад, ки мақолаи мазкур маҳз ба ҳамин масъала бахшида шудааст.*

*Аз ҷониби муаллифон нисбат ба тарзҳои амалисозии вазифа ва функсияи мақомоти наздипрезидентӣ баҳои илмӣ дода шуда, онҳоро ҳамчун маҷмӯи тарзу воситаҳое, ки аз ҷониби мақомоти мазкур дар доираи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода гардида, ба мақсадҳои ниҳоии худ рафта мерасанд. Яке аз масъалаҳои ҷолибе, ки муаллифон нисбат ба он таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст, ин таснифи тарзҳои амалисозии вазифа ва функсияи мақомоти номбурда мебошад. Таснифи онҳоро пешкаш намуда, муаллифон мазмун ва моҳияти онҳоро бо истифода аз маълумотҳои фаъолияти амалии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намудаанд, ки қобили дастгирӣ мебошанд.*

***Калидвожаҳо:*** *мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мубориза бо ҳуқуқвайронкуниҳо, фаъолияти маъмурӣ-оммавӣ, идоракунии давлатӣ, вазифа ва функсияҳои мақомоти ҳокимияти иҷроия, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, низоми санадҳои дохилиидоравии мақомоти давлатӣ, усулҳои ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ, таъсиррасонии меъёрӣ-ҳуқуқӣ, усули инфиродии таъсиррасонӣ, усулҳои уҳдадоркунанда, ваколатдоркунанда, ҳавасмандкунӣ.*

Бо мақсади амалӣ намудани вазифа, салоҳият, функсия ва расидан ба мақсадҳои худ мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд ҶТ) аз шакл ва усулҳои гуногун истифода менамоянд.

Дар зери мафҳуми шакли амалисозии вазифа ва функсияҳои мақомоти давлатӣ маҷмӯи амалҳое фаҳмида мешавад, ки тавассути онҳо ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, тартиботи ҷамъиятӣ, амнияти давлатӣ ва мубориза бо ҳуқуқвайронкуниҳо таъмин гардида [8, с. 152], оқибатҳои муайяни ҳуқуқиро ба вуҷуд меорад [9, с. 370].

Ба ақидаи мо, шакли амалисозии вазифа ва функсияҳо ин шакли зоҳирии ифода гардидани амалҳои идоракунӣ ё худ шакли зоҳирии амали мақомоти давлатӣ мебошад, ки дар доираи салоҳияти муқаррарнамудаи қонунгузорӣ барои расидан ба ҳадафҳои мақомоти давлатӣ равона гардида, оқибати муайяни ҳуқуқиро ба бор меорад. Аз ин рӯ, дар адабиёти ҳуқуқӣ онро ба таври гуногун ном мебаранд. Гурӯҳе аз мутахассисон

онро ҳамчун шакли амалисозии фаъолияти маъмурӣ-оммавӣ [11, с. 343], гурӯҳи дуюм онро шакли фаъолияти маъмурӣ [8, с. 152] ва иддае аз олимон онро шакли амалҳои идоракунӣ пешниҳод мекунанд [1, с. 339] ва ғайра.

Бояд зикр намуд, ки тавассути шаклҳои муайяни амалисозии фаъолияти маъмурӣ вазифа ва функсияҳои мақомоти ҳокимияти иҷроия амалан сурат гирифта, оқибатҳои муайяни ҳуқуқиро ба бор меоранд.

Қайд намудан зарур аст, ки дар илми ҳуқуқи маъмурӣ шакл ва усулҳо (тарзҳо)-и амалисозии вазифа ва функсияҳои мақомоти ҳокимияти иҷроияро фарқ мекунанд. Усулҳои амалисозии вазифа ва функсияҳои мақомоти ҳокимияти иҷроияро дар илми ҳуқуқи маъмурӣ ба таври гуногун: усулҳои амалисозии идоракунии давлатӣ, усулҳои фаъолияти маъмурӣ-оммавӣ ва ғайра ифода мекунанд.

Ба ақидаи И.П. Голосниченко усулҳои амалисозии идоракунии давлатӣ ин маҷмӯи тарз ва воситаҳои амалисозии вазифа ва функсияҳои мақомоти ҳокимияти иҷроия мебошад [8, с. 200]. Ба андешаи С.И. Захартсев бошад, усулҳои фаъолияти маъмурӣ-оммавӣ – ин маҷмуи тарзу воситаҳои таъсиррасонии маъмурии мақомоти ҳокимияти иҷроияро ба кирдори субъектони муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ миноманд, ки барои расидан ба мақсад, амалисозии вазифа ва функсияҳои идоракунӣ равона гардидаанд [4, с.129]. Усулҳои амалисозии вазифа ва функсияҳои мақомоти ҳокимияти иҷроия ин тарзу усулҳои баамалбарории таъсири ҳокимиятии субъекти идоракунӣ нисбат ба объекти идоракунӣ мебошад [10, с. 89]. Ақидаи дигаре низ мавҷуд аст, ки "усулҳои амалисозии идоракунии давлатӣ ин маҷмӯи тарз ва воситаҳои таъсиррасонии субъекти идоракунӣ нисбат ба объекти идоракунӣ мебошад, ки бо мақсади қабули қарори идоракунӣ ва расидан ба ҳадафҳои гузошташуда равона гардидааст[10, с.144].

Ҳамин тариқ, шакли амалисозии вазифа ва функсияҳои мақомоти ҳокимияти иҷроия маҷмӯи амалҳои идоракуние мебошанд, ки аз салоҳияти мақомоти ҳокимияти иҷроия бармеоянд ва барои амалӣ сохтани вазифа ва функсияи онҳо равона гардидаанд. Усулҳои амалисозии вазифа ва функсияҳои мақомоти ҳокимияти иҷроияро бошанд, тарзу воситаҳоеро ифода мекунанд, ки истифодаи онҳо барои амалӣ гардидани шаклҳои амалисозии фаъолияти маъмурӣ мусоидат менамоянд. Агар шаклҳои амалисозии фаъолияти маъмурӣ ба вазифа ва функсияи мақомоти ҳокимияти иҷроия такя намоянд, пас усулҳои амалисозии вазифа ва функсияҳои мақомоти ҳокимияти иҷроия такя мекунанд ба: 1) низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа; 2) низоми санадҳои дохилиидоравии мақомоти давлатӣ (дастурамалҳо); 3) нақшаҳо, барномаҳо ва вазифаҳои ба нақшагирифташуда; 4) низоми идоракунии фаврӣ [2, с. 109].

Вобаста ба хусусият ва мазмун усулҳои амалисозии вазифа ва функсияҳои мақомоти ҳокимияти иҷроия дорои нишонаҳои зерин мебошанд:

– таъсиррасонии идоракунандаи маъмуриро нисбат ба объекти идоракунӣ инъикос менамояд;

– мансубияти ваколати ҳокимиятиро ба мақомоти идоракунии давлатӣ муайян менамояд;

– амалӣ гардидани мақсад, функсия, ҳалли вазифаи мақомоти идоракунии давлатиро ба бор меорад;

– дар шаклҳои дақиқи амалисозии фаъолияти маъмурӣ инъикос мегарданд;

– интихоби усулҳо аз махсусияти вазъи ҳуқуқии субъект ва махсусияти объекти идорашаванда вобаста мебошад;

– тавассути истифодаи усулҳои амалисозии фаъолияти маъмурӣ мақоми идоракунии давлатӣ амалӣ гардидани салоҳияти ба он додашударо таъмин менамояд;

– усулҳои амалисозии фаъолияти маъмурӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода бурда мешаванд [ 4, с. 129].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ усулҳои амалисозии фаъолияти маъмуриро вобаста ба асосҳои гуногун таснифбандӣ менамоянд.

Вобаста ба шакли фаъолияти мақомоти давлатӣ:

– усулҳои ҳуқуқӣ;

– усулҳои ғайриҳуқуқӣ [5, с. 140].

Вобаста ба самте, ки усулҳои амалисозии вазифа ва функсияҳои мақомоти ҳокимияти иҷроия истифода мегарданд:

– усулҳои фаъолияти маъмурии дохилӣ;

– усулҳои фаъолияти маъмурии берунӣ [11, с. 308].

Вобаста ба доираи шахсон, ки нисбати онҳо таъсиррасонии маъмурӣ-ҳокимиятӣ ба амал баровардa мешавад:

– усулҳои таъсиррасонии меъёрӣ-ҳуқуқӣ;

– усулҳои таъсиррасонии инфиродӣ [16, с. 144].

Вобаста ба соҳаи истифода гардидани усулҳои идоракунӣ:

– усулҳои маъмурӣ (маҷбурсозӣ, санҷиш);

– усулҳои иқтисодӣ (фармоиши давлатӣ, таъсиррасонии хусусияти моддӣ дошта);

– усулҳои иҷтимоӣ-психологӣ (расонидани кӯмак)[10, с. 91].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ба гурӯҳи усулҳои маъмурӣ усулҳои: иҷроиявӣ-амрдиҳӣ, маъмурӣ-ташкилӣ, усули меъёрии таъсиррасонӣ, усули инфиродии таъсиррасонӣ, усулҳои уҳдадоркунанда, ваколатдоркунанда, ҳавасмандкунӣ ва усуҳои тавсиявиро дохил мекунанд[6, с. 82].

Тавре аз вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ бармеояд, мақомоти мазкур бо назардошти мақсад ва хусусияти салоҳияти худ вазифаи гуногунро амалӣ намуда, фаъолияти онҳо самтҳои гуногуни ҳаёти давлатию ҷамъиятиро фаро мегирад. Аз таснифоти мақомоти мазкур бармеояд, ки онҳо вобаста ба шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ, функсия, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ғайра аз якдигар фарқ мекунанд. Аз ин рӯ, усулҳо ё худ тарзҳои амалӣ гардидани вазифа ва функсияи мақомоти назди Президенти ҶТ бо назардошти омилҳои зикргардида гуногун мебошанд. Барои низомнок баррасӣ намудани усулҳои амалӣ намудани вазифа ва функсияи мақомоти назди Президенти ҶТ таснифи онҳоро пешниҳод намудан зарур аст.

1) Вобаста ба хусусияти таъсиррасонии маъмурии мақомоти назди Президенти ҶТ:

– усули маъмурӣ-оммавӣ (қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ);

– усули маъмурӣ-хизматӣ (қабули санадҳои инфиродӣ).

2) Вобаста ба хусусияти функсияи мақомоти назди Президенти ҶТ:

– усули танзими меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи муайянгардидаи фаъолият (қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилиидоравӣ, ки ҳуқуқ ва уҳдадории кормандони мақомоти дахлдорро зимни амалӣ намуди вазифаҳои худ муқаррар менамоянд);

– усули расонидани хизматрасонии давлатӣ (додани иҷозатнома, гузаронидани аттестатсия ва аккредитатсия).

3) Вобаста ба доираи шахсоне, ки таъсиррасонӣ сурат мегирад:

– усули меъёрии маъмурӣ-ҳуқуқӣ;
– усули ҳуқуқтатбиққунии маъмурӣ-ҳуқуқӣ.
4) Вобаста ба хусусияти ҳуқуқӣ:
– усулҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ;
– усулҳои инфиродӣ.
5) Вобаста ба хусусияти таъсиррасонӣ ва оқибати он:
– усули иҷозатдиҳӣ;
– усули шаҳодатномадиҳӣ;
– усули бақайдгирӣ;
– усули мушоҳидавӣ;
– усули маҷбурсозӣ;
– усули маҳдудкунӣ.
6) Вобаста ба мақсади мақомоти назди Президенти ҶТ:
– усули маҳдудсозии маъмурӣ;
– усули маҷбурсозии маъмурӣ;
– усули танзимсозии маъмурӣ;
– усули мушоҳидаи маъмурӣ.

Қайд намудан зарур аст, ки дар таснифоти зерин гарчанде усулҳои амалисозии вазифа ва функсияҳои мақомоти назди Президенти ҶТ ба таври дақиқ пешниҳод гардида бошад, вале онҳо бо якдигар алоқамании зич дошта, баъзан нисбат ба як ҳолати муайян истифодаи якчанд намуди усулҳо ба назар мерасанд. Бо ҳамин мазмун, дар фаъолияти мақомоти назди Президенти ҶТ чунин усулҳо, ки таҷассумгари раванди амалии идоракунии давлатӣ мебошанд, мавриди истифода қарор мегарданд: усули маъмурӣ-амрдиҳӣ, усули маҳдудсозӣ, усули маҷбурсозӣ, усули танзимсозӣ, усули мушоҳидавӣ ва усулҳои иҷтимоӣ-психологӣ.

*Усулҳои маъмурӣ-амрдиҳӣ.* Усулҳои маъмурӣ-амрдиҳӣ аз мақсади мақомоти назди Президенти ҶТ вобастагӣ дошта, маҷмуи чораҳои таъсиррасонии бевоситаи мақомоти назди Президенти ҶТ-ро нисбат ба объектҳои идорашаванда ифода менамояд. Ба ин гурӯҳ усулҳое мансуб мебошад, ки дар таҷрибаи мақомоти назди Президенти ҶТ барои амалӣ намудани вазифа ва функсияи онҳо васеъ истифода мегарданд. Усулҳои маъмурӣ-амрдиҳӣ ба ҳокимияти давлатӣ такя намуда, дар худ усулҳои маҳдудкунӣ, маҷбурсозӣ, танзимсозӣ ва мушоҳидавиро дар бар гирифта, хусусияти ҳатмӣ дошта, тавассути санадҳои ҳуқуқӣ ба расмият дарованда мешаванд. Дар раванди истифодаи усули мазкур функсияҳои ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиққунии мақомоти назди Президенти ҶТ амалӣ гардида, бо қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки ҳуқуқ ва уҳдадории субъектони муносибатҳои дахлдори ҳуқуқиро муқаррар менамоянд, мақомоти назди Президенти ҶТ мақсад ва вазифаҳои худро амалӣ менамоянд.

*Усули маҳдудсозӣ* дар он ифода мегардад, ки мақомоти назди Президенти ҶТ барои амалӣ намудани вазифа ва мақсадҳои худ ҳуқуқ ва озодии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро ба муҳлати муайян маҳдуд месозанд. Масалан, тибқи талаботи б. 4 қ. 1 м. 19 Қонуни ҶТ “Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ” дар ҷараёни тафтиш ва санҷишҳои молиявӣ, амалиётҳои таҳқиқотӣ ва тафтишотӣ ба хазинаҳо, мошинҳои назоратӣ-хазинавии дорои хотираи фискалӣ, бино ва ҷои нигоҳдории ҳуҷҷатҳо, технологияҳои иттилоотӣ, маблағҳои пулӣ ва арзишҳои моддӣ мӯҳр занад. Ин боиси он мегардад, ки ҳуқуқи шахсон барои омаду рафт,

истифодаи таҷҳизотҳои муайян ва ихтиёрдории маблағҳои пулӣ ба муҳлати муайян маҳдуд карда шаванд.

*Усули маҷбурсозӣ* ин усули фаъолияти маъмурии мақомоти назди Президенти ҶТ мебошад, ки барои қатъ намудани фаъолияти зиддиҳуқуқии субъектони инфиродӣ ва ташкилотҳо, таъмини ба ҷавобгарии маъмурӣ ҷалб намудани онҳо ва таъмини иҷрои уҳдадориҳои ба зиммаи онҳо гузошташуда, бо роҳи татбиқи чораҳои маҷбурсозии маъмурӣ мебошад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардад, ки асос барои истифодаи усули мазкур содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои ба зиммаи субъектони инфиродӣ ва ташкилотҳо гузошташуда, итоат накардан ба амри корманди мақомоти давлатӣ аз ҷониби субъектони инфиродӣ ва ташкилотҳо ба ҳисоб меравад[4, с.134]. Усули мазкур дар тарҷибаи мақомоти назди Президенти ҶТ ба таври васеъ истифода мегардад. Масалан, тибқи муқаррароти боби 10 Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ мақомоти назорати маводи нашъаовар дар доираи ваколатҳои худ парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриеро, ки дар м.м. 127 ва 128 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ (м.97); мақомоти хизмати давлатӣ дар доираи ваколатҳои худ парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриеро, ки дар м. 501 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ (м.119); мақомоти омор дар доираи ваколатҳои худ парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриеро, ки дар м.м. 515 ва 516 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ (м.123); мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар доираи ваколатҳои худ парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриеро, ки дар м.м. 658-675 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ (м.131) пешбинӣ гардидаанд, баррасӣ менамоянд. Баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби субъектони алоҳидаи мақомоти назди Президенти ҶТ, ки дар қонунгузорӣ муқаррар гардидааст, сурат мегирад. Масалан, барои баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва таъйини ҷазои маъмурӣ аз номи мақомоти назорати маводи нашъаовар директори Агентӣ, муовинони ӯ, роҳбари сохторҳои минтақавӣ ва байнидоравии Агентӣ ҳуқуқ доранд; барои барраси парвандаи ҳуқуқвайрокунии маъмурии дар м. 515 Кодекси ҳуқуқвайрокунии маъмурии ҶТ директори Агентии омори назди Президенти ҶТ, муовинон, сардорони раёсатҳои Агентӣ дар вилоятҳо, ш. Душанбе, сардорони раёсат, шуъба ва бахшҳои он дар шаҳру ноҳияҳо ҳуқуқ доранд. Барои барраси парвандаи ҳуқуқвайрокунии маъмурии дар м. 516 Кодекси ҳуқуқвайрокунии маъмурии ҶТ директори Агентӣ, муовинон, сардорони раёсатҳои Агентӣ дар вилоятҳо ва ш. Душанбе ҳуқуқ доранд.

Дар мисоли Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти ҶТ гарчанде, мақоми назоратӣ ва баамалбарорандаи хизматрасонии давлатӣ бошад ҳам, ваколати баррасӣ ва ба ҷавобгарии маъмурӣ ҷалб намудани ҳуқуқвайронкунандагонро дар соҳаи фаъолияти худ надорад. Дар б. 2 қ. 7 боби 2 Низомномаи он муқаррар гардидааст, ки дар сурати ошкор намудани қонунвайронкуниҳо аз ҷониби кормандон ва роҳбарияти муассисаҳои таълимӣ ҷиҳати чораандешӣ тибқи меъёрҳои қонунгузории ҶТ дар доираи ваколати худ ба вазорату идораҳои дахлдор пешниҳод манзур менамояд. Ба ақидаи мо, такмили ваколатҳои Агентии мазкур дар ин самт ба мақсад мувофиқ аст.

*Усули танзимсозӣ* – ин маҷмуи тарзу воситаҳои таъсиррасоние мебошад, ки аз мақсад, вазифа ва функсияи мақомоти давлатӣ вобаста буда, бо мақсади амалӣ намудани онҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқиро қабул менамояд, яъне усули танзимсозӣ бо қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва нисбати иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ муқаррар намудани ҳуқуқ, уҳдадорӣ, манъкунӣ ва маҳдудиятҳо мебошад [3, с.53]. Дар

тарҷибаи мақомоти назди Президенти ҶТ ба назар мерасад, ки аз ҷониби роҳбари мақомоти мазкур барои танзими фаъолияти сохторҳои алоҳида ва муқаррар намудани ҳуқуқ, уҳдадорӣ ва манъкуниҳо нисбат ба кормандони мақомот санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул менамоянд. Аз ҷумла, бо фармоиши директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ, аз 19 марти соли 2018, №41 "Дастурамал оиди банақшагирӣ, ташкил, гузаронидан ва пешниҳод намудани ҳисоботи натиҷаи тафтишу санҷишҳои молиявӣ дар Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ" тасдиқ гардидааст, ки ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқӣ мақсад ва хусусиятҳои санҷиши молиявӣ, банақшагирӣ, тартиби оғоз ва тартиби баргузории фаъолияти тафтишию санҷишӣ, ҳамзамон ҳуқуқ ва уҳдадории кормадон муқаррар намудааст; бо фармоиши директори Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти ҶТ аз 13 ноябри соли 2018, №116 "Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар ҶТ аз ҷониби Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти ҶТ" тасдиқ гардидааст, ки ваколат, вазифа, ҳуқуқ ва уҳдадории шахсони мансабдори Агентиро зимни ба амал баровардани фаъолияти санҷишии худ муқаррар менамояд. Масалан, Қоидаи мазкур муқаррар менамояд, ки шахсони мансабдори Агентӣ санҷишро танҳо мувофиқи фармоиши Директори Агентӣ бояд гузаронанд. Аз ин рӯ, барои гузаронидани санҷиш фармоиши алоҳидаи директори Агентӣ қабул гардида, дар асоси он ва Қоидаи мазкур санҷиш минбаъд гузаронида мешавад.

*Усули мушоҳидавӣ* – ин маҷмӯи чораҳои маъмурӣ оид ба санҷиши риоя, иҷро мутобиқати фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ ба талаботҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ мебошад. Мақсади асосии усули мушоҳидавии маъмуриро муайян намудани риоя ва иҷрои муқаррароти қонунгузорӣ мебошад [15, с. 69]. Усули мушоҳидавӣ тавассути ба амал баровардани назорат ва контроли маъмурӣ аз ҷониби мақомоти назди Президенти ҶТ сурат мегирад. Ба ақидаи М.А. Лапина контроли маъмурӣ ин фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ ва шахсони мансабдор оид ба мушоҳидаи фаъолияти объекти зери контрол буда, бо мақсади муайян намудани риоя ва иҷрои дастуру супоришҳои додашуда мебошад. Назорати маъмурӣ бошад, фаъолияти мақомоти махсус ваколатдоргардида ва шахсони мансабдор оид ба мушоҳида ва санҷиши меъёрҳо, қоидаҳо ва талаботҳои дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти идоракунии давлатӣ мукаррааргардида буда, нисбат ба объектҳое, ки дар тобеияти бевоситаи мақомоти назоратӣ қарор надоранд ба амал бароварда мешавад. Мақсади назорати маъмуриро таъмини тартибот дар самти идоракунии давлатӣ ташкил медиҳад[14, с.153].

Бо назардошти хусусияти вазифа ва функсияҳои мақомоти назди Президенти ҶТ ба хулоса омадан мумкин аст, ки ҷиҳати амалӣ намудани онҳо усули мушоҳидавӣ бо истифода аз чораҳои зерин ба роҳ монда мешавад: тафтиши ҳуҷҷатгузорӣ, азназаргузаронӣ, иттилоотӣ-оморӣ ва ғайра. Мувофиқан, мақомоти назди Президенти ҶТ зимни амалӣ намудани функсияи назоратии худ: ҷиҳати амалӣ намудани функсия ва вазифаҳои худ аз субъекти хоҷагидор маълумоти заруриро дархост намуда гиранд (дар ҳолати зарурӣ бевосита бо нусхаи аслии ҳуҷҷатҳо шинос шаванд); дар ҳолати зарурӣ иқтибос гиранд ва ҳуҷҷатҳоро нусхабардорӣ намоянд; мавҷудияти ҳуҷҷатҳоро, барои амалӣ намудани фаъолият дар соҳаи муомилоти воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо санҷанд; назоратро барои иҷрои талаботи муқаррарнамудаи стандартҳо, меъёрҳо ва қоидаҳо дар ин соҳа, амалӣ намоянд (Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти ҶТ); дар раванди гузаронидани тафтиши молиявии муассисаҳои аз ҳисоби буҷет маблағгузоришаванда

масъалаҳои зерин санҷиш карда мешаванд: дуруст ҳисоб ва пардохт намудани музди меҳнат, нафақапулӣ, кӯмакпулӣ, идорпулӣ ва ҷой надоштани қарздорӣ аз ҳисоби онҳо; асоснокӣ ва дурустии амалиётҳои анҷомёфтаи хазинавӣ ва бонкӣ барои хариди мол ё иҷрои кору хизматрасониҳои гуногун; мувофиқат кардани ҳуҷҷатҳои аввалия бо ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда, маълумоти муҳосибӣ бо маълумоти ҳисоботӣ (хароҷотнома, мувозинати даромад ва хароҷот ва ғайраҳо) (Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ) ва ғайра.

Яке аз мақомоти назди Президенти ҶТ, ки ба масъалаи ҷамъоварии иттилооти оморӣ бевосита ваколатдор мебошад, ин Агентии омори назди Президент ҶТ мебошад. Бо мақсади амалӣ намудани вазифа ва функсияҳои Агентии мазкур ҳар сол бо қарори Ҳукумати ҶТ Барномаи корҳои оморӣ барои соли ҷорӣ қабул мегардад. Дар Барномаи мазкур номгӯй, даврият, усулҳои ҷамъоварӣ, коркард ва таҳияи шакли ҳисоботи оморӣ, варақаҳои таҳқиқоти оморӣ, ки мақомоти омори давлатӣ тавассути онҳо маълумоти омориро аз шахсони воқеӣ ва субъектони баҳисобгирии оморӣ ҷамъоварӣ намуда, мавриди коркарду таҳлил қарор медиҳанд. Масалан, “Барномаи корҳои оморӣ барои соли 2022” бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 марти соли 2022, №88 тасдиқ гардидааст. Дар он дар ҷадвали муайян номгӯи маълумоти оморӣ ва даврият, яъне мӯҳлати пешниҳод онҳо муқаррар гардидааст. Аз муқаррароти он бармеояд, ки маълумотҳои оморӣ вобаста ба хусусият ва соҳаи алоҳида дар мӯҳлати зерин пешниҳод мегардад: ҳарҳафтаина, моҳона, семоҳа, нимсола ва солона.

*Усулҳои иҷтимоӣ-психологӣ.* Усулҳои мазкур асосан дар таъсиррасонӣ ба ирода ва шуури субъектони идорашаванда ифода мегардад. Дар сарчашмаҳои илмӣ қайд мегарданд, ки дар гурӯҳи усулҳои иҷтимоӣ-психологӣ якчанд усулҳои таъсиррасонии маъмурӣ, мисли усули фаҳмондадиҳӣ ва ҳавасмандгардонӣ дохил мегарданд [10, с.93].

Яке аз усулҳое, ки дар амалисозии мақсад, вазифа ва функсияҳои мақомоти назди Президенти ҶТ нақши муҳим мебозад, ин усули *фаҳмондадиҳӣ* мебошад. Фаҳмондадиҳӣ маҷмӯи тарзу воситаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии таъсиррасонӣ ба иштирокчиёни муносибатҳои идоракунӣ мебошад, ки бо мақсади водор намудани онҳо барои содир намудани амалҳои шоиста тибқи муқаррароти қонунгузорӣ ва эҳтиром гузоштан нисбат ба қонун ва ҳуқуқу манфиатҳои аҳли ҷомеа равона гардидааст [18, с.259]. Ба ақидаи В.А. Головинов усули фаҳмондадиҳӣ ва усули маҷбурсозиро мақсади онҳо, яъне таъмини тартибот ва низом дар ҷомеа муттаҳид мегардонад [6, с.33].

Бо истифода аз усули мазкур мақомоти назди Президенти ҶТ бо мақсади расидан ба мақсадҳои худ ва амалӣ намудани вазифа ва функсияҳои худ чорабиниҳои гуногуни тарбиявӣ ва фаҳмондадиҳиро дар байни аҳолӣ ва баргузор намудани чорбаниҳои гуногуни тарбиявиро мегузаронад. Масалан, раёсатҳои дастгоҳи марказии Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти ҶТ, барои фаҳмонидани талаботи қонунгузории соҳа вобаста гардида, ҳар се моҳ вобаста ба натиҷаҳои худ дар ин самт ҳисобот пешниҳод менамоянд. Ҳамзамон, дар таърихи 9 декабри соли 2022 аз ҷониби намояндагони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ бахшида ба “Рӯзи байналмилалии мубориза бар зидди коррупсия” семинари омӯзишӣ гузаронида, дар аҳолӣ пешгирии коррупсия, ба вуҷуд овардани фазои зиддикоррупсионӣ ва рафъи омилҳои ба он мусоидаткунанда суханронӣ намудаанд. Санаи 21 июни соли 2022 бо ташаббуси Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти ҶТ чорабинӣ зери унвони “Корвони зиддимухадиротӣ – 2022” баргузор гардида, дар он хатари истифодаи маводҳои нашъаовар, роҳҳои пешгирии он ва ҷалби аҳли ҷомеа барои пешгирӣ ва рафъи омилҳои ба он мусоидаткунанда иброз гардиданд.

Усули ҳавасмандгардонӣ яке аз усулҳои таъмини принсипи устувории кадрӣ дар мақомоти давлатӣ буда, бо роҳу усулҳои гунонун амалӣ карда мешавад. Масалан, тибқи "Низомнома дар бораи ташкили кор бо мутахассисони ҷавон" ва "Барномаи коромӯзии мутахассисони ҷавон дар Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ" аз 14 июни соли 2017, №237 мутахассисони ҷавони Агентӣ, ки ба таври намунавӣ вазифаи хизматии худро иҷро менамоянд, дар давраи коромӯзӣ ташаббусу фаъолиятнокӣ зоҳир намудаанд бо пешниҳоди сардорони сохторҳои дахлдори Агентӣ дар асоси Оинномаи интизомии кормандони воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳавасманд гардонида мешаванд.

Ҳамин тариқ, бо таҳлил намудани тарзҳои амалишавии вазифа ва функсияҳои мақомоти назди Президенти ҶТ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки вазифа ва функсияҳои дар назди мақомоти назди Президенти ҶТ гузошташуда тавассути шакл ва усулҳои махсуси маъмурӣ-ҳуқуқӣ амалӣ карда мешаванд. Шакли амалисозии вазифа ва функсияҳо ин шакли зоҳирии амали мақомоти назди Президенти ҶТ мебошад, ки дар доираи салоҳияти муқаррарнамудаи қонунгузорӣ барои расидан ба ҳадафҳои мақомоти мазкур равона гардида, оқибати муайяни ҳуқуқиро ба бор меорад. Усулҳои амалисозии вазифа ва функсияҳои мақомоти назди Президенти ҶТ бошанд, тарзу воситаҳоеро ифода мекунанд, ки истифодаи онҳо барои амалӣ гардидани шаклҳои амалисозии фаъолияти маъмурӣ мусоидат менамоянд. Агар шаклҳои амалисозии фаъолияти маъмурии мақомоти назди Президенти ҶТ аз вазифа ва функсияи онҳо вобастагӣ дошта бошанд, пас усулҳои амалисозии вазифа ва функсияҳои мақомоти мазкур бештар аз низоми санадҳои дохилиидоравии мақомоти давлатӣ (низомномаҳо, қоидаҳо ва дастурамалҳо), нақшаҳо, барномаҳо ва вазифаҳои ба нақшагирифташуда вобаста мебошанд.

Тарзҳои амалисозии вазифа ва функсияҳои мақомоти назди Президенти ҶТ вобаста ба вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти мазкур гуногун буда, ҳар як усул дар таҷрибаи мақоми алоҳида мавқеи назаррас дорад. Вале, усулҳои номбаргардидаи амалисозии вазифа ва функсияҳои мақомоти назди Президенти ҶТ табиати ягона дошта, новобаста аз вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти мазкур метавонад, ба таври васеъ дар рафти баамалбарории фаъолияти онҳо истифода бурда шаванд.

**Адабиёт**


1. Бахрах Д.Н. Административное право России: учебник / Д.Н. Бахрах. – М., 2011.
2. Белоконный С.С. Административные методы управления как основные факторы, обеспечивающие функционирование административных ресурсов и государственного управления. // Международный научный журнал «ВЕСТНИК НАУКИ».– М.: 2022.– №11 (56) Т.2.
3. Бошно С.В. Способы и методы правового регулирования // Право и современное государства. – 2014. – №3.
4. Гвоздева Е.В. Административное право: в схемах и определениях: учебное пособие. – Киров: ООО «Радуга-ПРЕСС», 2014.
5. Глущенко П. П., Жильский Н. Н., Кайнов В. И., Куртяк И. В. Административное право. Краткий курс.// СПб.: Питер. – 2011.
6. Головинов В.А. Понятие и признаки государственного принуждения // Мир политики и социологии. – 2010. – № 1.
7. Голосниченко И.П. Административная деятельность органов внутренных дел. – Киев, 1995.

8. Евсикова Е.В. Административное право: современный терминологический словарь – Симферополь: ИТ «АРИАЛ», 2020.
9. Захарцев С.И. Методы администартивного управления: понятие и сущность // Юридическая наука: история и современность. – 2018. – №6.
10. Кикотя В.Я. Административное право России: учебник для студентов вузов, обучающихся по специальности «Юриспруденция». – М.: ЮНИТИ-ДАНА: Закон и право, 2012.
11. Комаровский В.С., Сморгунов Л.В . Политико-административное управление: Учебник. – М.: РАГС, 2004.
12. Коренев А.П.. Административное право России. Учебник. В 3-х частях. Часть I. – М.: МЮИ МВД России, Щит-М, 1999.
13. Лапина М.А. Сущность государственного контроля (надзора) и генезис его законодательного определения. // Вестник финансового университета. – 2016. – №4 (20).
14. Машаров И.М. О понятии и методах административного наблюдения (административного надзора) // Полицейское право. – 2007. – №1(9).
15. Мелехин А.В. Административное право Российсвкой Федерации. Курс лекций. – М.: 2009.
16. Попов Л.Л. Убеждение и принуждение: организационно-воспитательные и административно-правовые средства охраны общественного порядка в деятельности советской милиции. – М.: Москов. рабочий, 1968.
17. Фиалковская И.Д. Сущность администартивного убеждения как метода государственного управления. // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лабочевского, 2012. – №1 (1).

## О НЕКОТОРЫХ СПОСОБАХ ОСУЩЕСТВЛЕНИЯ ЗАДАЧ И ФУНКЦИЙ ОРГАНОВ ПРИ ПРЕЗИДЕНТЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**ИЗАТУЛЛОЗОДА ПАЙРАВИ НУСРАТУЛЛО,**
ассистент кафедры административного права и государственной службы
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе ул. Саид Носира, 33.
Тел.: (+992) 502-02-81-87. Email**:** payrav-izatullozoda@mail.ru
**РАСУЛОВА ДИЛНОЗА УМАРХОНОВНА,**
ассистент кафедры административного права и государственной службы
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе ул. Саид Носира, 33.
Тел.: (+992) 000-09-17-78. E-mail: aziza240798@mail.ru

*Органы при Президенте Республики Таджикистан являются одним из исполнительных органов государственной власти, в отличие от других органов исполнительной власти, эти органы являются подчиненными и подотчетными при Президенте Республики Таджикистан. Следует отметить, что правовой характер указанных органов различен, они осуществляют различные исполнительно-распорядительные функции. Соответственно, формы и способы осуществления задач и функций, возложенных на указанные органы, также отличаются друг от друга. В связи с этим, определение способов осуществления полномочий, функций и задач данных органов является одной из актуальных тем, которому посвящена данная статья.*

*Авторы дали научную оценку способов реализации задач и функций припрезидентских органов, рассматривая их как совокупность способов и средств, используемых указанными органами в рамках положений нормативно-правовых актов, для достижения своих конечных целей. Одним из интересных вопросов, на которые обратили внимание авторы, является*

*классификация способов осуществления задач и функций указанных органов. Представляя их классификацию, авторы проанализировали их содержание и сущность с использованием данных практической деятельности органов при Президенте Республики Таджикистан, которые доступны для поддержки.*

***Ключевые слова:*** *органы при Президенте Республики Таджикистан, исполнительные органы государственной власти, борьба с правонарушениями, административно-публичная деятельность, государственное управление, задачи и функции органов исполнительной власти, нормативные правовые акты, система внутриведомственных актов государственных органов, правовые и неправовые методы, нормативно-правовое воздействие, индивидуальный метод воздействия, обязывающие, уполномочивающие, стимулирующие методы.*

## ABOUT SOME WAYS OF CARRYING OUT THE FUNCTIONS AND FUNCTIONS OF THE BODIES UNDER THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**IZATULLOZODA PAYRAVI NUSRATULO,**
assistant of the Department of Administrative Law and Public Service of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nosir st.
Phone: (+992) 502-02-81-87. Email: payrav-izatullozoda@mail.ru
**RASULOVA DILNOZA UMARKHONOVNA,**
assistant of the department of administrative law and public service at the Academy of public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nosir st.
Phone: (+992) 000-09-17-78. E-mail: aziza240798@mail.ru

*The bodies under the President of the Republic of Tajikistan are one of the executive bodies of State power, unlike other executive bodies, these bodies are subordinate and accountable to the President of the Republic of Tajikistan. It should be noted that the legal nature of these bodies is different, they carry out various executive and administrative functions. Accordingly, the forms and methods of carrying out the tasks and functions assigned to these bodies also differ from each other. In this regard, the definition of ways to exercise the powers, functions and tasks of these bodies is one of the relevant topics to which this article is devoted.*

*The authors gave a scientific assessment of the ways to implement the tasks and functions of the presidential bodies, considering them as a set of ways and means used by these bodies within the provisions of regulatory legal acts to achieve their ultimate goals. One of the interesting issues that the authors drew attention to is the classification of ways to implement the tasks and functions of these bodies. Presenting their classification, the authors analyzed their content and essence using the data of the practical activities of the bodies under the President of the Republic of Tajikistan, which are available for support.*

***Keywords:*** *bodies under the President of the Republic of Tajikistan, executive bodies of state power, combating offenses, administrative and public activities, public administration, tasks and functions of executive authorities, regulatory legal acts, system of internal acts of state bodies, legal and non-legal methods, regulatory and legal impact, individual method of impact, binding, authorizing, stimulating methods.*

УДК: 342.9 (042) (575.1)

# ДИСКРЕЦИОННЫЕ АДМИНИСТРАТИВНЫЕ АКТЫ ОРГАНОВ ПУБЛИЧНОЙ АДМИНИСТРАЦИИ – ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ

**НОРМУХАМЕДОВА СУРАЙЁХОН,**
преподаватель кафедры конституционного права в
Ташкентском государственном юридическом университете.
100173, г.Ташкент, Чилонзорский р-н, ул. Богистан, 113 д.,19 кв.
E-mail: s.normukhamedova@gmail.com

*Статья посвящена рассмотрению эффективности применения дискреционного полномочия (право усмотрения) на территории Республики Узбекистан. Рассматриваются теоретические и практические подходы к всестороннему анализу концепции усмотрения. Приводятся примеры, свидетельствующие о противоречивости усмотрения или же напротив – неумелого применения дискреционного полномочия должностными лицами публичной администрации. Приведены статистические данные, демонстрирующие недействительность административных актов с применением права усмотрения. Критически проанализировано отсутствие в законодательстве ответственности за издание недействительных административных актов. Рассматриваются возможности имплементации ответственности должностных лиц за издание недействительных административных актов, наносящих значительный вред правам и интересам заинтересованным лицам. Автором продемонстрировано, что возможности имплементации не базируются исключительно на предположениях, был изучен опыт зарубежных стран, сформировавший представление о возможных благополучных последствиях внедрения изменений в законодательство. Рассматривается и считается эффективным институт доносительства или как по-другому – институт «информирования» за соответствующее вознаграждение, уже исторически оправдавший себя за неправомерное применение дискреционных полномочий (права усмотрения). Представлена возможность повышения эффективности применения дискреционных полномочий (право усмотрения), а также уменьшение количества недействительных административных актов, отменяемых судебными органами.*

***Ключевые слова:*** *административный орган, закон об административных процедурах, эффективность, право усмотрения (дискреционное полномочие), законность, целесообразность принятых мер, ответственность.*

В условиях построения демократического правового государства неотъемлемым элементом является «дискреционная власть государственного управления». Актуальность данного вопроса обусловлена тем, что соотношение усмотрения (дискреционной власти) напрямую связано с такими принципами, как «законность», «справедливость» и «целесообразность».

Защита прав и законных интересов личности зависит от правоприменительных взаимоотношений. Другими словами, человек является «центром внимания», неотъемлемым правом и свободой. «Усмотрение» в толковом словаре Ефремовой Т.Ф. определяется как заключение, мнение, решение. Единоличное решение должностного лица, имеющего власть (на основании собственного мнения, а не по закону). [2. ]

Согласно статье 4 Закона Республики Узбекистан «Об административных процедурах» (далее – «Закон») административное усмотрение (дискреционное полномочие) – это право, применяемое административными органами по своему усмотрению. Любое действие, разрешенное законодательством к нарушению, или при условии вашей собственной оценки законности и целесообразности воздержания от применения соответствующего действия.

Административное усмотрение является весьма спорным вопросом из-за своих противоречий. Это противоречие возникает из-за того, что как практическое требование оно фактически противоречит сущности права, ограничивающего свободу действий.

В теории права вопрос о дискреционной власти уже был предметом исследования. Так, А. А. Березин определяет правоприменительную дискрецию в качестве деятельности уполномоченных юридических лиц, осуществляемую на основании закона и в рамках закона, которая допускает возможность выбора наилучшего решения в рамках юридического дела [1].

А. Н. Одарченко определял административное усмотрение, как предоставленное законом должностному лицу право самостоятельно и индивидуально определять необходимость, полезность или целесообразность предпринимаемой им меры с точки зрения соответствия или несоответствия ее тем целям [4].

Далее А. П. Коренев подчеркивал, что правоприменительный орган не может действовать абсолютно свободно, поскольку административное усмотрение всегда носит правовой характер, является правовым и возможно лишь при соблюдении определенных требований, а именно: должно осуществляться в рамках закона, применяться в соответствии с интересами общества и соответствовать той цели, для достижения которой оно допущено законодателем.[3, с. 73–78].

Как представляется, именно такое понимание административного усмотрения в полной мере согласуется с тем смыслом, в котором слово «усмотрение» употребляется в русском языке [5, с. 429, 746].

Очевидно возникновение вопроса, – каким образом определить факт того, что законодатель предоставляет административному органу возможность выбора оптимального, по вашему мнению, решения?

На наш взгляд, дискреционную власть следует искать в самом правовом акте. Как оказалось, для получения необходимого нам ответа нужен сам текст правовой нормы. Искомые тексты, как правило, содержат такие формулировки, как «имеет право», «должен», «может».

Так, например, часть вторая статьи 18 Закона «Об административных процедурах» устанавливает, что в случае необходимости административный орган, не ограничиваясь доказательствами, представленными заинтересованными лицами, вправе по собственной инициативе собрать дополнительные доказательства.

То есть, диспозиция данной статьи предоставляет административному органу право собственного усмотрения, а именно административный орган имеет право по собственной инициативе собрать дополнительные доказательства, невзирая на наличие имеющихся доказательств.

Однако часть вторая статьи 37 этого же Закона регламентирует, что извещение о приостановлении административного производства направляется заинтересованным лицам в течение одного рабочего дня.

Здесь, напротив, право административного усмотрения отсутствует. В диспозиции данной статьи законодатель обязывает административный орган в установленный срок уведомить заинтересованного лица о приостановлении административного производства.

Законодатель в статье 17 Закона «Об административных процедурах» не дает право административным органам дискреционным полномочием злоупотреблять.

Однако, на наш взгляд, административное усмотрение представляет собой нестандартное полномочие административных органов по своему усмотрению применить те или иные действия или же воздержаться от их применения, поскольку основания (критерии) не регламентированы должным образом в правовых нормах.

Очевидно возникновение вопроса, – каким образом определить факт того, что законодатель предоставляет административному органу возможность выбора оптимального, по вашему мнению, решения?

В качестве примера применения дискреционного полномочия в Республике Узбекистан, можно привести следующую ситуацию. В связи со сложившейся ситуацией, связанный с пандемией коронавируса в 2019 году (COVID -2019) было принято распоряжение Президента Республики Узбекистан №Р-5537 «Об образовании специальной республиканской комиссии по подготовке программы мер по предупреждению завоза и распространения нового

типа коронавируса в Республике Узбекистан», на основе чего была создана Специальная Республиканская комиссия. Так, согласно акту, в нем указаны цель создания комиссии, задачи и состав комиссии. Но, в акте не указаны функции созданной комиссии. На наш взгляд, это является пробелом, так как поступал большой поток информации и настоятельных рекомендаций от комиссии об ограничительных мерах движения всем видам транспорта.

Как комиссия вынесла это решение, если в НПА не указаны ее функции? Бесспорно, что в акте указаны ее задачи, но функций нет. Следовательно, административные акты Специальной Республиканской комиссии должны соответствовать требованиям содержания административного акта. Однако, решений Специальной Республиканской комиссии, соответствующих всем требованиям и нормам в сети Интернет нет. Имеются публикации газет, других интернет-сайтов, оповещавших жителей Республики Узбекистан, но не более.

По своей сущности, право усмотрения – свобода. Однако, всякая свобода должна быть ограничена. В нашем случае, усмотрение ограничено правом. То есть, применение права усмотрения будет правомерным лишь в том случае, если не нарушает свободу, права и интересы иных лиц.

К сожалению, на практике имеют место быть злоупотребление этим правом. Злоупотребление правом усмотрения, которым наделена публичная администрация выражается посредством косвенной конфронтации, не вступая при этом в прямое противоречие с законом, а напротив – посредством противостояния общим целям, что наносит значительный ущерб участникам процесса.

Законодатель в статье 17 Закона «Об административных процедурах» не дает право административным органам дискреционным полномочием злоупотреблять.

Если злоупотребление дискреционным полномочием недопустимо, а административному органу предоставляется самостоятельность в выборе оптимального способа реализации принципов «справедливость», «целесообразность», «законность», то к какой категории принципов можно отнести ситуацию с певцом Сан Жай, когда Узбекнаво отказал в выдаче лицензии? Сославшись на то, что тот носит бороду, [11] хотя никаких требований к бороде не было указано ни в лицензионных требованиях и условиях, ни в перечне документов необходимых для получения лицензий. На наш взгляд, такая широко дискреционная норма наблюдается в ст.29 Закона Республики Узбекистан № ЗРУ «О лицензировании, разрешительных и уведомительных процедурах», где закрепляется положение:

Основанием для отказа в выдаче лицензии является:

• представление соискателем лицензии ненадлежащим образом оформленных документов;

• наличие в документах, представленных соискателем лицензии, недостоверных или искаженных сведений;

несоответствие соискателя лицензионным и разрешительным требованиям и условиям

Какие же существуют требования и условия для лицензиата? Требования и условия установлены в Постановлении Кабинета Министров Республики Узбекистан №ЗРУ-354 «О порядке лицензирования концертно-зрелищной деятельности», где установлено, что:

• исполнение на концертно-зрелищных мероприятиях, свадьбах и иных торжествах песен и созданных по ним видеоклипов, соответствующих национальному менталитету, национальным ценностям и обычаям, исключая осуществление действий, противоречащих правилам этики артиста, сценической культуре и культуре внешнего вида, пропаганду идей безнравственности, негативно воздействующих на духовность и оскорбляющих чувства зрителей.

Обратим внимание на следующее обстоятельство:

Соответствие внешнего облика артиста культуре внешнего вида? Существуют ли правила, регулирующие культуру внешнего вида артиста? Не является ли понятие «культура» весьма субъективным понятием? Кто берет на себя ответственность отказа в праве артисту в

осуществлении деятельности по мотивам того, что артист не соответствует личным убеждениям должностного лица?

Иными словами, мы становимся свидетелями того, что административный орган отказывает в выдаче лицензии случаю, который не урегулирован в Положении. Более того, подходит весьма субъективно.

В части второй статьи 29 Закона Республики Узбекистан «О лицензировании, разрешительных и уведомительных процедурах», установлено, что отказ в выдаче лицензии по иным основаниям, в том числе по мотивам нецелесообразности выдачи лицензии, не допускается.

То есть, что из этого получается? Наличие бороды входит в категорию «иные основания» или же напротив – входит в категорию «культура внешнего вида»? Если рассматривать данный вопрос с правовой категории, то вопрос остается открытым.

Каким образом можно квалифицировать дискреционное полномочие Узбекнаво?

Часть вторая статьи 17 Закона Республики Узбекистан «Об административных процедурах» регламентирует, что совершение административных действий на основе административного усмотрения, должно соответствовать цели данного полномочия. Соответствует ли целям случай с Узбекнаво – отдельный вопрос для рассмотрения. Были многочисленные дискуссии по поводу бороды артиста. Имело место мнение о том, что борода артиста влияет на нравственные и морально-этические взгляды зрителей, поклонников артиста.

Еще один пример неумелого применения дискреционного полномочия, ташкентский межрайонный административный суд на заседании 27 января 2021 года признал недействительными решения хокима столицы об изъятии 6 га земельного участка на пересечении улиц Ахмада Дониша и Амира Темура в Юнусабадском районе, где расположены здания и постройки 65 предпринимателей («Универсам»).

Министерство юстиции сообщило, что за два месяца в ведомство поступило 2 586 обращений о нарушении прав на недвижимость. Ведомство выявило, что строительные объекты были разрушены без предварительной их оценки, то есть без конкретизации их стоимости. При осуществлении сноса была определена выплата компенсаций в размере свыше 600 млрд сумов. Интересно, как была определена стоимость имущества без предварительной оценки?

При этом выявлено наличие задолженности почти в 300 млрд сумов по выплате компенсации в городе Ташкенте, Ташкентской, Ферганской, Кашкадарьинской и Наманганской областях за снесенные жилые и нежилые объекты. Взамен земельных участков, изъятых для государственных и общественных нужд, выделено 359,2 гектара земли в других местах [10].

По имеющимся данным, в 2022 году всего по нашей республике 1700 решений хокимов были признаны недействительными [12]. С чем это связано? Почему решения органов государственной власти на местах, деятельность которых базируется на букве и духе закона, могут быть признаны недействительными? К чему это неизбежно может привести? Привести это может к подрыву авторитета органов государственного управления. В свою очередь, подрыв же приведет к игнорированию гражданами решений и актов административных органов. К этому ли стремится наше передовое государство?

Самое интересное заключается в том, что административной, уголовной ответственности за издание незаконных, неправомерных решений для административных органов нет. Что из этого получается? Ничем не ограниченная власть?

Как с этим бороться?

Предлагаем внедрить следующие предложения в законодательство:

1. Если административный акт был отменен, изменен либо признан недействительным, любые уплаченные платежи, взносы должны быть возвращены заинтересованному лицу, доверие которого не было оправдано. Сумма, подлежащая возврату, должна руководствоваться нормами Гражданского Кодекса как «неоправданное обогащение».

Должностному лицу не следует говорить о том, что обогащения не было в случае, если административный акт был отменен, изменен либо был признан недействительным. Сумме, подлежащей возврату нужно начисление процентов с момента отмены, изменения или признания административного акта недействительным. Подобная практика имеется в таких странах как Германия (статья 49а Закона Германии «Об административных процедурах») в Азербайджанской Республике, административному органу надлежит компенсировать причинённый ущерб (статья 68.6 Закона «Об административных процедурах Азербайджанской Республики) [13].

2. Считаем целесообразным установить институт доносительства или как его по-другому называют – институт информирования власти в качестве правового инструмента уменьшения злоупотребления дискреционным полномочием, который будет выражаться в желании добровольцев донести до соответствующих органов случаи злоупотребления правом усмотрения и попытками нанести ущерб правам и законным интересам участников административно-процедурной деятельности. В качестве увеличения численности подобных добровольцев, считаем уместным установить денежную сумму вознаграждения. Данная практика оправдала свою имплементацию в законодательство об административных нарушениях в Республике Узбекистан. В частности, постановлением правительства №713 появилась возможность фиксирования на видеокамеру нарушений правил дорожного движения, с последующим поощрением лиц, отправивших в правоохранительные органы. Данная практика действует на протяжении трёх лет. Считаем уместным установить такую процедуру доносительства также и в административные процедуры.

На самом деле, право усмотрения – это объективная реальность, даже необходимость, не взирая на свою сложность и противоречивость.  Абсолютное отрицание дискреционных полномочий – неразумие. Безусловно, цель применения органами публичной администрации дискреционного полномочия – облегчить жизнь заинтересованным и должностным лицам жизнедеятельность в попытке преодолеть различные бюрократические барьеры, тем самым сэкономив время и уменьшить возможности возникновения различных споров.

Одним из общепризнанных постулатов современной цивилизации стало признание того, что государство служит для народа. Именно государство обеспечивает свободу и способствует благосостоянию народа. А как обеспечить баланс свободы и власти? Ведь если, свобода окажется вне всякой власти, то неизбежна анархия и вседозволенность. Обеспечение баланса свободы и власти, недопущение злоупотребления, защита законных интересов личности является задачей всех отраслей права. Но, на практических примерах мы видим, что злоупотребление властью приобрело правомерный характер.

## Литература


1. Березин А. А. Пределы правоприменительного усмотрения: дис. … канд. юрид. наук. Н. Новгород, 2007. – 200 с. (Электронный ресурс) https://www.dissercat.com.
2. Современный толковый словарь русского языка под редакцией Ефремовой Т.Ф. Издательство: Харвест. 2005 г. (Электронный ресурс) https://cyberlan.com.ua/
3. Коренев А. П. Нормы административного права и их применение. М., 1978.
4. Одарченко А. Н. О пределах административного усмотрения // Право и жизнь. 1925. № 6.
5. Ожегов С. Словарь русского языка. 13-е изд , испр. М., 1981. С. 429, 746 – 3200 с.
6. Закон Республики Узбекистан «Об административных процедурах» №ЗРУ-457 08.01.2018. https://lex.uz/ru/docs/3492203
7. Распоряжение Президента Республики Узбекистан «Об образовании специальной республиканской комиссии по подготовке программы мер по предупреждению завоза и распространения нового типа коронавируса в Республике Узбекистан» №Р-5537   от 29.01.2020 https://lex.uz/ru/docs/4720408

8. Закона Республики Узбекистан «О лицензировании, разрешительных и уведомительных процедурах» № ЗРУ-701 от 14.07.2021 г https://lex.uz/ru/docs/5511900
9. Закон Республики Узбекистан «О мерах по дальнейшему совершенствованию порядка осуществления концертно-зрелищной деятельности» №ЗРУ-354 от 09.12.2015 г https://lex.uz/docs/2831614
10. Суд отменил решения об изъятии земли под «Универсамом» https://www.gazeta.uz.
11. «Говорят, что для получения лицензии, мне необходимо сбрить бороду», — узбекский певец Сан Жай https://upl.uz (дата обращения:09.12.2022)
12. Верховный Суд Республики Узбекистан. Статистика суда. https://stat.sud.uz/
13. Закон Германии «Об административных процедурах»
14. Administrative Procedure Act (Verwaltungsverfahrensgesetz, VwVfG) https://germanlawarchive.iuscomp.
15. Закон Азербайджанской Республики «Об административных процедурах» https://www.legislationline.org/download/id/4029/file
16. Постановление Кабинета Министров Республики Узбекистан «О внесении изменений и дополнений в постановление Кабинета Министров от 20 сентября 2018 года № 747 https://lex.uz/en/docs/5093113?type=print «О дополнительных мерах по повышению эффективности борьбы против правонарушений в сфере безопасности дорожного движения» №713 от 12.11.2021 г https://lex.uz/docs/3913583?ONDATE=08.07.2022

## САНАДҲОИ ИХТИЁРИИ МАЪМУРИИ МАҚОМОТИ ИДОРАИ ДАВЛАТӢ - МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМО

**НОРМУХАМЕДОВА СУРАЙЁХОН,**
муаллими калони кафедраи ҳуқуқи конститутсионии
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқи Тошканд.
100173, Узбекистон, ш. Тошкент, Чилонзор, к. Боғистон, 113 д., 19.
E-mail: s.normukhamedova@gmail.com

*Мақола ба баррасии самарабахшии татбиқи салоҳияти ихтиёрӣ (ҳуқуқи ихтиёрӣ) дар қаламрави Ҷумҳурии Ӯзбекистон бахшида шудааст. Муносибатҳои назариявӣ ва амалӣ барои таҳлили ҳамаҷонибаи мафҳуми салоҳият баррасӣ мешаванд. Мисолҳое оварда шудаанд, ки дар бораи номувофиқии салоҳият, ё, баръакс, бесаводона истифода бурдани ваколатҳои ихтиёрӣ аз тарафи шахсони мансабдори идораи давлатӣ шаҳодат медиханд. Маълумоти оморӣ дода мешавад, ки беэътибор будани санадҳои маъмуриро бо истифодаи ҳуқуқи ихтиёрӣ нишон медиҳанд. Дар қонунгузорӣ мавҷуд набудани ҷавобгарӣ барои баровардани санадҳои маъмурӣ аз эътибор соқит дониста мешавад. Имкониятҳои татбиқи масъулияти шахсони мансабдор барои баровардани санадҳои маъмурии беэътибор, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони манфиатдор зарари калон мерасонанд, баррасӣ гардидааст. Муаллиф нишон додааст, ки имкониятҳои татбиқи он танҳо ба тахминҳо асос намеёбанд, балки таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ омӯхта шуда, дар бораи оқибатҳои имконпазири ворид намудани тағйирот ба қонунгузорӣ тасаввурот пайдо шудааст. Институти денонсатсия ё ба ибораи дигар, институти «хабардиҳӣ» барои подошпулии мувофиқ, ки таърихан худро барои сӯиистифода аз ваколатҳои ихтиёрӣ (ҳуқуқи ихтиёрӣ) асоснок кардааст, самаранок ҳисобида мешавад. Имконияти баланд бардоштани самаранокии истифодаи ваколатҳои ихтиёрӣ (ҳуқуқи ихтиёрӣ), инчунин кам кардани шумораи санадҳои маъмурии беэътибор, ки аз ҷониби мақомоти судӣ бекор карда мешаванд, пешниҳод карда мешавад.*

***Калидвожаҳо:*** *мақомоти маъмурӣ, қонун дар бораи расмиёти маъмурӣ, самаранокӣ, салоҳият (салоҳияти салоҳиятдор), қонунӣ, ба мақсад мувофиқ будани чораҳои андешидашуда, масъулият.*

## DISCRETIONARY ADMINISTRATIVE ACTS OF PUBLIC ADMINISTRATION BODIES - PROBLEMS AND PROSPECTS

**SURAYYOKHON NORMUKHAMEDOVA,**
senior Lecturer of the Department of Constitutional Law
Tashkent State Law University.
100173, Uzbekistan, Tashkent, Chilonzor, 113 d., 19, Bogiston str.
E-mail: s.normukhamedova@gmail.com

*The article discusses the consideration of the efficiency of the application of discretionary power by the state authorities of the Republic of Uzbekistan, including theoretical and practical analysis of the concept of 'discretion'. Inconsistent and inept use of discretionary powers by public administration are scrutinized on specific examples. Statistical analysis shows the numbed of invalidity of administrative acts enacted solely on the discretionary power. The article further criticizes the legislative loopholes for the absence of liability over state officials for the issuance of invalid administrative acts. The author proposes alternative legislative amendments on introduction of liability for the state officials based on the experience of foreign states and explores potential beneficial outcomes of such amendments. Additionally, the author delineates the framework of the 'whistle-blowing' that has proved to be essential in terms of misuse of discretionary powers. Finally, the author takes heed on the opportunities aimed at enhancing efficiency of the use of discretionary powers, as well as harmonizing their efficiency in order to reduce the number of judicial rulings invalidating such acts.*

***Keywords:*** *administrative body, law of administrative procedures, effectiveness, discretion power, legality, appropriateness of the measures taken, responsibility.*

УДК: 342

# БАЪЗЕ АЗ МАСЪАЛАҲОИ ВАЗЪИ МАЪМУРӢ-ҲУҚУҚИИ ШАҲРВАНДОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**НАБОТОВ НАИМҶОН АБДУХОЛИҚОВИЧ,**
ассистенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе кӯч. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 901-00-70-01. E-mail: naimjonnabotov@gmail.com

*Шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон – робитаи устувори сиёсию ҳуқуқии шахс бо Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, маҷмӯи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мутақобилаи тарафҳоро дар бар мегирад. Тавре, ки ба ҳамагон маълум аст аз замони бавуҷудоии давлат то ба ин дам муайян намудани масъалаи вазъи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд яке аз масъалаҳои мубрам ва аввалиндараҷа дар назди давлат ва Ҳукумат ба шумор меравад. Давлат барои хуб бар роҳ мондани идоракунии давлат миёни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва робитаи хуб пайдо намудан бо шаҳрвандонаш вазифадор аст, ки дар madди аввал вазъи ҳуқуқии шаҳрвандонро, ки фарогири ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шаҳрвандиаш мебошанд муайян кунад. Чуноне, ки аз мафҳуми вазъи ҳуқуқии шаҳрвандон бармеояд - ин маҷмӯи ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, ки дар меъёрҳои ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқи амалкунанда махсусан ҳуқуқи маъмурӣ инъикос ёфтаанд. Дар ҳамбастаги бо ин адешаҳо вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии шаҳрвандони ин маҷмӯи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ мебошанд, ки тавассути меъёрҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ мустаҳкам гардидаанд. Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳар як шаҳрванди кишвар ҳуқуқи иштирокро дар раванди идоракунии давлатӣ ва корҳои сиёсии давлат медиҳад.*

*Тавре, ки аз мафҳуми вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мо аён гардид вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзӯи фарох ва доманадор ба шумор меравад. Бинобар ин дар мақолаи мазкур баъзе аз масъалаҳои вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода мешавад. Муаллиф бо истифода аз қонунгузорӣ ва адабиётҳои илмии дохилӣ ва хориҷӣ мавзӯи мазкурро мавриди таҳлили илмӣ қарор додааст.*

***Калидвожаҳо**: Ҷумҳурии Тоҷикистон, идоракунии давлатӣ, шаҳрвандӣ, ҳуқуқ, уҳдадорӣ, вазъ, қонун, маъмурӣ, инсон, субъект.*

Бо баробари аз байн рафтани Иттиҳоди Шӯравӣ ва мустақил гаштани ҷумҳуриҳои собиқ иттифоқ марҳилаи нави қабул ва такмили қонунгузорӣ дар ҳар як кишвар ба миён омад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлатӣ тоза истиқлолиятро ба даст оварда аз ҷумлаи чунин давлатҳое ба шумор мерафт, ки зарурати аз нав қабул ва такмили қонунгузории дохилидавлатӣ ба миён омада буд, ки дар натиҷа қонунгузории дохилии худро тағйир ва такмил дода мавқеи ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, ҳамчунин кафолатҳои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои онҳо дар сатҳи конститутсионӣ муайян гардид. Мавқеи баланд додан ба инсон ва ё шаҳрванд дар низоми давлату давлатдорӣ ё дар низоми санадҳои меъёри ҳуқуқӣ асосҳои худро дорад. Яке аз асосҳояш ин аст, ки инсон яке аз арзишҳои муҳимтарини тамаддуни ҷаҳонӣ эътироф гардидааст. Амалисозӣ ва ё баръакс вайрон кардани ҳуқуқи инсон ба инкишофи рӯҳӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсии чӣ давлат ва ҷомеа умуман ва чӣ ҳар як шахсияти алоҳида таъсир мерасонад.

Ҳуқуқҳои инсон ба ҳар як одами дар ҷаҳон зиндагикунанда танҳо ба он хотир хос аст, ки вай инсон аст. Онҳо барои он заруранд, ки моҳияти инсонии ҳар одам ҳимоя карда ва нигоҳ дошта шавад, барои ҳар инсон дар рӯи замин зиндагонии шоистаю шарафмандона таъмин гардад.

Истифода намудани мафҳуми “инсон” ва “шаҳрванд” дар мақолаи мазкур дар он аст, ки ин мафҳумҳо пеш аз ҳама аз нигоҳи вазъи ҳуқуқиашон аз ҳамдигар тафовут доранд. Ҳамчунин ки дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии кишварамон дахлнопазирӣ, эътироф риоя ва ҳифзи он ба таври мушаххас аз тарафи ниҳодҳои давлатӣ ва шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ оварда шудааст. Зеро ҳамаи ҳуқуқ ва озодиҳое, ки ба инсон марбут аст, ба шаҳрвандони кишвар паҳн мегардад. Яъне ҳамаи ҳамаи шаҳрвандон дар умум инсонанд. Аммо ҳуқуқ ва озодиҳое, ки ба шаҳрванд паҳн мегарданд, ба ҳамаи инсонҳои дар дохили давлат зиндагоникунанда мансуб дониста намешавад, зеро на ҳамаи инсонҳои дар дохили кишвар сукунатдошта шаҳрванди давлат мебошанд. Вобаста ба ин дар қисми 3 моддаи 6 Конститутсияи ҶТ чунин меъёри мушаххас оварда шудааст. “*Халқи Тоҷикистонро сарфи назар аз миллаташон шаҳрвандони Тоҷикистон ташкил менамоянд*”.

Бинобар ин метавон гуфт, ки эълони истиқлолияти нави миллӣ ва такмили қонунгузориҳои соҳа ба пайдоиши вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд замина гузошт. Бахусус вазъи маъмурию ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд дар низоми нави давлатдорӣ ҷойи намоёнро ишғол кард.

Тавре, ки дар боло изҳор намудем, давлат барои хуб бар роҳ мондани идоракунии давлат миёни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва робитаи хуб пайдо намудан бо шаҳрвандонаш вазифадор аст, ки дар мадди аввал вазъи ҳуқуқии шаҳрвандонро, ки фарогири ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шаҳрвандиаш мебошанд муайян кунад. Шаҳрвандони Тоҷикистон қувваи асосии далату Ҳукумат ба шумор рафта ва дар ҳалли ҳамаи масъалаҳои ҳаёти ҷомеа ва далват ба онҳо такя менамояд. Ҳамчунин барои хуб ба роҳ мондани идоракунии давлатӣ аз ин қувва истифода мебарад. Зеро зарурати таҳкими Истиқлоли давлатӣ ва пояҳои давлатдорӣ талаб мекунанд, ки дастгоҳи идоракунии давлат бояд самаранок, мунтазам ва бонизом кор кунад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки маҳз ҳайати баландихтисос ва масъули хизматчиёни давлатӣ метавонад, падидаҳои бухрониро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дар марҳилаҳои гузариш ба осонӣ ҳал кунад[13, с.52].

Вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд аз муносибатҳои мураккабе иборат аст, ки вобаста ба мавқеи шахс дар ҷомеа соҳаҳои гуногуни ҳаёту фаъолияти онҳоро дар бар мегирад. Дар соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва ахлоқӣ-тафаккурии ҳаёти ҷомеа муносибатҳои ба вуҷудоянда тамоми ҳаёту фаъолияти шахсро фаро мегиранд, вале ҳеҷ як соҳаи ҳуқуқ дар алоҳидагӣ онҳоро ба танзим андохта наметавонад. Танҳо ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқ дар маҷмӯъ онҳоро мустаҳкам намуда, ба танзим меандозанд[6, с. 117].

Вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд мувофиқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва адабиётҳои илмӣ – ин маҷмӯи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои инсон ва шаҳрванд ба шумор меравад. Доир ба ин нуктаи назар дар қонуни асосии кишвар яъне Конститусияи ҶТ як боби алоҳида ба “*ҳуқуқ, озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд*” оварда шудааст, ки фарогири вазъи маъмури ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд мебошад.

Дар ин асно дар адабиётҳои ҳуқуқӣ бештар оид ба вазъи ҳуқуқии шахс маълумотҳо оварда шудааст, ки чунин аст. Вазъи ҳуқуқии шахс ба воситаи маҷмӯи ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, ки дар меъёрҳои ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқи амалкунанда инъикос ёфтаанд, муайян мегардад [13].

Асоси вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд бошад, ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои ба тарзи конститутсионӣ муқарраргардидаро дарбар мегиранд. Барои инсон ва шаҳрванд ҳуқуқу озодиҳо воситаи худифодакунӣ ва ошкор намудани лаёқати дар ҷомеа ташаккул ва инкишофёбӣ, таъмини шаъну шараф, ки барои шахсияти озод хос аст, воситаи амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои инкорнашавандаи ӯ ба иштирок дар идораи

ҷомеа, ки узви он аст, таъмини шароити зарурии иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ҳаётан муҳими моддию маънавӣ мебошанд. Ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд бо шакли махсуси ҳуқуқии муқаррар ва мустаҳкам гардидан хусусиятноканд. Онҳо дар санади олии ҳуқуқии давлат Конститутсия, ки қувваи олии ҳуқуқӣ дорад, мустаҳкам карда мешаванд [4].

Қобил ба тазаккур аст, ки пеш аз мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додани вазъи маъмурӣ-ҳуқуқӣ шаҳрвандон ба мо зарур аст, ки худи мафҳуми вазъи маъмурӣ-ҳуқуқӣ шаҳрвандонро аз нуқтаи назари олимони ватанию хориҷӣ пешниҳод намоем.

Кушнир И.В. қайд мекунад, ки вазъи маъмурию ҳуқуқии шаҳрвандон маҷмӯи ҳуқуқу уҳдадориҳо ва кафолатҳои давлатӣ мебошад, ки ин ҳуқуқу ӯҳдадориҳо бо ҳимояи давлатӣ таъмин карда шудаанд [8, с. 120].

Макарейко Н.В. чунин андеша дорад, ки вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии шаҳрванд таҳкими ҳуқуқии мавқеи шаҳрванд дар ҷомеа мебошад, ки аз маҷмӯи ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳое, ки қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст, кафолатҳо ва масъулияти шаҳрвандон, ки дар санадҳои меъёри ҳуқуқи маъмурӣ муқаррар гардидааст [9, с. 73].

Звоненко Д.П. чунин андеша дорад, ки вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии шаҳрванд аз ҳуқуқҳои ба ҳам алоқаманд иборат аст. Пеш аз ҳама, ин вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии шахсони воқеӣ, ки аз маҷмӯи ҳуқуқҳо ва кафолатҳое, ки Конститутсия, санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ эълон кардаанд, ки дар меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ мушаххас гардида тавассути иштироки шаҳрванд дар муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ амалӣ карда мешаванд. Инҳо ҳуқуқ ба ҳаёт, баробарӣ дар назди қонун ва суд, шаъну шараф, озодӣ ва амнияти шахсӣ ва ғайра мебошанд [12, с. 54].

Бо ба инобат гирифтани андешаи муҳаққиқони хориҷӣ *вазъи маъмурӣ ҳуқуқӣ* ин маҷмӯи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ мебошанд, ки тавассути меъёрҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ мустаҳкам гардидаанд.

Шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқие, ки бевосита дорандаи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқианд дар як вақт ба ҳайси субъети ҳуқуқи маъмурӣ баромад мекунанд.

Мувофиқи назарияи илми ҳуқуқшиносӣ ***субъект*** - гуфта ин иштирокчии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар назар дошта шудааст [5].

Дар мувофиқа ба ин мафҳум ***субъектони ҳуқуқи маъмурӣ*** - гуфта ин иштирокчии фаъоли муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад.

Иштирокчиёни муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ – шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро меноманд, ки бо ҷавобгӯ будан ба талаботҳои муайян метавонанд дар муносибатҳои идоракунӣ фаъолона ширкат варзида, ҳуқуқ ва вазифаҳои худро амалӣ намоянд.

Субъектони ҳуқуқи маъмурӣ иштирокчиёни воқеии муносибатҳои маъмуриро меноманд, ки вобаста аз вазъи ҳуқуқии худ аз якдигар фарқ мекунанд. Ба таври анъанавӣ субъектони ҳуқуқи маъмуриро ҷудо мекунанд:

1. *Инфиродӣ,* ки дарбаргирандаи шахсони воқеиянд,
2. *Коллективӣ.*

Субъектони инфиродӣ шаҳрвандони ҶТ мебошанд, ки мансабҳои давлатиро дар мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳокимияти иҷроия ишғол намуда, дар муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ давлатро муаррифӣ менамоянд ва бо ваколатҳои ҳокимиятии худ ба рафтор ва фаъолияти субъектони дигар таъсир мерасонанд.

Ба ҳайси субъектони инфиродӣ инҳо баромад мекунанд:

1. *Шаҳрвандони ҶТ.*
2. *Шаҳрвандони хориҷӣ.*
3. *Ашхоси бешаҳрванд.*

*4. Хизматчиёни давлатӣ ва шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ.*

Субъектони *коллективӣ* - бошанд гурӯҳи одамонеро меноманд, ки субъекти ягонаро ташкил дода, дар маҷмӯъ аз номи як субъект дар муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ иштирок мекунанд.

Дар асоси гуфтаҳои дар боло ироагардида ба ҳайси субъектони ҳуқуқи маъмурӣ асосан инҳо баромад карда метавонанд:

- *Шахсони воқеӣ.*
- *Мақомоти ҳокимияти иҷроия.*
- *Ташкилот, корхона, муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ.*
- *Шахсони воқеӣ (Инфиродӣ)*

Шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон – алоқаи мустаҳками ҳуқуқии шахс бо Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тавассути маҷмӯи ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои дутарафаи онҳо ифода меёбад [2].

Шаҳрванди хориҷӣ - шахсе, ки шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро надошта, шаҳрванди давлати хориҷӣ мебошад, ки онро ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти ӯ нишон медиҳад [2].

Шахсони шаҳрвандӣ надошта (бетабаа) – шахсоне, ки шаҳрвандии ягон давлатро надоранд, дар ҳудуди давлати муайян зиндагонӣ намуда, тибқи қонунгузории он ягон ҳуқуқ ва ӯҳдадории шаҳрвандони он ба ин шахс паҳн намегардад[2].

Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии шаҳрвандон таркиби мураккаби ҳуқуқӣ дошта аз навъҳои зерин иборат мебошад[13].

1. Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд.
2. Вазъи ҳуқуқии шаҳрвандӣ ҶТ.
3. Вазъи маъмурӣ-иҷтимоии шаҳрвандон.
4. Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии махсус.

Макарейко Н.В. навъҳои зерини вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии шаҳрвандонро фарқ мекунад:

- Вазъи умумии маъмурӣ-ҳуқуқии шаҳрвандон – мавқеи умумии шаҳрвандон дар соҳаи идоракунии давлатӣ ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар шудаанд.
- Вазъи умумии маъмурӣ-ҳуқуқӣ марбут ба ҳар як шахс сарфи назар аз ҷинс, синну сол, маълумот ва ғайра
- Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии махсус – категорияҳои муайяни ба шаҳрвандон тааллуқдошта, масалан, васиён, парасторон, хизматчиёни давлатӣ, хизматчиёни ҳарбӣ ва ғайра [ 9, с. 216].

Муҳаққиқ Шулежко В.И., унсурҳои зерини вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии шаҳрвандонро ҷудо кардааст [215]:

1. Принсипҳои вазъи маъмурию ҳуқуқии инсон ва шаҳрвандон;
2. Шаҳрвандӣ;
3. Соҳибҳуқуқии маъмурии шаҳрвандон (қобилияти ҳуқуқдорӣ маъмурӣ ва қобилияти амалкунии маъмурӣ);
4. Ҳуқуқ ва ухдадориҳои шаҳрвандон дар соҳаи идоракунии давлатӣ;
5. Ҷавобгарии маъмурии шаҳрвандон;
6. Кафолатҳои ҳуқуқии вазъи маъмурию ҳуқуқии шаҳрвандон.

Олимони хориҷӣ аз қабили О.В. Косткова, ҳангоми таҳлил ва баррасӣ қарор додани вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии шаҳрвандон сохтори зерини вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии шаҳрвандонро пешниҳод намудааст:

1. Қобилияти ҳуқуқдорӣ маъмурӣ – қобилияти доштани ҳуқуқ ва ухдададориҳои маъмурӣ.

2. Қобилияти амалкунии маъмурӣ – қобилияти бо амалҳои худ ба даст овардани ҳуқуқҳои маъмурӣ.

3. Маҷмӯи ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандон.

4. Масъулияти байниҳамдигарӣ.

5. Кафолатҳои амалигардонии ҳуқуқу уҳдадориҳо [11, с. 108].

Дар асоси таҳлилҳои дар боло ироа гардида метавон гуфт, ки вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон фарогири ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо, ки дар Конститутсия, санадҳои меъёри ҳуқуқӣ ва санадҳои ҳуқуқӣ байналмилалие , ки Тоҷикистон эътироф намудааст аз инҳо иборат мебошанд:

1. Соҳибҳуқуқии маъмурии шаҳрвандон (қобилияти ҳуқуқдории маъмурӣ ва қобилияти амалкунии маъмурии шаҳрвандон).

2. Ҳуқуқу вазифаҳои шаҳрвандон дар соҳаи идоракунии давлатӣ.

3. Кафолатҳои маъмурию ҳуқуқии ҳуқуқҳо, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон.

4. Муроҷиати шаҳрвандон.

1. Заминаҳои вазъи маъмурию ҳуқуқии шаҳрвандро қобилияти ҳуқуқдории маъмурӣ ва қобилияти амалкунии маъмурӣ ташкил медиҳад.

*Қобилияти ҳуқуқдории маъмурии шаҳрванд* – гуфта, эътирофи қонуни имконоти ҳуқуқии онҳо доир ба субъекти ҳуқуқи маъмурӣ буданро мефаҳманд[7].

Боби дуюми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайянкунандаи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд мебошад ва эътибори олии ҳуқуқӣ дошта, нисбат ба ҳамаи шаҳрвандон як хел паҳн мегардад. Масалан, моддаи 27 Конститутсия ҶТ чунин оварда шудааст, ки “Шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд”. Яъне дар меъёри мазкур ҳуқуқдории ҳар як шаҳрвандро бевосита ё тавассути намояндаи худ пешбинӣ намудааст.

Қобилияти амалкунии маъмурӣ ин қобилиятест, ки аз ду қисмат иборат аст:

1. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маъмурию ҳуқуқиро ба даст меорад.

2. Онҳоро амалӣ месозад.

Дар қонунгузориҳои амалкундаи кишвар лаҳзаи бавуҷудойии қобилияти амалкунии шаҳрвандон якхела пешбини нагардидааст. Лекин қобилияти пурраи амалкунии шаҳрвандон аз синни 18 солагӣ ба миён меояд. Дар муносибатҳои маъмурию ҳуқуқӣ бошад, ин тавр ба назар намерасад. Масалан, дар моддаи 24 КҲМ ҶТ синну соли ба ҷавобгарии маъмурӣ ҷалб намудани шаҳрвандонро аз синни 16 солагӣ пешбинӣ менамоянд. Вобаста ба ин муқаррарот олими ватани Ойев Х. чунин қайд намудааст, ки ин худ аз он шаҳодат медиҳад, ки қобилияти амалкунии маъмурӣ, дар ин ҳолат қобилияти ҷавобгӯи нисбат ба кирдорҳои маъмурии содиршуда, яъне қобилияти деликтикӣ аз ҳамин синну сол ба вуҷуд меояд [7, с. 110].

2. Ҳуқуқу вазифаҳои шаҳрвандон дар соҳаи идоракунии давлатӣ ба ба чор гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст [7, с. 110].

**Гурӯҳи якум** он ҳуқуқу вазифаҳое дохил мешаванд, ки иштироки бевосита ё бавоситаи шаҳрвандонро дар идоракунии давлатӣ ***моддаи 6*** Конститутсияи ҶТ ва баробарии онҳоро дар хидматӣ давлатӣ ***моддаи 27*** Конститутсият ҶТ ва ***моддаи 7*** Қонуни ҶТ “Дар бораи хизмати давлатӣ” аз 5 марти соли 2007 пешбинӣ намудаанд.

**Гурӯҳи дуюм** он ҳуқуқу вазифаҳои шаҳрвандон дохил мешаванд, ки амалисозии онҳо бо дастгирии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба вуҷуд меоянд. Масалан, ҳуқуқ ба намоишҳо ва роҳпаймоиҳои осоишта, ҳуқуқи муроҷиат намудан, ҳуқуқ ба хизмати давлатӣ қабул гардидан ва ғайра.

**Гурӯҳи сеюм** ҳуқуқу вазифаҳои шаҳвандон дар соҳаи идоракунии давлатӣ он ҳуқуқу вазифаҳои шахсӣ, иқтисодию иҷтимоие дохил мешаванд, ки барои амалисозии онҳо аз мақомоти ҳокимияти иҷроия талаб карда мешавад, ки фаъолияти гуногунеро оид ба ҳифзкунӣ, таъмини кафолати давлатӣ, ташкили шароити мусоид ва дигар фаъолиятро бояд анҷом бидиҳанд.

**Гурӯҳи чаҳорум** ҳуқуқ ва вазифаҳои шаҳвандон дар доираи идоракунии давлатӣ як зумраи ҳуқуқу вазифаҳое дохил мешаванд, ки бо иштироки онҳо вобаста ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия мебошанд. Масалан, иштироки шаҳрвандҳнро дар доираи идоракунии давлатӣ ба сифати аъзои шӯроҳои илмӣ-техникӣ, мувофиқасозии экспертизаҳои машваратӣ, комиссияҳои байнисоҳавӣ ва корӣ ва ғайра, ки шаҳрвандон дар онҳо дар асосҳои ҷамъиятӣ амал менамоянд.

3. Кафолатҳои маъмурию ҳуқуқии ҳуқуқҳо, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ба кафолатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқӣ ҷудо карда шудааст.

**Кафолатҳои иқтисодӣ –** мунтазамии соҳаҳои хоҷагии халқ, саноат, кишоварзӣ, низоми мустаҳакамии молию пулӣ, пардохти сари вақтии музди меҳнат, нафақа, кумакпулӣ ва ғайраҳо, ки тавассути меъёрҳои маъмурию ҳуқуқӣ таъмин карда мешавад.

**Кафолатҳои сиёсӣ –** ҳуқуқу бартарияти шахсият, уҳдадориҳои шаҳрвандонро дар ҷомеъ ва давлат муқаррар менамояд, ки эътироф ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва арзишҳо воло мебошад. Масалан, боби дуюми Конститутсияи ҶТ.

**Кафолатҳои ташкилӣ –** ҳуқуқу вазифаҳои шаҳрвандон на танҳо мавҷудияти дастгоҳҳои давлатиро балки ташкили низоми дигар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ – ҳокимияти қонунгузорӣ ва судиро фаро мегирад.

**Кафолатҳои ҳуқуқӣ –** ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон тавассути мақомоти ваколатдорӣ давлатӣ дар назар дошта шудааст.

4. Мурољиати шаҳрвандон – ҳуқуқи мурољиат намудан ба мақомоти давлатӣ қисми таркибии ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон мебошад, ки бе мурољиат амалишавии онҳо на он қадар хуб ба назар мерасад. Масалан, моддаи 31 Конститутсияи ҶТ “*Шаҳрванд ҳуқуқ дорад шахсан ва ё якҷоя бо дигарон ба мақомоти давлатӣ мурољиат намояд*”.

Мурољиати шаҳрвандон ба мақомоти давлатӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ” аз 23 июли соли 2016 № 1339 сурат мегирад.

Мурољиатҳо – ариза, дархост, таклиф, шикояти шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ, ки дар шакли хаттӣ, электронӣ ё шифоҳӣ ба мақомоту ташкилоти дахлдор пешниҳод шудаанд [2].

Ҳамин тариқ дар асоси гуфтаҳои дар боло ироагардида метавон гуфт, ки муқаррар намудани вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, махсусан вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии шаҳрвандон дар амалӣ гардонидани ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии давлатӣ яке аз вазифаҳои муҳими давлату Ҳукумат ба шумор меравад. Зеро мавҷуд набудани муқаррароти зикргардида моҳияти алоқамандии давлат бо ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳуқуқи дастрасӣ ба мақомотҳои давлатӣ ва ҳуқуқи иштироки шаҳрвандон дар идораи корҳои давлатӣ маҳдуд мегардад. Бинобар ин дар асоси таҳлилҳои дар боло овардашуда мехоҳам иброз намоям, ки дар раванди амалӣ гардонидани идоракунии давлатӣ ба инобат гирифтани вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии шаҳрвандон аз тарафи давлат шарти аввалиндараҷа маҳсуб меёбад.

**Адабиёт**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994.
2. Қонуни конститутсионии ҶТ “Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон” 8 августи соли 2015 №1208.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ” аз 23 июли соли 2016 № 1339
4. Тафсири илмию омавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Зери таҳрири Маҳмудов М.А., – Душанбе, “Шарқи озод” – 2009, 520 саҳ.
5. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / Зери таҳрири Маҳмудов М.А. - Душанбе: ЭР-граф, 2009. - с. 533-534.
6. Ҳукуки конститусионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Душанбе, Интишороти Олӣ Сомон, 1997. 390 с.
7. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми 1 / Ойев Х., Душанбе – 2013, 564 саҳ.
8. Кушнир И.В. Административное право / И.В. Кушнир. – М.: ИнфраМ, 2011. – 435 с
9. Макарейко Н.В. Административное право: краткий курс лекций / Н.В. Макарейко. – М.: Издательство Юрайт, 2014. – 212 с
10. Шулежко В.И. понятие административно-правового статуса гражданина российской федерации, стр 214-218, Наука и современность – 2017.
11. Косткова О.В. Административное право / О.В. Костькова. – М.: Аллель, 2010. – 390 с.
12. Звоненко Д.П. Административное право / Д.П. Звоненко, А.Ю. Малумов, Г.Ю. Малумов. – М.: Юстицинформ, 2007.-416 с.
13. Маҷаллаи илмӣ – сиёсии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Идоракунии давлатӣ”, 2018 (№ 4). – 192 саҳ.
14. Манбаъҳои интернетӣ: www.Https://allinweb.ru/huquq-va-davlat/6304/.

# НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ АДМИНИСТРАТИВНО-ПРАВОВОГО ПОЛОЖЕНИЯ ГРАЖДАН РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**НАБОТОВ НАИМЧОН АБДУХОЛИКОВИЧ,**
ассистент кафедры административного права и государственной службы Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саид Носира, 33
Тел.: (+992) 901-00-70-01. E-mail: naimjonnabotov@gmail.com

*Гражданство Республики Таджикистан представляет собой устойчивую политико-правовую связь лица с Республикой Таджикистан и включает в себя совокупность взаимных прав и обязанностей сторон. Как всем известно, с момента существования государства и до сих пор определение состояния прав человека и гражданина является одним из важнейших и первостепенных вопросов для государства и Правительства. В целях установления надлежащего управления среди гражданского общества, установления хороших отношений со своими гражданами государство обязано определить правовое положение граждан, включающее в себя их гражданские права и обязанности. Как следует из понятия правовое положение граждан - это совокупность прав и свобод и основных обязанностей человека и гражданина, которые нашли отражение в нормах всех областей применимого права, особенно административного права. В соответствии с этими принципами административно-правовой статус граждан Республики Таджикистан представляет собой совокупность прав и обязанностей физических и юридических лиц, закрепленных административно-правовыми нормами. Административно-правовой статус граждан Республики Таджикистан дает каждому гражданину право участвовать в процессе государственного управления и политических делах государства. Как нам стало понятно из*

*понятия административно-правового статуса граждан Республики Таджикистан, административно-правовой статус граждан Республики Таджикистан является обширной темой. Поэтому в данной статье будут проанализированы и рассмотрены некоторые вопросы административно-правового положения граждан Республики Таджикистан. Используя законодательство, отечественную и зарубежную научную литературу, автор подверг эту тему научному анализу.*

***Ключевые слова:*** Республика Таджикистан, государственное управление, гражданство, право, обязанность, положение, закон, административный, человек, субъект.

## SOME ISSUES OF THE ADMINISTRATIVE AND LEGAL STATUS OF CITIZENS OF THE THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**NABOTOV NAIMJON ABDUKHOLIKOVICH,**
Assistant of the department of administrative law and public service of the
Academy of public administration under the President of the Republic of Tajikistan
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nosir st.
Phone: (+992) 901-00-70-01. E-mail: naimjonnabotov@gmail.com

*Citizenship of the Republic of Tajikistan is a stable political and legal relationship of a person with the Republic of Tajikistan and includes a set of mutual rights and obligations of the parties. As everyone knows, from the moment of the existence of the state and until now, the definition of the state of human and civil rights has been one of the most important and paramount issues for the state and the Government. In order to establish proper governance among civil society, to establish good relations with its citizens, the state is obliged to determine the legal status of citizens, including their civil rights and obligations. As follows from the concept, the legal status of citizens is a set of rights and freedoms and basic duties of a person and citizen, which are reflected in the norms of all areas of applicable law, especially administrative law. In accordance with these principles, the administrative and legal status of citizens of the Republic of Tajikistan is a set of rights and obligations of individuals and legal entities, enshrined in administrative and legal norms. The administrative and legal status of citizens of the Republic of Tajikistan gives every citizen the right to participate in the process of public administration and political affairs of the state. Therefore, this article will analyze and consider some issues of the administrative and legal status of citizens of the Republic of Tajikistan. Using the legislation, domestic and foreign scientific literature, the author subjected this topic to scientific analysis. As it became clear to us from the concept of the administrative and legal status of citizens of the Republic of Tajikistan, the administrative and legal status of citizens of the Republic of Tajikistan is an extensive topic.*

***Keywords:*** *Republic of Tajikistan, pablic administratijn, citizenship, right, duty, position, law, administrative, person, subject.*

УДК: 342.951

# АСОСҲОИ ИЛМИЮ НАЗАРИЯВИИ ОМӮЗИШИ АТТЕСТАТСИЯИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТӢ

**САЙФУДДИНОВА РИСОЛАТ РАҲМАТУЛЛОЕВНА,**
унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 887-70-92-92.

*Дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшиш кардааст, асосҳои илмию назариявии аттестатсияи хизматчиёни давлатиро таҳлилу тафсир кунад. Дар адабиёти илмӣ таърифҳои гуногуни аттестатсия пешниҳод карда шудааст, аммо муаллиф вобаста ба фаҳмиши худаш мафҳуми аттестатсияро бо такя ба тадқиқоти дигар муҳаққиқон шарҳ додааст. Бояд қайд кард, ки таърифи аттестатсия дар адабиёти ҳуқуқӣ низ дода шудааст. Дар идоракунии давлатӣ аттестатсияро ҳамчун муайян кардан, санҷидан, баҳодиҳии сифатҳои касбӣ, кордонӣ ва шахсии хизматчиёни давлатӣ, муқаррар намудани мувофиқати расмии ӯ ба талаботи хизмати давлатӣ фаҳмида мешавад. Масъалаи аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ ба тариқи васеъ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.*

*Омӯзиши масъалаи аттестатсияи хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз замони соҳибистиқлолӣ шурӯъ карда мешавад. Дар як вақти начандон зиёд чандин санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ вобаста ба аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ қабул карда шудааст. Дар баробари ин аттестатсия ҳам ба тариқи назариявӣ аз ҷониби марказҳои гуногуни тадқиқотӣ ва муҳаққиқони ҷудогона мавриди пажӯҳиш қарор дода шуда истодаасст. Инчунин дар амалияи хизмати давлатӣ барои барои боло бурдани сатҳи тахассуси хизматчиёни давлатӣ истифода карда мешавад.*

***Калидвожаҳо:*** *аттестатсия, аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ, ҷадвали аттестатсия, комиссияи аттестатсионӣ, хизматчиёни давлатии маъмурӣ, хизмати давлатӣ, мақомоти давлатӣ, идоракунии давлатӣ, ҷобаҷогузории кадрҳо, тарбияи кадрҳо, баҳодиҳии кадрҳо, технологияи кадрӣ, идоракунии захираҳои инсонӣ.*

Аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ яке аз унсурҳои асосии ташаккули карераи онҳо ва муайян кардани зарурати будубоши минбаъдаи ӯ дар хизмати давлатӣ мебошад. Аттестатсия арзёбии сатҳи омодагии касбӣ ва мувофиқати мутахассис ба вазифаи ишғолкарда, инчунин қарор дар бораи додани категорияи тахассусӣ ба хизматчиёни давлатӣ мебошад. Аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ яке аз унсурҳои асосии кори кадрӣ мебошад, ки санҷиши даврии мутобиқати касбӣ ва мувофиқ будани вазифаи ишғолкардаи ҳар як корманди категорияи муайян мебошад. Ҳайати кормандоне, ки бояд аттестатсия карда шаванд, дар ҳар як соҳаи фаъолият тибқи номгӯи вазифаҳои роҳбарон, мутахассисон ва дигар кормандон муқаррар карда мешавад. Аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ яке аз ҷузъҳои асосии кори кадрӣ буда, санҷиши давра ба давра мутобиқати касбӣ ва мувофиқат ба вазифаи ишғолкардаи ҳар як хизматчиёни категорияи муайян мебошад.

Тағйироти ҷиддие, ки ҳоло дар институтҳои хизмати давлатӣ дар натиҷаи ислоҳоти ҷараёни маъмурӣ ва хизмати давлатӣ ба вуҷуд омада истодаанд, моро водор месозад, ки нисбат ба мазмуни мафҳуми баррасишаванда, инчунин ба натиҷаҳои ҳуқуқии он каме дигар муносибат кунем. Чунки дар аксари ҳолатҳо меъёрҳои ҳуқуқӣ самти мазкур тағйир дода мешавад. Сабаби чунин тағйиротҳо дар боз ҳам хубтар ба беҳтар кардани касбияти хизматчиёни давалатиро ба вуҷуд меорад. Вобаста ба ин масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд мекунанд: «Такмили низоми идоракунии давлатӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои босифат самти муҳими ислоҳоти иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Ҳалли муваффақонаи масъалаҳои рушди минбаъдаи кишвар, пеш аз ҳама, бо самаранокии низоми идоракунӣ, баланд бардоштани масъулияти хизматчиёни давлатӣ, бартараф намудани монеаҳои сунъӣ ва таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ алоқаманд мебошад»[9, с.23].

Дар ҳангоми гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ ба инобат гирифтани чунин нуктаҳои Паёми Пешвои миллат ва дар амал татбиқ намудани он зарур ва саривақтӣ мебошад. Тағйироти ҷиддие, ки дар хизмати давлатӣ ба амал омада истодаанд, моро водор месозад, ки нисбат ба мазмуни мафҳуми баррасишаванда, инчунин, оқибатҳои он каме дигар муносибат кунем. Баъзе таърифҳои аттестатсияро чӣ дар адабиёти илмӣ ва чӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дода шудаанд, барои боз ҳам фаҳмо шудани аттестатсия дида мебароем. Бояд қайд кард, ки мо метавонем таърифҳои гуногуни нисбии аттестатсияро дар адабиёти махсуси ҳуқуқии ба масъалаи баррасишаванда бахшида пайдо кунем, дар ҳоле ки қонунгузорӣ дар таърифҳои мушаххас фарқ намекунад.

Дар идоракунии давлатӣ аттестатсияро ҳамчун муайян кардан, санҷидан, баҳодиҳии сифатҳои касбӣ, кордонӣ ва шахсии хизматчии давлатӣ, муқаррар намудани мувофиқати расмии ӯ ба талаботи хизмати давлатӣ шарҳ медиҳад. Вобаста ба ин муҳаққиқи тоҷик Эргашова Ф.М. чунин қайд мекунад: «Хизмати давлатии Тоҷикистони соҳибистиқлол қадамҳои аввалини худро дар самти ташкили самаранок, боэътимод, шаффоф, ҳисоботдиҳӣ, ахлоқӣ ва касбии хизмати давлатӣ мегузорад. Ин вазифаҳо пеш аз ҳама аз ташкили низоми муносиби идоракунии захираҳои инсонии мақомоти давлатӣ ва дар маҷмӯъ хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки метавонад иҷрои функсия ва вазифаҳои давлатӣ ва самаранокии сиёсати кадриро таъмин намояд”[12, с.3].

Дар воқеъ татбиқи технологияи кадрӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳоли ташаккул ва инкишоф мебошад. Аттестатсия бошад ин ҷузъи технологияи кадрӣ аст ва дар ҳар як корхонаву ташкилотҳо барои дуруст ҷобаҷогузории кардҳо гузаронида мешавад. Аз лиҳози илмӣ мафҳуми аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ гуногун шарҳ дода мешавад. Муҳаққиқ Халипов Е.В. бошад аттестатсияро ҳамчун аз назаргузаронии қобилият, дониш, кордонӣ, хислат ва дигар сифатҳои шахс муайян мекунад[11, с.54]. Дар асоси чунин қобилиятҳо ва малакаҳо тавассути аттестатсия хизматчиёни давлатӣ ба мансабҳои болоӣ таъин карда мешаванд.

Муҳаққиқи дигар Курилов В.И. аттестатсияро ба маънои маҳдуд ва васеъ мешуморад. Масалан ба маънои маҳдуд аттестатсия дар корхона, муассиса, ташкилот бо ёрии комиссияи аттестатсионӣ бо мақсади мунтазам баланд бардоштани маҳорати кордонӣ дар дараҷаи идеявию сиёсӣ мегузаронад. Ва баъд чӣ гуна кор кардани кормандон, беҳтар намудани хоста гирифтан ва ҷо ба ҷо гузоштани онҳо ва давра ба давра корҳои онҳо тафтиш карда мешаванд ва дар охир муайян кардани кадрҳои кордон, сиёсӣ, ташкилотчигӣ ва сифатҳои шахсию ахлоқии хизматчиёни давлатӣ[6, с.125]. Ба маънои васеъ доштани маълумоти олӣ-касбӣ, тахассус, сатҳи дониши хизматчии давлатӣ муайян мегардад.

Муҳаққиқ Жиров А.П. бошад, аттестатсияро чун шакли давлатии муқаррааргардидаи санҷиши даврии қобилияти махсуси меҳнатии категорияи муайяни кормандон ва сифати иҷрои вазифаҳои меҳнатии онҳо бо мақсади муқаррар намудани мутобиқати шахсони аттестатсияшаванда ба мансаби худ, беҳтар намудани фаъолияти

онҳо тавсиф мекунад, ки бо воситаи касбӣ ва маънавию сиёсӣ, инчунин, ба маъмурият дар беҳтар намудани хоста гирифтан ва ҷобаҷогузории кадрҳо ёрӣ расонанд.

Муҳаққиқ Овсянко Д.М. бошад аттестатсияро ҳамчун тартибе муайян кардааст, ки ба такмили фаъолият оид ба интихоб, такмили ихтисос, ҷобаҷогузории хизматчиёни давлатӣ, муайян намудани сатҳи тайёрии касбӣ ва мувофиқат ба вазифаи ишғолшаванда ва додани рутбаи тахассусии навбатӣ мусоидат мекунад.

Муҳаққиқон Бахрах Д.Н., Курилов В.И. ба ҳамин тариқ тафсири дурусти аттестатсияро ба миён гузошт. Ҳамин тавр, Д.Н.Бахрах аз ҷумла мегӯяд: «Бо мақсади баҳо додан ба кор, аттестатсияи умумие, ки дар хизматчиёни давлатӣ, баланд бардоштани ҳисси масъулиятшиносии онҳо гузаронида мешавад ва аттестатсияи шахсии онҳо бо мақсади ҳалли масъалаҳои додани рутбаи навбатии хизматчии давлатӣ, таъини хизматчии давлатӣ ба вазифаи дигар, аз вазифа озод кардани корманд, аз рӯи унвонҳо, аттестатсияи шахсӣ нисбат ба хизматчиёни алоҳидаи давлатӣ гузаронида мешавад» [2, с.31-38].

Ҳуқуқшиноси тоҷик Ғафурзода А.Д. аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ ба масъалаи аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ муносибат намуда, онро дар доираи қонуниятҳои ислоҳоти маъмурӣ, ки дар кишвар дар солҳои соҳибистиқлолӣ ҷараён гирифтанд, баррасӣ ва таҳлил намудааст. Ӯ қайд мекунад, ки “ҳамин гуна муносибатҳо, ки бо амалисозии вазифаҳои мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо алоқаманд мебошанд, дар асл муносибатҳои давлатию хизматӣ мебошанд” [4, с.8].

Тартиб ва шартҳои аттестатсияи хизматчиёни давлатиро қонун дар бораи хизмати давлатӣ ва Низомномаи аттестатсия муқаррар мекунанд. Гузаронидани фаъолияти аттестатсионӣ барои аттестатсия мавҷуд будани ҳуҷҷатҳои расмии меъёриро талаб мекунад. Баҳодиҳии хизматичиёни давлатӣ - низоми санҷиши даврии кори хизматчиён дар давраи ҳисоботӣ, баҳодиҳии мутобиқати тахассус, қобилият, муносибат ба вазифаҳош мебошад. Дар амалия мафҳумҳои баҳодиҳии хизматчиёни давлатӣ ва аттестатсия аксар вақт омехта карда мешаванд. Дар натиҷа, аттестатсия аксар вақт ҳамчун чизе фаҳмида мешавад, ки ба баҳодиҳии хизмататчиёни давлатӣ алоқаманд аст. Мувофиқи шакли аттестатсия он метавонад дар шаклҳои зерин гузаронида шавад[3, с.241]:

- имтиҳони тахассусӣ;
- мусоҳибаҳо;
- навиштани реферат;
- санҷиши хаттӣ ё компютерӣ.

Вобаста ба хусусиятҳои муштараки аттестатсия бояд асосҳои татбиқи он қайд карда шавад. Аз ҷумлаи хусусиятҳои асосии аттестатсия инҳоянд:

1. Ошкоро, яъне васеъ шинос кардани кормандон бо тартиб ва усули аттестатсия. Барои шахсе, ки аттестатсия шудааст, азназаргузаронӣ дода мешавад, ки онро аксар вақт дар коллективи звенои сохторӣ муҳокима мекунанд.

2. Демократия иштироки васеи аҳолиро дар раванди аттестатсия фароҳам мекунад. Яъне ин низоми идоракунии давлатӣ раванди идоракунӣ барои оммаи мардум шаффоф ба роҳ монда мешавад.

3. Самаранокӣ – интегралӣ ва саривақт андешидани тадбирҳои мавҷуда аз рӯи натиҷаҳои аттестатсия.

4. Объективии аттестатсионӣ дар қабули қарори комиссияи аттестатсионӣ бо аксарияти овозҳо, дар имконияти шикоят кардан аз болои қарори комиссия зоҳир мегардад.

5. Ҳатман ба аттестатсияшаванда расонидани натиҷаҳо.

6. Баҳоро бо танқид пайвастан мумкин нест.

7. Ба корманд дар як вақт дар бораи натиҷаи аттестатсия ва дар бораи музди кор хабар додан мумкин нест.

8. Ба таври комил ба кормандон фаҳмондан лозим аст, ки аттестатсияи кормандон воситаи муҷозотӣ барои аз кор озод кардани мутахассисони номатлуб ё «нодуруст» набуда, он на фақат ба корфармоён, балки ба кормандон низ мусоидат мекунад, то ки онҳо худашон дар тайёрии касбии худ камбудиҳоро дарёбанд ва онҳоро бартараф кунанд [1, с.178].

Дар асоси натиҷаҳои аттестатсия лоиҳаи рушди шахсии ҳар як мутахассис асос ёфта, баланд бардоштани тахассуси ӯ (семинарҳо, тренингҳо, таҷрибаҳо, машваратҳо) ва пешравии касбии ӯро пешбинӣ менамояд. Ҷиҳатҳои манфии баҳодиҳии хизматчиён аз он иборат аст, ки баҳодиҳии зуд-зуд кормандонро беэътино намуда, саъю кӯшиши хизматчиёни давлатиро танҳо ба риояи стандартҳои муқарраршуда равона мекунад. Дар натиҷа, ҳама чизе, ки ба онҳо "баҳодиҳии" воқеӣ гузошта нашудааст, сарфи назар карда мешавад. Барои корманд на тантанаи тамоми ташкилот, балки натиҷаи индивидуалӣ ба мадди аввал меистад. Дар коллектив рақобати беасос баланд дар байни коргарон пайдо мешавад ва ҳодисаҳои байнишахсӣ давра ба давра ба амал меоянд.

Баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолияти хизматчиёни давлатии Тоҷикистон дар шароити имрӯза метавонад, гузаронидани аттестатсия ҳисобида шавад. Ин расмиёт дар Низомнома дар бораи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ қонунӣ гардонида шудааст, тартиб ва шарти гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмуриро танзим менамояд.

Тибқи муқаррароти моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” [7, с.5] аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ бо мақсади муайян кардани мувофиқат ба мансаби ишғолнамуда ва таъмини болоравии касбӣ аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ (ба истиснои хизматчиёни давлатие, ки мансаби сиёсии хизмати давлатӣ ва мансаби маъмурии хизмати давлатии категорияи олиро ишғол мекунанд) гузаронида мешавад.

Дар Низомномаи аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ омадааст, ки аттестатсия бо мақсади муайян кардани мувофиқати хизматчии давлатӣ ба мансаби давлатии ишғолшаванда дар асоси баҳодиҳии касбии ӯ гузаронида мешавад.

Иҷрои аттестатсия барои мусоидат ба ташаккули кадрҳои хизмати давлатӣ, ин баланд бардоштани сатҳи касбии хизматчиёни давлатӣ, ҳалли масъалаҳои вобаста ба муайян кардани ҳуқуқи афзалиятнок барои ишғоли мансаби хизмати давлатӣ вақте ки ихтисори мансабҳои хизмати давлатӣ дар мақомоти давлатӣ, инчунин, масъалаҳои вобаста ба тағйир додани шароити музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ низ гузаронида мешавад.

Асоси механизмҳое, ки ба баланд бардоштани самаранокии хизматчиёни давлатӣ мусоидат мекунанд, бояд дорои технологияҳои муосири кадрӣ бошанд:

- ❖ таъинот ба вазифаи хизмати давлатӣ дар асоси озмун;
- ❖ мусоидат ба пешбарии хизматчиёни давлатӣ дар асоси озмун;
- ❖ ташаккул ва истифодаи захираи кадрҳо барои ишғоли мансабҳои хизмати давлатӣ;
- ❖ баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолияти касбии хизматчиёни давлатӣ тавассути аттестатсия;
- ❖ ротатсияи кормандон ва дигарон.

Бо мақсади татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар хизмати давлатӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 январи соли 2001 мақоми ваколатдори соҳаи

хизмати давлатӣ- Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда буд [5, с.54]. Таъсисёбии ин ниҳод яке аз дастовардҳои замони Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ҳамчун рукни асосии сиёсати давлатии кадрҳо ва омили муҳими таҳкимбахши фаъолияти мақомоти давлатӣ арзёбӣ мегардад. Ин ниҳод дар ташаккули низоми нави давлатдорӣ саҳм гузошта, барои такмили марҳила ба марҳилаи идоракунии хизмати давлатӣ ва ислоҳоти он заминаи мусоид фароҳам овард [8, с.216].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар суханронии худ 1 сентябри соли 2020 пешниҳод кард, ки Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шавад. Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти баъд аз муассисаи олии таълимӣ буда, барномаи таълимӣ, корҳои илмию таҳқиқотӣ, таҷрибаомӯзии мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва фармоиши давлатиро оид ба тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос, таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

Дар ҳоли ҳозир Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2008, таҳти №468 тасдиқ шудааст.

Низомномаи мазкур тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ, тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурии мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки кормандони онҳо ба хизматчиёни давлатӣ баробар карда шудаанд, танзим менамояд.

Тибқи Низомнома аттестатсия тартиби муайян намудани мувофиқати хизматчии давлатии маъмурӣ ба мансаби ишғолнамуда мебошад, ки бо роҳи баҳодиҳӣ ба натиҷаи иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ, сатҳи дониш, малака ва тайёрии касбии ӯ муайян карда мешавад.

Ҳамчунин, бояд гуфт, ки барои сиёсати кадрӣ мақсади аттестатсия аз як тараф ба муайян кардани мутобиқати хизматчии давлатӣ ба мансаби давлатии ивазшаванда, аз тарафи дигар такмили фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ мебошад. Аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ бо мақсади беҳтар ба роҳ мондани интихоб, ҷобаҷогузорӣ ва тарбияи кадрҳо, баланд бардоштани сифат ва самаранокии хизмати давлатӣ, гирифтани иттилооти объективӣ оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ ва сатҳи дониши касбии хизматчиёни давлатии маъмурӣ дар се сол як маротиба дар асоси санади (қарори, амри, фармони) роҳбари мақоми давлатӣ аз рӯи принсипҳои зерин гузаронида мешавад [10, с.15]:

- ❖ ошкоро (кушода) гузаронидани аттестатсия;
- ❖ эҳтироми тарафайн (аттестатсияшаванда ва аъзои комиссия) ҳангоми гузаронидани аттестатсия;
- ❖ баҳодиҳии объективона, воқеъбинона ва маҷмӯии аттестатсияшаванда;
- ❖ асоснокии хулоса ва тавсияи комиссияи аттестатсионӣ;
- ❖ таъсирбахшии натиҷаи аттестатсия (ҳатмӣ будани хулоса ва тавсияҳои комиссияи аттестатсионӣ барои роҳбари мақоми давлатӣ);

Дар системаи идораи давлатӣ ба воситаи аттестатсия ва натиҷаи он ба хизматчиёни давлатӣ диққати махсус дода мешавад. Аттестатсия раванди банақшагирӣ санҷиши тахассусии корманд бо мақсади муайян кардани сатҳи омодагии касбии ӯ оид

ба мувофиқат ба вазифаи ишғолшаванда мебошад. Ҳар як корманд новобаста аз ақидаи субъективии касе, бояд барои тасдиқи сифатҳои касбии худ, нишон додани иқтидори маънавӣ ва маҳорату малакаи худ ба роҳбарияти ташкилот ё муассиса имконият дорад ва ба ин васила барои рушди минбаъдаи мансаб барои пешравии худ коре кунад.

Ҳангоми ихтисори мансабҳои хизмати давлатӣ аттестатсия аз ҷониби мақомоти давлатӣ бо мақсади муайян кардани хизматчиёни давлатие, ки ба сабаби ҳосилнокии баланди меҳнат ва тахассуси баланд, ҳуқуқи афзалиятноки мондан дар хизмати давлатӣ дорад, гузаронида мешавад. Аз рӯи натиҷаҳои аттестатсияи ғайринавбатӣ ба чунин кормандон мумкин аст, вазифаҳои дигар дар хизмати давлатӣ, аз ҷумла дар мақомоти дигари давлатӣ пешниҳод карда мешаванд. Дар сурати баробар будани ҳосилнокӣ ва тахассуси меҳнатӣ дар ҳолати тарки хизмати давлатӣ ба инҳо афзалият дода мешавад. Баррасии ҳамаҷониба ва объективии ҳуҷҷатҳои инъикоскунандаи фаъолияти хизматии хизматчии давлатӣ, баҳодиҳии беғаразонаи сатҳи тахассуси ӯ, имкониятҳои рушди касбӣ ва қабули қарори мувофиқат кардан (мувофиқат накардан)-и корманд ба мавқеи ӯ бо мушкилии хусусият ва мазмуни меҳнат ва (дар натиҷа мураккаб шудани меъёрҳои раванди баҳодиҳӣ), зарурати муносибати бештар бодиққат ба миён меояд.

Аз нуқтаи назари кафолатҳо, ҳифзи ҳуқуқии хизматчии давлатӣ, принсипҳои дурусти талаботе, ки ҳангоми аттестатсия ба ӯ пешниҳод мешавад, хеле муҳим аст. Ин маънои онро дорад, ки хизматчии давлатӣ бояд аз саволҳое, ки ҳангоми аттестатсия ба онҳо ҷавоб диҳад, пешакӣ огоҳ бошад. Барои ин пеш аз оғози аттестатсия рӯйхати пурра ва тахассусии саволҳо ё санҷишҳои категорияҳои гуногуни хизматчиёни давлатии мансабҳои хизмати давлатиро бо назардошти ихтисоси онҳо таҳия кардан лозим аст. Саволҳо бояд ба вазифаи меҳнатии хизматчии давлатӣ мувофиқ бошад ва дар доираи уҳдадориҳои меҳнатии пешбининамудаи шартномаи меҳнатӣ бошад. Аз ин рӯ, комиссияи аттестатсионӣ ҳуқуқ дорад, ба хизматчии давлатӣ танҳо саволҳоеро диҳад, ки ба фаъолияти касбии ӯ дахл доранд.

Пеш аз муҳлати муқарраршуда гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ мумкин аст, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таъин карда шавад. Тибқи банди 9 Низомнома хизматчиёни давлатии сиёсӣ, хизматчиёни давлати маъмурии категорияи олӣ ва хизматчии давлатии ба синни ниҳоии хизмати давлатӣ расида, аттестатсия карда намешаванд [10, с.16].

Аз аттестатсия хизматчиёни давлатии маъмурии дар мансаби ишғолнамудаи хизмати давлатӣ камтар аз як сол фаъолиятнамуда ва занони дар рухсатии ҳомиладорӣ, таваллуд ва нигоҳубини тифл буда озод карда мешаванд. Ин шахсон, инчунин, мутахассисони ҷавон баъд аз як соли кор дар мансаби ишғолнамуда аз аттестатсия мегузаранд. Роҳбарии методӣ ва назорати рафти гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатиро Агенти хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

Ҳамин тариқ аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ дар шароити хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои боз ҳам боло бурдани тахассуси хизматчиёни давлатӣ гузаронида мешавад. Ҷиҳати дигари худи аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ ин ҷилавгирӣ аз дилентатизм мебошад яъне мансабдорони ғайритахассусиро вобаста ба тахассусашон ҷобаҷогузорӣ мекунад.

**Адабиёт**

1. Аксенов, Е.А. Управление персоналом в системе государственной службы: учебное пособие/Е.А.Иванов.– М.: ИПК госслужбы, 2010.

2. Бахрах Д.Н. Особенности аттестации государственных служащих // Кадровое дело. 2009. №4.
3. Демин Ю.М. Аттестация персонала: учебное пособие/Ю.М.Демин. – СПб.: Питер, 2011.
4. Идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Тоҷикистон // Зери назари проф. Ғафурзода А. –Душанбе,2019.
5. Идоракунии захираҳои инсонӣ дар хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. (дастури таълимӣ). Душанбе 2009.
6. Корнийчук Г.А. Государственные служащие: особенности регулирования труда . -М.: Альфа Пресс, 2010.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлати” 5 марти соли 2007 №233
8. Ойев Х. Китоби хизмати давлатӣ. Душанбе 2020.
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикстон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017
10. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ» аз 30 майи соли 2008, №468.
11. Халипов В.Ф., Халипова Е.В. Власть, политика, государственная служба. Словарь.-М., 2006.
12. Эргашева Ф.М., Татбиқи сиёсати кадри тавассути идоракурии захираҳои инсонӣ дар хазмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, ООО «Сабрина», 2009.

## НАУЧНО-ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИЗУЧЕНИЯ АТТЕСТАЦИИ ГОСУДАРСТВЕННЫХ СЛУЖАЩИХ

**САЙФУДДИНОВА РИСОЛАТ РАХМАТУЛЛОЕВНА,**
соискатель кафедры административного права и государственной службы
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе ул. Саид Носира, 33
Тел.: (+992) 887-70-92-92.

*В данной статье автор попытался проанализировать и осмыслить научно-теоретические основы аттестации государственных служащих. В научной литературе предлагались различные определения сертификации, но автор объяснил понятие сертификации исходя из собственного понимания, основанного на исследованиях других исследователей. Следует отметить, что определение аттестации также дается в юридической литературе. В государственном управлении под аттестацией понимают определение, проверку, оценку профессиональных и личных качеств государственных служащих, установление их служебного соответствия требованиям государственной службы. Вопрос аттестации государственных служащих широко изучается отечественными и зарубежными исследователями. Изучение вопроса аттестации государственных служащих Республики Таджикистан начато с момента обретения независимости. За короткий срок было принято несколько нормативно-правовых актов, связанных с аттестацией государственных служащих.*

*В то же время аттестация изучается теоретически разными исследовательскими центрами и отдельными исследователями. Он также используется в практике государственной службы для повышения уровня квалификации государственных служащих.*

***Ключевые слова:*** *аттестация, аттестация государственных служащих, аттестационная таблица, аттестационная комиссия, административные государственные служащие, государственная служба, государственные органы, государственное управление,*

*расстановка кадров, подготовка кадров, оценка персонала. кадровые технологии, управление человеческими ресурсами.*

## SCIENTIFIC AND THEORETICAL FOUNDATIONS OF THE STUDY OF CERTIFICATION OF CIVIL SERVANTS

**SAYFUDDINOVA RISOLAT RAHMATULLOEVNA,**
Applicant of the Department of Administrative Law and Civil Service of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan,
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Said Nosir st. 33
Phone: (+992) 887-70-92-92.

*In this article, the author tried to analyze and interpret the scientific and theoretical foundations of certification of civil servants. Various definitions of certification have been proposed in the scientific literature, but the author explained the concept of certification based on his own understanding based on the research of other researchers. It should be noted that the definition of certification is also given in the legal literature. In public administration, attestation is understood as determining, testing, evaluating the professional, professional and personal qualities of public servants, establishing their official compliance with the requirements of public service. The issue of certification of civil servants has been widely studied by domestic and foreign researchers. The study of the issue of certification of civil servants of the Republic of Tajikistan has been started since independence. In a short period of time, several regulatory and legal acts related to the certification of civil servants have been adopted.*

*At the same time, attestation is being studied theoretically by different research centers and individual researchers. It is also used in the practice of civil service to raise the level of qualification of civil servants.*

***Keywords:*** *attestation, attestation of public servants, attestation table, attestation commission, administrative civil servants, public service, public bodies, public administration, personnel placement, personnel training, personnel evaluation. personnel technology, human resource management.*

УДК: 124.712

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МАНБАИ АНДОЗИ ЗАМИН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**БУРИЕВА ДИЛАФРУЗ ТОЛИБОВНА,**
унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе кӯч. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 93-411-11-61. E-mail: burieva.dilafruz1111@gmail.com

*Баррасии масъалаи манбаи андоз дар адабиётҳои илмӣ яке аз масъалаҳои муҳим арзёбӣ карда мешавад. Манбаи андоз масоҳати қитъаи замине мебошад, ки дар ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳуқуқи истифодаи он муқаррар шудааст ё амалан (бе ҳуҷҷат) истифода мешавад. Бо дарназардошти таҳлили қонунгузори ва таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷа гуфтан мумкин аст, ки манбаи андоз барои ҳисоб намудани андози замин масоҳати қитъаи замине, ки объекти андозбандӣ эътироф шудааст, бо дарназардошти арзиши кадастрии он мебошад. Муаллиф дар мақолаи мазкур манбаи андози заминро мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар натиҷаи таҳлил муайян гардид, ки манбаи андоз барои ҳисоб намудани андози замин масоҳати қитъаи замине, ки объекти андозбандӣ эътироф шудааст, бо дарназардошти арзиши кадастрии он мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *замин; истифодабаранда; андозсупоранда; кадастри давлатии замин; манбаи андоз; манбаи андоз азқитъаи замин.*

Унсурҳои андоз гуфта воҳидҳои функсионалии дохилии ифодаёбандаро меноманд, ки дар маҷмӯъ сохтори ҳуқуқи андозро ташкил медиҳанд. Сохтори таркибӣ барои ҳамаи намудҳои андоз ва пардохтҳо ягона мебошад ва аз ин рӯ, он универсалӣ мебошад. Аммо ифодаёбии ин унсурҳо барои ҳар як намуди андоз бо хусусияти хос пешбинӣ шуда, дар натиҷа ҳар як андоз намуди алоҳидаи фардиро касб намуда, имконияти фарқ намудани андозҳо ва пардохтҳоро пешбинӣ менамояд [1, с. 35].

Андоз танҳо дар он сурат муқарраршуда ҳисобида мешавад, агар андозсупоранда, имтиёзҳои андозӣ ва ҳамаи унсурҳои андозро Кодекси андози ҶТ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии дар заминаи он қабулгардида муайян карда бошанд.

Ба андешаи Ш.М. Исмоилов он унсурҳои тасвири андоз, ки бидуни онҳо уҳдадории андоз ва тартиби иҷрои онро наметавон аниқ ва муайян ҳисобид, унсурҳои андозбандӣ номида мешавад [2, с. 143].

Воқеан, яке аз унсурҳои асосӣ ва муҳим дар низоми андозбандӣ манбаи андоз ба ҳисоб меравад, ки барои ситонидани андози дахлдор асос мешаванд.

Ба андешаи С.Г. Пепеляев манбаи андоз - аломатҳое мебошанд, ки хусусияти воқеиро (на ҳуқуқиро) муайян мекунад ва барои ситонидани андози дахлдор асос мешаванд [3, с. 40].

Ба андешаи А.А. Ялбулганов манбаи андоз барои ҳисоб кардани андоз зарур аст, аммо он ҳамчун ҳолате, ки уҳдадории пардохти андозро ба вуҷуд меорад, яъне ҳамчун объекти андозбандӣ амал намекунад [11, с. 75]

Ба андешаи Н.Ш. Шонасридинов манбаи андоз - асоси баҳисобгирии андоз, ки ба воситаи тарзу усулҳои муҳосибӣ амалӣ мегардад фаҳмида мешавад [1, с.38].

Ба андешаи М.М. Соҳибов манбаи андоз барои ҳисоб намудани андози замин масоҳати қитъаи замини дар ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқи истифодаи замини пешбинигардида ё масоҳати қитъаи замине, ки ӯ амалан истифода мекунад (дар ихтиёр дорад), ба истиснои заминҳои аз пардохти андоз озодшуда, мебошад [4, с. 216].

Ба андешаи Ш.М. Исмоилов манбаи андоз барои ифодаи миқдории объекти андозбандӣ хизмат мекунад. Агар баъзан объекти андозбандӣ бо ягон тарзу усул ҳисоб карда баромада шавад, манбаи андозбандӣ як ҷузъи объекти андозбандӣ мебошад. Нисбати он меъёри андоз, бевосита татбиқ мегардад (масалан, даромади пулӣ, нархи амволе, ки ҳамчун даромад ба даст омадааст) [5, с. 121].

Манбаи андоз ифодаи миқдории объекти андозбандӣ аст, ки аз рӯйи миқёси андозбандӣ муайян карда шудааст. Ба сифати манбаи имконпазири андоз арзиши бозории онҳо ё арзиши инветаризатсионӣ ва ё арзиши суғуртавӣ ё худ арзиши ба тарзи дигар ҳисобгардидаи объекти андозбандӣ муайян гардидааст.

Манбаи пардохти андоз даромад буда метавонад, ки андозсупоранда аз фиристодани мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ ё худ дигар даромад ё маблағи қарзгирифта ва ё аз фурӯши амвол ба даст овардааст.

Аниқ муайян кардани тартиби ташаккули манбаи андоз, яке аз масъалаҳои асосиест, ки ҳангоми муайян кардани андоз пеш меояд. Муайян намудани меъёри андозе, ки андозсупоранда бояд супорад аз манбаи андоз вобаста аст.

Мутобиқи моддаи 28 Кодекси андози ҶТ аз 23 декабри соли 2021, №1844 [6] манбаи андоз баҳои арзишӣ, ҷисмонӣ ё хусусияти дигари объекти андозбандӣ мебошад. Барои ҳар андоз манбаи андоз ва тартиби муайянкунии он муқаррар карда мешавад.

Тибқи моддаи 23 Кодекси андози Ҷумҳурии Украина аз **2 декабри соли 2010, №2755-VI** [7] манбаи андозбандӣ баҳои мушаххаси арзишӣ, ҷисмонӣ ё дигар хусусиятҳои объекти мушаххаси андозбандӣ эътироф карда мешавад. Манбаи андоз ифодаи ҷисмонӣ, арзишӣ ё дигар хусусияти объекти андозбандӣ мебошад, ки ба он меъёри андоз татбиқ карда мешавад ва барои муайян кардани маблағи уҳдадории андоз истифода мешавад.

Дар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси мазкур як объекти андозбандӣ метавонад, якчанд манбаи андозбандиро барои андозҳо ташкил намояд.

Мувофиқи моддаи 12 Кодекси андози Ҷумҳурии Озарбойҷон аз 11 июли соли 2000, №905-IQ [8] манбаи андоз ифодаи миқдории қисми андозбандии объекти андозбандӣ мебошад.

Мутобиқи моддаи 53 Кодекси андози Федератсияи Россия аз 31 июли соли 1998, №146-ФЗ [9] манбаи андоз баҳои арзишӣ, ҷисмонӣ ё хусусияти дигари объекти андозбандӣ мебошад.

Тибқи моддаи 11 Кодекси андози Ҷумҳурии Арманистон аз 1 ноябри соли 2016, №165 [10] манбаи андоз баҳои арзишӣ, ҷисмонӣ ё хусусияти дигари объекти андозбандӣ мебошад. Барои ҳар як андоз манбаи алоҳидаи андоз ва тартиби ҳисоб кардани он муқаррар карда мешавад.

Ба адешаи С.И. Калинин манбаи андоз аз қитъаи замин арзиши кадастрии қитъаҳои замине, ки объекти андозбандӣ эътироф шудааст, муайян карда мешавад. Манбаи андоз барои ҳар як қитъаи замин ҳамчун арзиши кадастрии он то 1 январи соле, ки давраи андоз мебошад, муайян карда мешавад.

Андозсупорандагон - ташкилотҳо ва андозсупорандагон - соҳибкорони инфиродӣ нисбати қитъаҳои замине, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода мешаванд, манбаи андозро дар асоси маълумоти кадастри давлатии замин мустақилона ҳисоб мекунанд.

Дар дигар мавридҳо манбаи андоз барои андозсупорандагоне, ки шахсони воқеӣ мебошанд, аз ҷониби мақомоти андоз дар асоси маълумоте, ки ба мақмоти андоз аз ҷониби мақомоти пешбурди кадастри давлатии замин, мақомоте, ки бақайдгирии

давлатии ҳуқуқ ба молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ муайян карда мешавад.

Ҳамин тариқ, барои шахсони воқеӣ, ки соҳибкорони инфиродӣ мебошанд, тартиби муайян кардани манбаи андоз нисбат ба қитъаҳои замини дар фаъолияти соҳибкорӣ истифодашаванда ва дар фаъолияти соҳибкорӣ истифоданашаванда гуногун аст. Дар баробари ин тартиби ба таври меъёрӣ муқаррар намудани вазъи қитъаҳои замине, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифодашаванда ё дар фаъолияти соҳибкорӣ истифоданашаванда вуҷуд надорад.

Вобаста ба гуфтаҳои болозикр дар амалия марбут ба тартиби муайян кардани манбаи андоз нисбат ба қитъаҳои замини мушаххас ҳолатҳои баҳснок метавонанд ба миён оянд.

Масалан, агар ягон қитъаи замин аз ҷониби андозсупоранда - шахси воқеӣ барои зиндагӣ ва пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ ва ҳамзамон, барои пешбурди соҳибкорӣ истифода шавад, дар ин ҳолат ба андозсупоранда метавонад бо мақомоти андоз оид ба масъалаи нисбати ҳисоб намудани ин андоз аз қитъаи замин пайдо шавад.

Илова бар ин, маълум нест, ки мақомоти андоз дар бораи тартиби истифодаи замин аз ҷониби андозсупоранда чӣ гуна маълумот пайдо карда метавонанд.

Вобаста ба гуфтаҳои болозикр ба мақсад мувофиқ аст, ки тартиби ягонаи муайян намудани манбаи андоз барои ҳамаи қитъаҳои замини ба шахсони воқеӣ, чи дар фаъолияти соҳибкорӣ истифодашаванда ва истифоданашаванда муқаррар карда шавад [12, с. 101].

Н.А. Богуславская пешниҳод менамояд, ки соҳибкорони инфиродӣ аз уҳдадории пешниҳоди эъломияҳои андоз ва ҳисобот оид ба ҳисоб намудани пешпардохтҳо аз рӯйи андози замин озод карда шаванд, соҳибкорони инфиродӣ дар ин маврид ба шахсони воқеии дигар баробар карда шаванд, ки барои онҳо маблағи андоз аз тамоми қитъаҳои замин аз ҷониби мақомоти андоз мустақилона ҳисоб карда мешавад, зеро қитъаҳои замини ҳам барои фаъолияти соҳибкорӣ истифодашаванда ва ҳам истифоданашаванда бо як меъёр андозбандӣ мешаванд [13, с. 212].

Ба андешаи Б.В. Ерофеев манбаи андоз нисбат ба ҳар як қитъаи замин ҳамчун арзиши кадастрии он ба 1 январи соле, ки давраи андозбандӣ мебошад, муайян карда мешавад. Нисбат ба қитъаи замине, ки дар раванди давраи андоз ташаккул ёфтааст, манбаи андоз дар ин давраи андозбандӣ ҳамчун арзиши кадастрии он дар рӯзи ба қайди кадастрӣ гузоштани ин қитъаи замин муайян карда мешавад.

Манбаи андоз нисбат ба ҳиссаҳо дар ҳуқуқи моликияти умумии қитъаи замин, ки нисбати онҳо шахсони гуногун андозсупорандагон эътироф шудаанд ё меъёрҳои гуногуни андоз муқаррар карда шудаанд, алоҳида муайян карда мешавад [14, с. 49].

Ба андешаи О.И. Крассов манбаи андози қитъаҳои замини дар моликияти умумӣ қарордошта барои ҳар як андозсупорандае, ки ин қитъаи заминро соҳиб мебошад, мутаносибан ба ҳиссаи онҳо дар моликияти умумӣ муайян карда мешавад. Манбаи андози қитъаҳои замине, ки дар моликияти умумӣ қарор доранд, барои ҳар як андозсупорандае, ки ин қитъаи заминро бо ҳиссаи баробар соҳибанд, муайян карда мешавад.

Агар ҳангоми ба даст овардани бино, иншоот ё дигар молу мулки ғайриманқул ба шахс ҳуқуқи моликият ба он қисми қитъаи замине, ки молу мулки ғайриманқул ҷойгир аст ва барои истифодаи он зарур аст, гузарад, пас манбаи андоз барои шахси мазкур мутаносибан ба ҳиссаи ӯ дар ҳуқуқи моликият ба ин қитъаи замин муайян карда мешавад [15, с. 300].

Н.А. Богуславская чунин мешуморад, ки қаблан манбаи андоз майдони андозбандишавандаи қитъаи замин дар як сол ба ҳисоб мерафт ва бо гектар ё метри мураббаъ ифода карда мешуд. Ҳоло бошад, манбаи андоз на ҳамчун хусусияти физикии объекти андозбандӣ, балки ҳамчун хусусияти арзишии он муайян карда мешавад

Н.А. Богуславская манбаи андоз аз қитъаи заминро ба намудҳои мухталиф тасниф менамояд. Манбаи андози андози заминро вобаста ба таркиби субъектҳо чунин тасниф менамояд:

– манбаи андоз, ки андозсупорандагон - ташкилотҳо муайян менамоянд;

– манбаи андозе, ки андозсупорандагон - шахсони воқеие, ки соҳибкорони инфиродӣ мебошанд, муайян мекунанд;

– манбаи андозе, ки андозсупорандагон – шахсони воқеие, ки соҳибкорони инфиродӣ намебошанд, муайян мекунанд [13, с. 167-169].

Ба андешаи Н.В. Вичерова манбаи андоз аз қитъаи замин арзиши кадастрии қитъаҳои замине, ки объекти андозбандӣ эътироф шудааст, муайян карда мешавад. Арзиши кадастрӣ аз арзиши бозорӣ, пеш аз ҳама бо сабаби дар сатҳи давлатӣ муқаррар намудани он фарқ мекунад. Арзиши кадастрӣ тавасути баҳои кадастри давлатӣ муайян карда мешавад.

Муайян кардани манбаи андозбандишаванда дар асоси арзиши кадастрӣ усули нисбатан танзимшаванда ва соддатар ба назар мерасад [16, с. 146].

Н.А. Христова чунин мешуморем, ки ҳангоми ҳисоб кардани андози замин, қитъаҳои замине, ки дар ҳудуди якчанд маҳал ҷойгир аст, манбаи андоз бояд нисбат ба майдони қитъаи замине, ки дар ҳудуди маҳали дахлдор ҷойгир аст, ҳамчун ҳиссаи арзиши кадастрии қитъаи замин мутаносибан ба ҳиссаи майдони ишғолнамудаи қитъаи замин дар ҳудуди маҳали дахлдор, муайян карда шавад [17, с. 105].

Тибқи моддаи 271 Кодекси андози Ҷумҳурии Украина аз **2 декабри соли 2010, №2755-VI** [7] манбаи андоз аз қитъаи замин инҳоянд: арзиши меъёрии пулии қитъаи замин бо дарназардошти коэффисиенти индексатсия, ки бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур муайян карда мешавад; масоҳати қитъаи замине, ки арзиши меъёрии пулии он гузаронида нашудааст.

Манбаи андозбандии саҳми (ҳиссаҳои) замин мувофиқи маълумоти қитъаҳои замине, ки ба онҳо шахсони воқеӣ ба сифати соҳибони саҳми замин ҳуқуқ доранд, муайян карда мешавад.

Тибқи моддаи 390 Кодекси андози Федератсияи Россия аз 31 июли соли 1998, N146-ФЗ [9] манбаи андоз ҳамчун арзиши кадастрии қитъаҳои замине, ки объекти андозбандӣ эътироф шудааст, муайян карда мешавад.

Таҳлил ва омӯзиши қонунгузории давлатҳои хориҷа ва адешаҳои олимон ва ҳуқуқшиносон собит менамояд, ки дар бештар аз давлатҳои хориҷа ба сифати манбаи андоз аз қитъаи замин маҳз арзиши кадастрии қитъаи замин эътироф гардидааст.

Тибқи моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи баҳои замин» аз 12 майи соли 2001, №18 [18] арзиши кадастрии қитъаи замин - арзиши қитъаи замин, ки дар асоси тавсифи қитъаи замин бо истифодаи усул ва қоидаҳои коркарди ахбори омор муайян карда шудааст, ба ҳисоб меравад.

Мутобиқи моддаи 351 Кодекси андози ҶТ аз 23 декабри соли 2021, №1844 [6] манбаи андоз барои ҳисоб намудани андози замин масоҳати қитъаи замини дар ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқи истифодаи замин зикргардида ё масоҳати қитъаи замине, ки заминистифодабаранда амалан истифода мебарад (дар ихтиёр дорад), ба истиснои замини аз пардохти андоз озодшуда, мебошад.

Кодекси андози ҶТ аз 23 декабри соли 2021, №1844 ба сифати манбаи андоз барои ҳисоб намудани андози замин масоҳати қитъаи заминро эътироф намудааст.

Мисол. Ба Кооперативи тиҷоратии «А» тибқи ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда 10 гектар замини ба тavри табиӣ обёришаванда ва 50 гектар заминҳои кишти лалмӣ ҷудо карда шудааст. Дар соли 2021 кооперативии тиҷоратӣ аз 10 гектар замини обӣ 8 гектар ва аз 50 гектар замини лалмӣ 45 гектари онро барои истеҳсол (парвариш)-и маҳсулоти кишоварзӣ истифода намудааст. Дар ин ҳолат манбаи андоз барои ҳисоб намудани андози ягонаи кишоварзӣ ин қитъаи заминҳои обёрии табиӣ ва кишти лалмӣ дар ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқи истифодабарии он муқарраршуда, яъне 10 гектар замини обӣ ва 50 гектар замини кишти лалмӣ ҳисобида мешавад.

Мисол. Ба хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)-и «С» дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 8 гектар замини обӣ ва 40 гектар замини кишти лалмӣ ҷудо карда шудааст. Аммо дар соли ҳисоботӣ хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)-и «С» барои истеҳсол ва парвариши маҳсулоти кишоварзӣ амалан 12 гектар замини обӣ ва 55 гектар замини лалмиро истифода намудааст. Дар ин ҳолат, новобаста ба андозаи қитъаи замини тибқи ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқи истифодабарӣ ҷудошуда (8 гектар замини обӣ ва 40 гектар замини кишти лалмӣ), манбаи андози ягонаи кишоварзӣ аз рӯйи масоҳати қитъаи замини воқеан истифодашуда, яъне 12 гектар замини обӣ ва 55 гектар замини кишти лалмӣ ҳисобида мешавад.

Агар мо ба Кодекси замини ҶТ назар кунем, таъинот ва раванди кадастри заминро муайян намудааст. Мақсади кадастри давлатии замин аз дастрас шудани маълумоти боэътимод оид ба ҷойгиршавии заминҳои фонди ягонаи давлатии замин аз ҷиҳати табиӣ, ҳуқуқӣ ва хоҷагидорӣ иборат мебошад.

Кадастри давлатии замин маълумоти оид ба ташкили истифодаи дурусту ҳифзи замин, ба низом овардани муносибатҳои вобаста ба замин, асоснок кардани андозаи пардохти пули замин, танзими замин ва арзёбии фаъолияти хоҷагидориро дар бар мегирад.

Аз муқаррароти болозикр пайхас намудан мумкин аст, ки яке аз мақсадҳои кадастри давлатии замин ба низом овардани муносибатҳои вобаста ба асоснок кардани андозаи пардохти пули замин мебошад. Аз ин лиҳоз, дар таҳрири зерин ифода намудани қисми 1 моддаи 351 Кодекси андози ҶТ мувофиқи мақсад мешуморем:

1. Манбаи андоз барои ҳисоб намудани андози замин масоҳати қитъаи замине, ки тибқи моддаи 350 Кодекси мазкур объекти андозбандӣ эътироф шудааст, бо дарназардошти арзиши кадастрии он мебошад.

Тибқи моддаи 1 Кодекси замини ҶТ аз 13 декабри соли 1996, №326 [19] ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин - тибқи Кодекси мазкур ва қонунгузории граждании ҶТ ҳуқуқи бадастовардашавандаи (бадастовардашудаи) истифодабарии бемӯҳлат, муҳлатнок ё якумраи меросӣ ё дар асоси шартномаи иҷораи қитъаи замин тибқи Кодекси мазкур додашуда ё ҳуқуқи истифодабарии бемуҳлат, муҳлатнок ё якумраи меросии қитъаи замин бо ҳуқуқи бегона намудани он, ки бо тартиби муқарраргардида аз қайди давлатӣ гузаштааст.

Мавриди зикр аст, ки қонунгузории замин истифода намудани қитъаи заминро то ба расмият даровардани он манъ намудааст. Мутобиқи моддаи 18 Кодекси замини ҶТ аз 13 декабри соли 1996, №326 то ҳудуди қитъаи заминро муқаррар намудани мақомоти дахлдори танзими замин ва додани ҳуҷҷатҳое, ки ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро тасдиқ менамоянд, ба истифодаи қитъаи замин шурӯъ намудан манъ аст.

Мувофиқи қонунгузории амалкунандаи ҶТ шахс дар он маврид сазовори номи заминистифодабаранда мегардад, ки ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқи истифодабарии

заминро соҳиб мебошад. Тибқи моддаи 17 Кодекси замини ҶТ аз 13 декабри соли 1996, №326 [19] ҳуқуқи истифодаи замин бо Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин, бо шартномаи иҷора, созишномаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва Шаҳодатномаи саҳми замин тасдиқ карда мешавад.

Шахсе, ки ҳуҷҷатҳои дар боло зикргардидаро соҳиб набошад, ҳуқуқи мавриди истифода қарор додани қитъаи заминро надорад. Зеро пеш аз ҳама ӯ тибқи қонунгузории амалкунанда заминистифодабаранда намебошад. Доштани ҳуҷҷатҳои мазкур пеш аз ҳама мазмуни ҳуқуқ ва уҳдадориҳои заминистифодабарандаро муқаррар менамояд. Дар ҳуҷҷатҳои зикргардида, шарту тартиби истифода бурдани қитъаи замин, асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи замин , ҳуқуқ ва уҳдадориҳои заминистифодабарандагон ва ҷавобгарӣ барои вайрон намудани қонунгузории замин муқаррар гардидааст [20, с. 109].

Қобили зикр аст, ки қисми 2 моддаи 351 Кодекси андози ҶТ аз 23 декабри соли 2021, №1844 заминҳои зери биноҳо, иншоот, объектҳои минтақаҳои санитарии муҳофизатӣ, минтақаҳои техникӣ ва қитъаҳои замини дигаре, ки барои нигоҳдории бинову иншоот заруранд, ба сифати манбаи андоз муайян намудааст.

Заминҳои зери биноҳо ва иншоотҳо заминҳое мебошанд, ки дар онҳо биноҳо ва иншоотҳо сохта шудаанд. Вобаста ба масъала мазкур зарур аст, ба Дастурамали Кумитаи андози ҶТ «Оид ба ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо аз молу мулки ғайриманқул» аз 22 майи соли 2013 №12-Ф [23] назар намоем.

Тибқи банди 27 ва 28 Дастурамали мазкур манбаи андоз масоҳати умумии ишғолнамудаи объекти ғайриманқул, аз ҷумла масоҳати ҳар як ошёнаи бинои бисёрошёна мебошад.

Барои таҳхонаҳо ва болохонаҳои биноҳо, ки баландии онҳо ба ҳисоби миёна зиёда аз 2 метр мебошад, ҳамчун манбаи андоз 50 фоизи масоҳати ишғолнамудаи онҳо гирифта мешавад. Ба манбаи андоз таҳхонаҳо ва болохонаҳои биноҳои истиқоматӣ, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода бурда намешаванд, дохил намегарданд.

Мисол: Соҳибкори инфиродӣ “А” дар таҳхонаи бинои истиқоматии худ таҷҳизоти истеҳсолкунандаи қаннодӣ васл намуд. Масоҳати умумии таҳхона 100 м2 -ро ташкил мекунад.

Мисол. Шахси воқеӣ “К” бинои истиқоматии сеошёнаро, ки қабати болоии он пентхаус мебошад, дар ихтиёр дорад. Дар асоси ҳуҷҷатҳои техникӣ масоҳати умумии бинои сеошёна бо дарназардоштани пентхаус 600м2, яъне ҳар ошёна дар алоҳидагӣ, аз ҷумла пентхаус 200м2-ро ташкил медиҳад. Дар мисоли мазкур манбаи андоз аз объектҳои ғайриманқул масоҳати 600м2-ро ташкил медиҳад.

Баландии таҳхона аз фарш то шифт зиёда аз 2 метрро ташкил мекунанд, бинобар ҳамин масоҳати таҳхона, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода бурда мешавад объекти андозбандишавандаи андоз барои объектҳои ғайриманқул ба ҳисоб меравад ва манбаи андоз ба 50 фоизи масоҳати ишғолнамудаи ин таҳхона баробар мебошад 100м2 * 50/100 = 50 м2.

Барои биноҳои ёрирасони шахсони воқеӣ, аз ҷумла гаражҳо, саройҳо, биноҳои нигоҳдории чорво ва биноҳои дигари ёридиҳанда, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода намешаванд, манбаи андоз 50 фоизи масоҳати ишғолнамудаи чунин биноҳо дониста мешавад.

Мисол: Шаҳрванд “А” соҳиби гаражи масоҳати умумиаш 25 м2 (масоҳати ишғолнамудааш) мебошад. Бо мақсади ҳисоб намудани андоз барои объекти ғайриманқул ба 12, 5 м2 (25м2*50/100).

Ҳамзамон, вобаста ба масъалаи мазкур, Дастурамали Вазорати молияи ҶТ «Оид ба ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз объектҳои ғайриманқул, андози замин ва андоз аз воситаҳои нақлиёт, инчунин шаклҳои эъломия (ҳисобот)» аз 01 апрели соли 2022, №59 [24] қабул гардидааст.

Ба масоҳати андозбандишаванда заминҳои вобасташуда, аз ҷумла заминҳои зери биноҳо, иншоот, объектҳои минтақаҳои санитарии муҳофизатӣ, минтақаҳои техникӣ ва қитъаҳои замини дигаре, ки барои нигоҳдории бинову иншоот заруранд, дохил мешаванд.

Мисол: ҶДММ «С» истифодабарандаи 0,5 гектар замин буда, дар 0,3 гектари он бинои маъмурӣ бунёд намудааст. Новобаста ба он, ки 0,3 гектар замин зери бинои маъмурӣ мебошад, дар мисоли мазкур масоҳати 0,5 гектар қитъаи замини ҶДММ «С» ҳамчун манбаи андоз аз замин ба ҳисоб меравад.

Манбаи дигари андоз аз қитъаи замин минтақаҳои санитарии муҳофизати мебошад. Тибқи моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» аз 26 декабри соли 2011, №788 [21] минтақаи муҳофизатӣ (буферӣ) - минтақае, ки бо мақсади кам кардани таъсири номатлуби беруна дар атрофи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда бунёд карда мешавад. Ҳангоми зарурати пешгирӣ ё кам кардани таъсироти зарарнок ба комплексҳои табиии ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда дар атрофи ин ҳудудҳо метавонанд минтаққои муҳофизатӣ (буферӣ) бо фаъолияти хоҷагидории маҳдуд мукррар карда шаванд.

Минтақаи санитарии муҳофизатӣ - минтақаи махсуси дорои тартиби махсуси истифода мебошад, ки дар атрофи иншоот ва истеҳсолот, ки манбаи таъсир ба муҳити зист ва саломатии инсон мебошанд, муқаррар карда мешавад.

Минтақаҳои техникии коммуникатсияҳои асосии муҳандисии еризаминӣ - сарҳади ҳудудҳое, ки барои сохтан ва истифодабарии нақлиёти рӯизаминӣ ва зеризаминӣ ва иншооти муҳандисӣ ва коммуникатсия пешбинӣ ва истифода мешаванд.

Барои воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ манбаи андоз масоҳати қитъаи замине мебошад, ки ба чунин воҳиди алоҳида (филиал ё намояндагӣ) дар ҳудуди марзи маъмурии дахлдор вобаста шудааст.

Ташкилоте шахси ҳуқуқӣ дониста мешавад, ки дар моликият, пешбурди хоҷагидорӣ ё идоракунии оперативии молу мулкро дошта, аз рӯйи ухдадориҳои худ бо ин молу мулк масъулият дорад, метавонад аз номи худ ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро ба даст оварда, татбиқ намояд, ухдадорӣ гирад, дар суд даъвогар ва ҷавобгар бошад.

Намояндагӣ воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, манфиати шахси ҳуқуқиро ҳифз ва намояндагӣ менамояд, аз номи он аҳдҳо ва амалҳои дигари ҳуқуқиро анҷом медиҳад. Филиал воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, тамомӣ ё як қисми вазифаҳои он, аз ҷумла вазифаи намояндагиро иҷро мекунад [22].

Манбаи андоз масоҳати қитъаи замине мебошад, ки дар ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқи истифодаи он муқаррар шудааст ё амалан (бе ҳуҷҷат) истифода мешавад.

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти таҳлили қонунгузорӣ ва таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷа гуфтан мумкин аст, ки манбаи андоз барои ҳисоб намудани андози замин масоҳати қитъаи замине, ки объекти андозбандӣ эътироф шудааст, бо дарназардошти арзиши кадастрии он мебошад.

**Адабиёт**


1. Ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон: воситаи таълимӣ // Зери назари номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Шонасридинов Н.Ш. – Душанбе: “ЭР-граф”, 2012. – 352 с.
2. Ҳуқуқи андоз: китоби дарсӣ: нашри сеюм // Муҳаррири масъул доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ш.М. Исмоилов. – Душанбе: “Полиграф-групп”, 2022. – 536 с.
3. Основы налогового права (Зери таҳрири С.Г. Пепеляев). – М.: Инвест Фонд, 1995. – 496 с.
4. Соҳибов М.М. Ҳуқуқи замини Тоҷикистон. – Душанбе: «Андалеб Р», 2015. – 396 с.
5. Ҳуқуқи андоз: китоби дарсӣ (зери таҳрири умумии доктори илми ҳуқуқ, профессор Ш.М. Исмоилов). – Душанбе: «Деваштич», 2003. – 305 с.
6. Кодекси андози ҶТ аз 23 декабри соли 2021, №1844 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 26.12.2022).
7. Налоговый кодекс Украины от 2 декабря 2010 года №2755-VI *(с* изменениями и дополнениями *по состоянию на 01.10.2022 г.)*.
8. Налоговый кодекс Азербайджанской Республики (утвержден Законом Азербайджанской Республики от 11 июля 2000 года № 905-IQ) (с изменениями и дополнениями по состоянию на 08.07.2022 г.)
9. Налоговый кодекс Российской Федерации (часть первая)" от 31.07.1998 N 146-ФЗ (ред. от 28.06.2022) (с изм. и доп., вступ. в силу с 23.09.2022).
10. Налоговый кодекс Республики Армения от 1 ноября 2016 года №зр-165.
11. Ялбулганов А.А. Правовое регулирование земельного налога в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – М., 1998. – 297 с.
12. Калинин С.И. Проблемы правового регулирования местных налогов в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2008. – 203 с.
13. Богуславская Н.А. Правовое регулирование местных налогов в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – Хабаровск, 2006. – 254 с.
14. Ерофеев Б.В. Земельное право России: учебник для вузов / Б.В. Ерофеев; под науч. ред. Л.Б. Братковской. – 16-е изд., перераб. и доп. – Москва: «Юрайт», 2019. – 537 с.
15. Крассов О.И. Земельное право: учебник. – 4-е изд., пе - рераб. и доп. – М.: Норма: ИНФРА-М, 2014. – 608 с.
16. Вычерова Н.В. Исполнение обязанности по уплате имущественных налогов в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2005. – 228 с.
17. Христова Н.А. Земельный налог в Российской Федерации (финансово-правовой аспект): дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2007. – 194 с.
18. Қонуни ҶТ «Дар бораи баҳои замин» аз 12 майи соли 2001, №18 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.12.2022).
19. Кодекси замини ҶТ аз 13 декабри соли 1996, №326 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 1996. – №23. – Мод. 351; 1997. – №23-24. – Мод. 333. 1999. – №5. – Мод. 59; 2001. – №4. – Мод.176; 2004. – №2. – Мод. 55. – №3. – Мод. 190; 2006. – Мод. 347; 2008. – №1. – қ. 2. – Мод. 22. – №6. – Мод. 463; 2011. – №3. – Мод. 171; 2012. – №4. – Мод. 269; №8. – Мод. 828; 2006. – №199; 2008. – №357; 2008. – №405; 2011. – №704; 2012. – №819; 2012. – №891; 2016. – №1363; 2021. – №1823. – №1824. – №1825; 2022. – №1902.
20. Раҳимзода М.З., Каримов А.Қ., Фархудинов Ҷ.И. Тафсири Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. – 360 с.

21. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» аз 26 декабри соли 2011, №788 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 19.12.2022).
22. Кодекси граждании ҶТ аз 30 июни соли 1999, №802 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 20.12.2022).
23. Дастурамали Кумитаи андози ҶТ «Оид ба ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо аз молу мулки ғайриманқул» аз 22 майи соли 2013 №12-Ф // Манбаи дастрасӣ: https://www.andoz.tj/Law/Qarorho?culture=tg-TG (санаи муроҷиат: 26.12.2022).
24. Дастурамали Вазорати молияи ҶТ «Оид ба ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз объектҳои ғайриманқул, андози замин ва андоз аз воситаҳои нақлиёт, инчунин шаклҳои эъломия (ҳисобот)» аз 01 апрели соли 2022, №59 // Манбаи дастрасӣ https://www.andoz.tj/Law/Qarorho?culture=tg-TG (санаи муроҷиат: 26.12.2022).

## ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ БАЗЫ ЗЕМЕЛЬНОГО НАЛОГА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**БУРИЕВА ДИЛАФРУЗ ТОЛИБОВНА,**
соискатель кафедры административного права и государственной службы
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе ул. Саид Носира, 33.
Тел.: (+992) 934-11-11-61. E-mail: burieva.dilafruz1111@gmail.com

*В данной статье автор рассматривает налоговую базу земельного налога. Источником налога является площадь земельного участка, которая установлена в документах, подтверждающих право пользования им, или фактически используется (без документов). С учетом анализа законодательства и законодательного опыта зарубежных стран можно сказать, что налоговым источником для исчисления земельного налога является площадь земельного участка, признаваемая объектом налогообложения с учетом его кадастровой стоимости. В результате анализа установлено, что налоговая база для исчисления земельного налога является площадь земельного участка, признаваемого объектом налогообложения, с учетом его кадастровой стоимости.*

***Ключевые слова:*** *землепользователь; налогоплательщик; государственный земельный кадастр; налоговая база; налоговая база земельного налога.*

## LEGAL REGULATION OF THE LAND TAX BASE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**BURIEVA DILAFRUZ TOLIBOVNA,**
Applicant for the Department of Administrative Law and Public Service of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nosir, st.
Phone: (+992)

*In this article, the author considers the tax base of the land tax. The source of the tax is the area of the land plot, which is established in the documents confirming the right to use it, or is actually used (without documents). Taking into account the analysis of the legislation and the legislative experience of foreign countries, it can be said that the tax source for calculating the land tax is the area of the land plot, which is recognized as an object of taxation, taking into account its cadastral value. As a result of the analysis, it was found that the tax base for calculating land tax is the area of a land plot recognized as an object of taxation, taking into account its cadastral value.*

***Keywords:*** *land user; taxpayer; state land cadaster; tax base; land tax tax base.*

УДК: 327 (575.3)

# САҲМИ ҲУҚУҚӢ, ИҚТИСОДӢ ВА ИҶТИМОИИ ЮНИСЕФ АЗ ЗАМОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ТО ОҒОЗИ АСРИ XXI

**ШОНАЗАРОВ ФУЗАЙЛ БАХРОМОВИЧ,**
унвонҷӯйи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992) 981-00-69-35. E-mail: bobo_jon_96@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур муаллиф муайян намудааст, ки ташкилоти байналмиллалии ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон, шуруъ аз соли 1993 то соли 2000 – ум тибқи маълумотҳои оморӣ, яъне ҳуҷҷату дастхат ва барномаҳои қабулнамудаи он дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи модару кӯдак, кӯмакҳои иқтисодӣ ба мардуми тоҷик барои беҳтар гардонидани вазъи иҷтимоии онҳо чӣ қадар саҳми арзандаи худро гузоштааст.*

*9 – уми сентябри соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолият ба даст овард. Аз соли 1993 инҷониб шуъбаи ЮНИСЕФ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамроҳ бо ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ кору фаъолият мекунад. Ташкилоти ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон дар ҷодаи ҳуқуқ, иқтисодиёт ва иҷтимоиёт ёрии аввалини худро ба мардуми тоҷик мерасонад. ЮНИСЕФ дар мувофиқа бо Ҳукумати Тоҷикистон барномаҳои рушди соҳа қабул намуда, мониторингҳоро дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат амалӣ менамояд*

*Фонди кӯдаконаи ЮНИСЕФ, ки муштаракан бо СММ дар Тоҷикистон фаъолият мекунад, мақсадаш ин аст, ки тамоми ҳуқуқҳои модару кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳимоя гарданд.*

*Ҳисоботи нахустин доир ба иҷроиши Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид оид ба Ҳуқуқҳои кӯдак дар соли 1989, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бори нахуст таҳлили он, яъне Кумитаи СММ доир ба Ҳуқуқҳои кӯдак дар соли 1998 амалӣ гардид.*

*ЮНИСЕФ дар ҳамкорӣ бо Ҳукумати кишвар ва ташкилотҳои гуногуни хориҷию дохилӣ дар Тоҷикистон аз соли 1993 то 2000-ум бештар ба кӯмакҳои башардӯстона дар ҳама соҳаҳои гуногуни кишвар машғул буда, ҳадафи асосиаш ин беҳтар гардонидани вазъи иқтисодӣ, иҷтимоии кӯдакону занон дар мамлакат мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *ЮНИСЕФ, Тоҷикистон, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳимояи ҳуқуқи модару кӯдак, кӯмакҳои иқтисодӣ, мардуми тоҷик, вазъи иҷтимоӣ, барномаҳо, мониторингҳо, шаҳру ноҳия.*

Маълум намудани ин масъала моро водор месозад, ки ба маводҳо ва ҳисоботҳои солонаи ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон муроҷиат намоем. Чунки муайян намудани саҳми ЮНИСЕФ дар самти ҳимояи ҳуқуқи модару кӯдак, кумакҳои иқтисодӣ ба мардуми тоҷик бо мақсади беҳтар гардонидани вазъи иҷтимоии он муҳимтарин масъалаи асосӣ ба шумор меравад. Барномаҳои солонаи давргаии ЮНИСЕФ дар муайян намудани ҳифзи ҳимояи ҳуқуқи модару кӯдак, кӯмакҳои иқтисодӣ ба мардуми тоҷик бо мақсади беҳтар гардонидани вазъи иҷтимоии он дар Тоҷикистон кӯмак мерасонанд [4].

Пеш аз ҳама ҳисоботи нахустин доир ба иҷроиши Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид оид ба Ҳуқуқҳои кӯдак дар соли 1989, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маркази асосии СММ аз ҷониби ЮНИСЕФ пешниҳод гардидааст [10].

Пас аз ба даст даровардани истиқлол, дар соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарзи шакли идоракунии ба нақшагирӣ ба иқтисоди бозоргонӣ гузашт ва кишвар ба сабабҳои гуногуни сиёсӣ ба ҷанги шаҳрвандии 5-сола кашида шуд, ки он соли 1997 ба охир расид [10].

Пас аз эълони истиқлолият ва бартараф кардани харобиҳои ҷанги шаҳрвандӣ, ки солҳои 1992-1997 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал омад, мамлакат дар ин давра раванди ҷомеаи ҳуқуқӣ, демократӣ, давлати дунявӣ бо иқтидори бозорӣ, ислоҳоти сармоягузорӣ дар пояи қонунгузорӣ, қабули қарорҳои байналхалқӣ доир ба ҳуқуқҳои

инсон ва гузаронидани пояи қонунгузории миллӣ дар асос бо ухдадориҳои байналхалқиро аз сар мегузаронид.

Дар соли 1994 тариқи раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи ҶТ қабул гардид ва дар моддаи 17-и он асосҳои вазифаҳои баробарҳуқуқӣ эътироф гардид. Ҳуқуқҳои инсон ва асосҳои озодии он кафолати давлат буда, он новобаста аз миллат, нажод, ҷинс, забон, дин, мавқеи сиёсӣ, маълумотнокӣ, вазъияти иҷтимоӣ ва амвол амалӣ карда мешавад. Ин модда ҳамчунин баробарҳуқии мард ва занро эътироф мекунад [12]. Моддаи 33 – юми Конститутсия чунин аст: «Давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад. Ҳар кас ҳуқуқи ташкили оила дорад. Мардон ва занон, ки ба синни никоҳ расидаанд, ҳуқуқ доранд озодона ақди никоҳ банданд. Дар оиладорӣ ва бекор кардани ақди никоҳ зану шавҳар баробарҳуқуқанд. Бисёрникоҳӣ манъ аст». Моддаи 34-и Конститутсия нишон медиҳад, ки «Модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлатанд» [5]. Ҳамин тариқ, чунин вазъиятро давлат дар муносибат бо модару кӯдак кафолат медиҳад.

Боиси зикр аст, ки пас аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ мамлакат дар ҳолати харобии ҷанги шаҳрвандӣ қарор дошт, ки дар натиҷа он бо сулҳи таърихии «Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ» дар соли 1997 ба охир расид. Қисми зиёди иқтисодиёт вайрону валангор гардида буд. Дар замони ҳозира бошад, Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки харобиҳоро аз сари нав барқарор созад, яъне давраи барқарорсозиро аз сар мегузаронад.

Масъалаи асосие, ки Тоҷикистон бештар бо он рӯ ба рӯ гардид, ин масъалаи мушкилоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба шумор мерафт. Камбизоатӣ аз ҳама мушкилоти ҷиддитар боқӣ мемонад, ки он бештар вазъи занон ва кӯдаконро инъикос мекунад ва масъалаи бисёр осебпазир аст. Кӯмаки аз ҳама назаррасро дар соҳаи нуктаи ислоҳоти иқтисодӣ Тоҷикистон бештар Комиссияи Аврупоӣ, Бонки Байналхалқӣ ва Агентии Шведӣ доир ба Рушд расонидаанд.

Умуман хуб аст, ки фаъолияти инсонгароёна бештар дар ҷомеа ташаккул меёфт ва аз ҳама диққатҷалбкунандааш он аст, ки ҳимоя ва кумак ба кӯдакони эҳтиёҷманд хислати ҳамидаи инсонӣ буда, ҳамчунин ба самтҳое, саҳм мегузорад, ки дар зиндагӣ онҳо ба як роҳи устувор ҳаракат намекунанд, балки ҳама вақт дар вазъияти мушкилоти таъҷилӣ қарор доранд. Кӯдаконе, ки маҳз дар шароитҳои вазнини иқтисодӣ қарор доранд, бахусус, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин гурӯҳҳо ба шумор меравфанд – кӯдакони ятим, кӯдаконе, ки бесарпаноҳ мондаанд ва аз нигоҳубини падару модар маҳруманд, кӯдакони оилаҳои ҷамъиятӣ (хонаи ятимон), кӯдакони маъюб, кӯдаконе, ки ба ҳуқуқвайронкунӣ даст мезананд ва аз ҳама муҳим ба шаклҳои тарбиявӣ эҳтиёҷманданд. Дар ин ҷода ЮНИСЕФ-ро лозим аст, ки саҳми ҳуқуқии худро дар ҳифзи ҳимояи ҳуқуқи модару кӯдак анҷом диҳад.

Мутаасифона, муҳимтарин омиле, ки дар ана ҳамин давраи ҷанги шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1993-1997 ба рӯйхат ворид гардиданд, ин кӯдакони гуреза, кӯдакони оилаҳои бекор, кӯдакони қурбони мухолифатҳои мусаллаҳона шуда, кӯдакони гадоён ва беназоратмонда ва ин паёмадҳо ҳоло ба таври пурра нестанд [1].

Масъалаи кумаки иҷтимоӣ ба ятимон дар Тоҷикистон дар солҳои 1999 – 2000 бештар ба назар расида, он ба таври васеъ густариш ёфта истодааст. Сатҳи афзоиши ятимону бепарасторон хусусан дар ҷанги шаҳрвандии солҳои 1993-1997 хеле зиёд гардид. Тибқи маълумоти мониторинг, ки онро ЮНИСЕФ соли 1995 гузаронд дар натиҷа маълум гардид, ки кӯдакони ятим, кӯдакони бенигоҳубин ва бепарастор 60 000 нафарро ташкил медиҳанд. Ҳол он, ки ин рақамҳо таснифи муайяни дараҷаи асоснокӣ тоза ва амиқ мебошанд ва натиҷаи мониторинги мавҷуда ҳолати воқеии вазъияти

мавҷудаи корҳоро, бо шумораи ба ҳисобгирии чунин гурӯҳи кӯдакон ба худ талаботҳои махсусро тақозо менамояд [6].

Чӣ тавре, ки Тахминаи Миралӣ дар мақолаи худ бо номи «Ташаббусҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқобили зӯроварӣ дар оила» (Идоракунии давлатӣ 2022 / №2 (56))., қайд намуданд, ки «Сарвари давлат соли 1996 доир ба нақши занон дар пешрафти ҷомеа баромад намуданд. Зимнан иброз доштанд, ки гарчанде масъалаи кӯмак ба модару кӯдак масъалаи муҳимтарини ҳаёти ҷомеа ба шумор равад ҳам, моро зарур аст, ки диққати заруриро ба ин масъала, яъне кӯмак ба модару кӯдак равона намуда, нисбати он як қатор чорабиниҳои муҳимро амалӣ намоем» [11, с. 292].

Вазорати маориф ва сохторҳои он дар ҳамон минтақаҳои бақайдгирифташуда чораҳои созишро ба миён гузоштааст, ки он ба монанди таҳсил ва тарбияи чунин кӯдакон дар мактаб-интернатҳо ва хонаи кӯдакон мебошад. Доир ба ин гурӯҳи кӯдакон дар Тоҷикистон 18-то мактаб-интернатҳо ва хонаи кӯдакон фаъолият менамояд, ки бештар аз 5000 тарбиягирандагонро дарбар мегирад. Дар алоқа бо зиёд гардидани шумораи кӯдакон, ки пас аз ҷанги шаҳрвандӣ ятим мондаанд, дар як қатор ноҳияҳои вилояти Хатлон мактабҳои махсуси омӯзиши кушода шуданд. Дар ин миён боз мактаб-интернатҳо дар Бохтар, Ёвон, Шаҳритус ва Қумсангир ташкил гардиданд ва ҳамагӣ дар вилояти Хатлон барои кӯдаконе, ки бесарпаноҳ ва бенигоҳубин дар худи ҳоло ҳозир 12 мактаб-интернатҳо ва як хонаи кӯдакон, ки дар он 2800 кӯдак тарбия мегиранд, амалӣ шудаанд. Аммо фаро гирифтани ҳамаи кӯдаконе, ки ба таҳсил ва тарбия эҳтиёҷ доранд бо мактаб-интернатҳо таъмин гардидани онҳо номумкин аст [7].

Аз ҷониби Ҳукумати кишвар як қатор санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ барои ба низом даровардани шакли муайяни таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуданд. Чӣ тавре, Ғафорзода Ҷонона Ғаффор, Ҷамшеди Ҷунайдуллозода дар мақолаи худ бо номи «Хусусияти иҷтимоию иқтисодии хизматрасониҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ». (Идоракунии давлатӣ. 2022 / №4/2 (59))., таҳлил намуда қайд карданд «Дар солҳои ба даст овардани соҳибистиқлолӣ барои таҳкими заминаҳои ҳуқуқии низоми таълимии кишвар, як қатор қонунҳо қабул гардидаанд, ки рушди минбаъдаи ин соҳаро муайян намуданд, аз ҷумла: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олӣ ва баъди донишгоҳӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ”, Консепсияи миллии таълиму тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, инчунин беш аз 150 қонун ва санадҳои меъёрӣ, низомномаҳо дар бораи муассисаҳои таълимӣ таҳия гардидаанд. Ҳамаи санадҳои мазкур ҷавобгӯи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ мебошанд» [3, с.74].

Чи тавре, ки маълумотҳои оморӣ хабар медиҳанд, танҳо дар 24 ноҳияи вилояти Хатлон – 30 740 кӯдакони ятим ба қайд гирифта шудаанд. Барои таҳсили онҳо бояд сохтмон ва кушодани бештар аз 150 муассисаҳои намуди интернатӣ бо вобастагии ҳисоби 200 хонанда дар як муассиса дар шароити вазнини иқтисодӣ ба гумон меравад. Дар алоқа бо ин яке аз шакли афзалиятнокӣ ҳалли ин масъала, ин додани кӯдакон ба шахсони масъул – парастор (васоият), фарзандқабулкунӣ (фарзандхонӣ) мебошад, ки сохторҳои бо чунин фаъолият машғул буда, дар ҳамон ҷойҳо сохта шаванд [8].

Тибқи маълумотҳои мавҷуда, то соли 1996 шумораи кӯдакони ба фарзандхонӣ қабулшуда, дар мамлакат зиёда аз 4000 нафар ва ба васоият (парасторӣ) қабулшуда худуди 5000 кӯдакро дарбар мегирифт. Дар баробари ин шумораи шаҳрвандоне, ки хоҳиши ба фарзандхонӣ қабул карданро доранд, аз ҷониби сохторҳои васоият ва парастор ба қайд гирифта шуда, шумораи онҳо рӯз аз рӯз афзуда истодааст ва ҳангоми

пурсиши онҳо доир ба чунин амал, онҳо қайд мекунанд, ки ин рафтор яке аз анъанаҳои оиладории халқи тоҷик ба ҳисоб меравад. Танҳо аз давраи моҳи апрели соли 1993 то соли 1996 шумораи шаҳрвандоне, ки мехоҳанд ба фарзандхонӣ қабул кунанд, тибқи маълумоти Идоракунии халқи маорифи шаҳри Душанбе ба теъдоди 71 нафар зиёд гардидааст [9].

Муассисае, ки ба фаъолияти мактаб-интернатҳо ва хонаи кӯдакон дахл дорад, яъне ҷойе ки кӯдакон-ятимонро тарбия медиҳанд, онҳо низ ҳамчун муассисаи мазкур ба мушкилотҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ шуданд. Аслан маблағгузории чунин муассиса аз ҳисоби буҷети давлатӣ бо сабаби номунтазам будани пардохтани ҳаққи маош маблағгузорӣ карда намешуд, дар баъзе ҳолатҳо қисмате, ҳатто дар масъалаи хӯрокворӣ низ ба мушкилотҳо дучор мешуданд. Нигоҳдории кӯдакон дар мактаб-интернатҳо аз ҳисоби маблағгузории гуманитарӣ ва хайрияи фондҳо, ки он қисме аз мушкилотҳои дохилимуассисавиро ҳал мекард, амалӣ карда мешуду халос. Масъалаҳои асосии зиндагӣ намудани модару кӯдак дар ҳаёт ҳамоно нопурра боқӣ мемонд.

Аллакай бо гузашти зиёда аз шаш сол (соли 2000 – ум) мактаб-интернат бо таҷҳизотҳои мактабӣ ва мебелҳои мактабӣ, таҷҳизотҳои тиҷоратӣ-техникӣ, зарфҳо – асбобҳои рӯзгор, ашёҳои тозакунанда, ашёҳои гигиенаи шахсӣ, либосворӣ, пояафзол, рахти хоб, таҷҳизотҳои таълимӣ ва дигар асбобҳо таъмин намудаанд. Қариб дар ҳамаи ҷо комплексҳои ҳамом-ҷомашӯиҳо кор намекарданд, маводҳои сӯзишворӣ ва молидани барои таҷҳизотҳои гармидиҳӣ ва нақлиётҳои хизматрасоние, ки дар ҳамон ҷойҳо кору фаъолият мекарданд вуҷуд надоштанд. Таълимдиҳандагон амалан бе хизматрасонии тиббӣ монда буданд ва сабабаш дар он буд, ки доруворихо барои духтурон дастнорас гардида буд ва умуман дору ҳам набуд ва норасоии шадиди кормандони тиб ба назар мерасид. Хӯроки кӯдакон ба таври мукаммал вуҷуд надошт ва он танҳо биринҷ, хӯрокҳои мевагиро истеъмол менамуданд ва хӯрокҳои барои саломатӣ ва инкишофи кӯдакон муҳим, маҳсулотҳои ба монанди гӯшт, шир, тухм, равғани ҳайвонот, афшӯраҳои мевагӣ вуҷуд надоштанд. Дар натиҷаи чунин ҳолат кӯдакон ҳатто бе орд ва нон монданд. Қариб ҳамаи мактаб – интернатҳо бо мушкилоти таҷҳизоти об ва гармӣ рӯ ба рӯ буданд ва баъзеи онҳо дар ҳолати садамавӣ қарор дошт.

Дар сатҳи давлатӣ бошад чораҳои имконпазир барои беҳтар гардидани вазъияти кӯдакони ятим мактаб-интернатҳо андешидаанд, аммо масъалаҳое, ки бе роҳи ҳал монда буданд, ҳамоно дар ҳамон ҳолат боқӣ монданд.

3. Ибраева А. С., Гончаров С. Б., Аманкулов А. Х. К вопросу о механизмах борьбы с коррупцией в Республике Казахстан // Организационно-управленческие механизмы антикоррупционной деятельности: российский и зарубежный опыт : Сборник тезисов докладов и статей IV международной научно-практической конференции российских и зарубежных университетов и РЭУ им. Г. В. Плеханова при участии представителей государственных и муниципальных органов власти, Москва, 01 ноября 2016 года. Москва: Общество с ограниченной ответственностью Издательский Дом "Третьяковъ", 2016. С. 73-75.
4. Иватова Л. М. Совершенствование системы государственной кадровой службы и механизмов борьбы с коррупцией в Республике Казахстан // Актуальные проблемы модернизации управления и экономики: российский и зарубежный опыт : Материалы Всероссийской научно-практической конференции (с международным участием), Томск, 29–30 марта 2012 года. Томск: Издательство Томского университета, 2012. С. 41-48.
5. Атаканов Н. А. Коррупция как фактор противодействия модернизации системы государственного управления в Киргизии // Вестник Московского университета МВД России. 2009. № 7. С. 111-115.
6. Шохрадова, О. Противодействие коррупции: сравнительный анализ законодательства России и Республики Туркменистан // Современные проблемы борьбы с преступностью: перспективы и пути решения: Материалы Всероссийской (с международным участием) научно-практической конференции студентов, аспирантов и молодых ученых, Горно-Алтайск, 25 мая 2018 года / Ответственный редактор Пашаев Х.П.. Горно-Алтайск: Горно-Алтайский государственный университет, 2018. С. 210-212.
7. Зикриллаева Н. А. Дальнейшее совершенствование антикоррупционной политики Узбекистана // Экономика и финансы (Узбекистан). 2017. № 12. С. 43-51.
8. Солиев Ш. Х. Арзишмеҳварӣ чун заминаи муҳимми муқовимат бо коррупсия дар шароити Тоҷикистон // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. 2023. Vol. 95. No. 2. P. 143-153.
9. Джононов С. Социально-политические факторы борьбы с коррупцией в условиях современного Таджикистана // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. 2019. № 2(79). С. 148-159.
10. Қодирӣ З. А. Заминаҳои ҳуқуқии ташкили фаъолият дар мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2020. No. 3(19). P. 131-142.

11. Киёмидинов С. А. Административно-правовой статус антикоррупционного ведомства Республики Таджикистан: дис. <…> канд. юрид. наук. Душанбе. 2022. 235 с.
12. Смагулов А. А. Казахстанский опыт борьбы с коррупцией // Журнал российского права. 2012. №7 (187). С 26-29.
13. Адилходжаев Ш. Ш. Опыт Узбекистана по борьбе с коррупцией путем усиления финансового контроля // Universum: экономика и юриспруденция. 2023. № 3(102). С. 73-76.
14. Раупов С. С. Коррупция ва унга қарши курашнинг долзарб муаммолари // Psixologiya. 2021. No. 3. P. 3-7.

## МАҚОМИ МИЛЛИИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ ҲАМЧУН ВОСИТАИ САМАРАНОКИ ОПТИМИЗАТСИЯИ ФАЪОЛИЯТИ ЗИДДИКОРРУПСИОНИИ ДАВЛАТ (ДАР АСОСИ МАВОДИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МИЁНА)

**ИГИТОВ АЛЕКСАНДР МИХАЙЛОВИЧ,**
аспиранти Донишгоҳи давлатии иқтисодии Санкт-Петербург,
корманди хурди илмии институти Санкт-Петербург (филиали)
Донишгоҳи давлатии адлияи умумирусиягӣ (РПА Вазорати Адлияи Русия).
ORCID 0000-0002-2570-0041

*Дар мақола равишҳои асосии ташкили сиёсати зиддикоррупсионии давлат дар мисоли кишварҳои Осиёи Миёна баррасӣ карда мешаванд. Масъалаи оптимизатсияи сиёсати зиддикоррупсионии давлат бо ёрии тақсимоти ваколатҳо ба мақомоти давлатии мавҷуда таҳлил карда мешавад. Самаранокии баланди идораҳои миллии соҳавӣ оид ба муқовимат ба коррупсия бо такя ба рейтингҳои байналмилалӣ ва динамикаи нишондиҳандаҳои самаранокӣ ҷамъбаст карда мешавад. Хулоса дар бораи самаранокӣ ё бесамарии усулҳои муайяни ташкили сиёсати давлатӣ бароварда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *Осиёи миёна, мақоми миллии мубориза бо коррупсия, муқовимат ба коррупсия, индекси дарки коррупсия, сиёсати муқовимат ба коррупсия, Узбекистон, Тоҷикистон, Қазоқистон.*

## THE NATIONAL ANTI-CORRUPTION BODY AS AN EFFECTIVE TOOL FOR OPTIMIZING THE ANTI-CORRUPTION ACTIVITIES OF THE STATE (BASED ON THE MATERIAL OF THE CENTRAL ASIAN STATES)

**IGITOV ALEXANDER MIKHAILOVICH,**
Postgraduate student of St. Petersburg State University of Economics,
Junior Researcher at the St. Petersburg Institute (branch)
All-Russian State University of Justice.
ORCID 0000-0002-2570-0041

*The article discusses the main approaches to the organization of the anti-corruption policy of the state on the normative material of the countries of Central Asia. The article analyzes the problem of optimizing the anti-corruption policy of the state through the distribution of powers among existing state bodies. Summarized the high efficiency of sectoral national anti-corruption bodies based on international ratings and the dynamics of performance indicators. The conclusion is made about the effectiveness/inefficiency of certain methods of organizing public policy.*

***Keywords.*** *Central Asia, national anti-corruption body, anti-corruption, corruption perception index, anti-corruption policy, Uzbekistan, Tajikistan, Kazakhstan.*

## ИЛМҲОИ СИЁСӢ - ПОЛИТИЧЕСКИЕ НАУКИ

УДК: 66.01+26.22

# ҶОЙГОҲИ ТОҶИКИСТОН - КИШВАРИ ГИДРОДОНОР ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОБӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**ҚУВВАТЗОДА САЙДУЛЛО ЗУВАЙД,**
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 907-80-00-71. E-mail: sqz_0085@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур ҷойгоҳи Тоҷикистон ҳамчун кишвари гидродонор дар таъмини амнияти обӣ дар Осиёи Марказӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст.*

*Таъкид гардидааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо доштани ҳаҷми азими захираҳои об дар таъмини кишварҳои шомили минтақаи Осиёи Марказӣ бо об ҷойгоҳи меҳварӣ дошта, суботи иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ аз ҳифзи захираҳои оби дар Тоҷикистон мавҷуда вобаста аст. Дар ҳамин замина, ҷониби Тоҷикистон ҳамеша омодагии худро ҷиҳати таъмини ниёзҳои кишварҳои минтақа бо об иброз намуда, ҷонибдори ҳалли ҳама гуна мушкилоти байнидавлатӣ ва минтақавии марбут ба об бо роҳи дипломатӣ ва риояи арзишҳои бунёдии муносибатҳои байналхалқӣ мебошад.*

*Ҷумҳурии Тоҷикистон аз маҷмӯи захираҳои обии дар ҳудуди худ ташаккулёбанда танҳо фоизи ночизи онро истифода намуда, қисми мутлақи онро кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ истифода менамоянд. Бо инобати ин ҳолат, таъмини амнияти обӣ дар Осиёи Марказӣ аз талошҳои дастаҷамъона ва тадбирҳои муштараки мувофиқашуда ва созгор ба манфиатҳои миллии ҳамаи кишварҳои он вобаста мебошад. Қисми таркибии чунин амалкардро риояи принсипҳои дар сатҳи байналмилалӣ эътирофшудаи мудирияти захираҳои об ташкил менамояд, ки татбиқи он дар сатҳи минтақа замина барои таъмини амнияти об, алалхусус дар раванди тағйирёбии иқлим ва коҳишёбии захираҳои об мегардад.*

*Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари гидродонор ҳамаи арзишҳо ва талаботҳои болозикрро комилан ба эътибор гирифта, дар раванди идоракунии захираҳои об авлавиятро ба принсипҳои ҳусни ҳамҷаворӣ, ҳамсоягии нек ва меъёрҳои дипломатии муносибатҳои байнидавлатӣ медиҳад. Маҳз бо риояи маҷмӯи арзишҳо, меъёрҳо ва принсипҳои болозикр Тоҷикистон тавонистааст, ҳамчун кишвари калидӣ дар таъмини амнияти обӣ дар Осиёи Марказӣ мавқеи устувор дошта бошад.*

***Калидвожаҳо:*** *Тоҷикистон, Осиёи Марказӣ, минтақа, давлат, об, дарё, кӯл, обанбор, пирях, гидродонор, гидроэнергетика, амнияти об, тағйирёбии иқлим, башардустӣ, ҳамкорӣ, ҳамгироӣ, идоракунии захираҳои об, дарёи Ому, дарёи Сир, ҳавза.*

Ҷумҳурии Тоҷикисон кишвари гидродонори минтақавӣ буда, дар таъмини амнияти обӣ дар Осиёи Марказӣ ҷойгоҳи махсусан муҳим дорад. Бо дарназардошти беш аз пеш мураккаб гардидани масоили вобаста ба об дар ҷаҳон, алалхусус дар Осиёи Марказӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарки масъулияти башардӯстӣ ва риояи арзишҳои волои фарҳанги ҳусни ҳамҷаворӣ дар талоши дарёфти роҳу василаҳо ва абзорҳои муасири таъмини амнияти обӣ дар минтақа ва тамоми ҷаҳон мебошад.

Вазифаи бунёдии сиёсати оби Тоҷикистон азхудкунии пурраи иқтидори обии кишвар мебошад, ки ҳамкориҳои судманди Тоҷикистону кишварҳои минтақа ва давлатҳои абарқудратро тақозо менамояд. Барои ҳалли мушкили об дар минтақа ҳамкории байнидавлатӣ ва минтақавӣ нақши муҳим дорад. Дипломатияи об роҳи муътамад ва инсондӯстона барои ҳалли ҳамаҷонибаи масъалаҳои марбут ба об дар Осиёи Марказӣ мебошад. Ҳалли муносиби масъала ва муносибатҳои самарабахши кишварҳои Осиёи Марказӣ дар соҳаи об аз ҳамоҳангсозии сиёсати кишоварзӣ бо

сиёсати гидроэнергетикӣ ва эҳтироми манфиатҳои тарафайн вобаста аст. Чунин талоши худро ҷониби Тоҷикистон тавассути корбурди ташаббусҳои илман асоснокшуда дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон дар амал татбиқ намуда, ҷиҳати таъмини амнияти обӣ тарҳҳои ба воқеияти ҳолати захираҳои об ва дастрасии ҷомеа ба оби тозаи ошомиданӣ ва беҳдошт нигаронидашуда таҳия ва пешниҳод намуда истодааст[1].

Дар шароити кунунӣ амнияти минтақавӣ дар соҳаи об дар Осиёи Марказӣ аз ҳолат, мудирият, ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои оби Тоҷикистон вобастагии амиқ дошта, амалкарди муштараки ҳамаи давлатҳои минтақа ва ҷонибҳои дигари манфиатдорро тақозо менамояд.

Тибқи маълумоти мавҷуда қисми мутлақи захираҳои об дар Осиёи Марказӣ маҳфуз дар қаламравӣ Тоҷикистон буда, худуди он 90 фоиз аз минтақаҳои ташаккулёбандаи маҷрои дарёҳо иборат мебошад. Асоси захираҳои обии кишварро пиряххо, дарёҳо, кулҳо, обанборҳо ва обҳои зеризаминӣ ташкил медиҳанд. Суръати миёнасолонаи маҷрои дарёҳо дар Тоҷикистон ба 64 км$^3$, аз ҷумла дар ҳавзаи дарёи Ому ба 62,9 км$^3$ ва ҳавзаи дарёи Сир ба 1,1 км$^3$ дар як сол баробар мебошад. Оби дарёҳои Тоҷикистон 55,4 фоизи ҳаҷми миёнаи солонаи оби ҳавзаи баҳри Аралро ташкил менамоянд[2].

Сарчашмаи пайдоиш ва ташаккули дарёҳои Тоҷикистон пиряххо буда, масоҳати умумии онҳо дар кишварҳои Осиёи Марказӣ тақрибан 17 ҳазор км$^2$-ро ташкил медиҳад, ки зиёда аз 60 фоизи онҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳфузанд. Шумораи умумии пиряххо дар Тоҷикистон ба 14509 адад баробар буда, масоҳати ишғолнамудаи онҳо 11146 км$^2$-ро ташкил медиҳад, ки 8 фоизи ҳудуди кишварро дар бар мегирад[2].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пиряхҳои бузургтарин аз қабили Федченко (651,7км$^2$), Грумм-Гржимайло (143км$^2$), Гармо (114,6 км$^2$) ва даххо пиряхҳои дигар, ки зиёда аз 30 км$^2$-ро фарогиранд дар нуқтаҳои баландтарини Тоҷикистон – кӯҳҳои Исмоили Сомонӣ (7495м) ва Абу Алӣ ибни Сино (7134м) ҷойгир мебошанд [2].

Захираи умумии ях дар пиряхҳои кишвар ба 845км$^3$ баробар буда, пиряхҳои хурд бо масоҳати 1км$^2$ танҳо 20 фоизи шумораи умумии пиряхҳои кишварро ташкил менамоянд, вале 85 фоизи ҳаҷми ях дар онҳо мутамарказ гардидааст.

Пиряхи Федченко яке аз калонтарин пиряхҳои дунё ба шумор рафта, дарозии он 77 км ва бараш аз 1700 то 3100 метрро ташкил медиҳад. Пиряхи мазкур ба намуди пиряхҳои мураккаби нишемангоҳи кӯҳӣ шомил гардида, пиряхи мураккаби нишемангоҳии кӯҳии бузургтарин дар ҷаҳон дониста мешавад. Нуқтаи болоии пирях дар баландии 6280 метр ва қисмати поёнии он дар масоҳати 2900 метр ҷойгир буда, баландии хати барфӣ 4650 метрро ташкил менамояд[2].

Захираи азими пиряххо дар кишвар шумораи зиёди дарёҳоро ба вуҷуд овардаанд, ки онҳо шарёнҳои табиии таъминкунандаи ҳаёт дар минтақа ва рушди иқтисодию иҷтимоии ҷомеа мебошанд.

Пиряхҳои Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи асосии захираҳои оби минтақа дар раванди тағйирёбии иқлим осебпазир буда, ҳаҷм ва масоҳати онҳо сол аз сол ба маротиб коҳиш ёфта истодааст. Тавре маълум аст пиряххо дар баробари сарчашмаи захираҳои об, инчунин гидроаккумулятор ва танзимкунандаи мувозинати иқлим маҳсуб меёбанд. Бо назардошти ин, коҳишёбии пиряххо боиси халалдоршавии амнияти обӣ дар Осиёи Маркзӣ гардида, ба ҳаёти осоиштаи сокинони он таҳдиду хатарҳои навро ба вуҷуд меорад.

Пеш аз ҳама обшавии босуръати пиряххо боиси коҳишёбии ҳаҷми об дар дарёҳои фаромарзӣ гардида, монеъаи рушди устувори иқтисодию иҷтимоии кишварҳои минтақа мегардад.

Тибқи маълумоти мавҷуда дар ҳудуди Тоҷикистон тақрибан 947 дарё мавҷуд аст, ки дарозии умумии онҳо ба 28500 км баробар мебошад.

Дарёҳои Ому ва Сир калонтарин ва асосии кишвар ба шумор рафта, ҳавзаи дарёи Ому аз якҷояшавии ҷараёни оби дарёи Панҷ (бо резиши асосии дарёҳои Ғунт ва Бартанг), дарёи Вахш, (аз обҳои водии Олой ва Помири шимолӣ ташкил меёбад), дарёи Кофарниҳон, Сурхондарё, (аз нишебиҳои қаторакӯҳҳои Ҳисор ҷорӣ мешаванд) ташаккул меёбад.

Маҷрои миёнасолонаи дарёҳо дар Тоҷикистон 64 км$^3$, аз ҷумла дар ҳавзаи дарёи Ому 62,9 км$^2$ ва дар ҳавзаи дарёи Сир 1,1 км$^3$–ро ташкил менамояд. Оби дарёҳои Тоҷикистон 54,4 фоизи ҳисоби миёнаи солонаи оби ҳавзаи баҳри Аралро ташкил менамояд.

Дарёи Ому калонтарин дарёи Осиёи Марказӣ бо масоҳати 199350 км$^2$, дарозии 2294 км ва ҷараёни миёнаи солонаи 78,46 км$^3$ ба шумор меравад. Ба ҳавзаи ин дарё Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Туркманистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон шомил мебошанд. Ба ҳавзаи дарёи Ому аз дарёҳои Вахш, Панҷ ва Кофарниҳон ҳаҷми зиёди об ворид мегардад, ки 75,5 фоизи ҳаҷми умумии захираи оби ҳавзаи дарёи Омуро ташкил менамояд.

Дарёи Ому асоси ҳаёти миллионҳо сокинони кишварҳои минтақа ва пешбурди фаъолият дар соҳаҳои кишоварзӣ, обёрӣ, истеҳсоли неруи барқ, саноат, таъминоти оби ошомиданӣ ва маишӣ маҳсуб ёфта, дар таъмини амнияти обӣ мавқеи меҳварӣ дорад.

Дарёи Сир дуюмин дарёи калонтарин дар Осиёи Марказӣ бо масоҳати умумии 150100км$^2$ ба шумор рафта, дарозии умумии он аз нуқтаи якҷояшавии дарёҳои Норин ва Қарадарё 2684 км ва аз манбаъи дарёи Нарин 3019 км – ташкил медиҳад.

Дарёи Сир аз шимоли Тоҷикистон бо дарозии 192 км ҷорӣ ва ҳаҷми зиёди оби дар ҳудуди Тоҷикистон ба дарёи Сир аз дарёҳои Исфара, Хоҷабоқирғон ва Оқсу ворид гардида, тақрибан 1,1 км$^3$–ро ташкил менамояд. Қисмати асосии ҷараёни оби дарёи Сир дар ҳудуди Ҷумҳурии Қирғизистон ташаккул ёфта, тақрибан 75 фоизи онро ташкил менамояд ва тавассути Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ гардида, дар ҳудуди Ҷумҳурии Қазоқистон ба қисмати шимолии баҳри Арал пайваст мегардад.

Захираи дигари оби Тоҷикистонро кулҳо ташкил менамоянд, ки шумораи умумии онҳо 1300 адад бо масоҳати умумии 705 км$^2$ мебошад. Шумораи зиёди кулҳои кишвар дар кӯҳҳои Помир-Олой дар баландии 3500-5000 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир гардидаанд. Масоҳати онҳо 80 фоизи масоҳати умумии кулҳои кишварро ташкил медиҳад.

Кули калонтарини дорои оби ошомидани Сарез мебошад, ки масоҳати он 55,8 км, чуқурии 505 метр ва 17 км$^3$ ҳаҷми обро ташкил менамояд.

Қисми дигари захираҳои оби кишварро обанборҳо ташкил менамоянд, ки онҳо дар идоракунии оқилонаи ҷараёни об дар дарёҳо бо дарназардошти манфиатҳои иқтисодии кишвар нақши муҳим мебозанд. Ин арзиши обанборҳо дар заминаи тағйирёбии иқлим низ бештар зоҳир мегардад.

Ҳамчунин обанборҳо дар пешгирии обхезӣ ва ҳифзи иншооти хоҷагии халқ аз таъсири харобиовари офатҳои табиии марбут ба об, ки дар шароити Осиёи Марказӣ бисёр ба назар мерасанд, нақши арзишманд доранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 11 обанбори арзишҳои гуногундошта сохта ба истифода дода шудааст. Аз ҳама калонтарини онҳо обанбори Қайроққум дар шимол ва обанбори Норак-дар қисмати марказии кишвар ҷойгир мебошанд.

Майдонии умумии обӣ дар ҳама обанборҳои кишвар ба 664 км$^2$, ҳаҷми умумӣ ба 15,344 км$^3$, аз ҷумла манфиатнок 7,63км$^3$, баробар буда, 13 фоизи оби миёнаи солонаи ҳавзаи баҳри Аралро таъмин менамоянд.

Тибқи маълумоти мавҷуда дар маҷмуъ зиёда аз 60 фоизи захираҳои оби Осиёи Марказӣ дар ҳудуди Тоҷикистон ташаккул меёбанд.

Аммо, Тоҷикистон аз он ҳамагӣ аз ҳисоби дарёи Сир 7 фоиз ва аз ҳисоби дарёи Ому 15,2 фоиз истифода менамояд.

Захираҳои оби дар ҳудуди Тоҷикистон ташаккулёбанда асосан аз ҷониби давлатҳои поёноби минтақа – Ӯзбекистон, Туркманистон ва Қазоқистон истифода мегардад. Дар ин замина саҳми давлатҳои минтақа дар ташаккулёбии захираҳои об ва истифодаи он ба воқеияти адолати иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ мувофиқат намекунад. Масалан саҳми давлатҳои минтақа дар ташаккулёбии захираҳои оби ҳавзаи баҳри Арал чунин аст: Қирғизистон 25,3 фоиз, Ӯзбекистон 7,6 фоиз, Қазоқистон 3,9 фоиз, Чин ва Покистон якҷо 5,4 фоиз [3].

Аммо истифода ва истеъмоли захираҳои обии минтақа тамоман нишондоди дигар аст. Дар асоси меъёрҳои муқараргардидаи замони шуравӣ аз захираҳои оби дарёи Сир Ӯзбекистон 50,5 фоиз, Қазоқистон 42 фоиз ва Қирғизистон 0,5 фоиз истифода ва истеъмол менамоянд.

Аз захираҳои оби дарёи Ому Ӯзбекистон 42,2 фоиз, Туркменистон 42,3 фоиз ва Қирғизистон 0,3 фоиз истифода менамоянд [4].

Ҳолати мазкур гувоҳи он аст, ки захираҳои оби Тоҷикистон барои кишварҳои Осиёи Маркази аҳамияти баланди иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсӣ дошта, асоси таъмини амнияти озуқаворӣ ва иқтисодӣ маҳсуб ёфта, заминаи бунёдии суботи миллии ҷомеаи давлатҳои поёноб маҳсуб меёбад.

Тоҷикистон ҳамчун кишвари гидродонори минтақавӣ зарурати воқеии таъмини амнияти обро барои ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ хуб дарк намуда, талошҳои худро бо истифода аз тамоми василаҳои дипломатӣ барои ҳалли муваффақонаи масъалаҳои вобаста ба об равона намудааст.

Хусусиятҳои дигари кишварҳои Осиёи Марказӣ дар муносибатҳои вобаста ба истифода ва истеъмоли захираҳои об дар он ифода ёфтааст, ки кишварҳои поёноб дар баробари надоштани захираҳои оби миллӣ, инчунин тамоюли рӯзафзуни талабот ба захираҳои бештари об доранд. Ин ҳолат дар пайи афзоиши босуръати демографӣ ва рушди муназами иқтисодию саноатӣ ва кишоварзӣ ба миён омадааст. Тавре маълум аст, афзоиши босуръати демографӣ дар баробари истифода ва истеъмоли бевосита, талаботро маҷмуан дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ба об зиёд намуда, барои қонеъ намудани талаботи аҳолӣ бо молу маҳсулоти саноатию кишоварзӣ захираи азими об истифода мегардад.

Дар 10 соли охир аҳолии Осиёи Марказӣ ҳамасола ба ҳисоби миёна як миллион нафар афзудааст ва коршиносон пешгӯйӣ мекунанд, ки ин тамоюл даҳсолаҳои оянда низ идома хоҳад ёфт. Барои мисол соли 2019 шумораи аҳолии Осиёи Марказӣ 1,36 миллион нафар афзоиш ёфта, тақрибан нисфи ин рақам афзоиши аҳолии Ӯзбекистон аст. Дар маҷмуъ, дар тули 10 соли охир шумораи аҳолии Ӯзбекистон 7 миллион нафар афзудааст, ки ин нишондод аз тамоми аҳолии Қирғизистон ё Туркманистон бештар аст.

Шумораи умумии аҳолии кишварҳои Осиёи Марказӣ ба ҳолати соли 2022 тақрибан 76,2 миллион нафарро ташкил медиҳад. Аз ин шумор 36 миллион нафар дар

Ӯзбекистон, 19,3 миллион нафар дар Қазоқистон, 10 миллион нафар дар Тоҷикистон, 6,5 миллион нафар дар Қирғизистон ва 6,2 миллион нафар дар Туркманистон ба сар мебаранд[5].

Рақамҳои болозикр нишон медиҳанд, ки талабот ба об дар кишварҳои поёноби минтақа беш аз пеш зиёд гардида, таъмини дастрасии ҷомеа ва бахшҳои иқтисодию кишоварзиро ба об ба маротиб душвор мегардонад. Ҳолати мазкур боиси халалдор гардидани устувории амнияти обӣ дар минтақа шуда, коркарди василаҳои нави таъмини амнияти минтақавиро дар соҳаи об тақозо месозад.

Дар заминаи афзоиши демографӣ талабот ба маводи озуқа ва маҳсулоти саноатӣ зиёд гардида, зарурати зиёд намудани масоҳати заминҳои кишоварзии обёришаванда ва корхонаҳои истеҳсолиро ба миён меорад. Ҷиҳати таъмини амнияти озуқаворӣ кишварҳо ногузир истифодаи обро дар соҳаи кишоварзӣ зиёд менамоянд, ки рақобати байнисоҳавӣ дар истифодаи об ба вуҷуд меорад.

Ҳамзамон барои аҳолии минтақа соҳаи кишоварзӣ аҳамияти ҳаётӣ дошта, асоси фарогирии аҳолӣ бо шуғл ва таъмини зиндагии онҳо, махсусан аҳолии деҳот маҳсуб меёбад. Тибқи маълумот ҳоло 60 фоизи аҳолии деҳоти минтақа маҳз дар соҳаи кишоварзӣ кору фаъолият менамоянд. Осиёи Марказӣ дорои 154,9 миллион гектар замин буда, 59,1 миллион гектар барои кишти маҳсулоти кишоварзӣ мувофиқ мебошад. Аз масоҳати умумии заминҳои барои кишоварзӣ мувофиқ танҳо 10 миллион гектари он истифода мешавад. Захираҳои замин дар минтақа миёни кишварҳо нобаробар тақсим шуда, қисми асосии он ба кишварҳои поёноб – Қазоқистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон рост меояд[6].

Дар баробари беш аз пеш ба маротиб зиёд гардидани талабот ба истифода ва истеъмоли об, дар пайи тағйирёбии иқлим дар минтақа тамоюли коҳишёбии захираҳои об ба назар мерасад. Тағйирёбии иқлим ва рафъи оқибатҳои он яке аз мушкилоти ҷиддии замони муосир ба ҳисоб мераванд. Таъсири манфии ин падидаи глобалӣ ба миқдор ва сифати захираҳои оби тоза низ торафт аён мегардад.

Захираҳои оби минтақа асосан аз пиряххо сарчашма гирифта, дар раванди тағйирёбии иқлим осебпазир мебошанд. Пиряххои Тоҷикистон маҳфӯз дар хушкӣ буда, бо суръати баланд ҳаҷм ва сатҳи онҳо коҳиш ёфта истодааст.

Дар Тоҷикистон дар даҳсолаҳои охир коҳиши чашмраси масоҳати пиряххо, ки барои тамоми Осиёи Марказӣ муҳиманд, ба мушоҳида мерасад.

Тибқи мушоҳидаҳо, дар давоми 70 соли охир тақрибан 35 фоизи пиряххои хурдҳаҷми Тоҷикистон талаф ёфта, аз 13 ҳазор пирях то имрӯз як ҳазораш нобуд гардидааст[7]. Барқарор намудани масоҳати пиряххо душвор ва дар бисёр мавридҳо ғайриимкон мебошад. Коҳишёбии масоҳати пиряххо таҳдид ба амнияти обӣ дар минтақа маҳсуб ёфта, ҳолати мазкур боиси ба тадриҷ кам гардидани ҳаҷми об дар маҷрои дарёҳои фаромарзӣ гардида, шиддати норасоии обро метезонад. Ин раванд вазъи номусоиди пешбурди фаъолияти кишоварзӣ ва иқтисодиро ба миён оварда, таъмини амнияти озуқавориро низ халалдор месозад. Бо инобати ҳолати мазкур Перезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд, ки « Бо дарнарназардошти он ки пиряххо ва дигар манбаъҳои обии Тоҷикистон, ки дар худудаш 60 фоизи захираҳои обии Осиёи Марказӣ ташаккул меёбанд, ин раванд ба нақшаҳои истифодабарии об дар кишварҳои минтақа мушкилоти иловагиро ба бор хоҳад овард» [8].

Дар баробари ин, коҳишёбии ҳаҷми об дастёбӣ ба Ҳадафҳои рушди устувори марбут ба обро дар минтақа душвор гардонида, давлатҳои он, алалхусус давлатҳои поёноб наметавонанд уҳдадориҳои худро дар ин самт дар сатҳи дахлдор иҷро намоянд.

Маҳз бо дарназардошти чунин вазъ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз аз оғози қарни ҷорӣ ба таври муназзам ба ин масъала таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ҷалб намуда, коркарди абзор ва василаҳои натиҷабахши ҳалли мушкилоти мазкурро тақозо менамояд.

Дар панҷ даҳсолаи охир нишондиҳандаҳои таъмини об ба ҳар сари аҳолӣ дар ҷаҳон қариб дуюним баробар ва дар минтақаҳои алоҳидаи олам, аз ҷумла Осиёи Марказӣ, зиёда аз чор баробар паст шудааст. Ин ҳолат ба талошҳои мо барои расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор монеаи ҷиддӣ эҷод менамоянд. Дар баробари ин, тамоми кишварҳои минтақаи мо аз тағйирёбии даври гидрологӣ, ки метавонад боиси обхезиву хушксолиҳои шадид гардида, ба вазъи обу энергетика ва озуқаворӣ таъсири манфӣ расонад, нигарон мебошанд[9].

Ҳолати баамаломадаро ба инобат гирифта, ҷониби Тоҷикистон ҳамчун кишвари гидродонори минтақавӣ масъалаи обу иқлимро дар меҳвари сиёсати дохилӣ ва хориҷии худ қарор дода, тамини ниёзҳои аҳолии кишвар ва минтақаро бо об аз авлавиятҳои ҳадафҳои дарозмуддати миллӣ ва муносибатҳои байнидавлатӣ бо кишварҳои ҳамҷавор медонад. Бо ин мақсад ҷониби Тоҷикистон заминаҳои сиёсию ҳуқуқӣ ва институтсионалии пешбурди муносибатҳои гуногнарсаро дар соҳаи об мувофиқ ба ҳолати захираҳои об ва ниёзи маҷмуии ҷомеаи Осиёи Марказӣ таҳия намуда, принсипи марказии онро риояи арзишҳои ҳусни ҳамҷаворӣ ташкил медиҳад.

Тавре аз Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025 бармеояд, дар меҳвари сиёсати оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дипломатияи об меистад, ки маҷмуи арзишҳои неки муносибатҳои тарафайни гуногунсатҳро дарбар мегирад.

Барномаи мазкур ҳамчун санади бунёдии марҳилавии муайянкунандаи асосҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об принсипҳои умумиэътирофшудаи байналмилалиро дар соҳаи об инъикос намуда, таъмини адолати иҷтимоиро дар соҳаи об пайгирӣ намудааст:

1. Гузариш ба идоракунии ҳавзавии захираҳои обӣ, дар асоси сарҳадҳои ҳавзаҳои дарёӣ, бо созмон додани ташкилотҳои ҳавзавӣ ва зерҳавзавӣ.
2. Ҳисоби баробари талаботи истеъмолкунандагони об дар мавриди идоракунӣ ва тақсимоти захираҳои об, татбиқи идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об бо дарназардошти рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва беҳсозии некуаҳволии ҷомеа, ҳамчунин амалисозии ҳамоҳангсозии дуруст байни ҳама бахшҳои истеъмолкунандагони об.
3. Тақсимоти уҳдадориҳо оид ба сиёсати обӣ ва идоракунӣ аз фаъолияти истеҳсолӣ ва иқтисодӣ [10].

Принсипи идоракунии ҳавзавии захираҳои об ба он равона гардидааст, ки Тоҷикистон ҳамчун кишвари гидродонори минтақавӣ дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва минтақавӣ дар соҳаи об ниёзҳои кишварҳои дигари минтақаро, ки вобастаи захираи оби Тоҷикистон мебошанд ба инобат гирифта, авлавияти онро ҳамсоягии нек ва ҳусни ҳамҷаворӣ ташкил менамояд.

Таркиби идоракунии ҳавзавии захираҳои обро гузариш аз идоракунии ҳудудиву маъмурии захираҳои об ба идоракунӣ дар ҳудудҳои минтақаҳои гидрологӣ ва гидрографӣ, таъсиси сохтори ҷумҳуриявие, ки мутобиқи идоракунии ҳавзавии захираҳои об фаъолият намуда, бо сиёсат ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъмин мекунад ва сохторҳову гурӯҳҳои манфиатдорро дар сатҳҳои гуногун аз маҳаллӣ то байналмилалӣ ба таври самаранок ҳамоҳанг месозад ва инчунин таъсиси сохторҳои идоравии шаффоф ва ҳисоботдиҳанда бо тақсимости вазифаҳои вобаста ба сиёсату

роҳнамоии стратегӣ аз як ҷониб ва иҷроия аз ҷониби дигар, бо риояи принсипҳои замонавии идоракунӣ ва иҷрои самаранок амалкунанда ташкил менамояд[10].

Бо сабаби кишвари кӯҳсор будан ва надоштани масоҳати зиёди заминҳои аҳамияти кишоварзидоштаи обёришаванда Тоҷикистон наметавонад аз ин ҳаҷми бузурги об ба маротиб бештар истифода намояд. Шароити табиӣ ва мавқеи ҷойгиршавии ҷуғрофии Тоҷикистон танҳо барои истифодаи захираҳои об бо мақсадҳои гидроэнергетикӣ мусоид буда, дар соҳаи мазкур ҳаҷм ва сифати об бетағйир боқӣ мемонад. Яъне мавқеи Тоҷикистон ҳамчун кишвари гидродонори минтақавӣ устувор буда, ҳадафи бунёди инфрасохтори гидроэнергетикӣ низ танзими муносибатҳои байнидавлатии минтақавӣ дар соҳаи об буда, замина ва василаи умедбахши ҳифзи захираҳои об барои ояндаи дарозмуддат мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 98 фоизи неруи барқ дар неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол мешавад ва ин дар ҳолест, ки мо ҳамагӣ панҷ фоизи зарфиятҳои гидроэнергетикии кишварамонро аз худ кардаем. Бинобар ин, мо тасмим гирифтем, ки иқтидори неругоҳҳои барқи обии худро то соли 2050 ду баробар афзоиш дода, дар рушди «иқтисоди сабз» саҳми муносиб гузорем. Қобили зикр аст, ки ҳоло Тоҷикистон аз рӯйи ҳиссаи истеҳсоли неруи барқ аз захираҳои барқароршавандаи обӣ, яъне тавлиди «энергияи сабз», дар ҷаҳон дар мақоми шашум қарор дорад. Дар сатҳи миллӣ мо имкониятҳои худро ба он равона месозем, ки то соли 2025 ислоҳоти соҳаи оби кишварро пурра амалӣ намуда, мудирияти ҳамгироёнаи захираҳои обро ба таври комил ба роҳ монем [11].

Аз таъкидҳо бармеояд, ки соҳаи гидроэнергетика дар дурнамои сиёсати оби Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалияти ивазнашаванда дошта, татбиқи пурраи ҳадафҳои дар ин самт пешбинигардида, алалхусус ба анҷом расонидани бунёди ҳамаи неругоҳҳои барқи обии банақшагирифташуда метавонад амнияти обиро дар минтақа ба маротиб таҳким бахшад ва дар давраҳои камобӣ тамоми минтақаи Осиёи Марказиро бо ҳаҷми зарурии об таъмин созад. Ба ин васила Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари гидродонори минтақавӣ мавқеи худро таҳким бахшида, эътимоднокии таъминоти устувор бо ҳаҷми зарурии захираи обро барои кишварҳои обистеъмолкунандаи минтақа тақвият мебахшад. Тавре маълум аст, захираҳои об дар гардиши доимӣ қарор дошта, дар зери таъсири раванди тағйирёбии иқлим таъмини мувозинати устувори он ҷиҳати қонеъ намудани ниёзҳои обистеъмолкунандагон бисёр душвор аст ва маҳз дар заминаи бунёди неругоҳҳои барқи обӣ ва ҳифзи ҳаҷми зарурии об дар онҳо метавонем дурнамои амнияти обиро дар сатҳи минтақа таъмин намоем.

Аз таҳлил бармеояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми тадбирҳоро меандешад, то ҳамчун кишвари гидродонор дар таъмини амнияти обӣ дар осиёи Марказӣ нақши созгор дошта бошад ва бо риояи принсипҳои бунёдии муносибатҳои байналмилалӣ ҳамсоягони худро дар ҳама ҳолат бо ҳаҷми зарурии об таъмин созад.

Дар баробари ин, кишварҳои обистеъмолкунандаи минтақаро низ зарур аст, ки дар раванди ҳифзи захираҳои об иштироки фаъол дошта бошанд ва баҳри бунёди инфрасохтори гидроэнергетикӣ дар кишварҳои гидродонор барои захира намудани ҳаҷми зарурии об сармоягузорӣ намоянд. Ҳамкории мутақобилаи судманд метавонад заминаҳои умедбахшро ҷиҳати ҳифзи амнияти обӣ дар раванди тағйирёбии иқлим ва коҳишёбии захираҳои об фароҳам биёрад. Риояи қатъии принсипҳои дар сатҳи байналмилалӣ мувофиқашудаи идоракунии захираҳои об дар сатҳи давлатҳои обистеъмолкунандаи минтақа василаи дигари ҳифзи амнияти об дар Осиёи Марказӣ ва нигоҳдошти захираҳои об баҳри наслҳои оянда ва рушди устувори давлатҳои шомили ҳавзаи ягонаи обӣ мебошад.

**Адабиёт**


1. Қувватзода С. З. Ташаккули гидрополитика ва омӯзиши он ҳамчун фан ва шохаи нави илмҳои сиёсӣ. Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2020 / №4/1 (48). –С. – 298.
2. Захираҳои об [манбаи электронӣ]// Сарчашма: https://www.mewr.tj/?page_id=390&lang=tj (санаи воридшавӣ: 18.01.20236).
3. Куватов С.З. Водная политика Республики Таджикистан в годы государственной независимости: проблемы и перспективы. Автореферат диссертации, 2019. С.-15.
4. Муртазаев У. И. Управление водными ресурсами Центральноазиатского региона: проблемы и пути их решения . «Ирфон» - 2016, С. – 26-27.
5. Демографический рост в Центральной Азии. Источник: ttps://countrymeters.info/ru/Asia
6. Земельные ресурсы бассейна Аральского моря [электроный ресурс]// Источник: http://www.cawater-info.net/aral/land.htm (дата посящения 13.12.2021).
7. Суханронии Эмомалӣ Раҳмон дар 40 – умин ҷаласаи Конфронси генералии ЮНЕСКО дар масъалаҳои вобаста ба тағйирёбии иқлим. 12.11.2019, Фаронса.
8. Суханронии Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлоси бисту ҳафтуми Конфронси ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим (КОП-27) 07.11.2022, Миср.
9. Суханронӣ дар маросими ифтитоҳи Конфронси СММ оид ба шарҳи фарогири миёнамуҳлати ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” 22.03.2023 21:06, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико
10. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, №791 «Дар бораи Баронмаи ислоҳоти соҳаи оби Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025».
11. Суханронии Эмомалӣ Раҳмон дар маросими кушодашавии форуми байналмилалӣ оид ба масъалаҳои оби тоза. 30.08.2003, шаҳри Душанбе.


## МЕСТО ТАДЖИКИСТАНА - СТРАНА ГИДРОДОНОР В ОБЕСПЕЧЕНИИ ВОДНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ


**КУВВАТЗОДА САЙДУЛЛО ЗУВАЙД,**

кандидат политических наук, доцент кафедры политологии и связи с общественностью Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.

734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Саид Носира, 33

Тел.: (+992) 907-80-00-71. E-mail: sqz_0085@mail.ru



*В данной статье рассматривается место Таджикистана как страны гидродонора в обеспечении водной безопасности в Центральной Азии.*

*Подчеркнуто, что Республика Таджикистан, обладая огромным объемом водных ресурсов, занимает центральное место в обеспечении водой стран, входящих в регион Центральной Азии, социально-экономическая и политическая стабильность зависит от защиты имеющихся в Таджикистане водных ресурсов. В этом контексте таджикская сторона всегда выражает готовность обеспечить потребности стран региона водой и выступает за решение любых межгосударственных и региональных проблем, связанных с водой, дипломатическим путем и соблюдением основополагающих ценностей международных отношений.*

*Республика Таджикистан использует лишь небольшой процент от общих водных ресурсов, образующихся на ее территории, а абсолютная часть используется другими странами Центральной Азии. В связи с этим обеспечение водной безопасности в Центральной Азии зависит от коллективных усилий и совместных мер, согласованных и совместимых с национальными интересами всех стран. Неотъемлемой частью таких действий является соблюдение международно признанных принципов управления водными*

*ресурсами, реализация которых на региональном уровне становится основой обеспечения водной безопасности, особенно в процессе изменения климата и сокращения водных ресурсов.*

*Республика Таджикистан, как страна гидродонор, полностью принимает во внимание все ценности и требования, и в процессе управления водными ресурсами уделяет приоритетное внимание принципам добрососедства и дипломатическим нормам межгосударственных отношений. Именно с соблюдением комплекса ценностей, норм и принципов, Таджикистан смог занять стабильное положение в качестве ключевой страны в обеспечении водной безопасности в Центральной Азии.*

***Ключевые слова:*** *Таджикистан, Центральная Азия, регион, государство, вода, река, озеро, водохранилище, ледник, гидродонор, гидроэнергетика, водная безопасность, изменение климата, гуманизм, сотрудничество, интеграция, управление водными ресурсами, Амударья, Сырдарья, бассейн.*

## THE PLACE OF TAJIKISTAN - A HYDRODONOR COUNTRY IN ENSURING WATER SECURITY IN CENTRAL ASIA

**QUVATZODA SAYDULLO ZUVAID,**
Candidate of Political Sciences, associate professor of the department of political science and public relations
Academy of public administration under the President of Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir st.
Phone: (+992) 907-80-00-71. E-mail: sqz_0085@mail.ru

*This article examines the place of Tajikistan as a hydrodonor country in ensuring water security in Central Asia.*

*It was emphasized that the Republic of Tajikistan, having a huge volume of water resources, occupies a central place in providing water to the countries of the Central Asian region, socio-economic and political stability depends on the protection of water resources available in Tajikistan. In this context, the Tajik side always expresses its readiness to meet the needs of the countries of the region with water and stands for solving any interstate and regional problems related to water through diplomacy and compliance with the fundamental values of international relations.*

*The Republic of Tajikistan uses only a small percentage of the total water resources generated on its territory, and the absolute part is used by other Central Asian countries. In this regard, ensuring water security in Central Asia depends on collective efforts and joint measures coordinated and compatible with the national interests of all countries. An integral part of such actions is compliance with internationally recognized principles of water resources management, the implementation of which at the regional level becomes the basis for ensuring water security, especially in the process of climate change and reduction of water resources.*

*The Republic of Tajikistan, as a hydrodonor country, fully takes into account all values and requirements, and in the process of water resources management pays priority attention to the principles of good neighborliness and diplomatic norms of interstate relations. It is with the observance of a set of values, norms and principles that Tajikistan was able to take a stable position as a key country in ensuring water security in Central Asia.*

***Keywords:*** *Tajikistan, Central Asia, region, state, water, river, lake, reservoir, glacier, hydrodonor, hydropower, water security, climate change, humanism, cooperation, integration, water resources management, Omu River, Sir River, basin.*

УДК: 32(091)+1:32:34

# АНДЕШАҲОИ СИЁСИЮ ҲУҚУҚИИ АБУЛҲАСАНИ ОМИРӢ

**ҚОДИРЗОДА САЙДМУСОИ МУҲИББУЛЛО,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, кафедраи сармоягузорӣ ва
менеҷменти байналмилалии Донишгоҳи давлатии Данғара.
735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.Данғара, кӯч Марказӣ 25.
Тел.: (+992) 918-79-75-07. E-mail: saidmuso.kodirov@mail.ru
**САЪДУЛОЕВ АБДУЛВОСИТ ҲАБИБУЛЛОЕВИЧ,**
доктор (PhD) илмҳои сиёсии кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33
Тел.: (+992) 918-78-12-12. E-mail: prof.asrt@mail.ru

*Абулҳасани Омирии Нешопурӣ яке аз муҳимтарин файласуфон ва донишмандони сиёсии барҷастаи форсу тоҷик аст, ки андешаҳои сиёсию ҳуқуқии вай дар даврони худ то ба имрӯз мавриди таваҷҷӯҳи муҳаққиқону олимон будааст. Ӯ дар осори худ масъалаҳои сиёсию ҳуқуқии муҳимеро мавриди баҳсу баррасии илмӣ қарор додааст. Дар ин мақола пас аз ишораи кутоҳе ба ҳаёт ва осори илмии Омирӣ, ба муҳимтарин паҳлуҳои андешаҳои сиёсию ҳуқуқии вай пардохта хоҳад шуд. Ҳамчунин, вижагиҳои ҳокими ҷомеа низ аз нуқтаи назари Омирӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст.*

***Калидвожаҳо:*** *Абулҳасани Омирӣ, андешаи сиёсӣ, андешаи ҳуқуқӣ, зиндагии иҷтимоӣ,ояндаи неки сиёсӣ, мафҳуми қонун, низоми ҳуқуқӣ, қонунҳои меъёрӣ.*

**Ҳаёт ва осори илмии Абулҳасани Омирии Нешопурӣ:** Абулҳасан Муҳаммад Ибни Юсуфи Омирӣ соли 300/880 дар Нешопури Эрон мутаваллид шуда, соли 381/961 дар ҳоли бозгаш аз Бухоро ба самти Нешопур дар гузашт. У аз машҳуртарин файласуфон ва ҳакимони форсу тоҷик мебошад, ки андешаҳои фалсафӣ ва ҳакимонааш дар боби сиёсат, ҳуқуқ, ҳикмати амалӣ ва ғайра саҳми арзандае бар арсаҳои илмии гунонуги олам гузоштааст [6, с. 82 // 11, с. 27]. Бо донишмандони машҳури замони худ ҳамчун Абуҳайёни Тавҳидӣ, Мискавайҳи Розӣ, Абусулаймони Саҷистонӣ ва ғайра муносибати илмию таҳқиқотӣ доштааст.[9, Ҷ. 1, С. 95 // 12, С. 83]

Бар асоси санадҳои таърихӣ ва яке аз китобҳои худи Абулҳасани Омирӣ, осори илмии вай дар мавзуоти мухталиф ба чандин асар мерасанд, ки баъзе аз муҳимтарини онҳо «Ал-амаду ъалал-абад», «Ал-иълом биманоқиб ал-ислом», «Ат-такрир ли авҷуҳит-тақдир» ва «Расоил» мебошанд [1, с. 82 // 2, с. 35 // 3, с. 263 // 4, с. 286 // 5, с. 55].

**Пайдоиши зиндагии иҷтимоӣ:** Аз нигоҳи Абулҳасани Омирӣ решаи ба вуҷуд омадани зиндагии иҷтимоӣ ва сиёсии инсон аз ду масъалаи муҳим вобастагӣ дорад. Яке онки инсон ба танҳоӣ наметавонад аз ухдаи таъмини ҳамаи ниёзҳои асосии зиндагии худ баромада, бо ҳамроҳии инсонҳои дагри ҷомеа чунин кореро анҷом медиҳад. Масъалаи дигаре, ки дар пайдоиши ҳаёти сиёсию ичтимоӣ аҳамияти вижа дорад, расидан ба камол ва саодати ниҳоӣ ва интизор шудан бароиояндаи беҳтар мебошад [7, с. 153 // 8, с. 3]. Омирӣ ба ин саодати ниҳоӣ ваояндаи мавриди назари худ «ҳаёти фозила» ном мегузорад. Ба назари вай «ҳаёти фозила» як дараҷае аз камол ва саодати зиндагии башарият ба ҳисоб меравад, ки дар он камбудӣ ва ноқисӣ вуҷуд надорад. Худми мафҳуми камол дар фалсафаи сиёсӣ ва ҳикмати амалӣ низ ба ҳамин маъно мебошад. Омирӣ бар ин ақидааст, ки ба даст овардани камоли зиндагӣ танҳо дар сурате таҳаққуқ меёбад, ки зиндагии ҷамъӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ шакл гирифта бошад. Дар ин сурат аст, ки камол,ояндаи беҳтар ва «ҳаёти фозила» барои башарият таҳаққуқ

меёбад. Васфи чунин ҳолате дар ҳикмати амалии зиндагии инсон аз нигоҳи Омирӣ камолхоҳӣ гуфта мешавад [3, с. 69 // 4, с. 310].

Меъёр ва шарти асосии расидан ба камол ва эҷоди ҳаёти фозила қувваи ақл ва иродаи инсон аст. Инсони беиродаву ихтиёр ва дур аз ақлу хирад наметавонад роҳи дурусти эҷоди ҳаёти сиёсию иҷтимоиро пайдо намуда, ҷиҳати ҳаракат ба самти он коре аз пеш намебарад. Аммо, агар қувваи ақлу неруи ихтиёр дар инсон вуҷуд дошта бошад, метавонад мафҳуми саодат ва камолро дуруст дарёбад ва роҳи расидан ба онро низ пайдо намуда, ҷиҳати ҳаракат дар самти он ҳамаи талоши худро масруф дорад [4, с. 311]. Зеро, дар сурати набудани ихтиёр ва қувваи ақл инсон аз ҳамон ибтидо наметавонад роҳи саодатро дуруст пайдо намояд.

Ин қувваи ақл аст, ки роҳи дурустро аз хато барои инсон муайян мекунад. Вақте, ки роҳи дуруст хуб дарк шавад, онгоҳ навбат ба қувваи ихтиёр ва озодии амалии инсон мерасад. Агар қувваи ақлу неруи ихтиёр аз иносн гирифта шавад гарчанде, ки бо ақли худ роҳи дурусти давлатдориро ҳам омухта бошад, аммо, чун аз худаш ҳеч иродаву ихтиёре надорад, пас наметавонад дар масири саодат ҳаракат намояд [3, с. 170].

Пас, бар асоси гуфтаҳои Омирӣ, нуктаҳои зеринро ҳамчун заруратҳои пайдоиши ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ номидан мумкин аст:

- Таъмини ниёзҳои асосии инсон бидуни вуҷуди иҷтимоъ имкон надорад;
- Ба сабаби онки инсон аз пайи ба даст овардани саодату камолхоҳӣ буда ва барои таъмини ояндаи беҳтар кушиш менамояд, пайдоиши ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ зарурат меёбад.
- Роҳи таъмини ниёзҳо ва ба даст овардани саодату камол ва ояндаи беҳтар, қувваи ақлу ҳикмат мебошад.
- Иродаву ихтиёр ва озодии интихоб низ аз дигар заруратҳои пайдоиши ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ мебошад.

**Мафҳуми сиёсат ва ҳадафи он:** Таърифи мафҳуми сиёсат дар андешаи Омирӣ ба маънои тадбиру чораандешӣ ҷиҳати дастёбӣ ба ҳадафи ниҳоии инсон, ки ҳамон саодат, камолхоҳӣ, некбахтӣ ва таъмини ояндаи беҳтар аст, мебошад. Дар воқеъ маркази таваҷҷуҳи Омирӣ дар баҳсҳои сиёсат ва ҳадафҳои он, ҳамин мафҳуми саодату некбахтӣ ва ба камол расидани инсон ба шумор меравад. ба назари вай асоситарин вазифаи сиёсат чунин аст, ки бо равишҳову методҳои муайян битавонад инсонро ба камолу некбахтӣ расонида, аз гирифториҳову мушкилот уро раҳоӣ бахшад [3, с. 172].

Некбахт кардан ва ба камол расонидани инсон ба маънои ҳавасманд намудани афроди ҷомеа ба самти масъалаест, ки битавонад бо тадбири дурусту устувор ва мутобиқ бо маслиҳатҳои ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ба ҳадафаш ноил гардад. Дастёбӣ ба чунин масъалае ҳамкорию ҳамоҳангии тамоми афроди ҷомеа ва коргузорони ҳокимиятро талаб мекунад [3, с. 174 // 11, с. 177].

Некбахтӣ, хайрхоҳӣ ва маслиҳатандешие, ки омирӣ зикр мекунад, тибқи гуфтаи худи у, иборат аст аз, сиҳҳату саломатӣ барои ҳамаи афроди ҷомеа, нерумандгардонӣ ва қувватбахшидан ба ҳамаи афроди ҷомеа, ривоҷ додани ахлоқи неку ва хушгуфторӣ дар миёни ҳамагон, дур кардани ҷомеа аз бадиҳо ва нобасомониҳои иҷтимоӣ, ҳавасманд намудани ҷомеа ба ақлоният ва ҳикмати маданӣ, густариш додани мафҳумҳои ҳикмати амалӣ ҳамчун, иффат, шуҷоат, адолат ва ғайра [4, с. 313].

Пас, бар асоси таърифи сиёсат ва ҳадафи он аз нигоҳи Омирӣ, сиёсат тадбир кардан ва ҳаракат кардан ба самти ҳадафи ниҳоии инсон, ки ҳамон некбахтию саодат ваислоҳи ҳамаҷонибаи аҳли ҷомеа мебошад. Дар ин сурат ҳаёти фозила ба назари Омирӣ муҳаққақ мегардад.

**Ҳоким ва вазифаҳои ҳоким:** Абулҳасани Омирӣ вуҷуди ҳокимони сиёсӣ дар ҷомеаро аз заруритарин ҳадафҳои ташкили давлату ҷомеа медонад. Зеро, ҷиҳати тарбияти афроди ҷомеа ва ҳаракат додани онҳо ба самти некбахтию саодатталабӣ бояд ҳокими сиёсӣ вуҷуд дошта бошад. Ҳамчунин пешгирӣ аз низоъ ва даргириҳои гуногун миёни афроди мухталифи ҷомеа яке дигар аз заруратҳои вуҷуди ҳоким дар ҷомеа мебошад [4, с. 315].

Аз нигоҳи Омирӣ муҳимтарин вижагии ҳокими ҷомеа он аст, ки у бояд ҳакиму хирадманд бошад. Маънои ҳаким аз нигоҳи вай касест, ки сиёсатмадор бошад хубро аз бад ҷудо карда тавонад ва худ низ аҳли хубиҳо ва умумри писандида бошад [4, с. 316 // 5, с. 57].

Вазифаҳои ҳоким аз нигоҳи Омирӣ масъалаҳои гуногунеро шомил мешаванд, ки баъзе аслӣ буда, баъзе дигар ғайриаслӣ ҳастанд, ки зери вазифаҳои аслӣ маънидод карда мешавад. Аммо, муҳимтарин вазифаи ҳоким ва ҳадафи ниҳоии ҳокимият аз назари Омирӣ иҷрои адолат мебошад. У парҳез аз ҷавру зулм ва риояти адолатро поя ва рукни асосии ҳукумати ҳоким ба ҳисоб меоварад [3, с. 220 // 4, с. 317]. Асосан бар асоси андешаи Омирӣ, ки зикр шуд, фалсафаи вуҷудии ҳокимият ва зарурати интихоби шахсе ба номи ҳоким, таваҷҷуҳ ба маслиҳатҳои мардуми ҷомеа ва ҳифзи манфиатҳо онон ва ҳамчунин иҷрои адолат мебошад. Агар чунин чизе набошад, на ҳоким ва на ҳокимияташ барои мардум ҳеч зарурате надошта, буду набуданашон як аст.

Вазифаи муҳими дигари ҳоким пас аз иҷрои адолат, машварат намудан ва парҳез аз истибдоду яккатозӣ дар ҳокимият мебошад. Зеро, машварат сабаби мустаҳкамтар шудани тасмимҳои сиёсӣ шуда, шитобзадагию нопухта будани онҳоро аз байн мебарад.

Аз нигоҳи Омирӣ ба ҳокимон лозим аст дар тасмимҳои худ аз истибдоду яккатозӣ парҳез намуда, аз машварату ҳамфикрии дигарон махсусан, аҳли ҳикмату дониш баҳраманд гарданд [3, с. 224]. Дурустию сиҳҳати як тасмими сиёсӣ аз назари Омирӣ бар миқдори истифода намудан аз машварату маслиҳати аҳли дониш вобастагӣ дорад. Дар ин сурат хатоҳои як тасмим ошкор шуда, аз оқибатҳои ногавори он пешгирӣ хоҳад шуд. Ҳатто, Омирӣ ҳокимонро ёдовар мешавад, ки дар сурати истибдоду яккатозӣ дар амри ҳокимият ҳавфи он меравад, ки ҳокимият нобуд гашта, сарнавишит давлату ҷомеа ба фасоду табоҳӣ кашонида шавад [4, с. 342 // 5, с. 59].

Дар канори ду вазифаи аслии ҳоким, ки иҷрои адолату аз байн бурдани зулм ва машварату ҳамфикрӣ бо ҳакимону хирадмандон мебошад, Омирӣ вазифаҳои дигареро низ барои ҳокимон баён мекунад:

1. Риояти эътидолу миёнаравӣ дар ҳамаи заминаҳои давлатдорӣ ва парҳез аз ифротгароию тандравӣ;
2. Шинохт ва таъмини дурусти ниёзҳо ва эҳтиёҷоти мардум;
3. Ҳифзу эҳтиром ба ҷойгоҳи мардум ҳамчун шахсоне, ки агар онҳо нахоҳанд, ҳоким ва ҳокимияташ вуҷуд нахоҳанд дошт;
4. Эҳтиром ба ҷойгоҳи аҳли дониш ва ҳикмат;
5. Парҳез аз нороҳат намудан ва дилшикаста шудани аҳли ҳикмат;
6. Шинохти фитнаҳо ва душманиҳои бадхоҳони миллат;
7. Ҳифзу ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои мардум аз фитнаҳои бадхоҳон;
8. Аҳамият ва таваҷҷуҳи хосса ба ниҳодҳои низомию интизомӣ ва лашкариёну аскарон ва афсарон, ҳамчун нигоҳдорандагони пояҳои ҳокимияти ҳоким ва ҳифзи амнияту суботи ҷомеа;

9. Дар назар гирифтани муҷозоти сахту пушаймонкунанда барои ҷинояткорон ва касоне, ки амнияту суботи ҷомеаро вайрон намуда ва ҳуқуқу манфиатҳои мардумро поймол менамоянд.

10. Дар сурати роҳ додан ба хатогиҳо, пазируфтан ва эътироф намудани онҳо аз ҷониби шахси ҳоким [3, с. 425-429 // 10, с. 353].

**Мафҳуми қонун ва низоми ҳуқуқӣ:** Тавре, ки гуфта шуд Абулҳасани Омирӣ аз донишмандони барҷастаи замони худ ба ҳсиоб меравад, ки аксари таҳқиқот ва корҳои илмӣ дар бораи андешаҳои сиёсии вай анҷом гирифтааст. Аммо, чуноне, ки аз китобҳо ва рисолаҳои илмии Омирӣ ба даст меояд, андешаҳои зиёде дар бораи мафҳуми қонун, ҳуқуқ, низоми ҳуқуқӣ ва ғайра низ аз вай бар ҷой мондааст. Мафҳуми қонун яке аз барҷастатарин ва боаҳамияттарин масъалаҳоест, ки Омирӣ дар осораш онро мавриди таҳқиқу баррасии илмӣ қарор додааст. Ба назари Омирӣ танҳо роҳи касби саодат ва некбахтии башарият итоати пайваста аз қонун мебошад [4, с. 345]. Албатта бояд таваҷҷуҳ намуд, ки мафҳуми қонун дар андешаи Омирӣ ба маънои суннат дониста шудааст. Яъне, баҳсҳои у перомуни мафҳуми суннат ҳамон масъалаҳои марбут ба қонунро дар бар мегиранд. Қонунҳо ва суннатҳои фардӣ, хонаводагӣ, иҷтимоӣ, низомӣ, иқтисодӣ ва ҳокимиятӣ шаклҳои гунонуни он мебошанд [3, с. 176 ва 177 // 7, с. 155].

Аз назари Абулҳасани Омирӣ мафҳуми суннат ва қонун дорои унсурҳои зерин мебошанд:

1. Баёнкунандаи тамоми хубиҳо ва бадиҳо бошад;
2. Роҳи расидан ба хубиҳо ва роҳи дурӣ аз бадиҳоро муаррифӣ кунад;
3. Ҳамаи ҳолатҳои ҷомеа аз ҷумла, ҷангу сулҳ, фақру дороӣ, шодию ғам ва ғайраро дар худ пешбинӣ намуда, рафторҳои мутаносиб бо ҳар як аз онҳоро баён намояд;
4. Моликият ва миқдори онро барои ҳар як шахс дар ҷомеа муайян намояд;
5. Робитаҳо ва муносибатҳои гуногуни иҷтимоӣ монанди, издивоҷ, тиҷорат ва ғайраро танзим намояд;
6. Таъминкунандаи адолат ва амнияти фардию иҷтимоӣ бошад;
7. Саранҷом ва ҳолати инсонҳои мурдаро низ ҳамчун ғусл додан, кафан карда, дафн кардан, тақсимоти мерос ва ғайраро муайян карда тавонад.

Чуноне, ки дида мешавад мафҳуми қонун ва ё суннат дар андешаи Омирӣ бисёр доираи васеи мафҳумҳои фардию иҷтимоиро дар назар гирифта, барои ҳолатҳои гуногуни инсон нуктаву пешниҳодҳо ва тавсияҳои лозимаро барои давлату ҷомеа ироа намудааст [3, с. 177-180].

Дар низоми ҳуқуқии мавриди назари Омирӣ иҷрокунандаи қонунҳо ва суннатҳо шахси фозил ва олиму одил мебошад, ки худаш ба хубӣ роҳи саодату некбахтиро омухта ва аз ҳамаи ҷузъиёти он огоҳии комил дорад. Ба маънои дигар, ҳокими ҷомеа, ки бояд чунин вижагиҳоро доро бошад, иҷрокунандаи қонунҳо дар ҷомеа ба шумор меравад [4, с. 210-213].

Ба андешаи Омирӣ шахси масъул бояд қонунҳоро бо тамоми нозукиҳояш риоят намуда, агар шахсе дар баробари иҷрои қонун муқовимат намояд ва иҷрои онро халалдор кунад, бояд бо у бархурди қотеъ гардад. Зеро дар ғайри ин сурат шахси қонунгурез метавонад равиши қонунгурезиро дар ҷомеа ривоҷ диҳад [4, с. 290].

**Вижагиҳои қонун ва низоми ҳуқуқӣ:** Бо таваҷҷуҳ ба осори Абулҳасани Омирӣ вижагиҳои қонун ва суннатҳоро дар низоми ҳуқуқӣ чунин муайян намудан мумкин аст:

1. **Пешбинӣ намудани рафторҳои иҷтимоӣ;** Аз назари Омирӣ қонунҳои мавҷуд дар ҷомеа бояд тавоноии онро дошта бошанд, ки рафторҳои иҷтимоӣ ва ҳодисаҳои пешомадаро барои мардум пешбинӣ намуда, омодагии лозимаро барои

бархурд бо онҳо пайдо намоянд. Агар чунин набошад, мардум дар ҳолатҳои пешомадаи номаълуми аз қабл пешбинӣ нашуда дармонадву саргардон мегарданд ва давлату ҷомеа роҳи дурустро паймуда наметавонад. Пас, дар қонунҳо бояд ҳолатҳои ғайри қобили пешбинӣ ва ояндабинӣ низ мавҷуд бошад то дар ҳолати мазкур роҳи ҳаракати давлату ҷомеа маълум бошад [3, с. 273 ва 274].

2. **Доштани замонатҳои лозима барои иҷрои қонун;** Тавре, ки маълум аст асли вуҷуди қонун дар ҷомеа як масъалаи бисёр муҳиму калидӣ мебошад. Аммо, агар ҳамин қонунҳо ба иҷро даромада натавонанд асосан вуҷудашон бемаъно ва нолозим мегарданд. Пас, бояд замонатҳо ва заруратҳоеро дар ҷомеа эҷод намуд, то ин қонунҳои таъйиншуда ба иҷро дароянд. Аслитарин зомин ва беҳтарин шахсе, ки метавонад иҷрои қонунро дар ҷомеа кафолат диҳад, аз назари Омирӣ шахси ҳоким ва дастгоҳи иҷроияи ҳокимияти вай мебошад. Дар ин амри бисёр зарурӣ, ки дар баъзе ҳолатҳо мумкин аст уҳдадориҳои ҳоким кофӣ набошад, донишмандону аҳли ҳикмат низ бояд барои амалӣ намудани иҷрои қонунҳо ба ҳоким ва дастгоҳи иҷроияи ҳокимият ёрӣ расонанд [2, с. 255 // 10, с. 356].

3. **Вуҷуди қонунҳои меъёр ва ягона;** Дар ташаккул ва эҷоди давлату ҷомеа аз ҳар самте суннатҳо ва қонунҳои гуногуне дар гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ ба вуҷуд меоянд. Аммо, пас аз ташкили ҳокимияти ягона ва таъйини ҳокими хирадманду ҳаким ва одилу олим, бояд қонунҳо ва супоришҳои ягона аз як шахс ва аз як дастгоҳи ҳокимиятӣ ба мардум ироа гардад. Агар ҳар як гурӯҳ ва табақаи иҷтимоӣ барои худашон қонуне дошта бошанд, беназмию ошуфтагӣ дар ҷомеа одӣ мегардад ва ҳокимиятро ба ҳадафҳои худ намерасонад. Пас, ҷиҳати ҳалли ин масъала бояд қонунҳои меъёр ва ягона барои ҳамаи табақаҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ пешниҳод шаванд то рафтори ҳамаи афроди ҷомеа зери ҳокимитя он қарор гирад [2, с. 180].

4. **Қонун барои ҳама.** Ба назари Омирӣ қонун болотар аз ҳама ва барои ҳама мебошад. Ҳатто болотар аз ҳоким низ мебошад. Пас, барои идораи дурусти ҷомеа бояд аз қонун пайравӣ намуд ва ин барои ҳама бояд яксон ва якнавохт бошад. Дар ғайри ин сурат бо саркашӣ намудани баъзе бадхоҳон аз қонунҳо, заминаҳои шуришу беназмӣ ва бадбахтию бечорагӣ барои ҷомеа ба вуҷуд меояд. Барои иҷрои дурусти қонун бояд онро ба таври яксону якнавохт барои ҳамаи афроду табақаҳои иҷтимӣ ба иҷро даровард [3, с. 275].

**Адабиёт**

1. Абулҳасани Омирӣ. Ал-амаду ъалал-абад. Тасҳиҳи У, Раусон. Канада.: Донишгоҳи Мак-Гил, 1979. – 178с.
2. Абулҳасани Омирӣ. Ал-иълом биманоқиб ал-ислом. Тарҷумаи А, Шариатӣ. Теҳрон.: Маркази нашри донишгоҳӣ, 1367/1988. – 338с.
3. Абулҳасани Омирӣ. Ас-саъодат ва ал-исъод. Теҳрон.: Донишгоҳи Теҳрон, 1336/1957. – 384с.
4. Абулҳасани Омирӣ. Расоил. Тасҳиҳи С. Халифот. Теҳрон.: Маркази нашри донишгоҳӣ, 1375/1996. – 472с.
5. Алихонӣ, А. Андешаи сиёсии мутафаккирони мусалмон. Теҳрон.: Пажуҳишкадаи мутолиоти фарҳангӣ ва иҷтимоӣ, 1390/2011. – Ҷ. 2, 460с.
6. Минавӣ, М. Накди ҳол; Ёдкарди Абулҳасани Омирии Нейшобурӣ. Теҳрон.: Хоразмӣ, 1367/1988. – 550с.
7. Наср, С. Таърихи фалсафаи исломӣ. Теҳрон.: Ҳикмат, 1383/2004. – 370с.

8. Саъдулоев А. Низоми давлатӣ ва ҷомеаи маданӣ аз нигоҳи Абу-Райҳони Берунӣ ва Насируддини тусӣ. Маҷаллаи Идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. – № 4/2 (59). – 11с.
9. Тавҳидӣ, А. Ал-имтоъ ва ал-муонасат. Тасҳиҳи А, Амин. Қоҳира.: 1939. – Ҷ. 1, 310с.
10. Тавҳидӣ, А. Ал-муқобисот. Таҳқиқи М, Тавфиқ. Теҳрон.: Маркази нашри донишгоҳӣ, 1366/1987. – 604с.
11. Фаридунӣ, А. Андешаи сиёсии Абулҳасани Омирӣ. Теҳрон.: Бустони китоб, 1382/2003. – 177с.
12. Ҳикмат, Н. Зиндагӣ ва осори Абулҳасани Омирӣ. Теҳрон.: Илм, 1390/2011. – 296с.

## ПОЛИТИЧЕСКИЕ И ПРАВОВЫЕ МНЕНИЯ АБУЛХАСАНА ОМИРИ

**КОДИРЗОДА САЙДМУСО МУХИББУЛЛО,**
кандидат юридических наук, кафедры инвестиций и международного менеджмента Дангаринского государственного университета.
735320, Республика Таджикистан, Дангаринский район, улица Маркази, 25.
Тел.: (+992) 918-79-75-07. E-mail: saidmuso.kodirov@mail.ru
**САЪДУЛОЕВ АБДУЛВОСИТ ҲАБИБУЛЛОЕВИЧ,**
доктор (PhD) политических наук, кафедры политология и связи с общественностью Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе ул. Саид Носира, 33
Тел.: (+992) 918-78-12-12. E-mail: prof.asrt@mail.ru

*Абулхасан Омирий Нешопури один из важнейших персидско-таджикских философов и политологов, чьи политико-правовые идеи были предметом внимания исследователей и ученых своей эпохи. В своих произведениях он обсуждал важные политические и правовые вопросы. В этой статье, после краткого ознакомления с жизнью и научными трудами Омири, будут рассмотрены наиболее важные аспекты его политических и правовых взглядов. Кроме того, характеристики правителя общества также привлекли внимание с точки зрения Омири.*
***Ключевые слова:*** *Абулхасан Омири, политическое мнение, юридическое мнение, общественная жизнь, хорошее политическое будущее, концепция права, правовая система, нормативные законы.*

## POLITICAL AND LEGAL OPINIONS OF ABULKHASAN OMIRI

**QODIRZODA SAYDMUSO MUHIBBULLO,**
Candidate of legal sciences, Department of Investments and International Management, Dangara State University.
735320, Republic of Tajikistan, Dangara district, 25, Markazi st.
Phone: (+992) 918-79-75-07. E-mail: saidmuso.kodirov@mail.ru
**SA'DULOEV ABDULVOSIT HABIBULLOEVICH**
Doctor (PhD) political science, the Department Political Science and Public Relations of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, Said Nosir st.
Phone: (+992) 918-78-12-12. E-mail: prof.asrt@mail.ru

*Abulhasan Omiri Neshopuri is one of the most important Persian-Tajik philosophers and political scientists, whose political and legal ideas were the subject of attention of researchers and scientists of his era. In his writings, he discussed important political and legal issues. In this article, after a brief introduction to the life and scientific works of Omiri, the most important aspects of his political and legal views will be considered. In addition, the characteristics of the society's ruler also attracted attention from Omiri's point of view.*
***Keywords:*** *Abulhasan Omiri, political opinion, legal opinion, public life, good political future, concept of law, legal system, normative laws.*

УДК: 321.01

# ХУСУСИЯТҲОИ РУШДИ ДАВЛАТИ ДУНЯВӢ ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР

**ЯҚУБЗОДА ФИРУЗ НУРМАТ,**
муаллими калони кафедраи сиёсатшиносии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ.
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Куляб, к.С.Сафаров, 16.
Тел.: (+992) 988-20-88-62. E-mail: firuz_politik@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур муаллиф моҳият ва баъзе хусусиятҳои ташаккули давлати дунявиро мавриди таҳлил қарор дода, нақш ва мавқеи онро дар замони муосир муайян намудааст. Дар мақола пайдоиши аввалин идеяҳои давраи Эҳё нисбат ба моҳияти давлати дунявӣ ва андешаҳои замони муосир нисбат ба ин масъала баррасӣ гардидааст. Дар заминаи омӯзиши ин масъала қайд мегардад, ки мафҳуми давлати дунявӣ чун «мактаби ашрофон», «ахлоқи ашрофон», «давлати ашрофӣ» фаҳмида мешуд. Аксари муҳаққиқони давраи Эҳё давлати дунявиро ҳамчун «ҷомеаи ғайрикалисоӣ» ва «ғайридинӣ» муаррифӣ намудаанд.*

*Яке аз хусусияти асосии давлати дунявӣ дар он мебошад, ки дар шароити мавҷудияти он дини расмии давлатӣ вуҷуд надорад ва ягон таълимоти динӣ ҳатмӣ ё афзалиятнок дониста намешавад. Дар баробари ин, давлат ба ҷараёни муайяншавии муносибати шаҳрванд ба дин ва мансубияти динии ӯ дахолат намекунад; давлат ба иттиҳодияҳои динӣ вазифаҳои мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ ва мақомотҳои худидоракунии маҳаллиро вогузор намекунад; давлат ба фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ дахолат намекунад.*

*Инчунин давлат кӯшиш менамояд, ки манфиатҳои шаҳрвандони диндор ва бемазҳаб, иттиҳодияҳои гуногуни динӣ, гурӯҳҳои этноконфессионалиро бо ҳам мутобиқ намояд, ҳамдигарфаҳмии ҳақиқиро байни гурӯҳҳои гуногуни мазҳабӣ таъмин созад.*

*Муаллиф дар асоси таҳлили таҷрибаи воқеии фаъолияти давлатҳои дунявӣ якчанд аломатҳои калидии давлати дунявиро нишон додааст: ҷудо будани иттиҳодияҳои динӣ аз корҳои давлат, ба таври меъёри ҳуқуқӣ мустаҳкам кардани баробарии ҳамаи иттиҳодияҳои динӣ дар назди қонун ва монанди инҳо.*

***Калидвожаҳо:*** *давлати дунявӣ, иттиҳодияҳои динӣ, конститутсия, озодии виҷдон, дин, ҳукумат.*

Дар шароити муосир рушду инкишофи давлати дунявӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти ҷамъиятӣ ба шумор меравад. Дар шароити рушди давлати дунявӣ давлат худро бо ин ё он дин мушобеҳ намесозад, вале иқтидори мусбии иҷтимоӣ-маънавии онҳоро талаб мекунад, ки дар дилхоҳ ҷаҳонбинии таърихӣ ва фарҳангӣ-динӣ ба таври амалӣ мавҷуд аст. Инчунин давлат кӯшиш менамояд, ки манфиатҳои шаҳрвандони диндор ва бемазҳаб, иттиҳодияҳои гуногуни динӣ, гурӯҳҳои этноконфессионалиро ба ҳам мутобиқ намояд, ҳамдигарфаҳмии хақиқиро байни гурӯҳҳои гуногуни мазҳабӣ таъмин созад. Арзиши давлати дунявӣ дар он зоҳир мегардад, ки он мувозинати манфиатҳои чӣ диндорон ва чӣ бемазҳабонро таъмин месозад, дар доираи салоҳияти худ давлат намегузорад, ки иттиҳодияҳои динӣ ба фаъолияти давлатӣ дахолат намояд. Вобаста ба шакли беҳтари идоракунии давлатӣ донишманди тоҷик Қ.Искандаров. қайд менамоянд, ки «Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит менамояд, ки идоракунии давлатӣ ҳамон вақт самарабахш ҳисобида мешавад, ки дар байни мақомоти давлатӣ иртиботи қавӣ вуҷуд дошта, сохторҳои давлатӣ тавре фаъолият кунанд, ки онҳо дар ҳалли масъалаҳои муҳими ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар саҳмгузор буда, ба талаботи ҷомеаи муосир ҷавобгӯ бошанд» [6, с. 176]. Воқеанҳам чунин низоми идоракунии давлатӣ ин низоми давлатдории дунявӣ мебошад.

Агар ба таърихи пайдоиши давлати дунявӣ назар афканем, дармеёбем, ки идеяҳои давлати дунявӣ дар асрҳои XVIII–XIX дар Фаронса ва Иёлоти Муттаҳидаи

Амрико ташаккул ёфта, ба таври амалӣ дар асри XX паҳн шудан гирифт. Аввалин маротиба принсипҳои дунявият дар шакли ҳуқуқӣ 28 августи соли 1789 дар моддаи 10 Декларатсияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванди Фаронса, ки таъқиб барои ақидаҳо ва эътиқоди диниро барҳам мезад, муқаррар карда шуд [4, с. 412]. Франсавиҳо каме дертар, яъне 17 декабри соли 1789 лоиҳаи қонун дар бораи ҳуқуқҳои динию мазҳабиро қабул намуданд. Якумин тағйирот дар Конститутсияи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико соли 1787 ворид карда шуд, ки дар он ба ҳар як шаҳрванд ҳуқуқи озодона пайравӣ кардани дин ё тамоман эътиқод надоштанро ба ягон дин эълон намуд [2].

Хусусияти принсипҳои давлати дунявӣ дар минтақаи Амрикои Шимолӣ бо ташаккулёбии таърихи колониалии он вобастагӣ дорад, ки анъанаҳои динӣ баъди анъанаҳои ҳуқуқӣ пайдо шудаанд. Шакли Фаронсавии дунявияти давлат аз шакли амрикоӣ бо он фарқ мекунад, ки он дар шароити мавҷуд будани дини давлатӣ пайдо шудааст.

Худи мафҳуми «дунявӣ» хеле дер пайдо шудаасту оид ба сарчашмаи пайдоиши он дар олами илм ақидаи ягона вуҷуд надорад. Масалан, Жан Бобер – донишманди аврупоӣ дар соҳаи таърихи рушди ғояҳои дунявият, пайдоиши аввалини мафҳуми «дунявият»-ро ба сифати исм дар фарҳанги «Луғати педагогӣ» Фернан Бюнссон (с. 1887) таъкид менамояд, ки дар асри X1X дастурамали махсуси таҳсилоти ибтидоии фаронсавиҳо буд ва 2600 мақолаҳои ба мавзӯҳои гуногун бахшидашударо дар бар мегирифт. То аз нашр баромадани луғатнома ин мафҳум танҳо чун «мактаби ашрофон», «ахлоқи ашрофон», «давлати ашрофӣ» истифода мешуд [2].

Дар ҳамин ҳолат Л.Ю. Грудсина нишон додааст, ки мафҳуми «дунявӣ» дар рисолаи Мартин Лютер «Дар бораи ҳокимияти дунявӣ» мавриди истифода қарор гирифтааст ва маънои «ҷамъиятӣ ғайрикалисоӣ, ғайридинӣ»-ро ифода мекунад [3].

Фаҳмиши муҳимияти принсипи давлати дунявӣ яку якбора пайдо намешавад, балки бо дарки амиқи моҳияти дуалистии дин ва имконияти реалии рушди давлат бо роҳи дигаргуниҳои демократӣ ба вуҷуд меояд. Аз як тараф, ин маънои онро дорад, ки дин омили нерӯманди муттаҳидкунанда мебошад: одамон барои ибодат кардан ва бо мақсади муайян намудани мансубияти иҷтимоӣ ва миллии худ ба умумиятҳо муттаҳид мешаванд ё худро танҳо пайрави ин ё он дин мехонанд. Аз тарафи дигар, дин вазифаи дезинтегратсиониро иҷро менамояд. Ҳар як дин таълимоти худро ҳамчун ҳақиқати ягонаи воқеӣ баён мекунад, ихтиёрӣ ё ғайриихтиёрӣ худро ба дигар дину мазҳабҳо муқобил мегузорад. Бинобар ҳамин масъалаи ташаккули «давлати дунявӣ» масъалаи ниҳоят рӯзмарра ва мураккаб мебошад.

Ҳамин тариқ, давлати дунявӣ ин давлатест, ки дар он дини расмии давлатӣ вуҷуд надорад ва ягон таълимоти динӣ ҳатмӣ ё афзалтар шуморида намешавад. Дар шароити давлати дунявӣ дин ва таълимоти он, ҳамчунин иттиҳодияҳои динӣ ҳуқуқи таъсир расонидан ба сохти ҷамъиятиро надоранд [9]. Ин маънои онро дорад, ки: а) давлат ба ҷараёни муайяншавии муносибати шаҳрванд ба дин ва мансубияти динии ӯ дахолат намекунад; б) давлат ба иттиҳодияҳои динӣ вазифаҳои мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ ва мақомотҳои худидоракунии маҳаллиро вогузор намекунад; в) ба фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ дахолат намекунад, агар онҳо ба қонунгузорӣ мухолиф набошанд; г) хусусияти дунявии таълимотро дар муассисаҳои давлатӣ ва хусусӣ таъмин месозад; д) фаъолияти мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ва мақомотҳои худидоракунии маҳаллӣ набояд ба таври расмӣ маросим ва оинҳои диниро ҳамроҳӣ кунанд; е) ҳайати роҳбарӣ, хизматчиёни давлатӣ ва хизматчиёни мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ, ҳамчунин хизматчиёни ҳарбӣ ҳуқуқ надоранд вазифаи хизматии худро ба мақсади ташаккули муносибат нисбати ин ё он дин истифода баранд.

Ҳамзамон давлат ба ташкилотҳои динӣ додани имтиёзҳои андоз ва дигар имтиёзҳоро ба танзим медорорад, ба ташкилотҳои динӣ барои таъмир, нигоҳдорӣ ва ҳифзи иншооту биноҳое, ки ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ мебошанд, ҳамчунин таъмин кардани таълими фанҳои маълумоти умумӣ дар муассисаҳои таълимии аз тарафи иттиҳодияҳои динӣ таъсисдода мутобиқи қонун ёрии молиявию моддӣ мерасонад. Дар баробари он хусусияти дунявии давлат эътирофи нақши махсуси ин ё он динро дар таърих ва фарҳанги мамлакат истисно намекунад.

Чуноне донишмандон таъкид менамоянд, то ҳол дар нашрияҳои илмӣ паҳлуҳои гуногуни ин мафҳум пурра кушода нашудааст. Вале моҳиятан ба таври дигар давлати дунявиро чун давлате мешуморанд, ки он мустақилият ва баробарии аслии манфиатҳои институтҳои расмӣ ва иттиҳодияҳои диниро таъмин менамояд. Ба таври дигар баён кунем, тасдиқ кардан мумкин аст, ки дар давлати дунявӣ, пеш аз ҳама, бартарӣ надоштани дин дар масъалаҳои асосии сиёсат ва ҳаёти давлатӣ ҷой дорад. Дар айни ҳол давлати дунявӣ кафили баробарии манфиатҳои гуногуни гурӯҳҳои иҷтимоӣ мемонад ва мувофиқан давлати дунявӣ дар ҳақиқат манфиатҳои ин гурӯҳҳоро ҳифз мекунад (танҳо дар ҳолате, ки ин манфиатҳо ба муқобили худи давлат равона нашуда бошанд). Дар чунин шароит давлат на танҳо озодии конститутсионии виҷдонро эълон мекунад, балки чораҳои дахлдорро барои татбиқи онҳо қабул менамояд. Барои ҳамин баъзе қонунҳои дар Фаронса қабулшуда дар доираи риоя намудани принсипи дунявият то дараҷае озодии баъзе категорияҳои диндоронро маҳдуд месозанд. Масалан, ҳуқуқи пӯшидани баъзе либосҳо ва рамзҳои (нишонаҳо) динӣ дар мактабҳои давлатӣ.

Дар шароити давлати дунявӣ ягон дин наметавонад мавқеи давлатӣ дошта бошад. Аммо давлат озодии виҷдонро кафолат медиҳад. Оид ба ин масъала донишмандон ақидаҳои гуногун доранд. Масалан, ба ақидаи О.Е. Кутафин, дар давлати дунявӣ дини расмии давлатӣ вуҷуд надорад ва ҳеҷ яке аз таълимотҳои динӣ ҳатмӣ ё афзалтар ҳисобида намешавад [9]. Ба андешаи Ю.И. Лейбо ва М.В. Баглай, дар давлати дунявӣ яке аз динҳо дар ҳолати доштани нақши муҳим дар таъриху фарҳанги мамлакат метавонад мавқеи махсус дошта бошад [7]. Агар ба таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ назар андозем, мебинем, ки як қатор давлатҳо, аз ҷумла Юнон дар конститутсияи худ дини шарқӣ-православияниро ба сифати дини ҳукмрон ҷой додааст, вале ҳамзамон муқаррар кардааст (моддаи 13 Конститутсияи Юнон), ки озодии шуури динӣ дахлнопазир аст; истифодаи ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ аз эътиқоди динии ҳар кас вобаста нест; ҳар як дини маълум озод аст ва гузаронидани маросимҳои динӣ бемамониат дар зери ҳифзи қонун амалӣ мешавад.

Дар Конститутсияи Шоҳигарии Дания калисои расмӣ, ки аз тарафи давлат дастгирӣ меёбад, евангелӣ-лютеранӣ эътироф шудааст. Ҳамзамон дар он қайд карда шудааст, ки шаҳрвандон ҳуқуқ доранд иттиҳодияҳои диниро барои гузаронидани маросимҳои динӣ мутобиқи эътиқоди динии худ таъсис диҳанд, дар ҳолате, ки таълимоти динии онҳо ва амалҳояшон қоидаҳои ахлоқ ва тартиботи ҷамиятиро халалдор насозанд (моддаи 67). Дар асоси эътиқод ва нажоду насаб ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсии ҳеҷ кас дар ҳаҷми пурра рад карда намешаванд ва ҳеҷ кас бо сабабҳои баёнгардида аз риояи ягон ӯҳдадориҳои умумии қабулшудаи шаҳрвандӣ саркашӣ карда наметавонад. Истифодаи мафҳуми ҳуқуқии «дини давлатӣ» ба таври принсипиалӣ муҳим мебошад, на мафҳуми «умумиҳатмӣ». Ҳамин тавр, таъкид карда мешавад, ки дини давлатӣ дар сатҳи сиёсӣ дастгирӣ меёбад, аммо дар баробари он давлат ин динро ба ҷомеаи шаҳрвандӣ омирона бор намекунад ва ҳуқуқи дигар иттиҳодияҳои диниро поймол намекунад ва категорияи озодии виҷдон ва мазҳабро зери хавф намегузорад.

Дар асоси таҳлили таърифҳои илмӣ ва таҷрибаи воқеии фаъолияти давлатҳои дунявӣ чунин аломатҳои калидии давлати дунявиро нишон додан мумкин аст:

- ҷудо будани иттиҳодияҳои динӣ аз корҳои давлатӣ (давлат ба иттиҳодияҳои динӣ иҷрои вазифаҳои мақомоти ҳокимияти давлатиро намесупорад);
- ба таври меъёрӣ мустаҳкам кардани баробарии ҳамаи иттиҳодияҳои динӣ дар наздӣ қонун (ба ягон иттиҳодияҳои динӣ аз ҷониби давлат бартариҳо дода намешавад);
- муқаррар кардани дини умумиҳатмӣ ё расмӣ норавост;
- баробарии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд новобаста аз муносибати ӯ ба дин ва эътиқоди динӣ.

Аломатҳои дигари давлати дунявӣ ба ҳар ҳол аз хусусиятҳои дар боло номбаргардида бармеоянд. Масалан, нигоҳ доштани хусусияти дунявии таҳсилот дар муассисаҳои таълимии давлатӣ, дахолат накардани давлат ба худмуайянкунии мазҳабии шаҳрвандон, манъ кардани вогузории вазифаҳои давлат ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ба хизматчиёни давлатӣ манъ кардани истифодаи вазифаи хизматии худ ба манфиати иттиҳодияҳои динӣ, даст кашидан аз мақсадҳои мазҳабӣ ҳангоми ба кор қабул кардан, кафолат додани ҳуқуқи шаҳрвандон ба иваз намудани хизмати ҳарбӣ бо намудҳои алтернативии хизматҳои ғайринизомӣ бо сабабҳои мазҳабӣ ва ғ. низ аломатҳои давлати дунявӣ мебошанд. Иттиҳодияҳои динӣ дар интихобот ба мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ва мақомотҳои худидоракунии маҳаллӣ иштирок намекунанд, дар фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ширкат намеварзанд. Дар айни ҳол ин тамоман маънои онро надорад, ки намояндагони иттиҳодияҳои динӣ тамоман аз ҳуқуқҳои умумишаҳрвандӣ маҳруманд. Онҳо метавонанд дар интихоботҳо иштирок намоянд ва ба мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ва мақомотҳои худидоракунии маҳаллӣ интихоб шаванд, вале на аз иттиҳодияҳои динӣ ва на чун намояндагони мазҳабҳои муайян [5].

Фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар давлати дунявӣ бо расму маросимҳои динӣ набояд якҷоя ҳамроҳӣ карда шавад, ҳарчанд ҳолатҳои истиноӣ вуҷуд доранд. Масалан, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҳангоми ба иҷрои вазифа шурӯъ намудани Президент маросими савгандёдкунӣ ба воситаи Инҷил ба роҳ монда мешавад, маҷлисҳои Конгреси ИМА-ро капелланҳои насронӣ мекушоянд, аз соли 1904 бошад то миёнаи солҳои панҷоҳум ба ҳар аъзои нави Конгресс Инҷили Ҷефферсон супорида мешуд (ин расм соли 1997 аз ҷониби созмони хусусии Libertarian Press аз нав ҷорӣ гардид). Ба он нигоҳ накарда, ки ИМА давлати дунявӣ мебошад, ин нуқта дар Конститутсияи он таъкид шудааст.

Ҳамин тариқ мувофиқ ба моддаи якуми Конститутсия, Ҷумҳурии Тоҷикистон худро давлати дунявӣ тавсиф ёфтааст. Мувофиқ ба моддаи мазкур давлати дунявӣ чунин давлатест, ки дар он пайравӣ аз ҳеҷ як дину мазҳаб ҳатмӣ ё худ афзалиятнок ҳисобида намешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон дин ба ҳайси дини давлатӣ ва расмӣ шинохта нашудааст ва ҳама дину мазҳабҳо ҳуқуқи мавҷудияти баробар доранд. Шаҳрванди Тоҷикистон сарфи назар аз он, ки ба кадом дин пайравӣ мекунад, комилан баробарҳуқуқ мебошад.

**Адабиёт**

1. Арутюнян Г.Г. Конституционное право: энциклопедический словарь. Г.Г.Арутюнян., М.В Баглай– М., 2006. – 544 с.

2. Боберо Ж. Светскость: французская исключительность или универсальная ценность? [Электронный ресурс]. URL: http://www.atheism.ru/library/Bobero_1.phtml (дата обращения: 23.04.2018 г.)

3. Грудцына Л.Ю. Церковь как связующее звено между гражданским обществом и государством в России // Грудцына Л.Ю. Адвокат. 2007. № 9. – С.79-89.

4. Декларация прав человека. Франция // Конституции государств Европы. В 3 т. Т. 3. – М., 2005. –С.412-435.

5. Енгибарян Р. В. Конституционное право. Р. В. Енгибарян., Э.В. Тадевосян. – М., 2002. – 180 с.

6. Искандаров Қ. Такмили низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол // Маҷалаи илмию сиёсии АИНДПҶТ "Идоракунии давлатӣ". 2021-№4/1 (53). С. 172-178;

7. Конституционное право зарубежных стран: Учебник / Отв. ред. проф. Ю.И. Лейбо. – М., 2012. – 261 с.

8. Осипова Л.Н. Взаимоотношения государственных институтов и религиозных объединений в современной России: дис. … канд. полит. наук: /Л.Н. Оспинова. – Уфа, 2014. - 167 с.

9. Российская юридическая энциклопедия. М., 1999. https://dic.academic.ru/dic.nsf/es/88001(санаи истифодабарӣ: 09.12.2017)

10. Чернышева О.В., Комаров Ю.Д. Церковь в скандинавских странах. – М., 1988. – 144 с.

11. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Зери таҳрири академик Маҳмудов М.А. – Душанбе: Шарқи озод, 2009. – 570 с.

## ОСОБЕННОСТИ ФОРМИРОВАНИЯ СВЕТСКОГО ГОСУДАРСТВА В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ

**ЯКУБЗОДА ФИРУЗ НУРМАТ,**
старший преподаватель кафедры политологии
Кулябского государственного университета имени А.Рудаки.
735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С.Сафарова, 16.
Тел.: (+992) 988-20-88-62. E-mail: firuz_politik@mail.ru

*В данной статье автор, исследуя и рассматривая сущность и некоторые особенности становления светского государства, определяет его место в современном периоде. Автор анализирует зарождения первых идей светского государство с эпохи Возрождения до периода современности. На основе этого отмечается, что понятие «светское государство» понимается как «школа аристократов», «этика аристократов» и «аристократическое государство». Согласно учениям периода Просветительства, светское государство представляет собой общество «не церковное» и «не религиозное».*

*Один из основных особенностей светского государства заключается в том, что в нем не существует официальной религии и ни одна религия не признается в качестве обязательной превосходной. Несмотря на это государства в процессе определения отношения граждан к религиям и их принадлежности к религиозным верованиям имеет неприкосновенность; государство не обязывает религиозным объединениям функции органов государственной власти, государственные учреждения и органов местного самоуправления, государство имеет неприкосновенность к деятельности религиозным объединениям.*

*А также государство старается соответствовать интересам верующих граждан, граждан, не имеющих принадлежность к каким-либо религиозным верованиям, разным религиозным объединениям, этноконфессиональным группам, обеспечивать истинное взаимопонимание между разными религиозными группами.*

*Автор на основе анализа действительной практики деятельности светских государств уточнял некоторых ключевых признаков светского государства: разделение религиозных объединений от органов государственной власти, путем правовых норм закреплять равноправие всех религиозных объединений перед законом и т.п.*

***Ключевые слова:*** *светское государство, религиозные организации, конституция, свобода совести, религия, правительство.*

## FEATURES OF THE FORMATION OF A SECULAR STATE IN MODERN SOCIETY

**YAKUBZODA FIRUZ NURMAT,**
Senior Lecturer of the department of political science of the
Kulob State University named after A. Rudaki.
16, street S.Safarova, Kulob city, Republic of Tajikistan, 735360
Phone: (+992)988-20-88-62. E-mail: firuz_politik@mail.ru

*In this article, the author, exploring and examining the essence and some features of the formation of a secular state, determines its place in the modern period. The author analyzes the origin of the first ideas of the secular state from the Renaissance to the modern period. On the basis of this it is noted that the notion of "secular state" is understood as "the school of aristocrats", "the ethics of aristocrats" "aristocratic state". According to the teachings of Martin Luther, the secular state is designated "not ecclesiastical", "not religious".*

*One of the main features of a secular state is that there is no official religion in it, and no religion is recognized as an obligatory excellent. Despite this, states have inviolability in the process of determining the attitude of citizens to religion and their belonging to religious beliefs; the state does not oblige religious associations to perform functions of public authorities, state institutions and local self-government bodies, the state has inviolability for the activities of religious associations.*

*And also the state tries to match the interests of believing citizens, citizens who do not belong to any religious beliefs, different religious associations, ethnoconfessional groups, and provide true mutual understanding between different religious groups.*

*The author, on the basis of an analysis of the actual practice of secular state activities, specified some key features of a secular state: the separation of religious associations from public authorities, through legal norms, to consolidate the equality of all religious associations before the law and determines other important features of a secular state.*

***Keywords:*** *secular state, religious organizations, constitution, freedom of conscience, religion, government.*

УДК: 323

# НИЗОМИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ ВА ТАТБИҚИ ТЕХНОЛОГИЯИ КАДРӢ (ИНТИХОБ, ҚАБУЛ ВА ҶОБАҶОГУЗОРИИ ҲАЙАТ) ДАР ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**БОЙМАТОВА ЛИНО КОМИЛҶОНОВНА,**
ассистенти кафедраи идоракунии захираҳои инсонии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯч. Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 882-13-00-40.

*Бояд тазаккур намуд, ки дар хизмати давлатӣ технологияҳои кадрӣ нақши муҳим дошта, чун воситаи дурусти интихоб, тарбия, ҷобаҷогузорӣ, идоракунии миқдорӣ ва сифатии кормандон барои дар амал татбиқ намудани мақсади мақомоти давлатӣ ва таъмини фаъолияти самараноки он равона карда шудааст.*

*Мақсади асосии технологияҳои кадрӣ фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ ва мусоидат ба фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ дар интихоб, ҷобаҷогузорӣ ва болоравии мансабии кадрҳои босалоҳият, ташаббускор, дорои сатҳи баланди тайёрии касбӣ ва қобилияти ташкилотчигӣ мебошад.*

*Вазифаҳои асосии истифодабарии технологияҳои кадрӣ аз таҳкими иқтидори кадрӣ, баланд бардоштани масъулияти хизматчии давлатӣ, таъмини болоравии касбии хизматчии давлатӣ, муайян намудани самаранокии саҳми хизматчии давлатӣ дар татбиқи вазифаҳои мақоми давлатӣ, сатҳи иҷрои уҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатӣ, эҳтиёҷот ба таҳсил ва баланд бардоштани дараҷаи тахассуси хизматчии давлатӣ ва ҳавасмандгардонии хизматчии давлатӣ иборат аст.*

*Мақсади муаллиф аз таҳияи мақолаи мазкур омӯзиши паҳлуҳои назариявӣ ва амалии яке аз самтҳои асосии ҷобаҷогузории кадрҳо дар хизмати давлатӣ-технологияи кадрӣ аст.*

***Калидвожаҳо:*** *хизмати давлатӣ, хизматчии давлатӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, технологияи кадрӣ, қабул ва ҷобаҷогузории кадрҳо, озмун, аттестатсия, ротатсия, иқтидори кадрӣ, мақомоти давлатӣ.*

Хизмати давлатӣ институти нисбатан мураккаби иҷтимоӣ - сиёсӣ ва ташкилӣ - ҳуқуқӣ мебошад, ки бо гуногунии унсурҳо, алоқаҳо, қонуниятҳо ва хусусиятҳои махсуси худ фарқ мекунад [1].

Хизмати давлатӣ воситаи муҳими ташаккули давлати ҳуқуқбунёду демократӣ ва таъминкунандаи шароити зарурии алоқамандии он бо ҷомеа мебошад. Ҳалли ин масъала ва муваффақиятиислоҳоти идоракунӣ ё сохтмони давлатӣ аз ташаккули ҳатмии амалдорони касбии ба вазифа, мақсад, сохтори сиёсӣ ва функсияҳои давлат мутобиқ вобастагии ногузастанӣ дорад, зеро маҳз «хизматчиёни давлатӣ нерӯи пешбарандаю таҳкимбахши давлату давлатдорӣ мебошанд» [2].

Хизмати давлатии Тоҷикистон ҳарчанд зодаи замони истиқлолият ба шумор равад ҳам, дар шароити басо ногувори таърихи миллат оғоз гардида, марҳила ба марҳила нумуъ ёфт.

Солҳои сипаригардида давраи талошҳои хизматчиёни давлатӣ чун дигар мардуми Тоҷикистон баҳри бунёди ҷомеаи навин, эъмори давлати миллии демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона марҳилаи ҷустуҷӯйи роҳҳои самараноки бозсозии пешбурди иқтисоди кишвар, беҳдошти вазъи иҷтимоии мардуми Тоҷикистон ба шумор мераванд.

Дар Тоҷикистон асосҳои конститутсионии хизмати давлатӣ ҳамчун механизми идоракунии давлатӣ гузошта шудаанд. Имрӯз хизмати давлатии Тоҷикистон ба марҳилаи сифатан нави низоми идоракунии давлатӣ ворид мешавад. Дар ин марҳила

барои таъсиси хизмати давлатии касбӣ ва рушди минбаъдаи институти хизмати давлатӣ замина гузошта, модели амалкунандаи хизмати давлатӣ ба тағйироти куллии дар иқтисоди миллӣ ва ҷомеаи Тоҷикистон баамаломада мутобиқ кунонида шуд.

Ин ниҳод ҳамчун фаъолияти касбии хизматчиёни давлатиест, ки барои таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ муқаррар карда шудааст.

Ҳанӯз дар оғози ташаккулёбии хизмати давлатии муосири Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гуфтаaанд: «Мақсади Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамлакатҳои мутараққии дорои иқтисоди бозорӣ дар як радиф қарор дошта бошад. Барои ин на танҳо бароҳмонии сиёсати самарабахши иқтисодӣ, балки ташкили институтҳои пурқудрати таъминкунандаи пешбурди ин сиёсат тақозо мегардад. Барои дастёбӣ ба ин ҳадафҳо зарур аст, ки сохтори куҳна аз нав сохта, ба низоми нави иқтисодӣ, усулҳо ва механизми тағйирёбандаи идоракунӣ мутобиқ гардонида шаванд».

Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бунёди низоми нави давлатдорӣ ибтидо гузошта, барои такмили марҳила ба марҳилаи низоми идоракунии давлатӣ ва ислоҳоти хизмати давлатӣ заминаи мусоид фароҳам овард.

Дар баробари ин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» низ заминаи асосии ташкили хизмати давлатии Тоҷикистонро таъмин намуд.

Дар шинохти хизмати давлатии муосири Тоҷикистон нақши давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ, мақомоти марказию маҳаллӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин институтҳои молиявии байналмилалӣ дар доираи лоиҳаҳои сармоягузорӣ басо бузург аст.

Тӯли сӣ соли охир то ба сатҳи баланди касбӣ расидани соҳа ҳамасола дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси

Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ташкили соҳаи хизмати давлатӣ, таҳкими заминаҳои ҳуқуқӣ, тарбияи мутахассисони касбии соҳа, интихоб ва ҷобаҷогузории онҳо ва риояи қатъии талаботи қонунгузории хизмати

давлатӣ дастуру супоришҳо дода мешуданд. Таҳия ва қабули барномаҳои давлатӣ доир ба рушди идоракунии давлатӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ маҳз аз дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар паёмҳояшон бармеояд.

Аз ҷумла, таҳаввулоти куллие, ки дар ин давра ба вуқуъ пайваст- ин тибқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2006 дар заминаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» (соли 1998) дар таҳрири нав қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007 ба ҳисоб меравад.

Сабаби асосӣ ва зарурати дар таҳрири нав қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз он иборат буд, ки самти таъмини асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, амалисозии технологияи кадрӣ ва масъалаҳои таъминоти иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ баъзе номуайяниҳо вуҷуд дошт ва дар баъзе мавридҳо бо дигар қонунҳои соҳавӣ мухолифат менамуд.

Бо мақсади такмил додани институти захираи кадрҳо, таъмини воқеияти он ва барои қонеъ гардонидани талаботи мақомоти идоракунии соҳаи хизмати давлатӣ махзани маълумот оид ба захираи кадрҳои хизмати давлатӣ пешбинӣ карда шуд.

Дар маҷмуъ, низоми хизмати давлатии муосири Тоҷикистон марҳила ба марҳила нумуъ ёфта, ба рушди хизмати давлатии касбӣ заминаи устувор гузошта, айни замон ба таъмини кадрҳои босалоҳият, касбӣ, донишу малакаи корбарӣ ниёз дорад.

Бинобар ин, татбиқи бештари технологияи кадрӣ дар хизмати давлатӣ асоси рушди хизмати давлатӣ арзёбӣ гардида, такмили бештари он дар солҳои минбаъда низ беҳбудиро мехоҳад.

Дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022 чунин омада: "Пешрафту дастовардҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар дар солҳои охир ва мушкилоту масъалаҳои ҳалталаби ҳаёти ҷомеа ва давлат ин ҷо баён шуданд ва вазифаҳо барои бартараф намудани онҳо низ муайян гардиданд. Таъкид менамоям, ки танҳо саъю талоши содиқонаву софдилона, ҳисси баланди масъулият дар назди халқу Ватан ва иқдому ташаббусҳои созанда моро ба ҳадафҳои олиамон наздик мерасонанд. Бовар дорам, ки мардуми шарифу сарбаланд, ватандӯсту ватанпарвар ва қавиродаву заҳматдӯсти мо аз уҳдаи иҷрои ҳама гуна амалҳои нек ва бартараф намудани тамоми мушкилот мебароянд, Тоҷикистони азизамонро боз ҳам ободу зебо ва пешрафта мегардонанд ва барои зиндагии аз имрӯза беҳтар шароит фароҳам меоваранд. Ҳар яки мо – роҳбарони сохтору мақомоти давлатӣ ва кулли хизматчиёни давлатӣ дар ин ҷода масъулият дорем ва вазифадорем, ки ба халқи азизи Тоҷикистон софдилонаву содиқона хизмат кунем. Яъне мо бояд боз ҳам бештар заҳмат кашем ва барномаҳои созандаву нақшаҳои бунёдкоронаи барои рушди давлат ва ободии Ватан тарҳрезикардаи худро сари вақт ва бо сифати баланд ба анҷом расонем. Мо бояд ватандӯсту ватанпараст бошем ва ҳаргиз фаромӯш насозем, ки эҳсоси гарми ватандӯстӣ ва ҳисси баланди миллӣ омили асоситарин ва роҳи муҳимтарини рушди давлат ва ҷомеа мебошад."

Яъне, самаранокии фаъолияти касбӣ дар идоракунии давлатӣ, пеш аз ҳама, аз интихобу ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо вобаста буда, дар ин раванд аз малакаю лаёқати касбии ҳайати кадрӣ вобастагии амиқ дорад.

Бояд тазаккур намуд, ки дар хизмати давлатӣ технологияҳои кадрӣ нақши муҳим дошта, чун воситаи дурусти интихоб, тарбия, ҷобаҷогузорӣ, идоракунии миқдорӣ ва сифатии кормандон барои дар амал татбиқ намудани мақсади мақомоти давлатӣ ва таъмини фаъолияти самараноки он равона карда шудааст.

Мақсади асосии технологияҳои кадрӣ фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ ва мусоидат ба фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ дар интихоб, ҷобаҷогузорӣ ва болоравии мансабии кадрҳои босалоҳият, ташаббускор, дорои сатҳи баланди тайёрии касбӣ ва қобилияти ташкилотчигӣ мебошад.

Вазифаҳои асосии истифодабарии технологияҳои кадрӣ-ин таҳкими иқтидори кадрӣ, баланд бардоштани масъулияти хизматчии давлатӣ, таъмини болоравии касбии хизматчии давлатӣ, муайян намудани самаранокии саҳми хизматчии давлатӣ дар татбиқи вазифаҳои мақоми давлатӣ, сатҳи иҷрои уҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатӣ, эҳтиёҷот ба таҳсил ва баланд бардоштани дараҷаи тахассуси хизматчии давлатӣ ва ҳавасмандгардонии хизматчии давлатӣ мебошад.

Технологияҳои кадрӣ ба ҳамдигар алоқаманд буда, якдигарро пурра мекунанд ва дар амалияи идоракунӣ аксар вақт яке аз онҳо бе дигараш татбиқ намешавад. Вай ҷузъи асосии идоракунии ҳайат буда, хусусиятҳои худ, объекти таъсиррасони худро дошта, функсияҳои муҳими идоракуниро амалӣ менамоянд ва дар самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ нақши муҳим мебозанд.

Дар ин раванд ҷиҳати интихоб, қабул ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо дар хизмати давлатӣ як зумра санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки аз моддаи 27 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 25 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» бар меоянд, қабул гардидаанд.

Дар қисми 2 моддаи 27 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ки «Шаҳрвандон ба хидмати давлатӣ ҳуқуқи баробар доранд» [3].

Дар шароити умумии баробар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хидмати давлатӣ роҳ додани шаҳрвандон яке аз дастовардҳои давлати соҳибистиқлол буда, аз моҳияти демократию ҳуқуқбунёдии кишварамон шаҳодат медиҳад.

Бо мақсади мувофиқати талаботи тахассусии шаҳрвандон ба хизмати давлатӣ ҳангоми интихоб, қабул ва ҷобаҷогузории кадрҳо бо Фармоиши Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 августи соли 2011, №153 Дастурамали талаботи тахассусӣ барои хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тавсиб расидааст. Дастурамали мазкур талаботи тахсусӣ, аз ҷумла, таҳсилот, ихтисос, собиқаи умумӣ ва хизмати давлатӣ, категорияи мансабҳо, дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон, одобу ахлоқи шоиста, ҳисси баланди эҳтиром нисбат ба инсон, шаҳрвандон ва кормандон, малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатиро ба инобат гирифтааст.

Дар марҳилаи имрӯза истифодаи дурусти захираҳои инсонӣ ва иқтидори кадрии муносиб яке аз омилҳои асосие мебошанд, ки дар баробари таъмини фаъолияти самараноки мақомоти давлатӣ, инчунин барои тақвият бахшидани эътимоди шаҳрвандон ба мақомоти давлатӣ мусоидат менамоянд.

Дар таҳким ва рушди фаъолияти мақомоти давлатӣ омода намудани мутахассисон нақши асосӣ дорад.

Масъалаҳои касбияти кадрҳои мақомоти давлатӣ, аз ҷониби онҳо ба роҳ мондани идоракунии самаранок, аз ҷумла, идоракунии дурусти мақомоти давлатӣ, малакаи кор бо қишрҳои мухталифи ҷомеа дар мадди аввал меистад. Дар маҷмуъ, имрӯз бояд ба мақомоти давлатӣ кадрҳое ҷалб карда шаванд, ки аз санъати идоракунӣ, усулҳою технологияи муосири менеҷменти идоракунии маъмурӣ ва иттилоотӣ баҳравар бошанд.

Масъалаи интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо дар хизмати давлатӣ дар паёмҳо, суханронию маърӯзаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳим арзёбӣ шуда, ҷиҳати ҷалби бештари кадрҳои баландихтисос, соҳибкасб, дорои донишу малакаи касбӣ, бархӯрдор аз илмҳои замонавӣ, техникаю технологияи муосир ба хизмати давлатӣ дастуру супоришҳо дода мешавад.

Ҳамчунин саҳми арзандаи хизматчиёни давлатӣ дар рушди идоракунии давлатӣ, ки тавассути технологияи кадрӣ интихоб, қабул ва ҷобаҷогузорӣ карда мешаванд, пайваста дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа мегардад.

Дар робита ба ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуда буданд, ки «Ҳайати сифатии кадрҳои хизмати давлатиро бо роҳи ҷорӣ намудани усулҳои нави хостагирӣ ва баланд бардоштани сатҳи омодасозии онҳо куллан беҳтар намуда, дастгоҳи идоракунии касбиеро ташаккул диҳем, ки барои онҳо хизмати содиқона ба халқу Ватан аз ҳама муҳимтар бошад» [4].

Дар радифи ин суханҳо мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ водор гардид, ки барои интихоб, қабул ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо роҳҳою усулҳои нави муосирро роҳандозӣ намуда, вобаста ба масъалаи мазкур ҷиҳати таҳияи як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тадбирҳои мушаххас андешад.

Бо мақсади фаъолияти самаранокии мақомоти давлатӣ, аз ҷумла, ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо дар идоракунии давлатӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр карданд, ки «...яке аз масъалаҳои муҳимтарини рӯз танзими муносибатҳои вобаста ба хизмати давлатӣ мебошанд. Хизматчиёни давлатӣ нерӯи пешбарандаю таҳкимбахши давлату давлатдорӣ мебошанд. Аз ин рӯ, онҳо бояд намунаи интизоми олию меҳнати фидокорона ва содиқона бошанд».

Бо мақсади интихоб, қабул ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо дар хизмати давлатӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи хизмати давлатӣ ва идоракунии давлатӣ як зумра санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ба тасвиб расонида шудааст, ки ҳамагӣ барои интихоби кадрҳои бокасбият ва рушди захираҳои ҳайат дар хизмати давлатӣ нигаронида шудаанд. Аз ҷумла: яке аз роҳҳои қабул, интихоб ва ҷобаҷогузории ҳайат дар хизмати давлатӣ истифодаи Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ мебошад, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2016, №647 қабул карда шудааст.

Санади мазкур яке аз санадҳои асосии татбиқи технологияи кадрӣ дар хизмати давлатӣ буда, то ин муддат ду маротиба низ аз соли 2004 ва соли 2009 бо ҳамин тартиб, яъне Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расонида шудаанд, ки саҳми онҳо дар рушди хизмати давлатӣ ҷиҳати интихоб ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо дар хизмати давлатӣ назаррас мебошад.

Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ бо мақсади татбиқи моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» таҳия гардида, қоидаҳои гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатиро танзим менамояд.

Озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ ҷиҳати таъмини баробарҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, хизматчиёни давлатии маъмурӣ, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои баландихтисос ва салоҳиятнок дар хизмати давлатӣ, инчунин таъмини болоравии касбии хизматчиёни давлатӣ гузаронида мешавад.

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти мувофиқати талаботи тахассусӣ ба мансаби ишғолшавандае, ки ба он озмун эълон дода мешавад, бевосита ҳуқуқи иштирок карданро доранд.

Дар хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар имкониятҳое низ мавҷуд мебошад, ки бидуни озмун ба мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор таъин карда шавад. Чунин имконият дар банди 4 Низомномаи мазкур пешбинӣ шудааст, ки аз роҳҳои зерин иборат мебошанд:[5]

- ҳангоми бо амру фармонҳо ва розигии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишу қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ таъин гардидан;
- барои мансабҳое, ки таъин ба онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти дуҷониба дорад (таъин бо гирифтани розигии хаттӣ);
- барои мансабҳои интихобӣ;
- ҳангоми таъин намудан дар асоси тавсияи комиссияи аттестатсионӣ;

- ҳангоми таъин намудан аз ҳисоби шахсоне, ки ба захираи кадрҳои мақомоти давлатӣ барои ишғоли мансаби баландтар дохил карда шудаанд;

- ҳангоми бо розигии хаттии хизматчии давлатӣ гузаронидан аз як мансаб ба мансаби дигари холии баробар ва ё ба мансаби категорияи пасттар дар ҳамон мақомоти давлатӣ;

- дар ҳолатҳое, ки мансаби ишғолнамуда ё мансаби ба он баробар тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешавад;

- ҳангоми барқарор намудан ба мансаб;

- ҳангоми барҳам додан, азнавташкилдиҳӣ ё таҷдиди мақоми давлатӣ бо розигии хаттии хизматчии давлатӣ таъин намудан ба мансабҳои баробар ё ба мансаби категорияи пасттар дар мақоми давлатии азнавташкилёфта ё дигар мақомоти давлатӣ;

- бинобар ихтисори шумора ё воҳидҳои корӣ, ҳангоми бо розигии хаттии хизматчии давлатӣ таъин намудан ба мансабҳои баробар ё ба мансаби категорияи пасттар дар ҳамон мақоми давлатӣ ё дигар мақомоти давлатӣ;

- ҳангоми ҷойивазкунӣ (ротатсия) мувофиқи тартиби муқарраргардида бо риояи талаботи тахассусӣ дар ҳамон мақомоти давлатӣ ё дар дигар мақомоти давлатӣ;

- дар мақомоти давлатии навтаъсис танҳо ба мансабҳои роҳбарони сохторҳои кадрӣ ва молиявӣ;

- ҳангоми маротибаи аввал таъин намудани шаҳрвандоне, ки тибқи квотаҳои давлатӣ ва (ё) роҳхати мақомоти давлатӣ муассисаҳои олии таълимиро хатм кардаанд.

Вобаста ба қабул, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо тавассути озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ бояд қайд намуд, ки дар сурати мавҷуд будани мансабҳои холӣ бо санади дахлдори мақоми давлатӣ эълон карда мешавад.

Озмун барои ишғоли мансабҳои холӣ бо мақсадҳои зерин гузаронида мешавад:

- воқеъбинона, шаффоф ва холисона гузаронидани озмун ва баҳогузорӣ ба довталабон;

- таъмини баробарҳуқуқии довталабон ҳангоми гузаронидани озмун;

- риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми гузаронидани озмун.

Озмун барои ишғоли мансабҳои холӣ аз давраҳои зерин иборат аст:

- таъсиси комиссияи озмуни мақоми давлатӣ;

- таҳия ва нашри эълон дар бораи гузаронидани озмун дар воситаҳои ахбори омма, сомонаи мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ва сомонаи мақомоти дахлдори давлатӣ;

- шинос намудани довталабон бо дастурамали мансабии мансаби холии ба озмун пешниҳодкардашуда ва номгӯи саволҳои озмун (аз тарафи сохтори кадрии мақомоти давлатӣ);

- қабули ариза ва ҳуҷҷатҳои довталабон;

- таҳияи рӯйхати умумии довталабоне, ки ҳуҷҷат супоридаанд;

- баррасии ҳуҷҷатҳои довталабон барои муайян намудани мувофиқати онҳо ба талаботи тахассусӣ ва тартиб додани рӯйхати кӯтоҳи довталабоне, ки ба сӯҳбат иҷозат дода мешаванд;

- гузаронидани сухбат бо довталабон, баҳогузорӣ ва ҷамъбасти натиҷаи озмун;

- баррасии такрории ҳуҷҷатҳои довталабон барои муайян намудани мувофиқати онҳо ба талаботи тахассусӣ ва (ё) гузаронидани озмуни такрорӣ дар ҳолатҳое, ки Низомномаи мазкур пешбинӣ намудааст;

- татбиқи қарори комиссияи озмун.

Тартиби қабули шаҳрвандон тавассути озмун барои ишғоли мансабҳои холӣ бо тартиби зерин сурат мегирад:

- пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дахлдор, ки дар Низомномаи зикршуда пешбинӣ шудаанд;

-баррасии ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда пас аз ба анҷом расидани муҳлати қабули ҳуҷҷатҳо;

-даъват ба озмун-суҳбат дар ҳузури аъзоёни комиссияи озмунии мақомоти давлатӣ;

- таъин намудан ба мансаби давлатӣ.

Яке аз шаффофияти интихоб ва қабул ба хизмати давлатӣ-ин ҷой додани эълон барои ишғоли мансабҳои холӣ тибқи банди 24 Низомномаи мазкур мебошад, ки он дар воситаҳои ахбори омма, сомонаи мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ ва сомонаи мақомоти дахлдори давлатӣ пешбинӣ шудааст. Ба ин васила шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд тибқи эълони нашршуда довталаб ба мансабҳои холии элоншуда дар мақомоти далхдори давлатӣ буда, вориди хизмати давлатӣ гарданд.

Ҳамчунин бо мақсади сарфаи вакт, хароҷоти зиёдатӣ, пешгирӣ аз омилҳои коррупсионӣ ва ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандон метавонанд, тибқи банди 35 Низомнома ҳуҷҷатҳои худро ба таври электронӣ ба мақомоти давлатӣ барои ишғоли мансаби холии эълондодашуда пешниҳод намоянд.

Довталабоне, ки ба озмун-суҳбат даъват карда мешаванд, мувофиқи банди 37 Низомнома бо онҳо дар алоҳидагӣ суҳбат доир гардида, сатҳи дониш, омодагии касбӣ, донистани забони давлатӣ ва хориҷӣ, кор бо технологияи муосири электронӣ санҷида мешавад.

Қабул ва таъин ба мансабҳои хизмати давлатӣ тавассути интихоб намудан низ қисми асосии технологияи кадрӣ буда, барои мансабҳои раис, муовини раис ва котиби Ҷамоати шаҳрак ва деҳот муқаррар карда шудааст.

Тартиби ба мансаб таъин намудани мансабҳои мазкурро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» дар доираи талаботи тахассусии ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ ба танзим медарорад.

Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2008, №468 тасдиқ карда шудааст.

Аттестатсия бо мақсади муайян намудани мувофиқати хизматчии давлатии маъмурӣ ба мансаби ишғолнамуда мебошад, ки он бо роҳи баҳодиҳӣ ба натиҷаи иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ, сатҳи дониш, малака ва тайёрии касбии ӯ муайян карда мешавад.

Мувофиқи тартиби муқарраршуда аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ дар се сол як маротиба гузаронида мешавад.

Хизматчиёни давлатии сиёсӣ, хизматчиёни давлатии маъмурии категорияи олӣ ва хизматчии давлатии ба синни ниҳоии хизмати давлатӣ расида ба аттестатсия фаро гирифта намешаванд.

Яке аз роҳҳои қабул, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо дар хизмати давлатӣ ва татбиқи дурусти технологияи кадрии хизмати давлатӣ ин захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 январи соли 2010, №756 «Оид ба тасдиқи Низомнома дар бораи захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар асоси талаботи моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» қабул карда шудааст.

Низомнома дар бораи захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби ташкили захираҳои кадрҳоро барои пешбарӣ намудан ба мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ, ташкили кор бо захираи кадрҳо, инчунин ташкили махзани маълумоти кадрҳои захираро танзим менамояд.

Захираи кадрҳои хизмати давлатӣ бо мақсади таъмини болоравии мансабии хизматчиёни давлатӣ дар асоси дастовардҳои хизматӣ, қобилият, истеъдод ва тайёрии касбӣ, саривақт ишғол намудани мансабҳои холии маъмурии категорияҳои сеюм, дуюм, якум, олӣ ва мансабҳои холии сиёсии хизмати давлатӣ ташкил карда мешавад.

Ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ яке аз рукнҳои технологияи кадрӣ дар хизмати давлатии шаҳрвандӣ буда, он аз моддаи 26 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» асос меёбад.

Ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ барои интихоб, таъин ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо дар хизмати давлатӣ танҳо аз ҳисоби кадрҳои роҳбарикунанда пешбинӣ шудааст.

Гузаронидани хизматчии давлатӣ  аз як мансаб ба мансаби дигари холӣ рукни асосӣ дар хизмати давлатӣ буда, ба ин васила хизматчиёни давлатӣ низ ба ҷобаҷогузории кадрӣ фаро гирифта мешаванд.

Тартиби гузаронидани хизматчии давлатӣ ба дигар мансаб дар доираи як категорияи баробар ва ё ба мансаби категорияи пасттар дар ҳамон мақомоти давлатӣ бо розигии хаттии хизматчии давлатӣ амалӣ карда мешавад.

Имрӯз технологияи кадрӣ дар хизмати давлатӣ ҷиҳати интихоб, қабул ва ҷобаҷогузории кадрҳо ба таври мушаххас ба роҳ монда шуда, бештари мансабҳои хизмати давлатӣ бо мақсади шафоффият ва баробарҳуқуқии шаҳрвандон тавассути озмун барои ишғоли мансабҳои холии масъмурии хизмати давлатӣ қабул ва таъин карда мешаванд, ки аз дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеоянд.

Хулоса, захираи кадрӣ ё ҳайат дар идоракунии давлатӣ инсон буда, ба воситаи интихоб ва ҷобаҷогузорӣ барои самаранокии  фаъолияти мақомоти давлатӣ равона карда мешавад. Инсон захираи бебаҳои фаъолияткунанда ба шумор рафта, барои таъмини ваколатҳои мақоми давлатӣ истифода мегардад. Дар мақоми давлатие, ки захираи хуби кадрӣ мавҷуд намебошад, фаъолияти он низ дуруст ба роҳ монда намешавад. Аз ин рӯ, барои ғанӣ гардонидани захираи кадрии мақомоти давлатӣ интихоби дурусти ҳайт масъалаи муҳим буда, сифати самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ низ аз интихоб ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо вобастагии  амиқ дорад.

**Адабиёт**


1. Каримов К.М. Хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: дар 2 ҷилд. Душанбе, «ЭР-граф»-2006. 496 с.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 2022. WWW.President.tj.
3. Конститутсияи  Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе: «Нашриёти Ганҷ» 2016.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 апрели соли 2008
5. Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати аз 10 марти соли 2016,  №647

# СИСТЕМА ГОСУДАРСТВЕННОЙ СЛУЖБЫ И РЕАЛИЗАЦИЯ КАДРОВОЙ ТЕХНОЛОГИИ (ОТБОР, ПРИЕМ И ОЦЕНКА ДОКУМЕНТОВ) НА ГОСУДАРСТВЕННОЙ СЛУЖБЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**БОЙМАТОВА ЛИНО КОМИЛДЖОНОВНА,**
ассистент кафедры управления человеческими ресурсами
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан,
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе ул. Саид Носира, 33.
Тел.: (+992) 882-13-00-40.

*Следует отметить, что на государственной службе кадровые технологии играют важную роль и как правильное средство отбора, воспитания, оценки, количественного и качественного управления работниками направлены на реализацию цели государственного органа и обеспечение его эффективной деятельности.*

В частности, неделя Всемирная конференция по водным ресурсам (август 2021 г., Стокгольм), 26-я Конференция сторон Конвенции ООН об изменении климата (ноябрь 2021 г., Глазго), встреча Группы друзей воды (октябрь 2021 г., Нью-Йорк), (октябрь 2021 г. 2021 г., Женева), 9-й Всемирный водный форум (март 2022 г., Сенегал), 4-й Азиатско-Тихоокеанский водный саммит (апрель 2022 г., Япония), Вторая Душанбинская конференция, посвященная Десятилетию воды (июнь 2022 г.), 27-я Конференция Стороны Конвенции ООН об изменении климата (ноябрь 2022 г., Египет) [1, с. 12].

В рамках подготовки к этой конференции стартовал Глобальный марафон с участием известной австралийской бегуньи миссис Мины Галли, который продлится с 22 марта 2022 года по 22 марта 2023 года. За этот период в общей сложности было организовано 200 марафонов в разных местах и странах мира, в рамках которых задействовано более 200 миллионов человек и предполагается осуществление действий в водной сфере 200 частными компаниями. Как известно, подобный марафон госпожа Мина Гули провела в нашей стране на полях Второй Душанбинской конференции по Декаде воды (6-9 июня 2022 года). На специальной выставке в кулуарах конференции ООН-2023 пройдет в Нью-Йорке, результаты Международного марафона будут представлены зрителям в формате фото и видео [5, с.8].

Также, в ходе Водной конференции ООН-2023 принято решение, наряду с другими проблемами, связанными с водными ресурсами, устойчивого развития и комплексного управления водными ресурсами для достижения экономических, социальных и экологических целей, реализации и продвижения соответствующих программ и проектов. В тоже время укреплять сотрудничество, партнерство на всех уровнях для содействия реализации целей и задач, связанных с водными ресурсами, в том числе целей, отраженных в Повестке дня ООН в области устойчивого развития на период до 2030 года. Проведение данной встречи на высшем уровне станет важным историческим событием в процессе реализации целей Международного десятилетия действий «Вода для устойчивого развития 2018-2028». И это в то время, когда ожидания международного сообщества от этой исторической конференции очень высоки, и наша страна стремится сделать эту конференцию эффективной за счет масштабной и всесторонней подготовки. В связи с этим Таджикистан и Нидерланды,

как принимающие стороны данной конференции, стремятся оценить успех конференции, привлечь больше внимания и финансирования к водному сектору со стороны государств-членов ООН и других сторон.

Стоит отметить, что, помимо пленарных и интерактивных заседаний с участием глав делегаций, а также на полях Конференции, организовано более 200 тематических параллельных мероприятий очно только в штаб-квартире Организации, и более во время конференции пройдет более 200 других мероприятий, организованных за пределами штаб-квартиры ООН или через Интернет.

**В заключении** Следует отметить, что Конференция 2025 года считается завершающим мероприятием по достижению целей и реализации Ледниковой резолюции. Поэтому нужно провести несколько важных мероприятий и выставок в странах и регионах мира со всеми желающими. Результат этих мероприятий будет способствовать обобщению конкретных предложений с целью разработки программы и проектов документов, которые будут приняты на данной конференции.

В рамках конференции также будут разработаны и утверждены стратегия, дорожная карта и другие важные международные документы для реализации необходимых совместных мер по решению задач предотвращения быстрого отступления ледников, защиты ледников и их эффективного использования при глобальном и региональном уровне как основные источники чистой питьевой воды.

Немаловажное значение имеет налаживание сотрудничество с международными институтами по контролю и мониторингу состояния ледников в стране и регионе, в том числе за счет использования спутниковых снимков и современных технологий. Такое совместное сотрудничество уже началось с ЮНЕСКО, и мы постараемся вовлечь в процесс реализации этой инициативы международные исследовательские центры, заинтересованные стороны и доноров.

**Литература**


1. Послание Президента Республики Таджикистан Эмомали Раҳмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан /газета «Садои мардум» от 23 января 2015г.
2. Послание Президента Республики Таджикистан Эмомали Раҳмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан\газета «Минбари халк» от 26 апреля 2010г.
3. Авазов Т. «Вода и энергия» (на тадж.яз.) Душанбе, «Фуруғи дониш», 2003. 100 стр.
4. Аширбеков У., Зонн И. «Арал: история исчезающего моря». Душанбе, 2003, 86 стр
5. Рациональное использование водно-энергетических ресурсов Материалы республиканской научно-практической конференции (13 - июня 2015 года)
6. Гусев Л.Ю. «Водно-энергетические проблемы Центральной Азии и возможные пути их разрешения», Москва,2013, 34-38с.
7. Жильцов С.С. «Политика стран Центральной Азии: водно-энергетический аспект», Москва, 2016,67-69с.
8. Пиризода Д.С., Одинаев Б.Дж. «Перспективные параметры совместного использования трансграничных водных ресурсов региона ЦАР», Душанбе,2016, 45-50с.
9. Торопыгина А.А. «Трансграничные международные проекты в Центральной Азии и участие в них России», Москва, 2014,67-71С
10. Кукушкина А.В. Содиков Ш.Дж. «Проблема международного правового статуса водных ресурсов в Центральной Азии», Душанбе,2018,23-28с
11. Норбекова В.С. «Проблемы использования трансграничных водных ресурсов в центральноазиатском регионе», Душанбе,2015, 78-84с

# НАҚШИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР СОҲАИ ДИПЛОМАТИЯИ ОБ

**ЗУЛФОНОВ БАХТИЁР БАҲРОНОВИЧ,**
унвонҷӯйи Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел.: (+992) 904-15-00-62. E-mail: ryziev81@mail.ru

*Муаллиф дар ин матлаб таъкид кардааст, ки таъсир ба захираҳои обии сайёра яке аз муҳимтарин ҷанбаҳои тағйирёбии иқлими ҷаҳонист. Ташвишовар аст, ки таъминоти оби нушокӣ рӯз то рӯз кам шуда, сифати он бад мешавад. Ҳалли ин гуна масъаларо дар гӯшаю канорҳои гуногуни ҷаҳон, ки обро асоси тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳаётан зарур мешуморанд. Дар робита ба ин, дар баробари механизмҳои зиёди вокуниш ба тағйирёбии иқлим, татбиқи чунин воситаҳо ва муносибати мувофиқ ба обшавии босуръати пиряххо ва оқибатҳои нохуши он зарур аст. Маҳз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди ҳамкориҳои ҳамаи кишварҳо дар соҳаи дипломатияи об саҳми арзандаи худро гузоштааст, ки муаллиф дар робита ба ин як қатор фаъолиятҳоро дар ин самт омӯхтааст.*

*Муаллиф муайян намудааст, ки натиҷаи ин фаъолиятҳо ба умумӣ гардонидани пешниҳодҳои мушаххас барои таҳияи барнома ва лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳое, ки дар конфронси байналмилалӣ қабул мешаванд, мусоидат мекунад. Инчунин стратегия рушд карда мешавад, харитаи роҳ ва дигар санадҳои муҳими байналмилалӣ бо мақсади татбиқи чораҳои зарурии муштарак ҷиҳати ҳалли мушкилоти пешгирии обшавии босуръати пиряххо, ҳифзи пиряххо ва истифодаи самараноки онҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ ҳамчун манбаи асосии оби тозаи ошомиданӣ тасдиқ карда шуданд.*

***Калидвожаҳо:*** *дипломатияи об, татбиқи лоиҳа, обшавии пиряххо, сатҳи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, муколамаи сиёсӣ, ҳадафҳои стратегӣ, оби ошомиданӣ, пиряххо.*

# THE ROLE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE DEVELOPMENT OF INTERNATIONAL COOPERATION IN THE FIELD OF WATER DIPLOMACY

**ZULFONOV BAKHTIYOR BARONOVICH,**
Applicant of the Academy of Public Administration under the
President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, 33, Said Nosir, str.
Phone. (+992) 904-15-00-62. E-mail: ryziev81@mail.ru

*In this article, the author states that the impact on the planet's water resources is one of the most important aspects of global climate change. The concern is that the supply of drinking water is decreasing every day, and its quality is deteriorating. Solving such a problem is considered vital in different parts of the world, where water is considered the basis of social and economic development. In this regard, it is necessary to implement, along with numerous mechanisms related to responding to climate change, such tools and an appropriate approach to the rapid melting of glaciers and its related to responding to climate change, such tools and an appropriate approach to the rapid melting of glaciers and its adverse effects. It was the Republic of Tajikistan that made its golden contribution to the development of cooperation of all countries in the field of water diplomacy, in connection with which the author studied a number of activities on this aspect.*

*The author found that the result of these activities will contribute to the generalization of specific proposals in order to develop a program and draft documents that will be adopted at the international conference. A strategy, a roadmap and other important international documents will also be developed and approved to implement the necessary joint measures to address the challenges of preventing the rapid retreat of glaciers, protecting glaciers and their effective use at the global and regional level as the main sources of clean drinking water.*

***Keywords:*** *water diplomacy, project implementation, glacier retreat, global and regional level, political dialogue, strategic goals, drinking water, glaciers.*

УДК: 323 + 327 (575.3)

# МАНФИАТҲОИ МИЛЛӢ: МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА ТАСНИФ

**МАҲМАДЁРОВ ИСФАНДИЁР БАХТИЁРОВИЧ,**
ассистенти кафедраи дипломатия ва муносибатҳои байналмилалии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Носир, 33.
Тел.: (+992) 501-19-66-66. E-mail: imahmadiyorov@gmail.com.

*Дар мақола мафҳумҳои мухталифи манфиатҳои миллӣ бо назари олимону коршиносони ватанию хориҷӣ ва намояндагони мактабҳои сиёсӣ гирд оварда шуда, моҳияти бунёдии манфиатҳои миллӣ ба таври возеҳ шарҳ дода шудааст. Ҳамзамон, муаллиф манфиатҳои миллии кишварамонро бо назардошти талаботи Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас гардонидааст.*

*Муаллиф дар заминаи таҳқиқ қайд намудааст, ки дар шароити таҳаввулоти ҷиддӣ ва равандҳои мураккаби сиёсии ҷаҳон донистани мафҳуми манфиатҳои миллӣ ва дарки дурусти моҳияти аслии он ниҳоят муҳим буда, ҳифзи арзишҳо миллӣ, ормонҳои миллӣ, осори ниёгон, забон, фарҳанг, амну субот ва марзу буми Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи муқаддаси шаҳрвандӣ мебошад. Манфиатҳои миллӣ аз ормонҳо, ниёзмандиҳо, ҳадафҳо, арзишҳо, неъматҳо ва дигар унсурҳои хоси миллӣ сарчашма мегирад.*

*Маънои мафҳуми манфиати миллӣ ҳамчун предмети омӯзиш ва василаи фаъолияти сиёсӣ, метавонад заминаи мухолифату баҳсҳое гардад, ки шакли асосиашон мувофиқ наомадани мавқеъ дар мавриди муҳтаво ва истифодаи мафҳуми мазкур ба сифати предмети таҳқиқ ва асоси амали сиёсӣ мебошад.*

***Калидвожаҳо**: манфиат, нафъ, миллат, давлат, амният, истиқлол, озодӣ, забон, фарҳанг, худшинос, худогоҳ, ҳамзабон, ҳаммарз, арзишҳо, манфиатҳои миллӣ, манфиатҳои давлатӣ, ниёзҳои иҷтимоӣ, ормонҳои миллӣ, тамаддуни миллӣ, реализми сиёсӣ, либерализми сиёсӣ.*

Дар арсаи байналмилалӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати миллӣ дорои истиқлол, озодӣ ва манфиатҳои миллии хеш аст, ки ин арзишҳо барои миллати тоҷик ба осонӣ ба даст наомадаанд ва дар шароити кунунӣ барои ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ ҳифзу нигаҳдошти ин дастоварди бузург ниҳоят муҳим, бомаврид ва сарнавиштсоз аст. Вобаста ба ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид кардаанд: “Ҳифзи озодиву истиқлолият, таҳкими ваҳдати миллӣ ва ҳимояи манфиатҳои милливу давлатӣ вазифаи муҳимтарини ҳар як фарди бонангу номус, ватандӯсту ватанпарвар ва худшиносу худогоҳи ин сарзамин мебошад” [11, с.68]. Зеро маҳз манфиатҳои миллӣ инъикосгари талаботҳои аввалиндараҷа, пеш аз ҳама барои зинда мондан ва худмуҳофизаткунии миллату давлат маҳсуб меёбад.

Қабл аз баррасии мафҳуми “манфиатҳои миллӣ”, моҳият ва таснифи он, бояд ба этимологияи истилоҳи мазкур муроҷиат намоем, ки он аз калимаҳои “манфиат” ва “миллат” сохта шудааст. Бинобар ин, ба фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ менигарем, ки тибқи он “манфиат” ин нафъ, фоида ё суд мебошад [8, с.791]. Истилоҳи “миллат” бошад, ин ифодагари умумияти таърихан ба ҳам омадаи мустаҳками одамон, ки дар заминаи умумияти забон, марзу бум, ҳаёти иқтисодӣ ва сохти равонии онҳо фароҳам омадааст [8, с.839].

Ҳамин тариқ, мафҳуми “манфиати миллӣ”-ро метавон ҳамчун маҷмуи фоида, нафъ ё неъмати бошууронаи умумияти ҳамзабон, ҳаммарз ва ҳамиқтисодро, ки якҷо давлатро ташкил медиҳанд, ифода кард.

Дар луғати илмҳои сиёсӣ – “Сиёсатшиносӣ: луғати истилоҳот ва ибораҳои муосир”, ки таҳти таҳрири олими рус А. А. Мустафин ба табъ расидааст, “манфиати

миллӣ” ҳамчун эҳтиёҷоти бошууронаи миллат ба худшиносӣ, рушд ва амният оварда шудааст. Ҳамчунин, дар луғати мазкур қайд мегардад, ки воқеан зери мафҳуми манфиатҳои миллӣ – манфиати миллӣ-давлатӣ ифода мегардад, фаҳмида мешаванд [7, 82]. Аз ин бармеояд, ки манфиати миллӣ ва давлатиро метавон қонунан мафҳумҳои бо ҳам алоқаманд шуморид, зеро манфиатҳои миллӣ мушкилоти ҳаёти давлатро таҷассум мекунанд, дар дарк ва ташаккули онҳо бошад, давлат ҳамчун унсури марказии низоми сиёсии ҷамъият иштирок мекунад.

Ба ифодаи дигар, манфиати миллӣ маҷмӯи эҳтиёҷоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва эҳтиёҷоти дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз амалишавии онҳо қобилияти давлат дар таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, арзишҳои ҷамъият ва ниҳодҳои асосии давлатдорӣ вобаста мебошад [10, с.147].

Дар сурати амиқан ба мушаххасоти манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон назар афканем ва ба саволи он, ки манфиатҳои миллии кишвари мо кадомҳоянд, посухи ниҳоят мушаххасро аз Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон пайдо месозем. Мутобиқи қисми 1.5-и Консепсияи мазкур манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи кунунӣ ва ояндаи наздик аз инҳо иборатанд [3] :

- ҳимоя ва таҳкими истиқлоли давлатии Тоҷикистон ва таъмини амнияти миллии он;
- эҷоди навори амният ва ҳусни ҳамҷаворӣ дар тӯли марзҳои кишвар;
- инкишофи муносибатҳои боварӣ, дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо тамоми кишварҳои олам дар асоси манфиатҳои мутақобила;
- фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва тадриҷан баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, таъмини амнияти иқтисодии кишвар;
- таъмини истиқлолияти энергетикии Тоҷикистон, дастёб шудан ба амнияти озуқаворӣ ва аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ бахшидани кишвар;
- таъмин ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо, эътибор ва манфиатҳои шаҳрвандони Тоҷикистон дар дохил ва хориҷи кишвар;
- тақвияти шинохти мусбати Тоҷикистон дар ҷаҳон ба ҳайси давлати демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёд;
- мусоидат ба фаъолияти созанда ва қонунии ҷамъиятҳои тоҷикон ва ҳамватанон дар кишварҳои дигар.

Пайдоиши мафҳуми “манфиати миллӣ” ҳанӯз аз замонҳои қадим сарчашма мегирад, ки он ба гомҳои нахустини ташаккули давлати соҳибихтиёр рост омада, он замон асосан барои муттаҳид сохтани тобеон, яъне шаҳрвандон ба муқобили душмани беруна истифода бурда мешуд. Ин мафҳумро муҳаққиқи маъруфи юнонӣ Фукудид аз аввалинҳо шуда, ҳанӯз дар асри V-и то мелод барои ифода кардани муносибати давлатҳои он замон – Афина ва Спарта ва инчунин, рафтори ҳамфикрони онҳо истифода карда буд. Сипас соли 1934 мафҳуми “манфиати миллӣ”-ро олимони амрикоӣ Р. Нибур ва Ч. Бирд ба муомилоти илмӣ ворид карданд, ки дар натиҷа ин мафҳум ба Энсиклопедияи илмҳои ҷамъиятии Оксфорд ворид гардид.

Таваҷҷуҳи махсус ба мафҳуми “манфиати миллӣ” аз тарафи олимон ва муҳаққиқон пас аз солҳои 1941-1945, яъне ҷанги дуюми ҷаҳон зоҳир карда шуд. Исботи ин гуфтаҳо китоби сиёсатшиноси амрикоӣ, асосгузори мактаби прагматизм ва реализми сиёсӣ - Геанс Моргентау мебошад, ки он соли 1948 бо номи “Дар ҳифзи манфиати миллӣ” ба табъ расида буд. Ӯ дар китоби худ мафҳуми “манфиати миллӣ”-ро ҳамчун ифодакунандаи тамомият ё муттаҳидшавии дарозмуддат ва ҳаётан муҳим

барои намояндагони як миллат, ки дар асоси фарҳанги умумӣ, яъне забон, анъана ва расму оинҳои динию ахлоқӣ ба вуҷуд омадаанд, муайян мекунад [1].

Геанс Моргентау бар он ақида аст, ки сиёсати беруна ё ба ибораи дигар, сиёсати хориҷие, ки ба манфиатҳои миллӣ асос наёфтааст, ҳеҷ гоҳ муваффақ шуда наметавонад [2, с.208].

Консепсияи манфиатҳои миллии Г. Моргентау ду унсури асосиро дарбар мегирад, ки яке зарурӣ (асосӣ) ва дуюм ноустувор, яъне тағйирёбанда вобаста ба вазъият мебошад.

Г. Моргентау зери унсури зарурӣ зинда мондани давлат тавассути ҳифзи қаламрав, ҳуввияти сиёсӣ ва фарҳанги худ аз таҷовузи миллатҳои дигар медонад. Манфиатҳои миллии тағйирёбандаро бошад, ӯ ҳамчун ормону ҳадафи афроди мушаххас, гурӯҳҳои ҷамъиятӣ, арбобони ҳизбию сиёсӣ ва урфу одатҳои миллӣ, ки дар раванди муттаҳидшавӣ ва рақобати мутақобила ба манфиати миллӣ табдил мeёбанд, ифода мекунад. Дар ҳоле ки ба гуфтаи ӯ, онҳо метавонанд аз манфиатҳои миллии худи давлат фарқкунанда бошанд. Дар баробари ин, муҳаққиқ ба хотири ҷилавгирӣ аз доми мантиқӣ рисолаеро мураттаб месозад, ки манфиатҳои миллӣ чизе бештар аз манфиатҳои мушаххаси гурӯҳӣ ё маҷмӯи онҳост, балки як чизи умумиест, ки байни манфиатҳои миллӣ ва гурӯҳӣ созиш ба вуҷуд меорад.

Дар баробари ин, аз нигоҳи Г.Моргентау давлат вазифадор аст, на танҳо манфиатҳои миллии худро амалӣ созад, балки дарки амиқу равшан дошта бошад, ки дигар давлатҳо низ дорои манфиатҳои миллианд ва ин худ гаравест барои сиёсати самаранок, барои зинда мондан ва сулҳ дар замони ҷангу низоъҳои ҷаҳонӣ.

Ғайр аз пажӯҳишгарони зикршуда, дар асри XX инчунин муҳаққиқон Фридрих Мейнеке ва Ҷозеф Франкел низ дар таҳияи мафҳуми “манфиати миллӣ” тадқиқот гузаронидаанд, ки сазовори таваҷҷуҳи махсус мебошад.

Фридрих Мейнеке – муҳаққиқи немис ибораи фаронсавӣ “raison d'état”-ро, ки дар забони тоҷикӣ шуури давлат аст ва аксар вақт ифодакунандаи мафҳуми манфиати миллӣ дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ мебошад, муфассал таҳқиқ намуда, дар он тағйироти манфиати миллиро бо истифода аз осор ва навиштаҳои мутафаккирон ва файласуфони маъруф, ба монанди Макиавелли, Гегел, Ҳобс ва Руссо таҳлил кардааст [15, с.15].

Ба ақидаи Мейнеке, дар қонуни асосии рушди давлат, дар як замон ҳам роҳ ва ҳам мақсади ба даст овардани қувваи зиёд ва ҳокимияти кишвар мавҷуд аст. Муҳаққиқ тавзеҳ медиҳад, ки барои ҳар як давлат дар ҳар лаҳзаи мушаххас як роҳи идеалии амал ва як шуури идеалӣ вуҷуд дорад.

Ҷозеф Франкел мафҳуми манфиати миллиро баррасӣ намуда, тадқиқоти олимони гуногунро ба ду равиш тақсим намудааст[15, с.17]:

Якум, истифодаи ин мафҳум барои шарҳу таҳлили сиёсати берунии давлатҳо бо ёрии меъёрҳои муқаррааргардидаи олимон, ки дар шароити муайяни сиёсӣ ба дараҷаҳои гуногун аҳамият доранд.

Дуюм, ба раванди қабули қарорҳо аз ҷониби субъектҳои сиёсӣ ва тағйир додани афзалиятҳои онҳо, инчунин, вокуниши ҷомеа ба амали ҳукуматҳо тамаркуз мекунад.

Дар коркарди мафҳуми манфиатҳои миллӣ, ғайр аз олимони дар боло зикршуда, ҳамчунин сиёсатшиносон ва олимони барҷастаи ватанӣ Абдураҳмон Муҳаммад, Саймумин Ятимов, Сайҳомид Шарипов ва дигарон бобати манфиатҳои миллӣ фикру андешаҳои худро иброз намудаанд.

Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор А. Муҳаммад мафҳуми “манфиат”-ро дар шароити ҷаҳонишавӣ баррасӣ намуда, онро бештар ба манфиатҳои ҳаётан муҳим ва

ҳифзи онҳо вобаста ва алоқаманд шуморидааст. Ба ақидаи ӯ “ҳар он чизеро, ки дар маҷмуъ барои шахс, ҷомеа ва давлату миллат аҳамиятноку муҳим, фоидаовару муфид мебошад, манфиати миллӣ номидан мумкин аст”. Роҷеъ ба манфиатҳои миллии Тоҷикистон бошад, ӯ гуфтааст: “Онҳо ба сарватҳои миллӣ ва арзишҳои миллии мардуми кишвар асос ёфта, имкониятҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ ва ташкилии мамлакатро таъмин менамоянд” .

Дар ин замина, А. Муҳаммад манфиатҳои миллиро инъикосгари арзишҳои миллӣ таҷассум намуда, дар навбати худ, арзишҳои миллиро сарчашмаи ҳама гуна манфиатҳо арзёбӣ кардааст [5].

Сиёсатшинос ва муҳаққиқи варзидаи кишвар С. Ятимов чунин қайд менамояд, ки “вақте сухан дар бораи манфиатҳои миллӣ меравад, бидуни шак, таъмини амнияти миллӣ аз лиҳози сиёсӣ – ҳудудӣ, рушди посухгӯ ба ниёзҳои иҷтимоӣ, ҳифзи фарҳанг ва тамаддуни миллӣ, сатҳу сифати маънавиёт ва ҷаҳонбинии миллии мувофиқ ба таъмини давлатдории миллӣ, пешбинӣ, сари вақт ошкор ва хунсо кардани таҳдидҳои ба амнияти миллӣ хатарзо дар назар дошта мешавад” [14].

Олими дигари тоҷик С. Шарипов дар китоби худ, ки бахшида ба 31-умин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо номи “Истиқлолият ва таъмини манфиатҳои миллӣ” ба табъ расидааст, манфиатҳои миллиро ҳамчун маҷмуи ҳадаф ва вазифаҳои аҳаммияти муҳимми умумидавлатии миллӣ, ки дастёбӣ ба онҳо рушди устувори соҳаҳои мухталифи кишварро фароҳам меорад, овардааст [16, с.8].

Дар замони муосир ҷиҳати таҳлили мафҳуми “манфиатҳои миллӣ” ҳар як мактаби сиёсӣ равиши ба худ хос дорад, вале бояд зикр кард, ки айни ҳол мавқеи пешсафиро мактабҳои сиёсатшиносӣ, ба мисли “реализм” ва “либерализм” ишғол мекунанд, ки дар навбати худ аз ҳамдигар фарқ доранд.

Намояндагони мактаби “реализми сиёсӣ” бар ин ақидаанд, ки “манфиатҳои миллӣ” бо масъалаҳои сиёсати хориҷӣ алоқаманданд, зеро, онҳо ифодагари симои ин ё он миллат ё давлати миллианд, ки бояд манфиатҳои миллии худро дар арсаи байналмилалӣ ҳимоя намоянд. Намояндагони мактаби “либерализми сиёсӣ” бошанд, тарафдори онанд, ки манфиатҳои миллӣ ба масъалаҳои сиёсати дохилӣ алоқаманданд. Ғайр аз ин, дар дарки манфиатҳои миллӣ барои тарафдорони “реализм” мавқеи бартаридоштаро авлавиятҳои геополитикӣ ишғол мекунанд, ки ин барои тарафдорони “либерализм” тамоман қобили қабул нест, зеро барои инҳо некӯаҳволии иқтисодии шаҳрвандон дар мадди аввал меистад. Дар ин бобат файласуф, сиёсатшинос, иқтисоддон ва нависандаи ҷопонинажоди амрикоӣ Ёшихиро Фрэнсис Фукуяма навиштааст, ки “имрӯз манфиатҳои миллии асосии дилхоҳ кишвар дар нигоҳ доштани дараҷаи афзоиши маҳсули меҳнат ва даромад ба сари аҳолӣ ифода мегардад” [13, с. 5].

Бобати омилҳои ташаккули “манфиатҳои миллӣ” тадқиқотгарони мактаби “реализми сиёсӣ” бар ин назаранд, ки онҳо объективӣ буда, ба манфиати элитаи ҳукмрон ё шахсони алоҳида вобаста нестанд. Ба ақидаи сиёсатшиноси Шӯравӣ Поздняков Элгиз “манфиатҳои миллӣ дорои табиати объективии шартианд, ки онҳо тибқи он ба ирода ва орзуи ҳизбҳои гуногуни сиёсӣ вобаста нестанд. Худи табиати манфиатҳои миллӣ - давлатӣ бошад, дар шарҳу амалӣ гардониданашон ба монополияи маҳдуди ҳизбӣ комилан номувофиқанд” [9, с.59]. Тадқиқотгарони мактаби “либерализми сиёсӣ” бошанд, баръакс хусусияти объективии “манфиатҳои миллӣ”-ро инкор карда, бар ин назаранд, ки ташаккули манфиатҳои миллӣ субъективӣ буда, бо ақидаҳои сиёсӣ ва фалсафии гурӯҳҳои алоҳидаи дар сари қудратбуда алоқаи зич доранд. Дар ин хусус назари олими рус, доктори илмҳои фалсафа, профессор Юрий Андреевич Красинро иқтибос овардан бамаврид аст: “манфиатҳои миллӣ табиати

субъективӣ доранд, он чизест, ки миллат, яъне каси қарор қабулкунанда манфиати миллӣ меноманд” [4, с.5].

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки дар замони муосир маҳз кӣ будани субъекти манфиатҳои миллӣ мавзуи баҳсноктарин байни реалистон ва либералистон ба ҳисоб меравад. Намояндагони мактаби реализм манфиати миллиро бо манфиати давлатӣ алоқаманд медонанд ва давлатро ҳамчун пешбаранда, баёнкунанда ва кафили манфиатҳои миллӣ меҳисобанд. Аз нуқтаи назари коршиноси рус Е.А.Поздняков “Давлат ҳамчун таҷассумгари амалишавӣ, субъекти асосӣ ва пешбарандаи манфиатҳои миллӣ ба ҳисоб меравад” [9, с.63]. Муҳаққиқони либерализм баръакс, ҳамчун субъекти манфиати миллӣ шаҳрвандонро ҳисобида, ҳуқуқи афзалиятнокро дар муайян ва таҳиянамоӣ ба онҳо тааллуқ медонанд. Дар ин бобат сиёсатшиноси рус Юрий Евгеневич Фёдоров чунин гуфтааст: “манфиатҳои миллӣ ин манфиатҳои ҷомеа ва шаҳрвандон мебошанд, ки бояд аз ҷониби давлат ҳифз карда шаванд, аммо на манфиатҳои давлатие, ки аз манфиатҳои шаҳрвандон бартарӣ дорад” [12].

Манфиатҳои миллӣ дорои сохтори мураккаб мебошанд. Аз ин лиҳоз, ҳар як олиму тадқиқотгар онҳоро ба таври худ аз рӯйи асосҳои гуногун тасниф кардааст, ки бархе аз онҳоро баррасӣ менамоем.

Муҳаққиқи амрикоӣ Томас В. Робинсон манфиатҳои миллиро ба таври васеъ ба шаш навъ тасниф кардааст, ки инҳоянд:

Навъи якумро манфиатҳои асосӣ намояндагӣ мекунанд, ки инҳо аз ҷиҳати идентикӣ нигоҳ доштани айнияти тамомияти ҷисмонӣ, сиёсӣ ва фарҳангии давлатро дарбар мегиранд.

Навъи дуюмро манфиатҳои дуюмдараҷа тавсиф медиҳанд. Ин навъи манфиатҳо нисбат ба манфиатҳои асосӣ аҳаммияти камтар доранд, вале бояд зикр кард, ки онҳо барои мавҷудияти давлат басо муҳим мебошанд. Мисоли амиқ ин ҳифзи манфиатҳои шаҳрвандони ин ё он кишвар дар хориҷ аз он аст.

Навъи сеюм манфиатҳои доимӣ мебошанд. Манфиатҳои доимӣ сусттағйирёбанда буда, манфиатҳои доимӣ ва дарозмуддати давлатро дарбар мегиранд.

Навъи чорумро манфиатҳои тағйирёбанда дарбар мегиранд. Ин намуди манфиатҳо бевосита бо некӯаҳволии миллии давлат алоқаманданд ва чунонки аз номи онҳо маълум аст, метавонанд вобаста ба вазъият, ҳолат ва талабот тағйир ёбанд.

Намояндаи навъи панҷум манфиатҳои умумӣ мебошанд. Манфиатҳои умумӣ бо овардани шароити мусоид алоқамандбанд, ки ин барои шумораи зиёди аҳолӣ дар чанд соҳаи мушаххас, аз қабили иқтисод, тиҷорат, муносибати дипломатӣ ва дигарҳо пешбинӣ шудаанд.

Навъи охирин, шашум манфиатҳои мушаххасанд. Манфиатҳои мушаххас маҷмуи манфиатҳои умумии аз рӯйи замон ва фазо муайяншударо дарбар мегиранд. Мисоли ин метавонад мубориза бо терроризм бошад.

Соли 1970 олими амрикоӣ Ҷозеф Франкел таснифи нави манфиатҳои миллиро пешниҳод кард, ки аз рӯйи он манфиатҳои миллӣ ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд:

1. Гурӯҳи дилхоҳ. Дар ин сатҳ манфиатҳои миллӣ ифодагари он ҳадафҳои идеалианд, ки давлатҳо барои татбиқи он кӯшиш доранд. Манфиатҳои дилхоҳ аксар вақт дар шакли оинномаҳои идеологӣ, фарҳангиву ҷамъиятӣ ва инчунин, хотираҳои таърихӣ дарҷ мегарданд.
2. Гурӯҳи амалиётӣ. Ин гурӯҳ манфиатҳои миллӣ маҷмӯи манфиатҳо ва сиёсати воқеии пешгирифтаро ифода мекунанд. Манфиатҳои амалиётӣ баръакс, кӯтоҳмуддатанд ва ҳамчун манфиатҳои асосии ҳукумат ё ҳизби ҳукмрон ба ҳисоб рафта, аз мулоҳизаҳои ба мақсад мувофиқ ё зарурият ба вуҷуд меоянд

ва дар шакли тавсифӣ дарҷ мегарданд. Чунонки Ҷ. Франкел мегӯяд: “Одатан, манфиатҳои амалиётӣ ба сиёсате табдил меёбанд, ки асоси он баҳодиҳии имконияти мавҷуда барои муваффақият аст”.

3. Гурӯҳи фаҳмондадиҳӣ-полемикӣ. Дар ин сатҳ манфиатҳои миллӣ барои шарҳ ва баҳо додан, асоснок ё танқид кардани сиёсати хориҷӣ истифода мешаванд. Нақши асосии манфиатҳои фаҳмондадиҳӣ-полемикӣ ин исбот кардани дурустии худ ва нодурустии мухолифин аст.

Мавриди зикр аст, ки дар меҳвари татбиқи сиёсати хориҷии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатҳои миллӣ нақши муассир дорад. Чунончӣ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ (2018) чунин қайд кардаанд: “Ҳимояи манфиатҳои миллӣ ҳамчун ҳадафи асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷкистон, ки ҳанӯз дар ибтидои истиқлолияти давлатӣ дар асоси усули муносибатҳои баробарӣ ва дӯстӣ бо тамоми кишварҳои ҷаҳон муайян ва поягузорӣ гардида буд, боқӣ мемонад.” [6, с. 35].

Дар шароити таҳаввулоти ҷиддӣ ва равандҳои мураккаби сиёсии ҷаҳон донистани мафҳуми манфиатҳои миллӣ ва дарки дурусти моҳияти аслии он ниҳоят муҳим аст, зеро гузаштагони мо дар дарозои таърих борҳо мавриди ҳамлаи душман қарор гирифта, манфиат ва арзишҳои миллии худро аз аҷнабиён ҳифз кардаанд. Мо ворисони онҳо низ бояд манфиатҳои миллӣ, арзишҳо, ормонҳои миллӣ, осори ниёгон, забон, фарҳанг, амну субот ва марзу буми худро ҳамчун вазифаи муқаддаси шаҳрвандӣ ҳифз намоем.

**Адабиёт**


1. Г. Моргентау. Дар ҳифзи манфиати миллӣ,– Ню-Йорк, 1948.
2. Г. Моргентау. Афзалияти манфиатҳои миллӣ, №2.– Ню-Йорк, 1949.
3. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №332. – Душанбе, 2015.
4. Красин Ю.А. Манфиатҳои миллӣ: афсона ё воқеият? Фикри озод №3. 1996. – 5 с.
5. Маводи электронӣ. – АМИТ “Ховар”, https://khovar.tj/2022/07/tamini-manofei-ar-shahs-va-omea-az-ifzi-manfiat-oi-mill-va-davlat-vobasta-ast-mulo-iza-oi-doktori-ilm-oi-siyos-professor-abdura-mon-mu-ammad-dar-in-mavz/ .
6. Маҷаллаи “Идоракунии давлатӣ”- и Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, №4. – Душанбе, 2018. – 35 с.
7. Мустафин А.А.. Сиёсатшиносӣ: луғати истилоҳот ва ибораҳои муосир. – 2012. – 82 с.
8. Назарзода С., Сангинов А., Ҳошим Р., Рауфзода Ҳ. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, ҷилди 1, нашри 2, – 791, 839 с.
9. Поздняков Е.А. Геополитика. – Москва, 1995. – 59, 63 с.
10. Сайидзода З.Ш., Давлатзода П., Даминова А. Мафҳумҳои бунёдии назариёти сиёсии Пешвои миллат. – Душанбе: ҶДММ “Контраст”, 2017. –147 с.
11. Сайидзода З.Ш. Суханҳои ҳикматомӯзи Президенти Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: ҶДММ “Контраст”, 2017. – 68 с.
12. Сиёсати хориҷии Русия: ҷустуҷӯи стратегия. Маводҳои мизи мудаввар дар Фонди “Миссияи либералӣ”. – маводи электронӣ, 30.07.2001 http://www.liberal.ru/sitan_print.asp?Rel=21
13. Ф. Фукуяма. Норавшании “манфиати миллӣ”. Рӯзномаи мустақил, 1992. – 5 с.
14. Ҳафтаномаи “Омӯзгор”, №4 (12385), 26.01.2023.
15. Ҷ. Франкел. Манфиатҳои миллӣ (Консепти калидӣ дар илмҳои сиёсӣ). — Ню-Йорк, 1970. – 15, 17 с.

16. Шарипов С.С. Истиқлолият ва таъмини манфиатҳои миллӣ. –Душанбе, 2022. – 8 с.

## НАЦИОНАЛЬНЫЕ ИНТЕРЕСЫ: ОПРЕДЕЛЕНИЕ, СУЩНОСТЬ И КЛАССИФИКАЦИЯ

**МАХМАДЁРОВ ИСФАНДИЁР БАХТИЁРОВИЧ,**
ассистент кафедры дипломатии и международных отношений
Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С. Носира, 33.
Тел.: (+992) 50-119-66-66. E-mail: imahmadiyorov@gmail.com

*В статье собраны различные определения национальных интересов с точки зрения отечественных и зарубежных ученых и экспертов, представителей политических школ, четко изложена фундаментальная сущность национальных интересов. При этом автором конкретизированы национальные интересы нашей страны с учетом требований Концепции внешней политики Республики Таджикистан.*

*В контексте исследования автором отмечено, что в условиях серьезных событий и сложных политических процессов в мире крайне важно знание понятия национальных интересов и правильное понимание их истинной сущности, ибо защита национальных ценностей, национальные устремления, наследие предков, язык, культура, безопасность и неприкосновенность границ Республики Таджикистан является священным гражданским долгом. Национальные интересы проистекают из идеалов, потребностей, целей, ценностей, благ и других характерных национальных элементов.*

*Значение понятия национальный интерес как предмет изучения политической деятельности может стать основанием для противоречий и споров, основной формой которых является несоответствие позиции по содержанию и использованию данного понятия в качестве предмета исследования и основы политических действий.*

***Ключевые слова:*** *интерес, выгода, нация, государство, безопасность, независимость, свобода, язык, культура, самосознание, общий язык, граница, ценности, национальные интересы, государственные интересы, социальные потребности, национальные стремления, национальная цивилизация, политический реализм, политический либерализм.*

## NATIONAL INTERESTS: DEFINITION, ESSENCE AND CLASSIFICATION

**MAHMADYOROV ISFANDIYOR BAKHTIYOROVICH,**
assistant of the Department of Diplomacy and International Relations of the
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33, S. Nosir st.
Phone: (+992) 501-19-66-66. E-mail: imahmadiyorov@gmail.com

*The article contains various definitions of national interests from the point of view of domestic and foreign scientists and experts, representatives of political schools, clearly outlines the fundamental essence of national interests. At the same time, the author concretized the national interests of our country, taking into account the requirements of the Foreign Policy Concept of the Republic of Tajikistan.*

*In the context of the study, by the author it is noted that in the conditions of serious events and complex political processes in the world, it is extremely important to know the concept of national interests and a correct understanding of their true essence, because the protection of national values, national aspirations, heritage of ancestors, language, culture, security and inviolability of the borders of the Republic of Tajikistan is a sacred civic duty. National interests stem from ideals, needs, goals, values, benefits and other characteristic national elements.*

*The meaning of the concept of national interest as a subject of study and a means of political activity can become the basis for contradictions and disputes, the main form of which is the*

*discrepancy between the position on the content and use of this concept as a subject of research and the basis of political action.*

***Keywords:*** *interest, benefit, nation, state, security, independence, freedom, language, culture, self-consciousness, common language, border, values, national interests, state interests, social needs, national aspirations, national civilization, political realism, political liberalism .*

УДК:323

# ЗАМИНАҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТ ДАР ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН

**ТАЛБАКОВ САИДАҲТАМ ИСРОИЛОВИЧ,**
сардори раёсати таҳлил ва оянданигарии сиёсати дохилии
Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 89.
Тел.: (+992) 987 97 59 46. E-mail: talbakov.2018@mail.ru

*Дар марҳалаи кунунии вазъи зудтағйирёбандаи иқтисоди ҷаҳонӣ, Ҷумҳурии Мардумии Чин бо дарназардошти хусусиятҳои хоси рушд дар иқтисоди ҷаҳон ҷойгоҳи назаррасро соҳиб гардидааст. Муваффақиятҳои кунунии рушди иқтисоди кишвар натиҷаи ислоҳотҳое мебошанд, ки дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ мавриди амал қарор гирифтанд. Ҳадафи асосии ислоҳот табдили Чин ба яке аз кишварҳои бойтарин ва демократитарини ҷомеаи сотсиалистӣ муайян гардид. Дар натиҷа чиниҳо ба ҳадафҳои дар пеш гузоштаи худ ноил гардиданд.*

*Аҳаммияти мавзуъ дар он ифода меёбад, ки таҷрибаи ислоҳот ва рушди иқтисодии Чин омӯзанда буда, метавонад бо дарназардошти ба инобат гирифтани хусусиятҳои хоси миллӣ дар шароити кишвари мо истифода гардад. Рушди истеҳсолоти Чин ва иқтидори афзояндаи иқтисодии кишвар аҳаммияти дарки самтҳои асосии ислоҳоти онро бештар месозад. Бо дарназардошти он дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшиш намудааст, ки заминаҳои рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Мардумии Чинро таҳлил ва баррасӣ намояд.*

***Калидвожаҳо:*** *иқтисодиёт, ислоҳот, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, саноат, кишоварзӣ, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, ҷаҳиши бузург, инқилоби маданӣ, сотсиализм, сиёсат.*

Дар замони муосир бо дарназардошти рушди босуръат, нишондодҳои назаррас ва хусусиятҳои хос рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Мардумии Чин ба модели омӯзиш табдил ёфтааст. Бо вуҷуди ин, рушди иқтисоди Ҷумҳурии Мардумии Чин ҳамчун бузургтарин шарики иқтисодии кишварҳои минтақа ба иқтисоди кишварҳои Осиёи Марказӣ таъсири назаррас дорад.

То расидан ба истиқлоли сиёсӣ, иқтисодиёти Ҷумҳурии Мардумии Чин нимфеодалӣ ва ниммустамликавӣ буд, ки бо суръати ниҳоят паст рушд мекард. Дар солҳои 1901-1950 суръати миёнаи солонаи афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (минбаъд ММД) ҳамагӣ 0,6 дарсадро ташкил дод, ки нисбат ба сатҳи ҷаҳонӣ (2,2 дарсад) 3,7 маротиба паст буд [4]. Дар солҳои 50-уми асри гузашта Ҷумҳурии Мардумии Чин бо дастгирии ИҶШС ва истифода аз модели иқтисодии он саноаткунонии босуръатро шуруъ намуда, ба ин васила суръати афзоиши ММД-и мамлакат каме боло бурда шуд. Масалан, дар давоми панҷсолаи 1-ум (солҳои 1953-1957), дар як сол ба ҳисоби миёна 7,8 дарсад ММД-и кишвар афзуд. Дар ин самт авантюраҳои минбаъдаи сиёсии «ҷаҳиши бузург ва коммунаҳои халқӣ», «инқилоби маданӣ» боз ҳам динамикаи иқтисодии Ҷумҳурии Мардумии Чинро хеле суст карданд, масалан, дар солҳои 60-ум он ба 0,6 ва дар солҳои 70-ум ба ҳисоби миёна дар як сол то 3,1 дарсад суръати рушди иқтисодиёт ба чашм мерасид, дар ҳоле ин нишондод дар ҷаҳон ба 4,6 ва 3,5 дарсад баробар буд.

*Ба таври мухтасар агар гӯем, “ҷаҳиши бузург” ин як маъракаи иқтисодӣ ва сиёсӣ дар Чин буд, ки аз соли 1958 то соли 1960 ҷараён дошта, ҳадафи он таҳкими заминаи саноатӣ ва баланд бардоштани иқтисодиёти кишвар тавассути моликияти дастаҷамъӣ буд. Мутаасифона, дар натиҷаи ин ислоҳот аз 20 то 40 миллион нафар ҳалок гаштанд.*

Яъне дар охири соли 1957 Мао Тзэдун қарор дод, ки барои мустаҳкам намудани иқтидори сотсиалистӣ ва баланд бардоштани иқтисодиёти Чин чораҳои зарурӣ

андешида шавад. Аз соли 1958 то соли 1962 ислоҳот «ҷаҳиши бузург» ном гирифта, ба сари мардуми Чин андуҳи зиёд овард. Моҳияти нақшаҳои ҷаҳиши бузург аз инҳо иборат буданд:

- сохтани танурҳои махсус барои коркарди пӯлод;
- нест кардани пашша, паранда, калламуш ва ҳашарот;
- аз ҳисоби деҳқонон зиёд кардани ғалла дар анборҳои давлат.

Лозим ба ёдоварист, ки дар он вақт Ҷумҳурии Мардумии Чин мамлакати комилан аграрӣ буда, сафарбар намудани деҳқонон ба сохтан ва кор кардан дар танурҳои махсуси пулодгӯдозӣ мунтазам кори кишоварзиро хеле суст мекард. Бинобар сабаби ҳам дар саҳро ва ҳам ба истеҳсолот сафарбар намудани аҳолӣ, ҳосили ғалладонагӣ хисорот дид. Аз гудохтани филизот дар 700 ҳазор тануртри саросемавор сохташуда натиҷае ба даст наомад ва зарари иқтисодӣ 2 миллиард юанро ташкил намуд. Мушкилоти асосӣ дар бесифат будани филизот буд.

Нест кардани гунҷишкҳоро чиниҳо барзиёд иҷро карданд, ки тақрибан 2 миллиард паранда нобуд шуда, боиси вайрон шудани муҳити зист гардид. Дар натиҷа малахҳои зиёд пайдо шуданд ва дар ниҳоят боқимондаҳои ҳосилро нобуд карданд.

Деҳқонон маҳсулоти бадастомадаро дар анборҳои давлат супурданд ва худашон тамоман бе маҳсулоти ниёз монда, тайи якчанд сол зиёда аз 40 миллион нафар чинӣ аз гуруснагӣ ва беморӣ ҳалок гардиданд.

Аз охири соли 1978 Дэн Сяопин дигаргунсозӣ ва ислоҳотро оғоз намуд, ки аз ду самти асосӣ иборат буд:

- ҷалби васеи сармоягузориҳо;
- афзоиши содирот.

Ден Сяопин бовари дошт, ки рушди иқтисодиёти Чин аз рӯйи модели сотсиалистӣ идома ёфта, ислоҳот танҳо ба низоми куҳнаи иқтисодӣ таъсир мерасонад ва чунин ҳам шуд:

**Ислоҳоти кишоварзӣ** - замин ба деҳқонон дода шуд ва тиҷорати озоди маҳсулоти кишоварзӣ роҳандози гардид.

**Ислоҳоти соҳаи саноат** - ба корхонаҳои хурду калон имкон дода шуд, ки буҷети худро худашон ба нақша гирифта, ба низоми худтаъминкунӣ гузаранд, аммо корхонаҳои бузург ҳанӯз дар зери назорати давлат мемонданд.

**Андозҳо ва низоми бонкӣ** - андоз аз арзиши иловашуда, андози ягонаи даромад ҷорӣ карда шуд, низоми бонкӣ ба вуҷуд омад ва қурби ягонаи пул таъсис дода шуд.

**Такмили низоми нави хоҷагидорӣ** - механизми бозорӣ ташаккул ёфт, ММД-и Чин дар як сол аз 12 то 14 дарсад (то 9 дарсад боздошта шуд) афзоиш ёфта, иқтидори мамлакатро мустаҳкам намуд, ки боиси баланд гардидани сатҳи зиндагонии аҳолӣ гардид.

Дар натиҷа, пас аз тай кардани роҳи душворе, ки чаҳор даҳсола идома ёфта, Чинро ба як давлати абарқудрат дар ҷаҳон табдил намуд. Чиниҳо тадриҷан амал карда, нишон доданд, ки танҳо сиёсати ба нақша гирифташуда ва ислоҳот бо роҳи ташаккули бозор, барқарор намудани иқтисодиёт ва ҷорӣ намудани технологияи нав, дар ҳамаи бахшҳо ба муваффақият оварда мерасонад.

Азнавсозии Чин дар якчанд марҳала татбиқ шуда, дар ҳар яки он вазифаҳои стратегии муайян ҳал гардида, чорабиниҳои пештар банақшагирифта саҳеҳтар мегаштанд. Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки роҳбарияти Чин на танҳо дар масъалаи муайян намудани мақсаду вазифаҳои ислоҳот, балки дар хислати уҳдабароёнаи интихоби василаву механизмҳои дастёбӣ ба ҳадаф усули эҷодкорона ва илман асоснокро истифода намудаанд [7].

Таърих гувоҳ аст, ки Ҷумҳурии Мардумии Чин тайи беш аз чиҳил сол рушд намуда, аз як кишвари ақибмондаи аграрӣ ба як абарқудрати иқтисодӣ, бузургтарин содиркунанда ва дорои захираҳои тиллову асъор дар ҷаҳон табдил ёфт. Яъне Ҷумҳурии Мардумии Чин зиёда аз чил сол пеш ба кишварҳои ҷаҳони сеюм тааллуқ дошт, бо иқтисоди заиф, сатҳи камбизоатӣ ва ақибмондагии аҳолӣ фарқ менамуд.

Бибқи Конститутсия Ҷумҳурии Мардумии Чин давлати сотсиалистӣ мебошад [2], вале қариб 60 дарсади ММД-ро корхонахои хусусӣ ташкил медиҳанд [8]. Ҷумҳурии Мардумии Чин ба таври расмӣ системаи иқтисодии ҳозираи худро «сохтмони сотсиализми нав бо махсусиятҳои чинӣ» меномад.

Бино ба маълумоти Бюрои миллии омор, ММД-и Чин дар соли 2021 ба 114 триллион юан (18 триллион доллари ИМА) расид. Иқтисодиёти мамлакат аз нақшаҳои давлатӣ яъне 6 дарсад бештар рушд карда, афзоиши умумии иқтисодиёт 8,1 дарсадро ташкил медиҳад [1].

Бояд қайд намуд, ки то имрӯз сохтмони иқтисодиёти бозорӣ дар Ҷумҳурии Мардумии Чин бо роҳбарии Ҳизби Коммунистӣ дар асоси нақшаҳои панҷсола ба амал баровварда мешавад. Ҷолибият дар он аст, ки иқтисод гуногунрангии худро нигоҳ медорад.

Дар тули мавҷудияти худ Ҷумҳурии Мардумии Чин таҷрибаи хориҷиро барои рушди иқтисодӣ истифода намуд. Дар натиҷа, модели рушди дохилии худро бунёд намуд, ки он аз *вижагиҳои чинӣ* иборат мебошад. Ҷумҳурии Мардумии Чин дар баробари истифодаи моделҳои гуногуни рушди иқтисодӣ тавонист, ки баландтарин рушди иқтисодиро ноил гардад ва ҳамзамон, модели омӯзиш барои кишварҳои ҷаҳон бошад.

Модели иқтисодии Ҷумҳурии Мардумии Чин барои он ҷолиб аст, ки вай ба муносибатҳои бозоргонӣ бо нақши роҳбарикунандаи сектори давлатӣ ва таҳти назорати идеологии Ҳизби Коммунистӣ асос ёфтааст. Ин таҷриба дар таърихи иқтисодиёти ҷаҳон падидаи нав буда, ба се усул асос меёбад, ки бо ҳам алоқамандии ногусастанӣ доранд ва якдигарро низ пурра мегардонанд:

*1. Идоракунии нақшаи давлатии иқтисодиёт ва танзими хоҷагии халқ:*

- сармоягузории давлатӣ ва ҷалби сармоягузорони хусусӣ;
- назорати иқтисоди миллӣ аз тарафи мақомоти соҳавии давлатӣ;
- қабули қонунҳое, ки дар иқтисоди бозорӣ тартиботро таъмин мекунанд;
- нигоҳ доштани устувории нархи мол ва хизматрасонӣ;
- бо кор таъмин намудани аҳолии қобили меҳнат.

*2. Содироти мол:*

- ҷамъ овардани захираҳои асъорӣ;
- рушди истеҳсолоти илмталаб;
- истихроҷи ангишт.

*3. Афзалияти рушди саноат:*

- корхонаҳои саноатии хусусӣ;
- металлургия, энергетика ва маҳсулоти спиртӣ.

Дар асоси гуфтаҳои боло, аз ҷумлаи омилҳои пешбарандаи барқарорсозии иқтисоди Ҷумҳурии Мардумии Чин, мувофиқи мақсад аст, ки омилҳои зеринро ҷудо намуда, батафсил шарҳ диҳем:

**1. Хусусиятҳои сохтории истеҳсолот.** Саҳми ҳалкунанда дар рушди иқтисодии Ҷумҳурии Мардумии Чинро сохтори ибтидоии иқтисодиёти он гузоштааст. Яъне дар солҳои аввали ислоҳот, ҳиссаи пасти саноат ва ҳиссаи баланди кишоварзӣ дар ММД-и

кишвар ба назар мерасид. Айни ҳол, бошад соҳаи кишоварзӣ ҳамагӣ 7 дарсади ММД-и Ҷумҳурии Мардумии Чинро ташкил медиҳад.

Имрӯз дар сохтори ММД саноат 32,6 дарсад = 5,9 трлн $, амволи ғайриманқул 6,9 дарсад = 1,2 трлн $, хизматрасониҳои тиҷоратӣ 3,1 дарсад = 0,6 трлн $, сохтмон 7 дарсад = 1,3 трлн $, савдои яклухт ва чакана 9,2 дарсад = 1,7 трлн $, кишоварзӣ, ҷангал ва моҳипарварӣ 7,6 дарсад = 1,4 трлн $, молия 1,4 дарсад = 8 трлн $, барномасозӣ ва хизматрасониҳои марбут ба он 3,9 дарсад = 0,7 трлн $-ро ташкил медиҳад[6]. Яъне рушди босуръати иқтисодии Ҷумҳурии Мардумии Чин бо навсозии сохтории истеҳсолот ҳамроҳ мешавад.

**2. Хусусиятҳои миллӣ.** Натиҷаҳои беҳамтои тараққиёти иқтисодиёти Ҷумҳурии Мардумии Чин ба захираи зеҳнӣ, махсусияти характери миллии Чин, аз ҷумла, меҳнатдӯстӣ, фидокорӣ, қаноатмандӣ (шикастанафсӣ), дақиқият (покизакорӣ), сарфакорӣ, масъулиятшиносӣ ва эътимоднокӣ вобаста аст. Аммо дар як назари умум, мушоҳида мегардад, ки чунин хислатҳо на танҳо ба фаҳанги чинӣ, балки ба ҳама фарҳангҳо мувофиқат мекунад [5]. Дар баробари ин, маҳз хислатҳои хосси халқи чин, ки бо руҳи Конфутсий мустаҳкам карда шудаанд ва дар баробари ба роҳи тараққиёти сармоядорӣ дохил шудани мамлакат нақши ҳалкунанда бозиданд. Ин нукта дар Конститутсияи Ҷумҳурии Мардумии Чин (4 декабри соли 1982) дарҷ гардидааст: ҳамаи халқҳое, ки дар Ҷумҳурии Мардумии Чин истиқомат мекунанд, якҷоя фарҳанги бузургеро ба вуҷуд оварда, анъанаҳои пуршарафи инқилобӣ доранд [3].

**3. Сарватҳои табиӣ.** Дар ҳудуди Ҷумҳурии Мардумии Чин қариб ҳамаи 150 навъи сарватҳои табиӣ мавҷуданд, ки дар муддати дароз ба онҳо барои истихроҷ ва худтаъминкунӣ имконият медиҳанд.

**4. Сиёсати ошкорбаёнии иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Мардумии Чин.** Ҷумҳурии Мардумии Чин ба низоми ҷаҳонии муносибатҳои иқтисодӣ ба дараҷаи баланд ворид шуда, ҳамчун содиркунандаи пешбари мол дар ҷойи 9-ум ва воридкунандаи мол 11-умро мегирад. Имрӯз тақрибан 10 дарсади сармоягузории мустақими хориҷиро аз худ намуда, ҳамчун сарморягузор 40 дарсади сармоягузории мустақими хориҷӣ дар ҷаҳон аз тарафи ин кишвар сурат мегирад.

Инро мегӯянд аз изолятсионизм то сиёсати «дарҳои боз». Дар давоми 30 соли аввали баъди ташкил ёфтани Ҷумҳурии Мардумии Чин аз сабаби хусусиятҳои вазъияти байналмилалӣ ва муҳосираи иқтисодӣ маҷбур шуд, ки танҳо ба қувваҳои худ такя намояд ва амалан бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ робита надошта бошад. Дар ин росто солҳои 70-ум вазъ тағйир ёфта, муносибатҳои иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Мардумии Чин босуръат инкишоф ёфт, ки дар охири асри XX ҳиссаи тиҷорати берунӣ қисми зиёди ММД-и кишварро ташкил намуд. Барои Ҷумҳурии Мардумии Чин баромад аз вазъияти бунбаст такони аввалини рушди динамикии иқтисодӣ гардид.

**5. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ.** Мавҷудияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар рушди иқтисод нақши назаррас дошта, айни замон дар Ҷумҳурии Мардумии Чин 4 минтақаи махсуси иқтисодӣ - Шенҷен, Чжухай, Шантоу, Сямэн, 14 минтақаи савдои озод (озод аз боҷ), 53 минтақаи технологияҳои аълосифат ва нав (аз ҷумла водии калон ва муосири хусусии «силикон») мавҷуд аст. Беш аз 70 минтақаи илмию техникӣ барои мутахассисони дар хориҷи кишвар таҳсилгиранда, 38 минтақаи коркарди маҳсулоти содиротӣ мавҷуданд. Ба ғайр аз минтақаҳое, ки номбар гардиданд, инчунин, миқдори зиёди минтақаҳое мавҷуданд, ки бо хусусиятҳои хосси худ аз имтиёзҳои гуногун бархӯрдоранд.

Дар ин робита барои мисол метавон вилояти Шенҷенро номбар намуд, ки дар моҳи августи соли 1980 аввалин шуда мақоми расмии “минтақаи озоди иқтисодӣ”-ро

гирифт. Минтақаи озоди иқтисодии "Шенчен" минтақаи босуръат рушдёбанда мебошад, ки афзоиши миёнаи солонаи ММД дар байни солҳои 1979 ва 2008-ум 31,2 дарсад буд. Ҳаҷми умумии воридот ва содироти Шенчен аз 18 миллион доллари соли 1980 то ба 431,5 миллиард доллар дар соли 2019 афзоиш ёфт ва суръати афзоиши солонаи он 26,1 дарсадро ташкил намуд, ки ин барои бозсозии ҳамаҷониба мусоид мебошад.

То имрӯз МОИ-и Шэнчжэн 28 сол пайдарпай аз ҷиҳати содирот дар Ҷумҳурии Мардумии Чин ҷойи якумро ишғол мекунад. Ҳаҷми тиҷорати хориҷии Шенчен дар соли 2020-ум 3,05 триллион юанро ташкил намуд, ки нисбат ба соли 2019-ум 2,4 дарсад зиёд аст. Дар баробари ин, содирот 1,5 дарсад афзуда, ба 1,7 триллион юан расид [9].

**6. Суръати баланди захиранамоӣ ва сармоягузорӣ.** Дар миёни кишварҳои бузург баландтарин сатҳи захираҳоро Ҷумҳурии Мардумии Чин доро мебошад. Меъёри умумии захираҳое, ки пасандозҳои давлатӣ ва шахсиро дар бар мегирад, тақрибан 50 дарсади ММД-ро ташкил медиҳад. Баръакси ин, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико сатҳи пасттарини захираҳоро дорад, ки тақрибан 10 дарсади ММД мебошад. Боқимонда кишварҳои ҷаҳон дар миёни ин ду рақам қарор доранд.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Мардумии Чин дар давраи ислоҳот ҷалб намудани сармояи хориҷӣ буд. Дар аввал грантҳо ва қарзҳои ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ (Ҷумҳурии Мардумии Чин соли 1980 ба Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Бонки Ҷаҳонӣ узв гардид) ва давлатҳои хориҷӣ бартарӣ доштанд [1]. Тақрибан 80 дарсад тамоми сармоягузорони хориҷӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Мардумии Чин маҳз чиниҳои этникӣ (ханҳо ё хуатсяо) мебошанд, ки дар хориҷа зиндагонӣ ва фаъолият менамоянд.

Модели сармоягузории Чин бо хусусиятҳои асосии модели "шарқӣ" тавсиф мешавад. Дар баробари ин, иқтисоди Чин нисбат ба дигар кишварҳои нимкураи Шарқӣ бештар ба сармоягузорӣ такя мекунад. Чунин самти фаъолият инъикоскунандаи нақши ҳукумати Чин ба сармоягузории хориҷӣ дар сиёсати макроиқтисодӣ ва минтақавии кишвар мебошад. Дар солҳои аввали ислоҳот Ҷумҳурии Мардумии Чин барои рушди иқтисодиёти дохилии давлат сармояи хориҷиро ба худ ҷалб мекард, имрӯз бошад, барои рушди итисодиёти хеш дар кишварҳои хориҷ сармоягузорӣ мекунад.

Дар хотима метавон гуфт, ки дараҷаи рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Мардумии Чин, бо омилҳои гуногуни сиёсати оқилонаи кишвар, вижагиҳои миллати Чин ва сарватҳои табиии давлат ва мавқеи ҷуғрофӣ муайян карда мешаванд. Омилҳои мазкур минбаъд низ рушди иқтисодии Чинро муайян хоҳанд кард. Факту далели он рушди иқтисодиёти кишвар ҳатто дар солҳои 2020-2021, ки тақрибан тамоми иқтисоди ҷаҳон дар ҳолати рукуъ қарор гирифта буд, идома меёфт.

Ҷумҳурии Мардумии Чин дар тараққиёти иқтисодиёт ба туфайли он ба муваффақиятҳои азиме ноил гардид, ки вай на аз вайрон кардан ва танқид кардани низоми пешина, балки ба ислоҳоти ҷиддӣ тамаркуз кардааст. Тули солҳои ислоҳот дар низоми иқтисодии Ҷумҳурии Мардумии Чин дигаргуниҳои куллӣ ба амал омад. Иқтисодиёти омехта ташаккул ёфт, ки дар он ҳаракат ба сӯи бозор тадриҷан сурат мегирифт. Мардуми Чин ислоҳотро ҷонибдорӣ намуданд, зеро афзалияти ин ислоҳот қонеъ гардондани талаботи асосии аҳолӣ ҳисобида мешуд. Ҳамин тариқ, иқтисоди Ҷумҳурии Мардумии Чин ба суръати рекордии рушд расид ва ҳукумати Чин мақоми кишварро дар арсаи байналмилалӣ ба таври қобили мулоҳиза боло бурд.

Роҳи тараққиёти Ҷумҳурии Мардумии Чин гуногун, мураккаб ва баҳсбарангез аст, вале он дар лагери сотсиалистӣ ягона мамлакатест, ки идеологияро вайрон

накарда, ба ин гуна муваффаққиятҳои иқтисодӣ ноил шуда тавонист. Роҳбарияти кишвар аз ғояи коммунистӣ даст накашидааст, зеро муваффақиятҳои мамлакат имкониятҳои онро исбот мекунанд. Мардуми Чин дар зарфи 70 соли мавҷудияти давлат дар сохтмони сотсиализм муваффақиятҳои назаррасро ба даст оварда, Чини куҳнаи камбағал ва қафомондаро ба мамлакати нави сотсиалистӣ, ки низоми пешрафтаи саноатӣ ва иқтисодӣ дорад, табдил намуд.

Ҷараёни ислоҳоти иқтисодиро пас аз дарёфти истиқлоли Ҷумҳурии Мардумии Чинро таҳлил намуда, бояд қайд кард, ки таъмини идеологии ин ислоҳот самти муҳимми фаъолияти Ҳукумат дар роҳи ба даст овардани натиҷаҳо гардид. Роҳбарияти Чин роҳ надод, ки муносибатҳо ва арзишҳои идеологие, ки аз замонҳои қадим дар ҷомеа ҳукмрон буданд, вайрон карда шаванд, Мао Тзэ-дун онҳоро тағйир дод, онҳоро бо консепсияҳои азхудшудаи марксизм-ленинизм, ки ба ҷомеаи Чин мувофиқ карда шудаанд, пурра намуд. Дэн Сяопин дар Чин ба сохтмони «сотсиализм бо вижагиҳои чинӣ» ташаббус нишон дода, ғояҳои Мао Тзэдунро нигоҳ дошта, унсурҳои либерализмро ба иқтисодиёт ҷорӣ намуд.

Ҳамин тариқ, идеологияи инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ дар Чин мувофиқи дигаргунсозиҳои иқтисодӣ ва мақсадҳое, ки роҳбарияти Ҳизби Коммунисти Чин дар назди давлат гузошта буд, ислоҳ карда шуд. Устувории идеология имкон дод, ки дар ҷомеа ҳисси эътимоднокӣ ва роҳи интихобкардаи рушд ҳифз карда шавад.

**Адабиёт**


1. Инфографика: Экономика Китая по секторам с ее 18 триллионами долларов (захираи электронӣ) https://tempting.pro/infografika__ekonomika_kitaya_po_sektoram_s_ee_18_trillionami_dollarov/ – (санаи дастарсӣ 13.07.2022)
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Мардумии Чин - 4 декабри соли 1982. саҳ. – 2. Боби 1, моддаи 1, банди 1-ум.
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Мардумии Чин - 4 декабри соли 1982. саҳ. – 1. Муқаддима.
4. Карлусов В. В. Китай: догоняющее развитие как антикризисный фактор // Издание МГИМО МИД России «Мировое и национальное хозяйство» Экономическая теория и практика №1(8), 2009.
5. Мехр Собириён. Дар ҷустуҷӯи омилҳои рушд (захираи электронӣ) https://ravshanfikr.tj/i-tisodi-mill-va-durnamoi-on/dar-ustu-i-omil-oi-rushd-2.html?ysclid=lk9m9aha2e740639833 – (санаи дастрасӣ 24.07.2022).
6. Портяков В.Я. (2019) Политика внешнеэкономической открытости в Китайской Народной Республике: основные итоги и перспективы // Контуры глобальных трансформаций: политика, экономика, право. Т. 12. № 1. С. 44-68. DOI: 10.23932/2542-0240-2019-12-1 -44-68.
7. Сосковец Л.И. Социально-политическая система КНР. Учебное пособие // ТОМСК- 2008– С- 11
8. Частные предприятия обеспечивают более 60% ВВП Китая - вице-премьер | 06.09.21 | finanz.ru https://biang.ru/ru/news/chastnyie-predpriyatiya-obespechivayut-bolee-60-vvp-kitaya-vicze-premer.html?ysclid=lk9mrj8o2t203543510 – (санаи дастарсӣ 13.07.2022)
9. Шэньчжэнь занимает первое место в Китае по экспорту 28 лет подряд | Восточное Интермодальное Агентство (захираи электронӣ) http://via-port.ru/ news/shenchzhen-zanimaet-pervoe-mesto-v-kitae-po-eksportu-28-let-podryad– (санаи дастрасӣ: 23.05.2023)

# ПРЕДПОСЫЛКИ ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ КИТАЙСКОЙ НАРОДНОЙ РЕСПУБЛИКИ

**ТАЛБАКОВ САИДАХТАМ ИСРОИЛОВИЧ,**
начальник отдела анализа и прогнозирования внутренней политики
Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан.
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 89.
Тел: 987 97 59 46. E-mail: talbakov.2018@mail.ru

*На современном этапе быстро меняющейся ситуации в мировой экономике Китайская Народная Республика заняла значительное место в мировом хозяйстве с учетом специфики своего развития. Сегодняшние достижения в развитии экономики страны являются результатом реформ, осуществленных на разных исторических этапах. Основная цель реформ состояла в том, чтобы превратить Китай в одну из самых богатых и демократических стран социалистического общества. В результате китайцы добились поставленных целей.*

*Важность темы выражается в том, что опыт экономического реформирования и развития Китая поучителен и может быть использован в условиях нашей страны с учетом особых национальных особенностей. Развитие производства Китая и растущая экономическая мощь страны делают более важным понимание основных направлений ее реформ. Учитывая это, в данной статье автор попытался проанализировать и рассмотреть основы экономического развития Китайской Народной Республики.*

***Ключевые слова:*** *экономика, реформы, КНР, валовой внутренний продукт, промышленность, сельское хозяйство, свободные экономические зоны, большой скачок, культурная революция, социализм, политика.*

# BACKGROUNDS OF ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE PEOPLE'S REPUBLIC OF CHINA

**TALBAKOV SAIDAHTAM ISROILOVICH,**
Head of the department of analysis and foresight of internal policy of the
Center for strategic research under the President of the Republic of Tajikistan.
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 89 Rudaki Avenue.
Tel: (+992) 987 97 59 46. E-mail: talbakov.2018@mail.ru

*At the current stage of the rapidly changing situation of the world economy, the People's Republic of China has taken a significant place in the world economy, taking into account its specific development characteristics. Today's achievements in the development of the country's economy are the result of reforms that have been implemented at different historical stages. The main goal of the reforms was the transformation of the People's Republic of China into one of the richest and most democratic countries of the socialist society. As a result, the Chinese achieved their goals.*

*The importance of the topic is expressed in the fact that the experience of China's economic reform and development is instructive and can be used in the conditions of our country, taking into account special national characteristics. The development of China's manufacturing and the growing economic power of the country make it more important to understand the main directions of its reforms. Considering it, in this article, the author tried to analyze and consider the fundamentals of the economic development of the People's Republic of China.*

***Keywords:*** *economy, reforms, PRC, gross domestic product, industry, agriculture, free economic zones, the great leap forward, cultural revolution, socialism, politics.*

УДК: 32.019.5

# ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ СИЁСИИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**УМАРАЛИЗОДА ШОҲПИСАНД,**
аспиранти Академияи хоҷагии халқ ва хизмати
давлатии назди Президенти Федератсияи Россия.
119571, Федератсияи Россия, ш. Москва, хиёбони Вернадский, 82.
E-mail: shahbonu.96@gmail.com

*Таваҷҷуҳ ва дастгирии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои аввали Истиқлоли давлатӣ як ҷузъи муҳимми сиёсати давлатӣ ба шумор мерафт. Масъалаи ташаккули фаъолияти ҷавонон, бахсус фаъолияти сиёсии онҳо аз аввали ба даст овардани Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба шумор мерафт. Татбиқи босамари ин самт, аз рӯзҳои аввал чун бахши муҳимми сиёсӣ ба таври ҳамешагӣ дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарияти олии он қарор дошт. Бо рушду такоммули ҷомеа ва давра ба давра даст ёфтани Ҳукумати Тоҷикистон ба арзишҳои муҳимми давлатдорӣ сиёсати давлатии ҷавонон низ мунтазам дар ҷараёни рушд қарор гирифта, афзалиятҳои он дар асоси таҷрибаҳои пешарфта баҳри татбиқи ҳадафмандонаи худ тарзу усулҳои муассирро ба худ касб намуд.*

*Муҳим будани иштироки ҷавонон дар низоми сиёсии Тоҷикистон дар он арзёбӣ мешавад, ки ба фаъолияти сиёсии онҳо пайваста таваҷҷуҳ зоҳир гардида, баҳри иштироки онҳо дар ҳаёти ҷамъиятию идорӣ тамоми имкониятҳо фароҳам карда шудааст.*

*Дар мақолаи мазкур муаллиф фаъолияти сиёсии ҷавононро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлили илмӣ қарор дода, дар такя бо сарчашмаҳои мухталиф маълумоти муфассалу мукаммал додааст.*

***Калидвожаҳо:*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷавонон, фаъолияти сиёсӣ, ҷаъолияти сиёсии ҷавонон, ташаккули фаъолияти сиёсӣ.*

Сиёсати давлатии ҷавонон низоми ягонаи тадбирҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ бо мақсади ташаккулу камолоти ҷавонон, ҳифзи ҳуқуқ ва истифодаи босамари неруи зеҳнии онҳо ба манфиати ҷомеа ва давлат мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати давлатии ҷавонон дар доираи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмиллалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ ҳифз ва таъмин карда мешавад. Самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тарбияи ҷавонон дар руҳияи ватандӯстӣ, эҳсоси масъулияти шаҳрвандӣ ва таҳкими ҳувияти миллии онҳо, ташаккули мафкураи миллӣ бо роҳи тарбия намудани ҷавонон дар самти шинохти бештари манфиатҳои миллӣ ва ҳисси оштинопазир ба терроризму экстремизм, коррупсия, нашъаҷалобӣ ва навъҳои дигари ҷинояткорӣ; ташаккули ахлоқи ҳамидаи ҷавонон, фаъол намудани онҳо дар самти анҷом додани корҳои ихтиёрии ҷамъиятӣ (фаъолияти волонтёрӣ) ва баланд бардоштани ҳисси эҳтироми ҷавонон ба фарҳанги миллӣ; таъмини иштироки ҷавонон дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии ҷомеа ва идоракунии давлатӣ, аз ҷумла бо роҳи дастгирии фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятии онҳо; таъмини ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии ҷавонон; таъмини ҳифзи саломатӣ, тарзи ҳаёти солим ва рушди ҷисмонии ҷавонон; фароҳам овардани шароит ҷиҳати гирифтани таҳсилоти сифатнок барои ҷавонон ва таъмини рушди ихтироъкорию эҷодкории онҳо; таъминоти иҷтимоии ҷавонон, таъмини онҳо ба шуғли пурмаҳсул ва ҷойи кори муносиб; таъмини мустақилияти иқтисодии ҷавонон, рушди фаъолияти соҳибкории ҷавонон, ҷалби онҳо ба хоҷагидорӣ ва ҳунармандӣ; омодасозӣ ва дастгирии мутахассисони ҷавон ҷиҳати

пешниҳод намудани мутахассисони лаёқатманд ба вазифаҳои роҳбарикунанда муайян шудааст.

Ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан бо қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон" аз 13 марти соли 1992 оғоз гардид. Дар ин давра Ҷумҳурии Тоҷикистон миёни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил яке аз аввалинҳо шуда, қонунеро дар самти ҷавонон қабул намуд. Дар муқаддимаи китоби "Пешвои миллат бо ҷавонон", ки бахишад ба Соли ҷавонон ба наҳр расидааст, чунин гуфта шудааст, ки: "Маротиби аввал, ҳамчун Сарвари ҷумҳурӣ мулоқоти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони ҷавонони мамлакат, ҳангоми роҳбарии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ухда доштани ӯ, ҳамагӣ пас аз 70 рӯзи сарварии кишвар - 2 феврали соли 1993 баргузор мегардад" [9]. Аз ин бар меояд, ки таҳкими сиёсати давлатдорӣ ва ташаккули сиёсати ҷавонон баҳри бунёди ҷомеаи демократии ҳуқуқбунёд аз рӯзҳои аввал яке аз самтҳои асосии стратегӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Чуноне таъкид шуд, масъалаи ташаккули фаъолияти ҷавонон, бахсус фаъолияти сиёсии онҳо аз аввали ба даст овардани Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба шумор мерафт. Татбиқи босамари ин самт, аз рӯзҳои аввал чун бахши муҳимми сиёсӣ ба таври ҳамешагӣ дар маркази таваҷҷӯҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарияти олии он қарор дошт. Бо рушду такоммули ҷомеа ва давра ба давра даст ёфтани Ҳукумати Тоҷикистон ба арзишҳои муҳимми давлатдорӣ сиёсати давлатии ҷавонон низ мунтазам дар ҷараёни рушд қарор гирифта, афзалиятҳои он дар асоси таҷрибаҳои пешрафта баҳри татбиқи ҳадафмандонаи худ тарзу усулҳои муассирро ба худ касб намуд.

Аз замони ба даст овардани Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 32 сол сипарӣ гардид. Дар тӯли ин солҳо баробари дигар қишрҳои ҷомеа, ҷавонон низ тавонистанд, ки дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт нақши худро гузошта, дар ҳаёти сиёсии кишвар нақши арзанда гузоранд. Дар ин раванд Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тадбирҳоро барои ҳаёти сиёсиву осоиштаи ҷавонон андешидааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои аввали Истиқлоли давлатӣ ба ҷавонон таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, баъд аз шаш моҳи ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ бо қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 марти соли 1992 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон"-ро қабул намуд. То имрӯз бо дарназардошти шароити ҷомеаи муосир ва рушду такомули ҷавонон дар ҳолати муқовиматнокӣ ва мутобиқат ба тазодҳои ҷомеа ба қонуни асосии ҷавонон чор маротиб тағйироти иловаҳо ворид карда шуданд [6, с. 6].

Қонуни мазкур асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ташаккулу камолоти ҷавононро бо мақсади амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон пешбинӣ карда, истифодаи самараноки неруи зеҳнӣ ва маънавии онҳоро ба манфиати ҷомеа муайян менамояд [2].

Қонуни мазкур заминаҳои ташкиливу ҳуқуқии сиёсати давлатии ҷавононро муҳайё ва муайян намуда, асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодии тарбия, ташаккул ва камолоти ҷавононро муқаррар кард ва принсипҳоу тадбирҳои татбиқи сиёсати давлатро дар соҳаи истифодаи пурсамари неруи зеҳнӣ ва маънавии онҳо, ки ба манфиати ҷамъият равона мешавад, муайян мекунад. Бояд тазаккур дод, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон миёни кишварҳои ИДМ яке аз аввалинҳо шуда қонуни асосии ҷавононро қабул кардааст. Далели мазкур бори дигар собит месозад, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккули сиёсати давлатии ҷавононро яке аз самтҳои асосии стратегӣ меҳисобад. Муҳаққиқ Қиёмиддин Миралиев вобаста ба масъаи дастгири сиёсати

давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намудааст, ки "сиёсати давлатии ҷавонон ҳамқадам ва ҳамсоли Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон буда, дар ин давра заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ташкилию инфрасохтории соҳа ботадриҷ такмил ёфтааст. Боиси зикр аст, ки рушди босуботи иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, татбиқи бонизом ва самарабахши сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар, сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, инчунин арҷгузорӣ ба муқаддасоти давлатию миллӣ ба сатҳ ва сифати сиёсати давлатии ҷавонон таъсири мусбат расонид. Вале, нуқтаи аз ҳама муҳим, ки пойдевори татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ ва сарчашмаи ғизои маънавию моддии амалишавии он мебошад, маҳз дастгирӣ ва ғамхории шабонарӯзии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷавонони кишвар арзёбӣ мегардад" [6, с.3].

Фаъолияти сиёсӣ ва дар умум иҷтимоишавии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷистон асосан аз солҳои 2000-ум рушди бештар касб намуд. Баъд аз солҳои 2000-ум дар самти дастгирӣ ва ташаккули фаъолияти сиёсии ҷавонон як қатор санаду барномаҳо қабул гардиданд, ки фаъолитяти пурсамари ҷавононро дар низоми сиёсии кишвар таъмин намуданд. муҳаққиқ Саидзода Шӯҳрат низ ба ин назар аст, ки: "Баъди солҳои 2000-ум дар самти сиёсати давлатии ҷавонон ва иҷтимоишавии сиёсии ҷавонон тадбирҳои мушаххас андешида шуданд. Соли 2004-ум Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», соли 2011 «Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020», соли 2014 «Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуданд, ки дар маҷмӯъ барои пешрафти кори ҷавонон, боло бардоштани мақоми онҳо ва саҳми ҷавонон дар равандҳои иҷтимоиву сиёсии ҷомеа заминаи мусоиди қонунӣ фароҳам гардид"[8, с. 301].

Дигар чизи муҳимме, ки дар ин самт бояд махсус қайд шавад, ин таъсиси мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон мебошад. 9 июни соли 1993 баъди барқарор гаштани сохти коститутсионӣ бо қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №256 Кумитаи корҳои ҷавонони назди Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Дар натиҷаи мулоқоти васеъи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони ҷавони кишвар 23 маи соли 1997 Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд [6, с. 56].

Давоми солҳои Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақому мавқеи ҷавонон дар ҷомеа ба маротиб баланд гардида, ҷалби бештари онҳо ба корҳои ҷамъиятиву идоракунӣ зиёд гардид. Қабул ва амалигардонии як қатор барномаҳои соҳавии давлатӣ, мулоқоту вохӯриҳои пайваставу мунтазами Пешвои миллат бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ, роҳандозии як зумра ҳавасмандиҳо, аз қабили стипендияҳои президентӣ, Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон; таъсиси коллеҷ, донишкада, донишгоҳҳо ва муассисаҳои таълимии типи нав, грантҳои ҳукуматӣ бо мақсади дастгирии ташкилотҳои ҷамъиятии кор бо ҷавонон, таъсисёбӣ ва баргузории ҷаласаи нахустини Шӯрои миллии кор бо ҷавонон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷавоникунонии сиёсати кадрӣ ва дар зинаҳои роҳбарикунанда тайин гардидани шумораи зиёди ҷавонони лаёқатманд, ободу зебо гардонидани боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ, бунёди майдончаҳои варзишии муҷаҳҳаз бо талаботи замони муосир ва таъсиси Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дастовардҳои беназиртарину нотакрор дар ҳаёти ҳар як ҷавони саодатманди кишвар мебошад. Чуноне Сарвари давлат дар Паёми Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” аз 21.12.2021 таъкид намудаанд: “Дар замони соҳибистиқлолӣ шумораи ҷавонони боистеъдоде, ки барои таҳсил ба хориҷи кишвар фиристода мешаванд, сол ба сол афзоиш ёфта, дар соли таҳсили 2021 ба беш аз 42 ҳазор нафар дар 25 давлати хориҷӣ расидааст. Ҳар сол беш аз 5 ҳазор нафар ҷавонони боистеъдоди мо барои таҳсил ба мактабҳои олии хориҷи кишвар фиристода мешаванд” [5].

Дар сиёсати давлатӣ дар баробари дигар соҳаҳо сиёсати давлатии ҷавонон низ ҳамеша чун самти афзалиятнок ба ҳисоб рафта Пешвои милла, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳама суханронӣ ва мулоқотҳои худ аз сиёсати ин қишри созанда ёд мекунанд. Бахусус, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар паёмҳои ҳарсолаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти назарраси ҷавонон дар ҳама соҳаҳо, бахсус фаъолияти сиёсии онҳо ёдовар шуда, баҳри боз ҳам беҳтар намудани шароити фаъолияти онҳо чораҳои мушаххас ва назаррас меандешад. Ба таври мисол агар мо панҷ Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро аз соли 2018 то 2022 гирем, маълум мегардад, ки ҳамасола дар паёмҳо доир ба сиёсати давлатии ҷавонон таъкидҳо шудааст. Аз ҷумла дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018 чунин таъкид шудааст: “Мо ба ҷавонон эътимоди комил дорем, дастгирии самимонаи онҳоро аз сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат қадрдонӣ мекунем ва нақши арзишмандашонро дар ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти кишвар эҳсос менамоем. Ман ба ҷавонони кишвар барои дастгириашон аз сиёсати давлату Ҳукумат ва хизмати содиқонаашон миннатдории самимӣ баён мекунам. Имрӯз қисми асосии хизматчиёни ҳарбӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқро ҷавонон ташкил медиҳанд. Аз 23 ҳазор нафар бунёдкорони иншооти азими аср – нерӯгоҳи барқи обии “Роғун” чил фоизашон ҷавонони то сисола мебошанд. Ҳукумати Тоҷикистон барои ҷавонон тавассути оммавигардонии варзиш, таблиғи тарзи ҳаёти солим ва омодасозии варзишгарони касбӣ аз ҳамаи имкониятҳо истифода мекунад” [3].

Дар давраи 32 соли Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаёти ҷавонони Тоҷикистон дигаргуниҳои зиёд ба вуқуъ омаданд. Ҳарчанд дар аввал ҷавонон ба пастию ноумедӣ, рӯҳафтодагӣ, гаронӣ ва роҳҳои бисёри ноҳамвори зиндагӣ дучор омада бошанд ҳам, қадам ба қадам, давра ба давра ҳама мушкилот аз ҷониби Сарвари мамлакат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳи ҳалли худро ёфтанд.

Роҳбарияти давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавононро чун неруи ояндасоз ва фардо ҳамеша дастгирӣ намуда, баҳри ҳарчи бештар фаъол будани онҳо дар низоми сиёсии кишвар тамоми чораҳоро амалӣ намуда истодааст. Ба ин маънӣ Пешвои миллат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ аз 26.12.2019 чунин таъкид намудаанд: “Ҷавонони мо давомдиҳандагони кору фаъолияти насли калонсол, неруи тавоно ва иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа, хулоса, ояндаи давлат буда, фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти онҳо минбаъд низ ҳамчун яке аз масъалаҳои муҳимтарини сиёсати Ҳукумат боқӣ мемонад... Дар рӯҳияи ҳисси баланди миллӣ, садоқат ба давлату миллат, таҳаммулгароӣ, ватандӯстиву хештаншиносӣ ва пос доштани арзишҳои миллӣ тарбия намудани ҷавонон вазифаи муҳимтарини ҳамаи сохтору мақомот ва аҳли ҷомеа мебошад” [4].

Имрӯзҳо дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон тамоми сохторҳои марбута, вазорату идораҳо, мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҳизбу ҳаракатҳои ҷамъиятӣ пайваста талош меварзанд. Дар кӯтоҳтарин фурсат афзудани ҳаҷми

маблағгузорӣ ва боло рафтани музди маоши омӯзгорон, дастгириҳои давлатӣ аз ин қишри муҳимми ҷомеа, аз ҷумла таъсиси Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф (соли 2006), Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимон ва омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ (соли 2020), пешниҳоди имтиёзҳо, додани қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ба омӯзгорони ҷавон ва амсоли ин дар баробари болоравии сатҳу сифати таълим низомҳои пешқадами мактабу маориф ҷорӣ гардиданд. Президенти кишвар ҷавононро дар паёмҳои худ ояндаи давлату миллат, қувваи пешбарандаи ҷомеа ва захираи стратегии давлату Ҳукумати кишвар ном мебаранд. Ҳамин аст, ки дар Паёми худ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ" аз 21.12.2021 иброз намуанд: "Ман борҳо таъкид кардаам ва имрӯз бори дигар бо ифтихор иброз медорам, ки ҷавонони мо дорои ҳисси баланди миллӣ ва эҳсоси гарми ватандӯстиву ватанпарварӣ буда, дар мубориза бо ҳама гуна хавфу хатарҳое, ки зидди давлату миллатанд, омода мебошанд ва манфиатҳои миллиро аз ҳар манфиати дигар боло медонанд. Мо бо ҷавонони бонангу номуси худ ифтихор мекунем ва барои ҳалли масъалаҳои онҳо минбаъд низ тамоми тадбирҳоро амалӣ мегардонем.

Дар маҷмуъ сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чун рукни муҳим ва аввалиндараҷаи сиёсати Ҳукумат ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, онҳо чун неруи фаъолу боғайрат, қувваи созандаи ҷомеаи ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳ қарор доранд. Дар навбати худ талошҳои пайвастаи ҷавонони имрӯзаи мо ҷиҳати иштироки фаъолона дар рушду нумӯи Тоҷикистон, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, нигоҳдории дастовардҳои истиқлол, таҳкими давлатдорӣ, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот, рушди минбаъдаи иқтисодиву иҷтимоӣ ва устувор гардонидани мавқеи он дар қатори кишварҳои мутараққӣ далели натиҷаҳо дар самти дастгири ва рушди сиёсати давлатии ин қишр ба ҳисоб меравад.

**Адабиёт**


1. Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон [манбаи электронӣ]: URL: https://mmk.tj (санаи мурочиат: 20.07.2023)
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон" 23 декабри соли 2021, № 1830 // [манбаи электронӣ]: URL: https://mmk.tj (санаи мурочиат: 20.07.2023)
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2019
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.12.2021
6. Миралиев Қ., Қадамҳои нав дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон. Душанбе, 2014, 112 с.
7. Миралиён Қ. А. Роҳнамо: идеологияи миллӣ ва ҷавонон. - Душанбе: "Адабиёти бачагона" 2016. - 165 с.
8. Саидзода Ш.Ш. Масоили иҷтимоишавии сиёсии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2020. №3. - С. 301.
9. Пешвои миллат бо ҷавонон. 209 с.
10. Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [манбаи электронӣ] URL: http://president.tj (санаи мурочиат: 20.07.2023)

# ФОРМИРОВАНИЯ ПОЛИТИЧЕСКОЙ АКТИВНОСТИ МОЛОДЁЖИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**УМАРАЛИЗОДА ШОХПИСАНД,**
аспирант Академии народного хозяйства и
государственной службы Президент Российской Федерации.
119571, Российская Федерация, г. Москва, пр. Вернадского, д. 82.
E-mail: shahbonu.96@gmail.com

*Внимание и поддержка молодежи в Республике Таджикистан с первых лет государственной независимости стали важной составляющей государственной политики. Вопрос формирования молодежной деятельности, их политической деятельности с самого начала достижения государственной независимости Республики Таджикистан был одним из приоритетных направлений государственной политики. Эффективное осуществление этого направления с первых дней как важнейшего политического сектора постоянно находится в центре внимания Правительства Республики Таджикистан и его высшего руководства. С развитием общества и периодическим достижением правительством Таджикистана важных ценностей государственности государственная молодежная политика также постоянно находится в процессе развития, ее приоритеты на основе передовой практики приобрели эффективные методы и приемы для реализации своей цели.*

*Важность участия молодежи в политической системе Таджикистана оценивается в том, что они постоянно обращают внимание на свою политическую деятельность и созданы все возможности для их участия в общественной и праздничной жизни.*

*В данной статье автор провел научный анализ политической деятельности молодежи в Республике Таджикистан и дал подробную и исчерпывающую информацию на основе различных источников.*

***Ключевые слова:*** *Республика Таджикистан, молодежь, политическая деятельность, политическая активность молодежи, формирование политической деятельности.*

# FORMATION OF POLITICAL ACTIVITY OF YOUTH IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**UMARALIZODA SHOHPISAND,**
Postgraduate Student of Academy of National Economy and
Public Administration President of Russian Federation.
119571, Russian Federation, Moscow city, 82, Vernadsky Ave.
E-mail: shahbonu.96@gmail.com

*Attention and support of young people in the Republic of Tajikistan from the first years of state independence have become an important component of state policy. The issue of the formation of youth activities and their political activities has been one of the priorities of State policy since the very beginning of achieving State independence of the Republic of Tajikistan. Effective implementation of this direction from the first days as the most important political sector has been constantly in the focus of attention of the Government of the Republic of Tajikistan and its top leadership. With the development of society and the periodic achievement by the Government of Tajikistan of important values of statehood, the state youth policy is also constantly in the process of development, its priorities on the basis of best practices have acquired effective methods and techniques to achieve their goal.*

*The importance of youth participation in the political system of Tajikistan is assessed in the fact that they constantly pay attention to their political activities and all opportunities have been created for their participation in public and festive life.*

*In this article, the author conducted a scientific analysis of the political activity of youth in the Republic of Tajikistan and gave detailed and exhaustive information based on various sources.*

***Keywords:*** *Republic of Tajikistan, youth, political activity, political activity of youth, formation of political activity.*

# ТАРТИБИ ҚАБУЛ КАРДАНИ МАВОДҲО БАРОИ ЧОП ДАР МАҶАЛЛАИ ИЛМИЮ СИЁСИИ "ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ"-И АКАДЕМИЯИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мақола ба шуъбаи таҳрир ва табъу нашри Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли чопӣ ва электронӣ пешниҳод карда мешавад.

Дар маҷаллаи илмӣ мақолаҳое нашр карда мешаванд, ки натиҷаҳои тадқиқоти илмии мутобиқ ба ихтисосҳои илмӣ ва соҳаҳои илмии зерини мутобиқатдошта: **5.2. (08.00.00) - Иқтисод**; 5.2.3. - Иқтисоди минтақавӣ ва соҳавӣ; 5.2.4. - Молия; 5.2.5. - Иқтисоди ҷаҳонӣ; **5.1. (12.00.00) Ҳуқуқ**; 5.1.1.- Илмҳои ҳуқуқии назариявӣ-таърихӣ; 5.1.2. - Илмҳои ҳуқуқи умумӣ (ҳуқуқӣ-давлатӣ); 5.1.3. - Илмҳои хусусии ҳуқуқӣ (шаҳрвандӣ); **5.5. (23.00.00) - Сиёсатшиносӣ** 5.5.3.-Идоракунии давлатӣ ва сиёсати соҳавӣ; 5.5.4.- Муносибатҳои байналмилалӣ.

Муаллифони мақолаҳо бояд натиҷаҳои боэътимоди корҳои илмии анҷомдодашударо пешниҳод кунанд ва онҳо бояд аслӣ бошанд, инчунин қаблан дар дигар маҷаллаҳо нашр нашуда бошанд. Маълумоти дар тадқиқот инъикосёфта бояд дар шакли хаттӣ дақиқ баён гардида бошанд. Мақола бояд миқдори кофии маълумот оид ба масъалаи мавзӯи интихобшударо дар бар гирад. Муаллифи мақола пеш аз ба нашриёт фиристодани он бояд риояи имлои умумӣ, мутобиқати дурусти истилоҳот ва грамматикаи матнро бодиққат тафтиш кунад. Муаллифон бояд ба нусхабардории корҳои худ ва сохтакорӣ кардани матни мақолаи пешини хеш роҳ надиҳанд, онҳо метавонанд танҳо ҳамчун асос барои хулосаҳои нав истифода шаванд.

Ба ҳамаи мақолаҳои барои нашр пешниҳодгардида дар асоси қоида ва тартибе, ки мудирияти маҷалла муқаррар кардааст, аз ҷониби мутахассисони салоҳиятдори соҳа тақриз дода мешавад. Қарор дар бораи имконияти нашри дастнависи мақола ба тариқи истисно пас аз гирифтани натиҷаҳои тақриз қабул карда мешавад.

## 1. ТАЛАБОТ БА МАЗМУН ВА ҲАҶМИ МАҚОЛА:

1.1. Ҳаҷми мақола бояд аз 15 то 25 ҳазор аломат (бо фосила, бо назардошти иқтибосҳо) ё 10-15 саҳифа бошад. Нашр кардани ҳаҷми хурдтар ё калонтари мавод бояд бо мудирияти маҷалла мувофиқа карда шаванд;

1.2. Мақола бояд дар мавзӯи муҳим навишта шуда, ба мавзуъ/масъалаи тадқиқшаванда дорои нavoварии муайян бошад;

1.3. Мақола бояд натиҷаҳои тадқиқоти илмии дар асоси таҳлили сохторҳои назариявӣ, санадҳои меъёрии маводи амалияи татбиқи ҳуқуқро инъикос намояд;

1.4. Мақола бояд индекси таснифоти даҳгонаи универсалӣ (УДК), ки нашрия аз рӯйи мавзӯи худ ба он тааллуқ дорад, дошта бошад. Барои ин муаллиф бояд ба шуъбаи иттилоотӣ-библиографии китобхонаи ҷойи кор (таҳсил) муроҷиат кунад ё бо истифода аз захираҳои интернетии дахлдор мустақилона онро муайян намояд;

1.5. Мақола бояд ба яке аз самтҳои (фаслҳо) маҷалла мувофиқ бошад;

1.6. Ҳамаи файлҳое, ки ба мудирияти маҷалла барои чоп фиристода мешаванд, бояд ҳамчун як файли бойгонӣ бо номи муаллифи мақола пешниҳод карда шаванд;

1.7. Дастнависҳои мақолаҳо ва дигар мавод ба муаллифон баргардонида намешаванд. Маводҳое, ки ба қоидаҳо мувофиқат надоранд, барои коркарди нави техникӣ ба муаллифон фиристода мешаванд. Мақолаҳое, ки ба муаллифон барои коркарди нави техникӣ фиристода шудаанд, бояд дар муҳлати тавсияшуда ба мудирияти маҷалла баргардонида шаванд. Дар сурати аз тарафи муаллиф такроран риоя накардани коидаҳои муқарраргардида аз ҷониби мудирияти маҷалла, онҳо ҳуқуқ доранд, ки масъалаи чопи онро ба назар нагиранд;

1.8. Мақолаҳои пешниҳодшуда дар барномаи «Антиплагиат» тафтиш карда мешаванд. Агар аслияти матни мақола на камтар аз 75% бошад, мақола аз рӯйи меъёри аслият натиҷаи мусбии санҷиш мегирад, ки дар натиҷа мудирияти маҷалла дар бораи ба чоп қабул кардани он қарор қабул мекунанд. Дар сурати аслияти камтар аз 75% матн, яъне ошкор намудани плагиат дар матни мақола, бе ҳуқуқи коркарди минбаъда ё таҷдиди назар кардан, рад карда мешавад;

1.9. Барои эътимоднокӣ ва саҳеҳии ҳама гуна маълумоти дар нашрия чопшуда муаллифи он (муаллифон) ҷавобгар мебошад;

1.10. Ҳангоми истифодаи маводи чоп дар маҷаллаи илмии «Идоракунии давлатӣ» истинод ба он ҳатмист;

1.11. Нуқтаи назари муҳаррирон на ҳамеша бо нуқтаи назари муаллифони мақолаҳо мувофиқ меояд. Муаллифон барои мундариҷаи мақолаҳо ва эътимоднокии далелҳо масъуланд.

## 2. ТАЛАБОТ БАРОИ ТАҲИЯИ МАТНИ МАҚОЛА:

2.1. Матни мақола дар файле, ки дар ҳама гуна шакли Word бо тамдиди .doc, .docx ё .rtf ҳифз шудааст, ба мудирияти маҷалла фиристода мешавад;

2.2. Сохтори мақола: унвони мақола, насаб, ном ва номи падари муаллиф/муаллифон (пурра нишон дода мешавад), маълумот дар бораи муаллиф, вазифаи ишғолкарда (категорияи омӯзандагон) (пурра нишон дода мешавад, аз ҷумла номи пурраи воҳиди сохторӣ), номи ташкилоте, ки муаллиф дар он кор (таҳсил) мекунад (номи пурраи расмиро нишон медиҳад), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ; суроғаи ҷойи кор (таҳсил) - индекси почта, номи давлат (номи пурраи расмӣ нишон дода мешавад), макони зист, кӯча, хона; рақами телефон; суроғаи почтаи электронии(e-mail)-и муаллиф. Агар мақола аз ҷониби якчанд муаллиф таҳия шуда бошад, ном ва маълумот барои ҳар як муаллиф алоҳида нишон дода мешавад;

2.3. Аннотатсияи мақола (на камтар аз 150 ва на бештар аз 250 калима), калимаҳои калидӣ (дар ҳаҷми на камтар аз 6 ва на бештар аз 10 калима), (ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ), матни асосии мақола (мазмуни асосӣ), рӯйхати адабиёт. Рӯйхати адабиёт бояд на камтар аз 10 сарчашмаи илмиро дар бар гирад, аз он ҷумла манбаъҳое, ки муаллиф дар қисми асосии мақола истинод кардааст. Рӯйхати адабиёт дар охири мақола бо тартиби алифбо оварда мешавад;

2.4. Матн бояд бо як шрифт - Times New Roman, андозаи шрифт - 14 пт, фосилаи сатр - якуним, сархат - 1,25 см бошад;

2.5. Калимаҳои «Аннотатсия», «Калидвожаҳо», «Адабиёт» бо ҳарфи нимсиёҳи ғафс дар сатри алоҳида, андозаи ҳуруф – 12 ст.

2.6. Ҷойгиркунии иқтибосҳо: истинодҳо дар қавсҳои мураббаъ ([19, с. 42]);

2.7. Рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 ва на зиёда аз 25 номгӯи адабиёти илмӣ) бошад. Ҳангоми тартиб додани рӯйхати адабиёт бояд ГОСТ 7.0.5-2008 библиографӣ ва ГОСТ 7.1-2003 библиографиро ба инобат гирифт. Муаллиф барои дурустии маълумоти дар рӯйхати библиографӣ овардашуда масъул аст.

## 3. БОЙГОНИИ МАҶАЛЛА

3.1. Бойгонии электронии ҳама маҷаллаҳоии нашршудаи «Идоракунии давлатӣ» дар шабакаи Интернет на камтар аз 5 (панҷ) соли тақвимӣ аз рӯзи нашрашон нигоҳ дошта мешаванд;

3.2. Сомонаи расмии маҷалла барои истинод (дар он рақами нашр ва мақола нишон дода шудааст): https://journal.apa.tj

# ПОРЯДОК ПРИНЯТИЯ МАТЕРИАЛОВ ДЛЯ ИЗДАНИЯ В НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «ГОСУДАРСТВЕННОЕ УПРАВЛЕНИЕ» АКАДЕМИИ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ ПРИ ПРЕЗИДЕНТЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Статья представляется в редакционно-издательский отдел Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан в печатном и электроном вариантах. В научном журнале печатаются статьи, содержащие результаты научных исследований, соответствующие по следующим научным специальностям и соответствующим им отраслям науки: **5.2. (08.00.00) Экономика** - 5.2.3. Региональная и отраслевая экономика; 5.2.4. Финансы; 5.2.5. Мировая экономика **5.1. (12.00.00) Право** - 5.1.1.Теоретико-исторические правовые науки; 5.1.2. Публично-правовые (государственно-правовые) науки; 5.1.3. Частно-правовые (цивилистические) науки - **5.5. (23.00.00) Политология** 5.5.3. Государственное управление и отраслевые политики; 5.5.4. Международные отношения.

Авторы публикаций должны предоставлять достоверные результаты проделанной научной работы, и они должны быть оригинальными, также не опубликованными ранее в других печатных изданиях. Данные, положенные в основу исследований, должны быть четко изложены в письменном виде. Статья должна содержать достаточное количество информации по выбранной тематической проблеме. Перед отправкой публикации в редакцию журнала, ее автор должен тщательно проверить общую орфографию, а также правильность написания соответствующих терминов и грамматику. Авторы должны не допускать дословное копирование собственных работ и их перефразирование, они могут быть использованы только как основа для новых выводов.

Все представленные для публикации научные статьи подлежат рецензированию со стороны компетентных специалистов в порядке и на основе правил, установленных редакцией. Решение о возможности публикации рукописи принимается исключительно после получения результатов рецензирования.

## 1. ТРЕБОВАНИЯ К СОДЕРЖАНИЮ И ОБЪЕМУ СТАТЬИ:

1.1. Объем статьи должен составлять от 15 до 25 тыс. знаков (с пробелами, с учетом сносок) или 10-15 страниц. Опубликование меньшего или большего объема материалов должно согласовываться с редакцией журнала;

1.2. Статья должна быть написана на актуальную тему, отвечать критерию новизны, содержать определенное новаторство в подходе к изучаемой теме/проблеме;

1.3. В статье должны быть отражены результаты научного исследования, основанного на анализе теоретических конструкций, нормативных актов, материалов правоприменительной практики;

1.4. В статье должны быть индекс универсальной десятичной классификации (УДК), к которому публикация относится по своей тематике. Для этого автор должен обратиться в информационно-библиографический отдел библиотеки по месту работы (учебы) либо самостоятельно определить его с использованием соответствующих Интернет-ресурсов;

1.5. Статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

1.6. Все файлы, направляемые в редакцию журнала для опубликования, должны быть представлены одним заархивированным файлом формата с названием фамилии автора публикации;

1.7. Рукописи публикаций и иные материалы, не возвращаются авторам. Материалы, не соответствующие правилам, направляются авторам на техническую доработку. Публикации, направленные авторам на техническую доработку, подлежат возврату в редакцию журнала в рекомендованный срок. В случае повторного несоблюдения автором публикации правил редакции журнала оставляет за собой право не рассматривать его публикацию;

1.8. Представленные статьи проходят проверку в программе «Антиплагиат». При выявлении оригинальности текста статьи не менее чем на 75 %, статья получает положительный результат проверки по критерию оригинальности, по итогам чего редакция принимает решение о допуске её к публикации. В случае оригинальности менее чем 75 %

текста, т.е. выявления в тексте плагиата, статья отклоняется без права ее дальнейшей переработки или доработки;

1.9. За достоверность и точность любых данных, указанных в публикации, ответственность несет ее автор (авторы);

1.10. При использовании печатного материала в научном журнале «Государственное управление» ссылка на него обязательна;

1.11. Точка зрения редакции не всегда совпадает с точкой зрения авторов публикаций. Авторы несут ответственность за содержание публикаций и достоверность фактов приведенных в статье.

## 2. ТРЕБОВАНИЯ К ОФОРМЛЕНИЮ ТЕКСТА СТАТЬИ:

2.1. Текст статьи направляется в редакцию в виде файла, сохраненного в любой версии Word с расширением .doc, .docx или .rtf. ;

2.2. Структура статьи: название статьи, ФИО автора / авторов (указывается полностью), информацию об авторе, занимаемая должность (категория обучающегося) (указываются полностью, включая полное наименование структурного подразделения), название организации, в которой работает (обучается) автор (указывается полное официальное наименование), ученая степень и ученое звание; адрес места работы (учебы) – почтовый индекс, государство (указывается полное официальное наименование), населенный пункт, улица, дом; адрес электронной почты (e-mail) автора. Если публикация выполнена несколькими авторами, имя и информация об авторе указываются по каждому из авторов в отдельности;

2.3. Аннотация публикации (объеме не менее 150 и не более 250 слов), ключевые слова (в количестве не менее 6 и не более 10 слов), (на таджикском, русском и английском языках), основной текст публикации (основное содержание), библиография публикации. Библиография должна содержать не менее 10 источников научного характера, в том числе на которые автор ссылался в основной части публикации. Литература в библиографии указывается в алфавитном порядке;

2.4. Текст должен быть набран одним и тем же шрифтом – Times New Roman, размер шрифта – 14 пт, межстрочный интервал – полуторный, абзацный отступ – 1,5 см.;

2.5. Слова «Аннотация», «Ключевые слова», «Библиография» печатаются полужирным шрифтом отдельной строчкой размером шрифта – 12 пт.

2.6. Положение сносок: ссылки в квадратных ([19, с. 42]) скобках;

2.7. Список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). При оформлении библиографии следует руководствоваться библиографическим ГОСТом 7.0.5-2008 и библиографическим ГОСТом 7.1-2003. Ответственность за правильность данных, приведенных в пристатейном библиографическом списке, несет автор.

## 3. АРХИВЫ ПУБЛИКАЦИЙ

3.1 Электронные архивы всех изданных журнал «Государственное управление» хранятся в сети интернет не менее чем в течение 5 (пяти) календарных лет с даты их выхода;

3.2. Официальный сайт журнала по ссылке (где размещены номера и публикации): https://journal.apa.tj

## PROCEDURE FOR ACCEPTANCE OF MATERIALS FOR PUBLISHING IN THE SCIENTIFIC JOURNAL "PUBLIC ADMINISTRATION" OF THE ACADEMY OF PUBLIC ADMINISTRATION UNDER THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article should be accepted to the editorial and publishing department of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan in printed and electronic versions. The scientific journal publishes articles containing the results of scientific research corresponding to the following scientific specialties and their respective branches of science: **5.2. (08.00.00) Economy** - 5.2.3. Regional and sectoral economy; 5.2.4. Finance; 5.2.5. International economy; **5.1. (12.00.00) Law** - 5.1.1. Theoretical and historical legal sciences; 5.1.2. Public law (state law) sciences; 5.1.3. Private legal (civilistic) sciences; **5.5. (23.00.00)** - **Political science** 5.5.3. Public administration and sectoral policies; 5.5.4. International Relationships.

The authors of publications must provide reliable results of the scientific completed work, and they must be original, also not previously published in other publications. The data underlying the research, and should be clearly stated in writing. Also the article should contain a sufficient amount of information on the selected thematic issue. Before submitting a publication to the editors of the journal, its author should carefully check the general spelling, as well as the correct spelling of the relevant terms and grammar. Authors should not allow verbatim copying of their own works and their actuality, they can only be used as a basis for new conclusions.

All scientific articles submitted for publication are subject to review by competent specialists in the manner and on the basis of the rules established by the editors. The decision on the possibility of publishing the manuscript is made only after receiving the results of the review.

### 1. REQUIREMENTS FOR THE CONTENT AND VOLUME OF THE ARTICLE:

1.1. The volume of the article should be from 15 to 25 thousand characters (with spaces, including footnotes) or 10-15 pages. The publication of a smaller or larger volume of materials should be agreed with the editors of the journal;

1.2. The article should be written on a current topic, meet the criterion of novelty, contain a certain innovation in the approach to the topic/problem under study;

1.3. The article should reflect the results of a scientific study based on the analysis of theoretical structures, regulations, materials of law enforcement practice;

1.4. The article should have a universal decimal classification index (UDC), to which the publication belongs in its subject matter. Doing it the author must contact the information and bibliographic department of the library at the place of work (study) or independently determine it using the appropriate Internet resources;

1.5. The article must correspond to one of the directions (sections) of the journal.

1.6. Sending all files to the editors of the journal for publication must be submitted as one archived file with the name of the author of the publication;

1.7. Manuscripts of publications and other materials are not returned to the authors. Materials that do not comply with the rules are sent to the authors for technical revision. Publications sent to the authors for technical revision are subject to return to the editors of the journal within the recommended period. In case of repeated non-observance by the author of the publication of the rules of the editorial board of the journal, it reserves the right not to consider its publication;

1.8. Submitted articles are checked in the program "Antiplagiarism". If the originality of the text of the article is not less than 75%, the article receives a positive result of the check according to the criterion of originality, as a result of which the editors decide on its admission to publication. In case of originality less than 75% of the text of the detection of plagiarism, the article is rejected without the right to further processing or revision;

1.9. For all of the reliability and accuracy of any data specified in the publication, the author should be carry responsibility;

1.10. Using printed material in the scientific journal "Public Administration", reference to it is required;

1.11. The point of view of the editors does not always coincide with the point of view of the authors of publications. The authors are responsible for the content of publications and the reliability of the facts given in the article.

## 2. REQUIREMENTS FOR FORMING THE TEXT OF THE ARTICLE:

2.1. The text of the article is sent to the editorial office as a file saved in any version of Word with the extension .doc, .docx or .rtf. ;

2.2. The structure of the article: title of the article, full name of the author / authors (indicated in full), information about the author, position held (category of student) (indicated in full, including the full name of the structural unit), name of the organization in which the author works (studies) (indicates the full official name), academic degree and academic title; address of the place of work (study) - postal code, state (full official name is indicated), settlement, street, house; e-mail address (E-mail) of the author. If the publication is made by several authors, the name and information about the author are indicated for each of the authors separately;

2.3. Abstract of the publication (not less than 150 and not more than 250 words), keywords (in the amount of not less than 6 and not more than 10 words), (in Tajik, Russian and English languages), the main text of the publication (main content), bibliography of the publication. The bibliography should contain at least 10 scientific sources, including those cited by the author in the main part of the publication. References in the bibliography are listed in alphabetical order;

2.4. The text should be typed in the same font - Times New Roman, font size - 14 pt, line spacing - one and a half, paragraph indentation - 1.5 cm;

2.5. The words “Abstract”, “Keywords”, “Bibliography” are printed in bold type on a separate line, font size - 12 pt.

2.6. Position of footnotes: references in square brackets, as well as ([19, p. 42]);

2.7. List of used literature (not less than 10 and not more than 25 titles of scientific literature). When preparing a bibliography they should be guided by the bibliographic GOST 7.0.5-2008 and the bibliographic GOST 7.1-2003. The author is responsible for the correctness of the data given in the bibliographic list.

## 3. ARCHIVES OF PUBLICATIONS

3.1 Electronic archives of all published journal “Public Administration” are saved on the Internet for at least 5 (five) calendar years from the date of their release;

3.2. The official website of the journal is at the link (where the issues and publications are posted): https://journal.apa.tj

**ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ**
**ГОСУДАРСТВЕННОЕ УПРАВЛЕНИЕ**
**PUBLIC ADMINISTRATION**
**2023 / №3 (62) 412 с.**

**Муҳаррири масъул:** Х. Мавлонов
**Муҳаррири русӣ:** Ҷ. Рустамова
**Муҳаррири англисӣ:** Ҷ. Рустамова
**Муҳаррири техникӣ:** А. Холмуродов

**Ответственный редактор:** Х. Мавлонов
**Редактор русского текста:** Дж. Рустамова
**Редактор английского текста:** Дж. Рустамова
**Технический редактор:** А. Холмуродов

**Executiye editor:** Kh. Mavlonov
**Russian text editor:** J. Rustamova
**English text editor:** J. Rustamova
**Technical editor:** A. Kholmurodov

**МУАССИС ВА НОШИР**
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
**Нишонии идора:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Саид Носир, 33.
Тел.: +992 (37) 224-17-86. Факс: +992 (37) 224-17-86
E-mail: journal.apa.tj@gmail.com. Сомонаи маҷалла: https://journal.apa.tj

**УЧРЕДИТЕЛЬ И ИЗДАТЕЛЬ**
Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.
**Адрес редакции:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Саид Носира, 33.
Тел.: +992 (37) 224-17-86. Факс: +992 (37) 224-17-86
E-mail: journal.apa.tj@gmail.com. Сайт издания: https://journal.apa.tj

**FOUNDER AND PUBLISHER**
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan.
**The editorial office address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33 Said Nosir str.
Tel.: +992 (37) 224-17-86. Fax: +992 (37) 224-17-86
E-mail: journal.apa.tj@gmail.com. Edition website: https://journal.apa.tj

Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 42,37, усл. п.л. 8.
Отпечатано в типографии АГУППРТ
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул. Саид Носира, 33.